ISSN 2413-516X

ПАЁМИ
ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
Бахши илмҳои филологӣ
2019. №6

ВЕСТНИК
ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
Серия филологических наук
2019. №6

BULLETIN
OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
Series of philology
2019. No.6

МАРКАЗИ
ТАБЪУ НАШР, БАРГАРДОН ВА ТАРҶУМА
ДУШАНБЕ – 2019

ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
БАХШИ ИЛМҲОИ ФИЛОЛОГӢ

Муассиси маҷалла:
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Маҷалла соли 2012 таъсис дода шудааст.
Дар як сол 8 шумора нашр мегардад.

САРМУҲАРРИР:

Имомзода Муҳаммадюсуф Сайдалӣ	*Доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:

Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич	*Доктори илмҳои химия, профессор, муовини ректор оид ба илми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:

Сафарализода Хуҷамурод Қуддусӣ	*Номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент, директори Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ

Раҳмонзода Абдуҷаббор Азиз	*Доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
Юсуфзода Носирҷон Салимӣ	*Доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айни*
Раҳматуллозода Сахидод	*Доктори илмҳои филологӣ, профессор, узви вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, директори Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон*
Назарзода Сайфиддин	*Доктори илмҳои филологӣ, профессор, сарходими илмии Институти забон ва адабиёти ба номи А.Рӯдакии АИ ҶТ, узви вобастаи АИ ҶТ*
Исмоилов Шамсулло Исмоилович	*Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони тоҷикӣ ва назарияи забоншиносии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода*
Абдуллозода Масрур Аҳмад	*Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи журналистикаи ватанӣ ва байналмилалии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон*
Абдусатторов Абдушукур	*Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи таърихи адабиёти тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
Кучаров Аламхон	*Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, узви вобастаи АИ ҶТ*
Саидов Ҳалимҷон Азизович	*Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи умумидонишгоҳии забони англисии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
Мамадназаров Абдусалом	*Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони англисии факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
Муродов Мурод	*Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи матбуоти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
Нағзибекова Меҳринисso Бозоровна	*Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забоншиносии умумӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
Хоҷаев Давлатбек	*Доктори илмҳои филология, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
Дӯстов Ҳамрохон Ҷумаевич	*Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забони адабии муосири тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
Бахши илмҳои филологӣ
– 2019. – №6. ISSN 2413-516X
Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон №0038/ЖР-97
ба қайд гирифта шудааст.
Маҷалла дар Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи ДМТ барои нашр таҳия мегардад.
Нишонии Марказ:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Сомонаи маҷалла: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

Маҷалла ба Феҳристи нашрияҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Русия аз 03.06.2016, №1924 ворид гардидааст.

Маҷалла мақолаҳои илмии соҳаҳои илмҳои филологиро барои чоп қабул менамояд: **10.01.00 – Адабиётшиносӣ; 10.02.00 – Забоншиносӣ.**

Маҷалла дар Индекси иқтибосҳои илмии Русия (РИНЦ) ворид карда шудааст ва пайваста дар системаи индексатсионии мазкур дар бораи шумораҳои чопшуда маълумот ворид менамояд.

Маҷалла сомонаи расмии худро дорад, ки дар он матни мукаммали маводи чопӣ ҷойгир карда шудааст (www.vestnik-tnu.com).

© ДМТ, 2019

ВЕСТНИК ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
СЕРИЯ ФИЛОЛОГИЧЕСКИХ НАУК

Учредитель журнала:
Таджикский национальный университет
Журнал основан в 2012 г. Выходит 8 раз в год.

ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР ЖУРНАЛА:

Имомзода Мухаммадюсуф Сайдали	*Доктор филологических наук, профессор, академик Академии наук Республики Таджикистан, ректор Таджикского национального университета (Душанбе, Таджикистан)*

ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:

Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич	*Доктор химических наук, профессор, проректор по науке Таджикского национального университета (Душанбе, Таджикистан)*

ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:

Сафарализода Худжамурод Куддуси	*Кандидат политических наук, доцент, директор Издательского центра Таджикского национального университета*

РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ:

Рахмонзода Абдуджаббор Азиз	*Доктор филологических наук, профессор, академик Академии наук Республики Таджикистан, профессор кафедры теории и новой персидско-таджикской литературы Таджикского национального университета*
Юсуфзода Носирджон Салими	*Доктор филологических наук, профессор, академик Академии наук Республики Таджикистан, ректор Таджикского государственного педагогического университета им. С.Айни*
Рахматуллозода Сахидод	*Доктор филологических наук, профессор, директор Института языка и литературы им. А.Рудаки Академии наук Республики Таджикистан*
Назарзода Сайфиддин	*Доктор филологических наук, профессор, ведущий научный сотрудник Института языка и литературы им. А.Рудаки Академии наук Республики Таджикистан*
Исмоилов Шамсулло Исмоилович	*Доктор филологических наук, профессор кафедры таджикского языка и теории языкознания Таджикского государственного института языков им. Сотима Улугзаде*
Абдуллозода Масрур Ахмад	*Доктор филологических наук, профессор кафедры отечественной и международной журналистики Российско-Таджикского (славянского) университета*
Абдусатторов Абдушукур	*Доктор филологических наук, профессор кафедры истории таджикской литературы Таджикского национального университета*
Кучаров Аламхон	*Доктор филологических наук, профессор кафедры теории и новой персидско-таджикской литературы Таджикского национального университета, член-корреспондент АН РТ*
Саидов Халимджон Азизович	*Доктор филологических наук, профессор общеуниверситетской кафедрой английского языка Таджикского национального университета*
Мамадназаров Абдусалом	*Доктор филологических наук, профессор кафедры английского языка факультета языков Азии и Европы Таджикского национального университета*
Муродов Мурод	*Доктор филологических наук, профессор кафедры печати Таджикского национального университета*
Нагзибекова Мехринисо Бозоровна	*Доктор филологических наук, профессор кафедры общего языкознания и сравнительной типологии Таджикского национального университета*
Ходжаев Давлатбек	*Доктор филологических наук, профессор кафедры истории языка и типологии Таджикского национального университета*
Дустов Хамрохон Джумаевич	*Кандидат филологических наук, доцент, заведующий кафедрой современного таджикского литературного языка Таджикского национального университета*

Вестник Таджикского национального университета.
Серия филологичесих наук.
– 2019. – №6. ISSN 2413-516X
Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан №0038/ЖР-97
Журнал подготавливается к изданию в Издательском центре ТНУ.
Адрес Издательского центра:
734025, Республика Таджикистан,
г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

Журнал включен в Перечень рецензируемых научных изданий, рекомендованных ВАК Минобрнауки Российской Федерации от 03.06.2016, №1924.
Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки: **10.01.00 – Литературоведения; 10.02.00 – Языкознание.**
Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ), регулярно предоставляет в РИНЦ информацию в виде метаданных.
Журнал имеет официальный сайт (www.vestnik-tnu.com), в котором размещаются полнотекстовые версии опубликованных материалов.

© ТНУ, 2019

BULLETIN OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
SERIES OF PHILOLOGY

Founder of journal:
TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
The journal is established in 2012. Issued 8 times a year.

CHIEF EDITOR:

Imomzoda Mukhammadyusuf Saidali	*Doctor of Philology, Professor, Academician of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, Rector of the Tajik National University*

DEPUTY CHIEF EDITOR:

Safarmamadov Safarmamad Muborakshoevich	*Doctor of Chemical Sciences, Professor, Vice-Rector for Science of the Tajik National University*

DEPUTY CHIEF EDITOR:

Safaralizoda Khudzhamurod Kuddusi	*Candidate of political sciences, associate professor, director of the Publishing Center of the Tajik National University*

EDITORIAL BOARD:

Rahmonzoda Abdujabbor Aziz	*Doctor of Philology, Professor, Academician of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, Professor of the Department of Theory and New Persian-Tajik Literature of the Tajik National University*
Yusufzoda Nosirjon Salimi	*Doctor of Philology, Professor, Academician of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, Rector of the Tajik State Pedagogical University named after S. Aini*
Khorkashev Sakhidod	*Doctor of Philology, Professor, Director of the Institute of Language and Literature named after A. Rudaki of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan*
Nazarzoda Saifiddin	*Doctor of Philology, professor, leading researcher of the Institute of Language and Literature named after A. Rudaki of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan*
Ismoilov Shamsullo Ismoilovich	*Doctor of Philology, Professor of the Tajik language and theory of linguistics of the Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulugzoda*
Abdullozoda Masrur Akhmad	*Doctor of Philology, Professor of the Department of National and International Journalism of the Russian-Tajik (Slavonic) University*
Abdusattorov Abdushukur	*Doctor of Philology, Professor of the Department of the History of Tajik Literature of the Tajik National University*
Kucharov Alamkhon	*Doctor of Philology, Professor of the Department of Theory and New Persian-Tajik Literature of the Tajik National University*
Saidov Khalimdzhon Azizovich	*Doctor of Philology, Professor of the Department of English Language of the Tajik National University*
Mamadnazarov Abdusalom	*Doctor of Philology, Professor of the English Department of the Faculty of Languages of Asia and Europe of the Tajik National University*
Murodov Murod	*Doctor of Philology, Professor of the Department of Printing of the Tajik National University*
Nagzibekova Mekhrinisso Bozorovna	*Doctor of Philology, Professor of the Department of General Linguistics and Comparative Typology of the Tajik National University*
Khodzhaev Davlatbek	*Doctor of Philology, Professor of the Department of Language History and Typology of the Tajik National University*
Dustov Khamrokhon Dzhumaevich	*Candidate of Philology, assistant professor, Head of the Department of Modern Tajik Literary Language of the Tajik National University*

Bulletin of the Tajik National University. Series of philology
– 2019. – №6. ISSN 2413-516X
The journal is registered in the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan.
The journal is being prepared for publication in the Publishing Center of TNU.
Address of the Publishing Center:
17, Rudaki avenue, Dushanbe, 734025,
Republic of Tajikistan,
Web site: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Tel.: (+992 37) 227-74-41

The journal is included in the List of peer-reviewed scientific publications recommended by the Higher Attestation Commission of the Ministry of Education and Science of the Russian Federation from 03.06.2016, No. 1924.

The journal accepts scientific articles on the following branches of science: **10.01.00 - Literary studies; 10.02.00 - Linguistics.**

The journal is included in the database of the Russian Scientific Citation Index (RSCI), and regularly provides information to the RSCI in the form of metadata.

The journal has an official website (www.vestnik-tnu.com), which houses full-text versions of published materials.

© TNU, 2019

З А Б О Н Ш И Н О С Ӣ - Я З Ы К О З Н А Н И Е

УДК: 811.21/.22-56

ДОИР БА БАҲСИ СИФАТИ ФЕЪЛӢ ВА ФЕЪЛИ ҲОЛ

Камолиддинов Б.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар бобати ду шакли тасрифнашавандаи феълҳои забони тоҷикӣ: сифати феълӣ ва феъли ҳол ақидаи муаллифони грамматикаи илмии академиявии забони тоҷикӣ [2] гуногун аст. Зоҳиран худи муаллифи чанд фасли китоб ва муҳаррирони асосии се ҷилди он -- узви вобастаи АИ Тоҷикистон Шарофиддин Рустамов ба як хулоса наомада будааст. Ба ақидаи муаллиф, феъли ҳол ва ибораҳои он ба вазифаи ҳоли замон ва сабаб меоянд: *дере нагузашта* ман сахт касал шуда мондам (Улуғзода) [2, с.292]; Ӯ *ғарқи тамошо ва андешаҳои ошиқона шуда* аз гардиши лангари соат бехабар буд (Раҳим Ҷалил) [2, с.296]. Маълум аст, ки муаллифи ин фаслҳои грамматикаи илмӣ "*дере нагузашта*", "*ғарқи тамошо ва андешаҳои ошиқона шуда*"-ро феъли ҳол ва ибораи феълиҳолӣ мешуморад.

Забоншиносон Б.Н.Ниёзмуҳаммадов ва Ш.Рустамов соли 1968 бо унвони "Баъзе масъалаҳои синтаксиси забони адабии ҳозираи тоҷик" асари калонҳаҷми илмӣ ба табъ расонида, дар он се масъалаи муҳимми наҳви забони тоҷикӣ: ҳол, ҷумлаҳои мураккаби сертаркиб ва ҷумлаҳои мураккаби омехта мавриди омӯзиш қарор мегирад. Дар ин асар ифодаи ҳоли тарзи амал дар фасли "Ба вазифаи ҳоли тарзи амал омадани феъли ҳол ва хелҳои он" зимни намунаҳои *тааҷҷубкунон, ғиҷирросзанон, пичир-пичиркунон...* [4, с.17-18] ва таҳти ишораи "Феълҳои ҳоли замони гузашта дар ҷумла ба вазифаи ҳоли тарзи амал меоянд" намунаҳои *шитоб накарда, хам шуда, табассуме карда* ва ғайра таҳлил шудаанд [4, с.18-19]. Зоҳиран он вақт ҷуръат накардаанд, ки ҳардуро якбора феъли ҳол шуморанд.

Дар фасли "Хабарҳои чида"-и грамматикаи илмӣ, ки ба қалами забоншинос С.Раҳматова тааллуқ дорад, банди (параграфи) 1103 чунин омадааст: "Хабарҳои чида бо феъли ҳол (сифати феълӣ) ҳам ифода мешаванд. Онҳо асосан замони гузаштаро нишон медиҳанд ва муносибати ҳамзамонӣ ва пайиҳамзамонӣ доранд. Хабарҳои чидаи феъли ҳолӣ (? феълиҳолӣ) аз бобати воситаи алоқа фақат бо интонатсия пайваст мешаванд. Феълҳои ёридиҳанда ва ё бандакҳои феълӣ, ки бо хабари чидаи охирин меоянд, ба ҳамаи ҷузъҳои чида тааллуқ доранд... Як нафар ҷавони тахминан 25-сола, ки миёни худро аз рӯй **баста**, тугмаҳои яктаҳкуртаи худро **кушода** ва барои хурсандии ёрон ба рӯйи худ хокаи ангишт **молида буд**, ба дасти худ як шамъи ҷойдории афрӯхтаро *гирифта*, пеши рӯйи амради раққос *нигоҳ медошт* (Айнӣ)" [2, с.301].

Аз ин иқтибос маълум мешавад, ки С.Раҳматова таҳти истилоҳи "феъли ҳол" маҳз шакли "*баста*", "*кушода*"-ро, ки наҳвшинос Д.Т. Тоҷиев шакли кӯтоҳшудаи замони гузаштаи сифати феълӣ номидааст ва аз забони қадимаи тоҷикӣ-форсӣ далел овардааст, феъли ҳоли чида мешуморад. Ҳол он ки "*...баста, ...кушода* ва *...молида буд*" хабарҳои чида буда, бо тақозои сабки кӯтоҳбаёнӣ ду амали аввал ба шакли сифати феълӣ (*баста, кушода*) ва амали сеюм дар шакли тасрифии феъл – шакли замони гузаштаи дури сиғаи хабарӣ (*молида буд*) ифода ёфтааст. Дар ин намуна боз як хусусияти ин шакли тасрифнашавандаи феъл аён мегардад: Дар таркиби "*молида* буд" ҷузъи асосӣ бо шакли сифати феълии замони гузашта (*молида*) ифода ёфтааст. Дар феълҳои таркибии феълӣ ҷузъи асосии маънодор ҳамеша дар ҳамин шакл (сифати феълӣ) ифода меёбад ва шакли феъли ҳол (*хандакунон, ханд-хандон, хандон-хандон*) ва ҳатто сифати феълии *хандида* ва *хандида-хандида* ба вазифаи ҳоли тарзи амал омада бошад, чунин хусусияти шаклсозӣ зоҳир намекунад.

Дар грамматикаи илмӣ боби "Ибораҳои исмӣ" ва фаслҳои *мубтадо, хабар* ва *ҳолҳои тарз, миқдору дараҷа, монандӣ* ба қалами забоншиноси пуркор Салом Абдураҳимов тааллуқ дорад. Банди 646-уми фасли "Ибораҳои исмӣ бо сифати феълӣ" чунин оғоз ёфтааст: "Сифати феълӣ ба исм асосан бо бандаки изофӣ тобеъ мешавад. Ба вазифаи ҷузъи асосӣ ҳама гурӯҳи луғавии исмҳо ва ба вазифаи ҷузъи тобеъ **сифатҳои феълии замони гузашта, ҳозира ва оянда** (ишораи мо – К.Б.) меоянд. Ибораҳои исмӣ бо сифати феълии замони гузашта: Шоҳин бо чашмони *аз қаҳр **сурхшуда*** ба вай нигоҳ карда, (?) ба вай қасди ҳуҷум мекунад (Раҳим Ҷалил)... Ибораҳои исмӣ бо сифати феълии замони ҳозира: Дар ҳақиқат дар зери *тобиши офтоби **фурӯ рафта истода*** акси атрофи дарё бо ҳамаи кӯҳҳояшу қуллаҳояш, қирҳояшу талҳояш, боғҳояшу палҳояш аз таги ин оби шаффоф намоён *буданд* (Айнӣ) [2, с.40].

Ба ақидаи муаллиф, "вазифаи асосии синтаксисии феъли ҳол дар ҷумла ҳол аст": дар шакли сода (яккалимагӣ): *пойкӯбон, чапакзанон*, дар шакли мураккаб: *қоҳ-қоҳзанон, гурӯҳ-гурӯҳ шуда, лаппида-лаппида...*" [2, с.274].

Муаллиф доир ба ифодаи ҳоли тарз менависад: “Вазифаи асосии синтаксисии феъли ҳол дар ҷумла ҳол аст. Ин тарзи ифодаи ҳоли тарз хеле серистеъмол буда, дар шаклҳои зерин ифода меёбад: *пойкӯбон, қоҳ-қоҳзанон, гирён-гирён, як навъ карда, синча карда – синча карда* [2, с.274-275]. Дар ин ҷо муаллиф сифатҳои феълии “*як навъ карда*” ва “*синча карда – синча карда*”-ро ҳам феъли ҳол мешуморад, ҳол он ки дар таркиби ибораҳои исмӣ “сурхшуда” ва “фурӯ рафта истода”-ро сифати феълӣ номида буд. Аммо ҳеҷ ҷойи шубҳа нест, ки сифатҳои феълӣ ҳам (*як навъкарда, синча карда – синча карда*) ба вазифаи ҳоли тарз меоянд ва муродифи шакли феъли ҳоли “*як балокунон*” ва “*синчакунон*” мешаванд.

Дар бобати бо сифати феълӣ ифода ёфтани хабар С.Абдураҳимов навиштааст: “Албатта, барои муайян кардани хели хабарҳои бо сифати феълӣ ифодаёфта ба мубтадои ҷумла бояд эътибор дод. Хабар амалеро мефаҳмонад, ки ба мубтадо нигаронида шудааст ва мубтадо бевосита иҷрокунандаи он мебошад, вай ба гурӯҳи хабарҳои феълӣ дохил карда мешавад. Чунончи, дар ҷумлаҳои “Бибем як халтача танга дар сардуқ руст карда *мондагӣ*”, “Дар боғу дар дашт лола *расида*” сифатҳои феълии *мондагӣ, расида* хосияти феълӣ зоҳир мекунанд, чунки амали мубтадоро нишон медиҳанд” [2, с.237]. Муаллиф эътироф мекунад, ки шаклҳои “руст карда мондагӣ” ва “расида” феъли ҳол набуда, вале шакли кӯтоҳи сифати феълӣ бештар дар шакли такрор мисли феъли ҳол ба вазифаи ҳоли тарзи амал меояд.

Аз қисмати аъзоҳои пайрави ҷумла фасли муайянкунанда ба қалами узви вобастаи АИ Тоҷикистон Раззоқ Ғаффоров тааллуқ дорад. Дар банди (параграфи) 1021 “Ифодаи муайянкунанда бо сифати феълӣ” зикр ёфтааст: “Хусусияти сифатӣ ва феълӣ, ки сифати феълӣ дорад, ба вазифаи синтаксисии онҳо бе таъсир намондааст: муайянкунандаҳои бо сифати феълӣ ифодашаванда баръакси муайянкунандаҳои бо сифат ифодашаванда на аломати доимӣ, умумизамонӣ, балки аломатеро мефаҳмонанд, ки омехтаи маънои сифат ва феъл буда, дар доираи яке аз замонҳо ба зуҳур меояд. Аз ин ҷиҳат дар ин қабил муайянкунандаҳо баробари хусусияти мансуб ба онҳо хусусияти хабарӣ низ мушоҳида мешавад. Масалан, *ҳавои* ***соф*** гӯем, муайянкунанда муайяншавандаро аз рӯйи аломати доимӣ, аломате, ки ба ягон замон дахл надорад, шарҳ медиҳад, аммо дар конструксияҳои *ҳавои* ***соф шуда истода***, *ҳавои* ***софшаванда*** муайянкунандаҳои ***соф шуда истода, софшаванда*** ин аломатро дар замони гузашта, ҳозира ва оянда ифода намуда, вобаста ба ин як дараҷа хусусияти хабарӣ касб мекунанд" [2, с.257].

Шакли тасрифнашавандаи “хандакунон”, “ханд-хандон”, “хандон-хандон”, ки забоншиносон “феъли ҳол” қарор додаанд, ҳамеша ба вазифаи ҳоли тарз меояд. Аммо феълҳо дар шакли сифати феълии амсоли *дида, шунида* на танҳо ба вазифаи ҳоли тарз, балки ба вазифаи навъҳои гуногуни ҳол ва аъзоҳои дигари ҷумла низ омада метавонанд:

1. Сифати феълӣ ва таркибу ибораи он, чи рехтаю чи озоди наҳвӣ, ба вазифаи ҳоли тарз меояд: Амир ба чор ҳокими туман... фармон фиристодааст, ки ***сар шуда*** кори рӯдинавбарориро ба анҷом расонанд (С.Айнӣ); Вай ***ҷони сиёҳ коҳонда***, бо чанд ташкилоти бинокорӣ ***даст ба гиребон шуда***, пеши чанд мудири анбор ***сар хам карда***, ниҳоят масолеҳи бинокорӣ *рӯёнд*у як ҳафта пеш таъмири кабинет*аш*ро *ба анҷом расонд* (А.Самад);

2. Сифати феълӣ ба вазифаи ҳоли замон меояд: ...аммо ***аз миёна ду рӯз нагузашта*** аз лабҳои рӯд ба дарунаш боз рег шорида фуромада, дубора гӯронидааст (С.Айнӣ);

3. Сифати феълӣ ба вазифаи ҳоли хилоф меояд: Дар вақти пойин омаданам, Шоҳқосим аз миёнам дошт ки, поям ба замин ***бархӯрда*** лат наёфт (Восифӣ); Барзагов ***палангро дида*** наҳаросид (Китоби дарсӣ);

4. Сифати феълӣ ва ибораи он ба вазифаи ҳоли сабаб меояд: Аҳолии деҳа... ***хату саводнок будани як устои дуредгарро дида*** дар ҳайрат афтоданд (С.Айнӣ);

5. Сифати феълӣ ва ибораи он ба вазифаи ҳоли мақсад меояд: Ҳукуматдорони Бухоро Маҳмуди Торобиро ***куштанӣ шуда*** ӯро ба Бухоро даъват карданд (Китоби дарсӣ);

Аз ин ҳама маънову вазифаҳои наҳвие, ки сифатҳои феълӣ адо мекунанд, танҳо яке – ҳоли тарзи амал хосси феъли ҳоли назири ***гирякунон, гирён-гирён, хандакунон, ханд-хандон, хандон-хандон, гапзанон*** аст.

6. Сифати феълӣ дар шакли кӯтоҳи замони гузашта ба вазифаи хабари феълӣ меояд: Падарам ба хона ***даромада***, ба пеши мо ***омада***, ба лаби суфа ***нишаста***, гӯё ба нақораи ман *гӯш медод* (С.Айнӣ). Дар ин ҷо сифатҳои феълӣ на аломати амалу ҳолати хабари ҷумларо, балки амалҳои ҷудогонаи пайиҳам воқеъшударо ифода мекунанд. Байни хабарҳои чида интонатсияи пайвасти шумур вуҷуд дорад. Ҳол он ки сифати феълӣ ба вазифаи ҳол ояд, алоқаи тобеии ҳамроҳии байни он ва хабари ҷумла бо интонатсияи тобеии хос ифода мегардад.

Агар хабарҳои чида бо чунин шакли сифати феълӣ омада бошанд, мушкилоти гузоштани аломати вергул пеш меояд, Чунончи: То чанд сол – ҳар гоҳ *дунё ба дилам зада* дилтанг шавам, ба сари қабри Ҳайрат *баромада*, *гириста* дили худро холӣ мекардам (С.Айнӣ); (Шикорчӣ) Изи гавазнро *дида*, (?) шод шуд (“Адабиёт ва санъат”, 7.09.2017). Дар мисоли аввал ибораи рехтаи “*дунё ба дилам зада*” ба вазифаи ҳоли сабаб, “*гириста*”

ба вазифаи ҳоли тарзи амал, вале сифатҳои феълии “*баромада*” ва “*дили худро холӣ мекардам*” хабарҳои чидаанд. Аз ҳамин сабаб байни аъзоҳои чида вергул мегузоранд, аммо байни ҳолҳои сабаб ва тарзи амалу хабар алоқаи тобеии ҳамроҳӣ ба воситаи тартиби калима ифода ёфтааст. Дар мисоли дуюм ибораи сифати феълии “*изи гавазнро дида*” ба вазифаи ҳоли сабаб омадааст ва пас аз он гузоштани вергул ғалат аст.

7. Сифати феълӣ ба вазифаи муайянкунанда меояд: Рӯй ва мӯйҳои дарози ***бофта***ю ***тофта,*** ба пасу пеш ***партофта***и вай намоён гардиданд (Р.Ҷалил);

8. Сифати феълӣ бо пешояндҳои аслӣ ба тариқи мувозӣ омада, вазифаи грамматикии алоқаманд намудани аъзоҳои ҷумларо адо мекунад: Гумон мекунам, “ситора”-ҳои санъати мо ***аз*** ситораҳои осмон ***дида*** зиёдтаранд (“Чархи гардун”, 20.06.2018); Модоме ки падарат пулдор ва молдор аст, ҷилави ҳама – ***аз*** ҳоким ***гирифта*** то зиндонбон, ба дасти ӯст (С.Айнӣ); Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим... ***аз*** он рӯз ***сар карда*** то охири умраш ба ман дӯсти наздик буд (С.Айнӣ); ...пойи хуншорашро ба замин кашола карда, “Вой-вой!”-гӯён, лангон-лангон **ба** *тарафи* суфа **нигоҳ карда** рафт (С.Айнӣ); Аслан, дар кадом хоҷагие, ки кор кунӣ, ***ба*** *роҳу равишу қадаммонии сардор* ***нигоҳ карда*** кор мебарӣ (М.Наҷмиддинов.); Мо боз даст ба кисаҳоямон мебарем ва ***ба*** шумораи пули додаи тӯйдор ***нигоҳ карда*** қарор қабул мекунем ("Нигоҳ", 21.07.2010); Шоҳмирзо ***ба*** ин тангиҳо ***нигоҳ накарда*** як лаб ноне, ки меёфт, аввал ба Одина мехӯронд (С.Айнӣ); Аммо инро хаёл карда наметавонам, ки як бадбахт ***барои*** ман ***шуда*** ба озоб дучор шуда бошад (М.Козимӣ); ...***аз барои*** ҳисси ватанпарастиву ватандӯстӣ ***шуда*** аз баҳри мантиқ (логика) гузаштам (“СССР”, 27.07.2010).

Дар ин ҷумлаҳо сифатҳои феълии ***дида, гирифта, сар карда, нигоҳ карда, нигоҳ накарда, шуда*** бо пешояндҳои аслии ***аз, ба, барои, аз барои*** ба тарзи мувозӣ омада, барои пурра ва равшан кардани маънои грамматикии пешояндҳо ёрӣ мерасонанд.

9. Сифати феълии “*гуфта*” ба вазифаи пайвандаки тобеъкунандаи ҷумлаи пайрави ҳоли мақсад меояд: Камолпошшо, ки хурӯҷ карда мамлакати аз даст рафтаи Туркияро боз ба даст даровард, “мабодо ягон ҷанҷол ва фитнае барпо накунад” ***гуфта***, инро дубора дар он ҷо роҳ надод [С.Айнӣ, Кул., ҷ. 2, с.347]. Дар ин матн сифати феълии ***гуфта*** чун муродифи пайвандакҳои тобеъкунандаи ***то ки, то ин ки, бо мақсади он ки*** ва ғайра истифода шудааст: ...инро (Камолпошшоро) дубора дар он ҷо роҳ надоданд, ***то ки*** *мабодо ягон ҷанҷол ва фитнае барпо накунад.*

Дар бобати истилоҳи ин шаклҳои тасрифнашавандаи феъл (*сифати феълӣ* ва *феъли ҳол*) ақидаи муаллифони китоби дарсии “Забони тоҷикӣ” барои хонандагони синфи шашум), чунин аст: «...“Феъли ҳол” ва “сифати феълӣ” -- ҳар ду дурӯғанд ва барои тарҷумаи ***причастие*** ва ***деепричастие***-и русӣ “ташаккул” ёфтаанд. Дар “Сарфу наҳв”-ҳои пешинаи мо аз ин вожаҳо нишоне нест... Хулоса, сифати **феъливу феъли ҳол** аз решаи исми фоъилу (? фоилу) мафъул ва сифати фоъилу (? фоилу) мафъул “рӯйидаанд”».

Ба фикри мо, *сифати феълию феъли ҳол* на исм асту на сифат, балки шакли тасрифнашавандаи феъл аст. Истилоҳоти *фоил* ва *мафъул* ифодагари маънои грамматикии фоил: *ҳонд* (соҳиби амал маълум) ва мафъул, *ҳонда шуд* (соҳиби амал номаълум) ба кор рафтааст. Ба мисли ҳамин бисёр маъноҳои грамматикиро ба василаи забони русӣ аз илми Аврупо омӯхта, китобҳои дарсии нав таълиф намудем ва мактаби шӯравӣ аз рӯйи таълими ҳамин китобҳои дарсӣ дар зарфи ду-се даҳсола навад дарсади аҳолии Тоҷикистонро соҳиби хату савод ва забони адабии (ё меъёрии) умум гардонд. Бинобар ин, дар ҳама китобҳои дарсии забони тоҷикӣ барои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ [1, с.207; 6, с.83] ва олӣ [3, с.83; 5, с.78-79] истилоҳи ягонаи сифати феъл ва феъли ҳол ба маъною сохтори грамматикии мазкур ба кор бурда шудаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Аминов С. Забони тоҷикӣ. Китоби дарсӣ барои синфи 8-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ (Аминов С.) – Душанбе: Комбинати полиграфӣ, 2013. – 208 с.
2. Грамматикаи забони адабии тоҷик. Ҷилди II. Ибора ва синтаксиси ҷумлаҳои сода. – Душанбе: Дониш, 1986. – 272 с.
3. Камолиддинов Б. Наҳви забони тоҷикӣ / Б.Камолиддинов. – Душанбе: Собириён, 2010. – 280 с.
4. Ниёзмуҳаммадов Б.Н. Баъзе масъалаҳои синтаксиси забони адабии ҳозираи тоҷик / Б.Н. Ниёзмуҳаммадов, Ш. Рустамов. - Душанбе: Ирфон, 1968. – 198 с.
5. Норматов М. Забони адабии муосири тоҷик. Синтаксис. Васоити таълим барои донишҷӯён / М. Норматов. - Душанбе: Матбуот, 2011. - 324 с.
6. Хоҷаев Д. Забони тоҷикӣ.Китоби дарсӣ барои хонандагони синфи 9-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ / Д. Хоҷаев, Ф.Зикриёев. - Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2013. - 176 с.

ДОИР БА БАҲСИ СИФАТИ ФЕЪЛӢ ВА ФЕЪЛИ ҲОЛ

Дар бобати ду шакли тасрифнашавандаи феълҳои забони тоҷикӣ: сифати феълӣ ва феъли ҳол ақидаи муаллифони грамматикаи илмии академиявии забони тоҷикӣ гуногун аст. Зоҳиран худи муаллифи чанд фасли китоб ва муҳаррирони асосии се ҷилди он -- узви вобастаи АИ Тоҷикистон Шарофиддин Рустамов ба як хулоса наомада будааст. Забоншиносон Б.Н.Ниёзмуҳаммадов ва Ш.Рустамов соли 1968 бо унвони “Баъзе масъалаҳои синтаксиси забони адабии ҳозираи тоҷик” асари калонҳаҷми илмӣ ба табъ расонида, дар он се масъалаи муҳимми наҳви забони тоҷикӣ: ҳол, ҷумлаҳои мураккаби сертаркиб ва ҷумлаҳои мураккаби омехта мавриди омӯзиш қарор мегирад.Ба фикри мо, *сифати феълию феъли ҳол* на исм асту на сифат, балки шакли тасрифнашавандаи феъл аст. Истилоҳоти *фоил* ва *мафъул* ифодагари маънои грамматикии фоил:

хонд (соҳиби амал маълум) ва мафъул, *хонда шуд* (соҳиби амал номаълум) ба кор рафтааст. Ба мисли ҳамин бисёр маъноҳои грамматикиро ба василаи забони русӣ аз илми Аврупо омӯхта, китобҳои дарсии нав таълиф намудем ва мактаби шӯравӣ аз рӯйи таълими ҳамин китобҳои дарсӣ дар зарфи ду-се даҳсола навад дарсади аҳолии Тоҷикистонро соҳиби хату савод ва забони адабии (ё меъёрии) умум гардонд. Бинобар ин, дар ҳама китобҳои дарсии забони тоҷикӣ барои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ [1, с.207; 6, с.83] ва олӣ [3, с.83; 5, с.78-79] истилоҳи ягонаи сифати феъл ва феъли ҳол ба маъною сохтори грамматикии мазкур ба кор бурда шудаанд.

Калидвожаҳо: забони тоҷикӣ, сифати феълӣ, феъли ҳол, наҳви забони тоҷикӣ, маънои грамматикии фоил, истилоҳи ягонаи сифати феъл ва феъли ҳол, сохтори грамматикӣ.

ОБ ОДНОМ СПОРНОМ ВОПРОСЕ СИНТАКСИСА ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКА

(причастие и деепричастие)

По мнению известного языковеда Д.Т.Таджиева, в таджикских причастиях (*хандида, маслиҳат карда* и т.д.) выражаются глагольные категории времени, вида, залога. Причастие в простом предложении таджикского языка выполняет синтаксическую функцию определения (Таджиев Д.Т. Причастия в современном таджикском литературном языке -- Сталинабад: Изд. АН Таджикской ССР, 1954. – С. 3). Однако исследователи обстоятельство таджикского языка М.Ф. Исматуллоев, Б.Н. Ниёзмухаммадов, Ш.Рустамов неспрягаемые формы глагола таджикского языка типа «*хандида*», «*маслиҳат карда*» и «*хандакунон*», “*маслиҳаткунон*” считают деепричастием. По нашему мнению, неспрягаемые формы глагола типа «*хандида*», «*маслиҳат карда*» являются краткой формой причастия прошедшего времени, а неспрягаемая форма глагола типа «*хандакунон*», «*маслиҳаткунон*» деепричастием. Синтаксическая функция причастия не ограничивается синтаксическими функциями обстоятельством образа действием. Причастия типа «хандида», «маслиҳат карда» также выполняют синтаксические функции сказуемого, определения, обстоятельства времени, причини, цели, условия, уступки. Причастия *дида, гирифта, сар карда, нигоҳ карда, нигоҳ накарда, шуда* паралельно с предлогами *аз, ба, барои, аз барои* (*«аз... дида», «аз... гирифта», «аз... сар карда», «ба... нигоҳ карда»,* «ба... нигоҳ накарда», «*барои… шуда*», «*аз барои…шуда*») являются грамматическими средствами связи членов простого предложения, а причастие «*гуфта*» подчинительным союзом.

Ключевые слова: таджикский язык, причастие, деепричастие, синтаксис таджикского языка, грамматическое значение залога, единая терминология причастия и деепричастия, грамматическая структура.

ON ONE DISPUTED QUESTION OF THE SYNTAX OF THE TAJIK LANGUAGE

(communion and gerimony)

According to the famous linguist D.T. Tadzhiev, in the Tajik participles (handida, masliqat karda, etc.) verbal categories of time, type, voice are expressed. The participle in a simple sentence of the Tajik language fulfills the syntactic function of definition (Tajiev D.T., Communities in the modern Tajik literary language - Stalinabad: Publishing House of the Academy of Sciences of the Tajik SSR, 1954. - C. 3). However, researchers the circumstance of the Tajik language M.F. Ismatulloev, B.N. Niyozmuhammadov, Sh. Rustamov, non-conjugated forms of the Tajik verb such as “handida”, “masliqat karda” and “handakunon”, “masliqatkunon” are considered as participles. In our opinion, the non-conjugated forms of the verb of the type “handida”, “masliqat karda” are a short form of the participle of the past tense, and the non-conjugated form of the verb of the type “handida”, “masliqatkunon” the participle. The syntactic function of the participle is not limited to syntactic functions by the circumstance of the image by the action. Communities of the type “handida”, “masliqat karda” also fulfill the syntactic functions of the predicate, definitions, circumstances of time, reason, purpose, conditions, concessions. The participles of dyde, girift, sar karda, nigokarda, nigoka narda, shuda along with the prepositions az, ba, baroi, az baroi ("az ... dida", "az ... girift", "az ... sar karda ”,“ Ba ... nigoka carda ”,“ ba ... nigoka carda ”,“ baroi ... shuda ”,“ az baroi ... shuda ”) are the grammatical means of communication between members of a simple sentence, and the participle“ guft ”is a subordinate union.

Key words: Tajik language, participle, participle, Tajik syntax, grammatical meaning of the pledge, common terminology of participle and participle, grammatical structure.

Сведения об авторе: ***Камолиддинов Б.*** – Таджикский национальный университет, доктор филологических наук, профессор. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17

Information about the author: ***Kamoliddinov B.*** **-** Tajik National University, Doctor of Philology, Professor. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17 Rudaki Ave.

УДК: 491.550

ПАРОНИМҲОИ ФЕЪЛ

(дар намунаи осори Абдурраҳмони Ҷомӣ)

Гулназарова Ж.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Паронимия ҳодисаест, ки дар он калимаҳо фақат аз лиҳози таркиби овозӣ ба ҳам наздиканд, аммо аз ҷиҳати ифодаи маъно ба куллӣ фарқ мекунанд [ин калима аз забони юнонии para-наздик + onima- ном гирифта шудааст].

Мавриди зикр аст, ки баррасии ин падида солҳои 40-50-уми асри гузашта дар забоншиносии рус дар таҳқиқоти В.В. Виноградов, Ф.П. Филин ба назар мерасид ва дар солҳои 60-ум ба ин падида бештар таваҷҷуҳ зоҳир гашт. А. Н. Гвоздев зикр мекунад, ки паронимҳо аз лиҳози талаффуз мушобеҳ, аммо маънои мухталифдошта мебошанд ва О.В. Вишнякова илова мекунад, ки паронимҳо калимаҳои ҳамрешаанд, задаи ягона доранд ва ба як ҳиссаи нутқ мансубанд [7, с.5].

Мусаллам аст, ки ҳар падида дар забони алоҳида вижагии ҳудро дорад. Ҳанӯз донишманди асримиёнагӣ Насируддуни Тӯсӣ дар “Асос-ул-иқтибос” қайд мекунад, ки калимот хусусияти ҳамшаклӣ доранд ва ду навъ мешавад: ё мушакалоти лафз тобеи мушакалоти маънӣ бувад ё набувад. Ва аввалро асмои муштаққа хонанд. Монанди “насир”, “носир” ва “мансур”. Ин се калима ба маъниҳои гуногун меоянд... аз як решаи “наср”(ёрӣ) аст, бинобар ин аз ҷиҳати шакл онҳо наздик ва аз ҷиҳати маъно низ вобастаанд [ниг.:12, с.116].

Дар забоншиносии тоҷик охири солҳои 50-ум иқдоми омӯзиши паронимҳо ба вуҷуд омад. Донишманд Т. Зеҳнӣ ҳанӯз соли 1956 мақолае бо номи “ Калимаҳои наздикталаффуз” ба чоп расонид. Дар ин мақола сухан дар бораи тарзи дуруст ва бомавриду бомавқеъ истифода намудани калимаҳои наздикталаффуз меравад ва истифодаи ноҷойи онҳо боиси харобии маъно дар матн ва нутқ мегардад ва ҳамчун намуна феълҳои *рустан-растан, сутудан-ситадан, супурдан-сипардан, наваштан-навиштан*ро низ меорад [ниг.:8, с.103-105]. Мутаассифона, то охири солҳои навадуми асри гузашта ин масъала дар забоншиносии тоҷик аз назари муҳаққиқон берун мемонад, ҳол он ки иқдом ҳатто пеш аз забоншиносони рус шуда буд.

Муҳаққиқ Ш. Каримов дар мақолаи худ “Оид ба паронимҳо дар забони тоҷикӣ” меорад, ки паронимҳо “аз нигоҳи талаффуз мушобеҳ, вале мухталифмаъноянд. Яъне онҳо бо вуҷуди шабоҳати зоҳирии худ наметавонанд аз нигоҳи маъно якдигарро иваз намоянд, чун антонимҳо зидмаъно нестанд, баръакси омонимҳо, бо вуҷуди талаффузи наздик доштанашон мутобиқати пурраи зоҳирӣ ва ба ҳамин асос талаффузи ягонаву баробар надоранд” [9, с.50].

Забоншинос Ҳ. Маҷидов мегӯяд, ки “калимаҳои наздиковоз [паронимҳо-Г.Ж] бисёр вақт огоҳона, баъзан беихтиёр ба кор бурда шуда, боиси рангинии нутқ мегарданд” ва боз: “Дар баъзе сарчашмаҳо мафҳуми калимаҳои наздиковоз ва ё пароним ба маънои хеле танг маънидод карда шуда, ба он фақат калимаҳои ҳамреша нисбат дода мешаванд” [10, с.66-67].

Ширинбонуи Исматуллоҳ ҳангоми баррасии вижагиҳои луғавӣ-маъноии ғазалиёти Камоли Ҳуҷандӣ доир ба паронимҳо меорад: “Паронимҳо калимаҳое мебошанд, ки аз ҷиҳати талаффуз, баромади таърихӣ ва аз рӯйи мансубияташон ба гурӯҳҳои лексикӣ-семантикӣ бо ҳам қаробат дошта, маъноҳо ва мафҳумҳои гуногунро ифода мекунанд” [14, с.121].

Дар “Фарҳанги истилоҳоти забоншиносӣ” дар мавриди паронимия омадааст: “Калимаҳои ҳамрешае, ки аз ҷиҳати тарзи талаффуз ё оҳанг ба ҳамдигар наздиканд ва дар ифодаи маъно қисман мувофиқат мекунанд ё ба ҳам шабеҳу қаробат доранд. Истилоҳи паронимро Арасту ба маънии калимаи сохта пешниҳод намудааст” ва доир ба паронимҳо омадааст, ки “ду ва зиёда калимаҳои аз бобати таркиби овозӣ ба ҳам наздик, вале аз ҷиҳати ифодаи маъно ба куллӣ фарқкунанда” мебошанд [ниг.:13, с.269].

Аз ин баррасиҳо метавон ба чунин хулоса омад, ки дар паронимҳо вижагии асосӣ аз ҷиҳати тарзи талаффуз ё оҳанг ба ҳамдигар наздик будан маҳсуб меёбад. Яъне, паронимҳо наздиковоз ё наздикталаффузу мухталифмаъно мебошанд, на ҳамовоз ва на ҳамнавис. Ҷуфти паронимӣ метавонад хусусияти зидмаъноӣ дошта бошад, силсилаи онҳо метавонанд ҳамреша бошанд ва вобаста ба ҳамин метавонанд қаробате дошта бошанд ва калимаҳои гуногунреша низ метавонанд пароним бошанд. Паронимҳо аз рӯйи мансубияти гурӯҳи лексикӣ-семантикӣ ва дар ифодаи маъно қисман ва умуман мувофиқат намекунанд ё ба ҳам шабеҳу қаробат надоранд.

Бояд гуфт, ки ҳар забони алоҳида дар низоми худ вижагиҳо дорад ва дар натиҷаи омӯзиш хусусияти умумӣ ва фардӣ равшан мегарданд. Ба андешаи мо сабаби истифода шудани чунин калимаҳо вобаста ба сохтори овозии онҳо барои хушлаҳнию муассирии сухан ва дуруст дарк кардани матлаби гӯяндаву нависанда аз тарафи шунавандаю хонанда мебошад. Паронимия ҳодисаи умумии забонӣ ва паронимҳо вожаҳоеанд, ки ин ҳодисаро инъикос мекунанд ва дар ҷуфт ё силсилаи паронимӣ заминаи тафриқавӣ танҳо омилҳои овозиянд, ки маъмултаринашон зиёдшавӣ, фарқ ва ҷойивазшавии як овоз мебошанд.

Маҳдудии миқдори овозҳои нутқ боиси пайдоиши аз рӯйи қиёфаи овозӣ ба ҳам монандшавии калимаҳо мегардад, ки яке аз зуҳуроти паронимҳо маҳсуб меёбад. Зуҳуроти дигари паронимҳо вобаста ба имконияти овозии системаи луғавии забон дар ташаккули ифоданокию рангинии баён мусоидат мекунанд, ки, ба андешаи мо, ин зуҳуроти паронимҳо бештар мебошанд.

Паронимҳо гурӯҳи ҷолибу назаррас ва басо муассири луғавӣ-маъноӣ буда, дар осори бадеӣ бештар ифода мегарданд. Чи хеле ки забоншинос Ҳ. Маҷидов қайд намудааст: “Онҳо аз воситаҳои муҳимтарини ба вуҷудоварандаи эвфонияи гуфтор ва ё ин ки парономазия мебошанд. Калимаҳои паронимӣ дар алоқамандӣ бо ҳам ва ё дар матнҳои муҷовир ҳамоҳангии махсусеро ба вуҷуд меоваранд, ки аз он ифоданокии фикр меафзояд, гуфтор муассир мегардад” [10, с.69].

М. Саломов меорад, ки “бояд дар ифодаи пароним аксари фонемаҳо ба ҳам монанд бошанд, яъне дар қиёфаи овозӣ вобаста ба ҳиҷои калимаҳо танҳо як ё ду садонок ё ҳамсадо аз ҳам бояд фарқ кунад, мисли банд-панд, даст-баст, зард-гард, буд-бут ва монанди инҳо” [11, с.331].

Феълҳо дар ҳодисаи паронимшавӣ дар забони тоҷикӣ хусусияти худро доранд.

1.Зиёдшавии овоз дар яке аз ҷуфти паронимӣ, ки ҳар ду ҷуфт феъли содаанд:

а) овози ҳамсадо:

Гаҳе ***охт*** *бар Ҳинд шамшери азм,*
Гаҳе ***сохт*** *бар дашти Хоразм разм [4, с.316].*

*Худовандо, маро бо****иёмурз*** *ва аз он чӣ металабад, нигаҳ дор! [1, с.109].*

Маро ҳилае ***биёмӯз****, ки чун бар кашокаши саг дармонам, худро бираҳонам [1, с.159].*

Феълҳои *омӯхтан* ва *омурзидан* вобаста ба ифодаи онҳо дар шаклҳои феъл бо ду хусусият: фарқи садонокҳои «ӯ» ва «у», зиёдшавии овози «р» дар феъли *омурзидан* пароним шудаанд.

Феълҳои *дуздидану дӯхтан:*
Гар ту хоҳӣ дароз гардад рӯз,
*Чизе аз шаб би****дузду*** *дар вай* ***дӯз*** *[5, с.133].*

б) овози садонок: феълҳои *орамидан* ва *рамидан*:

Гӯ: эй дили ту зи ман ***рамида****,*
Бо дилбари дигар ***орамида*** [4, с.159].

Феълҳои *судан* ва *осудан* ҷуфти паронимиро сохтаанд:

Баъди таслими чеҳраи намнок,
Баҳри таъзими шайх ***суд*** *ба хок* [2, с.116].
Буд қалам раста зи захми тарош,
Лавҳ ҳам ***осуд*** *зи ранҷи харош* [2, с.259].

2.Дар феълҳои таркибӣ:

Хотир аз вояи худ ***холӣ кун****,*
З-ин ҳунар пояи худ ***олӣ кун*** [3, с.89].

Феъли таркибии *холӣ кардан* ба маънои даст кашидан, *олӣ кардан* ба маънои (соҳибкасби) хуб шудан пароним шудаанд.

Ҳамчу товус ***худорой мабош****,*
Дар худоройӣ ***худрой мабош*** [3, с.116].

Феълҳои таркибии *худорой будан* ба маънои фақат манфиатхоҳи худ будан ва *худрой будан* ба маънои худписанд, худхоҳ будан пароним шудаанд.

1. Ҷузъи феълҳои таркибӣ бо феълҳои сода ҷуфти паронимиро ташкил додаанд:

Ба маю нукл ***кунӣ ёвариш****,*
Мутрибу шоҳиду шамъ ***оварияш*** [3, с.98].

Дар намунаи боло феъли таркибии *ёварӣ кардан* бо феъли *овардан* пароним шудааст.

Дар намунаи зер феъли *зодан* ба маънои пайдо шудан дар шакли замони гузаштаи нақлӣ ва феъли таркибии *озода будан* ба маънии пок будан дар шакли *озода аст*, пароним шудаанд (илова шудани овози «о»).

Ин ҳама аз ҳирсу тамаъ ***зодааст****,*
Худ кӣ зи ҳирсу тамаъ ***озода аст?*** [2, с.284].

4.Бо як овоз фарқ кардан. Ҷой ва навъи овозҳои фарққунанда метавонанд гуногун бошанд.

а) дар феълҳои сода фарқи овози ҳамсадои аввали калима:

Рӯзу шаб қиссаи дарё ***гуфтӣ****,*
Гавҳари мидҳати дарё ***суфтӣ*** *[2, с.40].*

Феълҳои *гуфтан* ва *суфтан* бо ҳам пароним шудаанд. Бояд гуфт, ки ин гуна калимаҳо ҳамвазну ҳамқофия мешаванд.

Дами ҳибрат зи илми ҷафр ***зананд****,*
Тори тазвир гирди ҷафр ***тананд*** *[2, с.33].*

Ҳар чи з-он ҷо гуҳару дурр ***руфтам****,*
Ҳама з-алмоси тафаккур ***суфтам*** *[3, с.28].*

Зишт бошад, ки айби худ ***пӯшӣ****,*
В-андар ифшои дигарон ***кӯшӣ*** *[2, с.24].*

Ин гуфту ҷабин ба хок ***молид***
В-аз синаи чок-чок ***нолид*** *[4, с.164].*

Киштиосош ба ҳар дар ***шиканад****,*
Рахи ҳастиш ба дарё ***фиканад*** *[3, с.79].*

Ҳар чӣ диҳӣ, аз сари инсоф ***дех****,*
Қуфли адам бар сари исроф ***нех*** *[2, с.266].*

Бохти мулку зи мурдан ***ҷастӣ****,*
Ба фалокат зи ҳалокат ***растӣ*** *[3, с.66].*

Ба раҳи хидмати дарвешон ***пӯй****,*
Куҳли биниш зи дари эшон ***ҷӯй*** *[3, с.123].*

Домани ҳиммати сиддиқон ***гир****,*
Дар раҳи хидмати сиддиқон ***мир*** *[3, с.94].*

б) Феълҳои сохта:

Ишқи баҳр аз дилашон сар ***барзад****,*
Оташи шавқ ба ҷоншон ***дарзад*** *[3, с.40].*

Дар феълҳои таркибӣ низ ин хусусият дида мешавад:

Яке аз Наҷд ***ҳикоят мекард****,*
Яке аз ваҳд ***шикоят мекард*** *[3, с.95].*

Хӯрда ба камхирадон ***беш магир****,*
Ранҷи некону бадон ***пеш магир*** *[3, с.106].*

Дил кай хуш бувад, ки ӯ ***нозир бувад****, кай хуш бувад, ки ӯ* ***ҳозир бувад*** *[6, с.24].*

То ҳастии мавҳум ***сӯхта нашавад*** *ва дидаи дил ба сӯзани ғайрат аз ғайри ӯ* ***дӯхта нашавад****…[6, с.63].*

Гӯши ҷонро садафи ***дурр кардам****,*
Ҷайби дилро зи гуҳар ***пур кардам*** *[3, с.29].*

Дар феълҳои таркибии *дурр кардан ва пур кардан* ивазшавии ҳамсадои аввал ва зиёдшавии ҳамсадои охир сабаби пароним шудани ин феълҳо гаштааст.

Дар феълҳои таркибӣ зиёдшавии овозҳо низ дар як ҷузъи ҷуфти паронимӣ дида мешавад:

Ҳар чи он қавм ***баён мекарданд****,*
Бо ҳам асрор ***аён мекарданд*** *[3, с.95].*

5.Феъли сохтаи *ворастан* ба маънои озод шудан ва феъли таркибии *бор будан* ба маънои ба зимма доштан пароним шудааст:

В-он ки ҳар кас аз монӣ ***вораст****,*
Як ман ӯро ҳазор манӣ ***бор аст*** *[2, с.62].*

Дар шаклу замонҳои гуногун омадани феълҳо низ боиси паронимшавии феълҳо мегарданд. Агар дар намунаҳои пеш фарқ дар овози аввали ҷуфти паронимӣ бошад, дар намунаҳои зер дар мобайн фарқи овозӣ дида мешавад:

Гавҳари ашк ба мижгон ***месуфт****,*
В-аз ду дида гуҳарафшон ***мегуфт*** *[4, с.75-76].*

В-он дигар пардаи одат ***бидарид****.*
Кард парвозу чу муғон ***бипарид*** *[3, с.78].*

Шуд гумонаш, ки дуо ***мехонанд****,*
Сухан аз ҳамду сано ***меронанд*** *[3, с.95].*

Мекунам айби шеъру ***мегӯям****,*
Мезанам таъна мушк ***мебӯям*** *[2, с.30].*

Роҳро бар худ ба сина ***мешикофт****,*
Рӯй бар мақсад ба сина ***мешитофт*** *[2, с.222].*

Бо рафиқон ба мурувват ***мебош****,*
Тухми исору футувват ***мепош*** *[5, с.29].*

Рӯзи маҳшар, ки биҳишт ***ороянд****,*
Растагорон ба биҳишт ***осоянд*** *[3, с.106].*

Ҳамчунин борҳо ***муқаррар кард****,*
Шайхро ҳоли ӯ ***муқаддар кард*** *[2, с.23].*

Бояд гуфт, ки паронимшавӣ дар доираи феълҳо хусусияти аҷибро дорост. Агар як ҷуфти паронимӣ дар ҳарду асоси замонҳои феъл бетағйир бошад (бо истиснои ҳамон овозе, ки асоси паронимшавӣ шудааст) (дарид-парид, дар-пар; хонд-ронд, хон-рон; молид-нолид, нол-мол; суфт-гуфт, суф-гӯй), дар гурӯҳи дуюм асосҳо дар яке аз замонҳо (гуфт-

бӯйид, гӯй-бӯй; шикаст-фиканд, шикан-фикан; дод-ниҳод, деҳ-неҳ; шикофт-шитофт, шикоф-шитоб) фарқ мекунад.

Паронимҳо ва паронимазия бештар хосси забони шеър аст. Забоншинос Ҳ. Маҷидов зикр мекунад, ки ин падида ба сохтори овозӣ вобастааст ва сабаби дигари пайдоиши паронимҳо мувофиқати овозии иқтибосот бо калимаҳои аслии тоҷикӣ мебошад. Инчунин, дар пайдоиши онҳо аллитератсия – ҳамрангии овозҳои ҳамсадо ва ассонанс – ҳамрангии садонокҳо мавқеъ доранд [ниг.: 10, с.66-75].

Муҳаққиқ М. Саломов ҳангоми баррасии вижагиҳои забони шеър перомуни масъалаи нағмаи ҳуруф – аллитератсия низ сухан ронда, мавқеи ин падидаро дар забони шеър нишон додааст. Аз ин бармеояд, ки паронимҳо ва парономазия тақозо мекунанд, ки қисмати дигаре чун фоносемантика бештар мавриди таваҷҷуҳ қарор гирад [ниг.: 11, с.60-64]. Бояд гуфт, ки агар истифодаи дурусти паронимҳо хушоҳангию малеҳиро таъмин созанд, истифодаи нодурусти онҳо ба хонанда ё шунаванда муғлақ ва номафҳум мерасад.

6.Ҷойивазшавии овозҳо:

Ҳар кӣ аз меҳнати ҳичрон ***нагирист,***
Кай тавонад рухи ҷонон ***нигарист*** *[5, с.154].*
Лекин инро зи ишқ ***нест шигуфт***
Ҳуд чӣ гул, к-он зи боғи ӯ ***нашкуфт*** *[2, с.70].*
Ҳоҷаро ***сохт*** *чу оташ ғазабаш,*
Сӯхтан ***хост*** *ба доғи адабаш [3, с.72].*

7. Паронимшавӣ бо дигар калимаҳо:

Ки фалон чошт бидеҳ ***ё шомам***
*Нону обе, ки хӯрам в-****ошомам*** *[3, с.89].*
Дар диёри Миср қаҳтӣ ***хост сахт,***
К-аз фазаъ(тарс) ҳар кас ба Нил ***андохт рахт*** *[3, с.168].*

Мавриди зикр аст, ки ҷуфтҳои паронимӣ бисёр вақт дар зарбулмасал ва панду ҳикмат низ ба кор рафтаанд, аз ин ҳисоб ҳамоҳангию ифоданокии онҳо хеле афзудааст [ниг.:10, с.70].

Хоҳӣ, ки ба сӯфигарӣ аз худ ***бираҳӣ,***
Бояд, ки ҳавову ҳавас аз сар ***бинаҳӣ****.*
В-он чиз, ки дорӣ ба каф, аз каф ***бидаҳӣ****,*
Сад захми бало хӯриву аз ҷо наҷаҳӣ [1, с.141].

Ба сад воя муҳтоҷ ***ҷон костан****,*
Беҳ аз ҳоҷат аз нокасон ***хостан*** *[4, с.308].*

Аз каҷӣ хезад, ҳар ҷо халалест
*«****Ростӣ- растӣ****» некӯ масалест [5, с.13].*

Ба санъат суханро, ки ***оростӣ****,*
Чӣ ҳосил, чу холист аз ***ростӣ*** *[5, с.13].*

Ш. Каримов меорад: «Тарзҳои фоилу мафъули феъли забони тоҷикӣ низ хусусияти паронимшавӣ доранд. Чунончи: *хобидан // хобондан, хӯрдан // хӯрондан, пӯшидан // пӯшондан // пӯшонидан, навиштан // нависондан».* Истифодаи нодурусти ҳар яке аз ин феълҳо, ки мушобеҳи ҳамдигаранд, боиси тағйири маъно мегардад (махсусан, дар мавриди феъли *навиштан* ва *нависондан* – Г.Ж) [9, с.53].

Ҷомаи сабзро дар ман ***пӯшониду*** *сафедро худ* ***пӯшид*** *[6, с.67].*
Чун гули хандон зи дами ӯ ***шукуфт****,*
Ғунчаи нӯшин ***шукуфониду*** *гуфт [2,с. 277].*

Ҳамчунон ки қайд намудем, вижагии асосии паронимҳо аз лиҳози талаффуз ба ҳам наздик будан аст ва дар ин мавриди феълҳо фақат аз ҷиҳати маънои грамматикӣ фарқ доранд.

Ҳамин тариқ, падидаи паронимшавӣ дар феъл вижагии худро дорост. Дар ҷуфти паронимии феъл зиёдшавӣ ё камшавии овоз дар яке аз ҷузъҳои ҷуфти паронимӣ дар феъл ва ё дар калимаи дигари бо феъл паронимшуда, бо як овоз фарқ кардани феълҳо, новобаста ба сохт паронимшавии феъл, ҷойивазшавии овозҳо ва паронимшавии феълҳо бо дигар калимаҳо дида мешавад.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдурраҳмони Ҷомӣ. Баҳористон (нашри интиқодӣ). – М., 1987. - 200 с.
2. Абдурраҳмони Ҷомӣ. Осор.Ҷ.3. – Душанбе: Ирфон, 1987. – 287 с.
3. Абдурраҳмони Ҷомӣ. Осор.Ҷ.4. – Душанбе: Адиб, 1988. –382 с.
4. Абдурраҳмони Ҷомӣ Осор.Ҷ.5. – Душанбе: Адиб,1988. –383 с.
5. Абдурраҳмони Ҷомӣ. Панду ҳикматҳо. – Душанбе: Ирфон, 1989. –154с.
6. Абдурраҳмони Ҷомӣ. Осор.Ҷ.8. – Душанбе: Адиб, 1990. – 495 с.

7. Вишнякова О.В. Паронимы современного русского языка / О.В. Вишнякова. – М: Русский язык, 1987. – 281 с.
8. Зеҳнӣ Т. Калимаҳои наздикталаффуз // Шарқи Сурх. – 1956. – №11. – С.103-105.
9. Каримов Ш. Оид ба паронимҳо дар забони тоҷикӣ / Ш.Каримов // Вазифаи воҳидҳои забон дар ҷараёни гуфтор. – Душанбе, 1995. – С. 50-54.
10. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Луғатшиносӣ. Ҷ.1 / Ҳ. Маҷидов. – Душанбе: Деваштич, 2007. – 241 с.
11. Саломов М. Вижагиҳои забонии ғазалиёти шоирони асрҳои XII-XIV (таҳлили сохтори фонетикӣ, семантикӣ ва фразеологию луғавӣ) ДДИФ / М. Саломов. – Душанбе, 2018. – 368 с.
12. Хоҷаев Д. Афкори забоншиносии тоҷик дар асрҳои X-XVI / Д. Хоҷаев. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2013. – 310 с.
13. Фарҳанги истилоҳоти забоншиносӣ / Ш.Бобомуродов, З. Мухторов. – Душанбе, 2016. – С.269.
14. Ширинбонуи Исматуллоҳ. Дафтари ишқ (баъзе хусусиятҳои лексикӣ-семантикии ғазалиёти Камоли Хуҷандӣ) / Исматуллоҳ Ширинбону. – Душанбе: Ирфон, 2007. – 142 с.

ПАРОНИМҲОИ ФЕЪЛ

Муаллиф дар ин мақола доир ба вижагиҳои паронимшавии феълҳо дар осори Абдурраҳмони Ҷомӣ баҳс мекунад. Дар паронимҳо вижагии асосӣ аз ҷиҳати тарзи талаффуз ё оҳанг ба ҳамдигар наздик будан маҳсуб меёбад. Яъне, паронимҳо наздиковоз ё наздикталаффузу мухталифмаъно мебошанд, на ҳамовоз ва на ҳамнавис. Ҷуфти паронимӣ метавонад хусусияти зидмаъноӣ дошта бошад, силсилаи онҳо метавонанд ҳамреша бошанд ва вобаста ба ҳамин метавонанд қаробате дошта бошанд ва калимаҳои гуногунреша низ метавонанд пароним бошанд. Паронимия ҳодисаи умумии забонӣ ва паронимҳо вожаҳоеанд, ки ин ҳодисаро инъикос мекунанд ва дар ҷуфт ё силсилаи паронимӣ заминаи тафриқавӣ танҳо омилҳои овозиянд, ки маъмултаринашон зиёдшавӣ, фарқ ва ҷойивазшавии як овоз мебошанд. Паронимҳо гурӯҳи ҷолибу назаррас ва басо муассири луғавӣ-маъноӣ буда, дар осори бадеӣ бештар ифода мегарданд. Падидаи паронимшавӣ дар феъл вижагии худро дорост. Дар ҷуфти паронимии феъл зиёдшавӣ ё камшавии овоз дар яке аз ҷузъҳои ҷуфти паронимӣ дар феъл ва ё дар калимаи дигари бо феъл паронимшуда, бо як овоз фарқ кардани феълҳо, новобаста ба сохт паронимшавии феъл, ҷойивазшавии овозҳо ва паронимшавии феълҳо бо дигар калимаҳо дида мешавад.

Калидвожаҳо: паронимия, феъл, ҷуфти паронимӣ, зиёдшавии овозҳо, фарқи овозҳо, ҷойивазшавии овозҳо, тарзи талаффуз, оҳанг.

ПАРОНИМЫ - ГЛАГОЛЫ

Автор в данной статье ведет спор об особенностях паронимизации глаголов в наследии Абдуррахмана Джами. В паронимах основной особенностью является способ их произношения или звучания и близость значения. Значит, паронимы являются близкими по звучанию или произношению, но различающиеся оттенками значения или вовсе разные по семантике и обозначают разные реалии действительности. Пары слов-паронимов могут иметь протиположные значения, их цикл может иметь одинаковую корень и в зависимости от этого они могут быть родственными словами, также слова имеющие разные корны, могут быть паронимами. Паронимия является общеязыковым явлением, а паронимы являются теми словами, которые отражают данное явление и в паре или в паронимическом ряду их отличительной основой являются факторы их звучания, из которых многоупоребительными являются увеличение, отличие и смешение одного звучания. Паронимы являются очень привлекательной и воздействующей словарно- смысловой группой и очень часто выражаются в художественном наследии. Явление паронимизации в глаголе имеет свою особенность. В глагольных парах слов-паронимов наблюдается увеличение или уменьшение звучания в одном из компонентов глагольных пар слов-паронимов или других словах-паронимах, различать глаголы только с одним словом, изменение местоположения звуков или паронимизация глаголов с другими словами.

Ключевые слова: паронимия, глагол, глагольные пары слов-паронимов, увеличение звучания, различия звучания, смешение звучания, способ произношения, звучание.

PARONIMES - VERBS

The author in this article argues about the features of the paronymization of verbs in the legacy of Abdurrahman Jami. In paronyms, the main feature is the way they are pronounced or sound and the closeness of meaning. So, paronyms are similar in sound or pronunciation, but the meanings differing in shades or are completely different in semantics and mean different realities of reality. Pairs of paronymic words can have opposite meanings, their cycle can have the same root and depending on this they can be related words, also words with different roots can be paronyms. Paronymy is a common language phenomenon, and paronyms are those words that reflect this phenomenon and, in a pair or in a paronymic series, their sounding factors are their distinctive factors, of which magnification, distinction and mixing of one sound are multi-consuming. Paronyms are a very attractive and influential vocabulary and semantic group and are often expressed in the artistic heritage. The phenomenon of paronymization in the verb has its own peculiarity. In verbal pairs of word-synonyms there is an increase or decrease in sound in one of the components of the verbal pairs of word-synonyms or other word-paronyms, distinguish verbs with only one word, change the location of sounds or paronymize verbs with other words.

Keywords: paronymy, verb, verbal pairs of word-paronyms, increase in sound, sound differences, sound mixing, pronunciation method, sound.

Сведения об авторе: ***Гулназарова Жило*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры истории языка и типологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17. Тел.: **(+992) 918-68-19-70**

Information about the author: ***Gulnazarova Zhilo*** **–** Tajik national University, candidate of philological Sciences, associate Professor of language history and typology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+992) 918-68-19-70**

УДК: 81.42

ШАРҲИ ЭТИМОЛОГИИ НОМИ ҶУҒРОФИИ ЛЕВАКАНД (ЛИВКАНД)

Шодиев Р.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Шарҳи этимологӣ ва таърихии номҳои ҷуғрофӣ ва ё номвожаҳо асосан аз нимаи дувуми садаи ХХ оғоз меёбад. Таҳқиқи муқоисавӣ – таърихии номҳои ҷуғрофӣ дар марказҳои гуногуни забоншиносӣ амалӣ мегардад. Манбаи арзишманд дар иртибот ба номҳои ҷуғрофии сарзамини Осиёи Марказӣ, аз ҷумла ҳудуди таърихии Суғду Бохтар осори таърихнависон ва ҷуғрофиядонони юнонӣ, чинӣ ва арабиву форсӣ ба шумор меравад, ки ин ҳама дар шарҳи этимологӣ ва шинохти номҳои манотиқи ёдшуда муҳим арзёбӣ мешаванд.

Қобил ба ёдоварист, ки кӯшиши решашиносии бархе аз номҳои шаҳрҳо ва кишварҳо ҳанӯз аз даврони исломӣ оғоз гардида буд, ки бархе аз ин ривоёт манбаи эронӣ ва бархе дигар манбаи арабӣ доранд. Чунин этимологияҳои мардумӣ, ки бар пояи ривоёту достонҳои куҳани асотирӣ устувор гардидаанд, дар офаридаҳои муаллифини форсу араб ба мушоҳида мерасанд. Аммо ин ривоятҳо дар бештар маврид дорои ҷанбаҳои асотирӣ будаанд. Ба таври намуна ривоятҳо дар бораи решаи номи Бухоро ва маънои номи Хоразм дар «Аҳсан ут-тақосим»-и Мақдисӣ [ниг.: Саймиддинов Д. 2015, 17-19] оварда шудаанд.

Яке аз манбаи муҳим дар таърихи қавмҳову халқиятҳо ва миллатҳои хурду бузург дар баробари осори хаттӣ номҳои ҷуғрофӣ, бавижа номҳои бостонии шаҳрҳову ноҳияҳо ва кӯҳҳову рӯдҳо ва ҳама номҳои вобаста ба маҳал (топонимия) маҳсуб мешаванд. Номҳои ҷуғрофӣ маводи арзишмандеро дар бахши луғати даврaҳои гуногуни рушди забонҳои сарзаминҳои таърихии буду боши сокинони ҳар марзу бум ба мерос овардаанд.

Бештари номҳои ҷуғрофӣ дар осори забонҳои эронии бостон, миёна ва нав дар мисоли китоби Авесто, сангнавиштаҳои форсии бостон, осори форсии миёна, портӣ, суғдӣ, хоразмӣ, бохтарӣ, сакоӣ, манобеи юнонӣ, чинӣ ва осори таърихиву ҷуғрофии даврони исломӣ дарҷ гардида, тавассути ин ҳама суннати навиштории эронӣ ва ғайриэронӣ то ба имрӯз нигаҳдорӣ шудаанд. Ин ҳама осор дар шинохт ва таҳқиқи номвожаҳои эронӣ, бавижа манотиқи шарқи Эронзамин аҳаммияти таърихиву лингвистӣ ва экстралингвистӣ доранд.

Топонимияи таърихии Мовароуннаҳр мавриди таваҷҷуҳи ҷаҳонгардон ва ҷуғрофиянависони қабл аз исломӣ ва даврони исломӣ будааст. Бархе аз ҷуғрофиянависони форсу араб дар осори хеш дар мавриди чанде аз номҳои шаҳрҳо ва кишварҳо, аз ҷумла Бухоро, Хоразм ва ғайра ҳатто шарҳи решашиносӣ ё этимологӣ ироа доштаанд, ки ин ҳама бар пояи ривоятҳо ва асотири куҳани мардумӣ қарор доранд.

Бо таваҷҷуҳ ба арзиш ва аҳаммияти лингвистии номҳои ҷуғрофӣ ё номвожаҳои таърихӣ ҳамчун мероси даврaҳои гуногуни як забон ё забонҳои мухталиф ин бахши луғат дар фарҳангномаҳои пешин дар мисоли фарҳангҳои порсии дарӣ (форсӣ-тоҷикӣ) дар радифи луғоту истилоҳоти маъмули забон ташреҳ ва маънӣ шудаанд. Овардани номҳои ҷуғрофӣ дар суннати фарҳангнависии порсии дарӣ, то он ҷо ки медонем, аз «Луғати фурс»-и Асадии Тӯсӣ оғоз мешавад. Дар ин манбаъ як теъдод номҳои шаҳру вилоёт ва чанде аз ҷазираҳову рӯдҳои Мовароуннаҳру Хуросон, дар маҷмӯъ Осиёи Миёна ва Афғонистон як ҷо бо луғоти вижаи ин сарзаминҳо ва аз нигоҳи забонӣ махсуси ин манотиқ, ки дар ашъори шоирони ҳавзаҳои забонӣ ва адабии мазкур ба кор рафтаанд, муаррифӣ гардидаанд. Ба таври намуна номи шаҳрҳои درغان (Дарғон), وخش (Вахш), كيماک (Кимок), بندر (Бандар), فامر (Фомир), ساريان (Сориён), پروان (Парвон), اندرآب (Андароб); вилоёт: فرغانه (Фарғона), شاوغر (Шовғар), زاست (Зост), وارد (Варорӯд) ва ғайра.

Ҳадаф аз баррасии номҳои ҷуғрофӣ бар асоси манобеъ ва осори пеш аз исломӣ ва даврони исломӣ тибқи манобеи эронӣ ва ғайриэронӣ, дар мисоли номҳои ҷуғрофии сарзамини Кӯлоб, ки то имрӯз дар ин минтақаи таърихӣ ҳифз гардидаанд, на дар чаҳорчӯби илми топонимия, балки ба хотири омӯзиши вазъи забонии Хатлон дар даврaҳои таърихӣ мебошад. Номҳои ҷуғрофии маҳфуз дар ин минтақа далели истифодаи забонҳо ва лаҳҷаҳои роиҷ дар сарзамини Кӯлоб дар гузаштаҳои дур дониста мешаванд. Аз роҳи таҳқиқи номҳои ҷуғрофии таърихӣ метавон ба масоили этнолингвистикаи таърихӣ ва таърихи забонҳои эронӣ, бавижа забони бохтарӣ аз забонҳои расмӣ ва гуфтории Бохтар ё Тохаристон ва яке аз манотиқи ҳаммарз ва замоне вобаста ба он – Хатлон (Хуттал) даст ёфт. Номҳои ҷуғрофии бостонии минтақаи Хатлон мисли Бохтар намунае аз мавод ва манбаи хеле арзишманди луғати куҳани забонҳои бумии ин сарзамини густариши забонҳо ва лаҳҷаҳои эронӣ маҳсуб гардида, пас аз тағйири вазъи забонӣ ва ба ҳукми забони матрук ворид шудани забони бохтарӣ дар сарзаминҳои таърихии густариши ин забон маҳфуз мондаанд. Теъдоде аз ин номҳо ҳамчун луғати пешин, ки дар осори хаттӣ ворид шуда буданд, дар садаҳои баъдӣ низ дар ҳамон шакли нахуст ва ё асли хеш идома

ёфтаанд. Аммо бархе аз номҳои таърихӣ дар вазъи забонии дигар ба тағйирот дучор омадаанд ва ё ба номҳои дигари этникӣ табдил карда шудаанд, ки чунин вожаҳо бар ивази номҳои куҳан ва ё асл то ба имрӯз дар минтақаи таърихии Хатлон маҳфуз мондаанд. Таҳлил ва таҳқиқи номҳои таърихии ҷуғрофии Хатлон вазъи этникии ин минтақаро дар масири таърих метавонад ошкор ва бозгӯ намояд.

Ловканд (Lāvkand- لاوکند, Lāvakand- لاوَکند). Бар асоси таркиби дувум – kand (канд) ин номро метавон иборат аз ду ҷузъ донист: lāv+kand. Вожаи канд дар забони бохтарӣ дар алифбои юнонӣ, дар имлои бохтарӣ kando [kand] <эронии бостон* kanta –канда, канда шуда, аз феъли kandan «кандан» авестоӣ kant –, форсии миёнаи ашконӣ kant , форсии миёнаи сосонӣ kand; суғдӣ knt- «шаҳр», яъне – kant / kand ҳамчун ҷузъи дувуми номҳои ҷуғрофӣ, ба вижа номи шаҳрҳо ва ободиҳо дар номҳои ҷуғрофии Мовароуннаҳр бо вариантҳои – кад (كد) – kat – (كت) – qand (قند) вомехӯрад. Дар мавриди теъдоди номҳо – топонимҳо бинобар ҷуғрофиянависони асри Х бо истинод ба В. Бартолдниг.: Хромов 1974, 9-10. Дар ҳамин ҷо А. Л. Хромов пайдоиши номҳоро бо топоформантӣ – kant, - kent дар равиши суғдӣ аз ҷониби мардуми турк зикр кардааст. Дар забони бохтарӣ ин вожа – kand ва дар суғдӣ knt, - knð -[kanð/d] ба маънои шаҳр аст [7, с.4770-4772].

Ҷузъи нахусти Lāvkand - вожаи lāv дар забони тоҷикӣ ва гӯйишҳои минтақаи Хатлон ба кор намеравад. Ин вожа мисли даҳҳо вожаҳои дигар дар бархе аз номҳои куҳани ҷуғрофӣ маҳфуз монда, аммо ҳамчун луғати маҳаллӣ, ба таври мисол бохтарӣ якҷо бо ин забон матрук гардидааст. Бояд зикр кард, ки чунин вожаҳо, ҳамчунон ки аз маводи фарҳангномаҳои куҳан медонем, дар бархе аз фарҳангҳо маҳфуз мондаанд, ки манбаи бештари онҳо фарҳангҳои куҳани порсии дарӣ маҳсуб мешаванд.

Вожаи lāv (لاو) дар «Бурҳони қотеъ» ва «Онандроҷ» маънӣ шуда, дар дигар фарҳангҳои куҳан ба мисли «Луғати фурс»-и Асадии Тӯсӣ оварда нашудааст. Вожаи lāv (لاو) дар ин фарҳангҳо чунин ташреҳ гардидааст: لاو – хоки сафедро гӯянд, ки онро гилоба созанд ва хонаро бад-он сафед кунанд» (Бурҳон), «Хоки сафед аст, ки хона бад-он сафед кунанд» (Онандроҷ) [6, J.13, с.19575]. М.Муин дар поварақи «Бурҳони қотеъ» дар бораи решашиносӣ ё этимологияи lāv чизе наафзудааст.

Дар мавриди иртиботи lāv ба забони бохтарӣ ё яке аз лаҳҷаҳои бохтарӣ, бинобар таркиби овозии он бо ҳамсадои l дар оғоз метавон тахмин кард, ки вожаи мазкур бар пояи савтиёти забони бохтарӣ шакл гирифтааст. Муқоиса шавад дар бохтарӣ laxm(o) = форсии миёна daxmag, форсии нав daxma «дахма», бохтарӣ lizo – «маъбад» < эронии бостон *dizā, форсии бостон didā, форсии нав diz, diž «диз» ва ғ. [3, с.339; Dovary 1982, 218].

Топоними Лов (Lov) ҳамчун номи ҷой ба таври мустақил дар ҷумлаи номҳои ҷуғрофии Кӯлоб вуҷуд дорад, ки ин яке аз далелҳои ба забонҳои маҳаллии ин сарзамин иртибот доштани вожаи мазкур мебошад. Ин ном (лов) ба чигунагии ранги хок ё замини маҳал иртибот дошта, дар сохтани номи шаҳр (Ловканд) бо топоформанти –kand ба кор рафтааст. Зикри вожаи лов (لاو) дар фарҳангномаҳои классикӣ ва шарҳи он далели дар осор ба кор рафтани он мебошад. Аммо вожаи мазкур баъдан дар забони тоҷикӣ аз истифода хориҷ гардида, дар ин ҳавзаи забонӣ замоне дар ҳамон маънои дар фарҳангҳо ёдшуда, яъне «хоки сафед» ё «сафедхок» мутадовил будааст.

Ҳамчунон ки мебинем, дар ташкили номи Lāvkand иртиботи маъно миёни ҷузъҳо вуҷуд дорад. Яъне lāv-хоки сафед, сафедхок ва kand-шаҳр, дар маҷмӯъ аз рӯйи тартиби ҷузъҳо, бинобар сафедии ранги иморатҳо – онро «сафедшаҳр» ё «шаҳри сафед» метавон маънӣ кард.

Вожаи лов (lāv)-ро метавон дар ҳамин қолаби Ловканд дар номи Лодара (аз ло < лов+дара) тахмин кард. Дар номи Лодара “ло”-ро дар ҷузъи аввал метавон мухаффаф ё гунаи ихтисоршудаи лов (lāv) ҳамчун сифати замин ё хоки дара ба маънои “дараи сафедхок” маънӣ кард. Дар ҳамин қолаб бо сифати ранг+дара номҳои дигари ҷуғрофии Сиёҳдара, Сурхдара, Хингдара дар Тоҷикистон вуҷуд дорад.

Дар забони бохтарӣ l (дар оғоз тавассути *δ) < d падид меояд. Дар мисоли lāv аз марҳалаи пешини он ё баробарии он дар забонҳои дигари шарқӣ ва ғарбии эронӣ шоҳиди дигар дар даст нест.

Ливканд (ليوكند) ё Ливаканд (ليوكند) курсии Вахш буда, бунёди ин ном аз вожаи лив (ليو) ва ҷузъи дувуми он аз топоформанти маълуми –канд ба маънои шаҳр ташкил ёфтааст.

Вожаи ليو дар фарҳангҳои пешин ба касри аввал ва сукуни сонӣ, яъне līv хонда шуда ва яке аз номҳои Хуршед маънӣ гардидааст [1, Ҷ.3, с.1922]. Дар «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» дар шарҳи ليو аз Анварии Абевардӣ як шоҳид оварда шудааст [6, J.13, с.19901].

Вожаи liv (ليو) дар забони омиёнаи форсии Афғонистон мавриди истифода буда ва он чунин маънӣ шудааст: гили обгин ва рақиқе, ки ба ҷойе моланд; ليو كردن (liv kardan) – ҷоеро ба гил лиш кардан [9, с.523]. Вожаи мазкур дар ҳавзаи забони бохтарӣ то ба имрӯз дар бархе аз гӯишҳои Афғонистон ба кор мерафтааст.

Номи Ливканд (ليوكند) бо ҷузъи kand (канд) дар «Ҳудуд-ул-олам» аз Вахш, яъне аз сарзамини Вахш муаррифӣ шудааст ва ҷузъи канд дар Ливканд далели ба шаҳр мансуб

будани ин ҷой мебошад. Дар мавриди номи لیوکند «Луғатнома» танҳо бо «Ҳудуд-ул-олам» истинод овардааст. Вожаи Лив (لیو) ҳамчун номи деҳ дар «Фарҳанги ҷуғрофиёии Эрон» (ҷ.5) омадааст. Ҳамчунон ки мебинем, номи Лив (لیو) дар исмҳои макон дар шарқ ва ғарби Эронзамин ба кор рафтааст. Дар Эрон чанд деҳкада ё мавзеъ бо номи Livān (لیوان), ки он ба бунёди liv + анҷомаи –ān (< эронии бостон - *ānam) иртибот мегирад, вуҷуд дорад. Ба таври мисол: Livān – номи деҳкадае аз Озарбойҷон; Livān – мавзеъе дар Анзони Мозандарон; Livān – деҳе аз деҳистони Анзони шаҳристони Гургон.

Дар Эрон لیویجان (livīǰān < livigān) –деҳе аз деҳистони бахши марказии шаҳристони Омул мебошад [Дар бораи Livān ва Livīǰān ниг.: Фарҳанги ҷуғрофии Эрон, ҷ.3; Lughatnāma, J. 13, 19902-19903].

Аммо لیوه (leva) ба вазни میوه (meva) дар фарҳангномаҳои пешин бад-ин маъно роиҷ будааст: фиребанда ва чолок (Онандроҷ), фиребанда ва чоплус ва мардуми мазоҳдӯст (Бурҳон), аҳмақ ва нодон (Онандроҷ).

Дар забони омиёнаи форсии Афғонистон liva (لیوه) – сифла ва нодон; līvagī – сифлагӣ ва нодонӣ маънӣ шудааст [9, с.523].

Бидуни шубҳа маъниҳои манфии ин вожа барои мардуми як шаҳр ё як шаҳристон наметавонад қобили қабул эътироф шавад. Ва чунин меъёри номгузорӣ дар он замон машкук ба назар мерасад.

Ё дар «Луғати фурс»-и Асадии Тӯсӣ дева «кирми абрешим» маънӣ шудааст, ки он дар форсии миёнаи монавӣ dywg (dēvag) ба маънои «кирм, ҳашарот» омадааст [5, с.39]. Эҳтимол дорад, аз роҳи табдили d/δ > l дар гӯйишҳои маҳаллӣ ин вожа ҳамзамон дар ду савтиёт вуҷуд дошта бошад.

А Д А Б И Ё Т

1. Бурҳони қотеъ: таълифи Муҳаммад Ҳусайн бини Халафи Табрезӣ, мутахаллис ба Бурҳон; бо эҳтимоми М.Муин. Ҷ.2. - Теҳрон, 1342/1963. - 1216 с.; Ҷ.3. - Теҳрон, 1342. - 1923 с.
2. Саймиддинов Д. Ривоятҳо дар маънии номи Бухоро / Д. Саймиддинов // Маърифати омӯзгор. - 2015. - №7-8. - С.17-19.
3. Стеблин – Каменский И.М. Бактрийский язык / И.М. Стеблин – Каменский // ОИЯ.СЯ. - М.: Наука, 1981. - С.314-346.
4. Хромов А.Л. О структурных особенностях иранской топонимии Мовараннахра в период IX-XII вв / А.Л. Хромов // Восточная филология. Вып. III. Тадж. госуниверситет им. В.И.Ленина. - Душанбе, 1974. - С.3-25.
5. Boyce M. A Word – List of Manichaean Persian and Parthian / M.Boyce. - Téhéran – Liége, 1977 (Acta Iranica, ser.3, v.2. suppl.). – 106 c.
6. Dehxudā. Lughatnāma. J.13, 14, 15. – Tehran: Tehran University Publications, 1998.
7. Gharib B. Sogdian Dictionary. Farhang publication / B. Gharib. - Tehran, 1995. - 517 c.
8. جغرافیای تأریخی شهرهای ایران. تالیف محمد تقی خان حکیم. تهران، ۱۳٦٦.-۱۲۳۲ ص.
9. لغات عامیانه فارسی افغانستان. تألیف عبد الله افغانی یونس. کابل – ۱۳۳۷. ۵۹۲ ص.

ШАРҲИ ЭТИМОЛОГИИ НОМИ ҶУҒРОФИИ ЛЕВАКАНД (ЛИВКАНД)

Дар мақолаи мазкур номвожаи ҷуғрофии Леваканд мавриди таҳлили таърихӣ ва лингвистӣ қарор гирифта, табдили вижагиҳои овоӣ оварда шудааст. Яке аз марҳилаҳои мушкил дар таҳлил ва шинохти номвожаҳои ҷуғрофӣ, бавижа номҳои таърихӣ таҳқиқи этимологӣ ва ё решашиносии номҳо ба шумор меравад. Ин марҳила метавонад аз роҳи забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ бо истифода аз манобеи хаттии осори давраҳои гуногуни таърихӣ ва муқоисаи номвожаҳо бо забонҳо ва лаҳҷаҳои минтақаҳои гуногун ё сарзаминҳои таърихии будубоши мардумони эронинажод анҷом дода шавад. Номҳои таърихии ҷуғрофӣ ҳамчун маводи забонӣ бар асоси вижагиҳои овоӣ ва табаддулоти таърихии забонҳои бумӣ ё маҳаллии қабл аз даврони исломӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Номвожаҳои таърихӣ дар баробари далели муҳимми лингвистӣ дорои арзиши этнолингвистӣ низ мебошанд. Пайдоиши номҳои ҷуғрофӣ, бахусус номҳои рӯдҳо ва шаҳрҳо, ба даврони дури таърих иртибот дорад, бидуни шубҳа ва гумон ин номҳо далели воқеии вазъи забонӣ дар сарзаминҳои муайян дониста мешаванд.

Калидвожаҳо: Леваканд, номҳои ҷуғрофӣ, табдили овоӣ, таҳлили лингвистӣ, шаклҳои таърихӣ, решаи эронии бостон, решашиносӣ, вижагиҳои овоӣ.

ЭТИМОЛОГИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ ГЕОГРАФИЧЕСКОГО НАЗВАНИЯ ЛЕВАКАНДА (ЛИВКАНД)

В этой статье говорится о географическом названии Леваканд, и оно анализируется с точки зрения истории и лингвистики. При анализе и определении географических названий, особенно исторических, одним из самых сложных этапов является этимологическое исследование. Это исследование может быть проведено с помощью сравнительно-исторического метода языкознания, письменных источников произведений разных исторических периодов и путем сравнения названий с языками и диалектами разных регионов или исторических территорий иранского происхождения. Географические исторические названия как языковой материал изучались на основании фонетического свойства и исторической эволюции местных языков доисламского периода. Географические названия наряду с важными лингвистическими фактами также имеют этнолингвистическую ценность. Происхождение географических названий, в особенности названия рек и городов, датируются древними историческими периодами. Без сомнения, эти названия считаются реальными фактами языкового положения.

Ключевые слова: Леваканд, исторические названия, фонетическая конверсия, лингвистический анализ, исторические формы, древнеиранские корни, этимология, фонетические особенности.

ETYMOLOGICAL ANALYSIS OF THE GEOGRAPHICAL NAME OF LEVAKAND (LIVKAND)

This article devotes to the geographical name of Levakand and is analyzed in the points of view of history and linguistics. During the analysis and determination of geographic names, particularly historical ones, one of the most difficult stages is etymological investigation. This study can be carried out using the comparative-historical method of linguistics, written sources of works of different historical periods and comparison of names with languages and dialects of different regions or historical territories of Iranian origin. Geographical chronological names as language material were studied on the basis of the phonetic properties and historical evolution of the local languages of the pre-Islamic period. Geographic names, along with important linguistic facts, also have ethno-linguistic value. The derivation of geographic names, especially the names of rivers and cities, dates from ancient historical periods. Without a doubt, these names are considered real facts of linguistic status.

Key words: Levakand, historical names, phonetic conversion, linguistic analysis, historical forms, ancient Iranian roots, etymology, phonetic features.

Сведения об авторе: ***Шодиев Рустам*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры иранской филологии факультета языков Азии и Европы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. E-mail: **Shodirys@mail.ru.** Тел.: **(+992) 919-27-07-91**

Information about the author: ***Shodiev Rustam*** – Tajik National University, the candidate of philological sciences, the docent of the department of Iranian philology of the faculty of Asian and European Languages. **Adress:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17. E-mail: **Shodirys@mail.ru.** Tel.: **(+992) 919-27-07-91**

УДК: 491.550-3 (03)

МАВҚЕИ ИҚТИБОСОТИ АРАБӢ ДАР СОҲАИ ВАРЗИШ

Шафоатов А.Н.
Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С.Раҳимов

Маълум аст, ки як қабати калони лексикаи забони тоҷикиро калимаву истилоҳоти иқтибосӣ ташкил медиҳанд. Ин ҳодиса вобаста аст ба равобити доимии мардуми тоҷик бо дигар халқҳо, ки ин робита аз асрҳои пеш то имрӯз идома дорад. Бояд афзуд, ки дар иртибот ба шароитҳои гуногуни таърихӣ вазъи ба забони тоҷикӣ роҳ ёфтани вожаҳои иқтибосӣ як хел сурат нагирифтааст. Ба ин маънӣ, агар як марҳилаи инкишофи ҷомеа имконияти ворид шудани истилоҳоти як забонро ба забони тоҷикӣ барҳам дода бошад, марҳилаи дигар барои дохил гардидани вожаҳо аз забонҳои дигар ба забони тоҷикӣ имконият фароҳам овардааст. Масалан, дар ибтидо чун соири забонҳои эронӣ забони форсии тоҷикӣ аз забонҳои юнонии қадим, лотинӣ ва шарқии эронӣ иқтибос гирифтааст, аммо дар давраи хилофати араб ва ҷорӣ шудани дини ислом дар асрҳои миёна аз забонҳои арабиву туркӣ иқтибос гардидани калимаву истилоҳот ба забони тоҷикӣ бештар ба мушоҳида мерасад. Дар ибтидои асри XX, хусусан дар даврони Шӯравӣ, аз забони русӣ ва тавассути он аз дигар забонҳои аврупоӣ ба забони тоҷикӣ ворид гардидани истилоҳот ба ҳукми анъана даромад. Ба ин восита истеъмоли истилоҳоти иқтибосӣ дар забони тоҷикӣ чанд баробар афзуд. Имрӯз дар лексикаи забони тоҷикӣ нуфузи истилоҳоти арабӣ, туркӣ ва русӣ-байналмилалӣ кам нест. Бинобар он, тадқиқи истилоҳоти бахши варзиш низ дар ҳамин замина сурат мегирад.

Ба таркиби луғавии забони тоҷикӣ роҳ ёфтани вожаву истилоҳоти арабӣ падидаи табиист, зеро баробари ҷорӣ гаштани дини ислом ва ташкили хилофат дар кишварҳои истилоёфтаи Шарқ забони арабӣ ҳамчун забони давлатӣ, забони илму муошират байни халқҳо мавқеъ пайдо намуд, ҳамчуноне ки забони лотинӣ барои ақвоми аврупоӣ ин вазифаро бар дӯш дошт. «Иқтибосҳо аз луғати арабӣ дар марҳилаи аввали инкишофи забон гувоҳи таъсири забони арабӣ аст. Лексикаи арабӣ ба воситаи ҳомиёни сиёсии араб, ташвиқу тарғиби дини ислом аз тарафи рӯҳониён, адои маросимҳои динӣ, ба воситаи таълим ва омӯхтани савод дар забони тоҷикӣ ҷорӣ мешуд» [3, с.39]. Ин аст, ки аз унсурҳои арабӣ офаридани истилоҳоти бахши варзиш барои бой гардонидани таркиби луғавии забонамон мусоидат кардааст ва он ибтидои худро аз давраҳои аввали ташаккул ва таҳаввули забони форсии тоҷикӣ гирифтааст.

Як бартарии вожаҳои иқтибосии арабӣ нисбат ба калимаҳои аслии забони тоҷикӣ дар он аст, ки ному мафҳуми ашёро ба таври мушаххас ифода менамоянд. Ба ҳамин тариқ, истилоҳоти арабиасли риштаи варзишро аз ҷиҳати сохтор, таркиб ва маъно ба тарзи зайл гурӯҳбандӣ намудан мумкин аст:

а). Сохтори вожаҳои арабиасл

1. Истилоҳоте, ки аз як калима (реша) иборатанд ва васоити морфологӣ надоранд: **сайъ, исобат, отиф, аҳво, ақво, қаъл, кеш, ширъа, ғайс, роиз, сабоҳ, савғон, сабоғар, рукуб, обис, хол, фазо, қаввос, иртимос**, **бакук, ташира, муаллақ** ва ғ.

2. Истилоҳоте, ки аз як калима (реша) ва васоити морфологӣ иборатанд: **зарба, мусовӣ, аҳадӣ, силӣ, тайёра, римоят, тағалуб, тавзин, тасаллут, каъбатайн, фаюхон**. Дар

вожаҳои боло унсурҳои -ӣ, -а, -айн ва ғайра чун воситаи морфологӣ дар сурат гирифтани истилоҳоти мазкур хизмат кардаанд.

3. Истилоҳоте, ки аз ду реша иборатанд: **ҷидрахт**, **каббода**.

4. Истилоҳоте, ки дар қолаби ибораҳои изофии тоҷикӣ сохта шудаанд ва ҳар ду ҷузъашон ё арабист ва ё аз ҷузъҳои арабию тоҷикӣ таркиб ёфтаанд: дами натъӣ, шадди ирокӣ.

б). Таркиби истилоҳоти арибиасл, ки бо риояи қолабҳои калимасозии забони тоҷикӣ ва ҷузъҳои тоҷикӣ сохта шудаанд: **васеъмаҷол** –аз решаи арабии **васеъ** – кушод, фарох, паҳновар, муқобили танг [6, Ҷ.1, с.226]; **маҷол** – (ҷавлонгоҳ) майдони ҷавлон, ҷойи намоиш, ҷойи худнамоӣ рӯйидааст. Ин истилоҳ дар қолаби калимасозии детерминантивӣ (калимаҳои мураккаби тобеъ) сохта шудааст, ки маънояш «майдони васеъ ва фарох» барои гузаронидани мусобиқаҳои варзишӣ мебошад.

Истилоҳи **вусъатобод** аз решаи арабии **вусъат** (васеӣ, фарохӣ, паҳноварӣ, кушодӣ) [6, Ҷ.1, с.245] ва калимаи тоҷикии обод ба вуҷуд омадааст.

Вожаи **ғоиббоз** аз решаи арабии **ғоиб** ва калимаи тоҷикии **боз** (асоси замони ҳозираи феъл, масдари бозидан) таркиб ёфтааст. Маънои вожаи **ғоиб** «нопайдо, аз назар дур» [6, Ҷ.1, с.653] мебошад. Истилоҳи **ғоиббоз** маънии шатранҷбозеро дорад, ки худ аз тарафи ҳариф ғоиб нишаста, дар хонаҳои тахта ба рондани муҳра ишора мекунад.

Истилоҳи **маъракагир** аз решаи арабии **маъракa** (1. майдони ҷанг; 2. ҷанг, муҳориба, ҳамла, ҳуҷум [5, с.666] ва асоси замони ҳозираи феъли тоҷикии **гир** (масдари гирифтан) таркиб баста, маънии он «шахсест дар бозор, маъракаҳои варзишӣ» (гӯштингирӣ, дорбозӣ)-ро гарм медорад.

Истилоҳи **расанбоз** аз решаи арабии **расан** (тор, таноб, арғамчин, ресмоне, ки бо он чизеро мебанданд) [6, Ҷ.2, с.123] ва феъли тоҷикии **боз** (асоси замони ҳозираи феъл) сохта шудааст, ки маънои «дорбоз»-ро дорад, яъне касе, ки дар болои ресмон бозӣ мекунад.

Муаллақкашӣ вожаи мураккаб аст, ки ҳиссаи аввали он арабӣ буда, ба маънои «овехташуда», «овезон», «сарнагуну овезон» [6, Ҷ.1, с.708] ба кор меравад. Ин калима аз як ҷузъи арабӣ тавассути феъли тоҷикии **каш** (асоси замони ҳозира) ва пасванди **-ӣ** сохта шудааст ва чун истилоҳ маънои «сарнагун будан», «овезон шудан»-ро ифода мекунад. Маънои ҳар ду ҷузъ дар якҷоягӣ «навъе аз варзиши гӯштин» мебошад, ки гӯштингир сар ба замин гузошта, худро ба як тараф мепартояд.

Қандакбозӣ. Ин истилоҳ аз решаи **қанд**, ки баромади арабӣ дорад [6, Ҷ.2, с.672] сохта шудааст, вале баробари қабул кардани пасванди тоҷикии **–ак**, ба истилоҳи соҳаи боғдорӣ навъи зардолу-«қандак» гузаштааст ва баъдан бо исми тоҷикии **бозӣ** васл гардида, истилоҳи марбут ба соҳаи варзишро ҳосил намудааст. Бозиест бо донаи зардолу, ки бозигарон дар бораи талхию ширинии он шарт баста, сонӣ бозӣ мекунанд.

Қадарандоз//қодирандоз. Ҷузъи аввали истилоҳ вожаи арабии **қадар** аст, ки ба маънои «андоза», «дараҷа», «миқдор» роиҷ мебошад. Ҷузъи дувуми он «андохтан» ба маънои «тир парронданн», «тир задан» вожаи тоҷикист. Дар маҷмӯъ **қадарандоз** камондоре аст, ки тираш ба хато намеравад; тирандози моҳир [6, Ҷ.2, с.665]. Шакли **қодир** маънои истилоҳро равшан карда метавонад, зеро он дар забони арабӣ маънои «тавоно», «неруманд» [6, Ҷ.2, с.695]- ро дорад.

Истилоҳи **ҷамъафканд** аз ду ҷузъ иборат аст, ҷузъи аввал вожаи арабии серъмаъност. Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ба маънои «ҷамоат, маҷлис, гурӯҳе аз мардум» ташреҳ ёфтааст. Вожаи **афкан//афканд** баромади тоҷикӣ дорад, ки маънои «андохтан», «партофтан»-ро дар бар мегирад ва дар таркиби истилоҳ маънои «навъе аз тирандозӣ» -ро ифода кардааст.

Истилоҳоти арабиасли соҳаи варзишро аз ҷиҳати маъно ба гурӯҳҳои зерин тақсимбандӣ кардан мумкин аст:

1. Истилоҳоте, ки номи асбобу анҷом ва воситаҳои марбут ба соҳаи варзишро ифода мекунанд: **фалохун//фалохан–фалахмон**, олоти сангандозӣ, ки аз нах ё абрешим мебофанд ва бо он аз ҷое ба ҷойи дигар санг мепарронанд [6, Ҷ.2, с.408]. Ин олотро бачаҳо имрӯз ҳам дар мусобиқоти байни худ истифода мекунанд. Калонсолон аз он дар рондани гунҷишкон дар мавриди гандумпаз истифода мебаранд. **Каъб-**воситаи қиморбозӣ, буҷулро гӯянд (6, Ҷ.1, с.547), **пашиза**-гулӯбанди корд ва шамшер, сангҳои сурх (6, Ҷ.2, с.46), **ширъа**-рӯда ва ё чиллаи камонро гӯянд, **широъ**-бодбони киштӣ (6, Ҷ.2, с.591), **каъбатайн**-тосҳое, ки дар бозии нард ба кор мераванд, **тайёра:** 1) парвозкунанда; 2) маҷозан асп (6, Ҷ.2, с.308), инчунин ба маънои киштӣ ва воситаҳои ҳаракат дар мусобиқаҳои варзишӣ фаҳмида мешавад; **каббода -** воситаи варзиши бостонӣ, ки аз оҳан сохта мешавад, мисли камон, **ҳол** – милаҳое, ки аз гаҷ ва санг бар канори майдон кунанд, **форисӣ**– саворӣ кардан, асптозӣ, **қаъл**– шикор, воситаи варзиш, **кеш -** тирзан.

2. Истилоҳоте, ки унвони бозӣ, амалҳои ба он вобаста ва навъҳои варзишро фаро гирифтаанд: **сайъ** – давидан, **исобат** – бехато задани тир ба нишон, **бакӯқ**–нишона, **мусовӣ** – баробар, натиҷаи бозӣ, **иртибос** – саропо ба об фурӯ рафтан, **муаллақ** –кашидан, усул

дар мавриди гӯштин, **ғайс** – ғӯтазании шиновар дар об, **савғон** – тарзи давидани асп, **даҳра** – шамшери дудамаи нӯгтез.

3. Истилоҳоте, ки ба шахсияти варзишгарон ва ба сифати онҳо тааллуқ доранд: **қадарандоз** – паҳлавони нишонзан, мерган, **роиз**–он ки аспҳоро машқ диҳад, **расанбоз**–дорбоз, **сабоҳ**–шиновар, **ҷидрахш–** шатранҷбози комил, **Сабоғар** – номи паҳлавон, **зарба** – амал дар бисёре аз намудҳои варзиш, амсоли муштзанӣ, тӯббозӣ ва ғ., **дами натъӣ** – навъе аз гӯштин, **силӣ**–усул дар варзиши гӯштингирӣ, **ғоиббоз**–шоҳмотбозе, ки ғоиб нишаста мебозад, **ақво//ақвиё**–қавӣ, пурзӯр, **аҳадӣ**–тирандоз.

4. Истилоҳоте, ки ба ҷойи гузаронидани намудҳои варзиш ва мусобиқот мутааллиқанд: **васеъмаҷол**–майдони васеъ ва фаррох, **вусъатобод**–майдони васеъ, паҳн, **фазо**–замини фарох, майдони варзиш.

Пӯшида нест, ки истилоҳот хосияти дар худ муҷассам намудани ҷиҳатҳои гуногуни ашё ва мафҳумҳои ашёиро молик аст. Ин аст, ки бештарини иқтибосоти арабӣ ҳамчун ҳиссаи нутқ моли исм мебошанд ва мутобиқи қоидаҳои грамматикии ин ҳиссаи нутқ ба зуҳур меоянд: **қаъб, қаввос, силӣ, фалохон, каъбатайн, аҳадӣ, тайёра, зарбӣ, сайъ, каъл, кеш, форисӣ, сабоҳ, даҳра, фазо** ва ғайра.

Дар баробари ин, як идда истилоҳоти арабӣ низ ба чашм мехӯранд, ки моҳиятан ба сифат тааллуқ доранд. Онҳо ҳамчун аломату хусусияти ашё ба ҳайси истилоҳ баромад мекунанд: **мусовӣ, ақво, ақвиё, исобат** (бехато), **савғон** (гашти асп) ва амсоли онҳо.

Ҳамин тариқ, маводи баррасишуда гувоҳи он аст, ки мавқеи иқтибосоти арабӣ, дар ташаккул ва ифодаи истилоҳоти соҳаи варзиш дар забони тоҷикӣ кам набудааст. Ин истилоҳот барои истифодаи мусобиқоти варзишӣ, шахсияти варзишгарон истифода шуда, аз ҷиҳати сохтори грамматикӣ яксон нестанд. Онҳо аз як калимаи холис, бо унсурҳои морфологӣ ва инчунин тавассути ба ҳам пайвастани решаҳои гуногун, ахиран дар қолаби ибораҳои изофӣ нуму кардаанд. Дар баробари ин, бархе аз истилоҳот таркибан аз ҷузъҳои арабию тоҷикӣ ба ҳам омадаанд, ки ин зимни азхудшавии вожаҳои арабӣ дар забони тоҷикӣ рӯй додааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Градаполов В.В.Учебник по боксу / В.В.Градаполов. – М.: Физкультура и спорт, 1971. - 223 с.
2. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷ.1. - Душанбе: Дониш, 1985. – 356 с.
3. Сафаров С., Нарзуллоев А. Чавгонбозӣ. Фарҳанги истилоҳоти тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ / С.Сафаров, А.Нарзуллоев. - Душанбе, 2015. - 24 с.
4. . Рустамов Ш. Исм / Ш.Рустамов. - Душанбе: Дониш, 1981. - 256 с.
5. . Сабзаев С.М. Лингвинистическое исследование суфийской терминологии таджикско-персидской прозыXI-XII вв.: автореф. док. дисс. / С.М. Сабзаев. - Душанбе, 1996. - 42 с.
6. Фарҳанги забони тоҷикӣ. - М.: Советская энциклопедия, 1969. - Ҷ.1. - 951 с.; - Ҷ.2. - 996 с.

МАВҚЕИ ИҚТИБОСОТИ АРАБӢ ДАР СОҲАИ ВАРЗИШ

Дар мақолаи мазкур мавқеи иқтибосоти арабӣ дар соҳаи варзиш мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Дар ибтидо чун соири забонҳои эронӣ забони форсии тоҷикӣ аз забонҳои юнонии қадим, лотинӣ ва шарқии эронӣ иқтибос гирифтааст, аммо дар давраи хилофати араб ва ҷорӣ шудани дини ислом дар асрҳои миёна аз забонҳои арабиву туркӣ иқтибос гардидани калимаву истилоҳот ба забони тоҷикӣ бештар ба мушоҳида мерасад. Ба таркиби луғавии забони тоҷикӣ роҳ ёфтани вожаву истилоҳоти арабӣ падидаи табиист, зеро баробари ҷорӣ гаштани дини ислом ва ташкили хилофат дар кишварҳои истилоёфтаи Шарқ забони арабӣ ҳамчун забони давлатӣ, забони илму муоширати байни халқҳо мавқеъ пайдо намуд, ҳамчуноне ки забони лотинӣ барои ақвоми аврупоӣ ин вазифаро бар дӯш дошт. Ин аст, ки аз унсурҳои арабӣ офаридани истилоҳоти бахши варзиш барои бой гардонидани таркиби луғавии забонамон мусоидат кардааст ва он ибтидои худро аз давраҳои аввали ташаккул ва таҳаввули забони форсии тоҷикӣ гирифтааст. Як бартарии вожаҳои иқтибосии арабӣ нисбат ба калимаҳои аслии забони тоҷикӣ дар он аст, ки ному мафҳуми ашёро ба таври мушаххас ифода менамоянд.

Калидвожаҳо: забони форсии тоҷикӣ, иқтибосот, мавқеи иқтибосоти арабӣ дар истилоҳоти варзишӣ, воридшавии луғати арабӣ, таркиби луғавии забони тоҷикӣ, тартиб додани истилоҳоти варзишӣ аз унсурҳои луғавии забони арабӣ.

МЕСТО АРАБСКИХ ЗАИМСТВОВАНИЙ В СПОРТЕ

Изначально, как и все другие иранские языки, персидско-таджикский язык заимствовал слова из древнегреческого, латинского и восточно-иранского языков, однако во времена арабского халифата и распространения ислама всё больше наблюдается вхождение в таджикский язык слов из арабского и тюркского языков. В данной статье автор рассматривает место арабских заимствований в спортивной терминологии. Вхождение арабской лексики в словарный состав таджикского языка это естественное явление, так как с распространением ислама и создания халифата в завоёванных восточных странах действующим государственным языком (во всех сферах, в том числе и науке и международных отношениях) являлся арабский (подобно латинскому для всех европейских стран). «Заимствования арабской лексики на первом этапе развития языка свидетельствует о влиянии арабского языка. Арабская лексика распространялась в таджикском языке посредством арабских политических покровителей, агитации и пропаганды ислама со стороны духовных лиц, совершении религиозных обрядов, обучения и изучения грамоте. Конструирование спортивной терминологии из лексических элементов арабского языка способствует обогащению словарного состава и оно берет своё начало с первого периода развития персидско-таджикского языка.Одно преимущество арабизмов по сравнению с исконно-таджикскими словами проявляется в том, что они конкретно выражают названия и понятия предметов.

Ключевые слова: персидско-таджикский язык, заимствования, место арабских заимствований в спортивной терминологии, вхождение арабской лексики, словарный состав таджикского языка, конструирование спортивной терминологии из лексических элементов арабского языка.

PLACE OF ARABIC BORROWINGS IN SPORT

Initially, like all other Iranian languages, the Persian-Tajik language borrowed words from the ancient Greek, Latin and East Iranian languages, however, in the days of the Arab caliphate and the spread of Islam, words from the Arabic and Turkic languages are increasingly seen in the Tajik language. In this article, the author considers the place of Arab borrowings in sports terminology. The entry of Arabic vocabulary into the vocabulary of the Tajik language is a natural phenomenon, since with the spread of Islam and the creation of the caliphate in the conquered eastern countries, the acting state language (in all areas, including science and international relations) was Arabic (like Latin for all European countries) "Borrowing Arabic vocabulary at the first stage of the development of the language testifies to the influence of the Arabic language. Arabic vocabulary was disseminated in the Tajik language through Arab political patrons, agitation and propaganda of Islam by clergy, religious ceremonies, and the teaching and study of literacy. The construction of sports terminology from the lexical elements of the Arabic language enriches the vocabulary and it dates back to the first period of the development of the Persian-Tajik language. One advantage of Arabisms compared to the original Tajik words is that they specifically express the names and concepts of objects.

Keywords: Persian-Tajik language, borrowings, place of Arabic borrowings in sports terminology, the entry of Arabic vocabulary, the vocabulary of the Tajik language, the construction of sports terminology from the lexical elements of the Arabic language.

Сведения об авторе: ***Шафоатов А.*** - Таджикский физкультурный институт им. С.Рахимова, кандидат филологических наук, заведующий кафедрой языков. **Адрес:** 734026, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Лучоб, 53

Information about the author: ***Shafoatov A***. - Tajik Institute of Physical Education. S. Rakhimova, Candidate of Philological Sciences, Head of the Department of Languages. **Address:** 734026, Republic of Tajikistan, Dushanbe, ul. Luchob, 53

УДК: 491.55-3:891.550:82

КОРБУРДИ КАЛИМАҲОИ АРАБӢ ДАР ОЧЕРКИ ТАЪРИХИИ САДРИДДИН АЙНӢ "ИСЁНИ МУҚАННАЪ"

Афғонова М.
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Таркиби луғавии забонро бидуни калимаҳои иқтибосӣ тасаввур кардан аз имкон берун аст. Иқтибосшавии калимаҳо аз як забон ба забони дигар бо сабабҳо ва роҳҳои гуногун сурат мегиранд. Калимаҳои иқтибосӣ асосан ба воситаи доду гирифти иқтисодию фарҳангӣ, муносибатҳои иҷтимоию сиёсӣ, ҳамсоягии халқҳо, хешу табории қавмҳои ҳамдин, ҳодисаҳои таърихӣ ва ғайра ба таркиби луғавии забон ворид мегарданд.

Вале ба забони тоҷикӣ дохил шудани унсурҳои лексикаи арабӣ дар ҳамаи даврaҳо характери якхела надошт. Дар асрҳои IX - X дар хоки Мовароуннаҳр ва Хуросон забони тоҷикӣ барои ин ки ҳамчун забони умумихалқӣ шакл гирад, бо дигар лаҳҷаву забонҳо, аз ҷумла бо забони арабӣ, муқобилат мекард. Дар ин давра ба таркиби луғавии забони тоҷикӣ дохил шудани калима ва ибораҳои арабӣ ғайр аз кӯшиши синфҳои ҳукмрон ва рӯҳониёни ислом сабабҳои дигар низ доштанд. Аҳли илму адаб, хусусан адибон дар нигоштаҳояшон кӯшиш менамуданд, ки лексикаи забони ғайрро кам истифода намуда, фасоҳату балоғати забони модариашонро нигоҳ доранд ва ин ганҷи пурқимати хешро ба пасояндагон поку беолоиш мерос гузоранд. Забони тоҷикӣ дар дунё чун забони назму наср эътироф гардида буд. Дар нигоштаҳои устодони калом А. Рӯдакӣ, А. Фирдавсӣ, Дақиқӣ, Робиаи Балхӣ барин бузургони адабиёт кам андар кам иқтибосоти арабӣ мушоҳида мегардад. Бар замми ин, калимаҳои арабӣ дар давраи истилои арабҳо тавонист ба таркиби луғавии забони тоҷикӣ роҳ ёбад. Як гурӯҳ калимаҳои арабӣ то имрӯз дар истеъмол буда, дар баробари калимаҳои аслӣ дар мубодилаи афкори омма хизмат мекунанд, гурӯҳи дигар камистеъмол буда, дар асарҳои таърихӣ ва илмиву адабӣ ба назар мерасанд. Дараҷаи истифодаи калимаҳои иқтибосии арабӣ дар асарҳои нависандагон вобаста ба муҳтавои асар ба таври гуногун сурат гирифтааст. Дар мақолаи мазкур мехоҳем доир ба корбурди лексикаи арабӣ дар очерки таърихии Садриддин Айнӣ "Исёни Муқаннаъ" ибрози андеша намоем.

Очерки таърихии "Исёни Муқаннаъ" доир ба муборизаи озодихоҳонаи халқи тоҷик бар зидди истилогарони арабӣ бахшида шудааст. Корбурди лексикаи арабӣ дар асар мавқеи махсус дорад.

Устод Садриддин Айнӣ доир ба истифодаи калимаҳои иқтибосӣ, хусусан иқтибосии арабӣ дар мақолаи "Дар атрофии забони форсӣ ва тоҷикӣ" чунин навишта буд: «Ман шахсан ба кор фармудани баъзе суханҳои арабӣ, ки имрӯз дар забони форсу тоҷикӣ ҳазм шудааст, муқобил нестам ва инчунин кор фармудани истилоҳҳои илми арабро, ки аз имрӯзаи форсӣ ё тоҷикӣ ба ҷойи онҳо сухани қобиле ёфт намешавад, лозим медонам» [3, с.77].

Бояд зикр намуд, ки калимаҳои иқтибосии арабиро дар асар аз ҷиҳати дараҷаи истеъмол ба ду гурӯҳ тасниф кардан мумкин аст:

1. Лексикаи умумиистеъмол;
2. Лексикаи камистеъмол.

Дар асар лексикаи умумиистеъмоли арабӣ серистеъмол буда, қисми бештари он имрӯз низ дар истифодаанд. Чунинчи: соҳиб, қавл, масоҳат, бисот, хайма, тараф, мактаб, бизоат, ҳокимият, муҳайё, ишрат, интиқом, таскин ва ғайра.

Дар ҷумлаи зерин калимаҳои арабии қавл, ҳисор, муаллиф, масоҳат, васеъ истифода гардидаанд, ки барои хонанда фаҳмост буда, ҳоҷат ба шарҳи чунин вожаҳо нест: *Назар ба* ***қавли муаллифи*** *«Таърихи Наршахӣ» ин коргоҳ бисёр калон буда, аз девори* ***ҳисор*** *(арк) то девори шаҳристон (девори шаҳр)* ***масоҳати*** *бисёр* ***васеъеро*** *дар бар мегирифтааст [1, с.123].* Дар ҷумлаи зерин калимаҳои ***бисот, хайма, сақф, лифофҳо*** истифода шудаанд: *Дар ин коргоҳ* ***бисотҳо*** *(қолин, гилем ва умуман чизҳое, ки дар зери пой паҳн карда мешаванд), шодарвонҳо–пардаҳо, шомиёнаҳо, пардаҳои пеши* ***хайма*** *ва пардаҳое, ки ба ҷойи соябон дар рӯйи ҳавлӣ ба тарзи* ***сақф*** *мекашанд, болиштҳо,* ***лифофҳо*** *(кӯрпаҳо), ҷомаҳо ва сӯзаниҳои гулдӯзӣ мебофтанд ва медӯхтанд [1, с.131].* Калимаи бисот ба чанд маънӣ фаҳмида мешавад ва дар “Фарҳангт тафсирии забони тоҷикӣ” чунин шарҳ ёфтааст: **Бисот** 1. ҳар чизе, ки дар зери по паҳн карда мешавад, ҳар чизи густурданӣ (*аз қабили* гилем, палос). 2. асбобу анҷом, чизу чора, сомон, бизоат; дороӣ, боигарӣ: **бисоти хона**; ◊ **дар бисотам** дар ихтиёрам, дар дастам; **бисоти адл ба(р)по намудан** адлу инсофро пойдор кардан; адолат ҷорӣ сохтан; **бисоти айш оростан** лавозими айшу ишратро муҳайё кардан; айшу ишрат кардан [8, с.216]. Калимаи мазкур дар забони тоҷикӣ ба маънои чизу чора, дороӣ истифода мегардад. Калимаҳои ***сақф, лифофҳо*** аз истеъмол баромадаанд ва ба чунин маъниҳо истифода мешуданд: 1. Сақф –шифти хона, пӯшиши болои хона [9, с.200]. Калимаи лифоф дар фарҳангҳо зикр нашудааст, аммо нависанда онро кӯрпача шарҳ додааст [1, с.171].

Калимаҳои ***интиқом, таҳқир, таскин*** барои хонанда маълум буда, аслан арабианд. Маҳз қудратмандии забони тоҷикист, ки як қисм калимаҳои арабӣ дар калимасозию таркибсозӣ истифода мегарданд. Калимаҳои арабии ***интиқом, таҳқир*** дар ҷумлаи зерин чун ҷузъи номии феълҳои таркибии номӣ бо феълҳои ёвари ***гирифтан, ёфтан*** омадаанд: *Муқаннаъ, ана, ҳамин гуна аз мурда ваҳшиёна* ***интиқом гирифтани*** *арабҳоро медонист ва бинобар ин, ӯ нахост, ки ҷасадаш дар дасти душманҳояш афтода* ***таҳқир ёфта,*** *сабаби* ***таскини*** *ғазаби ваҳшиёна ва боиси шодиёнаи онҳо шавад [1, с.178].*

Калимаҳои ҷасад, маҳв, қабул, ақл низ арабӣ буда, дар забони тоҷикӣ серистеъмоланд. Калимаи маҳв бештар чун ҷузъи номии феълҳои таркибии номӣ дар услуби китобӣ истифода мегардад. ***Маҳв кардан*** ба маъниҳои сутурдан, пок кардан, сутурдани нақш ё хатте аз коғаз, девор *ва ғ.* 2. несту нобуд кардан: **маҳви душман, маҳви лашкар; маҳви бесаводӣ** нест кардани бесаводии саросарӣ; **мактаби маҳви бесаводӣ** гурӯҳҳое, ки барои дар муддати кӯтоҳ саводнок кардани аҳолӣ дар солҳои бистуму сиюми асри гузашта ташкил дода буданд. 3. маҷ. ҳайронии аз ҳад зиёд аз ягон чизи зебо ва тааҷҷубовар; шефта, мафтун; **маҳву мот** аз шиддати ҳайрат гарангшуда, сахт дар ҳайрат монда, моту мабҳут [8, с.657] шарҳ ёфтааст. Дар мисоли зер ба маънии несту нобуд кардан омадааст ва бештар ба ин маънӣ истифода мегардад: *Бинобар ин, ӯ худро тамоман* ***маҳв кард****, ки аз ҷасадаш гарде ҳам ба дасти душманҳояш наафтод. Вагарна ақл* ***қабул намекунад****, ки Муқаннаъ барои фиреб додани пайравони худ (чунонки муаллифи «Таърихи Наршахӣ» гуфтааст) ин корро карда бошад [1, с.178].*

Дар мисоли зерин калимаҳои арабии ***ҳуҷум, арз, шикоят, зулм, мулк, қавл, рустоӣ, мусаллаҳ, ҳисоб, табаддулот*** ва ғ. истифода гардидаанд, ки бе ягон шарҳу эзоҳ маънии онҳоро фаҳмидан мумкин аст: *Чунончи, бухорхудоти охирин, ки як зан буда, арабҳо дар замони ӯ ба Бухоро* ***ҳуҷум карданд****, назар ба қавли Наршахӣ ҳар рӯз аз қасри худ ба Регистони Бухоро фуромада,* ***арзу*** *дод мепурсид ва дар вақти арзпурсии ӯ дусад нафар савор аз деҳқонзодагон ва* ***рустоиҳои мусаллаҳ*** *омада, дар пеши ӯ ба хизмат тайёр шуда меистоданд ва рӯзи дигар боз дусад нафари дигар меомад, ки ба ҳар кадоми ин гурӯҳҳо дар як сол чор бор (чор рӯз) навбат мерасид (аз ин ҳисоб маълум мешавад, ки он зан дар вақти ҳуҷуми арабҳо дар зери дасти худ 18-19 ҳазор савори* ***мусаллаҳ*** *доштааст) [1, с.112]. Ин бухориён ба Наср аз дасти бухорхудот* ***шикоят карданд****, ки ӯ заминҳои моро аз дасти мо бо зулму зӯрӣ гирифт ва аз Восил ҳам дод гуфтанд, ки ӯ ба ҳар кори бухорхудот ёрӣ медиҳад ва ҳар дуи онҳо як шуда,* ***мулку*** *чизҳои мардумро ба* ***ситам*** *мегиранд [1, с.113]. Дар ҳамин вақт як* ***хурӯҷи*** *бисёр калон рӯй дод, ки дар олами ислом сабаби* ***табаддулоти*** *таърихӣ шуда, дар Хуросон ва Мовароуннаҳр рӯҳи исёнкориро баланд кард [1, с.114].*

Калимаи арабии ***соҳиб*** дар забони тоҷикӣ серистеъмол буда, ҳатто одамон ба фарзандонашон Соҳиб ё Соҳиба ном мегузоранд. Соҳиб дар “Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ” чунин шарҳ ёфтааст: Дорандаи чизе, молик; **соҳиби хатту савод** хатхон ва хатнавис, босавод; **соҳиб будан** *ба чизе* доро будан ба чизе, молик будан; *ба чизе* **соҳиб доштан** ба касе тааллуқдор будан, аз они касе будани чизе. 2. *ҷузъи пешини баъзе*

калимаҳои мураккаб ба маънои дорандагӣ: **соҳибдавлат** [9, с.262]: *Даромади асосии мамлакат аз деҳқонӣ буда, ҳар деҳа ё ин ки чанд деҳа як* ***соҳиб*** *дошт, ки ӯро «деҳқон» номиданд [1, с.98].* Нависанда дар мавриди калимаи деҳқон чунин нигоштааст: **Деҳқон** - арабикардашудаи калимаи «деҳгон» аст, ки дар забони тоҷикии қадимӣ «соҳибдеҳа» гуфтан аст. Аммо дар замонҳои охир ин калима умуман, ба маънои касони ба киштукор машғулшаванда ва аз ҳосили замин фоидабаранда кор фармуда шуд. Мо дар ин асар, ки аҳволи қадимии Мовароуннаҳр ва Хуросонро баён мекунем, калимаи «деҳқон»-ро ҳам ба маънои қадимиаш - ба маънои «соҳибдеҳа» ва «заминдори калон» кор мефармоем *[1, с.98].*

Дар маводи гирдовардаи мо калимаҳои арабии ***хилофат, ҳуҷум, забт, мағлуб, хилофат, муяссар, маҷбур, масҷид*** серистеъмоланд, ки ин, пеш аз ҳама, ба рафти ҳодисаву воқеаҳо мансуб аст: *Арабҳо дар замони* ***хилофати Умар ибни Хаттоб*** *(солҳои 13-23-уми ҳиҷрӣ–635-644 милодӣ) ба Хуросон* ***ҳуҷум*** *оварда, то лаби рӯди* ***Чайҳун*** *(Ому) расида бошанд ҳам, дар замони хилофати Усмон ибни Аффон (солҳои 23-35-уми* ***ҳиҷрӣ****–644-657 милодӣ) аҳолии Хуросон чандин бор исён карда, арабҳоро пеш карданд ва* ***забти*** *ҳақиқии Хуросон ба арабҳо дар замони* ***хилофати Муовия*** *(солҳои 41-60-уми ҳиҷрӣ – 662-680-уми милодӣ)* ***муяссар*** *шуд [1, с.102]. Дар охир* ***мағлуб*** *шуда бо арабҳо ба сулҳ бастан маҷбур шуда бошанд ҳам, душманро ба шаҳр роҳ надоданд ва ӯро бо додани пули сулҳона ва моли бисёр аз дарвозаи шаҳр гардонданд [1, с.104]. Қутайба ба Мовароуннаҳр чор бор* ***ҳуҷум карда****, дар дафъаи чорум дар соли 94 ҳиҷрӣ (713 милодӣ) дар Бухоро, Самарқанд ва дигар шаҳрҳо ва деҳаҳои калон* ***масҷидҳо*** *бино карда, ин вилоятҳоро дар қатори мамлакатҳои ислом даровард [1, с.102]. Албатта, дар ҳар бори ин ҳуҷумҳо аҳолии* ***маҳаллӣ ба муқобили*** *арабҳо сахт истодагарӣ карда ҷангҳои хунин карданд ва баъд аз* ***мағлуб шудан*** *ҳам дар вақти* ***таклифи*** *қабули ислом ва ё* ***даъват*** *ба* ***масҷид*** *боз исён ва шӯришҳо барпо мекарданд [1, с.102].*

Қайд кардан бамаврид аст, ки калимаҳои иқтибосии арабии умумиистеъмол дар асар зиёд мушоҳида гардиданд. Дар баробари чунин иқтибосоти арабӣ, иқтибосоти душворфаҳм, архаистӣ, таърихӣ низ зиёд ба кор бурда шудаанд. Калимаи арабии ***ғасб*** бо феъли ёридиҳандаи кардан омада, феъли таркибии номии ***ғасб кардан*** сохтааст. Таркиби феълии **ғасб кардан** камистеъмол буда, ба маънои зерин шарҳ ёфтааст: Ғасб-чизи каси дигарро бо зӯрӣ кашида гирифтан; **ғасб кардан (намудан)** бо зӯр чизеро кашида гирифтан [8, с.378]. Калимаи хироҷ истилоҳи соҳаи иқтисодӣ буда, як навъ андозе, ки аз замин ва маҳсулоти заминӣ гирифта мешуд [9, с.438] ва имрӯз дар истеъмол нест: *Худотҳо ба замми ин ки ба тариқаи мерос ё харида гирифтан ва ё* **ғасб карда** *гирифтан ба чанд деҳа* ***соҳиб*** *мешуданд, аз деҳқонон (аз заминдорони калон ва соҳиби деҳа)* ***хироҷ*** *ва андоз ҳам мегирифтанд [1, с.99].*

Дар ҷумлаи зерин калимаи ***мустасно*** истифода гардида, ки барои хонанда нофаҳмост. Дар ФТЗТ ба маънои истисношуда; берун аз қоидаи муқаррарӣ [8, с.852] омадааст: *Аз ин ҳолати умумӣ танҳо Пайканд (дар 40 километри ғарбии шаҳри Бухоро)* ***мустасно буд, ки*** *аҳолиии он қалъа бештарин савдогар буда, ҳокимият ҳам дар дасти худашон буд ва ба бухорхудот чандон итоат надоштанд [1, с.99].*

Калимаҳои ***маъмурон, халифа, музофот, волиён*** низ камистеъмол буда, дар маводи мо серистеъмоланд. Калимаи арабии ***халифа*** таърихӣ буда, ба маъниҳои 1. ҷонишин, касе, ки ҷонишини каси дигаре бошад. 2. лақаби подшоҳони ислом, ки ноиби Муҳаммади пайғамбар (с) ва пешвои мусулмонон маҳсуб мегаштанд. 3. ҷонишин, дастёри усто, косиб [9, с.436]; ***маъмур*** ба ду маънӣ истифода мешуд: амршуда, фармонгирифта. 2. он ки ба ӯ амр шудааст, то ягон кори давлатиро ба анҷом расонад; корманди давлатӣ; вазифадоршуда, мутасаддӣ барои иҷрои коре; амалдор, мансабдор [8, с.784]; ***музофот***- маҳалҳо ва ноҳияҳои тобеи маркази маъмурӣ; гирду атрофи шаҳри калоне [8, с.830]; ***волӣ*** калимаи таърихӣ буда, ба маънои он ки ба идораи вилояте таъйин мешуд, ҳокими вилоят истифода мегардид: ***Маъмурони халифаҳои*** *араб ҳар сол дар* ***бадали*** *хироҷи Бухоро аз ҳамин* ***матоъҳо*** *барои* ***халифа*** *мебурдагӣ шудаанд.* ***Матоъҳои*** *либосворӣ ва ҷомаҳои ин коргоҳро то Шом, Миср, Рум ва шаҳрҳои дигар мебурдаанд [1, с.100]. Ҳамаи ин фактҳо дар Бухоро ва* ***музофоти*** *он пеш аз исломият бисёр* ***ривоҷ*** *ёфтани ҳунарҳои дастии гуногуни дилчасп ва пурбаҳои нафисро нишон медиҳанд ва инро ҳам нишон медиҳанд, ки як қисми аҳолӣ ба ҳамин ҳунар машғул буда, аз болои ҳунари худ бо дасти ранҷи худ нон мехӯрдаанд [1, с.101]. Ихтиёри ҳукумат, таъйини андозҳо ва ғундоштани онҳо дар дасти* ***волиёни*** *араб буда, худотҳо дар ин кор ба онҳо ёрӣ медоданд ва дастёрӣ мекарданд ва ҳаққи ин хизмати ба арабҳо кардаашонро аз аҳолӣ мегирифтанд [1, с.104]. Агар сабаби ин* ***тадбири*** *Қутайбаро ба забони тоҷикии сода ифода кунем, ин кор барои бирён карда хӯрдани гӯшти аҳолии маҳаллӣ дар равғани худашон буд.* ***Ҳокимони*** *маҳаллӣ дар мулку моли дар дасташон мондагӣ (замину боғ) аҳолиро кор фармуда, аз меҳнати онҳо мисли пештара озодона фоида мебурданд [1, с.106].*

Калимаи ***ҷизя*** як навъ андозе буд, ки мувофиқи қонуни ислом аз касони дар қаламрави кишвари исломӣ зиндагикунанда, ки дар дини ислом набошанд, ба тарзи саршуморӣ гирифта мешуд *[1, с.106]. Қутайба ба касоне, ки дини исломро қабул кунанд,*

сабукиҳо ваъда кард, дар ҳолате ки аз касони мусалмон нашудагӣ ба номи ***ҷизя*** *як андози саршуморӣ мегирифт, мусалмоншудагонро аз ин андоз озод кард [1, с.106].*

Калимаи ***амин*** арабӣ буда, ба чанд маъни фаҳмида мешуд: амонатдор, касе, ки ба ӯ метавон эътимод кард, эътимоднок, одами росткор; ростқавл, муътамад; **амин будан** бовар доштан, мутмаин будан. 2. *таър.* сардори ноҳия ва ё қишлоқ дар хонигарии Бухоро. 3. *таър.* маъмури андозгири бозор [8, с.61]. Дар маводи мо ба маънии ***боварӣ, эътимод*** омадааст: *Ман ба ин* ***амин*** *нестам, зеро ки арабнажод аст ва дар мисоли саг аст, агараш бизанӣ, бонг занад ва агар чизе диҳӣ, дум бичунбонад…[1, с.109].*

Нависанда барои гурез аз такрор муродифи калимаи ***амин будан***, ***эътимод доштанро*** истифода намудааст: *Қутайба роҳи фиребро гирифту Салими Носеҳ ном касеро, ки Язак ба вай* **эътимод дошт,** *барои амон дода овардан ба пеши ӯ фиристод [1, с.109].*

Дар ҷумлаи зерин калимаҳои арабии ***забт, ихтилол, исён, хурӯҷ*** корбаст шудаанд, ки калимаи ***ихтилол*** архаистӣ ва нофаҳмост. ***Ихтилол*** ба маънои 1. ошуфтагӣ, парешонӣ, дарҳамию барҳамӣ, бетартибӣ, бесарусомонӣ. 2. *мақ.* ошуфтагии фикр, нуқсони ақл [8, с.592] фаҳмида мешавад: *Баъди аз тарафи арабҳо* ***забт карда*** *шудани Хуросон ва Мовароуннаҳр ва пеш аз шӯриши Муқаннаъ дар ин сарзаминҳо як қатор шӯришҳо, исёнҳо,* ***ихтилолҳо*** *ва* ***хуруҷҳо*** *рӯй додаанд, ки мо дар ин ҷо баъзе аз онҳоро ёд карда мегузарем [1, с.110].*

Дар ҷумлаҳои зерин калимаҳои арабии ***хурӯҷ, доиён, маърака, куният*** истифода гардида, ки хосси услуби бадеӣ буда, ҳангоми шарҳи ҳодисаву воқеаҳои замони истилои арабҳо ба кор бурда мешаванд. Вожаи куниятро нависанда чунин шарҳ додааст: Дар арабӣ лақабҳоеро, ки дар аввали онҳо абӯ ё абӣ ояд, куният мегуфтанд: *Абӯмуслим яке аз ҳамин* ***доиёни*** *маҳаллӣ буд, ки дар охир ҳамаи* ***роҳбарияти хурӯҷи*** *ба* ***муқобили уммавиён****ро ба дасти худ гирифт [1, с.116]. Абӯмуслим низ дар вақти* ***хуруҷи*** *худ сиёҳ пӯшида ва дар ғайри маъракаи ҷанг ханда намекард…[1, с.117]. Номи ӯ Иброҳим ва кунияташ Абӯисҳоқ буд ва падараш Муслим ном дошт [1, с.117]. Иброҳим Имом ба ӯ таклиф кард, ки ном ва кунияти худро дигар кунад (ин барои ҳамин буд, ки ба худи Иброҳим Имом ҳамном набошад). Бинобар ин, ӯ номи худро Абдурраҳмон ва кунияти худро Абӯмуслим гузошт…[1, с.117].*

Калимаҳои ***сарроҷӣ, эҳтироз, интиқоб*** имрӯз камистеъмоланд, ё дар истифода нестанд. Калимаи ***сарроҷӣ*** ба маънои зингарӣ. 2. ҷойи зинфурӯшӣ: дӯкони сарроҷӣ, растаи сарроҷӣ [8, с.221]: *Аз ин навиштаҳо, ки аз манбаъҳои аввалӣ ва аз шоҳидони воқеаи Абӯмуслим (Насри Сайёр) гирифта шудаанд, маълум мешавад, ки Абӯмуслим аз* ***авлоди*** *форс-тоҷик буда, аз ғуломони як қабилаи араб буд ва ба касби* ***сарроҷӣ*** *машғулӣ мекард [1, с.117]. Бояд ҳар касеро, ки дар Хуросон забони арабиро донад, зинда нагузорӣ ва аз мухолифати Сулаймон ибни Касир* ***эҳтироз ва иҷтинобро*** *воҷиб шуморӣ, ба ӯ ҳаргиз мухолифат накунӣ [1, с.118].*

Феъли таркибии номии ***байъат кардан*** аз исми арабии ***байъат*** ва феъли ёвари ***кардан*** таркиб ёфта, ба маънои муоҳида, аҳду паймон, муоҳидаи дӯстӣ, паймон бастан барои фармонбардорӣ ва итоат аз касе, ки одатан бо даст додан анҷом меёфтааст; пешвоӣ ё роҳбарии касеро пазируфтан маънидод шудааст [8, с.129]: *Дар ин миён, пеш аз он ки қосиди Абӯсалама аз Мадина баргардад, базе сардорони лашкари Ҳасан, ки аз таги кор ва аз мақсади ҳақиқии Ҳасан ва Абӯмуслим хабар надоштанд, аз будани Аббосиён дар Кӯфа хабар ёфта, ба Абулаббос* ***байъат карданд****, ки дар натиҷа* ***байати*** *умумӣ рӯй дод ва ночор Абӯсалама ва Ҳасан ҳам ба ӯ* ***байъат карда,*** *дар моҳи* ***рабеъулаввали*** *соли 132 ҳичрӣ (750 милодӣ) расман ӯро халифа эълон карданд [1, с.123].*

Дар ҷумлаи зерин калимаҳои габр, маҷусӣ, матонат, эътимод корбаст гардида, ки вожаи маҷусӣ юнонӣ, габр- аслӣ, матонату эътимод - арабианд ва камистеъмоланд: *Аммо ба касоне, ки барои ба даст даромадани мақсади вай нақшҳои асосиро бозӣ мекунанд ва дар* ***матонату*** *роздории онҳо* ***эътимод*** *дорад, рози худро ба дараҷаи даркорӣ мекушод, чунончи ба як* ***габри маҷусии*** *оташпараст Эрон рози худро кушода буд [1, с.125].*

Дар маводи гирдовардаи мо калимаҳои ***ваҷҳ (аз ин ваҷҳ), низоъ, халифа, муътамид, соир, ҷиҳозот, матрукот*** истифода шудаанд, ки дар истеъмол нестанд, ва ё дар услуби бадеӣ корбаст мешаванд: *Синдбод аз* ***ваҷҳи*** *ин* ***низоъ*** *ба Абӯмуслим аз аскарони худ ду ҳазор нафар саворро ба ихтиёри ӯ ва барои мадад расондан ба ӯ фиристод[1, 126]. Абӯмуслим ин сухани* ***халифаро*** *шунида қувваи асосии худро дар шаҳри Рай гузошта, бо ҳазор нафар хосони худ ба* ***хузури*** *халифа ва аз он ҷо ҳаҷ карданро баҳона карда ба Макка сафар кард [1, с.128]. Абӯҷаъфар ба Абӯмуслим пай дар пай* ***қосидони муътамид*** *фиристода, ба ӯ навишт, ки «ин ҳаракати туро мардум нисбат ба ман исёни ту мешуморанд [1, с.129]. Матрукоти Абӯмуслим аз аслиҳа ва соири ҷиҳозот чандон ба дасти Синдбод афтод, ки муҳосиби вай ҳам аз шумори он оҷиз омад ва лашкараш ба сад ҳазор расида, аз Рай то Нишопур ба даст даровард [1, с.104].*

Дар ҷумлаи зерин калимаҳои ***шуъбада, найранҷот, гозурӣ*** истифода гардида, ки дар ин қолаб дар истифода нестанд. Гозурӣ ё козурӣ шустагарӣ. Козурӣ аз ҷомашӯйии одӣ, ки дар ҳар хонадон либосҳои пӯшида чиркин кардашударо мешӯянд, фарқи калон дорад. Козурӣ як касби ҷудогона аст, ки вайро дар забони ҳозираи тоҷикӣ шустагарӣ мегӯянд, на

ҷомашӯй. Дар козурӣ либосҳои навбофтаро бо тарзҳои махсус шуста ва кӯфта сафед ва суфта мекунанд [2, с.160]: *Муқаннаъ марде буд аз аҳли рустои (деҳаи) Марв, аз деҳае, ки онро Коза хонанд ва номи ӯ Ҳошим ибни Ҳаким буд ва вай дар аввал* ***гозурӣ*** *мекард ва баъд аз он ба илм омӯхтан машғул шуд ва аз ҳар ҷинс илм ҳосил кард, илми* ***шуъбада*** *(чашмбандӣ) ва илми* ***найрангҷот*** *(найрангҳо) биомӯхт, бағоят зирак буд ва китобҳои бисёр аз илми пешиниён хонда буд ва дар ҷодугарӣ бисёр устод буд… » [1, с.140].*

Нақиб вожаи арабии куҳна буда, ба маънои. 1. сардори қабила, раиси қавм. 2. *таър.* мансабе буд, ки ба хоҷагон медоданд [8, с.894] истифода мегардид ва имрӯз дар истеъмол нест: *Чунки* ***нақиб*** *аз рӯйи истилоҳи ҳарбӣ ва маъмурии феодалии шарқ меҳтари қавм ва донишманди қавм ба шумор меравад, ки ба вай расман ин лақабро медиҳанд. Абӯмуслим ҳафтод нақиб дошт, ки ҳамаи корҳоро бо машварати онҳо мекард, назар ба ин ривоят Муқаннаъ яке аз онҳо буд [1, с.144].*

Калимаи нифоқ ба маънои - дурӯягӣ, мунофиқӣ. 2. ҳусумат, душманӣ; **нифоқ андохтан** ҷудоӣ андохтан; ба якдигар душман кардан [8, с.925]; риё ба маънои худро некукор ва покдоман ба қалам додан, ба ҷо овардани коре барои худнамоӣ ва намуди зоҳирӣ, дурӯягӣ, мунофиқӣ; **рӯю риё кардан** а) поси хотири касеро нигоҳ доштан; б) дурӯягӣ (мунофиқӣ) кардан [8, с.125] истифода мегардиданд. Имрӯз ин калимаҳо ба гурӯҳи калимаҳои архаистӣ шомил гардидаанд: *Инчунин Муқаннаъ роҳи Синдбоди маҷусиро ҳам, ки ба мусалмонон бо як роҳ ва ба ғабрҳо (маҷусиёни Эрон) бо роҳи дигар ташвиқот мебурд ва ба иборати дигар, барои расидан ба мақсад роҳи* ***нифоқ*** *ва* ***риёро*** *пеш гирифта буд, низ мувофиқ наёфт ва рӯйирост ба ислом муқобил баромад ва мусалмоншудагонро ба ғаштан аз дини ислом даъват кард ва хост, ки ҳамаи аҳолии Хуросонро ба роҳи халосӣ аз арабҳои истилогар дарорад [1, с.153].*

Дар ҷумлаи зерин калимаҳои ***волӣ, рағиб, нақб, қалъа*** ва ғайра истифода шудааст. Калимаҳои ***волӣ*** ва ***рағиб*** дар истеъмол нестанд, аммо калимаҳои **нақб** ва ***қалъа*** аз нав эҳё гардидаанд. ***Рағиб*** ба маънои толиб, хоҳон истифода мешуд: *Аммо дар ин ҷанг* ***волӣ*** *ғалаба карда натавонист ва сафедҷомагон ҳам, ки ҳанӯз тайёрии дуруст надоштанд, ба сулҳ* ***рағиб*** *шуданд, ба ҳамин тариқа дар миёнаи сафедҷомагон ва* ***волӣ*** *сулҳ баста шуд [1, с.104]. Молик фармуд, аз лашкаргоҳ то зери девори* ***қалъа нақб заданд*** *ва аз таги девори қалъа зери бурҷеро ҳам ба дарозии панҷоҳ ғаз ба тарзи* ***нақб*** *кофтанд ва ҳар ҷоеро, ки аз таги девори* ***қалъа*** *мекофтанд, дар он ҷо аз чӯб сутуне мегузоштанд, то ки девори* ***қалъа*** *баногоҳ ба сари нақбзанон наафтад ва ҳам сирри ин кор пеши сафедҷомагон пеш аз вақт кушода нашавад [1, с.158].*

Калимаҳои арабии ***саъб, иҷобат, бадрақа, ҷадда*** имрӯз дар истеъмол нестанд. Нависанда барои нишон додани ҳодисаҳои замони истилои араб калимаҳои душворфаҳм ва архаистии арабиро зиёд ба кор бурдааст. *Ба қалъа расидам, роҳаш* ***саъб буд*** *(сахт буд), маро андаруни қалъа як рӯз бидоштанд, пас касе омад ва маро бибурд ва яке хона дидам ороста ба дебо ва пардаҳо овехта ва ғуломе бар дар истода овоз дод, ки: "Саид мегӯяд ба чӣ кор омадаӣ" [1, с.158]. Пас* ***иҷобат накард*** *ва маро ба назди хориҷа бурд ва гуфт: "инро* ***бадрақа кун*** *(касеро ба вай ҳамроҳ карда фирист), то касе ӯро наозорад" [1, с.163]. «Алӣ ибни Ҳорун, ки аз деҳқонони Кеш буд, мегуфт:* ***ҷаддаи*** *ман (модаркалони ман) аз ҷумлаи хотунони Муқаннаъ будааст… ӯ мегӯяд:* ***ҷаддаи*** *ман чунин мегуфт, ки рӯзе Муқаннаъ занонро бинишонд ба таом ва шароб бар одати хеш ва андар шароб заҳр кард ва ҳар занеро як қадаҳи хос дод ва гуфт: чун ман қадаҳи хеш бихӯрам, ҷумла қадаҳи хеш бихӯред [1, с.173].*

Очерки таърихии "Исёни Муқаннаъ" бозгӯйи ҳодисаву воқеаҳои озодихоҳонаи мардуми тоҷик бар зидди истилогарони араб мебошад. Аз натиҷаи тадқиқ ба чунин хулоса омадан мумкин аст:

1. Садриддин Айнӣ дар очерки таърихии "Исёни Муқаннаъ" калимаҳои зиёди арабиро истифода намудааст, ки бештари онҳо имрӯз умумиистеъмол буда, дар баробари вожаҳои аслӣ барои мубодилаи афкори омма хизмат мекунанд.

2. Як гурӯҳ калимаҳои иқтибосии арабие, ки нависанда истифода намудааст, серистеъмол буда, бештар дар услуби бадеӣ истифода мегарданд.

3. Як гурӯҳ калимаҳои иқтибосии арабӣ ифодакунандаи истилоҳоти соҳаҳои мухталиф, ба мисли соҳаи иқтисод, кишоварзӣ, ҳунармандӣ буда, имрӯз ба гурӯҳи калимаҳои таърихӣ шомил гардидаанд.

4. Як гурӯҳ калимаҳои иқтибосии дар асар истифодашуда имрӯз дар истеъмол нестанд. Нависанда онҳоро барои нишон додани замони истилои арабҳо ба кор бурдааст.

5. Як гурӯҳи калимаҳои архаистии арабӣ ифодакунандаи истилоҳоти соҳаи сиёсӣ мебошанд.

6. Мисолҳои зиёдеро дучор омадем, ки калимаҳои иқтибосии арабӣ чун ҷузъи номии феълҳои таркибӣ дар сохтани феълҳои таркибии номӣ истифода гардидаанд. Ин аз қудратмандии забони тоҷикӣ шаҳодат медиҳад.

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ С. Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик. Исёни Муқаннаъ. Очеркҳои адабию таърихӣ / С. Айнӣ. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2013. - 176 с.
2. Айнӣ С. Куллиёт. Ҷ. 12. / С. Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1976. - 563 с.
3. Айнӣ С. Дар атрофи забони тоҷикӣ ва форсӣ. Забон ва худшиносии миллӣ (маҷмӯаи мақолаҳо) / С. Айнӣ. – Душанбе, 2007. – 231 с.
4. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷ.1. – Душанбе: Дониш, 1985. - 355 с.
5. Маъсумӣ Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик / Н. Маъсумӣ. – Душанбе, 1959. - 295 с.
6. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ.1. –М., 1969. - 951 с.
7. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ.2. –М., 1969. - 949 с.
8. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ. 1. - Душанбе, 2008. - 950 с.

КОРБУРДИ КАЛИМАҲОИ АРАБӢ ДАР ОЧЕРКИ ТАЪРИХИИ САДРИДДИН АЙНӢ “ИСЁНИ МУҚАННАЪ”

Дар мақолаи мазкур масъалаи корбурди калимаҳои иқтибосии арабӣ баррасӣ мегардад. Муаллиф дар асоси маводи фаровон аз очерки “Исёни Муқаннаъ”-и Садриддин Айнӣ лексикаи иқтибосии арабиро аз ҷиҳати дараҷаи истеъмол тасниф намуда, мулоҳизаҳои илмиашро тавассути таҳлили мисолҳои фаровон исбот мекунад. Ба назари муаллиф калимаҳои иқтибосии арабӣ дар маводи тадқиқ серистеъмол буда, онҳоро аз ҷиҳати маънои семантикӣ таҳлил намудан муфид аст. Корбурди иқтибосоти арабӣ дар асар ба ҷараёни ҳодисаву вокеаҳои замони истилои арабҳо сахт алоқаманд аст. Иқтибосоти арабиро вобаста ба дараҷаи истеъмол ба ду гурӯҳ чудо намудааст: иқтибосоти умумистеъмол ва душворфаҳм, ё камистеъмол. Як гурӯҳи онҳо ҳамчун ҳуҷҷат истилоҳоти расмиро ифода мекунанд. Чунин иқтибосот моро ба таърихи ҳуҷҷатнигории замони истилои арабҳо ошно месозанд. Гурӯҳи дигари калимаҳои арабӣ имрӯз аз истеъмол баромадаанд. Ҳангоми таҳлили мисолҳо муаллиф ба фарҳангномаҳо ва адабиёти илмӣ такя намуда, шарҳи калимаҳои душворфаҳмро овардааст, ки бомаврид аст. Гурӯҳи боқимондаи чунин калимаҳо ифодакунандаи истилоҳоти соҳаи иқтисодиёт буда, имрӯз дар истеъмол нестанд. Калимаҳои иқтибосии арабӣ дар асар серистеъмол буда, дар сохтани феълҳои таркибии номӣ чун ҷузъи соҳибмаъно истифода гардидаанд, ки муаллиф чунин ҳодисаро қудратмандии забони тоҷикӣ меҳисобад.

Калидвожаҳо: калима, ибора, истило, Айнӣ, очерк, забон, серистеъмол, исм, феъл, арабҳо, забони арабӣ.

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ АРАБСКИХ ТЕРМИНОВ В ИСТОРИЧЕСКОМ ОЧЕРКЕ САДРИДДИНА АЙНИ «ВОССТАНИЕ МАКАННАЪ»

В статье рассмотрена тема использования арабских терминов. Автор на основе источников из очерка Садриддина Айни «Восстание Муканнаъ» классифицирует арабские термины по степени их использования и излагает свои выводы путём многочисленных примеров. С точки зрения автора, арабские термины в очерке используются очень часто и будет полезно проанализировать их семантическое значение. Использование арабских терминов в данном очерке связано с событиями арабского завоевания. В зависимости от степени их использования, автор разделяет арабских ссылки на две группы: частоиспользуемые, или общие, и трудные, или редкоиспользуемые. Часть этих терминов являются официальными. Такие термины знакомят нас с документацией и делопроизводством периода арабских завоеваний. Другая группа арабских терминов сегодня не используются. В процессе анализа примеров автор обращается к разными научным источникам и словарям и дает очень полезную информацию. Последняя группа таких терминов обозначают экономические термины и сегодня вышли из оборота. Цитируемые арабские термины часто используются в очерке для формирования именных составных глаголов, что, по мнению автора, доказывает величие таджикского языка.

Ключевые слова: слова, словосочетание, арабский, завоевание, Айни, очерк, язык, частоиспользуемые, существительное, глагол, арабы, арабский язык.

THE USE OF ARABIC TERMS IN THE HISTORICAL ESSAY OF SADRIDDIN AYNI "THE RISING OF MUKANNA"

The article discusses the use of Arabic terms. The author, based on sources from Sadriddin Aini’s essay “The Rising of Mukanna”, classifies Arabic terms according to the degree of their use and presents his conclusions by numerous examples. From the point of view of the author, Arabic terms are used in the essay very often and it will be useful to analyze them with semantic meaning. The use of Arabic terms in this essay is related to events related to Arab conquests. Depending on the degree of their use, the author divides the Arabic references into two groups: frequently used or common and difficult or rarely used. Some of these terms are official. Such terms introduce us to the documentation and paperwork of the Arab conquest period. Another group of Arabic terms are not used today. In the process of analyzing examples, the author turns to various scientific sources and dictionaries and gives very useful information. The last group of such terms denotes economic terms and today it was turned out of circulation. The Arabic terms quoted are often used in the essay and are used to form nominal compound verbs, which, according to the author, proves the greatness of the Tajik language.

Key words: words, phrase, Arabic, conquest, Aini, essay, language, often used, noun, verb, Arabs, Arabic.

Сведения об авторе: ***Афгонова Мохира Холмуродовна*** - Таджикский государственный финансово-экономический университет, ассистент кафедры гуманитарных дисциплын. **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Нахимова 64/14. Тел.: **(+992) 933-04-30-33**

Information about the author: ***Afgonova Mohira Kholmurodovna*** - Tajik State Finance and Economics University, assistant of the Humanities Department. **Address:** 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Str. Nakhimova 64/14. Tel.: **(+992) 933-04-30-33**

УДК: 811.21/.22 : 811.111

ХУСУСИЯТҲОИ АСОСИИ ИСТИЛОҲОТИ ПАРАЗИТОЛОГӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Саидзода Ф.С., Саидов Ҳ.А., Талабов М.С.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Истилоҳ ва истилоҳот яке аз мушкилотҳои аввалиндараҷа дар забоншиносии муосир ба шумор меравад. Айни ҳол ҳадафи асосии истилоҳот ин ҳарчи расотар, дақиқтар ва равшантар барои аҳли соҳа ва агар мафҳум марбут ба ҳаёти иҷтимоӣ – сиёсӣ бошад, барои доираи васеътари аҳли ҷомеа, баён кардани маънои мафҳумҳои нав мебошад. Ҳангоме ки дар ҷомеа чунин мафҳумҳо пайдо мешаванд ва инсонҳо ба он бармехӯранд, дар навбати аввал саъй мекунанд дар забони ҷории худ вожа ва ё таркиботе пайдо кунанд, ки аз ҷиҳати маъно шабоҳат ё наздикӣ ба онҳо доранд ва барои аҳли фан ё мардуми бештар ошно буда, метавонанд маънои мафҳуми навро инъикос намоянд. Дар даврaҳои гузашта, вақте ки истилоҳот ва соҳаҳои корбурди онҳо кам буд, ҷудо кардани истилоҳот аз таркиби вожагони умумӣ мушкил буд, вале дар асрҳои XVIII - XIX пешрафтҳо ва кашфиётҳои бузурги илмӣ – техникӣ чеҳраи ҷаҳонро дигаргун сохт, риштаҳои гуногуни илму фан ва соҳаҳои мухталифи фаъолияти инсон падид омад, ки ҳар кадом вожагони хоси худро тақозо мекард. Дар натиҷа, шохаи истилоҳоти забон густариш пайдо кард ва олимону донишмандон дар фикри ҷудо кардани онҳо аз вожагони умумӣ шуданд [1].

Дар истилоҳоти замони муосир мушкилоти асосӣ ин банизомоварӣ ва тарҷумаи истилоҳот ба шумор меравад. Илми ҳақиқӣ новобаста аз бетарафӣ ва озодии матн ба истифодаи якмаънои истилоҳот ниёз дорад. Хусусан ин дар заминаи тиб муҳим аст. Забони муошират табибон бояд оддӣ, фаҳмо, умумидастрас ва байналмилалӣ бошад. Дар робита бо рушди тадқиқотҳои илмии муоширатии тиббӣ, ки боиси зарурати воситаҳои иқтисодии забон ба шумор меравад, мунтазам маълумотҳои нави маърифатӣ пайдо мешавад. Забон рӯ ба инкишоф, фишурдасозист, яъне ҳамон илмеро месозад, ки аксари маълумотҳои сифатнокро дар шакли моеъ ва инчунин ҳамон вақти дастрас интиқол менамояд [2].

Бо вуҷуди ин, дар истилоҳоти тиббӣ бисёр вақт истилоҳотҳои бисёрмаъно ва номуайян, синонимҳо, навишти шакли шартии ҳамон истилоҳотҳо вомехӯранд. Илова бар ин, дар кори муассисаҳои паразитологӣ муҳимтарин ин номгӯи ягона ва таснифот ба шумор меравад. Ин забон муошират байни паразитологҳо, сироятшиносон, ташхисгарон ва эпидемиологҳо ба шумор меравад [3].

Омӯзиши истилоҳотро аз нуқтаи назари муносибатҳои парадигмавӣ (ҷадвали тасрифи ягон калима) ва синтагматикӣ дар системаи луғавии забони муосир метавон ба 3 аспект (ҷанба) ҷудо кард, ки дар назари мо новобаста ба меъёри бетарафии муайян сохтани ҳолат дар луғат хизмат мекунад [4].

Ҷанбаи аввал бо назардошти истилоҳоти тиббӣ дар доираи услуби истилоҳ (истифодаи махсус) алоқамандӣ дорад. Ин ҷанба ба хусусиятҳои муайянкунандаи ҳамин гурӯҳи калимаҳо тааллуқ дорад. Бо назардошти мувофиқати хусусиятҳои умумии аломатҳои истилоҳот (истифодаи маҳдудихтисос, ҳаммаъногӣ, маҳдудии ширинлафзӣ, боғайратӣ ва ғайра) дар дохили услубшиносии истилоҳот хусусиятҳои хосси истилоҳоти тиббӣ: номгӯ, тарзи дуруст талаффузкунӣ ва омилҳои фаъоли забоншиносиро назорат менамояд. Бояд қайд намуд, ки ин ҷанба ба намуди парадигматикӣ (ҷадвали тасрифи ягон калима) – муродиф (синоним) ва зидмаъно (антоним) дар дохили услубшиносии истилоҳот аҳаммияти ҷиддӣ медиҳад. Истилоҳоти тиббие мавҷуданд, ки сермаъмаъно мебошанд. Дар баъзеи онҳо вақти мулоҳизаронӣ ва характери услубшиносӣ мавҷуд аст. Аслан истилоҳи тиббӣ ин дар мавриди суханронии нутқи шифоҳӣ дар шакли забони адабӣ хуб ба назар мерасад. Ҳамаи ин хусусиятҳои истилоҳоти тиббӣ инчунин сабабҳои фарҳанги забоншиносро меомӯзонад. Масалан, мавҷудияти истилоҳоти тиббӣ – муродифҳо бо хоҳиши иваз намудани санади робитавӣ ба истилоҳ тааллуқдошта дар синоним ва ё намуди мусоҳибаи забони тоҷикӣ (аксар вақт бе тафовут) алоқамандӣ дорад.

Ҷанбаи дувум бо назардошти ҳамин микросистема дар алоқамандӣ бо худ ва муносибат бо системаи бузурги луғатшиносӣ алоқамандӣ дорад. Дар раванди истифодабарии умумии истилоҳоти тиббӣ онҳо ба таври алоқамандии парадигматикӣ ва синтагматикӣ бо тамоми қонуниятҳои луғавии забон баромад менамоянд. Дар ин самти тадқиқот имконияти фарогирии истилоҳоти тиббӣ ба назар мерасад, моликияти онҳо барои инкишофи анъанавии маънавии худ таҳия карда мешаванд. Бисёре аз онҳо ба истифодаи муқаррарӣ дохил карда шудаанд, ки якчанд шартҳоро ба категорияи луғатҳои маъмул истифода мебаранд. Дар натиҷа саволе ба миён меояд, ки дар робита бо ишораи матнии чунин калимаҳо ба монанди бемор, барқароркунӣ, муолиҷа, захра, шамолкашӣ, истерия вобастагӣ доранд. Баъзеи онҳо (бемор, барқароркунӣ, муолиҷа) дар муқоиса бо миқдори махсуси заиф, ки ба онҳо якҷоя бо калимаҳои умумӣ мутобиқат мекунанд,

истилоҳоти тиббӣ мебошанд. Дигаронаш (сафеда, шамолкашӣ, истерия) калимаҳои тиббӣ дар забони умумӣ маънои маъмулӣ мебошанд. Дар маънои аслии калима як қисми калимасозӣ мемонад ва дар маънои маҷозии он калимаи маъмулӣ истифода мегардад.

Ҷанбаи сеюми истилоҳоти тиббӣ бо инкишофи минбаъда ва истифодаи гурӯҳи калони омӯзиши калимаро дар забони англисии муосир алоқамандӣ дорад.

Ҳадафи асосии мутахассисон оиди омӯзиши истилоҳоти паразитологӣ дар он аст, ки сабабҳои рушди пурраи илмҳои тиббӣ ва пайдоиши истилоҳоти навро дар раванди паразитологӣ омӯхта муайян намоянд ва инчунин истилоҳоти муродифро нисбати онҳо дарёфта ба ягон истилоҳи шабеҳ иваз намоянду истилоҳи наверо ихтироъ намоянд.

Заминаи терминологияи тиббӣ бо густариши ҳамкории байналмилалӣ ва тамоюлоти глобализатсия мушкилтар мегардад. Ҳамаи ин омӯзиши истилоҳоти тиббиро дар ҷанбаҳои гуногун талаб мекунад, аз он ҷумла дар заминаи паразитологӣ.

Омилҳои асосии ташаккулёбӣ дар сохтори истилоҳоти паразитологӣ инҳо мебошанд:

1) дастовардҳои нав дар соҳаи илм ва технология, пайдоиши дастгоҳҳои нав, ки ба ташаккули истилоҳоти нав ҷавобгӯ мебошад;

2) зуҳуроти нави иҷтимоӣ, ки барои ҷомеа арзишҳои мусбӣ ва манфӣ доранд;

3) пайдоиши роҳҳои нав дар илми муосир.

Бояд қайд намуд, ки пойгоҳи истилоҳсозӣ барои ҳамаи истилоҳи паразитологӣ аз калимаҳои юнонӣ ва лотинӣ гирифта шудаанд. Истилоҳ аз қисмистилоҳи алоҳида иборат аст, ки барои фаҳмидани мафҳуми истилоҳи зарурӣ кумак мерасонад. Қобилият ва имконияти забонҳои лотинӣ ва юнонӣ имкон медиҳад, ки як калимаро бо пайвандак ҳамроҳ карда, дар забони тоҷикӣ бо якчанд калима тарҷума намуд - бемории лейшманиёз (гурӯҳи бемориҳои протозоӣ буда, аз ҳайвонҳо ба одам ба воситаи хомӯшакҳо мегузаранд) -"leishmaniasis", бемории сироятие, ки барангезандааш трихинелла мебошад, ки дар мушакҳо пайдо мешаванд - "trichinelliasis".

Ҳамчун қоида ҷузъҳои рақамии фарқкунандае мебошанд, ки танҳо дар истилоҳшиносӣ мавқеи элементҳоро баҳогузорӣ намуда, аҳаммиятдиҳии шакли маъногии онро, ки ба кадом навъҳои нави калима дар истилоҳшиносӣ ба вуҷуд меояд, мефаҳмонад [6].

Асосҳои даврaҳои минбаъдаи элементҳои истилоҳотӣ метавонанд ҳам дар соҳаи таркиби холис ва ҳам дар таркиби асосӣ ё ҳамбастагии он, ки дар робита бо таълими классикии мавҷуда истифода мешаванд, реша давонанд. Аз ин рӯ метавон гуфт, ки дар забони адабии лотинӣ, таркиби калима ва калимаҳо бо якдигар алоқаманд буданд, чи тавре, ки калимасозӣ ва ивази калима пайваст карда шудааст [7].

Дар ин робита бояд суффиксҳоро бо хислатҳои намунавии маъногӣ ва далелии он ба гурӯҳҳо ҷудо кард:

1. Намудҳои паразитҳое (муфтхӯрҳо), ки дар қисмҳои бадан, узвҳо ва дигар ҷузъҳои организми одам ҷойгир шудаанд; дар ин ҷо низ ба истилоҳ ниёз дорад, номгӯи паразитҳо (намудҳое, ки дар организми инсон пайдо мешаванд ва инчунин ба таври сунъӣ тайёр намудани маводҳои доруворихо барои табобат ва пешгирии бемориҳо): -us-, -oa-, -oma-, -erca-, -ta-, -ole ,-occus-, -is-, -um-, -la-, -ly- Масалан: гиҷҷа аз гурӯҳи нематодозҳое, ки барангезандааш кирмҳои гирд мебошанд (**дракункулёз ё ришта**)- dracunculus medinensis, **эхинококкози систӣ** (гидатидози систӣ) (- биогелминтозе мебошад, ки аз сабаби паразитӣ намудани кирминаи сестодҳои *Ecllinococcus granulosus* пайдо шуда, бо ҷараёни музмин, ҳосилшавии кистаҳо ва беморшавии деструктивии ҷигар, шуш ва дигар узвҳо тавсиф меёбад). - Echinococcus granulosus, **Аскаридоз** (геогелминтозе мебошанд, ки барои марҳилаи барвақтии (муҳоҷиратии) он аломатҳои захрогинӣ - аллергикӣ (инфилтратҳои эозинофилӣ дар шуш, испарма (саглес) ва ғ.) хос мебошад, дар марҳилаи дуюм (рӯдагӣ) бошад падидаҳои диспепсии бо оризаҳои вазнини имконпазир (маҳкам шудани рӯдаҳо, кафидани рӯда) ба назар мерасад). - Ascaris lumbricoides, некаторози америкоӣ ё анкилостомаи америкоӣ (ба гурӯҳи кирмҳои гирд дохил мешавад). - Necator americanus, **Трихосефалёз** (геогелминтозе мебошад, ки бо алоими диспепсикӣ ва падидаҳои асабӣ зоҳир мегардад, аксаран беаломат ё субклиники ҷараён меёбад. - Trichuris trichiura. Бори аввал тасвири клиникии бемориро Morgaglli дар асри XVI додаст). - **Тениаринхоз** – биогелминтозе, ки барангезандаи он бандкирми гов мебошад ва асосан бо аксуламалҳои захрогинӣ-аллергӣ ва ихтилолҳои бадҳазмӣ (диспепсӣ) ҷараён меёбад. - Taenia saginata, бандкирми муасаллаҳи (хук) (Тениоз - биогелминтозе мебошад, ки яке аз нишонаҳои асосии клиникии он халалдоршавии вазифаи роҳи меъдаву рӯда мебошад). - Taenia solium, **Трихинеллёзи спиралмонанд** (биогелминтозе мебошад, ки барангезандаи он паразити нематодҳои рӯдаҳо – трихинеллаҳо мебошанд, ки кирминаи онҳо дар мушакҳои кундалангрaхдор давр мезанад ва дар он ҷо пардапӯш гардида, боиси табларза ва падидаҳои зоҳиршавандаи аллергикӣ мешаванд). - trichinella spiralis, **Шистосома Мансона** (лат. *Schistosoma mansoni)*— намуди кирмҳои паҳн, хунмакҳо (трематод), барангезандаи шистосомоз. Ин намуди кирмҳо одатан дар мамлакатҳои тропикӣ ва субтропикие, ки

аҳолияш қашшоқ аст ва аз об танқисӣ мекашанд паҳн мегардад. - schistosoma mansoni, **рӯдаи дувоздаҳангушта** - duodenum, **бофтаи ҷигар** - liver tissue, **тиабендазол** – thiabendazole, **метронидазол** - metronidazole [10].

2. Намудҳои беморие, ки дар ҳолати муфтхӯрҳо дар организми инсон рух медиҳад: - ess, -tive, --eba, - ica, Масалан: **лейшманиёзи пӯст** - dermal leishmanoid, **амёбаи** (ҷонвари соддатарини якҳуҷайра) **варами фасодноки ҷигар** - amoebic liver abscess, **некрози** (нобудшавии бофтаҳо) **дурдабандкунанда** (дурдабанд моддаест, ки ҷараёни хунро қатъ мекунад) - coagulative necrosis, **исҳоли хунини амёбиявӣ** - entamoeba hystolytica, **руштёбии бофтаи ҷигар** - cytolysed liver tissue, **варами кӯррӯда аз ҳисоби геогелментози аскаридоз** - Appendicites in ascariasis, анкилостомидозҳо -ancylostomiasis [9].

3. Давраи ҳаётии муфтхӯрҳо дар организми инсон. Онҳо дар заминаи истилоҳшиносӣ қарор доранд ва бо ёрии суффиксҳо сохта мешаванд -eba-, -oma-, -iense-. Масалан: **амёбаи исҳоли хунин** - entamoeba histolytica, **лейшманиёзи донованӣ** - leishmania donovani [11].

4. Номгӯи намуд ва таҷҳизотҳои ташхисӣ -opsy, -ess-, -opic-. Масалан: патологияи микроскопӣ - Microscopic pathology, **ташхиси хун** -blood test, **маводи биопсӣ** (гирифтани пораи ҳуҷайраи бемор роҳи тадқиқи микроскопӣ ва муайян кардани касалӣ) - biopsy material, **нишондоди воситаҳо** - indirect evidencess, **наҷосат (фазла)** - stool, **пешоб** - urine [12].

Суффиксҳо нақши асосиро на дар сохти истилоҳот мебозанд, балки омили муҳимми пешгӯикунандаи истилоҳотро дар тибб рушд мебахшад.

Хулоса, истилоҳоти тиббӣ дар заминаи паразитология ба воситаи ҳамкории байналмилалӣ ва раванди ҷаҳонишавӣ инкишоф ёфта истодааст. Ин ҳама тадқиқот ва омӯзиши ҳусусиятҳои асосии типологияи истилоҳоти тиббиро дар заминаи паразитологӣ талаб мекунад.

А Д А Б И Ё Т

1. Сайфиддин Назарзода Истилоҳоти забони тоҷикӣ: таърих, гаройиш ва дурнамо. - 369 с.
2. Степанова Е.С. Типология аббревиации в английском медицинском дискурсе / Е.С. Степанова // Известия Самарского научного центра РАН. - 2015. - №2(2). - С.457-459.
3. Гринев С.В. Методические основы медицинского терминоведения (состояние и перспективы) / С.В. Гринев. - М., 1989. – 240 с.
4. Англо-русский медицинский словарь. URL: http: // medicine_en_ru. academic.ru (дата обращения 25.01.2019).
5. Иванов А.В. К проблеме статуса греко-латинских основ в морфологической структуре общеязыковых единиц и единиц специальной номинации / А.В. Иванов // Вестник Нижегородского университета Н.И. Лобачевского. - 2011. - №6 (2). - С.193-198.
6. Налепин В.Л. Термин и терминосистема как предмет лексикологии: автореф. дис. канд. филол. наук / В.Л. Налепин. - М., 1975. – 202 с.
7. Дубровина Л.В. Медицинская терминология в лексической системе английского языка: автореф. дис. канд. филол. наук: 10.02.04 / Л.В. Дубровина. - М., 1986. - 211 с.
8. Пушкина Н.А. Структура медицинской терминосистемы современного английского языка / Н.А. Пушкина. URL: http://sno.bsu.edu.ru/nauka /_Shmi / vest_ PushkinaNA.doc (дата обращения: 25.10.2015).
9. K.D. Chanerjee. Parasitology. twelfth edition 1980. - 238 с.
10. Талабов М.С. Бемориҳои сироятӣ / М.С. Талабов. - 2016. – 252 с.
11. Талабов М.С. Паразитологияи тиббӣ бо энтомология / М.С. Талабов. – 112 с.

ХУСУСИЯТҲОИ АСОСИИ ИСТИЛОҲОТИ ПАРАЗИТОЛОГӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Забони паразитологӣ ба соҳаҳои мухталифи фаъолияти паразитология хизмат мерасонад. Низоми истилоҳсозии паразитология ҳамчун истилоҳсозии соҳаҳои дигари илм дар инкишоф ва рушд мебошад, яъне дар рушди мунтазами таърих аст. Айни ҳол дар илм ва таҷрибаи паразитология раванди мунтазами ба таври муосир фаҳмидани истилоҳот рафта истодааст, чунончи тағйир ва васеъшавии фаъолияти бевоситаро дар заминаи паразитология муайян менамояд. Дар ин мақола сохтор ва маънои истилоҳотҳои паразитологӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ шарҳ дода шудааст. Муаллиф омилҳои гуногуне, ки барои рушди истилоҳоти паразитологӣ таъсир мерасонанд, таҳлил намудааст. Инчунин, типологияи истилоҳоти паразитологиро дар асоси моҳияту хусусиятҳои таҳлилкунандаи истилоҳсозӣ пешниҳод намудааст. Дар мақолаи мазкур шарҳи воқеии истилоҳсозӣ аз тарафи муҳаққиқони тоҷик ва инчунин берун аз кишвар, ки дар заминаи паразитология тадқиқот бурдаанд, нишон дода шудааст, мушкилотҳои истилоҳоти паразитологӣ ва ғояҳои асосии онро дар инкишоф таҳлил гардида, хулосаи тадқиқоти истилоҳсозӣ дар заминаи паразитология аз тарафи мутахассисони соҳаи паразитологӣ ва филологӣ ҷамъбаст гардидааст: ҳамчунин таваҷҷуҳи махсус дар заминаи истилоҳсозии паразитологияи умумӣ ва қисман (интизоман) истилоҳсозии паразитологӣ дода шудааст. Муҳиммияти самту перспективӣ дар омӯзиши истилоҳоти паразитологии касбӣ муайян гашта, рӯйхати васеи адабиётҳо, ки мушкилоти омӯзиши истилоҳоти паразитологиро ҳал менамоянд, оварда шудааст.

Калидвожаҳо: типологияи истилоҳоти паразитологӣ, истилоҳсозӣ, истилоҳоти паразитологӣ, истилоҳоти тиббӣ, истилоҳ.

ТИПОЛОГИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ ПАРАЗИТОЛОГИЧЕСКОЙ ТЕРМИНОЛОГИИ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

Язык паразитологии обслуживает различные области паразитологической деятельности. Терминологическая система паразитологии, как и всякое лексическое образование, исторически развивается, совершенствуется, то есть находится в постоянном историческом развитии. В настоящий период в науке и практике паразитологии происходит закономерный процесс переосмысления ее терминов, поскольку развивается, меняется и расширяется

представление о деятельности непосредственно в самой сфере паразитологии. В статье рассматриваются структурные и семантические особенности паразитологических терминов. Автор анализирует различные факторы, которые влияют на развитие паразитологической терминологии. Он предлагает типологию паразитологических терминов на основе сущностных характеристик анализируемой терминосистемы. И также в статье представлен обзор существующих в области паразитологии терминологических исследований как таджикских, так и зарубежных авторов, анализируются современные проблемы паразитологической терминологии и важные тенденции в её развитии, обобщаются и сопоставляются результаты терминологических исследований в области паразитологии специалистов паразитологического профиля и специалистов-филологов; особое внимание уделяется исследованиям в области общепаразитологической терминологии и частных (дисциплинарных) паразитологических терминологий, определяются возможные перспективные направления в изучении паразитологической профессиональной лексики, представлен обширный список литературы, посвящённой проблемам изучения паразитологической терминологии.

Ключевые слова: типология паразитологических терминов, терминосистема, паразитологическая терминология, медицинская терминология, термин.

TYPOLOGICAL PECULIARITIES OF PARAZITOLOGICAL TERMINOLOGY IN TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

The language of Parasitology caters to different areas of parasitological activities. Terminological system of Parasitology, as well as any lexical education, historically developing, improving, i.e. it is in constant historical development. Presently, the science and practice of Parasitology is a natural process of rethinking its terms, as evolving, changing and expanding understanding of the activities directly in the field of Parasitology. The article considers structural and semantic peculiarities of parasitological terms. The author analyzes various factors that affect development of parasitological terminology. He offers a typology of parasitological terms is based on the essential characteristics of the analyzed terminological system. And the article also presents an overview of the existing in the field of Parasitology terminology research as Tajik and foreign authors are analyzed the modern problems of parasitological terminology, and important trends in its development, summarizes and compares the results of terminological research in the field of Parasitology the parasitological profile experts and specialists in the spheres of philologists: special attention is given to research in the field of General parasitological terminology and specific (disciplinary) parasitological terminology identifies possible future directions in the study of parasitological professional vocabulary provides an extensive list of literature on the study of parasitological terminology.

Key words: typology of parasitological terms, termsystem, parasitological terms, medical terminology, term.

Сведения об авторах: ***Саидзода Фарзона Сироджиддин*** - Таджикский национальный университет, аспирант заочного отделения общеуниверситетской кафедры английского языка.
E-mail: **gulbarg2009@mail.ru.** Тел.: **(+992) 918-77-74-25**
Саидов Халимджон - Таджикский национальный университет, профессор кафедры общеуниверситетской кафедры английского языка. E-mail: **Saidovhalim@mail.ru.** Тел.: **(+992) 935-55-22-54**
Талабов Махмадали Сайфович - Таджикский национальный университет, д.м.н., профессор кафедры эпидемиологии и инфекционных болезней медицинского факультета. E-mail: **m.talabov@mail.ru.**
Тел.: **(+992) 918-67-23-15**

Information about the authors: ***Saidzoda Farzona Sirojiddin*** - Tajik National University, post-graduate student of the correspondence Department of the university-wide department of English language.
E-mail: **gulbarg2009@mail.ru.** Tel.: **(+992) 918-77-74-25**
Saidov Halimjon - Tajik National University, professor of the university-wide department of English language.
E-mail: **Saidovhalim@mail.ru.** Tel.: **(+992) 935-55-22-54**
Talabov Makhmadali Sayfovich - Tajik National University, doctor of medical sciences, professor epidemiological and infection diseases department of medical faculty. E-mail: **m.talabov@mail.ru**. Tel.: **(+992) 918-67-23-15**

УДК: 811.411:82

ВИЖАГИҲОИ САВТИИ КАЛИМАҲОИ ИҚТИБОСИИ АРАБӢ

(дар асоси маводи “Гулистон”-и Саъдии Шерозӣ ва “Баҳористон”-и Абдурраҳмони Ҷомӣ)

Саъдуллозода Фарҳод
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Забони тоҷикӣ яке аз забонҳои қадимтарини ҷаҳон ба шумор рафта, дар рафти ташаккул ва таҳаввули таърихии худ дар натиҷаи ҳодисаҳои гуногуни таърихӣ бо забон ва фарҳангу тамаддунҳои гуногуне бархӯрд карда, ба онҳо таъсир расонидааст ва ё худ таъсирпазир гардидааст. Таърихи рушду инкишофи ин забон аз даврaҳои бостон то имрӯз шаҳодати он аст, ки забони тоҷикӣ ё порсии дарӣ абармардони илму адаб ва фарҳангиеро ба воя расонидааст, ки осори онҳо зиннатафзои тамаддуни умумибашарӣ гардидаанд. Бо ин забони нобу ширин бузургоне чун Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Сино, Абӯрайҳони Берунӣ, Умари Хайём, Ҷалолуддини Балхӣ, Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Сайидо, Аҳмади Дониш, Садриддин Айнӣ ва садҳо тани дигар асарҳои мондагоре эҷод кардаанд, ки то имрӯз дар хазинаи фарҳангу адаби аҳли башар маҳфузанд ва барои тарбияи маънавии инсоният хидматҳои боарзишеро ба анҷом мерасонанд.

Бархӯрди забони тоҷикӣ бо забонҳои дигар ҳамеша боиси рушду такомули он гардидааст. Фарзандони барӯманди миллати тоҷик дар баробари ҳамаи ҳодисаҳои таърихию иҷтимоӣ ҳамеша аз забони модарии худ дифоъ кардаанд. Ин аст, ки баъди ҳар ҳаводисе мондагории ин забон боз ҳам бештар истеҳком ёфтааст.

Футуҳоти араб ба сарзамини Мовароуннаҳру Хуросон боиси паҳн шудани дини ислом дар ин сарзамин гардид ва ба тадриҷ таъсири забони арабӣ ба ҳайси забони дину ойин ва то андозае илму адаб дар ин минтақаи паҳновар нақши худро гузошт. Бо вуҷуди ин, дар муддати дусад соли муборизаҳои сиёсӣ, яъне аз асри VII то асри XIX дар минтақаҳои фатҳкардаи арабҳо забонҳои зиёде аз байн рафт ва ҷойи онро забони арабӣ гирифт, вале забони тоҷикӣ бо доштани собиқаи таърихии зиёд ва низоми то андозае устувори луғавию грамматикӣ тавонист, ки мондагор бошад. Бо вуҷуди тағйир ёфтани низоми сохторияш забони тоҷикӣ асолати таърихии худро ҳифз кард ва дар замони Сомониён тавонист, ки бо қабул кардани хатту алифбои арабӣ раванди рушди таърихии худро идома бидиҳад.

Мардуми сарзамини Мовароуннаҳру Хуросон дини исломро пазируфтанд ва бо кӯшишу ғайрати мардуми донишманди ин сарзамин забони порсии дарӣ забони дуюми аҳли ислом эълон гардид. Дар замони салтанати Сомониён забони тоҷикӣ бо номи порсии дарӣ забони расмӣ ва коргузории ин хонадон гардид ва минтақаи паҳноваре интишор гардида, барои мардумони ҳамзабон ва халқҳои гуногунзабони ин минтақа чун забони муошират хизмат менамуд.

Дар баробари ин, забони арабӣ ба ҳайси забони дину мазҳаб ва илм дар минтақаҳои гуногуни олам, ки зери футуҳоти араб қарор доштанд, нуфузи бештаре дошт. Бо ин забон асарҳои илмӣ ва адабии зиёде ба мисли “Алқонун”-и Абӯалӣ ибни Сино, “Ал-китоб” асари мондагори донишманди форсу тоҷик Абӯбишр Амр ибни Усмон ибни Қамбар маъруф бо лақаби Сибавай, “Эҳсо-ул-улум”-и Абӯнасри Форобӣ, “Ҷомеъ-ул-ҳикматайн”-и Носири Хусрав ва ғайра таълиф гардида буд ва забони арабӣ дар низоми таълиму тадрис дар мадрасаҳо роиҷ буд. Ин омилҳо омилҳое буданд, ки боиси ворид гардидани калимаҳои иқтибосии арабӣ ба забони тоҷикӣ гардиданд.

Дар баробари ин, аз ҷониби аҳли Мовароуннаҳр донишмандони зиёде ба шарҳу тафсири Қуръон ва аҳодиси набавӣ машғул гардида, дар олами ислом мавқеъ ва мартабаи хоссе пайдо карданд, ки ин ҳам яке аз омилҳои ворид гардидани иқтибосоти арабӣ ба забони тоҷикӣ мебошад.

Вақте ки хатти арабӣ ба сифати хатти расмии давлати Сомониён пазируфта шуд, барои нигоҳ доштани асолати забони тоҷикӣ ва ҳифзи ҳувияту анъанаҳои таърихӣ донишмандони замон ба он тағйирот ворид карда, ҳарфҳои хосси забони тоҷикиро ба алифбои арабӣ илова карданд.

Мисолҳои марҳилаҳои аввали инкишофи забони тоҷикӣ нишон медиҳанд, ки дар имлои калимаҳо то андозае анъанаҳои классикии забони тоҷикӣ риоя мегардид.

Мардуми донишманди замони Сомониён хатти арабиро пазируфта бошанд ҳам, дар ифода, баён, муошират савтиёти онро напазируфтанд ва меъёрҳои савтии забони тоҷикиро ҳамеша мавриди риоя қарор медоданд. Ба андешаи мо, яке аз омилҳои асосии мондагории забони адабии тоҷикӣ дар муқобили забони арабӣ ин мавриди ҳифзу нигаҳдорӣ қарор додани меъёрҳои савтии забони тоҷикӣ аст.

Тавре ки маълум аст, дар низоми савтиёти забони арабӣ ҳуруфи ع ،ظ، ط، ض، ص، ث، ح мавқеи ҳарфҳои хосси арабиро касб кардаанд. Яъне, бо дидани ин ҳуруф хонанда дарк мекунад, ки калимаи дорои чунин графемаҳо хосси забони арабӣ мебошанд. Албатта, ба таври истисно баъзе калимаҳои забони тоҷикӣ низ бо ин ҳарфҳо навишта мешавад [ниг. ба Қосимова 2010].

Муҳимтарин масъалае, ки дар таърихи забони адабии тоҷик доир ба имлои калимаҳои арабӣ ба назар мерасад, ин аст, ки уламо ва удабои тоҷик имлои калимаҳои арабиро тибқи навишти арабияшон мавриди риоя қарор додаанд, ки ин, ба андешаи мо, аз ду ҷиҳат мебошад:

1. Барои дуруст хондан ва дуруст навиштани оятҳо Қуръон;

2. Дар матнҳои тоҷикӣ барои фарқ карда тавонистани калимаҳои тоҷикӣ аз калимаҳои арабӣ.

Ин анъана дар тамоми давраи фаъолияти хатти арабии тоҷикӣ мавриди риоя қарор доштааст: Масалан, дар “Гулистон”-и Саъдии Шерозӣ, ки дар асри сенздаҳ таълиф шудааст, ҳуруфи зикршуда ба таври зайл инъикос ёфтааст:

Сайёде ***заъиф***ро моҳие қавӣ ба дом андарафтод. Тоқати ***ҳифз***и он надошт. Моҳӣ бар ӯ ғолиб омад ва домро аз дасташ даррабуду бирафт... ” [12, с. 86].

Дар ин матн калимаҳои *сайёд, заъиф, тоқат* ва *ҳифз,* ки ишора шудаанд, калимаҳои арабӣ буда, бо ҳарфҳои хосси арабӣ с (сод), з (зод), ъ (айн), ҳ (ҳои ҳуттӣ), з (зо) навишта шудаанд.

Дар мавриди шинохти савтии вожаҳои арабӣ муҳаққиқони даврaҳои гуногун баҳсҳои зиёде карда, аломатҳои хос ва асосии онҳоро нишон додаанд. Масалан, Хоҷа Ҳасани Нисорӣ дар китоби “Чаҳор гулзор” дар ин мавриd чунин байтҳоро овардааст:

“Ҳашт ҳарф аст, он ки дар порсӣ н-ояд ҳаме,
То наёмӯзӣ, набошӣ андар ин маънӣ маъоф.
Бишнав аз ман, то кадом аст он ҳуруфу ёд гир,
“со”-ву “ҳо”-ву “сод”-у “зод”-у “то”-ву “зо-ву” “ъайн”-у қоф.

Боқимонда бист ҳарф, ки дар ҳар ду забон мустаъмал аст ва ҳамчунин чаҳор ҳарфи дигар, ки “пе”-ву “че”-ву “же”-ву “гоф” бошад, махсуси каломи порсист ва дар арабӣ мустаъмал нест” [8, с.11].

Дар замони муосир низ ба ин масъала аз ҷониби муҳаққиқон таваҷҷуҳ зоҳир шудааст. Масалан, забоншиноси тоҷик, профессор Ҳ. Маҷидов дар китоби худ чунин гуфтааст. “*Яке аз шинохти нишонаҳои калимоти арабиро ба воситаи савтӣ, ки мавҷудияти ҳамсадои зичи ҳалқии сакта “ъ”, яъне (ع)-ро доро мебошад*” [6, с.106] муаррифӣ кардааст.

Қобили зикр аст, ки ҳарфи “ъ” дар ивази ҳарфҳои айн ва ҳамзаи арабӣ дар иқтибосот кор фармуда мешавад. Масалан, калимаи *саъб*, (سعب) ки дар “Гулистон” чунин омадааст: “Шунидам, ки маликро дар он муддат душмане *саъб* рӯй намуд» [12, с.18].

Дар «Баҳористон»-и Ҷомӣ чунин омадааст: "Башорат бод мар туро, эй Баҳул, ки *амиралмуъминин* туро бар сари қарода ва ханозир сардор ва амир гардонид» [11, с.72].

Дар мавриди талаффузи ҳарфи «ъ» бояд гуфт, ки агар сакта дар байни калима баъди ҳамсадо ояд ҳамчун ҳамсадои ҳалқӣ талаффуз карда намешавад. Масалан: «масъала, машъал» дар дигар маврид бошад ҳарфи сакта ҳамчун ҳамсадои ҳалқӣ мисли калимаҳои «маъдум, неъмат» талаффуз мешавад.

Мушкилоти имлоии ҳарфҳои арабӣ дар забони тоҷикӣ баъд аз иваз гардидани алифбои арабӣ ба лотинӣ ва сипас ба кириллӣ пеш омад. Чун низоми хатту алифбо дигар гардид, имло низ дигар мегардад. Бинобар ин, дар муддати мавҷудияти алифбои кириллӣ дар шинохти калимаҳои савтии калимаҳои арабӣ мушкилот боз ҳам бештар гардид. Дар мавриди ҳарфи *ъ(ع)* зарурати ҷорӣ кардани қоидаҳои алоҳидае ба имло пеш омад, вале зимни таҳияи қоидаҳои имло мавқеи аломати ҳамза (ء) чандон ба эътибор гирифта нашуд ва онро бо ҳарфи *ъ (ع)* ҳамвазифа донистанд. Чунин тарзи муносибат ба низоми таълим низ мушкилӣ пеш меовард. Дар ин маврид С. Шербоев чунин гуфтааст: «Таълими ин мавзӯъ (имлои аломати ъ) аз муаллим дар баробари дониши хуб маҳорату малакаи муфиди методиро талаб мекунад. Чунки ин ҳарф дар таркиби калима ду вазифаи лексикӣ:

а) ҳамсадои ҳалқӣ, монанди аъло, маъно.

б) вазифаи ҳиҷоҷудокунӣ, монанди масъул, санъат-ро адо мекунад» [1, с.163-164].

Ин нукта то андозае дуруст аст, вале, ба андешаи мо, вазифаи фонематикии овози *ъ(ع)* дар имлоҳои солҳои қаблӣ сарфи назар гардида буд ва онро ҳамчун аломат пазируфта буданд, ҳол он ки афтодани он аз таркиби қиёфаи овозии калима боиси дигар ва ё аз байн рафтани маънои калима мегардад. Ҳарфи мазкур дар мисолҳои зерин дорои вижагиҳои фонемагӣ мебошад.

Кас наояд бар зери сояи бум
В-ар ҳумой аз ҷаҳон шавад *маъдум* (معدوم) [12, с.19].

Дар ин замина метавон чунин вижагиҳои фонематикии *ъ(ع)* ва вазифаҳои аломатии онро дар забони тоҷикӣ ба таври зер зикр кард:

1.*ъ(ع)* хусусияти маъноҷудокунӣ дорад. Масалан: шеър-шер. Вайро ба сабаби калом, ки дар саноати *шеър* (شعر) дошта «Ҳасан-ул-Аҷам» лақаб карданд» [11, с.100].

Вожаҳои саъб-саб дар «Гулистон»-и Саъдӣ чунин омадааст. Шунидам, ки маликро дар он муддат душмане *саъб* рӯй намуд [12, с.18].

Агар дар калимаи маъдум овози *ъ(ع)* сарфи назар шавад (мадум), маънои калима аз байн меравад.

Ё масалан, агар аз ҷумлаи “...пеш аз ин тоифае дар ҷаҳон буданд ба сурат парешону ба ***маънӣ ҷамъ***” [12, с.61] аз калимаҳои ***маънӣ*** ва ***ҷамъ*** фонемаи *ъ(ع)* гирифта шавад, маънои калимаҳо низ ба тағйирот (манӣ ва ҷам) дучор мегардад.

2. Ҳарфи *ъ(ع) д*ар баъзе калимаҳо барои ҷудо кардани ҳиҷоҳо хизмат мекунад. Масалан, калимаи *эъ-ти-бор* (اعتبار): Пас шеър каломе бошад мавзун ва муқаффӣ ва тахайюл ва сидқ ва адами сидкро дар ҳақиқати он *эътибор* не» [11, с.84].

Дар калимаҳои масъул, масъала, ҳайат, муъмин, таърих, таҳхир ва монанди инҳо *ъ* ба ҳайси аломат барои ҷудо кардани ҳиҷо хизмат кардааст.

3. Калимаҳое, ки бо ҳарфи «ъ» анҷом меёбанд ва дар охирашон бандаки изофӣ ё пайвандаки «у» пайваст шавад, дар ин ҳолат ҳарфи «ъ» навишта мешавад. Масалан: «*Малҷаъу* (ملجأ) маъвои худ карда» [12, с.19]. «Мудаббирони мамолики он тараф дар *дафъи мазаррати* (دفع) эшон машварат карданд» [12, с.19].

4. Тибқи қоидаҳои имлои имрӯзаи забони тоҷикӣ *ъ(ع)* дар байни ду садонок навишта намешавад. Масалан: Тоифаи дуздони араб бар сар кӯҳе нишаста буданд ва манфази

корвон баста ва *раияти* (رعية) булдон аз макоиди эшон маъруб ва лашкари султон мағлуб [12, с.19].

Воизе (واعظ) бар болои минбар шеъре, аз ҳар чи гӯи бемаззатар мехонд [11, с.82].

4. Агар ҳамсадои сакта дар байни ду садонок ояд ва садоноки дуюм бандаки изофӣ бошад, ҳарфи *ъ(ع)* навишта намешавад. Масалан: мавзӯъ-мавзӯи дарс. Чун раият кам шуд *иртифои* (ارتفاع) вилоят нуқсоне пазируфт ва хазина тиҳӣ монд ва душман зӯр оварда [12, с.22].

Қобили зикр аст, ки дар шинохти калимаҳои арабӣ танҳо ба аломати сакта, яъне *ъайн* (ع) иктифо карда намешавад, балки як қатор ҳарфҳои душворталаффузе низ дар низоми савтии ин алифбо мавҷуд мебошанд. Чунин овозҳо дар муддати дуру дарози таърихӣ бо ворид гардидани калимаҳои иқтибосӣ ба забони тоҷикӣ низ дохил шуда, дар натиҷаи истифодаю истеъмоли зиёд ба қоидаҳои савтиёти забони тоҷикӣ тобеъ гардиданд. Бинобар ин, дар талаффузи онҳо табиати забони арабӣ чандон мушоҳида намешавад ва соҳибзабонон ин гурӯҳ калимаҳоро сарвати луғавии забони модарии худ медонанд.

Ҳарфи (ح) ҳе, ки талаффузи ин аз наздиктарин нуқтаи ҳалқ ба тарафи даҳон хориҷ мегардад. Соири *ҳукамо* аз таъвили он фурӯ монданд [12, с.18]. Ҳукамо (حكما) ҷамъи шикастаи ҳаким мебошад.

Душман натавон *ҳақир* (حقير) ва бечора шумурд… [12, с.20].

Ҳусни (حسن) хитоб ва радди ҷавобаш дар омухт… [12, с.21].

Бо касе манишин, ки набвад бо ту дар гавҳар яке,
Ришатаи пайванди ***суҳбат*** *иттиҳоди* (اتّحاد) гавҳар аст [11, с.119].

Эй хуш он марди *ҳақиқат,* (حقيقة) ки зи пайғому салом,
Рӯ битобад, ба сӯйи мондаи васл равад [11, с.121].

Ҳарфи со (ث). Талаффузи ин ҳарф ба воситаи пайваст шудани нӯги забон ба нӯги дандонҳои боло ба вуҷуд меояд. Дар натиҷаи расидани нӯги забон ба нӯги дандонҳои боло дами ҳаво баста мешавад. Баробари аз ҳам ҷудо шудани ин узвҳо ҷараёни ҳаво аз даҳон хориҷ шуда, садои ҳарф ҳосил мегардад, ки ин талаффуз дар забони тоҷикӣ маъмул ва хос нест. Дар забони тоҷикӣ ин ҳамсадо мисли овози “с” талаффуз карда мешавад.

Камоли ҳамнишин бар ман *асар* кард,
Вагарна ман ҳамон хокам, ки ҳастам [12, с.11].

1) Ҳарфи сод (ص). Талаффузи ин хосси забони арабӣ буда, он низ аз овози “с”-и забони тоҷикӣ ба куллӣ фарқ дорад, вале чун овози “с”-и тоҷикӣ талаффуз карда мешавад.

Ҳангоми талаффузи ин ҳарф дар арабӣ наздик шудани рӯйи нӯги забон ба пояҳои дандонҳои пеши боло ва поён ба вуҷуд меояд. Қисми охири забонро ба тарафи боло бардошта, бо нармии ком наздик карда мешавад. Дар натиҷа аз нӯги забон як навачае ба берун роҳ ёфта ба вуҷуд меояд, ки ҷараёни ҳаво ба воситаи он аз байни дандонҳои боло ва поён хориҷ шуда, садои ҳарф ҳосил мешавад.

На таври *мансаби* (منصب) шоҳон бувад, ки байъу шаро,
Ба қасди касби маоши худ ихтиёр кунанд [11, с.41].

Шунидам, ки маликро дар он муддат душмане *саъб* (صعب) рӯй намуд [12, с.18]. Фозиле бар яке аз дустони *содиқ* (صادق) нома менавишт [11, с.66].

Ҳарфи зод (ض) дар шинохти вожаҳои арабӣ мавқеи муҳим дорад. Он ҳангоми пайваст шудани канори забон бо дандонҳои курсии боло ҳосил мешавад.

Ғараз нақшест к-аз мо боз монад,
Ки гетиро намебинам бақое [12, с.15].

Ин роз пӯшида дор, вагарна ҳам ту ва ҳам ман *фазиҳат* (فضيحة) мешавем. [11, с.59].

Ҳарфи то (ط) бо пайваст шудани нӯги забон бо дандонҳои боло ҳосил мешавад, қисми охири забонро ба тарафи боло бардошта, ба нармии ком наздик карда меоранд. Дар натиҷаи расидани сари забон ба бехи дандонҳои боло дами ҳаво баста мешавад. Баробари аз ҳам ҷудо шудани ин узвҳо ҷараёни ҳаво бо фишор аз даҳон хориҷ шуда, овози ҳарф ҳосил мегардад. Масалан: *Таоми* (طعام) туст агар иҷозат диҳӣ мехӯрам [11, с.39]. *Тоифае* (طاعفة) оҳанги гурез карданд [12, с.19].

Он қадар *латоиф* (لطائف) ва дақоиқ, ки дар китоби «Панҷ ганҷ» дарҷ кардааст, касро муяссар нест, балки мақдури навъи башар нест [11, с.104].

Ҳарфи зо (ظ) (изғӣ). Талаффузи он ба воситаи пайваст шудани нӯги забон ба нӯги дандонҳои боло ба вуҷуд меояд. Қисми охири забон ба тарафи боло бардошта, ба нармии ком наздик карда мешавад. Дар натиҷаи расидани нӯги забон бо нӯги дандонҳои боло дами ҳаво баста мешавад. Баробари аз ҳам ҷудо шудани ин узвҳо ҷараёни ҳаво аз даҳон хориҷ шуда, садои ҳарф ҳосил мегардад. Шунидам, ки ҳам дар он рӯз *зафар* (ظفر) ёфтанд [12, с.19].

Тавре ки мушоҳида кардем, дар шинохти калимаҳои арабӣ ҳарфҳои (ط) “то”, (ظ) “зо”, (ث) “со”, (ص) “сод”, (ض) “зод”, (ح) “ҳо” ҷойгоҳи муайян доранд, зеро ин ҳарфҳову овозҳо

танҳо хосси забони арабӣ мебошанд. Дар забони тоҷикӣ ҳарфҳои (ث) “со”, (ص) “сод” ба монанди овози “с”-и забони тоҷикӣ, ҳарфҳои (ظ) “зо” (ض) “зод”, (ذ) “зод” ба монанди овози ҳарфи “з”-и забони тоҷикӣ, ҳарфи (ط) “то” ба монанди овози ҳарфи “т”-и забони тоҷикӣ, ҳарфи (ح) “ҳо” бошад ба монанди овози ҳарфи “ҳ”-и забони тоҷикӣ талаффуз мешаванд. Ба ин хотир, ҳар як калимае, ки иқтибос шуда вориди забони тоҷикӣ мегардад, қонуниятҳои фонетикӣ ва сарфу наҳви забони тоҷикиро риоя карда, тоҷикона талаффуз мешавад.

А Д А Б И Ё Т

1. Бердиева, Т. Назарияи иқтибос / Т. Бердиева. - Душанбе, 1991. - 128 с.
2. Гулназарова, Ж. Таснифоти маъноии феъл дар «Баҳористон»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ / Ж. Гулназарова. - Душанбе: Шуҷоиён, 2011. - 168 с.
3. Забони адабии ҳозираи тоҷик. – Душанбе: Ирфон, 1973. - 447 с.
4. Лингвистический энциклопедический словарь. - М.: Большая советская энциклопедия, 2002. - 707 с.
5. Қосимова, М.Н. Хат ва имлои матни классикии тоҷик / М.Н. Қосимова. - Душанбе: 2013. - 393 с.
6. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Луғатшиносӣ / Ҳ. Маҷидов. - Душанбе: Деваштич, 2007. – Ҷ.1. - 255 с.
7. Наҷотзода, М. Таҷвиди Қуръон / М. Наҷотзода. - Душанбе: Ирфон, 2016. - 120 с.
8. Нисорӣ, Хоҷа Ҳасан. Чаҳор гулзор: таҳиягарони матн Усмон Назир ва Давлатбеки Хоҷа. - Душанбе: Шарқи озод, 1998. - 116 с.
9. Саломов М. Вижагиҳои забонии ғазалиёти шоирони асрҳои XII-XIV (Таҳлили сохторӣ, фонетикӣ, семантикӣ ва фразеологию луғавӣ): дисс... док... илм... филол. / М. Саломов. - Душанбе, 2018. - 355 с.
10. Шербоев, С. Методикаи таълими забони тоҷикӣ / С. Шербоев. – Душанбе, 2014. - 338 с.
11. Абдурраҳмони Ҷомӣ. Баҳористон. - Душанбе, 1972. - 138 с.
12. Саъдии Шерозӣ. Гулистон // Куллиёти Саъдӣ. - Қум: Интишороти Усва, 1375. - С. -138.

ВИЖАГИҲОИ САВТИИ КАЛИМАҲОИ ИҚТИБОСИИ АРАБӢ

(дар асоси маводи “Гулистон”-и Саъдии Шерозӣ ва “Баҳористон”-и Абдурраҳмони Ҷомӣ)

Дар таърихи забони адабии тоҷикӣ калимаҳои иқтибосии арабӣ мавқеи махсуси луғавию семантикиро касб кардаанд. Муҳимтарин хусусиятҳои лексикии онҳо аз ҷониби муҳаққиқон мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифта бошад ҳам, ба хусусиятҳои фонетикии онҳо чандон таваҷҷуҳ зоҳир нагардидааст. Дар мақола вижагиҳои ҳарфҳои хосси арабӣ мавриди пажӯҳиш қарор дода шудааст. Муаллиф дар асоси калимаҳои иқтибосии арабии ду асари ба ҳам шабеҳи адабиёти классикии тоҷик - “Гулистон”-и Саъдии Шерозӣ ва “Баҳористон”-и Абдурраҳмони Ҷомӣ андешаҳои худро баён карда, доир ба мафҳуми ҳарфҳои хосси арабӣ ва мавқеи онҳо дар забони тоҷикӣ маълумоти муҳимми назариявӣ додааст. Дар мақола ҳар як ҳарфи хосси забони арабӣ аз дидгоҳи илми фонетика мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Ҳамзамон, таъкид мешавад, ки баъд аз тағйир ёфтани низоми хатти арабии тоҷикӣ ва ба алифбои дигар гузаштан дар имлои калимаҳои арабие, ки дар давраҳои гуногун ба забони тоҷикӣ дохил шуданд, мушкилоти зиёде пеш омад ва таълими онҳоро то андозае душвор гардонид. Дар хулосаи мақола муаллиф ба натиҷае расидааст, ки калимаҳои иқтибосии арабие, ки дар таркибашон ҳарфҳои хосси забони арабӣ доранд, дар натиҷаи талаффузи зиёд бо тарзи талаффузи тоҷикӣ мутобиқат пайдо кардаанд ва то андозае аз тарзи талаффузи арабӣ фарқ мекунанд.

Калидвожаҳо: забони арабӣ, забони тоҷикӣ, ҳарф, алифбо, ҳарфҳои хосси арабӣ, талаффуз, фонема, графема, аломат, имло.

ОСОБЕННОСТИ ЗВУЧАНИЯ ЗАИМСТВОВАННЫХ АРАБСКИХ СЛОВ

(на источниках материалов «Гулистан»- Саади Шерази и «Бахористан»-а Абдурахмана Джами)

В истории литературного таджикского языка, заимствованные арабские слова имеют особенные значения. Нужно отменить, что значимость особенностей лексики данных слов хоть и были анализированы со стороны исследователей, но в анализу фонетики арабских слов в таджикском языке не было уделено особого внимания. В данной статье исследуются особенности арабских букв в таджикском литературном языке. Автор на источниках двух материалов великих художественных произведений «Гулистан» Саади Шерази и «Бустане» А Джами провёл исследование звучания арабских заимствованных слов, чем изложил теоритическую значимость понятий особенностей арабских букв и их место в таджикском языке. В статье анализирована каждая буква арабского языка в фонетическом направлении. Так же отмечено, что в разные времена в связи с переходом на другую азбуку в таджикский язык были внесены арабские буквы, что усложняло изучение таджикского языка. В выводе статьи автор утверждает, что многие арабские буквы в словах таджикского языка, в связи с регулярным произношением со временем стали соответствовать таджикскому языку, и в какой-то мере в произношении отличаться от арабского языка.

Ключевые слова: арабский язык, таджикский язык, буква, азбука, особенные арабские буквы, произношение, фонема, графема, пунктуация чистописание.

PHONETIC PARTICULARITIES OF BORROWED WORDS IN ARABIC LANGUAGE

(based on “Guliston” of Saadi Sherozi and “Bahoriston” of Abdurahmoni Jomi)

In the history of the Tajik literary language, the Arabic borrowed words has a special vocabulary and semantic position. Although the most important of their lexical features were analyzed by the researchers, their attention did not effect to their phonetic characteristics. In this article, the Arabic scriptures were analyzed. Author based on borrowed words of Arabic language also two similarity novels of Tajik classic literature - "Gulistan" of Saadi Sherozi and "Bahoriston" of Abdurrahmani Jomi, express their views on the concept of Arabic scriptures and their position in Tajik language. The following article includes every special scripture of Arabic language from the point of phonetic science by analyzing of science fiction. At the same time, the author emphasized that after the change of Arabic - Tajik script and alphabet, there appeared many difficulties based on arabic language spelling and training tajik language, thus they include different period of tajik language. In conclusion of the article, the author concluded that the borrowed words of the Arabic language , composed of Arabic special letters, have similarity with tajik pronunciation, even they differ a little bit from Arabic pronunciation.

Key words: Arabic, Tajik, Alphabet, word, alphabet, special letters of Arabic language, pronunciation, phoneme, graph, symbol, spelling.

Сведения об авторе: ***Саъдуллозода Фарход*** – Таджикский национальный университет, соискатель. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17.

Information about the author: ***Sadullozoda Farkhod*** - Tajik National University, applicant. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17 Rudaki Ave.

УДК: 491.550:891.550

ТАҲЛИЛИ ИСТИЛОҲОТИ ТОҶИКИИ МАКТАБУ МАОРИФ ДАР «ЁДДОШТҲО»-И С. АЙНӢ

Мирзоева П.В.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Маълум аст, ки ҳар ҷомеае агар соҳаи омӯзиш ва парвариши (маориф) босифату замонавӣ надошта бошад, он пешрафт карда наметавонад. Чунки инсоне, ки аз боғчаву мактабу донишгоҳ бодонишу бофарҳанг тарбият наёфта бошад, ҳеҷ кори муфиде на барои худаш ва на барои ин ҷомеа иҷро карда наметавонад. Баръакс, шахси бедонишу беҳунару бефарҳанг ба ҷомеа хатарҳо эҷод мекунад. Бинобар ин, сармоягузории беҳтарини давлат ин ба дониши хуб гирифтани шаҳрвандонаш равона кардани захираҳо аст, ки онро ҳатто ҳазорон сол пеш бузургони мо гаштаву баргашта қайд кардаанд.

«Маданияти баланди ҷамъият ва пешрафти маънавии онро бидуни забони иқтидорманде тасаввур наметавон кард, ҳастии таърихии халқ ва ҷустуҷӯҳои бардавоми маънавии ӯ дар оинаи забон акс андохтааст. Пас ин оинаро тозаву беғубор бояд нигоҳ дорем, то ҳастии маънавии худро аз он бинем ва барои такмили худ кӯшем» [12, с.15].

Омӯзиш ва таҳқиқи истилоҳот ва истилоҳгузинӣ дар садаи ХХ мавриди тадқиқоти забоншиносон ва олимони соҳаҳои гуногун қарор гирифт.

Дар забоншиносии тоҷик доир ба истилоҳот ва хусусиятҳои он, истилоҳоти соҳаҳои гуногун муҳаққиқон забоншиносон М. Муҳаммадиев, Қ. Тоҳирова, Р. Ғафуров, М. Шакурӣ, Я. И. Калонтаров, М. Қосимова, Д. Саймиддинов, С. Назарзода ва дигарон ибрози андеша намуда, дар пешрафти илми истилоҳотгузинӣ саҳми босазое гузоштаанд.

Вожаи ***истилоҳ*** дар Фарҳанги забони тоҷикӣ (минбаъд ФЗТ) чунин шарҳ ёфтааст: ***Истилоҳ*** *а. 1. Бо ҳам сулҳ кардан, оштӣ кардан*

2. Калима ё иборае, ки хосси як гурӯҳи мардум (мас. аҳли як касб) аст ё дар байни онҳо маънои махсусе пайдо кардааст, калимае, ки дар соҳаи илму фан барои ифодаи маънои махсуси ғайри аслӣ қабул шудааст, термин [10, с. 500].

Истилоҳҳо дар даврахои муайян ба вуҷуд меоянд, азнавсозӣ мешаванд ва аз байн мераванд.

Муҳаққиқ Норматов М. шаш аломати истилоҳро зикр намудааст:

- Истилоҳҳо аксар якмаъно мешаванд.
- Истилоҳҳо оммафаҳм нестанд, зеро онҳо соҳагианд.
- Истилоҳҳо асосан синониму антоним надоранд.
- Истилоҳҳо ба маънои маҷозӣ намеоянд.
- Аксарияти истилоҳҳо серистеъмол нестанд.
- Истилоҳҳо ба мисли калимаҳои одӣ ба забонҳои дигар ба осонӣ ва озод тарҷума намешаванд [6, с.59].

Ба андешаи муҳаққиқони соҳаи забоншиносӣ истилоҳот роҳҳои гуногуни бавуҷудоӣ ва корбурди худро дорад. Ба андешаи М.И. Қосимова корбурди истилоҳот дар осори адибону намояндагони асрҳои IX-X ба таври зайл сурат мегирифт:

1. Истилоҳоте, ки тоҷикӣ аст. Махсусан истилоҳоти низомӣ, ки дар «Шоҳнома» – и Дақиқӣ ва «Шоҳнома» – и А.Фирдавсӣ истифода шудаанд, аз ҷиҳати мансубият ба забони тоҷикӣ тааллуқ доранд: ***сипоҳ, савор, лашкар.***

2. Истилоҳоте, ки соҳибони асар бо тавзеҳу тарҷумааш меоранд ва ин гуна вожаҳоро аз рӯйи маъно ба забони тоҷикӣ тарҷума карда (калка) истилоҳ сохтаанд: ***ном-исм, куниш-феъл, гаравидан-тасдиқ.***

3.Истилоҳҳои забонҳои гуногун, ки дар як вақт ҳамчун муродиф истифода шудаанд.

4. Истилоҳҳое, ки аз забонҳои дигар (махсусан арабӣ) ба забони тоҷикӣ роҳ ёфтаанд; ***навъ, феъл, ҳадд, лафз*** [2, с.342].

Дар даврони Иттиҳоди Шӯравӣ якчанд гурӯҳи олимон чандин навъ ва тарзи сохтани истилоҳотро баён кардаанд, ки ин ҷо чанде аз ононро меорем.

Масалан, баъзе аз муҳаққиқони истилоҳшинос се тарзи истилоҳгузиниро пешниҳод кардаанд.

- «Истилоҳонидан» - и вожагони забони адабӣ ва лаҳҷаҳои ҳамон забон;
- Истилоҳофаринӣ дар асоси воситаҳои забони миллӣ;
- Иқтибоси «луғат-истилоҳ» аз забонҳои дигар;

«Истилоҳ – термин, калима ё иборае, ки предмет, мафҳуму ҷараёнҳои илмӣ, санъат, техника ва ғайраро ба таври аниқ ифода мекунад. Истилоҳ аз калимаҳои маъмулӣ бо мафҳуми махсус, якмаъноӣ ва муайянии ҳудудии маъноии худ фарқ мекунад» [12, с. 51]. Оид ба назария ва таърихи термин забоншиноси рус Лейчик В. М дар китоби «Терминоведение. Предмет, методы структуры» терминро чунин таъриф додааст: «Истилоҳ воҳиди лексикии забони муайяне мебошад, ки ифодакунандаи мафҳумҳои конкретӣ ва абстрактӣ буда, мафҳумҳои назариявии соҳаи махсус ва фаъолиятеро ифода мекунад» [3, с. 32].

Ҳамин тариқ, дар забони муосири тоҷикӣ истилоҳофаринӣ гуфта, фароянди ҷӯишу созиш ва пазириши муодилҳои тоҷикии истилоҳоти илмиро тариқи тарҷума ва истифода аз истилоҳоти забонҳои муосири илмӣ бо донистани асосҳои ин ё он илми муосир ва қоидаҳои калимасозию иборабандии забони тоҷикӣ фаҳмидан мебояд. Ба гуфти дигар, истилоҳофаринӣ дар забони тоҷикӣ фарояндҳои **истилоҳсозӣ, истилоҳгузинӣ ва истилоҳпазириро** дар бар мегирад.

Истилоҳсозӣ гуфта, фароянди сохтани муодилаи тоҷикии истилоҳоти забонҳои муқтадири илмиро дар заминаи қоидаҳои калимасозиву иборабандии миллӣ фаҳмидан мебояд.

Истилоҳгузинӣ гуфта, фароянди интихоби муодилаҳои мақбули тоҷикии истилоҳоти забонҳои муқтадири илмиро дар заминаи захираи луғавии забони адабии миллӣ фаҳмидан мебояд.

Истилоҳпазирӣ гуфта, фароянди пазириши истилоҳоти забонҳои муқтадири илмиро (дар мавриди дар захираҳои луғавии забони миллӣ мавҷуд набудани муодилашон) фаҳмидан мебояд.

Мувофиқи ақидаи муҳаққиқони муосир ба мисли Василева Н.В, Грязнова В.М, Даниненко В. П., Немца Г. П, Подолский В.Н, Суперанский А.В, истилоҳот - ин ба таври сунъӣ қабати лексикии сохташудае мебошад, ки ҳар як воҳиди он барои истифода ва мавриди истифода қарор доштан маҳдудиятҳои муайян дорад [9, с.10]. Фарқияти асосии ҷудокунандаи истилоҳ аз дигар қисматҳо ва соҳаҳои забон – ин алоқа доштани он бо консепсияҳои илмӣ мебошад. Дар истилоҳ ҳам ба мисли дигар воҳидҳои забон, аз қабили калима, ҳамчунин дигар далелҳои мушоҳидагардидаи муҳаққиқон ва фаҳмидагирии назариявии он инъикос меёбад [9, с.15].

Дар фароянди ислоҳгузинӣ бар дӯши калимаи интихобие аз захираи луғавии забони адабӣ (миллӣ) мазмуни нави илме бор карда мешавад.

Истилоҳоти **соҳаи маориф** аз нигоҳи мо дар се давраи таърихӣ ба вуҷуд омадаву такмил ёфтаанд.

1. Даврони пеш аз Иттиҳоди Шӯравӣ – ибтидои асрҳои VII то охири асри XIX.
2. Даврони ИҶШС – ҳудуди солҳои 1900-1990.
3. Даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон – охирҳои асри XX ва ибтидои асри XXI.

Дар даврони пеш аз Иттиҳоди Шӯравӣ истилоҳҳое, ки аслан тоҷикӣ буданд ва истилоҳҳое, ки бештар аз забони арабӣ иқтибос мешуданд, ба чашм вомехӯранд. Ин гуна истилоҳҳо дар соҳаи маориф хеле зиёд мушоҳида мешаванд. Мисол: **мактаб, маориф, мадраса, дарс, китоб** ва ғ.

Дар даврони Шӯравӣ бошад истилоҳоти аслан русӣ ё байналмилалие, ки бо таъсири забони русӣ ба забони тоҷикӣ гузаштаанд, чашмрас аст. Ин истилоҳҳо дар натиҷаи таҷдиди соҳаи маорифи он давр баргузида шуда буданд. Мисол: **профессор, академик, аспирант, декан, доктор.**

Истилоҳоте, ки дар даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон ба соҳаи маориф ворид гардидаанд, низ кам нестанд. Ин гурӯҳи истилоҳот низ аксаран бо сабабҳои дигаргун намудани шакли таҳсил, аз анъанавӣ ба шакли кредитӣ (қарзӣ) гузаштани соҳа рӯйи кор омадаанд. Ба ин гурӯҳ истилоҳоти байналмилалие, ки бе таъсири забони русӣ ба забони мо омадаанд, дохил мешаванд. Ин раванд алъон идома дошта, шояд чанд даҳсолаи дигарро дар бар мегирад. Мисол; **бакалавр, магистр, магистратура, тест, кредит.**

Калимаҳои аслии тоҷикӣ, калимаҳои решагии забон буда, бунёди забон – пойдевори ҳастии онро ташкил мекунанд. Аммо ин гурӯҳи калимаҳо дар забони тоҷикӣ хеле кам ба назар мерасанд. Дар давраҳои гуногуни таърих истилоҳҳои аслан тоҷикии соҳаи маориф ҷойи худро тадриҷан ба истилоҳҳое, ки аз забони арабӣ ва истилоҳоти байналмилалӣ иқтибос шудаанд, иваз намуданд.

Ба андешаи баъзе аз муҳаққиқон истилоҳоти аслан тоҷикӣ баъд аз ҳуҷуму забткориҳо ва ба сари қудрат омадани арабҳо дар Осиёи Миёна оҳиста – оҳиста ру ба

нестӣ ниҳодаанд. Истилоҳи «**нома**» ки аслан мафҳуми «**китоб**» - ро ифода мекард, («**Шоҳнома**») ба мафҳуми кӯчактаре табдил ёфт. Имрӯз зери мафҳуми «**нома**» на китоб, балки **мактуб ё навиштаю паёмаке** фаҳмида мешавад, ки аслан аз чанд сатре иборат асту аз нафаре ба нафаре интиқол дода мешавад. Истилоҳҳои аслан тоҷикӣ бо сабабҳои зикргардида аз истифода қариб берун мондаву мавқеи истилоҳии хешро аз даст додаанд.

Ҳамин тариқ, калимаҳои аслии тоҷикӣ, ки бунёди лексиқиву грамматикии забонро ташкил медиҳанд, чандон зиёд нестанд. Дар асари С. Айнӣ "Ёддоштҳо" намунаи зерини истилоҳоти тоҷикӣ истифода шудаанд, ки хеле кам ба чашм мерасанд.

Солҳои охир истилоҳҳои ***касбомӯзӣ ва бозомӯзӣ*** серистеъмол гардида истодаанд. Калимаи ***касбомӯзӣ*** аз ду реша ва пасванди муштараквазифаи ***"- ӣ"*** таркиб ёфтааст ***бозомӯзӣ*** низ дар ҳамин қолаб сохта шудааст. Аз ҷиҳати таркиби морфологӣ калимаи мазкур аз исми касб, асоси замони ҳозираи феъл ва пасванди "–и" таркиб ёфтааст:

Аммо дуохониро ба худ ***касб карда*** *нагирифта буд ва дуохононро «фиребгар»- гӯён ҳақорат медод* [8, с. 543].

Аҳмад-махдум дар қисми дуюми «Васияти фарзандон» ном боби «Наводир-ул-вақоеъ» дар боби ***касбу*** *пешаҳо гап задан хоста, аввал бар болои дарсхонӣ ва дарсгӯӣ меистад ва дар ин хусус аз ёддоштҳо ва таассуроти худ порчаҳо меорад* [8, с. 553].

Вожаи **касб** дар забони муосир ба таври васеъ истифода шуда, махсусияти сермаъноӣ дошта, он дар Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ (минбаъд ФТЗТ) чунин маънидод шудааст:

КАСБ *а.* 1 **كسب** . бо қӯшишу меҳнат ба даст овардани чизе, ихтисос, шуғл; **касби илм** дониш омӯхтан, илмомӯзӣ. 2. *мач.* пеша, ҳунар, ҳирфа; **касбу кор** пеша ва шуғл; **касб карда гирифтан** ба худ пеша қарор додан (*шуғлеро*); **касби камол кардан** илму дониш андӯхтан, комил шудан дар илму дониш ва одобу ахлоқ. 3. намуди асосии шуғл, ки бо ҳуҷҷат (ба таҳсилот) тасдиқ мегардад; ихтисос [10, с. 542].

Аз истилоҳи "касб" ҳамчунин калимаи касбомузӣ низ сохта шудааст, ки дар фарҳанг чунин шарҳ ёфтааст.

Касбомӯзӣ كسب آموزي ҳунар ва пешаеро ёд гирифтан, ҳунаромӯзӣ.

Касбомӯзӣ – раванди аз худ намудани касб ё ихтисоси муайяне дар тамоми муассисаҳои касбомӯзиро меноманд [10, с. 543]. Дар омӯзишгоҳ, коллеҷ, донишкада ва донишгоҳҳои олии кишвар.

Мисоли дигар:

Ҳоло ки ту хурдсол ҳастӣ, вазифаи ту дарс ***хондан****, шеър* ***хондан****, шеър ёд кардан ва шеър* ***навиштан*** [8, с. 79].

Дар мисоли боло ду истилоҳи аслан тоҷикӣ мавҷуд аст.

1. **хондан**
2. **навиштан**

Истилоҳи хондан хеле содда ва оммафаҳм аст. Аз он қариб тамоми қишрҳои ҷомеа воқифанд, ки ин истилоҳ чист ва чиро мефаҳмонад. Ин истилоҳ дар ФТЗТ ба чунин маъноҳо омадааст: **ХОНДАН خواندن** 1. қироат кардан, мутолиа кардан навиштаеро, китоберо *ва ғ.*

1.таҳсил кардан, дарс гирифтан, омӯхтан (*дар мактаб*).

2.хонда додан, хонда шунавондан.

4.номидан, шуморидан; **бародар хондан** касеро ба худ бародар ҳисоб кардан, касеро ба бародарӣ баргузидан.

5.ба назди худ даъват кардан, ҷеғ задан.

6. суруд хондан, сароидан; сухан гуфтан; суханронӣ кардан оид ба ягон мавзӯи илмӣ дар мактаби олӣ ё барои гурӯҳи шунавандагон; **намоз хондан;** ба ҷо овардани намоз; **фотиҳа хондан** а) дуо хондан дар ҳаққи касе; б) "омин" гуфта даст ба рӯй кашидан; **хонда баромадан** сар то сари чизеро хондан; хонда, мутолиа карда ба охир расонидан.

Маънои истилоҳии хондан:

Хондан – ин истилоҳ дар соҳаи маориф ду амал ё протсесро мефаҳмонад:

1.кардан, мутолиа кардан; қироат кардан навиштаеро, китоберо *ва* ғайра

2.Раванди таълиму тарбия дар тамоми муассисаҳои таҳсилотии кишварро гӯянд [11, с. 492].

Истилоҳи **навиштан -** дар луғатномаҳову фарҳангномаҳо ҳамчуноне шарҳ ёфтааст, ки имрӯз ба маънии истилоҳияш айнан ҳамон гуна фаҳмида мешавад. Ин калима дар ФТЗТ чунин шарҳ ёфтааст:

НАВИШТАН نوشتن.1. фикре, матлаберо рӯйи (ба рӯйи) коғаз овардан, нигоштан.

2.таълиф кардан, эҷод кардан, ба вуҷуд овардани асари адабӣ ё илмӣ.

3. рӯбардор кардан, рӯнавис кардан, китобат намудан [10, с. 819].

Дар муддати тахминан як моҳ ман ҳарфҳои абҷадро шинохта мехондагӣ шудам ва ҳисобашро ҳам, ки аввал як-як зиёд шуда то даҳ, пас аз он даҳ-даҳ зиёд шуда, то сад ва баъд аз он сад-сад зиёд шуда, то ҳазор мерафт, ***омӯхтам*** [8, с.52].

Ва ҳол он ки талабаи Бухоро, агар хушзеҳн ва пурқобилият бошад ва роҳи ба сари худ кор карданро ёбад, дар муддати 8 сол ба тариқаи назарӣ «забар» ё «зер» хондани як калимаи арабиро ва таркиби баъзе ҷумлаҳои осонро ***меомӯхт*** [8, с.138].

Истилоҳи **омӯхтан** ҳам таърихи баромади куҳан дорад ва ҳам то кунун маънои луғавии худро дар натиҷаи истилоҳ гаштан аз даст надодааст. Дар ФТЗТ ин мафҳум чунин шарҳ дорад: **ОМӮХТАН** آموختن 1. ёд гирифтан, аз худ кардан, фаро гирифтан (*чизеро аз касе*).

2. ёд додан, таълим додан, омӯзондан (*чизеро ба касе*).

3. тадқиқ кардан, таҳқиқ кардан [10, с.919].

Он хона, чунонки дар қисми III-и «Ёддоштҳо» тасвир намудаам, дар тарафи шарқии қалъаи Ғиждувон, дар ***боғчаи*** *рӯидаричагии Назрулло-бойбача ном касе бино ёфта буд ва он хонаро як шохоби рӯди Пирмаст ва як кӯча аз қалъа ҷудо мекард* [8, с.547].

Дар мисоли боло истилоҳи аслан тоҷикии соҳаи маориф ин **боғча** мебошад. Ин истилоҳ ҳаммаънои «детсад» - и русист. Мафҳуми боғчаи бачагона баъзан бо истилоҳи дигар яъне **ширхоргоҳ** низ гуфта мешавад.

Вожаи боғча аз исми модии боғ ва пасванди муштараквазифаи –ча таркиб ёфтааст. **Боғча** – муассисаи таълимию тарбиявие мебошад, ки дар он кӯдакони синни то мактабӣ ба таълиму тарбия фаро гирифта мешаванд. Истилоҳи мазкур дар ФТЗТ ҳамчун истилоҳи ифодакунандаи мафҳуми “ширхоргоҳ” шарҳ дода нашудааст.

Аз таҳлили маводи гирдоварда маълум гардид, ки дар асари «Ёддоштҳо» - и С. Айнӣ истифодаи истилоҳоти соҳаи маориф ҷой дошта, истилоҳоти аслан тоҷикӣ бисёр кам ба чашм мерасад, чун он давраеро, ки нависанда дар асарҳои худ тасвир намуданд, забони арабӣ - забони илму фарҳанг ба ҳисоб мерафт, аз ҳамин сабаб калимаҳои соҳаи маорифи сирф тоҷикӣ ба истилоҳоти арабӣ иваз карда шудаанд.Аксари истилоҳоти соҳаи маориф, ки бунёди тоҷикӣ доранд, калимаҳои сохта мебошанд. Аз ҳиссаҳои нутқ исм ва феъл ва аз пасвандҳои калимасоз -и, -гона, гоҳ- ва ғайра истифода гардидаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Джаматов С.С. Становление и развитие лингвистической терминологии таджикского и английского языков: дис… д-ра фил. наук: 10. 02. 20 / С.С. Джаматов. - Душанбе, 2015. - 407 с.
2. Қосимова М.Н. Мухтасар оид ба истилоҳоти забоншиносии пешини тоҷик / М.Н. Қосимова. - Душанбе, 2003. – 113 с.
3. Лейчик В.М. Предмет, методы и структура терминоведения: афтореф. дис... д-ра филол. наук: 10.02.20 / В.М. Лейчик. - М., 1989. – 24 с.
4. Морозова. Л.А. Терминознание: Основы и методы / Л.А. Морозова. - М.:ГНО «Прометей» МПГУ, 2004. – 144 с.
5. Назарзода С. Забон ва истилоҳот (Андешаҳо дар атрофии забони тоҷикӣ ва ташаккули истилоҳот). - Душанбе: Дониш, 2003. – 147 с.
6. Норматов. М. Муқаддимаи забоншиносӣ. Воситаи таълимӣ / М. Норматов. - Душанбе: Матбуот, 2007. - 251 с.
7. Самиев З.К. Лингвистический анализ терминологии отрасли образования: дис……канд. филол. наук: 10.02.20 / З.К. Самиев. - Душанбе, 2014. – 147 с.
8. С.Айнӣ. Ёддоштҳо. (чаҳор қисм). – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи миллии тоҷик. - 2009. - 680 с.
9. Суперанская А.В. Общая терминология. Вопросы теории / А.В. Суперанская, Н.В. Подолская, Н.В. Василева. - М.: Наука, 1989. – 246 с.
10. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ / Дар зери таҳрири М.Ш. Шакуров, В.А. Капранов, Р. Ҳошим, Н.А. Масъумӣ. Ҷ.1. - Москва, 1989. – 950 с.
11. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ дар зери таҳрири М.Ш. Шакуров, В.А. Капранов, Р. Ҳошим, Н.А. Масъумӣ. Ҷ.2. - Москва, 1989. – 945 с.
12. Шакурӣ М. Ҳар сухан ҷоеву ҳар нуқта мақоме дорад / М. Шакурӣ. - Душанбе: Ирфон, 1985. – 368 с.
13. Энсиклопедияи советии тоҷик. - Ҷ 2. - Душанбе, 1980. – 634 с.

ТАҲЛИЛИ ИСТИЛОҲОТИ ТОҶИКИИ МАКТАБУ МАОРИФ ДАР «ЁДДОШТҲО»-И С. АЙНӢ

Дар мақолаи мазкур истилоҳоти аслан тоҷикии мактабу маориф дар асоси асари “Ёддоштҳо” – и С. Айнӣ мавриди баррасӣ ва таҳқиқ қарор гирифтааст. Пеш аз ҳама, оид ба мафҳуми истилоҳ, истилоҳсозӣ маълумот дода шуда, назарияи забоншиносон оид ба ин масъала пешниҳод гардидааст. Дар ҷараёни таҳқиқ муайян гардид, ки омӯзиш ва таҳқиқи истилоҳот ва истилоҳгузинӣ дар забоншиносии тоҷик дар садаи XX мавриди тадқиқот қарор гирифтааст. Аз мафҳуми истилоҳ ҳамчунин мафҳумҳои истилоҳонидан, реистилоҳонидан (интиқоли истилоҳ аз як соҳа ба соҳаи дигар), истилоҳофаринӣ, интернатсионалонидан дар забоншиносии муосири тоҷик ба вуҷуд омаданд. Бояд зикр кард, ки мувофиқи назарияи забоншиносон истилоҳоти соҳаи маориф дар се даврае таърихӣ такмил ёфтаанд. Истилоҳоти тоҷикии соҳаи маориф, ки қабл аз Иттиҳоди Шӯравӣ дар истифода буданд, бештар аз забони арабӣ иқтибос шудаанд. Истилоҳоти соҳаи мактабу маорифро, ки дар даврони Иттиҳоди Шӯравӣ мавриди истифода қарор мегирифтанд, бештар истилоҳоти русӣ ё байналмилалие, ки бо таъсири забони русӣ ба забони тоҷикӣ гузаштаанд, ташкил медиҳанд. Истилоҳоти даврони соҳибистиқлол аслан ҳамон истилоҳоте мебошанд, ки бештар ба системаи нави таълим, яъне системаи кредитӣ тааллуқ доранд. Дар натиҷаи ҷамъ овардани мисол ва таҳлил ба хулосае омадем, ки истилоҳоти тоҷикии соҳаи маориф дар “Ёддоштҳо” – и С. Айнӣ ба таври камшумор истифода бурда шуда, истилоҳоте, ки баромади сирф тоҷикӣ доранд инҳо мебошанд: ***касб, касбомӯзӣ, касб кардан, хондан, навиштан, омӯхтан, боғча.***

Калидвожаҳо: истилоҳ, истилоҳсозӣ, мактабу маориф, истилоҳоти аслан тоҷикӣ, иқтибосот, даврaҳои таърихӣ, забоншиносон.

АНАЛИЗ ШКОЛЬНО-ОБРАЗОВАТЕЛЬНОЙ ТЕРМИНОЛОГИИ ТАДЖИКСКОГО ПРОИСХОЖДЕНИЯ НА ОСНОВЕ ПРОИЗВЕДЕНИЯ «ВОСПОМИНАНИЯ» С. АЙНИ

В данной статье рассматриваются и анализируются проблемы школьно-образовательной терминологии таджикского происхождения на основе произведения «Воспоминания» С. Айни. В статье, прежде всего, обсуждаются понятия «термин», «терминообразование», «терминоведение», также представлены мнения лингвистов о данной проблеме. Как определяется из исследования, изучение и анализ терминов и терминообразования началось в XX веке в таджикском языкознании. Понятия терминообразования, образования новых терминов, интернационализация терминов возникают из понятия «термин». Следует отметить, что, по мнению лингвистов, школьно-образовательная терминология совершенствуется в трёх исторических периодах. Образовательная терминология, заимствованная из арабского языка, использовалась до времени Советского Союза. В контрасте, образовательная терминология русского и интернационального характера, использованная во время Советского Союза, перешла в фонд таджикского языка под воздействием русского языка. Современной образовательной терминологией являются термины, относящиеся к новой системе обучения (кредитная система). Образовательная терминология таджикского происхождения, использованная в произведении «Воспоминания» С. Айни, это такие слова *профессия, приобретение профессии, избирать профессию, читать, писать, изучать, детский сад*; можно считать, что эти термины использовались в малом количестве.

Ключевые слова: термин, терминообразования, образование, термины таджикского происхождения, заимствование, исторические периоды, языкознание.

EDUCATIONAL TERMINOLOGY OF TAJIK OROGIN ANALYSES ON THE BASIS OF “REMINISCENCES” BY S. AYNI

This article examines and analyzes the problems of educational terminology of Tajik origin based on the work “Reminiscences” by S. Ayni. First of all, the article discusses the concepts of the term, term formation, terminology as well as, the views of linguists are expressed on this problem. As determined from the study, the study and analysis of terms and terminology studies began in the 20th century in Tajik linguistics. The concepts of terminology, the formation of new terms, terminology studies, and the internationalization of terms arise from the concept of "term". According to linguists, educational terminology is being formed in three historical periods. Educational terminology borrowed from the Arabic language was used until the Soviet Union period. In contrast, the educational terminology of the Russian and international character which have been in used during the Soviet Union period was transferred to the Tajik language fund under the influence of the Russian language. Modern educational terminologies are terms related to the new educational system (credit system). Educational terminology of Tajik origin used in the work “Reminiscence” by S. Aini are **a profession, the acquisition of a profession, to elect profession, to read, to write, to study, a kindergarten;** lead to the conclusion that these terms were used in small quantities.

Key words: term, term formation, education, terms of Tajik origin, borrowing, historical periods, linguistics.

Сведения об авторе: ***Мирзоева П. В.*** –Таджикский национальный университет, аспирант кафедры английского языка и сравнительной типологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 17.
E-mail: **parvina-9595@ inbox. ru.** Тел: **(+992) 93-438-08-01**

Information about the author: ***Mirzoeva P. V.*** - Tajik National University, graduate student of English department and comparative typology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.
E-mail: **parvina-9595@ inbox. ru.** Tel.: **(+992) 93-438-08-01**

УДК:42+491.550 (575.3)

АҚИДАҲОИ ТАРҶУМАШИНОСОН ОИД БА ТАСНИФОТИ ВОҲИДҲОИ ЛУҒАВИИ БЕМУОДИЛ

(дар мисоли забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ)

Кесамирова С.Р.
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Ҳангоми муқоисаи забонҳо дар мавзӯи зикршуда на танҳо умумият ва хусусиятҳои фарқкунандаи сохтории онҳо омӯхта мешавад, балки дар ин ҷараён гуногунии фарҳангу маданият, тафаккур, фаҳмиши этнологӣ ва садди фарҳангӣ, моддиву маънавии онҳо низ мушоҳида мегарданд. Дар замони муосир, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон робитаҳои ҳамаҷонибаро бо дигар мамлакатҳои дунё, аз ҷумла бо англисзабонон, барпо карда истодааст, аз ин лиҳоз бо мурури замон эҳтиёҷот нисбати тарҷумонҳо, махсусан тарҷумони забони англисӣ дар вусъат қарор дорад. Ҳангоми муқоиса ё тарҷумаи забонҳо, дар баробари фарқият ва умумият доштани онҳо, мушкилоти махсус, чун мутобиқат ё номутобиқатии воҳидҳои луғавии забонҳо ба назар мерасад, ки онро дар тарҷумашиносӣ ҳамчун мафҳуми муодилнокӣ ва бемуодилии воҳидҳои луғавӣ ном мебаранд. Оиди мафҳум ва моҳияти муодилнокӣ, муодилнокии нопурра ва бемуодилии воҳидҳои луғавӣ аз миёнаи асри XX то ҳол муҳаққиқони соҳаи забоншиносӣ ва тарҷумашиносӣ тадқиқотҳои зиёдеро ба анҷом расонидаанд.

Ҳадаф аз навиштани мақолаи мазкур аз нигоҳи илмӣ муайян намудани моҳияти мафҳуми бемуодилии воҳидҳои луғавӣ дар мисоли забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ мебошад. Инчунин, дар мақола ақидаҳои муҳаққиқони тарҷумашинос оид ба ин масъала таҳлил карда мешаванд.

Мафҳуми бемуодилии воҳидҳои луғавӣ дар он аст, ки ин гуна калимаҳо падидаи фарҳангии махсуси худро доранд ва ҳангоми муқоисаи луғатҳо дарк карда мешавад, ки чунин калимаҳо хусусияти миллӣ доранд. Ҳар як забон воҳидҳои луғавии миллию фарҳангии ба худ хос дорад. Дар забони англисӣ низ чунин воҳидҳо дида мешаванд. Воҳидҳои луғавии бемуодил муҳофизи мероси миллӣ ва фарҳангии халқиятҳо ба ҳисоб рафта, инъикосгари хусусияти миллии фарҳанги онҳо мебошанд. Бемуодилии воҳидҳои луғавӣ дар забоншиносӣ мавқеи хосси худро дорад. Барои таҳқиқи он тарҷумашиносон ва забоншиносон мушкилиҳои зиёдеро аз сар гузаронидаанд. Муҳаққиқон ҳар як мафҳуми бемуодилии луғавиро як хел тафсир надодаанд. Яке аз онҳо Л.С. Бархурдаров қайд намудааст, ки "… воҳидҳои бемуодили луғавӣ дар дигар забонҳо муодили пурра ва муодили нопурра надоранд" [2, с.94]. Чунин воҳидҳои луғавиро ӯ ба се гурӯҳ тақсим намудааст:

1. Исмҳои хос, номҳои ҷуғрофӣ, номи биноҳо, газетаҳо ва ғ. Мисол: *Good has come out of evil, however, for the barmaid, finding from the papers that he is in serious trouble, and likely to be hanged, has thrown him over utterly, and has written to him to say that she has a husband already in the* ***Bermuda Dockyard****, so that there is really no tie between them* [7, с.90-91].

Тарҷума: Вале то бад нагӯӣ, нек пеш наояд. Буфетчизан аз газетаҳо мефаҳмад, ки шавҳарашро ба ҷинояти сахте гунаҳгор мекунанд ва, эҳтимол, ба наздикӣ ӯро ба дор кашанд, аз ин рӯ, дарҳол ӯро партофта, ба вай мактубе навишта иқрор мешавад, ки қайҳо боз вай шавҳари дигари қонунӣ дорад ва шавҳараш дар **доки (таъмиргоҳи киштӣ) Бирмунд** зиндагӣ мекунад ва ба мистер Ҷеймс Мак-карти ҳақиқатан ҳеҷ дилбастагӣ надорад [1, с.40].

Дар мисоли зикршуда воҳиди луғавии бемуодил ба таври усули шарҳи маънӣ бо қавс фаҳмонида мешавад. Чи тавре ки мебинем, ***Dockyard,*** ба забони тоҷикӣ чун ***док (таъмиргоҳи киштӣ)*** тасвир шудааст. ***Bermuda*** исми хос буда, ба забони тарҷума бо усули транскрипсия ***Бирмунд*** тарҷума шудааст. Аз назарияи тарҷума ба мо маълум аст, ки воҳидҳои луғавии бемуодили исми хос танҳо ба таври транслитератсия ё транскрипсия тарҷума мегарданд, яъне ин ҳолат ба талабот ҷавобгӯ аст.

Реалияҳо. Худи калимаи «реалия» - калимаи лотинӣ ва сифати ҷинси миёнаи шумораи ҷамъ мебошад, ки маъноҳои «моддӣ», «аслӣ, воқеӣ» буда, дар зери таъсири категорияҳои лексикию аналогӣ ба исм мубаддал шудааст. Реалия аз назари филологӣ «предмет, ашё» - ро мефаҳмонад, ки бо мафҳуми ҳаёт хеле алоқамандии зич дорад. Аз рӯйи таснифоти луғавӣ реалияҳо предмети маданияти моддӣ мебошанд. Дар назарияи тарҷума истилоҳи реалия калимаеро меомӯзад, ки ашёҳоро номгӯӣ мекунад.

Истилоҳи «реалия» бо мафҳуми реалия – калима, ба сифати нишонаи реалия – предмет ё ин ки ҳамчун элементи лексикии забони вуҷуддошта дар адабиёти тарҷумавӣ хеле васеъ паҳн гаштааст. Мисол, ***deduce – дедукция, doctor – доктор, freemason – франкмасон, gentleman – ҷентлмен, groom – грум, guardsmen – гвардия, inch – дюм, inspector – инспектор, iodoform – йодоформ*** ва ғ.

Лакунаҳои тасодуфӣ – воҳидҳои луғавии забоние мебошанд, ки бо баъзе сабабҳо дар таркиби луғавии забони бегона муодили худро намеёбанд. Лакунаҳо аз реалияҳо бо он фарқ мекунанд, ки реалияҳо хосси як миллат буда, дар дигар забон муодил надоранд ва лакунаҳо бошанд, мафҳуми калимаҳоеро нишон медиҳанд, ки дар ҳарду забонҳои муқоисашаванда вуҷуд доранд, вале ҳангоми тасвири обуранги маъноӣ фарқ мекунанд. Лакунаҳо онҳо "чоҳҳои" маъноӣ мебошанд. Дар таҳлили муқоисавии лакунаҳо аҳаммият бештар ба сохтори семантикӣ дода мешавад. Мисол, lunch – хӯроки нисфирӯзӣ, grandparents – бибӣ ва бобо, poor student – донишҷӯи духон, freshman – донишҷӯи курси як ё навкор, навшогирд, language house – хобгоҳи умумӣ ва ғ.

Оид ба моҳияти муодилнокӣ ва бемуодилии воҳидҳои луғавии байнизабонӣ дар таҳқиқоти олимони англис низ, ба мисли Т. Сайворӣ навгониҳои илмӣ мебошанд, ки гуфтааст: «trouble of a different kind arise from gaps in languages which cannot be filled in translating, because for a word that may be quite familiar in one language there is no equivalent in another» [9, с.14].

Аз рӯйи ақидаи Т. Саворӣ мушкилоти зиёд дар гуногунии маъно ва сохтори воҳидҳои луғавии забонҳо дида мешаванд, ки дар раванди тарҷума чунин воҳидҳо дар дигар забон тарҷумаи комили худро намеёбанд. Ҳолатҳое ба тарҷумон дучор мегардад, ки калима дар матни асл сода ва фаҳмо буда, мавриди интиқол ба дигар забон тамоман муодил ёфта наметавонад. Бемуодилии воҳидҳои луғавӣ як масъалаи ҳалли худро наёфта ба шумор меравад.

Чи тавре ки қайд гардид, ба гурӯҳи воҳидҳои луғавии бемуодил калимаҳое дохил мешаванд, ки ҷанбаҳои миллии хосси як миллатро ташкил намуда, дар дигар миллат муодили худро надоранд. Онҳоро чун истилоҳ забоншиноси хориҷӣ мисли П. Нюмарк culture-specific items; culture-bound terms; cultural items ва ғайраҳо ном гирифтаанд [8, с.292].

Калима ва таркибҳои устувори як забон, ки дар забонҳои дигар муодили худро надоранд, воҳидҳои луғавии бемуодил номида мешаванд. Вале ин маънои онро надорад, ки ин гурӯҳи калимаҳо тарҷуманопазиранд. Роҳу усулҳои махсусе вуҷуд дорад, ки тарҷумаи онҳо ҳалли худро меёбад. В.Н. Крупнов ва К.Л. Латишев воҳидҳои луғавии бемуодилро ба чор гурӯҳ тақсим намудаанд; реалия-калима, бемуодилҳои муваққатӣ, бемуодилҳои тасодуфӣ ва экзотизмҳои сохторӣ [4, с.279].

Ҳарчанд лакунаҳо ба бемуодилҳои тасодуфӣ монандӣ доранд, вале онҳоро ҳамчун гурӯҳи алоҳидаи воҳидҳои луғавии бемуодил бояд қайд намуд. Сабаби асосии пайдо шудани воҳидҳои луғавии бемуодил дар забонҳо аз гуногунӣ ва номутобиқатии тасвири забонии ҷаҳони онҳо шаҳодат медиҳад [5, с.147].

Чи тавре ки қайд намудем, реалияҳо ба гурӯҳи якуми воҳидҳои луғавии бемуодил дохил мешаванд ва онҳоро З. Г. Прошина ба чор намуд тасниф кардааст, ки ба таври зайл мебошад:

1) *Калимаҳои ягонае, ки ба фарҳанги як миллат хос мебошанд, мисли* kimono – кимоно;

2) *Аналогҳо:* drug-store – дорухона;

3) *Калимаҳои монанде, ки бо вазифаҳои гуногун дар забон истифода мешаванд: cuckoo's call (анг) – садои ку-ку* (ин ифодаро дар он ҳолат мардуми англис истифода мебарад, ки агар вақти издивоҷи духтар наздик шавад, вале дар забони тоҷикӣ ба маънои маҷозӣ шахси камақл, гул, аҳмақ, сабуксарро дар назар дорад).

4) *Лакунаҳо:* clover-leaf – кушодашавии роҳ, ки монанди барги юнучқа аст [6, с.117].

Олимони дигар низ дар бораи реалия таҳқиқоти илмӣ бурдаанд. Яке аз онҳо С. Влахов ва С. Флорин мебошанд, ки намудҳои реалияҳоро ба якчанд гурӯҳҳо тасниф додаанд: реалияҳои ҷуғрофӣ; реалияҳои этнографӣ; реалияҳои меҳнатӣ; реалияҳои санъату маданият; реалияҳои объектҳои қавмӣ; реалияҳои ченак ва пул; реалияҳои ҷамъиятиву сиёсӣ; реалияҳои орган ва намояндагони ҳокимият; реалияҳои ҳарбӣ ва ғ. [3, с.51-56].

Аз ақидаҳои дар боло зикрёфта бармеояд, ки реалияҳо ба гурӯҳҳои гуногун таснифот ёфтаанд ва дар мақолаи мазкур якчанд намудҳои воҳидҳои луғавии бемуодили забони англисиро аз рӯйи таснифоти Л.К. Латишев бо забони тоҷикӣ муқоиса намуда, мавриди таҳлил қарор медиҳем:

1. *Реалияҳо: cowboy - амер. ковбой, говчарон, lamberman - дарахтбур, ҷангалбур, тоҷири тахтафурӯш, чӯбфурӯш, ranch - амер. ранчо; хоҷагии калони фермерӣ/молдорӣ, dude ranch – пансионат, blues - амер. блуз (як навъи мусиқии ҷаз бо оҳанги хузнангез), banjo - банҷо (асбоби мусиқӣ).*

Реалияи ***cowboy*** ба исми ҷондори ҷинси мардона дахл дошта, аз решаи ***cow (гов) + boy (писар)*** гирифта шуда, дар фарҳанги забони англисӣ ва тоҷикӣ чун ковбой, говчарон омадааст. Агар ин калимаро дар Фарҳанги этимологии забони англисӣ "Online Etymology Dictionary" нигарем, ин калима маънои марди дар болои асп нишаста ҳайвоноти шохдорро ҳангоми чаридан дар наздикии ферма нигоҳубин кунандаро мегӯянд. Аслан ин калима дар Америкаи ғарбӣ пайдо шуда буд ва баъдан онро ҳамчун калимаи таҳқиромез нисбати як гурӯҳ тарафдорони ғоратгароне, ки дар ҳамсоягии штати Ню-Йорк дар раванди Револютсияи соли 1775 вуҷуд доштанд, истифода мебурданд, яъне ***cowboy*** гуфта, таҳқир мекарданд [15.08.19].

2. *Бемуодилҳои муваққатӣ.* Воҳидҳои бемуодили муваққатӣ аз рӯйи сохту мазмунашон ба реалия-калимаҳо монанд мебошанд ва ба худ он воҳидҳои луғавиеро дарбар мегиранд, ки бо сабабҳои рушди илму техника ин гуна калимаҳо дар як забон шиносанд ва дар дигар забон нав мавриди истифода қарор гирифтаанд, яъне онҳоро мардум нав қабул карда истифода мебаранд, вале мафҳуми онро сарфаҳм намераванд. Сабаби пайдоиши чунин бемуодилҳои муваққатӣ дар нобаробарии рушду тараққиёти техника дар мамлакатҳои дунё мебошад. Мисол, калимаҳои computer-компютер, mobilephone-мобайлфон, printer-принтер, catridge-катриҷ то имрӯз ҳамчун бемуодилҳои муваққатӣ ба шумор мерафтанд, вале ҳозир онҳо ҳамчун истилоҳи техникӣ ба ҳама мардуми тоҷик шинос мебошанд.

3. Ба ин гурӯҳ воҳидҳои бемуодили *тасодуфӣ* дохил мешаванд. Воҳидҳои бемуодили тасодуфӣ он воҳидҳои луғавиеро дарбар мегиранд, ки дар ҳаёту фаъолияти ҳарду миллат мавҷуд буда, бо ягон сабаби номаълум номи худро мутобиқ ба мазмунашон наёфтаанд. Онҳоро бо дигар ном ҳамчун лакунаҳои тасодуфӣ низ номбар менамоянд. Сабаби асосии бавуҷудоии бемуодилҳои тасодуфӣ дар гуногун будани тасвири забонии ҷаҳони миллатҳо инъикос мегардад. Азбаски, тафаккуру маданияти халқиятҳо аз ҳамдигар фарқ дорад, ин боиси бавуҷудоии бемуодилҳои тасодуфӣ мегардад, ки дар ҳаёти ҳарду соҳибзабонон дар истифода мебошад, вале онҳоро ҳамчун мафҳуми аниқ номгӯй карда наметавонем. Лакунаҳои тасодуфӣ ва бемуодилҳои тасодуфӣ ҳарду як гурӯҳи воҳидҳои луғавии бемуодилро ифода менамоянд, яъне дар онҳо фарқият дида намешавад [5, с.147].

4. Экзотизмҳои сохторӣ ҳамчун гурӯҳи воҳидҳои луғавии бемуодил ба шумор рафта, ба гурӯҳи бемуодилҳои тасодуфӣ хеле шабоҳат доранд, зеро экзотизмҳо низ дар ҳарду забонҳои муқоисашаванда вуҷуд доранд ва дар ҳаёти мардуми забонҳои муқоисашаванда истифода мешаванд. Фарқият байни инҳо дар он зоҳир мегардад, ки бемуодилҳои тасодуфӣ гарчанде дар ҳарду миллат вуҷуд дошта бошанд ҳам, вале ҳамчун калима номи худро ёфта наметавонанд, аммо экзотизмҳо бошанд, номашон дар дигар забон ёфт нашавад ҳам, маънои он ҳатман шарҳ дода мешавад. Сабаби асосии пайдоиши экзотизмҳо дар рушди бошиддати сайёҳӣ ва дар рафтуомади муҳоҷирон мебошад. Умуман, сабаби аввалини пайдоиши экзотизмҳои забони англисӣ дар омадурафти муҳоҷирони мамлакатҳои Лотино-Амрико, Африка, Ҳиндустон, Итолиё, Хитой ва ғ. инъикос меёбад, зеро ҳар як муҳоҷир хусусиятҳои миллии худро ба забон оварда, тамоми калимаҳое, ки дар атрофи фарҳангу маданияти ӯ гуфтугӯ мешаванд, ба забони англисӣ ворид мегардонад. Аз ин ҷо бошад, намудҳои гуногуни экзотизмҳо пайдо шуданд. Аслан экзотизм он воҳидҳои луғавиеро дарбар мегирад, ки дар ҳаёти мардум аз забони бегона омада дохил шуда, солҳои тӯлонӣ мавриди истифода қарор мегирад. Метавон қайд намуд, ки экзотизмҳои сохторӣ ин ҳамон реалияҳои бегона мебошанд, ки аз забони бегона ба забони англисӣ ворид гаштаанд. Дар умум тамоми экзотизмҳои сохторӣ бо роҳи шарҳи маънӣ дар луғатҳо маънидод карда мешаванд ва ҳатто баъзеи экзотизмҳоро дар луғат ёфтан ғайриимкон аст, чунки забон ҳар рӯз рушд меёбад ва экзотизмҳо низ нав ба нав вориди забон мегарданд. Дар ин ҳолат луғатнигорон дар вақташ онҳоро ба фонди луғавии забон ворид карда наметавонанд. Мисол, баъзе экзотизмҳои сохтории забони англисиро ба таври зайл таҳлил менамоем: *cappuccino (итал.)- капучино, қаҳва бо қаймоқи шир, plaza (исп.) – майдони бозорие, ки дар Испания мавҷуд аст, mosque (араб.) – масҷиди мусулмонӣ, sari - (индийс.) – як пораи матои пахтагӣ ё абрешимӣ, ки занҳои ҳинду ба бар мекунанд.*

Ҳамин тавр, аз таснифотҳои боло равшан мегардад, ки тамоми воҳидҳои луғавии бемуодил бо сабабҳои гуногун дар дигар забонҳо муодил намеёбанд. Ҳарчанд онҳо тарҷуманашаванда ном гирифта бошанд ҳам, тарҷумонҳо тамоми кӯшишҳоро ба харҷ медиҳанд, ки роҳу воситаҳои тарҷумаи чунин воҳидҳоро пайдо созанд. Масалан, ба воситаи тавзеҳ, шарҳу эҷодиёт, ки инро дар грамматика воҳиди иловагӣ меноманд.

А Д А Б И Ё Т

1. Артур, Конан Дойль. Ҳикояҳо дар бораи Шерлок Холмс / Артур Конан Дойль (тарҷ. аз русӣ). - Душанбе: Ирфон, 1981. - 448 с.
2. Бархударов, Л.С. Язык и перевод: Вопросы общей и частной теории перевода / Л.С. Бархударов. - 3-е изд. - М.: ЛКИ, 2010. - 24с.
3. Влахов, С.И. Непереводимое в переводе / С.И. Влахов, С.П. Флорин. - 2-е изд., испр. и доп. - Москва: Высш. шк., 1986. - 416 с.
4. Крупнов, В.Н. Курс перевода. Английский язык: Общественно-политическая лексика / В.Н. Крупнов. - М.: Международные отношения, 1979. – 232 с.
5. Латышев, Л.К. Технология перевода / Л.К. Латышев. - М., 2000. - 280 с.
6. Прошина З.Г. Теория перевода (с английского языка на русский и с русского языка на английский): Уч. на англ. яз. / З.Г.Прошина. – Владивосток: Изд-во Дальневост. ун-та, 2008 (3-е изд., перераб.), 2002 (2-е изд., испр. и перераб.), 1999 (1-е изд.) – 117 с.
7. Arthur, Conan Doyle. Adventures of Sherlock Holmes / Arthur Conan Doyle. – USA: Quality Paperback Book Club, 1994. - 307 p.
8. Newmark, P. A Textbook of Translation / P. Newmark. - New York, 1988. - 292 p.
9. Online Etymology Dictionary | Origin, history and meaning of English words [Электроный ресурс]. – Режим доступа :https://www.etymonline.com/
10. Savory, T. The art of translation / T. Savory. – London, 1957. - 159 p.

АҚИДАҲОИ ТАРҶУМАШИНОСОН ОИД БА ТАСНИФОТИ ВОҲИДҲОИ ЛУҒАВИИ БЕМУОДИЛ

(дар мисоли забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ)

Мақолаи мазкур афкору ақидаҳои муҳаққиқони тарҷумашиносро роҷеъ ба бемуодилии воҳидҳои луғавӣ ҷамъоварӣ намуда, онҳоро ба гурӯҳҳои гуногун тақсим намудааст. Дар баробари он, сабабҳои пайдоиши воҳидҳои луғавии бемуодил дар забонҳо хеле дақиқ равшанандозӣ шудааст. Инчунин дар мақола таснифотҳои гуногуни муҳаққиқи тарҷумашинос Л.С. Бархударов оиди воҳидҳои луғавии бемуодил дарҷ гардидааст, ки ин олим бемуодилҳоро ба се гурӯҳ, яъне реалияҳо, исмҳои хос ва лакунаҳои тасодуфӣ чудо намудааст. Таснифоти дигаре, ки дар ин мақола иброз мегардад, оид ба реалияҳо мебошад, ки онҳоро низ тарҷумашиносон ба гурӯҳи бемуодилҳо, яъне тарҷуманашавандаҳо, ки аз тарафи С. Влахова ва С. Флорин пешниҳод гардидааст, гурӯҳбандӣ кардаанд. Дар охир таснифоти калонтарине, ки аз тарафи Л.К. Латишев марбут ба бемуодилии воҳидҳои луғавӣ пешниҳод шудааст, ин реалияҳо, бемуодилҳои муваққатӣ, бемуодилҳои тасодуфӣ ва экзотизмҳои сохторӣ мебошанд. Таснифотҳои аз тарафи муҳаққиқон пешниҳод гардида бо мисолҳо асоснок карда шудаанд. Маълум гардид, ки тамоми воҳидҳои луғавии бемуодил бо сабабҳои гуногун дар забонҳо пайдо мешаванд, ки сабаби аввалиндараҷааш дар гуногун будани фарҳангу тамаддуни миллатҳо таҷассум мегардад.

Калидвожаҳо: тарҷума, воҳидҳои луғавии бемуодил, реалия, исми хос, лакуна, муодилҳои муваққатӣ, муодилҳои тасодуфӣ, экзотизмҳои сохторӣ.

ЛИНГВИСТИЧЕКИЕ ВЗГЛЯДЫ ПЕРЕВОДОВЕДОВ О БЕЗЭКВИВАЛЕНТНЫХ ЛЕКСИЧЕСКИХ ЕДИНИЦ НА МАТЕРИАЛЕ АНГЛИЙСКОГО И ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКОВ

В этой статье проанализированы взгляды ученых-переводоведов о безэквивалентности лексических единиц и их разделении на различные классификации. В ней также выявлены причины появления безэквивалентных лексических единиц в языках. В статье также рассматриваются различные классификации Л.С. Бархударова, который делит безэквивалентные лексические единицы на три группы: реалии, собственные имена и случайные лакуны. Другая классификация, рассматриваемая в данной статье, касается реалий, которые теоретики перевода С. Влахов и С. Флорин относят к одной из групп безэквивалентных лексических единиц. Классификация реалий, предложенная Л.К. Латышевым, является распространненой классификацией безэквивалентных лексических единиц, она предусматривает деление реалий на временные безэквиваленты, случайные безэквиваленты и структурные экзотизмы. Рассмотренные нами классификации обоснованы примерами. Выявлено, что все безэквивалентные лексические единицы, используемые в различных языках, появляются по разным причинам. Прежде всего из-за разнообразия культур и цивилизаций.

Ключевые слова: перевод, безэквивалентные лексические единицы, реалии, собственные имена, лакуны, временные безэквиваленты, случайные безэквиваленты, структурные экзотизмы.

LINGUISTIC VIEWS OF TRANSLATION RESEARCHERS ON NON-EQUIVALENT LEXICAL UNITS BASED ON THE MATERIALS OF THE ENGLISH AND TAJIKI LANGUAGES

This article deals with the views of researchers on the non-equivalence of lexical units and their division into various classifications. At the same time, the reasons for the appearance of non-equivalent lexical units in languages are very clearly explained. The article also presents various classifications of L. S. Barkhudarov who divides nonequivalent lexical units into three groups: realia, proper names and random lacunas. Another classification expressed in this article concerns realia, which are also one of the groups of nonequivalent lexical units. S. Vlakhov and S. Florin divided them into different groups as untranslatables. L. K. Latishev also divides non-equivalent lexical units into temporary nonequivalents, random nonequivalents, and structural exotisms. The presented classifications are based on examples. It turned out that all non-equivalent lexical units appear in different languages for various reasons, primarily because of the diversity of cultures and civilizations.

Key words: translation, nonequivalent lexical units, realities, proper names, lacunas, temporary nonequivalents, rando.

Сведение об авторе: ***Кесамирова Саодат*** – Таджикский государственный институт языков им. Сотима Улугзода, соискатель кафедры сопоставительной типологии. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17/6. E-mail: **nigina90_90@inbox.ru.** Тел.: **(+992) 900-00-70-97**

Information about the author: ***Kesamirova Saodat*** – Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulugzoda, aspirant, the Department of comparative-typology. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Muhammadiev Str. 17/6. E-mail: **nigina90_90@inbox.ru**. Tel.: **(+992) 900-00-70-97**

УДК: 4И (АНГ)

КАТЕГОРИЯИ ҲУДУДИ ПЕРФЕКТӢ ДАР ЗАБОНИ МУОСИРИ АНГЛИСӢ

Ибрагимова Р.А., Исматуллоев Ҳ.О.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров

Ба хусусиятҳои тафовутнокии шаклҳои перфектии феъл ва шаклҳои категориалии ҳудуд ва замон аз тарафи аксари забоншиносон эътибори хосса дода мешавад. Ба ақидаи А.И. Смирнитский “перфект категорияи махсуси грамматикиро (вобаста ба ҳудуд ва замон) ифода менамояд, ки онро категорияи нисбияти замонӣ меноманд” [5, с.135]. Забоншиносон Л.С. Бархударов, Д.А. Штелинг [6, с.8] ва дигарон низ ин ақидаро пайгирӣ менамоянд.

Забоншинос Е.Н. Аксютина бо хусусияти дар боло қайдгардидаи шаклҳои перфектии феъл ҳамфикрӣ баён намуда, қайд менамояд, ки онҳо на танҳо нисбияти замониро ифода мекунанд, балки нисбияти бевосита ё нисбияти перфектиро низ ифода мекунанд [1, с.98]. Забоншиносон В.С. Хаймович ва Б.И. Роговская ба ҷойи категорияи нисбияти замонӣ, категорияи тартибро пешниҳод намудаанд [9, с.19]. Азбаски ба мансубияти категориалии ҳудуди перфектӣ ақидаи ягона вуҷуд надорад, маънои асосии грамматикии чунин шаклҳо ба таври гуногун муайян карда шудаанд. Агар як гурӯҳи наҳвиён шаклҳои перфектиро дар якҷоягӣ омӯзанд, гурӯҳи дигар шаклҳои перфектии замони ҳозираро дар алоҳидагӣ меомӯзанд. Онҳо қайд менамоянд, ки шаклҳои перфектии замони ҳозира аз рӯйи маънои худ бо дигар шаклҳои перфектӣ мувофиқат намекунад.

Аксари наҳвиён нодуруст будани ин ақидаҳоро пайгирӣ менамоянд, ё ин ки мазмуни ҳудуди перфекти ҳозира ва гузаштаро бо ҳам мувофиқат менамоянд, гарчанде хусусиятҳои гуногуни истифодаи маъноҳои шаклҳои мазкур вуҷуд доранд.

Дар байни забоншиносон нафароне мавҷуданд, ки шаклҳои перфектиро шаклҳои замонӣ меҳисобанд ва вобаста ба маънои замонии онҳо нуқтаҳои назари гуногунро иброз намудаанд.

Бисёре аз забоншиносон шаклҳои перфектиро чун шаклҳои замонҳои нисбӣ қаламдод мекунанд. Забоншинос Ҳ.Суит қайд мекунад, ки маънои асосии замонии перфект – пеш аз ягон амал ба вуқӯъ пайвастани амали дигар, яъне амали қаблӣ мебошад [11, с.92]. Чунин ақидаро забоншиносон М.А.Брайнт [7, с.57], Ҳ.А.Поустма [10, с.89] ва

дигарон пайгирӣ менамоянд. Аз ин лиҳоз, Г.М.Райхел дуруст қайд менамояд, ки “амали пеш аз амали дигар ба вуқӯъ пайваста, яке аз се маънои категорияи тартиби иҷрошавии амал, яъне амали қаблият, амали ҳамзамон ва амали пасомадро (амали пас аз амали дигар ба вуқӯъ хоҳад омада) ифода мекунад ва категорияи тартиби иҷрошавии амал бошад, бо категорияи замон алоқамандӣ надорад. Ҳамон як категорияи тартиби иҷрошавии амал нисбат ба яке аз марказҳои замонӣ метавонад ба вуқӯъ ояд. Нисбияти замон ва замон ҳар ду як маъноро надоранд ва набояд қаблият (амали пеш аз амали дигар ба вуқӯъ омада) – ро маънои замонӣ ҳисобид, зеро қаблият маънои тартибии амал мебошад. Г.М.Райхел шакли Present Perfect – ро аз назар мегузаронад ва маънои пеш аз як амал ба вуқӯъ омадани амали дигарро омӯхта, қайд мекунад, ки шакли мазкур (Present Perfect) маъноҳои амали паёпай ва амали баанҷомрасидаро дорад [4, с.36].

Забоншинос Ҳ. Суит қайд менамояд, ки маънои амали баанҷомрасида ба худи шаклҳои перфектӣ хос набуда, балки аз контекст ва аз маънои луғавии феъл сарчашма мегирад. Ба ақидаи ӯ, лаҳзаи баанҷомрасида бо лаҳзае, ки дар маълумот дода шудааст ё ин ки дар замони Past Perfect бо ягон замон дар гузашта бо ҳам муносибат пайдо мекунад, хусусиятнок мебошад [11, с.56-58].

Ҳамин тавр, бояд қайд кард, ки англисшиноси ватанӣ профессор Х.С. Барнохоҷаева ба мавҷудияти ҳудуди перфектӣ ишора карда, шаклҳои Present Perfect – ро замони ҳозираи перфекти ҳудуди умумӣ меҳисобад. Дар ин ҳолат суоле ба миён меояд, ки агар шакли Present Perfect шакли ҳудуди умумӣ бошад, шакли ҳудуди натиҷавӣ дар куҷост ва он чӣ гуна ифода меёбад?

Ба ақидаи И.П.Иванова дар баъзе ҳолатҳо маънои натиҷавии перфект мушоҳида карда мешавад, яъне маънои вазъияти нав – чун натиҷаи амали ба вуқӯъ овардашуда ба амал омадааст. Бинобар ин, ӯ маънои асосии перфектро натиҷавӣ намеҳисобад. Маънои асосии перфектро ин забоншинос ҳамчун амали ҷудогонаи то лаҳзаи нутқ иҷрошуда муайян менамояд, ё ин ки ба ақидаи ӯ маънои амали иҷрошуда, амали пуррагардидае, ки охирон ба ягон марҳилаи муайян ҷудо карда нашудааст ва дар шакли умум омӯхта мешавад [3, с.15].

Ба категорияи нисбияти замонӣ, ки дар бораи он забоншинос А.И.Смирнитский қайд мекунад, ба ғайр аз шаклҳои перфектӣ инчунин шаклҳои перфекти давомдор дохил мешаванд, ки онҳо ба шаклҳои ғайриперфектии ҳудудҳои умумӣ ва давомдор муқобил мебошанд [5, с 136]. Мавсуф ба категорияи ҳудуд ва замон тааллуқ доштани ғайриперфектро инкор намекунад. Агар категорияи нисбияти замониро бо перфект ва ғайриперфект, яъне чун категорияи махсуси замонӣ ё ғайриҳудудии замону ҳудуд муқобил гузорем саволе ба миён меояд, ки дар кадом асос онҳоро бояд муқоиса ё муқобил гузошт?

Категорияи нисбияти замонӣ аз тарафи забоншинос А.И.Смирнитский ҳамчун гузариши нисбии амал ба замон дар умум муайян карда мешавад [5, с.135]. Чи хеле ки маълум аст, категорияи замон муносибати амали бо феъли додашуда ифодаёфтаро ба лаҳзаи нутқ ифода мекунад. Агар категорияи замон дар умум муносибати лаҳзаи амалро ба лаҳзаи нутқ ифода кунад, шаклҳои замонӣ бошанд муносибати лаҳзаи амалро ба лаҳзаи нутқи муайян (лаҳзаи нутқи конкретӣ) ифода мекунанд.

Забоншинос А.И.Смирнитский ба наҳвиёни дар боло зикргардида, ки шаклҳои перфектиро ҳамчун шаклҳои замонӣ ба маънои қаблият маънидод мекунанд пайгирӣ намуда, қайд менамояд, ки “шаклҳои перфектӣ нисбат ба баъзе лаҳза ё марҳилаи замон, ки дар назар дошта шудааст ё дар бораи он сухан меравад, маънои замони гузаштаро мефаҳмонад” [5, с.301]. Ӯ худ маъноҳои байни категорияи нисбияти замониро бо категорияи ҳудуд ва замон як мешуморад, ки ин ақида хилофи ҷудо кардани категорияи грамматикии махсус чун категорияи нисбияти замонӣ мебошад.

Забоншиносон Л.С. Бархударов, Д.А. Штелинг, И.Б. Хлебникова, К.В. Авдеев ва дигарон низ шаклҳои перфектиро ба категорияи нисбияти замонӣ мувофиқ мешуморанд. Забоншинос И.Б. Хлебникова собит менамояд, ки “шаклҳои перфектии феълҳои забони англисӣ аз ҷиҳати маъно духӯрааанд: амале, ки пеш аз амали дигар ба вуқӯъ мепайвандад, яъне амали қаблият, амале, ки бо амали дигар дар як замон ба вуқӯъ мепайвандад, амали ҳамзамон аст”. Ин муқобилияти асосии категорияи нисбияти замониро ташкил менамояд [2, с.23]. Зикр бояд кард, ки ин шаклҳои перфектӣ шаклҳои категорияи ҳудуд набуда, категорияи махсусро ташкил медиҳанд. Чи хеле, ки нишон дода шуда буд, таззоди духӯра дар системаи забон яке аз намудҳои алоқаро ташкил медиҳад ва тафовут байни муносибатҳои номуайянӣ ва перфектӣ, ки аз ҳисоби амали қаблӣ ё бидуни он амал ё ин ки худ аз муносибати амал ба ҷараёнёбии дохилии он асос меёбад. Шаклҳои перфектӣ метавонанд ҳам маънои муносибатҳои замонии нисбӣ ва ҳам мутлақро ифода намоянд.

Гурӯҳи дигари наҳвиён бо ақидаҳои забоншинос А.И. Смирнитский розӣ шуда, таърифҳои дигари категорияи перфектро пешниҳод мекунанд. Забоншинос Е.Н. Аксютина дар мақолаи худ “Системаи ягонаи феъл” монандии хусусияти системаи феълро дар забони муосири англисӣ қайд менамояд ва ҳамзамон ӯ ба ҷойи таърифи маъмули шаклҳои перфектӣ чун категорияи нисбияти замонӣ, ки аз тарафи профессор А.И. Смирнитский

пешниҳод шудааст, таърифи худро пешкаш мекунад. Ба ақидаи ӯ: “Категорияи нисбият ба иҷро расидани як амал нисбат ба лаҳзаи дигар ё нисбат ба амали дигарро нишон медиҳад” ва ӯ ду шакли нисбиятро ҷудо менамояд: нисбияти бевосита (Immediate Correlation) ва нисбияти перфектии муқобил (Perfect Correlation) [5, с.13]. Ин ақидаро забоншинос Б.А.Илиш дар асари худ “Сохти забони муосири англисӣ” пайгирӣ намуда, ба ҷойи вожаи бевосита “(Immediate) вожаи ғайриперфект (Non Perfect) – ро пешниҳод менамояд [8, с.99].

Дуруст аст, ки муаллифон ҳодисаҳои забонро вобаста ба ҳамдигар меомӯзанд. Вале ақидаи “категорияи замон вобастагии амалро аз замони объективӣ ифода менамояд” – ро дуруст шуморидан имконнопазир аст. Дар асоси категорияи замони феълӣ амали иҷрошуда аз замони объективӣ вобаста набуда, балки муносибати лаҳзаи амал ба лаҳзаи нутқ ифода ёфтааст.

Гузашта аз ин, шаклҳои перфектӣ на ҳамеша амалҳои қаблӣ ва нисбиро ифода мекунанд. Маънои қаблияти амал яке аз маъноҳои хусусии шаклҳои перфектиро дар системаи феъл зоҳир мекунад.

Аксари наҳвиён шаклҳои перфектиро ба гурӯҳи ҳудуди умумӣ дохил менамоянд. Вале шаклҳои перфектӣ, баръакс қобилияти ифодаи муносибати амали ба иҷрорасида ва ба итмомрасидаро доранд. Ақидаи мазкур, яъне “шаклҳои перфектӣ амалеро иҷро карда наметавонанд, вале, албатта, бо ягон лаҳзаи амал ё амалҳо мувофиқат мекунанд” нодуруст маҳсуб меёбад.

Ақидаҳои монандро низ забоншиносон Б.С. Хаймович ва Б.И. Роговская дар асари “Курси назариявии грамматикаи забони англисӣ” изҳор менамоянд. Аммо ба ҷойи категорияи нисбият ё нисбияти замонӣ онҳо категорияи тартибро пешниҳод менамоянд, онҳо фикр мекунанд, ки шаклҳои феълӣ амали тартибиро ифода менамоянд [9, с.135].

Бояд қайд кард, ки дар он ҷое, ки амали тартибӣ вуҷуд дорад, асосан шаклҳои умумии ҳудуд истифода бурда мешавад, на ин ки шаклҳои перфектӣ, аммо шаклҳои перфектӣ хусусияти алоҳида ифодакунии амалро доранд.

Ақидаҳои дар боло зикршударо бояд хулоса намуд, ки амалҳои феълӣ дар шаклҳои перфектӣ амалеро ифода менамоянд, ки то лаҳзаи нутқ ба анҷом расидааст, аммо он амал бо лаҳзаи нутқ алоқаманд нест.

Quality ***has vanished*** from the aims of the book business and quantity ***has taken*** its place (Novel, 55). It took me some time to realize that he ***had completely forgotten*** the dollar (Perfect lover’s, 216) Jack: oh, before the end of the week I shall have got rid of him. I’ll say he died in Paris of apoplexy (importance, 301).

Алоқаи лаҳзаи амал бо лаҳзаи нутқ бо воҳидҳои зарфӣ ё бидуни онҳо ифода мегарданд:

“**I’ve never seen** you before in my life” (Disposs, 79). ***Have you ever heard*** of the Siberian wolves? (Carrie, 213). She began to think of all that ***had happened*** during the day (Selected, 138).

Лаҳзаи вақт, ки дар он амал ба вуқӯъ пайвастааст ва ба ҳудуди худ расидааст, якчанд хел мешавад. Мисол:

I ***‘ve just left*** the Prime Minister you are to have vacant seat in the Cabinet (Ideal, 267). I was four years old when that was locked Barbara. ***It’s never been opened*** since (Billy, 286). He ***had just installed*** a new American lift at Head Office (Disposs.,99). The early years of their marriage ***had been*** happy enough. At that time he and Nan ***had talked*** about nothing but themselves (Sandcastle, 10)

Амали феълӣ дар шаклҳои перфектӣ амалеро ифода менамояд, ки дар ҷараёнёбии худ то лаҳзаи нутқ ба итмом расидааст.

Now, Tuppy you ***’ve lost*** your figure and you ***’ve lost*** your character (Fan, 69). The face and the attitude were those of a man who ***had failed*** (Perfect lover’s, 247)

Амали феълӣ дар шаклҳои перфектӣ амалҳои бисёркаратаро низ ифода мекунад. Аммо маънои амали бисёркарата бо шакли перфектӣ қайд нашуда, бо воҳидҳои зарфӣ ё аз контекст вобаста мебошад. Тафовут байни амали феълӣ дар шакли ҳудуди умумӣ ва амали феълӣ дар шакли перфектӣ дар ифодаи амали бисёркарата аз он шаҳодат медиҳад, ки шакли аввала бисёркаратӣ ба давомнокӣ ё ба итмом расидани амал муносибат надорад, яъне мавҷудияти чунин амалро тасдиқ мекунад, шакли дуюм бошад амали бисёркаратаеро, ки то лаҳзаи нутқ ҷой дошта буд ва ба анҷом расидааст, ифода менамояд:

I always have kept myself to myself and I always shall keep myself to myself (Stories, 19). I ***’ve only spoken*** to him a few times (Selected, 153). You ***’ve arrived*** early again, but I don’t suppose it matters (Sandcastle, 24). Mor ***had hoped*** to be able to educate his wife. He ***had always known*** that she was intelligent (sandcastle, 14). A few times she *had seen* her at the piano in the parlour and not infrequently ***had heard*** her play (Carrie, 130).

Ғайр аз маъноҳои зикргардида, амали феълӣ дар шакли перфектӣ метавонад дар шакли муайяни замонӣ дар вазифаҳои гуногун ифода ёбад, ки дар ин ҷо сухан дар бораи маънои замонӣ намеравад. Лекин дар ҳамагуна нуқтаи замоние, ки он истифода мешавад маънои аввали ҳудуди он маънои амали ба итмомрасида мебошад.

Ҳамин тавр, шаклҳои ғайриперфектии феъл бевосита ба лаҳзаи нутқ муносибат доштани амалро нишон диҳанд, шаклҳои перфектии феъл ба ягон нуқтаи вақт нисбат доштани амалро мефаҳмонад.

Дар дохили категорияи нисбияти замонӣ маънои ба ҳам мутақобили категорияи ҳудуд (common ва continuous aspect) низ ба назар мерасад. Шаклҳои write - have written, wrote - had written, shall write - shall have written маънои ҳудуди умумиро доранд. Вале шаклҳои is writing ва has been writing, was writing ва had been writing, shall be writing ва shall have been writing маънои ҳудуди давомдорро ифода мекунанд.

Шаклҳои гурӯҳи якум амали ҳудуднок (анҷомёфта) ё ҷараёнаш номуттасилро ифода мекунанд. Шаклҳои гурӯҳи дуюм бошанд, ба муттасилӣ, давомнокии амал далолат менамоянд. Аз ин рӯ, метавон зикр кард, ки категорияи ҳудуд на танҳо дар системаи категорияи замон, балки дар системаи категорияи нисбияти замонӣ ё тартиб низ ба назар мерасад.

А Д А Б И Ё Т

1. Аксютина, Е.Н. Единая система глагола и комплексный путь обучения. /Е.Н. Аксютина. – Москва, 1965.
2. Бархударов Л.С. Очерки по морфологии современного английского языка / Л.С. Бархударов. – Москва, 1965. – 296 с.
3. Иванова И.П. Теоретическая грамматика современного английского языка / И.П. Иванова, В.В. Бурлакова, Г.Г. Почепцов. - Москва, 1981. – 35 с.
4. Райхел Г.М Грамматики и история английского языка / Г.М. Райхел. - Москва, 1973.
5. Смирницкий А.И. Грамматика английского языка / А.И.Смирницкий. - Москва, 2002. – 256 с.
6. Штелиг Д.А. Грамматическая семантика английского языка. Фактор человека в Языке. Ученое пособие / Д.А. Штелиг. - Москва, 1996. – 254 с.
7. Bryant M. A. Functional English grammar / M.A.Bryant. - Boston D.C. Health and Co., 1945 – 326 c.
8. Ilyish B.A. The Structure of Modern English / B.A. Ilyish. - London, 1971.
9. Khaimovich B.S. A course in English Grammar / B.S. Khaimovich, B.I. Rogovskaya. - Moscow, 1967. – 30 c.
10. Poutsma H. A Grammar of Late Modern English. Part II / H. Poutsma. - Croningen. - 384 c.
11. Sweet H. A New English Grammar logical and Historical. Part I. / H. Sweet. – Oxford, 1982.

КАТЕГОРИЯИ ҲУДУДИ ПЕРФЕКТӢ ДАР ЗАБОНИ МУОСИРИ АНГЛИСӢ

Дар мақолаи мазкур категорияи ҳудуди перфектӣ дар забони муосири англисӣ, яъне хусусиятҳои тафовутноки шаклҳои перфектии феъл ва шаклҳои категорияи ҳудуд ва замон дар забони англисӣ мавриди таҳқиқ ва таҳлил қарор гирифтааст. Категорияи ҳудуди феъл муносибати амалро ба ҳудуди дохилии он ифода менамояд, ки он дар шаклҳои грамматикии феъл таҷассум меёбад. Шаклҳои перфектӣ бошанд, амалеро ифода мекунанд, ки ду лаҳзаи замони гузашта, оянда ва ҳозираро ба ҳам мепайванданд. Чунин амал дар як лаҳза оғоз ёфта дар лаҳзаи дигар ба охир мерасад. Инчунин бояд қайд кард, ки дар забони муосири англисӣ шаклҳои перфектиро ба системаи категорияи замон дохил намекунанд, балки онҳоро ба дигар категорияи грамматикии феъл дохил намуда, онро категорияи нисбияти замонӣ ё категорияи тартиб меноманд, ки он дар асоси муқобилгузории шаклҳои перфектӣ ва шаклҳои ғайриперфектӣ ташаккул меёбад. Шаклҳои ғайриперфектии феъл бевосита бо лаҳзаи нутқ муносибат доштани амалро нишон диҳанд, шаклҳои перфектии феъл ба ягон лаҳзаи вақт нисбият доштани амалро ифода мекунанд. Лаҳзаи вақт, ки дар он амал ба вуқӯъ мепайвандад якчанд хел мешавад: амали бисёркарата, амали баитмомрасида ва амале, ки дар ҷараёни худ то лаҳзаи нутқ ба итмом расидааст.

Калидвожаҳо: феъл, категорияи феъл, категорияи ҳудуд, замони мутлақ, шаклҳои перфектӣ, шаклҳои замонӣ, категорияи нисбияти замонӣ, амалҳои пайдарпай, амали ҳамзамон, амали пешомад.

КАТЕГОРИЯ АСПЕКТА В СОВРЕМЕННОМ АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКЕ

В данной статье рассматривается категория аспекта в современном английском языке т.е. анализируются отличающие особенности перфектных форм глагола и формы категории аспекта и времени в английском языке. Категория аспекта выражает отношение действия к его внутреннему пределу, которое выявляется в грамматических формах глагола. Перфектные формы обозначают действия, которые связывают две точки времени в прощедшем, настоящем и будушем. Такое действие начинается в одной точке и завершается в другой точке времени. Нужно отметить, что в английском языке перфектные формы не относятся к системе категории времени, а относятся к системе другой категории, категории временной отнесенности или порядка, которая основывается оппозицией категориальных форм перфекта и не-перфекта. Неперфектные формы глагола указывают на системность действие к моменту речи, а перфектные формы глагола указывают на действие, которая относится к какому-то определенному времени. Различают три вида отрезка времени, в котором протекает действие: многократное действие, совершенное действие и действие, которое продолжалось к моменту речи.

Ключевые слова: глагол, категория глагола, категория аспекта, совершенное время, перфектные формы, временные формы, категория временной отнесенности, последовательные действия, одновременные действия, предшествующие действия.

THE CATEGORY OF PERFECT ASPECT OF THE VERB IN THE MODERN ENGLISH LANGUAGE

The article deals with different forms of perfect aspect and tense-aspect relations of the verb in the modern English language. In the perfect aspect, the action being referred to be viewed as already completed at the time of reference and it is expressed in the grammatical forms of a verb. Perfect form describes the action, which connects two moments of past, future and present tenses. These kind of actions are started in one moment and finishes in the other moment. It should also be noted that the modern English does not refer the perfect forms to tense forms of the English verbs. The category the perfect forms are referred to is called the grammatical category of time correlation. This category is constituted by the opposition of perfect and non-perfect forms. Non-perfect forms show connection of the action to the moment ща epy speech, the perfect forms of verb express process of the action to the moment of speech. The general paradigmatic meaning can be modified in various contextual conditions and presented by following syntagmatic meanings: 1) past action which has present time relevance for the speaker, 2) continuation of a past action into the present and 3) unfulfilled action.

Key word: verb, category of verb, category of aspect, perfect tense, perfect forms, tense forms, grammatical category of time correlation, consecutive actions, simultaneous actions, preceding action.

Сведения об авторах: ***Ибрагимова Рано Абдушукуровна*** - Худжандский государственный университет им. Бободжона Гафурова, доцент кафедры перевода и грамматики английского языка. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, пр. Мавлянбекова 1. E-mail: **rano1977@list.ru.** Тел.: **(+992) 927-55-62-66**
Исматуллоев Хусейнбой Очилович - Худжандский государственный университет им. Бободжона Гафурова докторант Ph.D кафедры перевода и грамматики английского языка. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, пр. Мавлянбекова 1. E-mail: **hismatulloh@mail.ru.** Тел.: **(+992) 928-20-10-18**

Information about the authors: ***Ibragimova Rano Abdushukurovna*** - Khujand State University named after Bobojon Gafurov, associate professor of the Translation and English Grammar Department. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand city, Pr. Mavlyanbekova 1. E-mail: **rano1977@list.ru**. Tel.: **(+992) 927-55-62-66**
Ismatulloev Husenboy Ochilovich - Khujand State University named after Bobojon Gafurov, doctoral student Ph.D of the Translation and English Grammar Department. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand city, Pr. Mavlyanbekova 1. E-mail: **hismatulloh@mail.ru**. Tel.: **(+992) 928-20-10-18**

УДК: 811.21/.22-56

МУЛОҲИЗАҲО ДОИР БА МАВҚЕИ КАТЕГОРИЯИ ШАХС ДАР ТАШАККУЛИ СОХТОРИИ ҶУМЛА

Кенҷазода М.С.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҷумла воҳиди нутқ аст. Муошират бе он имконнопазир мебошад. Барои он ки мақсад тавассути ҷумла пурра ва барои шунаванда дар ҷараёни муошират фаҳмо баён гардад, унсурҳои луғавию грамматикии зарурие лозиманд, то ин ҳадаф ҳосил гардад. Аломати муҳимтарини ҷумла предикативият аст. П.А. Лекант ҷанбаи муҳимми ҷумларо баррасӣ намуда гуфта буд: “Вобастагии мундариҷаи ҷумларо ба воқеият, ки бо шаклҳои грамматикӣ ифода ёфтааст, муносибати предикативӣ меноманд, ки он ба василаи се категорияи грамматикӣ: модалият, замон ва шахс зуҳур мекунад” [7, с.6].

Аз ин се категорияи муҳимме, ки муҳаққиқ номбар мекунад, мехостем дар мавриди категорияи шахс ва махсусияти он дар ташаккули сохтории ҷумла чанд мулоҳиза баён намоем. Агарчи, масъалаҳои умумӣ ва хусусии категорияи шахс дар кулли тадқиқоти забоншиносии русу тоҷик [ниг.: 4; 5; 6; 8; 9] таҳлил гардидаанд, масъалаҳои таснифоти матнӣ ва ситуативии онҳо шарҳу тафсири васеътаре талаб мекунад. Мафҳуми шахс дар ҳодисаҳои гуногуни забонӣ истифода бурда мешавад. Бояд гуфт, ки категорияи шахс, мисли категорияҳои дигари ташкилкунандаи предикативияти ҷумла, нишонаи муҳимми предикативият аст. Инро ҳам бояд таъкид намуд, ки дар забони тоҷикӣ гурӯҳи ҷумлаҳое мавҷуданд, ки шахс надоранд, аз ин рӯ, категорияи шахсро дар ин маврид метавон мисли категорияҳои грамматикии муайянӣ ва номуайянӣ, кулл ва ҷузъ ва монанди инҳо дар муқобили ҷумлаҳои бешахс дониста, яке аз шартҳои таснифоти ҷумлаҳои сода шуморид. Ҳамин гуна муқобилгузориро дар шахсҳои якум, дуюм, сеюм, махсусан ҳангоми бо ҷонишинҳои шахсӣ ифода гардидани он барҷастатар мебинем. Аммо барои сохтани парадигмаҳои ҷумлаҳои сода шахсҳои дуюм ва сеюм барои ифодаи умумият (умумишахс) ҳам истифода мешаванд. Аз хусусиятҳои дигари категорияи шахс дар он аст, ки ҳангоми бо исмҳо ифода гардидани он хусусияти муқобилгузории онҳо хеле суст мешавад. Ҳамаи ин хусусиятҳо ҳангоми таснифоти ҷумлаҳои сода аз нигоҳи сохтор ва хел нақши муҳим доранд, меъёрҳои асосии таснифоти онҳоро ташкил мекунанд.

Аломати барҷастаи категорияи шахс ҳамчун ҷузъи маънои предикативии ҷумла ба муқобилгузории робитаи иштироккунандагони нутқ, муносибати гӯянда ба сомеъ ва шахси сеюм, предмети берун аз мавзӯи нутқ ба мисли системаи шаклҳои феъл ва ҷонишинҳои шахсӣ асос ёфтани он аст. Дар ин хусусият на танҳо хусусияти сохторию грамматикии ҷумла ошкор мешавад, инчунин мавзӯи матн ва дискурс ошкор мегардад.

Мафҳуми маънои предикативиро чун мазмуни ҷумла ба воқеият тасдиқ намуда, В.В. Виноградов ба ҳам муттаҳид нашудани категорияҳои наҳвии модалият, замон ва шахсро, ки ба категорияҳои ба онҳо мутобиқи феъл мансубанд, таъкид намудааст. Воситаҳои ифодаи наҳвии категорияҳои шахс, замон ва модалият метавонанд сарфӣ, наҳвӣ - сохторӣ ва наҳвӣ - интонатсионӣ бошанд [1, с.53].

Категорияҳои наҳвии шахс, дар баробари категорияҳои модалият ва замон, мансубияти гуфтор ва воқеиятро тавассути вазъияти нутқ ва муносибати иштироккунандагони он ифода менамоянд. Бинобар ин, дар зери мафҳуми категорияи наҳвии шахс мутобиқати субъект- иҷрокунандаи амал, ҳолат, аломати ба яке аз се нафар иштироккунандагон вобастабударо, ки дар бораи он дар ҷумла маълумот дода мешавад, мебояд дарк намуд. Аз ин рӯ, ҷумлаҳои: Писарам, ту ҳоло ҷавонӣ. Таваҷҷуҳ! Хомӯш!

Навбати шумо. - қатъи назар аз фарқи сарфӣ, сохторӣ, наҳвӣ ва модалӣ ба соҳиби амали шахси дуюм мансубанд. Махсусан, маънои муроҷиати ин ҷумлаҳо мақоми онҳоро дар ҷараёни иртибот муайян мекунад. Мафҳуми категорияи наҳвии шахс чун шакли муайянкунандаи муносибати амал ва субъекти он ба гӯянда муайян карда мешавад.

Зери ин мафҳум категорияи наҳвии шахс на танҳо фаротар аз категорияи сарфии шахси феъл, балки он болотар аз фарқи сарфӣ ва наҳвии ҷумлаҳои феълӣ ва ғайрифеълӣ, воситаҳои ифодаи бевосита ва бавоситаи субъект, дар тазоди анъанавии шаклҳои шахсӣ ва бешахс зуҳур мекунад. Мафҳуми дар боло овардашудаи категорияи наҳвии шахс ба таври умум эътирофшуда нест.

Муқобилгузории категорияҳои шахс ва бешахс зери мафҳуми маълуму номаълум, умумикардашуда (ҷомеъ) ба грамматикаи анъанавӣ дар асоси типологии ҷумлаҳои сода дохил карда шудааст. Тафсири категорияи шахс, ки дар «Основы построения описательной грамматики современного русского литературного языка» [10] оварда мешавад, ба он равона шудааст, ки типологияи ҷумларо нисбатан ба танзим дарорад, зеро муқобилгузории мафҳуми шахс ва бешахс бевосита ба муқобилгузорӣ ё муқоисаи ҷумлаҳои дутаркибаю яктаркиба алоқаманд аст, аммо меъёри муайян намудани бешахсият баҳсбарангез аст. Чунончи, ҷумлаҳои унвонӣ бешахсанд ва дар онҳо ба зикри шахс эҳтиёҷ нест. Ба мисли он ки дар ҷумлаҳои номуайяншахс низ зикри на соҳиби амал, балки худи амал асосист.

Дар наҳв ҳодисаи бештар ифода наёфтани субъект дар ҷумлаҳое, ки оид ба ҳолати субъект хабар медиҳанд, муҳим аст. Агар дар ҷумлаҳои бешахс ифода наёфтани субъект берун аз иродаи гӯянда, муҳим бошад, пас ифода наёфтани субъект дар ҷумлаҳое, ки дорои шахсанд, яке аз воситаҳои пешниҳоди субъекти дар ихтиёри гӯяндабуда мебошад, ки тавассути матн ва хусусиятҳои услубӣ муайян мегардад.

Категорияи муайянӣ субъекти амал ва ҳолатро чун шахси муайян ифода мекунад. Категорияи номуайянӣ субъекти амалро чун шахси номуайян (бештар дар ҷумлаҳои номуайяншахс) ифода мекунад, зеро дар ин ҷумлаҳо на зикри соҳиби амал, балки худи амал муҳим аст. Категорияи ҷомеъ (умумишахс) субъектро чун дилхоҳ шахсе, ки ба ӯ амалу ҳолати ҷумла нисбат дода мешавад, ифода мекунад. Ифодаи ин категорияҳо чун категорияи шахс, бо он ки баъзеи онҳо бо васоити муайяни пешниҳоди субъект алоқаманданд, бо шаклҳои феъл маҳдуд намешаванд; шаклҳои шахси дуюми ҷамъ бо категорияи ҷомеъ, шахси якум ва дуюм бо категорияи муайянӣ, шахси сеюми ҷамъ бо категорияи номуайянӣ тавъаманд. Дар баробари шаклҳои феълӣ нақши муҳимро дар ифодаи категорияи шахс ҷонишинҳо мебозанд. Аммо ҳамон як шакли феълӣ ё ҳамон як ҷонишин метавонад ба категорияҳои гуногун хизмат кунад. Чунончи, шакли феъли шахси сеюми ҷамъ субъекти номаълумро метавонад дар қолаби ҷумлаи яктаркибаи номуайяншахс ё ҷумлаи муайяншахс ё ин ки умумишахс ифода кунад. Ба ҳамин монанд мафҳуми ҷомеъ чун инъикоси амалу ҳолат дар дилхоҳ қолаби ҷумлаи муайяншахс, бешахс, ҷумлаҳои дутаркиба, яктаркиба зуҳур мекунад.

Шарти бавуҷудоии мафҳуми номуайяншахс ё умумишахс дар ҷумла ҳоло муайян карда нашудааст. Таснифоти ғайримунтазами гуногунхелии семантикӣ-услубии категорияи шахс, яъне воситаҳои ифодакунандаи субъекти муайян ё номуайян ё ин ки умумӣ, ки аз тарафи гӯянда интихоб карда мешавад, ба таснифоти грамматикии ҷумла ягон муносибате надорад ва маҳаки таснифоти ҷумлаҳои сода шуда наметавонад. Воситаҳои пешниҳоди субъект аз маҷмӯи матнҳо муайян карда мешавад ва таълимоти он ба нутқ ва услубиёти наҳв тааллуқ дорад. Вобаста ба ҳамин, ин ё он тарзи пешниҳоди субъект бо навъҳои иртиботии нутқ, ки системаи онҳо амиқ омӯхта нашудааст, муайян карда мешавад. Чунончи, барои оид ба амалҳои яккарата ё мушаххас маълумот додан категорияи муайяни шахс созгор аст, барои ифодаи маълумоти ба умум тааллуқдошта тарзҳои пешниҳоди субъекти умумӣ лозим аст. Бояд қайд намуд, ки категорияи умумишахс ба назму насри лирикӣ барҷастатар ва маъмулан хосси онҳо аст, зеро он як воситаи наздикшавии тасаввуроти муаллиф бо хонанда буда, як тарзи пардапӯшона ифода намудани матлаб мебошад. Аз ҷониби дигар, бояд нақши воситаҳои гуногуни ифодаи шахс дар сохтори наҳвӣ ва услуби нутқи китобию гуфтугӯйӣ муайян карда шавад. Ба ҳамин андоза зоҳиршавии шахс хосси ситуатсия ва мундариҷаи нутқ буда, зикр накардани субъект, умумикунонии амал ва мубтадои грамматикӣ махсусияти нутқи китобиро дар жанрҳои услубҳои расмӣ-коргузорӣ ва илмӣ нишон медиҳад. Тарзҳои пешниҳоди субъект дар ин ҷо бо воситаҳои ташкили наҳвии муносибатҳои субъективӣ - объективӣ дар категорияи фоилӣ муттаҳид мешавад. Наздикшавии муродифоти сохтор (заминро шудгор кардаанд - замин шудгор шудааст) ба воситаи умумӣ, номуайянии пешниҳоди субъекти амал такя мекунад ва дар баробари ин, зикр нагардидани субъект барои таҷвизи он ба объекти амал ва бо ин ба предмети тавсифшуда мубаддал шудани объект шароит фароҳам меорад. Муқоиса кунед: Хӯрокро боиштиҳо мехӯрад – хӯрок боиштиҳо хӯрда мешавад – хӯрок иштиҳоовар аст. Бояд дар назар дошт, ки категорияҳои семантикӣ - услубӣ, муайяншахсӣ, номуайяншахсӣ ва умумишахсӣ аз рӯйи аломати мавҷуд будан ё набудани

субъект дар ҷумлаҳои бешахс ва ҳамаи дигар ҷумлаҳое, ки дар онҳо дар бораи амал, ҳолат, аломати субъект маълумот дода мешавад, аз ҷиҳати сохтор мутақобиланд. Дар муайян намудани ҳайати қолаби ҷумла аз миқдори ками ҳатмии ҷузъҳо дар ташкили асоси предикативии ҷумла бо ин ё он маънои типпӣ ба асос гирифта, афзалияти ҷумлаҳои яктаркибаи бешахс, муайяншахс ва дутаркибаро ба назар гирифтан лозим аст. Г.А. Золотова таъкид мекунад, ки «Зуҳур накардани субъект дар ҷумлаҳои муайяншахс, ки онҳоро ба типи ҷумлаҳои яктаркиба ворид кардаанд, асос шуда наметавонад, чунки он ё аз ягон тарзи ифодаи субъекти гуфташуда, ё аз нопуррагии матн шаҳодат медиҳад. Масалан, дар ҷумлаҳои: Ҳасрат. Андуҳгинам. Беморам - дар хусуси ҳолати шахси гӯянда маълумот дода мешавад ва ба категорияи шахси якум тааллуқ дорад. Агар сухан дар хусуси ҳолати рӯҳии шахси дигар равад, дар бораи ин шахс бояд дар матн ишорае шуда бошад. Агар субъекти шахси якум ё дуюм дар ҷумла номбар нашуда бошад, вале он аз матн маълум бошад, пас ин гуна ҷумлаҳоро ба қатори ҷумлаҳои дутаркибаи нопурра дохил кардан лозим аст» [4, с.165]. Интихоби тарзи ифодаи субъекти ҳолат на аз рӯйи аломати шахс доштан ё надоштани ҷумла, балки аз ҷиҳати фарқи муқобилгузории амалу ҳолат, тобеият ва ғайритобеият, амалу ҳолати субъект вобаста ба ифодаи он сурат мегирад. Қобили зикр аст, ки ҷумлаҳои феълии бемубтадо чун зинаҳои гузариш ба ҷумлаҳои яктаркибаи бешахс ва хелҳои гуногуни он бояд дида баромада шаванд.

«Сохтори ҷумлаи бешахс (бемубтадо), ки ба истеъмоли шакли бешахси феъл асос ёфтааст, чун воситаи тасвири ғаразноки амал ба субъекти номаълум ё номуайян хизмат мекунад. Он чун ивазкунандаи қолабҳои ҷумлаи дорои шахс барои пардапӯшона ифода кардани матлаб истифода мешавад. Чунончи: Киро пахш кардаанд? Бачаҳо, одам пахш карда шудааст» [2, с.147.]

Парадигмаи ҷумлаи дорои шахс на бо парадигмаи феълӣ, на бо шакли асосии субъект маҳдуд намешавад. Азбаски сухан оид ба қолаби ҷумла меравад, парадигма бо сохтори минималии он, ки фақат ифодаи субъектро на ҷузъҳои дигари наҳвии асоси предикативиро дар бар мегирад, маҳдуд мешавад. Тағйироти ҷузъии мавзӯи шахс дар ҷузъҳои объектӣ, атрибутивӣ ва ҳолии ҷумла имкон дорад, вале он дар сатҳи ибора ё вусъатёбии факултативии ҷумла, бе ба вуҷуд овардани қолаби дигаргуншудаи он зуҳур мекунад. Аломати грамматикии сохторҳои муайяни хелҳои ҷумла, ки категорияи шахси исмҳо бо категорияи шахси ҷонишинҳо ва феълҳо алоқаманд аст, парадигмаи шахс мебошад. Истилоҳи «шахс», «шахсият», ки бо исмҳо ва феълҳою ҷонишинҳо корбаст мешаванд ва дар ибтидо чун омоним ба назар мерасанд, дар истифодаи наҳвӣ зич алоқаманданд.

Ҳамин тариқ, аз ҳадди муқарраршудаи хусусияти сарфидошта берун баромада, ҷанбаи наҳвии категорияи шахсро дидан мумкин аст, ки бо ҳам алоқаманданд. Таносуби шаклҳои шахсият: бешахсият // дутаркиба: яктаркибаро барқарор кардан мумкин аст, вале бо баҳои ба тарзи дигар тақсим кардани феълҳо ба хотири принсипи мунтазамии таснифот. Дар баробари ин, дар алоқамандӣ бо мафҳуми баёншудаи шахси наҳвӣ ва бо мақсади гурез аз такрори истилоҳӣ, муносибтар аст таносуби шахсият // бешахсиятро чун мубтадоӣ// бемубтадо ифода намуд. Ҷумлаҳои яктаркибаи бемубтадо (ё якҷузъа) ба ҳамаи дигар ҷумлаҳои дутаркибаи мубтадодор (ё дуҷузъа) муқобиланд. Ҷумлаҳои мубтадодор, дар навбати худ, ба ҷумлаҳое, ки мубтадояшон ҳамеша шахси сеюмро ифода мекунад ва мубтадояшон ифодакунандаи шахс аст, ҷудо мешаванд: чун қолабҳои муайяншахс, номуайяншахс ва умумишахс. Сохтори наҳвии ҷумлаҳои номинативӣ аз нуқтаи назари категорияи шахс, асосан, ба мафҳуми категориявӣ - семантикии аъзои асосӣ вобаста аст. Мутаносибан ҷумлаҳои номинативӣ ба ҷумлаҳои предметӣ, ки аз исмҳои мушаххас ташкил шудаанд ва ҷумлаҳои абстракт, ки аз исмҳои ғайривоқеӣ ташкил ёфтаанд ва мафҳуми ҳаракат, аломат ва ҳолати субъектро ифода мекунанд, ҷудо мешаванд. Ҷумлаҳое, ки ҳаракат, аломат ва ҳолати шахсро ифода мекунанд, бе мубтадо шуда наметавонанд: ин аломатҳо соҳиби амалро талаб мекунанд. Ифода нашудани мубтадо низ чун дар дигар навъҳои ҷумлаҳои мубтадодор дар наҳв муҳим аст, инчунин он метавонад чун падидаи категорияи таркибӣ - услубии муайяншахс, умумишахс ва номуайяншахс шарҳ ёбад. Ҷумлаҳои унвонии предметӣ ба ҷумлаҳои номуайяншахс наздик мешаванд, зеро аз ҷиҳати маънои наҳвӣ шахси сеюмро ифода мекунанд, вале мафҳуми шахс ба онҳо шартан истифода мешавад, чунки бо мафҳуми аломат муносибати дутарафа надоранд.

Ҳамин тавр, муносибати ин ё он ҷумла ба категорияи наҳвии шахс бо будан ё набудани аломати шахсият (мубтадо) ва барои ҷумлаҳои мубтадодор бо мафҳуми яке аз се шахс мувофиқи мавқеи субъект дар мубодилаи нутқ муайян карда мешавад. Метавон гуфт, ки омӯзиши масъалаи шахс ҳамчун категорияи грамматикӣ дар илми забоншиносӣ танҳо дар доираи худи қолаби ҷумла маҳдуд нагардида, доманаи фарохтар аз ҷумларо, ба мисли матн ва умуман алоқаи байни ҷумлаҳо, вазъияти нутқ, ки фарогири ҳолатҳои гуногуни коммуникатсия аст, дар бар мегирад.

А Д А Б И Ё Т

1. Грамматика русского языка. - М.: Изд-во АН СССР, 1954. - Т.II. - Ч.1.
2. Виноградов В.В. Русский язык / В.В. Виноградов. - М., 1947.
3. Виноградов, В.В. Основные вопросы синтаксиса предложения / В.В. Виноградов // Вопросы грамматического строя. - М., 1955.
4. Золотова, Г.А. Очерк функционального синтаксиса русского языка / Г.А. Золотова. - М.: Наука, 1973. – 352 с.
5. Камолиддинов, Б. Наҳви забони тоҷикӣ / Б. Камолиддинов. - Душанбе: Собириён, 2010. – 280 с.
6. Қосимова, М.Н. Структура ва семантикаи ҷумлаҳои соддаи насри асри XI / М.Н. Қосимова. – Душанбе, 1986. – 87 с.
7. Лекант, П.А. Синтаксис простого предложения в современном русском языке / П.А. Лекант. - М.: Высщая школа, 1986. – 175 с.
8. Ниёзмуҳаммадов, Б. Забоншиносии тоҷик. Асарҳои мунтахаб / Б. Ниёзмуҳаммадов. - Душанбе: Дониш, 1970. - 384 с.
9. Норматов, М. Ҷумлаҳои содда дар забони адабии ҳозираи тоҷик / М. Норматов. – Душанбе: Матбуот, 2001. – 184 с.
10. Основы построения описательной грамматики современного русского литературного языка. - М., 1966.
11. Руднев, А.Г. Синтаксис простого предложения / А.Г. Руднев. - М., 1960. – 160 с.

МУЛОҲИЗАҲО ДОИР БА МАВҚЕИ КАТЕГОРИЯИ ШАХС ДАР ТАШАККУЛИ СОХТОРИИ ҶУМЛА

Мақола ба масъалаи мавқеи категорияи шахс дар ҷумлаи сода бахшида шудааст. Муаллиф дар он асосан ба масъалаи мавқеи категорияи мазкур дар сохтори ҷумла таваҷҷуҳ намуда, таъкид медорад, ки шинохти ҳамаҷониба ва дурусти категорияи шахс танҳо тавассути таҳлили ситуативии ҷумла натиҷаи дилхоҳ дода метавонад, зеро бисёр паҳлуҳои масъалаи мазкур дар ҳолати омӯзиши вазъияти нутқ равшан мегардад. Аломати барҷастаи категорияи шахс ҳамчун ҷузъи маънои предикативии ҷумла ба муқобилгузории робитаи иштироккунандагони нутқ, муносибати гӯянда ба сомеъ ва шахси сеюм, предмети берун аз мавзӯи нутқ ба мисли системаи шаклҳои феъл ва ҷонишинҳои шахсӣ асос ёфтани он аст. Дар ин хусусият на танҳо хусусияти сохторию грамматикии ҷумла ошкор мешавад, инчунин мавзӯи матн ва дискурс ошкор мегардад. Категорияҳои наҳвии шахс, дар баробари категорияҳои модалият ва замон, мансубияти гуфтор ва воқеиятро тавассути вазъияти нутқ ва муносибати иштироккунандагони он ифода менамоянд. Бинобар ин, дар зери мафҳуми категорияи наҳвии шахс мутобиқати субъект- иҷрокунандаи амал, ҳолат, аломати ба яке аз се нафар иштироккунандагон вобастабударо, ки дар бораи он дар ҷумла маълумот дода мешавад, мебояд дарк намуд. Барои тақвияти андешаҳои худ муаллиф ба сарчашмаҳои зиёди илмӣ мурочиат менамояд.

Калидвожаҳо: категория, модалият, шахс, ҷумлаи сода, воҳиди иртиботӣ, вазъияти нутқ.

РАЗМЫШЛЕНИЯ О РОЛИ КАТЕГОРИИ ЛИЧНОСТИ В СТРУКТУРНОЙ ФОРМЕ ПРЕДЛОЖЕНИЯ

Статья посвящена вопросу места и роли категории личности в простом предложении в таджикском языке. Автор, уделяя особое внимание роли категории личности в структуре простого предложения, подчеркивает, что всесторонее выявление особенностей данной категории достигается только при ситуативном анализе. Самым ярким признаком категории личности как элемента значения предикативности предложения состоит в том, что личности в грамматическом смысле противопоставляются, в том, что они выражаются местоимениями, имеющими значение противопоставления. В данной ситуации выявляется не только сруктурно-грамматическая особенность предложения, но и тематика текста и дискурса. Синтаксическая категория личности, наряду с категориями модальности и времени, выражает отношение речи и реальности посредством речевой ситуации и ее участников. Поэтому под понятием синтаксической категории личности следует понимать соотношение субъекта – исполнителя действия, ситуации, качества, направленное на одного из трех участников, когда в предложении речь идет о нем. Для подтверждения своих идей, автор опирается на многочисленные научные источники.

Ключевые слова: категория, модальность, личность, простое предложение, коммуникативная единица, речевая ситуация.

REFLECTIONS ABOUT THE ROLE OF PERSONALITY CATEGORY IN A STRUCTURAL FORM OF PROPOSAL

The article is devoted to the question of the place and role of the category of personality in a simple sentence in the Tajik language. Paying particular attention to the role of the category of personality in the structure of a simple sentence, he emphasizes that the comprehensive identification of the characteristics of this category is achieved only through situational analysis. The most striking sign of the category of personality as an element of the meaning of the suggestiveness of a sentence is that individuals in the grammatical sense are contrasted, expressed by the fact that they are expressed by pronouns that have meaning of opposition. In this situation, it is revealed not only the structural and grammatical peculiarity of the sentence and also the subject of the text and discourse. The syntactic category of the personality along with the categories of modality and time expresses the relation of speech and reality through the speech situation and its participants. Therefore, the concept of a syntactic category of personality should be understood as the ratio of the subject - the executor of the action, the situation, the quality directed to one of the three participants, which in the proposal is about him. To confirm his ideas, the author relies on numerous scientific sources.

Key words: category, modality, personality, simple sentence, communicative unit, speech situation.

Сведения об авторе: ***Кенджазода Манучехра Солех*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, докторант. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17.
E-mail: **kenjazoda-1978@mail.ru.** Тел.: **(+992) 904-41-84-80**

Information about the author: ***Kenjazoda Manuchehra Solekh*** - Tajik National University, Candidate of Philological Sciences, doctoral student. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.
E-mail: **kenjazoda-1978@mail.ru.** Tel.: **(+992) 904-41-84-80**

УДК: 808.2+802.0

ТАҲЛИЛИ ТАРКИБӢ-ЛУҒАВИИ ИСТИЛОҲОТИ СОҲАИ НАҚЛИЁТИ ОБӢ ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Рахимбекова М.
Донишгоҳи давлатии Данғара

Хусусияти давраи имрӯза ҳаминро талаб мекунад, ки ҳар як вожа ҳатто берун аз талаботи корҳои илмӣ низ мавриди пажӯҳиш қарор дода шаванд. Инро нутқи имрӯзаи мо талаб мекунад ва моро водор месозад, ки дар бораи вожаҳои умумии муоширати байни инсонҳо беш аз пеш кор бубарем. Ҳамин тариқ, гуфтан мумкин аст, ки бисёре аз калимаҳое, ки маънои истилоҳотиро доранд ба таври васеъ ва бе маҳдудият истифода мешаванд, вале гурӯҳи дигар бошад танҳо аз вожаҳое иборатанд, ки онҳоро метавон танҳо ҳамчун истилоҳа (термин) ва ё ҳамчун калимаҳои умумӣ истифода бурд. Дар мавриди аввал чунин воҳидҳои забон бо тобиши махсус истифода мешаванд ва дар забон маълумоти дақиқ ва маънои аслии ашёро ифода мекунанд.

Бо рушди илм ва техника ва соҳаҳои нав дар раванди забон вожаҳои мухталиф низ пайдо мешаванд. Аз ин хотир, истилоҳоти забон яке аз соҳаи нав ва муосир буда, бо пайдо шудани вожаҳои нав ба нав дар луғатҳои миллӣ низ тағйиротҳои зарурӣ ворид мешаванд.

Дар ҳақиқат, ҳар як илм бо вожаҳои худ ва истилоҳоти дар он истифодашуда аз якдигар фарқкунанд. Танҳо дарк бояд кунем, ки мо дар кадом маврид вожаи забониро истифода бурдем ё ин ки мафҳуми илмии соҳавиро. Вожа (термин) бояд як маъноро ифода намояд. Яъне, як вожа наметавонад дар илм як соҳаро бо якчанд мафҳум маънидод намояд. Яъне, вожа бояд соҳаи конкретӣ ва муҳити алоҳидаро маънидод намуда онҳоро маҳз бо ҳамин вожа тасвир намояд. Яъне, танҳо дар соҳаи илм вожа метавонад ба таври дақиқ муносибатҳоро муайян намояд. Пажӯҳишгарони алоҳида ба он назаранд, ки талаффузи як истилоҳ метавонад мафҳумҳои гуногунро ифода намояд.

Тасвири хусусиятҳо дар муайянкунандаҳо бо ёрии истилоҳоти дигар дода мешавад ва аз ин лиҳоз, дарк ва фаҳмиши маҳз ҳамин вожа ва ё термин на танҳо аз мавқеи муайянкунии он, балки аз тарз ва усули баён намудани он вобастагӣ дорад.

Бо дарназардошти ин қайд намудан зарур аст, ки тамоми илмҳои ба забоншиносӣ алоқаманд (ба ғайр аз математика) ба тасвир намудани дунёи моддӣ сару кор доранд ва барои муайян намудани маҳз ҳамин вожа бисёр иншоотҳои моддӣ ва ё ҳамоҳангсозии онҳо дар назар дошта шудааст, ки ин омилро аз ҳама асосӣ ҳисоб кардаанд. Яъне, муайянкунанда танҳо нақши хизматрасониро мебозад, яъне ӯ ҷузъи иншоотҳо ва ё ҳамоҳангии онҳоро ифода мекунад. Яъне, шумо бояд донед, ки худи мафҳуми муайянкунанда чист ва кадом нақшро мебозад?

Истилоҳоти забони тоҷикӣ тасвири хусусиятнокии худро дар асарҳои маъмули лексикографӣ ҳанӯз аз асрҳои миёна ба худ касб намудааст ва аз нуқтаи назари рушд, ташаккул ва дар худ таҷассум намудани истилоҳоти дигар забонҳо хеле ва хеле пешрафта мебошад.

Даврагардонии таърихи ташаккули истилоҳот ва калимасозии забони тоҷикӣ то имрӯз 5 марҳиларо тай намудааст:

- Оғози марҳилаи фаъолияти тарҷума намудани маводҳо аз забони арабӣ ба забони тоҷикӣ (асри IX -XIV);
- Нимаи дуюми асри XI ва охири асри XII - оғози ташаккул ва рушди вожаҳои соҳавӣ;
- Охири асри XII ва нимаи аввали асри XIX - барқароршавии сулолаи туркҳо, ки бо дарназардошти зери тасарруфи Россия қарор гирифтани Осиёи Миёна;
- Нимаи дуюми асри XIX то давраи инқилоби Октябр, яъне пайдо шудани аввалин нашрияҳо бо забони тоҷикӣ;
- Асри XX то давраи истиқлолияти давлатӣ ба даст овардани Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Тарз ва усули ташаккул ёфтани истилоҳот хеле гуногун мебошад. Масалан: дар забон ба қавле истилоҳотнокӣ ба вуҷуд меояд, ки танҳо мавқеи калимаро муайян мекунад, яъне калимаҳо аз нуқтаи назари илмӣ дида баромада мешаванд. Ин раванд бо ду усул ва ё роҳ амалӣ карда мешавад:

1. Даст кашидан аз маънои умумии калима ва ба ӯ додани мавқеи илмӣ ва дақиқ фаҳмидашаванда.
2. Ҳангоми пурра ва ё қисман истифода бурдани ин ё он вожа ҳамон омилҳое истифода мешаванд, ки маънои асосии калимаро дар истифодабарии васеъ ифода мекунанд (яъне аз рӯйи монандӣ ва ҳангоми иваз шудани калима).

Барои ташаккул ёфтани истилоҳот усули калимасозӣ истифода бурда мешавад. Вожаҳои аз дигар забонҳо истифодашаванда дар ин система нақши калидиро мебозанд.

Аз давраҳои қадим қисми зиёди вожаҳои ҳоландӣ ва англисӣ дар ифодаҳои баҳрӣ ва киштисозӣ истифода мешаванд; аз вожаҳои фаронсавӣ ва итолиёвӣ дар рушди санъати мусиқӣ, дар соҳаи фарҳанг ва адабиёт бошад вожаҳои лотини ва юнонӣ бештар истифода бурда мешаванд. Ҳамчунон вожаҳое мавҷуд мебошанд, ки ба дигар забон дуруст ва фаҳмо тарҷума карда намешаванд ва истифодаи онҳо танҳо аз шеваи мардуми чунин калимаҳоро истифода мекарда вобастааст. Чунин истилоҳотро истилоҳоти байналмилалӣ (вожаҳои байналмилалӣ) меноманд, ки қисми зиёди онҳоро дар ҳаракати нақлиётҳои обӣ дидан мумкин аст.

Ба монанди: **oiler, diesel-propelled ship, motor ship, motor(-driven) vessel, ferry (boat).**

Қобили қайд аст, ки истилоҳот (термины)-ҳои забони барои омӯзиш қарордошта якчанд маъно доранд (мафҳуми семантикӣ). Чунин омилҳоро дар мафҳумҳои зерин дучор шудан мумкин аст: Дар забони англисӣ вожаи ***киштӣ, заврақ- chip. Vessel;*** мебошад, вале нақлиёти обие, ки мунтазам ба хатсайр мебарояд ***liner*** фаҳмида мешавад.

Истилоҳоти илмӣ аз вожаҳои одӣ ва ифодаҳои ҳамарӯзаи гуфтугӯӣ фарқ мекунанд, чунки мафҳум дар онҳо ба таври дақиқу фаҳмо оварда шудааст ва моҳиятан дар худ сарборию иловагиро ба монанди аломатҳои математикӣ касб намудаанд. Агар чунин омил дар истилоҳоти соҳаи нақлиёти обӣ низ вуҷуд медошт, пас ба ин масъала ҳатто ҳоҷати баҳс намудан ҳам набуд.

Таркиби истилоҳоти соҳаи нақлиёти обӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ хеле гуногун аст. Ба ин истилоҳот калимаҳои руҷӯъ ба ин ё он забон асил, калимаҳои аз дигар забонҳо ворид гардида ва инчунин калимаҳои сирф хориҷӣ мансуб ҳастанд. Лекин бо дарназардошти гуногунмаъноии этимологӣ ва семантикӣ тамоми номинҳои лексикӣ мавқеи хосси худро дар ин система ба таври яклухт нигоҳ медоранд.

Дилхоҳ системаи забонҳотағйиротҳои экстралингвистикиро аз худ мегузаронанд. Дар ин раванд истилоҳоти соҳаи нақлиёти обӣ дар забони англисӣ ба таври муваффақ мавқеи худро соҳиб гардидаанд. Яъне, ҷойгузин будани истилоҳоти соҳаи нақлиёти обӣ дар давлатҳои бо забони англисӣ гуфтугӯкунанда, пеш аз ҳама, ба тағйиротҳои радикалие, ки умуман дар системаи давлатдорӣ рӯй додаанд, вобастагӣ дорад. Тоҷикистон ва Федератсияи Россия бошад чунин омилҳоро аз сар гузарониданд, яъне баъди пош хӯрдани ИҶШС дар ин давлатҳо тағйиротҳои сиёсӣ ба вуқӯъ пайвастанд, ки то ақал ба раванди забон ва рушду нумуи он каме монеаҳо эҷод намуданд.

Вожаҳои нав дар раванди тағйиротҳои ба амаломада пайдо шуданд. Масалан: киштии гузара -**bac. slip. ferry. floatfloaterrafttraject –паром.**

Пайдо шудани вожаҳои нави соҳаи нақлиёти обӣ ба мафҳумҳои пештар вуҷуддоштаи соҳаи нақлиёт ягон тағйироти куллӣ ворид накарда, балки онро ҳамчун истилоҳи асосӣ ва таърихӣ қабул намуд (рынок-бозор, банки-бонкҳо, биржи- биржаҳо), ки онҳо имрӯзҳо ҳам мавриди истифода қарор доранд. Яъне истилоҳоте, ки онро ифода мекунанд то имрӯз ҳам боқӣ мондаанд.

Таркиби истилоҳот дар забонҳои пажӯҳишшаванда мудом тағйир ёфта меистад. Пайдо шудани вожаҳои нав бошад назар ба гум шудани онҳо тезтар ба вуқӯъ мепайвандад.

Ба ғайр аз ин, вожаҳои нав дар бисёр маврид ибораҳо ва ҷумлаҳои навро ташкил мекунанд ва танҳо мафҳуми онҳоро касб мекунанд. Масалан: **теплоход – motorship – теплоход** [8, с.1097]. Яъне, хусусияти омӯзиши қабатҳои истилоҳот ин пойдорӣ ва фаҳмиши пайдарпайи идрок ва шуур ба ҳисоб меравад.

Ҳар як қабати дар алоҳидаги омӯхташавандаи истилоҳот дар системаи забоншиносӣ мавқеи худро дорад ва аз якдигар танҳо бо мафҳум ва моҳияти вожа фарқ мекунад. Ҳатто истилоҳот - синонимҳо ба монанди вожаҳои «**киштӣ ship; vessel; yachtship; ferry; floater – корабль»** соҳаи гуногуни замимавӣ доранд.

Қобили қайд аст, ки истилоҳот назар ба ибораҳо бартарӣ доранд. Яъне, маънои калима ҳангоми истифодаи он ҳамчун вожа чуқуртар ва амиқтар фаҳмида мешавад ва дар ӯ тамоми хусусиятҳо назар ба маънои аслии онҳо афзалияти бештаре дорад. Аз рӯйи мушоҳидаҳои мо истилоҳоти забонҳои англисӣ назар ба тоҷикӣ бештар аз ибораҳо ва мафҳумҳо ташаккул ёфтаанд (тақрибан 7%). Дар қисми маъмули истифодаи ин вожаҳо, ки предмети таҳлили мо қарор гирифтааст, ин мутаносибан 6%-и ибораҳоро дар бар гирифтааст.

Вожаҳои дар соҳаи нақлиёти обӣ истифодашаванда дар забони тоҷикӣ якранг нестанд, чунки онҳо дар худ қабатҳо ва марҳилаҳои гуногунро фаро мегиранд. Пайдо шудани чунин системаи вожагӣ дар соҳаи нақлиёти обӣ ҳанӯз дар асрҳои IX ба вуқӯъ пайвастааст. Яъне, қисматҳои алоҳидаи вожагиҳо барои чунин самти истифодаи забони англисӣ дар солҳои 20-уми қарни гузашта ва солҳои аввали қарни нав дар асоси забони муосири тоҷик тақвият дода шудааст.

Инро бо омилҳои конкретии таърихӣ ва хусусияти экстралингвистӣ дошта тасдиқ кардан мумкин аст ва он дар қисми зиёди адабиётҳо ва сарчашмаҳо мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Омили асосии ташаккули чунин истилоҳот дар марҳилаи аввали

рушди забони тоҷикӣ ин пойсутуни забони тоҷикӣ мебошад, ки ҳанӯз дар давраи Сомониён дар асоси забони дарӣ-тоҷикӣ ба вуқӯъ пайвастааст, ки асоси аз хилофати араб раҳо ёфтан ва истиқлолият ба даст овардани он мебошад.

Сохти таркибии системаи истилоҳот дар худ вожаҳои содаву равон ва инчунин мафҳумҳои басо мураккабро низ касб намудааст.

Рушди бемайлони иқтисодиёт низ ба раванди ғанӣ шудани истилоҳоти ба нақлиёти обӣ вобаста буда, тақвият бахшидааст. Истилоҳоти дар соҳаи нақлиёти обӣ истифодашавандаи забони тоҷикӣ дар бобҳои алоҳида, ки системаи занҷириро ифода намекунад, низ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

Сохти таркибии истилоҳоти мазкур дар забони тоҷикӣ бо вожаҳои алоҳида, ки танҳо аз як элемент иборат мебошанд, пешниҳод шудааст. Масалан: **нақлиёт; mastercaptain - флот** ва ғайра.

Аз ин сохти таркибӣ як қатор намудҳои дигари калимаҳо дар соҳаи нақлиёти обӣ пайдо шудаанд.

Истилоҳот дар худ полисемия (гуногунмаънои)-ро таҷассум намудааст, ки дар натиҷаи пайдо шудани иншоотҳо, ҳодисаҳо, омилҳо ва равандҳои дигари пажӯҳиши система инъикос гардидаанд. Масъалаи бисёрмаъноии вожаҳо новобаста ба истилоҳ ва ё вожаи конкретии дар матн овардашуда алоқамандӣ дорад.

Д.С.Лотте, А.А. Реформатский ва дигарон бисёрмаъногиро инкор намуда худмухтории вожаро ҳамчун натиҷаи чунин хусусият маънидод намудаанд. Ин мавқеъро онҳо чунин хулосабандӣ кардаанд: Агар дар система вожа як маъноро ифода карда бошад, пас дар матн он бояд ҳудудҳои дақиқи семантикиро соҳиб бошад.

Аз ҷумла онҳо қайд мекунанд, ки худи вожа ба матн эҳтиёҷ надорад, барои он, ки бо ӯ алоқаманд набуда танҳо дар доираи майдони он истифода мешавад. Майдони истилоҳотиро ӯ ҳамчун вожагиҳо номидааст, ки дар доираи он истилоҳ ҳамчун ифодакунандаи танҳо як маъно мебошад.

Бо дарназардошти ин матн воситаи интихоби маънои зарурӣ буда, дар адабиёт истифодаи он на ҳама вақт кафолат дода мешавад.

Як маъноро ифода намудани вожа берун аз матн шарти асосӣ нест. Д.С. Лотте менависад: «Барои равшану возеҳ фаҳмидани истилоҳот танҳо зарур аст, ки вожаи мазкур хусусияти маъноро нисбат ба яккаву ягона будани он ифода намояд», яъне вожа танҳо дар доираи як ва ё якчанд фанни ба якдигар алоқаманд вуҷуд дошта метавонад.

Бисёрмаъноӣ (полисемия) дар қисми зиёди вожаҳо танҳо аз матн ва пайдоиши он вобастагӣ дорад, яъне алоқамандӣ дорад бо назария, самти илмӣ ва макотиби истифодаи он. Алоқамандии истилоҳотро бо илм Даниленко ба ҷузъи мобилияти он ва пойдории забон нисбат медиҳад, яъне чӣ қадаре, ки истилоҳ ва ё вожа рушд намояд, ҳамон қадар истифодаи он васеъ мегардад (Дар мисоли таърихи мафҳуми «Синтагма»).

Дар натиҷаи таҳлили семантикӣ ва ёрии луғатҳо ҳанӯз системаи истилоҳот пурра амалӣ нашудааст. Яъне, истилоҳот ба маънои пурраш наметавонад ҳамгироӣ ва алоқамандиро ба таври умум ифода намояд. Ин феноменест, ки ҳақиқати реалиро инъикос менамояд, ки дар он миқдори зиёди истилоҳоти дар соҳаҳои гуногун, коркарди кӯҳӣ ва археология истифодашаванда рушд намудааст.

Дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ ин истилоҳот метавонад бо якчанд маъно истифода шавад. Масалан:

Ифода накардани як маъно натиҷаи консепсияи маҳдуд дар иқтисодиёт мебошад. Дар истилоҳоти забонҳои омӯхташаванда бисёрмаъноӣ дар асоси умумияти функционалӣ ба роҳ монда шудааст.

Бисёрмаъноии вожа сутуни асосӣ буда, қобили зикр аст, ки бо мафҳуми андаке, собиқаи волои инсониро дар сатҳи тахассусии муошират ва рушди иқтисодӣ-иҷтимоии ӯ ҳамчун мабдаъ (субстрат)-и забони адабӣ пешниҳод намояд. Чунин омилҳоро дар соҳаи геология ва як қатор соҳаҳои дигар вохӯрдан мумкин аст.

Ҳам дар забони англисӣ ва ҳам дар забони тоҷикӣ вожаҳое ҳастанд, ки аз дигар забонҳо ба системаи истилоҳот ворид шудаанд. Чунин мисолҳо хеле зиёданд ва дар бораи онҳо сарчашмаҳои лексикографӣ ёдрас мешаванд. Яъне, калимаҳои иқтибосӣ (заимствованные слова) ин раванди табиӣ буда, ба дилхоҳ забони бадеӣ ва илмӣ ворид мешаванд. Ва ин омил низ асоси истилоҳоти забонҳои тоҷикӣ ва англисиро аз мадди назар дур намондааст.

Яке аз усулҳои пурра намудани луғатҳо ин усули рӯкаш (калька)-намоӣ мебошад. Costing- ин амалӣ намудани муносибатҳои забонӣ мебошад. Ин мафҳум аз калимаи фаронасавии (калька) гирифта шуда, аввалин маротиба аз тарафи Шарл Балли ба илми забоншиносӣ ворид карда шудааст. Ӯ навиштааст: Дар дастгоҳи мобили (смартфон)-ат замимаро ворид намо ва ба таври воқеӣ амал намо.

Тарҷумони мобилиро насб намо, яъне: «Калька гуфта мо калима ва ё ибораҳоеро дар назар дорем, ки ба таври механикӣ ва аз рӯйи намунаи забонҳои хориҷӣ гирифта шудаанд» (Ш.Баллӣ «Услубшиносии фаронсавӣ». - М., 1961, с.69].

Ӯ менависад, ки истилоҳ ва ё мафҳум ба матн эҳтиёҷ надорад, барои он ки мафҳум бо матн ягон алоқае надошта, балки бо фазо ва ё майдони муайяни истилоҳот вобастааст. Фазои истилоҳотро ҳамчун фазои истилоҳоти як маъноро ифодакарда шуморидан лозим аст.

Бо дарназардошти ин матн ин воситаи интихоби маънои хосташуда шуморида мешавад, аммо дар адабиёт ҳолатҳоеро дучор шудан мумкин аст, ки матн наметавонад ба пуррагӣ мафҳуми калимаро инъикос намояд. Якмаъногии мафҳум ва ё истилоҳ берун аз матн барои воқеӣ будани он шарти асосӣ нест. Д.С. Лотте менависад: «барои дақиқ ва дуруст муайян намудани маъно ва ё мафҳуми истилоҳ танҳо хусусияти онро ба назар гирифтан лозим аст, ки ӯ як маъноро ифода карда тавонад», яъне дар доираи як ва ё якчанд фанн ӯ бояд як маъноро ифода карда тавонад.

А Д А Б И Ё Т

1. Ахманова О.С. Словарь лингвистических терминов / О.С. Ахманова. - М.: Изд-во: Советская Энциклопедия, 1969. - 608 с.
2. Булыко, А.Н. Большой словарь иноязычных слов / А.Н. Булыко. - Москва: Мартин, 2004. - 703 с.
3. Виноградов, В.В. Исследования по русской грамматике: Избр. тр. / В.В. Виноградов; [Ред. тома Н.Ю. Шведова]. - М.: Наука, 1975. - 559 с.
4. Виноградов, В.В. Избр. тр: Лексикология и лексикография / В.В. Виноградов. - М.: Наука, 1977. - 312 с.
5. Гвишиани, Н.Б. Семантика термина в свете когнитивной теории / Н.Б. Гвишиани // Сб. Проблемы функциональной семантики. – Калининград: Издво Калининградского ун-та, 1993. - С. 41-50.
6. Джураев, Т.К. Пути становления и развития технической терминологии на таджикском языке. автореф. дис. канд. филол. наук: 10.02.02 / Т.К. Джураев. - Душанбе, 1985. - 22 с.
7. Крысин, Л.П. Толковый словарь иноязычных слов / Л.П. Крысин. - Москва: Эксмо, 2005. - 940 с.
8. Русско-таджикский словарь. - Москва: Русский язык, 1985. - 1280 с.; Современный толковый словарь. Изд-во. «Большая Советская Энциклопедия» 1998 г.
9. Толковый словарь русского языка с включением сведений о происхождении слов / Институт русского языка им. В.В. Виноградова РАН; отв. ред. Н.Ю. Шведова. - М.: Азбуковник, 2008. - 1175 с.
10. Фарҳанги забони тоҷикӣ. - Москва: Советская Энциклопедия, 1969. – Ҷ.1. - 952 с.; - Ҷ.2. - 951 с.
11. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ.1. - Душанбе, 2008. - 950 с.
12. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ.2. - Душанбе, 2008. - 945 с.

ТАҲЛИЛИ ТАРКИБӢ-ЛУҒАВИИ ИСТИЛОҲОТИ СОҲАИ НАҚЛИЁТИ ОБӢ ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Дар мақолаи мазкур дар бораи хусусиятҳои истилоҳи соҳаи нақлиётҳои обӣ сухан меравад. Ҷомеаи имрӯза тақозо мекунад, ки ҳар як вожаи истифодамешуда мавқеъ ва манзалати худро танҳо дар доирае метавонад ба инсоният ҳамчун вожаи нав ва зарурӣ дастрас бигардонад. Лекин пажӯҳишҳо нишон медиҳанд, ки соҳаи забоншиносӣ ба вожаҳои нав он қадар фаро гирифта шудаанд, ки баъзеи онҳо ҳатто ба мутахассисони соҳа ба дараҷаи бояду шояд нофаҳмо мебошад. Лекин аз тарафи дигар истилоҳоти дар забон истифодамешуда бояд ҳам дар илм ва ҳам дар муоширати байни одамон то дараҷаи зарурӣ фаҳмонида шаванд. Хусусияти давраи имрӯза ҳаминро талаб мекунад, ки ҳар як вожа ҳатто берун аз талаботи корҳои илмӣ низ мавриди пажӯҳиш қарор дода шаванд. Инро нутқи имрӯзаи мо талаб мекунад ва моро водор месозад, ки дар бораи вожаҳои умумии муоширати байни инсонҳо беш аз пеш кор бубарем. Ҳамин тариқ, гуфтан мумкин аст, ки бисёре аз калимаҳое, ки маънои истилоҳотиро доранд ба таври васеъ ва бе маҳдудият истифода мешаванд, вале гурӯҳи дигар бошад танҳо аз вожаҳое иборатанд, ки онҳоро метавон танҳо ҳамчун истилоҳа (термин) ва ё ҳамчун калимаҳои умумӣ истифода бурд. Дар мавриди аввал чунин воҳидҳои забон бо тобиши махсус истифода мешаванд ва дар забон маълумоти дақиқ ва маънои аслии ашёро ифода мекунанд. Бо рушди илм ва техника ва соҳаҳои нав дар раванди забон низ вожаҳои мухталиф пайдо мешаванд. Аз ин хотир, истилоҳоти забон яке аз соҳаи нав ва муосир буда, бо пайдо шудани вожаҳои нав ба нав дар луғатҳои миллӣ низ тағйиротҳои зарурӣ ворид мешаванд.

Калидвожаҳо: истилоҳот, илм, система, киштӣ, забони тоҷикӣ, забонҳои англисӣ, забоншиносӣ, вожаҳо, хусусият, технология, нақлиётҳои обӣ.

СТРУКТУРНО-СЛОВАРНЫЙ АНАЛИЗ ВОДНЫХ ТРАНСПОРТНЫХ ТЕРМИНОВ.В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОЯ ЯЗЫКАХ

Статья посвящена определению сферы функционирования водных транспортных терминов. Таджикская терминология транспорта на воде как составная часть лексики таджикского языка, наряду с другими терминами, интенсивно развивается и особенно ярко проявляется на современном этапе, когда использование научно-технических достижений в транспортной сфере приводит к обогащению лексики новыми терминами. Это направление диктует необходимость изучения терминологии разных языков. Изучение терминологии транспорта на воде таджикского и английского языков, в общелингвистическом, специфическом структурно-семантическом и функциональном плане, призвано выявить общие закономерности формирования терминологии и тем самым способствовать выработке практических рекомендаций по развитию данной системы терминологии в сопоставимых языках, особенно в таджикском, где она только начинает формироваться, тем более что в современном языкознании в последние годы все большее внимание уделяется лингвистическому анализу лексики различных областей знания. Изучение терминологического слоя осуществляется различными методами и приемами. В современном таджикском языкознании одной из основных задач лексикологии является выявление и установление различных типов системных отношений, существующих внутри различных лексических групп, а вместе с этим установление специфических показателей, объединяющих слова в общем контексте друг с другом в составе всей лексики. В связи с этим при анализе и интерпретации терминологии водного транспорта на материалах таджикского и английского языков автор рассматривает как лексико-семантические отношения в контексте их применения, так и отношения понятий и объектов исследуемой области, обозначаемых терминами.

Ключевые слова: термин, наука, система, технология, корабль, таджикский язык, английский язык, языкознание, слово, особенности, водный транспорт.

STRUCTURAL-DICTIONARY ANALYSIS OF WATER TRANSPORT TERMS. IN TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

The article is devoted to the definition of the sphere of functioning of transport terms on the water Tajik terminology of transport on the water, as an integral part of the vocabulary of the Tajik language. It develops intensively along with other terminology, and the use of scientific and technical achievements in the transport sphere leads to the enrichment of vocabulary with new terms. This area dictates the need to study the terminology of different languages. The study of the terminology of transport on the water of Tajik and English languages in linguistic, specific structural, semantic and functional plan is designed to identify common patterns of formation of terminology and thus contribute to the development of practical recommendations for the development of this system of terminology in comparable languages, especially in Tajik, where it is just beginning to form, especially since in modern linguistics, in recent years, increasing attention is paid to the linguistic analysis of the vocabulary of various fields of knowledge. The study and study of the terminological layer is carried out by different methods and methods. If the object of the study is the meaning of the term, and the purpose is to identify its specific features in several languages, then semantic-comparative analysis will help to carry out the task. In the modern Tajik linguistics one of the main tasks of lexicology is the identification and establishment of various types of system relationships that exist within the different lexical groups, and along with it the establishment of specific indicators, which combine words in a common context with each other in the composition of the whole vocabulary. In this regard, in the analysis and interpretation of the terminology of water transport on the materials of the Tajik and English languages, the author considers both lexical and semantic relations in the context of their application, and the relationship of the concepts and objects of the study area designated by the terms.

Key words: term, sciences, system, technology, ship, Tajik language, English language, linguistics, word, features, water transport.

Сведение об авторе: ***Рахимбекова М.С.*** - Дангаринский государственный университет, преподаватель кафедры теории и практики английского языка. **Адрес:** 735320, Республика Таджикистан, Дангара, ул. Маркази 25.
Тел.: **(+992) 918-50-41-89**

Information about the author: ***Rakhimbekova M.S.*** - Dangara State University, lecturer at the Department of Theory and Practice of the English Language. **Address:** 735320, Republic of Tajikistan, Dangara, Markazi Str. 25.
Tel.: **(+992) 918-50-41-89**

УДК: 811.21/.22-3

ДОИРАИ МАЪНОИИ ВОЖАҲОИ МУШТАҚ ДАР ОСОРИ НИЗОМИИ ГАНҶАВӢ

Абдуллоева З.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров

Яке аз масъалаҳое, ки имрӯз аксари забоншиносон ба он таваҷҷуҳ зоҳир кардаанд, масъалаи ташаккули калимаҳои сохтаву мураккаб ва муайян намудани доираи маъноии ин гуна вожаҳо маҳсуб меёбад. Чи дар осори классикон ва чи дар эҷодиёти адибони муосир вожаҳои сохтаву мураккабе дучор меоянд, ки бо ду ва зиёда маъниҳо истифода шудаанд ва сабаби ғаномандии таркиби луғавии забон гардидаанд.

Аз назари забоншинос Маҷидов Ҳ. сермаъноӣ ё ки полисемия (юн. poly- сер -, бисёр+ sema - аломат) аз ҳодисаҳои ниҳоят сершохаи системаи забон ба шумор рафта, тамоми қабатҳои онро фаро мегирад. Ӯ зикр мекунад, ки ҷиҳати муҳимми калимаҳои сермаъно он аст, ки паҳлуҳои гуногуни ҳодисаҳои воқеиро дар шакли як калима акс мекунанд ва ҳамаи он маъноҳо ба ҳам алоқамандӣ доранд [6, с.28].

Аз рӯйи мушоҳидаҳо маълум мегардад, ки на танҳо вожаҳои сода, балки калимаҳои сохтаву мураккаб низ дорои ду ва зиёда маъно буда метавонанд.

Маводи манзумаҳои гуногунмазмуни асримиёнагӣ далели он аст, ки аз байни ҳиссаҳои номии нутқ исму сифатҳои сохта на танҳо бо хусусиятҳои аҷиби калимасозияшон, балки боз бо доро буданашон ба маъноҳои зиёди ғайримаъмул аз забони адабии ҳозираи тоҷикӣ фарқ карда меистанд. Чунин вижагии намоёни онҳоро дар мисоли забони осори Низомии Ганҷавӣ нишон додан мумкин аст.

Дар осори Низомии Ганҷавӣ дар радифи унсурҳои луғавии зиёди гуногунсохт силсилаи калони вожаҳои муштақе дучор меоянд, ки бархе аз онҳо бо як маънои мушаххас, дастаи дигар дар баёни ду ё зиёда маъно низ мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Вижагии барҷастаи забони осори Низомӣ дар он зоҳир мегардад, ки калимаҳои сохта бо доштани маъноҳои гуногун аз забони аҳли адаби гузашта фарқ мекунанд. Ин гуна унсурҳои луғавии осори шоир, чунонки ишора гардид, аз рӯйи хусусияти мушаххаси худ ягона набуда, балки доираи маъноии баъзеяшон хеле фарох аст, дастаи дигарашон бо чанд маъно маҳдуд мондаанд, гурӯҳи сеюмашон фақат бо як-ду маъно ба кор рафтаанду халос. Шоири номбурда дар ҳамаи достонҳояш дастаи калони вожаҳоро мавриди истифода қарор додааст, ки ба тавассути пасвандҳо ташаккул ёфта, аксари онҳо бо хусусияти сермаъноии худ аз силсилаи дигари унсурҳои луғавӣ тафовут доранд. Масалан, шоир вожаи ***ганҷина***ро дар ду байти зер ба ду маъно истифода кардааст:

а) хизона, махзан, анбор:

Дари ҳафт ганҷинаро боз кард,
Ба расми каён хилъате соз кард [2, ҷ.2, с.207].

б) маҷозан моли бисёр, маҳсул:

Бар он ганҷина Фарҳод офарин хонд,
Зи дасташ бистиду дар пояш афшонд [2, ҷ.1, с.208].

Калимаи ***даста*** низ аз ҷумлаи вожаҳои сохтаи сермаънои ашъори Низомӣ ба шумор рафта, шоир онро ба маъноҳои зерин мавриди истифода қарор додааст:

а) қисмати борику баланди муттасили баъзе олот чун дастаи хокандоз, дастаи бел ва м. инҳо:

Муҳандис дастаи пӯлодтеша,
Зи чӯби нор тар кардӣ ҳамеша [2, ҷ.1, с.235].

б) гунбади гул:

Гирифта дастаи наргис ба дасташ,
Ба хушхобӣ чу наргисҳои масташ [2, ҷ.1, с.270].

Чашма низ яке аз калимаҳои сохтаи сермаъно ба шумор меравад. Маълум аст, ки маънои аслии он ҷоеро ифода менамояд, ки аз он маҳал аз зери замин об мебарояд ва ба атроф ҷорӣ мегардад. Воқеан, Низомӣ вожаи мазкурро ба ин маъно хеле зиёд мавриди истифода қарор додааст:

Он беҳ, ки, Низомиё, дар ин роҳ,
Бар чашма занӣ чу Хизр хиргоҳ [2, ҷ.2, с.77].

Ба ин тариқ, агар вожаи ***чашма*** дар таркиби ибораи ***чашмаи ҳаёт*** дорои маънои ***оби зиндагӣ*** бошад, пас дар таркиби ибораҳои ***чашмаи офтоб*** ва ***чашмаи нур*** маънои ***хуршед, шамс***ро гирифтааст:

Файзи ту, ки чашмаи ҳаёт аст,
Рӯзидеҳи асли уммаҳот аст [2, ҷ.2, с.59].

Ё чашмаи офтоби равшан,
К-ояд ба назорагоҳи гулшан [2, ҷ.2, с.58].

Унсури луғавии ***тундӣ*** дар осори шоир ба маъноҳои зерин ба кор рафтааст:

а) хашмгинӣ, ғазабнокӣ:

Ба тундӣ гуфтам: «Эй бахти баландам,
На ту қассобиву ман гӯспандам» [2, ҷ.1, с.58].

б) тезӣ ва чустиву чолокӣ:

Аз он тезтар Хусрави пилтан,
Ба тундӣ даромад ба он Аҳриман [2, ҷ.4, с.107].

Баъзеи чунин унсурҳои луғавӣ аз калимаҳои дигар бо доираи васеи маънои худ фарқ карда меистанд. Мисоли чунин воҳидҳои луғавӣ вожаи ***доварӣ*** аст. Низомӣ, аз рӯйи мушоҳидаҳои мо, ин калимаро дар ифодаи маъноҳои зайл мавриди истифода қарор додааст: а) амали довар, қазо, ҳукми миёни ду хасм. Дар ин маъно калимаи мазкур дар осори шоир зиёд ба кор рафтааст:

Чу оҷиз шудӣ рояш аз доварӣ,
Зи файзи Худо хостӣ ёварӣ [2, ҷ.5, с.134].

Ба Худои ҷаҳон хӯрам савганд,
Ки бад-ин доварӣ шавам хурсанд [2, ҷ.3, с.257].

Довариву дод намебинамат,
В-аз ситам озод намебинамат [4, ҷ.6, с.9167].

б) муҳокима, иддао, даъво:

Туро осмон мекунад ёварӣ,
Маро нест бо осмон доварӣ [2, ҷ.4, с.337].
Нашояд дар он доварӣ пай фишурд,
Ки даъво нашояд дар ӯ пеш бурд [4, ҷ.6, с.9167].

в) ихтилоф, хилоф:

Дар ин достон довариҳо басе аст,
Маро гӯш бар гуфтаи ҳар касе аст [2, ҷ.4, с.80].

г) мутлақи қазия:

Зи ҳар кор донӣ ба рои дуруст,
Дар он доварӣ чорае бозҷуст [2, ҷ.4, с.147].

ғ) разм, ҷанг:

Ҷаҳондор Доро дар он доварӣ,
Талаб кард аз эрониён ёварӣ [2, ҷ.4, с.140].

Ба пархош Доро сар афрохта,
Ҳама олати доварӣ сохта [2, ҷ.4, с.147].

д) хусумат, душманӣ, кина:

Сар аз давлат кашидан сарварӣ нест,
Ки бо давлат касеро доварӣ нест [2, ҷ.1, с.166].

Воҳиди луғавии ***мардумӣ*** низ дар қатори вожаи ***доварӣ*** қарор дошта, бо сермаъноии худ аз унсурҳои луғавии дигар фарқ мекунад. Низомӣ калимаи мазкурро ба чунин маъноҳо корбаст намудааст:

а) дар мисраи аввали байти поён ин калима дар таркиби феъли таркибии номии ***мардумӣ кардан*** маънои ***меҳрубони***ро гирифтааст, вале дар мисраи дуюм маънои ***мурувват***ро соҳиб шудааст:

Мардумӣ кард дар ҷаҳондорӣ,
Мардумӣ беҳ, ки мардумозорӣ [2, ҷ.3, с.110].

б) мардонагӣ, пойдорӣ:

Мардиш мардумишро бифрефт,
Мард буд, аз дами занон нашкефт [2, ҷ.3, с.280].

в) вафо:

Вафо мардист, бар зан чун тавон баст,
Чу зан гуфтӣ, бишӯй аз мардумӣ даст [2, ҷ.1, с.189].

Дар осори Низомӣ шумори калимаҳои сермаъное низ кам нестанд, ки дорои ду пасванди калимасоз ҳастанд. Чунин ҳолат на танҳо ҳангоми ба ин ё он вожа ҳамроҳшавии ягон пасванди алоҳида, балки дар мавриди пайвастгардии якҷояи ду унсури созандаи калимасоз низ мушоҳида мешавад. Аз рӯйи мушоҳидаҳои мо, дар ибтидо ба вожаҳо пасвандҳои гуногун ҳамроҳ шуда, баъдан ба ин унсурҳои калимасоз ҳамеша пасванди ***-ӣ*** илова гардидааст. Дар натиҷа, ба воҳидҳои луғавӣ пасвандҳои ***-варӣ, -ворӣ, -гарӣ, -нокӣ*** ва ғайраҳо ҳамроҳ шуда, сабабгори ташаккули калимаҳои сохтаи зиёде гаштаанд:

Хатарнокӣ: а) ҳолати хатарнок:

Аз он сӯ, ки дидам, дилам пора шуд,
Хирад з-он хатарнокӣ овора шуд [4, ҷ.6, с.8667].

б) боарзишӣ, пурбаҳоӣ:

Чу гавҳарниҳодасту гавҳарнажод,
Хатарнокии гавҳар орад ба ёд [4, ҷ.6, с.8667].

Танумандӣ: а) танумандӣ, тановарӣ:

Зинда чун барқ мир, то хандӣ,
Ҷонхудоӣ беҳ аз танумандӣ [2, ҷ.5, с.6198].

б) тавоноӣ ва зӯроварӣ:

Ба гуфтан ту додӣ танумандим,
Ту деҳ з-он чӣ куштам барӯмандим [4, ҷ.5, с.6198].

Аз шоҳидҳои зикргардида аён аст, ки Низомӣ аз зумраи донандагони хуби забони тоҷикӣ ба шумор рафта, дар асоси қолабҳои мавҷудаи забони тоҷикӣ ва бо дарки тобишҳои маъноии унсурҳои луғавӣ силсилаи калимаҳоеро сохтааст ё чунин вожаҳои сохтаи тайёрро ба маъноҳои зиёд мавриди истифода қарор додааст, ки дар адабиёти гузашта камназир мебошанд.

Низомӣ дар таърихи адабиёти форсу тоҷик аз ҷумлаи шоироне мебошад, ки имкониятҳои беназири забони тоҷикиро дар мисоли калимасозии вандҳои алоҳида нишон дода, ба ин восита дороиву зебоии забони таърихи беш аз сеҳазорсола доштаи тоҷикиро собит намудааст. Ӯ дар осори хеш тавассути дастаи калони вандҳо калимаҳоеро мавриди истифода қарор додааст, ки имрӯз дар забони адабии тоҷикӣ аз чунин имкониятҳояшон маҳрум шудаанд ё доираи корбурди онҳо басо маҳдуд гардидааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Амонова Ф.Р. Именное аффиксальное словообразование в современном персидском и таджикском языках / Ф.Р. Амонова. – Душанбе: УДТ, 1982. - 55 с.
2. Ганҷавӣ Н. Куллиёт: дар панҷ ҷилд; таҳияи З. Аҳрорӣ, А. Афзаҳзод, А.Девонақулов, А. Ҷонфидо, Б.Сирус, Ҷ.Додалишоев. Ҷ.1. – Душанбе: Ирфон, 1983; - Ҷ.2, 1982; - Ҷ.3, 1983; - Ҷ.4, 1984; - Ҷ.5, 1984.
3. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик: дар се ҷилд. Ҷ.1. – Душанбе: Дониш, 1985. - 355 с.
4. Деҳхудо А. Луғатнома: дар 12 ҷилд. Ҷилдҳои 1-12 / А.Деҳхудо. - Теҳрон, 1373.
5. Задорожный М.И. О границах полисемии и омонимии / М.И.Задорожный. - М. - 69 с.
6. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик: иборат аз ду ҷилд. Ҷ.1. Луғатшиносӣ / Ҳ.Маҷидов. – Душанбе: Деваштич, 2007. - 252 с.

ДОИРАИ МАЪНОИИ ВОЖАҲОИ МУШТАҚ ДАР ОСОРИ НИЗОМИИ ГАНҶАВӢ

Дар мақолаи мазкур доираи маъноии вожаҳои муштақ дар осори Низомии Ганҷавӣ мавриди баррасӣ ва омӯзиш қарор дода шудааст. Яке аз масъалаҳое, ки имрӯз аксари забоншиносон ба он таваҷҷуҳ зоҳир кардаанд, масъалаи ташаккули калимаҳои сохтаву мураккаб ва муайян намудани доираи маъноии ин гуна вожаҳо маҳсуб меёбад. Чи дар осори классикон ва чи дар эҷодиёти адибони муосир вожаҳои сохтаву мураккабе дучор меоянд, ки бо ду ва зиёда маъниҳо истифода шудаанд ва сабаби ғаномандии таркиби

луғавии забон гардидаанд. Дар осори Низомии Ганҷавӣ дар радифи унсурҳои луғавии зиёди гуногунсохт силсилаи калони вожаҳои муштақе дучор меоянд, ки бархе аз онҳо бо як маънои мушаххас, дастаи дигар дар баёни ду ё зиёда маъно низ мавриди истифода қарор гирифтаанд. Низомӣ дар таърихи адабиёти форсу тоҷик аз чумлаи шоироне мебошад, ки имкониятҳои беназири забони тоҷикиро дар мисоли калимасозии вандҳои алоҳида нишон дода, ба ин восита дороиву зебоии забони таърихи беш аз сеҳазорсола доштаи тоҷикиро собит намудааст. Ӯ дар осори хеш тавассути дастаи калони вандҳо калимаҳоеро мавриди истифода қарор додааст, ки имрӯз дар забони адабии тоҷикӣ аз чунин имкониятҳояшон маҳрум шудаанд ё доираи корбурди онҳо басо маҳдуд гардидааст.

Калидвожаҳо: вожаҳои сохтаву мураккаб, ташаккули калимаҳои сохтаву мураккаб, калимасозии вандҳои алоҳида, таркиби луғавии забон, забони адабии тоҷикӣ, осори Низомии Ганҷавӣ.

СМЫСЛОВЫЕ ГРАНИЦЫ ПАРНЫХ СЛОВ В НАСЛЕДИИ НИЗАМИ ГЕНДЖЕВИ

В данной статье подвергнуто рассмотрению и изучению семантическое значение парных слов в наследии Низами Генджеви. Одной из проблем, на которую обращено внимание большинства ученых - лингвистов, является проблема формирования составных и сложных слов и определение семантического значения этих слов. Как в наследии классиков так и в наследии молодых литераторов встречаются составные и сложные слова, которые используются в двух или нескольких значениях и стали поводом обогащения словарного состава языка. В наследии Низами Генджеви наравне с многочисленными словарными элементами различной конструкции, встречается большой круг парных слов, некоторые из которых приведены с одним конткретным смыслом, а другая их часть обозначают два или несколько смыслов. Низами в истории персидско-таджикской литературы является тем поэтом, который показал уникальные возможности таджикского языка на примере словообразования отдельных суффиксов, и тем самым доказал богатство и красоту таджикского языка, который имеет трехтысячелетннюю историю.Он в своем наследии посредством огромного количества суффиксов использовал те слова, которые в современном таджикском языке утратили свое предназначение или круг их использования уменьшился.

Ключевые слова: составные и сложные слова, формирование составных и сложных слов, словообразование отдельных суффиксов, словарный состав языка, таджикский литературный язык, наследие Низами Генджеви.

SEMANTIC BOUNDARIES OF PAIRED WORDS IN THE HERITAGE OF THE GAGES

This article has examined and studied the semantic meaning of paired words in the legacy of Nizami Genjevi. One of the problems that the attention of most linguistic scholars is drawn to is the problem of forming compound and complex words and determining the semantic meaning of these words. Both in the heritage of the classics and in the heritage of young writers there are compound and complex words that are used in two or more meanings and became the reason for the enrichment of the vocabulary of the language. In the legacy of Nizami Genjevi, along with numerous vocabulary elements of various designs, there is a large circle of paired words, some of which are given with one specific meaning, and the other part indicate two or more meanings. Nizami in the history of Persian-Tajik literature is the poet who showed the unique capabilities of the Tajik language by the example of word formation of individual suffixes, and thereby proved the richness and beauty of the Tajik language, which has a three-thousand-year history. He used those words in his legacy through a huge number of suffixes which in modern Tajik language have lost their purpose or the circle of their use has decreased.

Key words: compound and compound words, formation of compound and complex words, word formation of individual suffixes, vocabulary of the language, Tajik literary language, heritage of Nizami Genjevi.

Сведения об авторе: ***Абдуллоева Замира*** – Худжандский государственный университет им. Бободжона Гафурова, кандидат филологических наук, старший преподаватель кафедры таджикского языка. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, пр. Мавлянбекова 1. Тел.: **(+992) 92-626-84-58**

Information about the author: Abdulloeva Zamira - Khujand State University named after Bobojona Gafurova, Candidate of Philological Sciences, Senior Lecturer, Department of Tajik Language. Address: 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlyanbekov Ave. 1. Tel .: **(+992) 92-626-84-58**

УДК: 811.21/.22-5

КАЛИМАҲОИ МУРАККАБИ ТАВАССУТИ ПАЙВАСТШАВӢ (АГГЛЮТИНАТСИЯ) ҲОСИЛШУДА ДАР ЗАБОНИ АДАБИИ ҲОЗИРАИ ТОҶИК

Абдусаломзода З.А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Муҳаққиқон қайд мекунанд, ки калимаҳои мураккаби аз воҳидҳои фразеологӣ бавуҷудомада бо роҳҳои гуногун ташаккул меёбанд: ё вожаи ҳосилшуда дар натиҷаи пайвастшавӣ ё рехтагии компонентҳои фразеологизм ба вуҷуд меояд, ё ин ки яке аз компонентҳо аз таркиби фразеологизм фурӯгузор мегардад. Усули аввалро олимон ба таври мухталиф номгузорӣ кардаанд: усули морфологию синтаксисӣ (Н.Ф.Алефиренко, В.Н.Пугач, Е.В.Сенько), мураккабшавӣ (В.М.Мокиенко), суффиксатсияи ибораҳо (В.В.Лопатин), васлшавӣ бо пасвандҳо (И.С.Улуханов). Воҳидҳои ҳосилшударо «калимаҳои дар заминаи фразеологизм дар натиҷаи васлшавии компонентҳои он ба як воҳиди луғавии бутун» номидаанд (Н.М.Шанский, Р.Н.Попов).

Муҳаққиқи рус Е.Н.Ермакова, ки рисолаи илмиаш маҳз ба ҳамин масъала бахшида шудааст, чунин мепиндорад, ки барои таснифоти ин усули калимасозии фразеологизмҳо аз истилоҳи *агглютинатсия* (аз забони лотинии agglutinatio – часпидан, васл шудан) истифода бурдан бамаврид аст. Зимни ин мафҳум ӯ чунин усули калимасозиро дар

заминаи фразеологизмҳо дар назар дорад, ки дар ҷараёни он ба таври механикӣ ду ва зиёда компонентҳои фразеологизмҳо ба як воҳиди том мубаддал мегарданд. Дар аксар мавридҳо ба ҷуз васлшавии компонентҳо ба воҳиди луғавии ҳосилшуда аффиксҳои калимасоз (бештар пасвандҳо) пайваст мешаванд. Фурӯгузор гардидани компоненти воҳиди фразеологиии калимасоз нисбатан камтар рӯй медиҳад. Ҳамин тариқ, вожаи мураккаби ҳосилшуда дар заминаи на як компоненти фразеологизм, балки аз дастҷамъи калимаҳои таркиби он ба вуҷуд меояд [Ермакова 2009: 266]: *дил бурдан – дилбар, дил додан – дилдода, дӯст доштан – дӯстдор, чора дидан – чорабинӣ, дил бастан – дилбаста* ва ғ.: Сурудҳои халқи қазоқ ҳам хеле зебоянд, аммо, табиист, ки сурудҳои тоҷикӣ барои ман *дӯстдоштатаринанд* (1, 20.04.2017, №16(1883), саҳ. 7); … инчунин ман боз солҳои дароз ба кори *дӯстдоштаам*, яъне хор, машғул шудан тавонам (1, 20.04.2017, №16(1883), саҳ. 7); Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар «Кохи Наврӯз» дар ҷаласаи Шӯрои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок ва *суханронӣ намуданд* (1, 02.02.2017, №5 (1872), саҳ.1); Дар суханронии худ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз вазъи ниҳоят печидаву мураккаби ҷаҳони имрӯза… ёдовар шуд (1, 02.02.2017, №5 (1872), саҳ.1); Дилаш ба нафарони қатлшуда месӯхт ва барои Фаридаи *дӯстдораш* ба ҳар кор омода буд (1, 02.02.2017, №5 (1872), саҳ.14).

Дар «Луғати энсиклопедии забоншиносӣ» агглютинатсия чунин шарҳ дода шудааст: «Агглютинация (от лат. agglutinatio – приклеивание, склеивание) – способ слово- и формообразования, при котором к основе или корню, в преобладающем количестве случаев сохраняющим стабильный звуковой состав, присоединяются однозначные стандартные аффиксы» [3, с.17].

Аксари муҳаққиқоне, ки ба масъалаи ба вуҷуд омадани калимаҳои мураккаб дар заминаи воҳидҳои фразеологӣ таваҷҷуҳ кардаанд, қайд мекунанд, ки яке аз роҳҳои махсуси сохта шудани калимаҳои нав дар забон ҷудо шудани яке аз компонентҳои он мебошад, ки минбаъд мустақилона истифода мешавад ва ҳамон маъноеро ифода мекунад, ки воҳиди фразеологӣ яклухт фаро мегирад. Ин усули калимасозиро бори аввал В.В. Виноградов ба миён оварда ва онро ҳамчун маҳдудияти маъноӣ (семантическое сжатие) ба қалам дод. Дар натиҷаи танг шудани маъно калимаи нав ба вуҷуд меояд, ки ҳамчун воҳиди мустақил мавриди истифода қарор мегирад ва бо фразеологизми асоси худ ҳаммаъно мешавад. Бояд зикр кард, ки дар забони тоҷикӣ чунин ҳолат ба назар намерасад. Воҳидҳои фразеологии тоҷикӣ дар натиҷаи васлшавӣ ва ё фурӯгузории яке аз ҷузъҳо (одатан он калимаи ёвар аст) калимаи мураккаби нав месозанд. Аммо ба фразеологизмҳои русӣ ин ҳолат хос аст. Чунончи: *бить баклуши→баклушничать, втирать очки → втирать, ей богу → божиться* и т.д. [Ермакова 2007: 15].

Дар забоншиносии рус муҳаққиқ Е.Н. Ермакова муаллифи як қатор асару мақолаҳое мебошад, ки ба масъалаи калимасозӣ бахшида шудааст. Аз ҷумла, қисмати дуюми рисолаи ӯ «Фразо- и словообразование в сфере фразеологии» ном дошта, ба калимаҳои мураккабе, ки аз фразеологизмҳо ба вуҷуд омадаанд, бахшида шудааст. Ӯ дар рисола яке аз роҳҳои сермаҳсули калимасозӣ будани агглютинатсияи фразеологизмҳоро махсусан қайд кардааст. Забоншинос ба хулоса омадааст, ки воҳидҳои фразеологӣ тағйир ёфта боиси пайдо шудани фразеологизмҳои нав мегарданд.

Дар забоншиносии тоҷик аксари муҳаққиқон ин навъи калимасозиро якшавӣ номидаанд. Забоншиносон С. Ҳалимов ва К. Шукурова дар дастури таълимии «Забони ҳозираи тоҷик (ҳиссаҳои номии нутқ)» дар қисмати «Якшавии калимаҳо» қайд мекунанд, ки «навъи исмҳои мураккаби омехта аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ ва ибораҳои феълӣ бо ёрии пасвандии *–ӣ* сохта мешаванд: *азнавсозӣ, бавуҷудоӣ, барӯйхатгирӣ, азназаргузаронӣ, бекористӣ, азкормонӣ, азнавбарқароркунӣ, аздастдиҳӣ*. Ин навъи калимасозӣ якшавии калима номида мешавад ва он яке аз навъҳои омехтаи исмҳои мураккаби омехта мебошад» [5, с.52]. Муҳаққиқон ба асоси калимасози ин вожаҳо ишора накардаанд. Калимаҳои азназаргузаронӣ, азкормонӣ, аздастдиҳӣ аз воҳидҳои фразеологии феълии *аз назар гузаронидан, аз кор мондан ва аз даст додан* ҳосил шудаанд.

Аз рӯйи нуқтаи назари профессор Ҳ. Маҷидов, «бо усули луғавию синтаксисӣ гузариши ВФ ба категорияи калимаҳои мураккаб имконпазир мебошад, зеро гурӯҳи муайяни онҳо бо ҳамаи хосиятҳои грамматикиашон ба калимаи мураккаб бармегарданд. Чунин гуногуншаклии калимасозии луғавию синтаксисиро яке аз навъҳои ВФ ҳисобидан лозим аст» [3, с.62].

Забоншинос М.М.Мирзоева дар боби чоруми монографияаш «Муродифоти калимаҳои мураккаби аз фразеологизмҳо бавуҷудомада ва воҳидҳои фразеологӣ дар насри бадеии С. Айнӣ» хусусиятҳои сарфию наҳвӣ ва маъноии ин гуна калимаҳои мураккабро дар мисоли асарҳои бадеии С. Айнӣ мавриди баррасӣ қарор додааст [4, с.296]. Маълум мешавад, ки чунин калимаҳои мураккаб на танҳо таркиби луғавии забонро бой мегардонанд, балки барои худдорӣ аз такрори ноҷо, пуробуранг гардонидани матлаб ва беғалат сохтани калимаҳо мусоидат мекунанд. Ин навъи калимаҳо дар асоси қолабҳои

солими воҳидҳои фразеологӣ сохта мешаванд. Масалан, дар саҳифаҳои матбуоти тоҷик баъзан калимаи *чашмгир* ба назар мерасад, ки, ба назари мо, саҳеҳ нест, чунки дар забони тоҷикӣ фразеологизми *чашм гирифтан* мавҷуд нест, аммо *ба чашм расидан, ба назар расидан* вуҷуд дорад. Бинобар ин, аз ибораҳои мазкур калимаҳои мураккаби *чашмрас, назаррас* сохта шудааст, ки тибқи меъёр аст.

Қайд кардан бамаврид аст, ки воҳидҳои фразеологӣ бештар дар услубҳои бадеиву публитсистӣ кор фармуда мешаванд. Калимаҳои дар заминаи онҳо бавуҷудомада низ дар ин услубҳо сермаҳсул кор фармуда мешаванд. Аз ҷумла, дар ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат» (2017) низ ин гуна калимаҳои мураккабро вохӯрдан мумкин аст. Истифодаи онҳо вобаста ба мазмуни маводи ин ҳафтанома аст. Дар мақолаҳои илмӣ нисбатан камтар, дар маводи бадеӣ зиёдтар ба назар мерасанд.

Калимаҳои мураккабе, ки бо роҳи васлшавии ҷузъҳои воҳидҳои фразеологӣ сохта шудаанд, аз қолабҳои гуногуни онҳо ҳосил шудаанд. Тибқи таҳлили омории муҳаққиқ М.М.Мирзоева аз 86 (аз исмҳо то феълҳо) қолаби калимаҳои мураккаб танҳо вожаҳои 22 қолаби калимасозӣ бо усули васлшавӣ сохта мешаванд (феълҳоро мо истисно кардем, чунки онҳо аз такрори ин калимаҳо ва феълҳои ёвар ҳосил мешаванд):

1) «исм+феъл»: *дилбар, дӯстдор, дилдор, иштиҳокушо, саҳмдор.*

2) «исм+сифати феълӣ+пасванди -он»: *дилбастагон, чӯбхӯрдагон*.

3) «исм+пешоянд+исм+сифати феълӣ+пасванди -он»: *дилаздастдодагон.*

4) «исм+асоси феъл+пасванди -ӣ»: *афсӯсхӯрӣ, бахтозмойӣ, гаппартоӣ, гапфурӯшӣ, гарданкашӣ, ғамхӯрӣ, дилгирӣ, дилкушойӣ, дилсӯзӣ, дилҷӯйӣ, димоғсӯзӣ, дунболагирӣ, дӯстдорӣ, ёдоварӣ, забонгирӣ, забонрасонӣ, кордонӣ, қадамгузорӣ, қадрдонӣ, лофзанӣ, мафкурафурӯшӣ, оҳкашӣ, раҳмхӯрӣ, сангзанӣ, сарсаригардӣ, сафсатафурӯшӣ, сахтгирӣ, фалсафафурӯшӣ, фикрдавонӣ, ҳавохӯрӣ, чашмбандӣ, ҷондиҳӣ, ҷонканӣ, ҷонсупорӣ.*

5) «исм+сифат+асоси феъл+ӣ»: *вақтхушкунӣ*.

6) «пешоянд+исм+ асоси феъл+ӣ»: *бадомафтӣ, бадастдарорӣ, бадомафтонӣ, ноуҳдабароӣ.*

7) «исм+пешоянд+асоси феъл+пасванди -ӣ»: *гапнабардорӣ.*

8)«исм+асоси феъл»: *чашмдошт.*

9) «пешоянд+исм+пайвандаки -у-+исм+ӣ»: *бехатусаводӣ*.

10) «исм+изофат (и)+сифат+пасванди -ӣ»: *дамигармӣ.*

11) «исм+изофат+исм+асоси замони ҳозираи феъл+пасванди -ӣ»: *дардидилгӯйӣ*, *молимардумхӯрӣ*, *хунидилхӯрӣ.*

12) «зарф+зарф+асоси замони ҳозираи феъл+пасванди -ӣ»: *дарун-дарунсӯзӣ.*

13) «исм+сифати феълӣ+пасванди *-гӣ*»: *зараррасонандагӣ.*

14) «сифат+асоси замони гузаштаи феъл + асоси замони ҳозираи феъл+пасванди -ӣ»: *хушомадгӯйӣ*.

15) «исм+сифат+феъли ёвари замони ҳозира+пасванди -ӣ»: *дилхушкунӣ.*

16) «пешоянд+исм+феъли ёвари замони ҳозира+пасванди -она»: *азҷонбезоркунона.*

17) «исм+асоси замони ҳозираи феъл +пасванди -о»: *умедбахшо.*

18) «исм+асоси замони ҳозираи феъл»: *дилбанд, дилкаш, дилозор, дилрабо, ҷонхарош, кордон, саркаш, хонумонсӯз, хунхор, дилхоҳ, ҷонгудоз, ҷонкоҳ.*

19) «исм+сифати феълӣ»: *ҷонгирифта, ҷонсӯхта*:

20) «сифат+асоси замони гузаштаи феъл+асоси замони ҳозираи феъл+пасванди -ёна»: *хушомадгӯёна.*

21) «пешоянд+исм+сифати феълӣ»:*бадастафтода.*

22) «исм+изофат (и)+исм+асоси замони ҳозираи феъл+пасванди
-тарин»: *молимардумхӯртарин.*

Таҳлили маводи амалии забон нишон медиҳад, ки дар аксар маврид воҳидҳои фразеологии бо алоқаи ҳамроҳӣ ташаккулёфта дар ин навъи калимасозӣ фаъоланд. Ибораҳои дар қолаби алоқаҳои вобастагиву изофӣ сохташуда низ дар ин раванд ба андозаи гуногун иштирок мекунанд. Нишондиҳандаи грамматикии ин навъи алоқаи тобеъ тартиби калима аст. Маъмулан, компоненти асосӣ ҳамеша пас аз ҷузъи тобеъ меояд, аммо мавқеашро аз даст намедиҳад. Чунончи: *гапзан* (аз *гап задан*), *дилхушкунӣ* (аз *дил хуш кардан*), *бахтозмоӣ* (аз *бахт озмудан*), *худдорӣ* (аз *худро доштан*), *дӯстдорӣ* (аз *дӯст доштан*), *ҷонкоҳ* (аз *ҷон коҳондан*), *саркашӣ* (аз *сар кашидан*), *тобоварӣ* (аз *тоб овардан*) ва ғ. Аз нигоҳи мансубияти морфологӣ ин ва дигар калимаҳои мураккаб ба ҳиссаҳои нутқи зерин мутааллиқанд:• **сифат**: *даст**ба**гиребонӣ (даст **ба** гиребон шудан);*•**сифати феълӣ**: *б**а**дастдароварда (**ба** даст даровардан), **аз**корбаромада (**аз** кор баромадан), б**а**ҷонрасида (**ба** ҷон расидан), **аз**дастдода (**аз** даст додан), б**а**ҳаворафта (**ба** ҳаво рафтан), б**а**дастдароварда (**ба** даст даровардан), **ба**гардангирифта (**ба** гардан гирифтан), б**а**ғазабомада (**ба** ғазаб омадан).*•**исмҳои шахс**: *дил**аз**дастдодагон (дил **аз** даст додан), б**а**дастафтодагон (**ба** даст афтидан), **аз**миёнгумшуда (**аз** миён гум шудан);*•**исмҳои абстракт**: ***аз**ҷонбезоркунонӣ (**аз** ҷон безор кардан), **ба**дастдарорӣ (**ба** даст даровардан), б**а**домафтӣ // б**а**домафтонӣ (**ба** дом афтодан);* •**феъл**: *даст**ба**гиребон шудан.*

Дар ин гурӯҳи калимаҳо пешоянд ҳифз гардида, онҳо аз ибораҳои қолабӣ вобастагии пешояндӣ ҳосил шудаанд. Чунончи, дар ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат»:

... аз он сафар *дарёдмондаҳои* ширине то имрӯз бо ман аст (1, 02.02.2017, №5 (1872), саҳ.2).

Дар мисоли мазкур калимаи мураккаби *дарёдмондаҳо* аз ВФ-и *дар ёд мондан* ҳосил шудааст, аммо он ба истеъмоли умум надаромадааст. Дар адабиёти тоҷик низ чунин ҳолатҳо ба назар расида буданд, ки шоирон калимаҳои нав месохтанд, ки характери умумишавӣ надоштанд, аммо ҳамчун наввожаи хосси қалами онҳо боқӣ мемонд (ба мисли "мушкилосонкункасон"-и Мирзо Турсунзода, "шеърборон"-и Лоиқ Шералӣ). Мафҳуми калимаи *дарёдмондаҳо*ро ифодаҳои маъмули *хотираҳои ширин, хотироти ширин* баён карда метавонад.

Калимаҳои мураккаби аз ВФ сохташуда ба мисли худи фразеологизмҳо матлабро муассир ифода мекунанд:

Баъзе шаҳру навоҳии кишвар ва муассисаҳои давлатӣ нақшаи обуна ба ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат»-ро пурра ва ҳатто барзиёд иҷро кардаанд, ки мояи хушҳолию сарфарозист ва нишонаи *арҷгузории* онҳо ба фарҳангу адаб (1, №49(1916), 07.12.17, саҳ. 2). Бо ҳама он зиндадилӣ ва шодобиҳо боз ҳам захмаи дардҳои *ҷонсӯз* ва ҳасрату ғамро аз каломи ӯ мешавад шунид (1, №49(1916), 07.12.17, саҳ.3); – Ку, *дилработару* хушнамотар аз ман кист? – мепурсид Офтоб ва ба зебоии бенуқсони худ заррае шубҳа наварзида, хурсандона механдид (1, №49(1916), 07.12.17, саҳ.9).

Дар мисоли аввал ҷумла бо феъли ***мебошад*** ҷамъбаст мешуд, бисёр мувофиқ меомад. Дар ҷумлаи охирин низ таркиби феълии *шубҳа наварзидан* ғалат буда, қолаби солими он *шубҳа накардан* мебошад, зеро калимаи *шубҳа* бо феъли *варзидан* таносуби маъноӣ надорад.

Ҳамин тариқ, таҳлили маводи амалӣ нишон дод, ки нақши воҳидҳои фразеологӣ дар калимасозии забон ниҳоят муассир аст, зеро воҳидҳои устувор яке аз воситаҳои сермаҳсули сохта шудани калимаҳои нав мебошад. Ғайр аз ин, онҳо аз фразеологизмҳои солим калимаҳои мураккаби ба меъёри забони тоҷикӣ созгорро сохта, пеши роҳи қолабҳои ғалати воҳидҳои забонро мегиранд. Дар ҳафтаномаи "Адабиёт ва санъат" миқдори зиёди чунин калимаҳо ба назар мерасанд, ки аз захираи бойи фразеологии забонамон дарак медиҳанд.

А Д А Б И Ё Т

1. «Адабиёт ва снъат», 2017.
2. Ермакова, Е. Н. Импликация как форма движения от фразеологизма к слову / Е. Н. Ермакова [Электронный ресурс]. – Режим доступа: URL http://www.lib.csu.ru/vch/110/006.pdf.
3. Лингвистический энциклопедический словарь. – М., 1990. С. 17.
3. Маджидов Х. Фразеологическая система современного таджикского языка /Х.Маджидов.–Душанбе, 2007. – С. 62.
4. Мирзоева М.М. Лексическая и фразеологическая синонимия в художественных произведениях С. Айни. – Душанбе, 2017. – 400 с.
5. Ҳалимов, С., Шукурова К. Забони адабии ҳозираи тоҷик (ҳиссаҳои номии нутқ) / С. Ҳалимов, К. Шукурова. – Душанбе, 1988. – С. 52.

КАЛИМАҲОИ МУРАККАБИ ТАВАССУТИ ПАЙВАСТШАВӢ (АГГЛЮТИНАТСИЯ) ҲОСИЛШУДА ДАР ЗАБОНИ АДАБИИ ҲОЗИРАИ ТОҶИК

Калимаҳои мураккаби дар заминаи воҳидҳои фразеологӣ бавуҷудомада бо роҳҳои гуногун сохта мешаванд. Ҷараёни сохта шудани ин вожаҳо мухталиф аст: ё ҷузъҳои воҳидҳои фразеологӣ ба ҳамдигар васл мешаванд ва ё яке аз онҳо аз таркиби фразеологизм фурӯгузор мегардад. Усули аввалро ҳар гуна ном мебаранд: усули морфологию синтаксисӣ, мураккабшавӣ ва ғ. Калимаҳои сохта воҳидҳои луғавие мебошанд, ки дар асоси фразеологизм дар натиҷаи пайванди ҷузъҳои он ба вуҷуд омадаанд. Ин усулро муҳаққиқон агглютинатсия (пайвастшавӣ) номидаанд. Дар мақолаи мазкур қолабҳои сохта шудани калимаҳои мураккаби фразеологӣ дар натиҷаи васлшавӣ дар мисоли ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат» мавриди таҳлил қарор мегирад. Муаллифи мақола як миқдор мисолҳоро аз ҳафтаномаи мазкур таҳлил намуда, дар ҷараёни он ба баъзе ғалатҳо, ки намояндагони ВАО дар маводҳои таълифкардаашон роҳ додаанд, ишора мекунад. Дар раванди агглютинатсия ба таври механикӣ ду (ва зиёда) компонентҳои фразеологизм ба як воҳиди бутун табдил меёбанд. Дар аксари мавридҳо ба воҳиди луғавии ҳосилшуда аффиксҳои калимасоз ва шаклсоз (дар мисолҳои мо бештар пасвандҳо) васл мешаванд. Ҳамин тариқ, калимаи нав дорои ҳамон маъное мегардад, ки на як ҷузъи он, балки дар маҷмӯъ воҳиди фразеологӣ ифода мекунад.

Калидвожаҳо: калимасозӣ, усули луғавию синтаксисӣ, воҳидҳои фразеологӣ, мураккабшавӣ, агглютинатсия, якшавӣ, васлшавӣ, мансубияти морфологӣ, навъҳои алоқаи наҳвӣ.

СЛОЖНЫЕ ОТФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИЕ ДЕРИВАТЫ, ОБРАЗОВАННЫЕ ПУТЁМ АГГЛЮТИНАЦИИ В СОВРЕМЕННОМ ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ

Сложные отфразеологические дериваты образуются различными способами. Отфразеологическое словообразование происходит разными путями: либо производное слово образуется в результате слияния компонентов фразеологизма, либо один из компонентов вычленяется из фразеологизма, но при этом в вычленявшемся компоненте сохраняется значение мотивирующего фразеологизма. Первый способ называют по-разному: морфолого-синтаксический способ, сложение и т.п. Производные единицы – это слова, возникшие на основе фразеологизма, в результате слияния его компонентов в одну целую лексическую единицу. Данный способ

учеными назван агглютинацией. В настоящей статье рассматриваются модели образования сложных отфразеологических слов в результате агглютинации на примере еженедельника «Адабиёт ва санъат» (Литература и искусство). Автор статьи подвергает анализу ряд примеров из еженедельника, одновременно указывая на ошибки, допускаемые представителями СМИ. В процессе агглютинации происходит механическое соединение двух (или более) компонентов фразеологизма в одно целое. В большинстве случаев к производной цельнооформленной основе присоединяются однозначные стандартные аффиксы (в нашем случае это суффиксы) Таким образом, производное слово мотивировано не каким-то одним компонентом фразеологизма, а совокупностью компонентов.

Ключевые слова: деривация, лексико-синтаксический способ, фразеологические единицы, сложение, агглютинация, соединение, морфологическая соотнесенность, разновидность синтаксических связей.

DIFFICULT FRACTURING TREATMENTS FORMED BY AGGLUTINATION IN THE MODERN TAJIK LANGUAGE BY WAY

Complex phraseological derivatives are formed in various ways. Phraseological word-formation occurs in different ways: either the derived word is formed by the merging of the components of a phraseological unit, or one of the components is derived from a phraseological unit, but the meaning of the motivating phraseological unit is also separated from the phraseological unit. syntactic method, addition, etc. Derived units are words that have arisen on the basis of a phraseological unit, as a result of the merging of its components into one whole lexical unit. This method is called agglutination by scientists. This article discusses the formation of complex phraseological words as a result of agglutination on the example of the weekly Adabietvasanat (Literature and Art). The author of the article analyzes a number of examples from the weekly, while at the same time pointing out the mistakes made by media representatives. In the process of agglutination, a mechanical combination of two (or more) components of a phraseological unit takes place. In most cases, the unambiguous standard affixes (in our case, suffixes) are added to the derivative of the whole-formed basis. Thus, the derivative word is motivated not by a single component of a phraseological unit, but by a combination of components.

Key words: derivation, lexico-syntactic method, phraseological units, addition, agglutination, conjunction, morphological correlation, kind of syntactic links.

Сведения об авторе: ***Абдусаломзода З.А.*** – Таджикский национальный университет, аспирант. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 882-20-07-07**

Information about the author: Abdusalomzoda Z.A. - Tajik National University, graduate student. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17. Phone: **(+992) 882-20-07-07**

УДК: 811.111-3

ИФОДАИ БАЪЗЕ МАЪНОҲОИ АСОСӢ БО ЁРИИ ИСМУ СИФАТ ДАР ЗАРБУЛМАСАЛ ВА МАҚОЛҲОИ АНГЛИСӢ

Азизова З.Ш.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров

Тадқиқоти садаҳои XX ва XXI-и илми забоншиносӣ, пешрафти он боиси инкишофи яке аз ҷузъҳои илми фразеология, ки паремиология ном дорад, гардид. Паремиология калимаи юнонӣ буда, маънои «зарбулмасал, панд, масал, ҳикмат» - ро дорад. Яъне метавон гуфт, ки объекти тадқиқоти ин соҳа зарбулмасалу мақол мебошад.

Мутахассисони жанри зарбулмасал-паремиологхо бештар ба омӯзиши мавзӯъ ва ғояи зарбулмасалҳо, яъне мазмуну мундариҷаи ғоявии онҳо, бадеият ё образу оҳангнокии зарбулмасалҳо эътибор додаанд. Образу оҳангҳои зарбулмасалҳои халқӣ бо таърихи мардум зич алоқаманд буда, асоси воқеӣ доранд, табиату ҳаёти иҷтимоии оммаи заҳматкашро инъикос месозанд.

Дар таърихи паремиологияи ҷаҳон беҳтарин, мукаммалтарин, асари тадқиқотӣ «Зарбулмасал ва индекси зарбулмасал» ном монографияи донишманди забардасти амрикоӣ Арчер Тейлор мебошад (A.Teylor «The Proverb and an Index to the Proverb», Copenhagen, Denmark, 1962), ки солҳои 20-ум таълиф ва соли 1931 бо номи «Зарбулмасал» нашр шудааст.

Дар асоси тадқиқоти Арчер Тейлор тақрибан ба 400 зарбулмасали машҳури англисӣ ва намудҳои немисию лотинии онҳо индекс гузошта шуда, сайри ҷаҳонии ин типҳо дар адабиёт ва фолклор тадқиқ гаштаанд.

Арчер Тейлор комёбию нуқсону камбудиҳо ва вазъияти умумии паремиологияи Аврупои Ғарбиро батафсил таҳлил ва тадқиқ карда, равияҳо, проблемаҳою мушкилоти асосии паремиологияи (зарбулмасалшиносӣ) имрӯзаро муайян кардааст ва барои инкишофи минбаъдаи афкори назарияи паремиология дар миқёси васеи ҷаҳонӣ, омӯхтани жанри зарбулмасал заминаи мустаҳкаме гузоштааст.

Арчер Тейлор истилоҳи асосӣ (Proverb-зарбулмасал) - ро аз рӯйи анъанаи паремиологияи Ғарб ба маънои васеъ истеъмол карда, ибораҳои рехта ва маҷозиро низ дар қатори зарбулмасал гузоштааст. Бояд қайд кард, ки ибораҳои рехта ва маҷозӣ предмети омӯзиши фанни махсуси забоншиносӣ - фразеология қарор гирифтааст ва аз доираи вазифаи фанни паремиология (зарбулмасалшиносӣ) берун мебарояд. Хуллас, ӯ

қайд мекунад, ки паремиология ва фразеология - ин ду фанни мустақили соҳаи филологияро бо ҳам омехтан корест мушкилписанд ва номатлуб [13, с.66].

Л.Г.Пермяков зарбулмасалу мақолҳоро аз ҷиҳати сохти лингвистӣ ва аз рӯйи маъно, характер ва муносибати байни ашё ва ё ҳаёти ҳастӣ дида мебарояд [5, с.57].

А.В.Кунин низ ба зарбулмасалу мақолҳо аҳаммияти махсус додааст. Ӯ қайд кардааст, ки дар нигоҳи аввал, фарқи байни худи зарбулмасал нисбат ба мақол сохти пайвастро молик аст. Ба ақидаи ӯ зарбулмасал на танҳо маънои пурраи махсусан дарккардашуда, балки қисмати дарккардашуда мебошад, ки он дар мақол кам ба назар мерасад [3, с.9].

Ю.Соколов мегӯяд: «Зарбулмасал ин ҳикмати мухтасарест, ки ба соҳаҳои гуногуни ҳаёт мувофиқ омада, дар нутқ истифода мешавад». Зарбулмасал ҳамеша дар шакли ҷумла меояд ва он мақсади дидактикӣ дорад [8, с.41].

Н.Потебня мегӯяд: «Барои он ки ҷумла ё гуфтор зарбулмасал шавад, бояд аз соҳаҳои гуногун ҳаводисе дарёфт, ки намунаи мазкур маънои маҷозӣ гирад, танҳо дар он вақт он зарбулмасал мешавад» [6, с.21].

Г.Коллис қайд мекунад, ки зарбулмасал ва мақолҳо хусусияти хирадмандонаю пандомезона доранд. Инчунин ӯ таъкид менамояд, ки зарбулмасал ва мақолҳо ба қатори фразеологизмҳо дохил мешаванд ва ба ҳамаи талаботҳои воҳидҳои фразеологӣ ҷавобгӯ мебошанд. Зарбулмасал ва мақолҳо на маънои аслӣ, балки маънои маҷозӣ доранд [10, с.9].

Бояд қайд кард, ки хусусиятҳои морфологии зарбулмасалу мақолҳо хело кам мавриди таҳлилу тадқиқи махсуси паремиологҳо қарор гирифтаанд. Сохтори грамматикии зарбулмасалу мақолҳо нишон медиҳанд, ки як қатор хусусиятҳое ҳастанд, ки онҳо фарқи зарбулмасалу мақолҳоро аз дигар жанрҳои фолклор равшан нишон медиҳанд. Зарбулмасалу мақолҳо аз рӯйи сохтори худ ҷумла мебошанд. Ҷумла чун воҳиди иттилоотӣ имкониятҳои коммуникативию сохториро дорост. Он дар худ иттилоот ва муносибатҳои сохториро дарбар мегирад. Фарқи ҷумла аз зарбулмасал дар он аст, ки зарбулмасал назар ба ҷумла маҳдудтар мебошад. Лекин зарбулмасал ва мақол ба ҳамаи нишонаҳои ҷумла ҷавобгӯй буда, хусусиятҳои синтаксисию морфологиро дороянд [7, с.12].

Таҳлили сохтори морфологии зарбулмасалу мақолҳои англисӣ собит менамояд, ки қариб дар ҳамаи онҳо чунин ҳиссаҳои нутқ, ба монанди исм, сифат, феъл, шумора ва ғайраҳо истифода гардидаанд.

Забони зарбулмасалҳо аз исм хеле бой мебошад. Ин бесабаб нест, зеро ки исм предметро дар маънои васеаш ифода мекунад. Дар зарбулмасалҳо предмет қобилияти бозёфтани маънои ҷамъбастшударо дорад [4, с.139]. Дар зарбулмасалҳо исмҳое, ки ифодакунандаи предмети аниқ, дорои аналогия, муносибат ва алоқаи махсус ҳастанд, хеле васеъ истифода мешаванд.

A beggar can never be bankrupt.

Silence gives consent.

Дар мисолҳои овардашуда “a beggar” ва “silence” исм буда, ки якумаш исми конкрет ва дуюмаш исми абстракт мебошад.

A man is known by the company he keeps.

Дар мисоли овардашуда “a man” исми ҷинс, конкрет аст.

Дар зарбулмасали “A bird may be known by its song” бошад, “a bird” исми ҷинси конкрет мебошад.

Таҳлили маводҳои фактологӣ нишон дод, ки дар зарбулмасал ва мақолҳо исмҳои маънӣ низ истифода шудаанд. Бояд қайд кард, ки исмҳои маънӣ шаклу сохти аниқ надоранд. Онҳоро дидан мумкин нест ва шуморидан низ имконнопазир аст ва чунин намуди исмҳо танҳо ҳис карда мешавад. Мисолҳои мазкурро бо истифодаи исми маънӣ таҳлил менамоем:

Curiousity killed a cat.

Envy shoots at others and wounds herself.

Fortune favours the brave.

Honesty is the best policy.

Дар мисолҳои боло “curiousity, envy, fortune, honesty” исмҳои ҷинси маънӣ мебошанд.

Истифодаи исми хос дар зарбулмасалҳои англисӣ он қадар зиёд нест.

Since Adam was a boy.

Rome was not build in one day.

Дар мисолҳои овардашуда “Adam, Rome” исмҳои хос мебошанд.

Аз таҳлили сохтори морфологии зарбулмасалҳо хулоса баровардан мумкин аст, ки исм дар онҳо барои ифодаи маъно – муносибатҳои зерин истифода бурда мешавад: а) муносибати хешутаборӣ; б) муносибати зоонимӣ; в) муносибати фитонимӣ; г) муносибати соматизмӣ.

Исм дар гурӯҳи якум барои ифодаи муносибатҳои хешутабории одамон истифода бурда мешавад ва онҳоро дар мисолҳои зерин дида метавонем:

A good wife makes a good husband.

Like father, like son.

Дар зарбулмасалҳои боло “wife, husband”, “father, son” ифодакунандаи муносибати хешу таборӣ мебошанд.

Зоонимҳо калимаҳое, ки олами ҳайвонотро ифода мекунанд. Дар забони зарбулмасал ин муносибат, ки дарбаргирандаи номи ҳайвонот мебошад, хеле фасеҳ мебошад ва онҳоро дар зарбулмасалҳои мазкур дидан мумкин аст:

A cat in gloves catch no mice.

Dogs that put up many hares kill none.

Дар зарбулмасали якум калимаҳои “cat ва mice” ва дар зарбулмасали дуюм “dogs ва hares” ба зоонимҳо дохил мешаванд.

Фитонимҳо калимаҳое, ки растаниҳо, олами набототро номбар мекунанд ва онҳо низ дар зарбулмасалҳо дучор мешаванд:

He that would eat the fruit must climb the tree.

Little strokes fell great oaks.

Калимаҳои “tree” ва “oaks” исмҳо буда, ба олами растаниҳо тааллуқ доранд.

Соматизмҳо барои ба маъно шаклдиҳӣ иштирок мекунанд, ки онҳо исмҳое мебошанд, узви баданро номбар мекунанд ва онҳо низ дар зарбулмасалу мақолҳо дучор шуда метавонанд. Дар мисолҳои зерин “eye, heart” ва “ear” соматизмҳо мебошанд.

Far from eye, far from heart.

Give every man thy ear, but few thy voice.

Дар сарчашмаҳои грамматикии забони англисӣ мавҷуд будани ду шакли падежи исм зикр карда мешавад.

1. Падежи умумӣ (Common case)

2.Падежи соҳибӣ (Possessive case) [9, с.33].

Dogs that put up many hares none.

Hunger is the best sauce.

Cheek brings success.

Money has no smell.

Дар зарбулмасалҳои дар боло овардашуда “dogs”, “hunger”, “cheek”, “money” исмҳои ҷинс буда, бо падежи умумӣ ифода шудаанд, лек бояд қайд кард, ки падежи соҳибӣ дар зарбулмасалҳои англисӣ кам ба назар мерасад.

What is got over the devil’s back is spent under his belly.

A fool’s tongue runs before his wit.

Дар зарбулмасалҳои якум ва дуюм “devil’s back” ва “a fool’s tongue” морфемаи “–s” қабул кардааст, ки он ба соҳибият далолат дорад. Бояд зикр кард, ки морфемаи “-s” и забони англисӣ асосан бо исмҳои ифодакунандаи предметҳои ҷондор истифода мегардад.

Аз мушоҳидаи мисолҳои ҷамънамуда маълум мешавад, ки падежи умумӣ дар зарбулмасалу мақолҳои англисӣ хеле фаровон истифода бурда мешавад.

Маълум аст, ки дар соҳибият бо исми бечон пешоянди “of “ истифода мешавад, ки муодили тоҷикии он бандаки изофии “ и” мебошад ва мо онро дар зарбулмасалҳои зерин дида метавонем:

Diligence is the mother of success.

Diseases are the interests of pleasures.

Дар мисолҳои овардашуда исми ҷинси абстракт бечон буда, бо пешоянди “of” ифода шудааст: “mother of success” ва “interests pleasures” падежи соҳибӣ мебошанд.

Бояд зикр кард, ки дар забони англисӣ исм дорои ду шакли шумора мебошад, шумораи танҳо, ки он морфемаи сифрӣ дорад ва шумораи ҷамъ, ки он тавассути якчанд морфемаҳои “-s”, “-es”, морфемаи ҷойивазкунӣ, ифода мешавад [9, с.28].

Zeal without knowledge is a runaway horse.

Truth is stranger than fiction.

Дар мисолҳои мазкур “zeal, truth, fiction” исм буда, дар шумораи танҳо омадааст. Истифодаи шакли ҷамъро мо низ мушоҳида карда метавонем. Мисол:

Action speaks louder than words.

All cats are grey in the dark.

Дар зарбулмасали боло исм дар шакли ҷамъ, яъне “actions, words, cats” истифода шудааст.

Инчунин дар зарбулмасалу мақолҳо исми забони англисӣ дар шакли ҷамъ бо морфемаи “-es” омада метавонанд, ки мо онҳоро дар зарбулмасалҳои зерин дида мебароем:

All asses wag their ears.

A good name is better than riches.

Дар зарбулмасали якум “ass” ва дар зарбулмасали дуюм “rich” исмҳо дар шакли танҳо буда, ба онҳо морфемаи ҷамъсози “-es” ҳамроҳ шудааст.

Хулоса, истифодаи исм, ки яке аз ҳиссаи калонтарини нутқ мебошад, дар зарбулмасалу мақолҳои англисӣ фаровон ба назар мерасад. Аз мушоҳидаҳо ба чунин

хулосае омадем, ки исмҳои ҷинс ва исмҳо дар шакли танҳо хеле зиёд дучор мешаванд. Инчунин, қобили тазаккур аст, ки исм дар зарбулмасалу мақолҳо барои ифодаи муносибатҳои гуногун истифода мешавад: а) муносибати хешутаборӣ; б) муносибати зоонимӣ; в) муносибати фитонимӣ; г) муносибати соматизмӣ.

Сифат дигар ҳиссаи нутқ аст, ки истифодаи зиёди он дар зарбулмасалу мақолҳо дида мешавад, чунки он аломати предметро ифода макунад. Дар морфология сифат компоненти асосие мебошад, ки бо исм зич алоқаманд аст. Инчунин, дар ҳолати аз байн бурдани сифат, исм маънои аввалаи худро тамоман гум мекунад ва дар фикрронӣ тағйироти ҷиддие ба амал меояд, ки он бемаъно мешавад ва маънои ҳақиқии он вайрон мешавад.

Аз рӯйи маъно сифатҳои забони англисӣ ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд.

1) Сифатҳои аслӣ, чунин сифатҳоеанд, ки онҳо ба аломатҳое далолат мекунанд, ки дараҷа доранд. Истифодаи онҳоро дар мисолҳо дида мебароем.

Dumb dog are dangerous.

An empty sack cannot stand upright.

Дар зарбулмасалҳои боло “dumb, dangerous, an empty” сифатҳои аслӣ мебошанд.

2) Сифатҳои нисбӣ ба аломате далолат мекунанд, ки ба чизе нисбат доранд. Дар забони англисӣ онҳо бо морфемаи “en” сохта мешаванд [9, с.42].

Дар мақолҳои зерин “an open” ва “drunken” сифатҳои нисбӣ мебошанд.

An open door may tempt a saint.

Drunken days have all their tomorrow.

Чи хеле ки дар боло қайд кардем, категорияи дараҷаи аломат хосси сифатҳои аслӣ мебошад. Ин муносибат се навъ мешавад:

1. Шакли дараҷаи одӣ (The form of the positive degree), ки аломати предметро бе қиёс зикр мекунад.

Good clothes open all doors.

Great boast, small roast.

Дар ин мақолҳо “good, great, small” сифати аслӣ буда, дар шакли дараҷаи одӣ ва дорои морфемаи сифрӣ мебошанд.

2. Шакли дараҷаи қиёсӣ (The form of comparative degree), ки аломати баландтари предмет нисбат ба аломати предмети дигар манзур мегардад. Истифодаи онро дар мисолҳо дида мебароем.

From bad to worse.

Easier said than done.

Дар зарбулмасали аввал ду сифат дида мешавад, ки яке “bad” дар шакли дараҷаи одӣ ва дуюмаш “worse” дар шакли дараҷаи қиёсист, ки решаи сифат куллан тағйир ёфтааст ва ин мерос аз забони қадимии англисӣ буда, ин шаклҳои категориалии ин навъ сифатҳоро бояд дар хотир нигоҳ дошт, мисли good – better – best; bad – worse – worst;

Дар мисоли дуюм “easier” сифати аслӣ дар шакли дараҷаи қиёсӣ омадааст ва он тавассути морфемаи “-er” сохта шудааст.

3. Шакли дараҷаи олӣ (The form of superlative degree), ки авлотарин будани аломати предмет нисбат ба аломати дигар предметҳоро номбар намуда, тавассути морфемаи “est” сохта мешавад, лекин дар баъзе ҳолатҳо решаи сифат куллан тағйир меёбад.

Зарбулмасалҳое вомехӯранд, ки дар онҳо ду сифат истифода шудааст:

Empty vessels make the greatest sound.

Дар ин мисол ду сифат “empty” сифати дараҷаи одӣ ва “greatest” аломати сифати аслии дараҷаи олӣ буда, тавассути морфемаи “est” сохта шудааст ва исмҳои “vessels ва sound” ифода мекунанд.

Дар ин ду мақоли зерин бошад, “best” ва “worst” шакли дараҷаи олӣ доранд, ки дар он решаи сифатҳо тағйир ёфтааст.

East or West home is best.

The cobbler’s wife is the worst shod.

Ҳамин тариқ, таҳлили маводҳои фактологӣ нишон медиҳад, ки дар зарбулмасалу мақолҳои забони англисӣ сифати аслӣ хеле зиёд ба назар мерасад, аммо сифати нисбӣ бошад, башумор мебошад. Аз рӯйи истифодаи шакли дараҷаҳо бошад, шакли дараҷаи одӣ аз ҳама зиёд мебошад, шакли дараҷаи қиёсӣ ва олӣ дар зарбулмасалҳо он қадар зиёд истифода намешаванд.

Хуллас, зарбулмасалу мақолҳо аз ҷумлаи жанрҳои сернуфузтарини фолклоранд. Зарбулмасалҳо инҳо ибораҳои устуворе мебошанд, ки аз ҷиҳати сохт ҷумла буда, кӯтоҳу муъҷазу образнок ва ба тариқи панду насиҳат истифода бурда мешаванд. Онҳо чун дастури зиндагӣ ва ҷаҳонбинию ҷаҳонфаҳмии оммаи меҳнаткаш хидмат намуда, ҳамчун ҳикмати ниёгон қадру эътибор доранду вирди забонанд.

Аз таҳлили хусусияти морфологии зарбулмасал ва мақолҳои англисӣ чунин натиҷа ба даст меояд:

• Истифодаи исм, ки яке аз ҳиссаи калонтарини нутқ мебошад, дар зарбулмасалу мақолҳои англисӣ фаровон ба назар мерасад. Аз мушоҳидаҳо ба чунин хулосае омадем, ки исмҳои ҷинс ва исмҳо дар шакли танҳо хеле зиёд дучор мешаванд. Инчунин, қобили тазаккур аст, ки исм дар зарбулмасалу мақолҳо барои ифодаи муносибатҳои гуногун истифода мешаванд: а) муносибати хешутаборӣ; б) муносибати зоонимӣ; в) муносибати фитонимӣ; г) муносибати соматизмӣ.

• Сифат низ аз сабаби бо исм алоқаи зичи грамматикӣ доштанаш, дар зарбулмасалу мақолҳо хеле зиёд ба назар мерасад; сифати дараҷаи одӣ бисёртар, аммо сифати нисбӣ бошад, камтар истифода мешавад.

А Д А Б И Ё Т

1. Азимова М.Н. Семантическая классификация фразеологизмов английского и таджикского языков / М.Н. Азимова // Учёные записки ХГУ им. Б. Гафурова. - 1998. - №1. - С.97 - 128.
2. Кобрина Н.А. Грамматика английского языка (Морфология. Синтаксис) / Н.А. Кобрина, Е.А. Корнеева, М.И. Оссовская, К.А. Гузеева. - Санкт-Петербург, 1999. – 496 с.
3. Кунин А.В. Поговорки и пословицы в современном английском языке / А.В.Кунин // Иностранные языки в школе. – Москва: Просвещение, 1969. - №1. – 23 с.
4. Ломтев Т.П. Предложение и его грамматические категории / Т.П. Ломтев. – М., 1972. – 200 с.
5. Пермяков Г.Л. От поговорки до сказки / Г.Л.Пермяков. – Москва: Наука, 1970. – 57 с.
6. Потебня Н. Иностранные языки в школе №1 / Н.Потебня. – Москва: Просвещение, 1969. – 42 с.
7. Раджабова М.М. Структурно – семантические особенности коммуникативных фразеологических единиц в таджикском и английском языках (диссертация) / М.М.Раджабова. - Худжанд, 2010. – 164 с.
8. Соколов В.К. Традиции и современность в фольклоре / В.К. Соколов. – Москва: Наука, 1988. – 63 с.
9. Усмонов К.У. Грамматикаи муқоисавии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ / К.У. Усмонов. - Хуҷанд, 2017. – 379 с.
10. Collis H. 101 American and English Proverbs and Saying / H. Collis. - Chicago, 1992. – 106 с.
11. Ganshina M.A. English Grammar / M.A. Ganshin, N.M. Vasilevskaya. - Higher school. Publishing House, 1964. – 540 с.
12. Gordon E.M. A Grammar of Present / E.M. Gordon. - Moscow, 1989. – 314 с.
13. Teylor A. The Proverbs and the Index to the Proverbs / A.Teylor. - Copenhagen, 1992. – 160 с.

С А Р Ч А Ш М А Ҳ О

1. Бегматова С. Фарҳанги зарбулмасал, мақол ва афоризмҳои тоҷикӣ -англисӣ – русӣ / С. Бегматова. – Хуҷанд: Набӣ Фахрӣ, 2016. – 420 с.
2. Гварджаладзе И.С. Английские пословицы и поговорки / И.С.Гварджаладзе, Д.И. Мчедлишвилли. - Москва, 1979. – 77 с.
3. Oxford Dictionary of Proverbs. – Oxford: Oxford University Press, 2004. - 370 p.

ИФОДАИ БАЪЗЕ МАЪНОҲОИ АСОСӢ БО ЁРИИ ИСМУ СИФАТ ДАР ЗАРБУЛМАСАЛ ВА МАҚОЛҲОИ АНГЛИСӢ

Мақола ба сохтори морфологӣ, яъне истифодаи исм ва сифат дар зарбулмасалҳои англисӣ бахшида шудааст. Зарбулмасалу мақолҳо аз ҷумлаи жанрҳои сернуфузтарини фолклор буда, кӯтоҳу муъҷазу образноканд ва ба тариқи панду насиҳат истифода бурда мешаванд. Бояд қайд кард, ки сохтори грамматикии зарбулмасал ва мақолҳо кам омӯхта шудааст. Аз ин лиҳоз, дар мақола зарбулмасалҳо бо истифодаи исм ва сифат тадқиқ карда шудаанд. Исм дар зарбулмасал ва мақолҳои англисӣ фаровон истифода бурда мешаванд, хусусан исмҳои ҷинс дар шакли танҳо зиёд ба назар мерасанд. Исм дар зарбулмасалу мақолҳо барои ифодаи муносибатҳои зерин истифода бурда мешавад: а) муносибати хешутаборӣ; б) муносибати зоонимӣ; в) муносибати фитонимӣ; г) муносибати соматизмӣ. Сифат дар зарбулмасалу мақолҳо компоненти асосӣ мебошад. Он барои ифодаи аломати предмети умумигашта ва ҷамъбастшуда хизмат мекунад. Дар зарбулмасалҳои англисӣ сифатҳои аслӣ хеле фаровон мебошанд, аммо сифати нисбӣ бошад, кам ба назар мерасад. Инчунин, се шакли дараҷаи сифатро низ дар зарбулмасалҳо дучор шудан мумкин аст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки сифат ҷузъи асосии зарбулмасалҳо буда, бо исм алоқаи зич дорад.

Калидвожаҳо: зарбулмасалу мақол, сохтори грамматикӣ, сохтори морфологӣ, ҳиссаи нутқ, исм, муносибатҳои маъноӣ, исмҳои ҷинс, сифат, сифати аслию нисбӣ.

ВЫРАЖЕНИЯ НЕКОТОРЫХ ОБОБЩЁННЫХ ЗНАЧЕНИЙ ПРИ ПОМОЩИ ИМЁН СУЩЕСТВИТЕЛЬНЫХ И ПРИЛАГАТЕЛЬНЫХ В АНГЛИЙСКИХ ПОСЛОВИЦАХ И ПОГОВОРКАХ

Статья посвящается морфологическим структурам использования имён существительных и прилагательных в пословицах и поговорках английского языка. Пословицы и поговорки, один из распространнёных жанров фольклора, являются лаконичными и используются образно как поучения и нравоучения. Необходимо отметить, что грамматическая структура пословиц и поговорок мало исследована. И, следовательно, в статье исследуется морфологическая структура пословиц, в которых использованы имя существительное и имя прилагательное. Эти части речи в пословицах и поговорках употребляются очень часто, особенно встречаются нарицательные существительные в единственном числе. В результате анализа языка пословиц можно выделить основные семантические группы существительных, выражающих обобщённое значение: а) родственные отношения между людьми; б) зоонимы; в) фитонимы ; г) соматизмы. Имя прилагательное в пословице является не только структурно необходимым, но и обязательным компонентом для выражения обобщённого значения пословиц. В пословицах английского языка широко используется нарицательное прилагательное, а также все три формы степени сравнений прилагательных.

Ключевые слова: пословица и поговорка, грамматическая структура, морфологическая структура, часть речи, имя существительное, семантическое отношение, нарицательные существительные и имена собственные , имя прилагательное, качественное прилагательное.

THE EXPRESSION OF SOME GENERALIZED MEANING BY MEANS OF NOUN AND ADJECTIVE IN ENGLISH PROVERBS AND SAYINGS

The article is devoted to morphological structure of proverbs and sayings with nouns and adjectives. Proverbs and sayings are considered to be one of the most influential genre of folklore. They are brief, laconic and are used as an advice. It should be noted, that grammatical structure of proverbs and sayings are less researched. Therefore nouns and adjectives in English proverbs and sayings are investigated in this article. The research shows, that nouns are mostly used in proverbs, and particularly nouns in singular. As the result of the research of the proverbs and sayings, we can distinguish the following semantic groups of nouns: a) relationship between the people; b) zoonims; c) fitonims; d) somatisms. Adjectives are not only structural, but also compulsory component to express generalized meaning at proverbs. Initial adjectives as well as three degrees of adjectives are used widely in English proverbs.

Key words: proverbs and sayings, grammatical structure, morphological structure, part of speech, noun, semantic relation, nouns in singular and proper nouns, adjective, qualitative adjectives.

Сведения об авторе: ***Азизова Зарина Шавкатовна*** - Худжандский государственный университет им. Бободжона Гафурова, докторант Ph.D кафедры фонетики и лексикологии английского языка. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, пр. Мавлянбекова 1. E-mail: **zarina230995@mail.ru.** Тел.: **(+992) 92-790-19-95**

Information about the author: ***Azizova Zarina Shavkatovna*** - Khujand State University named after academician B. Gafurov, Doctoral student of the department phonetics and lexicology of the English language. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand city, Pr. Mavlyanbekova 1. E-mail: **zarina230995@mail.ru.** Tel.: **(+992) 92-790-19-95**

УДК: 42-3:491.550 (575.3)

РОҶЕЪ БА ЯКЕ АЗ НИШОНДИҲАНДАҲОИ ЯДРОИИ МАЙДОНИ ФУНКСИОНАЛӢ-СЕМАНТИКИИ ЛОКАТИВӢ ДАР ЗАБОНИ АНГЛИСИИ МУОСИР

Иброгимова М.Т.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров

Категорияи локативӣ яке аз навъҳои муносибати семантикӣ мебошад, ки дар он шакли муайяни муносибати мутақобилаи предметҳову ҳодисаҳои олами ҳақиқӣ, амиқтараш муносибати фазоӣ амалӣ мегардад ва он яке аз ҷузъҳои ҳолат, нишона, нуқтаи сарҳисоб, макон барои дигар ҷузъи вазъият мебошад.

Таркиби луғавии ифодакунандаи маънои фазогӣ майдони васеи маъноӣ (семантикӣ)-ро ташкил медиҳад. Конституентҳои луғавии майдони локативӣ вобаста аз ҳаҷм ва фарохии маънои худ ҷудо карда мешаванд. Майдони локативӣ дорои созмони иерархии худ мебошад, ки ҳудуди зоҳиршавии муносибатҳои фазоӣ ва ба қишрҳо ҷудокунии луғати маънои фазоидоштаро дар бар мегирад, ки дар ифодаи майдон нақши муҳимро мебозад [1. с.10].

Хусусияти ифодаёбии забонии муносибатҳои фазоӣ дар он аст, ки дар сохтори грамматикии забони англисӣ ягон шакли махсуси ифодакунии категорияи мазкур мавҷуд нест, ки мустақилона ва пурра маънои муносибатҳои фазоиро ифода карда тавонад. Инҷо воситаҳои синтаксисӣ, фразеологӣ ва морфологӣ муҳим ба ҳисоб мераванд.

Тавре ки дар боло қайд карда будем, мафҳуми “локативият” дар фаҳмиши мо ин на танҳо категорияи семантикӣ, балки ягонагии дутарафаи семантика ва системаи гуногунсатҳи ифодаёбии он дар забон, яъне майдони функсионалӣ - семантикии локативӣ ба ҳисоб меравад. Тадқиқ намудани муносибатҳои фазоӣ дар ҳамҷоягӣ бо воситаҳои ифодаёбии он ба сифати МФС имкон медиҳад, ки дар асоси принсипи функсионалӣ далелҳои забонии аз ҷиҳати сохтор ва сатҳи ҷойгирӣ гуногун дар системаи ягона ҷамъ оварда, тадқиқ карда шавад. Дар ин ҷода ақидаи Власова Ю.Н. қобили дастгирӣ аст: “модели функсионалӣ-семантикӣ забонро ҳамчун як система, ки аз якчанд зерсистемаҳои аз рӯйи вазифаҳои умумии семантикӣ ҷамъомада иборат аст, тасвир менамояд” ва дар баробари ин, майдонҳои функсионалӣ-семантикӣ яке аз ин зерсистемаҳо ба ҳисоб меравад [9, с.73].

Бино бар ақидаи забоншиноси рус Бондарко А.В. МФС ин гурӯҳи воситаҳои гуногунсатҳи забон мебошанд, ки дар асоси умумияти вазифаҳои семантикиашон амал намуда, вариантҳои категорияи амиқи семантикиро ифода менамоянд [7, с.282]. Майдони функсионалӣ семантикӣ падидаи билатериалист, ки ҳам тарзи баён ва ҳам маъноро дар бар мегирад ва ҳамзамон тарзи маъноӣ бо категорияҳои семантикии муносибати фазоӣ муайян гардида, тарзи баён бошад, бо воситаҳои гуногунсатҳи забонӣ, ки барои амалишавии вазифаҳои ба муҳити семантикии локативӣ тааллуқдошта хизмат мекарда, нишон дода шудааст.

Дар баробари ин, МФСЛ аз ҷиҳати маънӣ гуногун аст, зеро ҳамагуна ҷараён аз нуқтаи назари муносибатҳои фазоӣ хусусияти статикӣ ва ё динамикиро доро аст. Аз ин рӯ, МФСЛ ба ду майдони хурд ҷудо карда шудааст, ки инҳоанд: майдони хурди ҷойгиршавӣ ва майдони хурди ҳаракат дар фазо. Аз ин ҷо бармеод, ки дар тадқиқоти худ мо ҳангоми

ҷойгиркунии воҳидҳои забонӣ ба майдонҳои хурд, ба методи таззод (зиддият) такя намуда, шарти статикӣ ва ё динамикӣ будани муносибатҳои фазоиро ба инобат гирифтем, яъне оё объект дар муқоиса бо объекти дигар дар ҳолати оромӣ қарор дорад ва ё ҳаракат мекунад.

Тавре ки Власова Ю.Н ва Загоруйко А.Я. қайд мекунанд, шарти асосии созмондиҳии майдонӣ ин принсипи системанокӣ мебошад [9, с.48]. Хосияти системанокии майдон дар он зоҳир меёбад, ки майдон аз якчанд майдонҳои хурд ташкил ёфтааст. Майдони хурд ва майдон бо ҳамдигар дар асоси принсипи “қисм - бутун” муносибат доранд. Майдони хурди функсионалӣ-семантикӣ ҷузъи хурдтарини майдони функсионалӣ-семантикии категорияро ташкил намуда, ҳам аз ҷиҳати баён ва ҳам аз ҷиҳати мазмун мустақил мебошад.

Дар мақолаи мазкур сохтори мураккаби МФСЛ аз рӯйи принсипи “марказ - музофот” тадқиқ мешавад. А.Б. Бондарко менависад, ки тафсири чуқури семантикаи забон дар ҷанбаҳои гуногуни ташкили системавӣ - сохтории маъноҳои забонӣ инъикоси худро ёфтааст [6, с.42]. Чунин муқобилгузорӣ қариб ки тамоми системаи забонро фаро гирифтааст ва ҳудуди байни марказу музофот амиқ нест, ки инро тадқиқотчиёни зиёд исбот намудаанд.Конституентҳои майдон, ки аз марказ дуранд, дар музофоти майдон ҷойгир шудаанд.

Ҳангоми шаклдиҳии МФСЛ, ки аз ду майдонҳои хурд иборат аст, таҳлил дар асоси синтези ду нуқтаи назар: “аз восита ба вазифа” ва “аз вазифа ба восита” асоснок карда мешавад ва он дар зинаҳои гуногуни тадқиқот мавриди омӯзиш қарор мегирад.

Категорияи функсионалӣ-семантикии локативӣ макони ҷойгиршавиро ҳамчун яке аз конституентҳои комилҳуқуқ, ки ба ҳаракат зид мебошад, дар бар мегирад. Ба ақидаи мо ҷойгиршавӣ - ин ҷараёни статикии дар ҷойи амиқ қарор доштани предмет, ҳаракат ва ё ҳамчун ҳаракате, ки аз ҳудуди фазои амиқ берун намебарояд, яъне ҳаракате, ки бо тайкунии ягон фазо алоқамандӣ надорад, мебошад. В.Г. Гак менависад, ки агар субъект ҳаракат карда истода бошад ва аз ҳудуди фазои амиқ набарояд, пас он нисбати макон ҳамон як ҷойро ишғол менамояд ва ҷараёни мазкур ҷойгиршавӣ ҳисобида мешавад [10, с.8].

Хусусияти фарқкунандаи конституентҳои майдони хурди ҳаракат ва ҷойгиршавӣ дар он зоҳир мешавад, ки дар бисёр ҳолатҳо онҳо мустақилона амал накарда, балки дар якҷоягӣ бо ҳамдигар амал мекунанд.

Локативнокӣ ба сохтори семантикии навъҳои гуногуни ҷумла дохил мешавад, аз ин рӯ, дар намунаҳои муайяни синтаксисӣ тавсифи пурраро мегиранд [1, с.11]. Ба гурӯҳбандии аз ҷониби А. Абдулина пешниҳодшуда такя намуда, чунин навъи вазъиятҳоро ҷудо намудан имконпазир аст:

1. Ҷойгиршавӣ / иқомат будани субъект:

My uncle Gabriel is there too, … [24, с.8].

2. Амали субъект:

She is buried beside our church, … [24, с.8].

Aunt Mary would go to her room and read, the old man would fall asleep [24, с.12].

3. Мавқеи субъект дар фазо:

He was lying in the corner, covered by the blanket [24, с.70].

4. Ҳудуди ҳолати объект:

She was happier here than anywhere [24, с.36].

5. Макон / иқомати объект:

There was no sign of life at the hut [24, с.64].

6. Ҳудуди мавқеи объект дар фазо:

Slowly it stretched its wings and took off, flying away towards the sea [24, с.71].

7. Мавқеи ҳолати объект:

On my mum’s side of the family, the Thermopolises were herders on the Island of Grete until the year 1904… [25, с.17].

8. Мавқеи ҳодисаҳову ҳолатҳо дар фазо:

My Grandmother is up there too, waiting for grandfather to join her [24, с. 8]

9. Амалкунии предметҳо:

The sand and little stones were blowing along the beach [24, с.48]

10. Макони ҳолати муҳити зист:

Nancy hadn’t heard him coming. He now stood about four meters behind Nancy, allowing her to inspect him [24, с.8].

Таҳлили маводҳои фактологӣ нишон медиҳад, ки ибораҳои номӣ (субстантивӣ) бо пешоянд бо феълҳои гурӯҳи семантикии гуногун дар ҷумла вазифаи ҳоли маконро иҷро менамоянд ва онҳоро дар маркази (ядро) майдони функсионалӣ - семантикии локативӣ ҷойгир намудан мумкин аст, зеро воҳидҳои мазкури забонӣ маънои маконро ба таври пурра инъикос намуда, ба ҳамаи талаботҳои ядроии майдон ҷавобгӯ ҳастанд.

Ибораҳои номӣ (субстантивӣ) бо пешоянд, ки бо феълҳои гуруҳи семантикии гуногун истифода мешаванд, сатҳи синтаксисии забони муосири англисиро муаррифӣ мекунанд. Масалан:

Nancy walked over to the window and looked out at the train [24, с14].

Синтаксиси семантикӣ, аз рӯйи ақидаи В.Г. Гак аз рӯйи вазифаи тасвирии шаклҳои синтаксисӣ бармеояд, зеро ҳар як созмони синтаксисӣ навъи амиқи муносибати ҳақиқати айниро тасвир менамояд ва баръакс ҳар як навъи муносибати ҳақиқати айнӣ дар сохтори синтаксисӣ ифодаи худро ёфта метавонад [10, с.61]. Муносибатҳои фазоӣ дар забони англисӣ бошанд, дар ҳамҷояшавӣ бо феъл ва пешояндҳову исмҳои фазоӣ ифодаи худро меёбанд.

Ҳамҷояшавии ибораҳои исмӣ бо пешоянд бо феъл ба гурӯҳи ибораҳои забони англисии муосир дохил мешаванд. Л.С. Бархударов ибораҳоро ҳамчун гурӯҳи "калимаҳои аз лиҳози синтаксисӣ алоқаманди таркиби ҷумла, ки худ ҷумла нестанд" тасвир менамояд [4, с.44]. Дар "Русская грамматика"-и Н.Ю. Шведова ва сипас, дар китоби Л.Е Лопатина ибора ҳамчун созмони синтаксисии тавассути ҳамроҳшавии ду ва ё зиёда калимаҳо дар асоси алоқаи тобеъкунандаи грамматикӣ – мувофиқаткунӣ, идоракунӣ ва ҳамроҳшавӣ сохта мешаванд, тасвир шудааст. Ба андешаи В.В. Бурлакова ибора ин гуруҳи алоҳидаи синтаксисӣ мебошад, ки аз таркиби калимаҳои мустақили навъи to disregard the remark, busy life,very new ва ё калимаҳои ёридиҳандаи навъи in the beach, under the net, in the corner, ки бо ҳама гуна навъи алоқаҳои синтаксисӣ ҳамроҳ гаштааст [8, с.105].

Мо таърифи ибораро, ки аз ҷониби профессор Б.А. Илиш дода шудааст мақбул медонем, зеро ӯ ибораро дар маънои васеи он дида баромадааст. Ӯ меҳисобад, ки ибора аз ду ва ё зиёда калимаҳое, ки ба ҳиссаҳои гуногуни нутқ тааллуқ дошта, воҳиди грамматикиро созмон медиҳанд, иборат буда, шакли аналитикии калима нест [13, с.171].

Ибораҳои исмии пешояндор, ки мо дида мебароем, дар ҷумла вазифаи ҳоли маконро иҷро мекунанд. Ҳоли макон ин аъзои ҷумлаест, ки аломатҳои гуногуни хабарро, аз он ҷумла вақт ва макони иҷрошавии амалро нишон медиҳад, гарчанде ки замон ва дар баробари ин худи амалро низ нишон дода метавонад [2, с.79].

А.М. Мухин доир ба ҳоли макон ва замон сухан карда, ба ҳам наздик будани онҳоро ишора намуда қайд мекунад, ки онҳо вазъи иҷроиши амалро нишон дода, тавсифи фазоиву маконии онҳоро муайян мекунанд [17, с.163].

Ҳол аъзои ҷумлаест, ки тобеи хабар ва ё ягон аъзои дигари ҷумла буда, бо феъл ифода ёфтааст. Аммо нисбати ҳоли макон ҳаминро бояд гуфт, ки ин тобеият баъзан каме суст мегардад, зеро одатан ҳоли макон шароити амалигардии амалро нишон дода, бештар ба тамоми ҷумла дахолат дорад. Ҳоли макон яке аз шаклҳои нисбатан мустақили ҳол ба шумор меравад, гарчанде ки агар маънии феъл пас аз худаш амиққунии маконро талаб намояд, ҳол бо феъл нисбатан сахттар алоқаманд гардида, одатан бо он дар постпозитсия, яъне мавқеи баъдина истифода бурда мешавад. Ақидае низ ҳаст, ки ибораҳои исмӣ бо пешоянд бояд ба сифати ҷузъҳои ҳатмӣ ва номустақил бо феълҳои маънии локативӣ дошта дида баромада шаванд. Дар маводи ҷамъовардаи мо мисолҳо бо истифодашавии ҳоли макон ҳамчун ҷузъи ҳатмии феъл қисми зиёдро ташкил медиҳанд. Ба мисоли зерин менигарем:

Harry was standing on the steps of his office, waiting for her [24, с.27].

А.И. Смирнитский пуркунанда ва ҳолро ба ҳам муқоиса намуда мегӯяд, ки назар ба пуркунанда ҳол дар муносибат бо феъл нисбатан бетараф аст, ва он танҳо ба худи феъл камтар мутамарказонида шудааст. Ҳол бештар ба тамоми гуруҳи калимаҳо дар ҷумла муносибат дорад ва бо якчанд аъзоҳои ҷумла алоқамандии бевосита дорад [18, с.221].

Мо ақидаи В.И. Артюховаро дастгирӣ менамоем [13, с.84], ки мувофиқи он созмонҳои пешояндор бо маънои фазо байни созмонҳои ҳолӣ бо пешоянд пешсафанд. Вазифаи синтаксисии ҳолии созмонҳои пешояндиро феълҳо амиқ менамоянд, аммо маҳз маънии луғавии пешояндҳо ва исмҳо, ки ин гуна созмонҳоро ташкил медиҳанд, ба амалишавии маънии фазоии ин созмонҳо мусоидат менамояд.

Н.Ю. Шведова [22, с. 77 – 93] ва А.С. Кочедиков [15, с.118] нуқтаи назари як гурӯҳ забоншиносонро нисбати ин гуна ибораҳои исмии пешояндор бо феъл баён намуда, қисми зиёди онҳоро на ба сифати ибораҳои феълӣ-номии пешояндор, балки ҳамчун васеъкунандагони мустақили маънои ҷумла дида баромадаанд. Барои исботи ақидаи мазкур бо феъли семантикаи мавҳумӣ дошта мисолҳоеро меоварем, ки ҳастӣ, ҷойгиршавӣ, мавҷудият, дарёфтшавӣ ва ҳоказоро ифода мекунанд. Дар ин ҳолат ибораҳои исмӣ бо пешоянд на танҳо ба феъл, балки ба тамоми ҷумла дахолат доранд. Масалан:

In this movie, Mare Winningham portrays Julia, a woman who wakes up one day after an accident to discover that her body has been completely destroyed and her brain transplanted into someone whose body was OK but whose brain had ceased functioning [25, с.140]

Дар ҷумлаи мазкур ибораи исмӣ бо пешоянд "In this movie" на танҳо ба феъли "portrays" – будан, балки ба тамоми ҷумла алоқаи бевосита дорад.

Ин гуна ибораҳои исмӣ бо пешоянд, ки дар ҷумла одатан мақоми нахустинро ишғол менамоянд, яъне дар ибтидои ҷумла меистанд, аз ҷониби забоншиноси маъруф Г.А. Золотова ҳамчун калима шакли фазоии озод тадқиқ шудаанд, ки ба ибора дохил нашуда, ба тамоми ҷумла тавсифи заминавӣ медиҳанд [12, с.39-85]. М.В. Малашенко [16, с.145] бошад, чунин ибораҳои локативиро бо феъл дар ҷумлаҳои соддаи забони англисии муосир аз назари муайянкунандаҳои ҳолӣ тадқиқ менамояд ва онҳоро ҳамчун гурӯҳи махсуси аъзоҳои ҷумла, ҳамчун илова ба аъзоҳои номустақили нутқ нишон додааст. Ин гуна муайянкунандаҳои ҳолӣ бо асоси ҷумла тавассути алоқаи махсуси тобеъкунанда – васлшавии озод алоқаманд гаштаанд. Дар байни ин гуна муайянкунандаҳои ҳолӣ, ки инчунин детерминантҳои ҳолӣ номида мешаванд, муайянкунандаҳои локативӣ низ ҷудо карда шудаанд, ки дар ҷумла ба сифати васеъкунандагони ҳолати маконӣ амал мекунанд.

Хусусияти махсуси ҳама гуна навъҳои детерминантҳои ҳолӣ-маконӣ низ инҳоанд:

1. Набудани алоқаи системанок бо феъл – хабар;
2. Мақоми ибтидоӣ дар ҷумла;
3. Тамоюл ба истифодашавии мустақил ва ҷудошавии оҳангӣ;
4. Ҳамҷояшавии васеъ бо ҷумлаҳои навъи сохтории гуногун [16, с.9].

Масалан: At my house, the problems always seem to be a little more complicated [25, с.80].

Л.Б. Лебедева ишораҳои фазоиро дар гуфторҳо таҳлил намуда [15, с.304-314] ба хулосае омадааст, ки барои гуфторҳои амиқ ҷудокунии мушаххаси вазифаҳои мубтадо ва хабар хос аст, аз ҳамин сабаб ҳоли макон дар ин навъи гуфторҳо бо хабар алоқамандии зич дорад.

Дар гуфторҳои умумиреферентӣ бошад, ишораи фазоие, ки тавассути ҳоли макон ифода ёфтааст, баъзан ба қонуниятҳои умумӣ, ки ба навъи берун аз замонии хабар алоқаманд аст, тобеъ мебошад. Дар ин ҷумлаҳо ҳоли макон ба тамоми гуфтор дар умум алоқамандӣ дорад. И.М. Богуславский низ ба ҳамин гуна хулоса омадааст [5, с.75]. Мо низ ин ақидаро дастгирӣ менамоем ва инро бо мисоли зерин исбот менамоем, ки дар он ҳоли макон “to Baden-Baden” ба тамоми ҷумла алоқамандӣ дорад, гарчанде ки дар мобайни ҷумла омадааст:

She was supposed to have gone to Baden-Baden for a little R and R. [25, с.20]

А.С.Хорнбӣ [21, с.231-232] ва И.С. Сорокина [19, с.195] ба мавқеи ҳоли макон дар ҷумлаҳои забони англисӣ диққати махсус дода, ба хулосае омадаанд, ки ба тартиби амиқи калима дар ҷумлаҳои забони англисӣ нигоҳ накарда, ҳоли макон дар баъзе ҳолатҳо дар аввал, охир ва мобайни ҷумла истода метавонад. Ин гуна ҷойивазкунӣ бо он асоснок шудааст, ки ҳоли макон шароити берунаи иҷрошавии амалро ифода менамояд ва маҳз бо ҳамин сабаб метавон онро аз дигар аъзоҳои ҷумла, аз хабар – ифодакунандаи амал ва ё ҳолати предмет дур ҷойгир кард. Агар муаллиф ба макони иҷроиши амал диққати махсус додан хоҳад, пас ҳоли макон дар аввали ҷумла меистад, масалан:

On the train to Dublin that evening, going to see Harry, Nancy thought about the man at the hut her [24, с.8]

Инчунин, агар ҳол барои алоқамандкунии ин ҷумла бо ҷумлаи пешина дар таркиби ҳамон як матн истифода бурда шуда бошад, масалан:

They crossed the hall without saying a word. She opened the door. He stepped out and put his hat on. Away beyond the railway, the moon shone on the sea [24, с.69].

Дар миёнаҷой омадан барои ҳоли макон бештар хос аст. Дар миёнаҷой омадани ҳоли макон барои он қадар ҳам аён накардани ҷойи иҷроиши амал истифода бурда мешавад. Масалан:

… Dad has been living at the Plaza Hotel here in New York, while his mother, my grandmere, the Dowager Princess gives me the princess lessons [25, с.9].

Дар охири ҷумла омадани ҳоли макон низ падидаи паҳншуда мебошад. Дар ин ҳолат ҳоли макон ба ҷумла маънии пурра медиҳад. Масалан:

She is one of primary reasons why today Genovia has some of the best literacy, infant mortality, and employment rates in all of Europe [25, с.17].

Инчунин, ҳоли макон дар охири ҷумла барои ишораи ҷойи амиқи амал ва ё ҳолати предмет хизмат мекунад. Ба мисоли зерин менигарем:

I don’t care if it is the most highly rated television news show in America [25, с.23].

Дар ин гуна тавъамшавӣ истифода бурда шудани ибораҳои исмӣ бо пешоянд ғайр аз феълҳои ишоракунандаи макон ва ҷойгиршавӣ (to be, to stay) ва феълҳои ифодакунандаи ҳолат дар фазо (to stand, to sit, to hang), инчунин феълҳои гурӯҳҳои семантикии гуногун, амсоли феълҳои сухангӯӣ (to speak, to say, to talk), феълҳои амали нигаронидашуда (to shiver, to buy, to tremble), феълҳои ҳолат (to dream, to sleep), феълҳои дарки ҷисмонӣ (to see, to listen, to hear) ва ҳоказо низ истифода шуда метавонанд.

Истифодаи ибораҳои исмӣ бо пешоянд баъд аз феъл барои амиқкунии маънии онҳо падидаи ғайриодӣ нест. Маънои феълро, ки маркази муоширатии ҷумла ба ҳисоб меравад, мо ҳамчун шарти асосии ҷудокунии майдони функционалӣ семантикии локативӣ ба майдонҳои хурд: майдони хурди ҷойгиршавӣ ва майдони хурди ҳаракат дар фазо ба ҳисоб

гирифтем. Маҳз ба туфайли маънои феъл мо тавонистем байни муносибатҳои статикӣ ва динамикӣ ҳудуди амиқ гузорем ва онҳоро аз ҳам ҷудо кунем. “Феъл дар ифодакунии маънии локативӣ, яъне макони бевосита иштирок намекунад, аммо маҳз феъл ба муносибати умумии маконӣ – ҷойгиршавӣ ва ё ҳаракат дар фазо ишора менамояд” [11, с.65].

Ҷумлае, ки маънии фазоиро амалӣ менамояд ҷумлаи локативӣ, яъне маконӣ мебошад.

Бино бар ақидаи бархе аз забоншиносон, аз ҷумла Л. Тенер [20, с.117] ва Н.М. Юликова [23, с.8] феъл дар ҷумла мақоми асосиро ишғол менамояд, инчунин валентнокии феъл танҳо дар муносибат ба синтаксемаҳо аён мегардад, ки онҳо ба феъл алоқаманди зич дошта, муҳити синтаксисии онро ташкил медиҳанд.

Ҳамин тариқ, метавон ба хулосае омад, ки майдони функсионалӣ - семантикии локативӣ дар забони англисӣ аз ду майдони хурд: майдони хурди ҷойгиршавӣ ва майдони хурди ҳаракат дар фазо иборат аст. Яке аз нишондиҳандаҳои марказии МФСЛ ибораҳои исмӣ бо пешоянд, феълҳои бо пешоянд истифода шуда мебошанд, ки дар ҷумла вазифаи ҳоли маконро иҷро менамоянд. Ин гуна ибораҳо дар ҷумла дар мавқеъҳои гуногун, аз ҷумла дар аввал, мобайн ва охир истифода бурда мешаванд. Қобили тазаккур аст, ки дар ҳангоми дар мавқеи аввал истодан ба тамоми ҷумла тааллуқ дошта, барои васеъ намудани маънои онҳо истифода мешаванд.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдулина А.А. Функционально-семантическое поле локальности в современном русском языке: автореф. дис. канд. фил. наук / А.А. Абдулина. – Краснодар, 1994. – 17 с.
2. Акулова К.П. Разграничение членов предложения в современном немецком языке / К.П. Акулова. – Л.: Изд-во Ленинградск. гос. ун-та, 1971. – 112 с.
3. Артюхова В.И. Взаимосвязь лексики и грамматики в приглагольных предложеных конструкциях современного английского языка: автореф. дис.канд. филол. наук / В.И. Артюхова. – Л., 1965. – 27 с.
4. Бархударов Л.С. Структура сложного предложения современного английского языка / Л.С. Бархударов. – М.: Высшая школа, 1966. – 200 с.
5. Богуславский И.М. Лингвистический процессор и локативные обстоятельства / И.М. Богуславский // Вопросы языкознания. - 1991. - №1 - С.69-78.
6. Бондарко А.В. Функциональная грамматика / А.В. Бондарко. - Л.: Наука, 1984. – 136 с.
7. Бондарко А.В.Теория значения в системе функциональной грамматики: На материале русского языка / А.В.Бондарко. - М.: Языки славянской культуры, 2002. – 736 с.
8. Бурлакова В.В. Основы стуктуры словосочетания в современном английском языке / В.В. Бурлакова. - Л.: Изд-во Ленинградск. Ун-та, 1975. – 128 с.
9. Власова Ю.Н. Принципы выделения в языке полей разных уровней / Ю.Н. Власова, А.Я.Загоруйко // Язык. Дискурс. Текст: Междунар. научн. Конференция. – Ч.1 – Ростов на Дону: Изд-во Ростовск.гос.пед. ун-та, 2004. – С.47-50.
10. Гак В.Г. Функционально-семантическое поле предикатов локализации / В.Г. Гак // Теория функциональной грамматики. Локативность. Бытийность. Посессивность. Обусловленность. – СПб.: Наука, 1996. – С.6-26.
11. Гак В.Г. Об исчислении лексико-синтаксических синонимов / В.Г. Гак // Язык: система и функционирование. – М.: Наука, 1988. – С.61-69.
12. Золотова Г.А. ККоммуникативные аспекты русского синтаксиса / Г.А. Золотова. - М.: Наука, 1982. – 368 с.
13. Ильиш Б.А. Современный английский язык. Теоретический курс / Б.А. Ильиш – М.: Изд-во лит-ры на иностр. языах, 1948. – 348 с.
14. Кочедыков А.С. Локальные и темпоральные компоненты в простом предложении современного английского языка: автореф. дис. канд. филол. наук / А.С. Кочедыков. - М., 1983. – 16 с.
15. Лебедева Л.Б. Пространственные и временные указания в общереферентных высказываниях / Л.Б. Лебедева // Известия АН СССР, сер. литературы и языка, 1984 – Т. 43 - №4. – С.304-314.
16. Малащенко М.В. Обстоятельственные детерминанты в современном английском языке: автореф. дис. ... канд.филол.наук / М.В. Малащенко. – Пятигорск, 1990. – 18 с.
17. Мухин А.А. Лингвистический анализ. Теоретические и методические проблемы / А.М. Мухин. – Л.: Наука, 1976. – 283 с.
18. Смирницкий А.И. Синтаксис английского языка / А.И. Смирницкий. - М.: Изд-во лит-ры иностр. языках, 1957. – 287 с.
19. Сорокина И.С. Интонация обстоятельтв времени и места в зависимости от их позиции в простом поветвовательном предложении в современном английском языке: автореф.дис. ... канд.филол.наук / И.С. Сорокина. – Л., 1959. – 17 с.
20. Теньер Л. Основы структурного синтаксиса / Л. Теньер. – М.: Прогресс, 1988. – 656 с.
21. Хорнби А.С. Конструкции и обороты современного английского языка / А.С. Хорнби. - М.: Изд-во Мин-ва просвещения РСФСР, 1958. – 336 с.
22. Шведова Н.Ю. Детерминирующий объект и детерминирующее обстоятельство как самостоятельные распространители предложения / Н.Ю. Шведова // Вопросы языкознания. – 1964. - №6. – С.77-99.
23. Юликова Н.М. Локативная валентость английских глаголов и вариантность локативных синтаксм: автореф.дис. ... канд.наук / Н.М. Юликова. - СПб, 1994. – 16 с.
24. Mag Cabot. The Princess Diaries. - London, 2007. - 213 p.
25. The Old Jest. Jennifer Johnston. Retold by Kieran McGovern, Series Editor: Derek Strange, 78 p.

РОҶЕЪ БА ЯКЕ АЗ НИШОНДИҲАНДАҲОИ ЯДРОИИ МАЙДОНИ ФУНКСИОНАЛӢ-СЕМАНТИКИИ ЛОКАТИВӢ ДАР ЗАБОНИ АНГЛИСИИ МУОСИР

Мақолаи мазкур ба масъалаи сохтори майдони функсионалӣ-семантикии локативӣ дар забони англисии муосир равшанӣ меандозад. Тавре ки маълум аст, категорияи локативият ва ё худ мувофиқати фазоӣ категорияи ҳолатӣ - хабарӣ мебошад, зеро он имкон медиҳад, ки гуфтор бо вазъият амиқтараш бо

ҷойи амалишавии ҳодиса мувофиқат кунад. Омӯзиш ва тадқиқи муносибатҳои фазоӣ дар якҷоягӣ бо воситаҳои ифодаёбии он ба сифати МФС имкон медиҳад, ки далелҳои забонии аз ҷиҳати сохт ва сатҳи ҷойгиршавӣ гуногун дар системаи ягона ҷамъ оварда шуда, мавриди омӯзиш қарор дода шаванд. Ҳангоми шаклдиҳии МФСЛ таҳлил дар асоси синтези ду нуқтаи назар: “аз восита ба вазифа” ва “аз вазифа ба восита” асоснок карда мешавад ва он дар зинаҳои гуногуни тадқиқот мавриди омӯзиш қарор мегирад. Мусаллам аст, ки маънии феъл маркази муоширатии ҷумла ба ҳисоб меравад ва он ҳамчун шарти асосии ҷудокунии майдони функционалӣ - семантикии локативӣ ба майдонҳои хурд: майдони хурди ҷойгиршавӣ ва майдони хурди ҳаракат дар фазо ба ҳисоб гирифта шуд. Маҳз ба туфайли маънии феъл мо байни муносибатҳои статикӣ ва динамикии феъл ҳудуди амиқ гузоштем ва дар натиҷа тавонистем онҳоро аз ҳам ҷудо кунем. Майдони функционалӣ - семантикии локативӣ дар забони англисӣ аз ду майдони хурд: майдони хурди ҷойгиршавӣ ва майдони хурди ҳаракат дар фазо иборат аст. Яке аз нишондиҳандаҳои марказии МФСЛ ибораҳои исмӣ бо пешоянд, феълҳои бо пешоянд истифодашуда мебошанд, ки дар ҷумла вазифаи ҳоли маконро иҷро менамоянд.

Калидвожаҳо: майдони функционалӣ-семантикӣ, маркази майдон, музофоти майдон, ядро, майдони хурди ҷойгиршавӣ, майдони хурди ҳаракат дар фазо, ибораҳои исмӣ бо пешоянд.

О ЦЕНТРАЛЬНЫХ КОНСТИТУЕНТАХ ФУНКЦИОНАЛЬНО–СЕМАНТИЧЕСКОГО ПОЛЯ ЛОКАТИВНОСТИ В СОВРЕМЕННОМ АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКЕ

В данной статье рассматривается структура функционально-семантического поля локативности в современном английском языке. Как известно, категория локативности или является ситуативно-предикативной категорией, которая помогает при соотношении высказывания с ситуацией, или точнее, помогает соотнести высказывание с местом проишествия действия. Изучение пространственных отношений во взаимосвязи со средствами их выражения в качестве ФСП дает возможность объединить все языковые явления, их структуру и уровень расположения. При структурировании ФСПЛ мы рассматриваем его на основе синтеза двух изучений: “от средств к функции” и “от функции к средству”, который осуществляется на разных этапах изучения ФСПЛ. Семантика глагола, которая считается коммуникативным центром предложения рассматривается нами как основной пункт разделения ФСПЛ на два микрополя: микрополе местонахождения и микрополе передвижения в пространстве. Именно благодаря значению глагола мы смогли провести границы между статическими и динамическими отношениями и отделить их друг от друга. ФСПЛ в английском языке состоит из двух микрополей. Следует отметить, что одним из важных конституентов ФСПЛ являются предложно-субстантивные сочетания, которые в предложении выполняют функцию обстоятельства места.

Ключевые слова: функционально-семантическое поле, ядро поля, периферия поля, поле местонахождения, поле передвижения в пространстве, предложно-субстантивные сочетания.

ABOUT CENTRAL CONSTITUENTS OF FUNCTIONAL-SEMANTIC FIELD OF LOCATION IN MODERN ENGLISH LANGUAGE

The given article deals with the structure of functional-semantic field jf location in modern English. It is well known that category of location is situational-predicative category that helps to relate statement with the situation, or to relate the statement with the place of action occurrence. The study of space relation in interconnection with the means of expression as FSF affords an opportunity to unite all language means, their structure and level of location. In the process of structuring FSFL the research is made on the basis of two positions: “from means to the structure” and “from structure to the means” and it is studied on different levels of the research. Verb semantic which is considered to be the communicative centre of the sentence is studied as the main point of dividing FSFL into two micro fields: micro field of location and micro field of movement in the space. Owing to the meaning of the verb we managed to define the borders between static and dynamic relation and to divide them from each others.

Key words: functional-semantic field, nucleus of the field, Field periphery functional grammar, category, substantive-prepositional combination.

Сведения об авторе: ***Ибрагимова Машхурахон Тураджоновна*** - Худжандский государственный университет им. Б.Гафурова, докторант Ph.D кафедры фонетики и лексикологии английского языка факультета иностранных языков. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, пр. Мавлянбекова 1.
E-mail: **mehron10113@gmail.com.** Тел.: **(+992) 928-07-50-20**

Information about the author*: *Ibragimova Mashhurakhon Turajonovna - Khujand State University named after B.Gafurov, Post-graduate student of the second year, department of English Phonetics and Lexicology. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand city, pr. Mavlyanbekova 1. E-mail: **mehron10113@gmail.com.**
Tel.: **(+992) 928-07-50-20**

УДК: **811.161.1-3**

ИҚТИБОСҲОИ ПОРТӢ ДАР ТАРКИБИ УНСУРҲОИ ЛУҒАВИИ СОХТАВУ МУРАККАБИ ЗАБОНИ РУСИИ САДАҲОИ XI-XVII

Холшехова С.А.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров

Ба таркиби луғавии забони русии садаҳои XI-XVII ворид гардидани калимаҳои тоҷикӣ ҳодисаи манфӣ набуда, балки боиси ғанӣ шудани лексикаи он шуд ва сабаби боз ҳам тараққӣ кардани он гардид. Инро метавон дар мисоли дар ибтидои асри XVIII ба таркиби луғавии он иқтибос шудани 3500 калима нишон дод [4, с.195]. Бо вуҷуди он ки дар таркиби луғавии забони русӣ иқтибосҳои гуногуне аз забонҳои дигари ҷаҳон низ

мушоҳида мешаванд, вале ҳиссаи асосии таркиби луғавии онро унсурҳои аслии русӣ ташкил медиҳанд [6, с.71].

Ба чунин мулоҳизарониҳо ҳаминро метавон илова кард, ки халқҳои славянизабон бо тоифаҳои эронизабон низ аз қадим алоқа доранд. Бояд гуфт, ки барои иқтибос гардидани ин гуна калимаҳо ба забони русӣ роли забони тоҷикӣ дар духули унсурҳои забонҳои дигари ҷаҳон калон аст.

Лозим ба таъкид аст, ки забони тоҷикӣ на танҳо калимаҳои зиёди худиро ба забони русӣ ба қарз додааст, балки он боз ҳамчун забони миёнарав барои роҳёбии дастаи калони унсурҳои луғавии забонҳои дигари эрониву ғайриэронӣ хидмати шоистаеро ба ҷо овардааст. Ин ҷо ба сифати намуна як ишораи эронишиноси тавоно Ҷ. И. Эделманро дар хусуси вожаи *аршин* зикр намудан мумкин аст: «Таваҷҷуҳро ҳамон қабати лексикаи славянӣ мебозад, ки онҳо мансуб ба забони форсӣ ҳастанд… Чунончи, калимаи *аршин*, ки М.Фасмер…онро иқтибоси туркӣ шуморидааст, дар асл вожаи эронии бостон аст, ки тавассути забонҳои туркӣ гузаштааст. Аз нигоҳи зоҳири овозияш он мансуб ба *arašni*-и форсии қадим ба маънои «оринҷ (андозаи дарозӣ)» мебошад, ки сарчашмааш **aratni*-и забон-асоси эронӣ ба маънои «оринҷ (андозаи дарозӣ)» ба шумор меояд…» [7, с.179].

Вобаста ба ин масъала бояд ин нуктаро қайд кард, ки воҳидҳои луғавии ин ё он забони муайян дар муддати дурударози вуҷуд доштанаш метавонад ба якчанд забони дигар иқтибос шуда, торафт аз шаклу маънои аслии худ дур равад. Ин ҳодисаро дар мисоли садҳо унсури луғавӣ нишон додан мумкин аст. Чунин ҳам мешавад, ки айни як калимаи ба чанд забони бо ҳамдигар хеш иқтибосгардида метавонад сарнавишти гуногун пайдо намояд: дар яке доираи маъноии он вусъат ёбад, дар дигаре маънояш маҳдуд шавад.

Баъзе калимаҳои эрониасл ба забони русии садаҳои XI-XVII ба воситаи забони тоҷикӣ ворид шудаанд. Яке аз ин гуна унсурҳои луғавӣ *зиён* аст. М.Фасмер оид ба этимологияи ин калима чунин навиштааст: «Аз *ziyān*-и забони порсии нав ба маънои «зарар, зиён» (авестоӣ *zyāna* «зарар, зиён») ба воситаи *zyān*-и забонҳои туркӣ, тоторӣ...иқтибос гардидааст …» [11, Т.2, с.124].

Аз нишонаҳои овозияш пайдост, ки *зиён* аз забони портӣ ба забони ниёгони мо дохил шудааст. Маҳз ҳамин гунаи вожа бо андаке дигаргунии шаклӣ- *изъянъ* ба матнҳои солҳои 1656, 1684 ва 1699-ум роҳ ёфта, дар ифодаи ду маъно ба кор рафтааст: а) зарар, зиён: И в томъ, государъ, въ сполошномъ стрьляньи твоей государевь пороховой кознь чинитца изъянъ большой [13, в.6, 215].Хльбнымъ запасомъ, и соли бываеть отъ воды изъянъ великой [13, в. 6, 215]; б) харобӣ, вайронӣ, зиёни чизе: Для наряду столовой очернить суконъ кармазигов и полукармазиновъ, которые съ изъяны и потекли [13, в. 6, 215].

Дар таркиби луғавии забони русии садаҳои XI-XVII як миқдори муайяни калимаҳои иқтибосиро ҳамонҳое ташкил медиҳанд, ки онҳоро имрӯз забоншиносон бо истилоҳи «калимаҳои русию аврупоӣ» ном мебаранд. Манбаи пайдоиши ин гуна воҳидҳои луғавӣ захираи луғавии забонҳои мухталиф ҳисоб мешавад. Дар ин хусус баъзе муҳаққиқони тоҷик мулоҳизаронӣ карда навиштаанд, ки «калимаҳои иқтибосии русию аврупоӣ манбаи гуногун доранд. Дар ин миён калимаҳои сирф русӣ миқдоран башумор буда, гурӯҳи асосии онҳоро калимаҳои забонҳои ҷудогонаи Аврупои ғарбӣ ташкил медиҳанд, ки онҳо ба забонҳои гуногуни олам, аз ҷумла ба забони русӣ ҳам роҳ ёфтаанд. Дар байни калимаҳои аврупоӣ калимаҳои юнонӣ ва лотинӣ мавқеи махсус доранд. Онҳо дар забонҳои зиёди олам ба истилоҳсозии миллӣ замина гузоштаанд» [1, с.126].

Унсури луғавии *алмос* дар навиштаҷоти соли 1592-юм дар таркиби калимаи сохтаи *проолмаженъ* дар ифодаи маънои «бо алмос буридан; аз алмос сохтан» ба кор рафтааст: Перстень золотъ, а въ немъ лалъ зъ далиною проолмаженъ [13, в. 20, 94].

Дар матни соли 1512-ум калимаи *дидрахма* «танга (ё сабика)-и дорои арзиши ду дирам» низ ба назар мерасад: Видьхъ въ пльне перьстень красень и двьсте дидрагъмъ сребра и сосудъ единъ злать [13, в. 4, 234]. Бояд гуфт, ки вожаи тазаккурёфта ба таркиби луғавии забони тоҷикӣ ҳанӯз ҳазор сол пеш иқтибос гардидааст. Масалан, дар ин байти шоири асри Х Абӯшакури Балхӣ ин унсури луғавиро метавон дучор омад:

Агар зар бихоҳӣ зи ман ё дирам,
Фароз оварам ман ба нӯки қалам [10, Ҷ.1, с.380].

Маълум аст, ки муомилоти савдо дар давраи Сомониён бо истифодаи хелҳои гуногуни дирҳам ё дирам, мисли ғитрифӣ, исмоилӣ ва м. инҳо ба роҳ монда шуда буд. Аз байни чунин навъи дирамҳо исмоилӣ аҳаммияти калон дошт. Доир ба арзиши он проф. А.Мирбобоев мулоҳиза ронда навишта буд, ки «дирамҳои исмоилӣ аҳаммияти умумидавлатӣ доштанд, асосан дар тиҷорати беруна истифода мегардиданд. Онҳо вазифаи асъорро иҷро карда, тавассути давлати феодалии Булғори соҳили рӯди Волга ба кишварҳои Аврупои Шарқӣ ва Шимолӣ интиқол меёфтанд. Аз шаҳрҳои Руси қадим, мисли Новгород, Киев ва ғ. бостоншиносон садҳо ва ҳатто ҳазорҳо дирамҳои зарби Хуросону Мовароуннаҳрро дар ҷараёни ҳафриёти бостонӣ ва дар таркиби пулҳои куфӣ аз

ганҷинаҳо дарёфт намудаанд. Равобити мутақобилаи қавму қабоили қадими халқҳои Евроосиё аз даврони бостон ҷой дошт. Аммо дар асри Х пас аз ташкил ёфтани давлати Киевии Рус ин алоқаҳо боз ҳам қавитар гаштанд. Давлати Киевии Рус дар ибтидои ташкилёбии хеш дар муомилоти бозорӣ *воҳиди пули худро надошт* (таъкиди мо-Х.С.). Аз ин сабаб, дар Руси қадим дар тӯли 130-140 сол дар гардиши молию пулӣ асосан дирамҳои зарби сомонӣ ва қисман дирамҳои зарби куфии Бағдод корбаст мегаштанд» [2, с.311-312].

Мисли чанд унсури луғавии боло калимаи *smaragdes*-и юнонӣ низ ба забони русии садаҳои XI-XVII дар шаклҳои *змарагдъ, измарагдъ, измарагдонъ, изумрудъ* ва *зумрудъ* иқтибос гардидааст [13, в.6, 36, 70]. Аз байни ин вариантҳо, чунонки М.Фасмер низ ишора менамояд, гунаи *зумрудъ* ба воситаи забонҳои арабӣ ва баъдан тоҷикӣ ва ниҳоят туркӣ ба русии куҳан роҳ ёфтаанд [11, Т.2, с.123].

Мураттиби «Фарҳанги этимологӣ; решаҳои бостон дар забони русӣ» дар бораи мансубияти забонии ин калима андеша ронда навиштааст, ки «муҳаққиқи римӣ Плиний *зумуррад*ро вожаи форсӣ (тоҷикӣ-Х.С.) ба шумор оварда, чунин пиндоштааст, ки он дар зебоӣ аз кулли сарвати заминӣ ва дар муаттарӣ аз гулҳои баҳорӣ имтиёз доштааст…Номбурда қайд кардааст, ки беҳтарин зумуррад скифист ва сабаби чунин буданаш ба халқе нисбат дода мешавад, ки ин сарват дарёб карда мешавад ва он дар маҷмӯъ 12 навъ мешавад» [8, с.162]. Вале назари дуруст ин аст, ки калимаи мазкур дар асл юнонӣ буда, ба воситаи якчанд забон, аз ҷумла тавассути забони тоҷикӣ ба забони русӣ роҳ ёфтааст.

Дар матнҳои солҳои 1462, 1499 ва 1682-юм шаклҳои *изумруть*, *изумрудь* чунин истифода шудааст: Икона золота на изумруть [13, в. 6, 211]. Серги лапчатые съ изумруды и съ жемчюги [13, в. 6, 211]. Богатство его бысть тывел камень цьньнъ и навязалась си еси, сардионипан, зионъ, измарагдон [13, в.6, 171].

Шакли *измарагдъ*и ин калима дар ифодаи ду маъно омадааст: а) зумуррад; б) номи китоби пандуахлоқӣ: Сквозь цую землютечет Инодоиия… в ней же берутъ камень измарагдъ и сапфиръ [13, в. 6, 171].

Маълум аст, ки забонҳои тоҷикиву ҳиндӣ бо ҳамдигарашон хеши наздик буда, ҳарду ба шохаи ориёии забонҳои ҳиндуаврупоӣ дохил мешаванд. Бинобар ин, баробари дар онҳо вуҷуд доштани калимаҳои муштарак боз як силсила унсурҳои луғавие низ мавҷуд мебошанд, ки ба яке аз ин забонҳо мансуб буда, онҳо дар замонҳои мухталиф аз яке ба дигаре гузаштаанд. Ҳангоми иқтибосшавӣ чунин калимаҳо низ мисли гурӯҳҳои дигари унсурҳои луғавӣ гоҳ ба тағйироти ҷиддӣ ва гоҳ ба дигаргунии ҷузъӣ дучор гардидаанд. Баъзан чунин ҳам шудааст, ки қисме аз онҳо ба таври шинохтанашаванда дигар шуда, аз шакли ибтидоии худ хеле дур рафтаанд. Дар ин хусус бархе аз аҳли тадқиқ хуб ишора намудаанд, ки «вожаҳо дар як забон бо мурури замон ва убури маконҳо бо бархӯрдҳои мухталиф мувоҷеҳ гардида, қисман ё куллан тағйири шаклу мазмун менамоянд. Чунин тағйирот, қабл аз ҳама, аз лиҳози баргашти овоӣ, тахфиф ё изофаи овозҳо ба амал меояд. Шояд ба сабаби гирифторӣ ба муҳитҳои гуногуни забонӣ бошад, ки қисме аз вожаҳо, ки дар доираи пешзабон ё умумияти забониву қавмӣ вуҷуд доштанд, ба таҳаввулот ва баргаштҳо мувоҷеҳ гардида, қисмати дигаре аз он вожаҳо аз чунин гирифторӣ берун мондаанд» [3, с.113-114].

Яке аз ин гуна калимаҳо *сандал* аст. Ин калима дар матнҳои забони русии садаҳои XI-XVII дар шакли *сандалъ* мавриди истифода қарор гирифтааст. Онро мураттибони «Фарҳангномаи забони русии садаҳои XI-XVII» чунин эзоҳ додаанд: «Номи якчанд навъи дарахт, ки аз мағзи онҳо ранг омода карда шуда, дар дигар корҳои сохтмон истифода карда мешавад; инчунин худи мағзи ин дарахт, ки аз он ранг ҳосил карда мешавад» [12, в. 23, 57]. Аз қайди мураттибони луғати зикршуда маълум мешавад, ки воҳиди луғавии мазкур дар матнҳои солҳои 1472, 1664, 1670 ва 1675-ум истифода гардидааст: Древо небольшие сандалъ… и тамъ красятъ кожи и иное, что изъ ньмецкого сандалу [13, в. 23, 56].

Дар матнҳои забони русии садаҳои XI-XVII як навъи пойафзол, ки имрӯз дар забони тоҷикӣ *сандал* ном дорад, ба гунаҳои *сандалие*, *сандалия* ва *седалия* ба кор рафтааст. Мураттибони «Фарҳангномаи забони русии садаҳои XI-XVII» ин калимаро чунин эзоҳ додаанд: «Пойафзоли шакли кафакидошта, ки ба пой бо тасмаҳо ҳамроҳ карда мешавад ё туфлии бепошна» [13, в.23, 57].

Аз ишораи дар ин луғатнома тазаккурёфта маълум мегардад, ки *сандал* ба ин маъно ҳанӯз дар матни мансуб ба соли 1057-ум ба кор рафта будааст: Видятъ монисто девичье лежащее и сандалия женская [13, в. 23, 57]. Нашел у крестъянские жены сапоги красные и почал в них обувается а сам реге: раб божий Иван в седалия, а я обуваюсь в новые сапоги крестъянские [13, в. 24,19]. Перешед тот камень, степь голая, только лес небольшой, называют его соксоул…По пескам и по камню во всей де Орде растет древо соксоун, подобно сандалу, а большаго леса никакого нет [13, в. 26, 125].

Мураттибони «Фарҳангномаи забони русии садаҳои XI-XVII» дар ҷойи дигар боз як маънои калимаи мазкурро эзоҳ дода, онро «номи пойафзоли роҳибон» маънидод кардаанд

ва ба сифати далел чумлаи зеринро овардаанд: И мнихомъ наручовахуся…горящее углие за сандалие…ихъ засыпающе [13, в. 23, 57].

Дар матни соли 1675-ум калимаи *майна* ба маънои «соч, сор» ба кор рафтааст: В поминках к великому государю с тем послом прислано будет…2 майны гиворливые, 2 малчика арапов [13, в.9,10].

М.Фасмер ду калимаи омонимии *майна*ро ишора карда бошад ҳам, аммо онҳо ба он маъное, ки дар матни мо омадаанд, мувофиқат намекунад [11, Т.2, с.559]. Муаллифи «Ғиёс-ул-луғот» оид ба калимаи *майна* мулоҳиза ронда, ҳиндӣ буданашро ишора намудааст ва навиштааст, ки «ва билфатҳ (яъне *майно*) тоири маъруф, ки сиёҳранг бошад; ба ин маънӣ лафзи ҳиндист» [9, Ҷ.2, с.326].

М. Ҳасандӯст решаи ҳиндӣ доштани *майна*ро қайд намуда овардааст, ки он аз забони мазкур ба як қатор забонҳо, монанди балучӣ (*menā*), англисӣ (*mina, myna*) дохил шудааст, аммо доир ба усули роҳёбии он ба забонҳои дигари ҷаҳон ӯ хомӯш мондааст [12, Ҷ.4, с.2690].

Тавре ки ишора шуд, чунин калимаҳо аз ҷиҳати истифода гардиданашон дар як ё якчанд шеваю лаҳҷа аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Ҳиссае аз чунин калимаҳо то андозае аз асли худ дур рафтаанд ва чунин ҳолат боиси он гардидааст, ки аксари муҳаққиқон дар муайян намудани роҳи пайдоиши онҳо иштибоҳ кардаанд.

Дар робита ба корбурди ин гуна калимаҳо бояд афзуд, ки роҷеъ ба асли баромади баъзеи чунин воҳидҳои луғавӣ байни олимону фарҳангнигорон баҳсҳо вуҷуд доранд. Баъзеи чунин воҳидҳои луғавӣ дар матнҳои русии садаҳои XI-XVII дар чандин мувозӣ гардиш доштаанд.

Аз таҳлили хусусиятҳои истифодаи иқтибосҳои портӣ дар таркиби унсурҳои луғавии сохтаву мураккаби забони русии садаҳои XI-XVII маълум мешавад, ки иқтибос шудани ин гуна унсурҳои луғавӣ таърихи тӯлонӣ дошта, ҳамаи онҳо аз рӯйи зарурат ва тақозои забон ҷараён гирифтаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Мирбобоев А. Дирҳам/дирам / А. Мирбобоев // Донишномаи Сомониён; зери назари академик Н.Ю. Салимов. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2009. – Т. 1. – С. 311-312.
2. Муҳтарам Ҳотам. Ориётоҷикон: 18000 сол пеш… /Муҳтарам Ҳотам.– Душанбе: Деваштич, 2004. – 244 с.
3. Слово о русском языке. – М.: Русский язык, 1991. – 367 с.
4. Хайдари Ш. Из истории изучения антропонимики ираноязычных народов / Ш. Хайдари. – Пермь, 2009. – 192 с.
5. Шанский Н.М. и др. Современный русский литературный язык / Н.М. Шанский [и др.]. – Л.: Просвещение, 1988. – 670 с.
6. Эдельман Дж.И. Иранские и славянские языки. Исторические отношения / Дж.И. Эдельман. – М.: Восточная литература, 2002. – 229 с.
7. Ильяхов А.Г. Этимологический словарь. Античные корни в русском языке / А.Г. Ильяхов. – М.: АСТ. Астрель, 2010. – 669 с.
8. Муҳаммад Ғиёсуддин. Ғиёс-ул-луғот / Ғиёсуддин Муҳаммад. – Душанбе: Адиб, 1987. – Т. 1. – 480 с.; 1988. – Т. 2. – 416 с.
9. Фарҳанги забони тоҷикӣ. – М.: Советская энциклопедия, 1969. – Т. 1. – 951 с.; т. 2. – 947 с.
10. Фасмер М. Этимологический словарь русского языка. В четырех томах / М. Фасмер. – М.: Прогресс, 1986. – Т. 1 (А-Д), – 573 с.; 1986. – Т. 2 (Е-муж), – 671 с.; 1987. – Т. 3 (муза-сят), – 830 с.; 1987. – Т. 4 (Т-ящур), – 860 с.
11. فرهنگ ریشهشناختئ زبان فارسی جلد اوّل چهارم تهران.حسندوست م .1393
12. Словарь русского языка XI-XVII вв. Указатель источников / глав. ред. С.Г. Бархударов; сост. Л.Ю. Астахина [и др.] – М.: Наука, 1975. – 126 с.

ИҚТИБОСҲОИ ПОРТӢ ДАР ТАРКИБИ УНСУРҲОИ ЛУҒАВИИ СОХТАВУ МУРАККАБИ ЗАБОНИ РУСИИ САДАҲОИ XI-XVII

Дар мақолаи мазкур иқтибосҳои портӣ дар таркиби унсурҳои луғавии сохтаву мураккаби забони русии садаҳои XI-XVII мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Ба таркиби луғавии забони русии садаҳои XI-XVII ворид гардидани калимаҳои тоҷикӣ ҳодисаи манфӣ набуда, балки боиси ғанӣ шудани лексикаи он шуд ва сабаби боз ҳам тараққӣ кардани он гардид. Ба чунин мулоҳизарониҳо ҳаминро метавон илова кард, ки халқҳои славянизабон бо тоифаҳои эронизабон низ аз қадим алоқа доранд. Бояд гуфт, ки барои иқтибос гардидани ин гуна калимаҳо ба забони русӣ роли забони тоҷикӣ дар духули унсурҳои забонҳои дигари ҷаҳон калон аст. Лозим ба таъкид аст, ки забони тоҷикӣ на танҳо калимаҳои зиёди худиро ба забони русӣ ба қарз додааст, балки он боз ҳамчун забони миёнарав барои роҳёбии дастаи калони унсурҳои луғавии забонҳои дигари эрониву ғайриэронӣ хидмати шоистаеро ба ҷо овардааст. Чунин калимаҳо аз ҷиҳати истифода гардиданашон дар як ё якчанд шеваю лаҳҷа аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Ҳиссае аз чунин калимаҳо то андозае аз асли худ дур рафтаанд ва чунин ҳолат боиси он гардидааст, ки аксари муҳаққиқон дар муайян намудани роҳи пайдоиши онҳо иштибоҳ кардаанд. Аз таҳлили хусусиятҳои истифодаи иқтибосҳои портӣ дар таркиби унсурҳои луғавии сохтаву мураккаби забони русии садаҳои XI-XVII маълум мешавад, ки иқтибос шудани ин гуна унсурҳои луғавӣ таърихи тӯлонӣ дошта, ҳамаи онҳо аз рӯйи зарурат ва тақозои забон ҷараён гирифтаанд.

Калидвожаҳо: иқтибосҳои портӣ, корбурди иқтибосоти портӣ, унсурҳои луғавии сохтаву мураккаби забони русии садаҳои XI-XVII, воҳидҳои луғавӣ, калимаҳои тоҷикӣ, халқҳои славянизабон.

ПАРФИЙСКИЕ ЗАИМСТВОВАНИЯ В СОСТАВЕ СОСТАВНЫХ И СЛОЖНЫХ СЛОВАРНЫХ ЭЛЕМЕНТОВ РУССКОГО ЯЗЫКА XI-XVII ВЕКОВ

В данной статье автором подвергнуты рассмотрению и изучению парфийские заимствования в составе составных и сложных словарных элементов русского языка XI-XVII веков. Вхождение таджикских слов не было отрицательным явлением, наоборот это стало средством обогащения словарного состава русского языка и его большего развития. К таким размышлениям можно добавить, что славяноязычные народы имеют тесную связь и с ираноязычными народами еще с древних времен. Нужно констатировать, что в процесс заимствования данных слов в русский язык внес большую лепту и таджикский язык. Так как таджикский язык заимствовал не только большое количество своих слов в русский язык, он также послужил посредником и путеводителем для большого количества словарных элементов других иранских и неиранских слов. Такие слова различаются и способом использования в нескольких стилях и говорах друг от друга. Часть данных слов настолько далеко ушла от своих исконных значений, что причиняет неудобства некоторым исследователям при определении пути появления данных слов. Из анализа особенностей свойств использования парфийских заимствований в составе составных и сложных словарных элементов русского языка XI-XVII веков выясняется, что заимствование данных словарных элементов имеет давнюю историю.

Ключевые слова: парфийские заимстования, использование парфийских заимствований, составные и сложные словарные элементы русского языка XI-XVII веков, словарные единицы, таджикские слова, славяноязычные народы.

PARTHIAN BORROWINGS IN THE COMPOSITION OF COMPOSITE AND COMPLEX VOCABULARY ELEMENTS OF THE RUSSIAN LANGUAGE OF THE 11TH-17TH CENTURIES

In this article, the author subjected to consideration and study of Parthian borrowings in the composition of composite and complex vocabulary elements of the Russian language of the XI-XVII centuries. The entry of Tajik words was not a negative phenomenon; on the contrary, it became a means of enriching the vocabulary of the Russian language and its greater development. To such reflections, we can add that the Slavic-speaking peoples have a close relationship with the Iranian-speaking peoples since ancient times. It should be noted that the Tajik language also contributed to the process of borrowing these words into the Russian language. Since the Tajik language borrowed not only a large number of its words into the Russian language, it also served as an intermediary and guide for a large number of vocabulary elements of other Iranian and non-Iranian words. Such words differ in the way they are used in several styles and dialects from each other. Part of these words has gone so far from their original meanings that it causes inconvenience to some researchers in determining the path of occurrence of these words. From an analysis of the features of the properties of using Parthian borrowings in the composition of composite and complex vocabulary elements of the Russian language of the XI-XVII centuries, it turns out that the borrowing of these vocabulary elements has a long history.

Key words: Parthian borrowings, the use of Parthian borrowings, compound and complex vocabulary elements of the Russian language of the XI-XVII centuries, vocabulary units, Tajik words, Slavic-speaking peoples.

Сведения об авторе: ***Холшехова С.А.*** **–** Худжандский государственный университет им. Б. Гафурова, соискатель. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, пр. Мавлянбекова 1

Information about the author: Kolshekhova S. A. - Khujand State University named after B. Gafurova, applicant. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, 1 Mavlyanbekova Ave.

УДК: 492.7.09:491.550.3

ДАР БОРАИ БАРХЕ АЗ ИҚТИБОСОТИ АРАБИИ ИФОДАКУНАНДАИ МАФҲУМҲОИ ТАСАВВУФ ДАР НАСРИ БАДЕИИ АБДУРРАҲМОНИ ҶОМӢ

Ҷумъаев М.О.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Тасаввуф дар афкори фалсафаи иҷтимоӣ ва бадеию эстетикии тоҷику форс роҳи чандинасраи душвору мураккаберо тай кардааст. Назарияву консепсияҳои дар чаҳорчӯбаи тасаввуф бавуҷудомада ва таълимоти алоҳидаи афкори иҷтимоиву фалсафӣ на танҳо дар назму насри асримиёнагии тоҷику форс, балки дар адабиёти дигар халқҳои мусалмон низ инъикос ёфтаанд [11, с.220; 12, с.208]. Ба ибораи дигар, дар мероси адабии асримиёнагии тоҷику форс тасаввуф мавқеи назаррас дошта, барои тарғиби назарияи фалсафаи илоҳиёт ва афкори тасаввуфӣ нақши муассир гузоштааст. Тасаввуф на танҳо афкори ҷамъиятиву фалсафӣ ва тарзи ҳаёти адибонро дигар намуд, балки ба ташаккули забони адабиёти классикӣ ва ғановати лексикии он, ҳатто ба дараҷаи муайян ба таҳаввули унсурҳои грамматикии забон мусоидат намуд.

Чунин тамоюл дар забони адабиёти тоҷику форс чанд садсола давом намуд ва дар ин муддат ба забони адабии хаттии тоҷикӣ (форсӣ) миқдори зиёди воҳидҳои луғавӣ ва унсурҳои грамматикии забони арабӣ ворид гардиданд. Барои таҳкими чунин унсурҳои лексикию грамматикии забони арабӣ дар таркиби луғавии забони мо назму насри сӯфиёна мусоидат намуда, дар ташаккули забони адабии хаттии он давра таъсири калон расонид. Аз тадқиқотҳои анҷомдодаи муҳаққиқон бармеояд, ки қисми назарраси иқтибосоти арабии ин даврараро лексикаи махсуси сӯфиёна ё истилоҳоти ирфонӣ ташкил медиҳанд.

Дар насри бадеии Абдурраҳмони Ҷомӣ – «Нафаҳот-ул-унс» ва «Баҳористон» низ истилоҳоти ирфонӣ мавқеи назаррас доранд ва қисми зиёди ин гуна вожаҳо иқтибосоти

арабӣ мебошанд. Мо дар ин мақола тасмим гирифтем, дар бораи баъзе аз ин гуна вожаҳо сухан ронем.

1. Калимаҳои ифодакунандаи мафҳумҳои пешвою роҳнамоӣ дар тасаввуф. Чунонки маълум аст, тарбияи инсони комил дар маркази таваҷҷуҳи аҳли тасаввуф қарор дорад. Барои инсони комил шудан шахс ба роҳбариву роҳнамоӣ ниёз дорад ва ӯ бояд дар хидмати устоди маънавӣ бошад. Аз ин рӯ, як гурӯҳи вожаҳои ирфониро **калимаҳои ифодакунандаи мафҳумҳои пешвою роҳнамоӣ дар тасаввуф** ташкил медиҳанд. *Шайх, шайх-ул-ислом, шайх-улмашоих, муршид, мавло, халифа, иршод*, ки дар поён шарҳи онҳо оварда мешавад, аз ҳамин қабил вожаҳо мебошанд.

Шайх – аз серистеъмолтарин истилоҳи сӯфиёна дар асарҳои мавриди тадқиқи мо, бахусус дар «Нафаҳот-ул-унс» аст. Ин калима имрӯзҳо низ аз боиси доираи васеи истеъмолаш маъмул буда, маъноҳои зиёде касб кардааст ва ҳатто дар таркиби воҳидҳои устувору зарбулмасалу мақолҳо низ меояд: *«**Шайх**ро ҳунар нест, хонақоҳ танг аст».*

Он калимаи арабӣ буда, аслан маънои ***«марди пир»***-ро дорад [6, с. 558]. Инсони солхӯрдаи синнаш ҳадди ақал аз панҷоҳ боло [1, с. 868]. Айнан муродифи калимаи ***«пир»*** аст. Чун истилоҳи ирфонӣ он низ ба маънои ***пешво*** омада. Саҷҷодӣ гӯяд: *«**шайх** – пешво бузурги қавм, пир. Ба назди орифон муршид ва мурод ва қутбро гӯянд, ки дар шариат ва тариқат ва ҳақиқат комил шуда бошад»* [13, с. 514]. Ба ибораи дигар, шайх роҳбари хонақоҳи сӯфиён мебошад. Аз рӯйи вазифа шайх ба устод наздик аст, вале бар замми устод будану таълим додан ӯ робитаи маънавиро бо шогирдон ба роҳ мемонад ва устоди маънавӣ низ ба ҳисоб меравад. Дар баробари тариқати рӯҳонӣ шайх бояд улуми фиқҳ, тафсири Қуръон ва ҳадисро донад. Ӯ бояд дорои сифатҳои беҳтарини ахлоқиву маънавӣ бошад. Шайхро ҳамчунин муршид меноманд [1, с.496]:

***Шайх** аҳли ишорат ва ҳақоиқу лисони тасаввуф буд дар замони худ* [15, с.335]; **Шайх**ро вақт хуш шуд. Пурсид, ки:

– Ин шеъри кист?

Гуфтанд:

– Аз они Имора [8, с.442].

Калимаҳои ***«Шайх-ул-машоих»*** ва ***«Шайх-ул-ислом»*** низ дар «Нафаҳот-ул-унс» фаровон истеъмол мегарданд, ки мутаносибан маънои *«пешво ва ислом»* ва *«роҳбару пешвои машоих, пири пирҳо»*-ро доранд:

*Ба Шероз буда ва модари вай аз Нишопур аст. Дар вақти худ **шайх-ул-машоих** буд, вайро **шайх-ул-ислом** мехонданд* [15, с.240].

Муршид – донишманд, олим ё шахси зоҳиду порсо, ки аз тоату ибодати Аллоҳ ба натиҷае расида, дар ин ҷода шогирдонро тарбия менамояд. Дар тасаввуф роҳбари хонақоҳи сӯфиён ва муродифи вожаи шайх аст [1, с.496]:

*Чун ҳоли таҷрид кард ва дар талаби **муршид** мусофир гашт ва ба ҳар кас, ки мерасид, иродат дуруст намекард* [9, с.522].

Мавло – калимаест, ки маъноҳои зиёду мухталиф дорад. Дӯст, хоҷа, соҳиб, хӯҷаин, ёвар, ҳомӣ, инсоне, ки корҳои хуб анҷом медиҳад, шахсе, ки ягон корро анҷом медиҳад; ҳамсоя, ҳамсафар, ҳамроҳ, насл, авлод, фарзанд, тағо, амак, писартағо, писарамак, хоҳарзода, додарзода ва ғайра аз ҷумлаи маъноҳои он мебошанд. Шакли ҷамъи он мавлоӣ мебошад. Дар Қуръон ин калима нисбат ба Аллоҳ ба маънои Худованд, Соҳиб, Ёвару Мададгор; Муҳофиз, Парастор кор фармуда шудааст. Ҳамчунин дар гузашта ҳам собиқ ғуломони озодшуда ва ҳам хӯҷаини онҳоро озодкардаро, агар дар байни онҳо муносибати дӯстонаи наздик давом мекард, мавло меномиданд [1, с.463-465]. Дар тасаввуф ба сифати унвони махсус нисбат ба шахсони ниҳоят донишманд, ки бо порсоиву тақводорӣ аз дигарон фарқ мекарданд, кор фармуда мешуд ва бо вожаҳои шайх ва муршид муносибати синонимӣ дошт. Ба донишмандону пешвоёни тасаввуф унвони ***«мавлоно»*** дода мешуд, ки маънои *«ёвару мададгор ва роҳнамои мо»*-ро дорад. Ба монанди: *Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ, Мавлоно Саъдуддини Қошғарӣ* ва ғайра. Ин калима дар «Нафаҳот-ул-унс» ҳам ба маънои *«банда, чокар»* ва ҳам ҳамчун унвони ифтихории аҳли тасаввуф кор фармуда шудааст:

*Агар назаре дар кори фарзанди мо кунӣ, то чашми вай равшан шавад, ҳар чӣ дорем, фидои ту ва мо банда ва **мавло**и ту...* [9, с.458]; *Хидмати **Мавлоно** мефармуданд, ки ҳаргиз шабе аз он бар ман сахттар аз он шаб нагузашта буд…* [9, с.496].

Қутб – раҳбари бузурги аҳли тариқат ва ҳақиқат. Қутб касе аст, ки аҳли ҳол ва ақд буда ва аз авлиё-ул-лоҳ аст ва Худо тилисми аъзам бад-ӯ иноят мефармояд. Қутб дар олами вуҷуд ба манзалаи рӯҳ аст дар бадан [13, с.641]. Дар тариқатҳои тасаввуф дараҷаи баланди қудсият дар мартабаи авлиё мебошад. Қутб дар муносибатҳои Аллоҳ бо инсонҳо худро ҳамчун миёнрав таҷассум намуда, ба «инсони комил» монанд карда мешуд. Он ҳамчунин соҳиби донишҳои ниҳонӣ буд. Тахмин карда мешавад, ки ин мафҳум ба тариқатҳои тасаввуф аз шиаҳо ворид гардидааст, зеро шабоҳати он бо тасаввуроти онҳо дар бораи дурусткор будани имом мушоҳида карда мешавад. Дар тариқатҳои мухталифи тасаввуф қутб нақши пешворо мебозид [1, с.398]:

Ба Фарангистон бозгард ва азизони он диёрро мушарраф гардон ва ***қутби*** *он ҷамоат бош* [9, с.578].

Халифа – дар асарҳои Ҷомӣ ин калима ҳам ба маънои динӣ ва ҳам ба маънои ирфонӣ ба кор бурда шудааст, ки мо дар пажӯҳиши қаблӣ маънои динии онро баён намудем. Дар тавассуф маънои вориси бевоситаи асосгузори маслаки тасаввуфӣ ё шохаҳои онро дорад. Шайхҳои тариқат ба халифаҳои сӯфия барои роҳбарӣ кардан ба қисми муайяни пайравону ҳаммаслакони худ иҷозат медоданд [1, с.483]:

Дар он вақт набераи вай Шайх Нуриддин Абдурраҳмон Шайхулисломи Бағдод буд ва ***халифаи*** *ҷадди бузургвори худ буд* [9, с.555].

Иршод – роҳи рост нишон додан, ҳидоят кардан, роҳнамоӣ кардан, роҳбарӣ кардан; ҳидоят, роҳбарӣ, роҳнамоӣ [5, с.492]. Дар тасаввуф ҳидояту роҳбарӣ ва роҳнамоии мурид, ки аз тарафи муршид анҷом дода мешавад:

Аз фалон мамлакат, вайро иҷозати ***иршод*** *навишт, то дар мамлакати худ халқро ба Ҳақ иршод кунад* [9, с.520].

2. Гурӯҳи дигари истилоҳоти ирфониро **вожаҳои ифодакунандаи пайравону шогирдони пешвоёни аҳли тариқат** ташкил медиҳанд:

Мурид – касе, ки пайрави мурод ва муршид бошад, касеро гӯянд, ки ба сайр ила-л-Лоҳ пардозад. Мурид назди сӯфиён ва аҳли сулук касе аст, ки аз иродаи худ муҷаррад шудаву аз мо сивои Аллоҳ бурида бошад. Муридиро ду маънӣ аст: яке ба маънии муҳаббат, яъне солики маҷзуб, дувум ба маънии муқтадӣ, ки Ҳақ дидаи ӯро ба нури ҳидоят бино гардонида, то вай ба нуқсони худ бингарад ва доиман дар талаби камол бошад ва магар ба ҳусули мурод ва вуҷуди қурби Ҳақ ором нагардад [15, с.715].

Мустафид – ба маънои *«фоидабаранда, баҳраманд»* [5, с.758]. Шахсе, ки аз ризояти муршид баҳраманд аст.

Толиб – калимаи арабӣ бар вазни فَاعِلٌ аст ва маънои *«ҷӯянда»* дорад. Дар ирфон ба маънои *«хостор, ҷӯянда, ҷӯяндаи роҳи бандагӣ ва убудияти ҳақ»* кор фармуда мешавад [15, с.549]. Ҷомӣ калимаи *мустафид*ро ҳамчун муродифи ҷуфти *мурид* кор мефармояд ва дар маҷмӯъ вожаҳои *мурид, мустафид ва толиб* ба маънои шогирди муршид кор фармуда шудаанд:

Ва баъд аз он ба Чишт муроҷиат кард ва ба тарбияти ***муридону мустафидон*** *машғул шуд ва аз атроф* ***толибон*** *рӯйи иродат ба суҳбат ва хидмати вай оварданд* [9, с.420].

3. Мафҳумҳои ифодакунандаи мартабаҳои ирфонӣ. Вазифаи асосии калима дар забон ба предметҳо ном гузошта, ба ин васила ба вуҷуд овардани мафҳум дар бораи предметҳои ҳамҷинс ва дар баробари ин, фарқ ва ҷудо кардани онҳо аз предмету мафҳумҳои дигар аст. Ҳамаи ин бо роҳҳои гуногун, ба монанди инкишофи тадриҷии маъно ва навъҳои маҷоз, калимасозӣ сурат гирифта, боиси он мегардад, ки якчанд мафҳум бо як калима ном бурда шавад. Аз ин имконияти забон аҳли тасаввуф низ истифода бурда, калимаҳои маъмул ё истилоҳоти соҳаҳои дигарро маъниҳои сӯфиёна бахшидаанд, яъне онҳо калимаи нав насохта бошанд ҳам, бештар аз имконоти маъноии калима истифода кардаанд. Дар ин маврид забоншинос С. Ҳалимов изҳор медорад: *«Онҳо (аҳли тасаввуф – Ҷ.М.) муътақид буданд, ки тамоми таассуротро бо сухан ифода кардан мумкин нест. Бинобар онҳо маҷбур буданд, ки дар рӯйи забони осорашон бисёр кор кунанд ва ин қисман сабаби пайдоиши лексикаи махсус бо семантикаи дигар гардид. Ҳамин тариқа, дар адабиёти аҳли тасаввуф бисёр калимаҳои маъмули забонамон маънои нав пайдо карданд»* [7, с.80].

Шарҳи зинаҳои тасаввуф, мартабаву мақом аз мавзӯи мо берун аст, аз ин рӯ, дар ин хусус суханро дароз накарда, бевосита ба шарҳи ин гурӯҳи истилоҳот гузаштанро афзалтар мешуморем. Аз рӯйи шарҳи онҳо ба андозае дар бораи зинаҳои мартабаҳои сӯфиён ошно шудан мумкин аст, ки дар «Нафаҳот-ул-унс» оварда шудаанд.

Дар байни вожаҳои ифодакунандаи мартабаҳои ирфонӣ калимаи ***«сӯфӣ»*** мақоми асосӣ дорад. Ин калимаро Е. Э. Бертелс [2], А. Муҳаммадхоҷаев [3], Саид Нафисӣ [16], Саидҷаъфари Саҷҷодӣ [13] батафсилу тӯлонӣ шарҳ додаанд. Аз ҷумла дар шарҳи ин калима чунин гуфта мешавад:

Сӯфӣ – он ки ҷомаи пашмин пӯшад, пашминапӯш, касе, ки пайрави тариқаи тасаввуф бошад. Дар шарҳу тафсири маънии сӯфӣ ҳам аз ҷиҳати луғавӣ ва ҳам аз ҷиҳати истилоҳӣ ихтилофи назар мавҷуд аст. Баъзе сӯфиро аз он ҷиҳат сӯфӣ гӯянд, ки ҷомаи сӯф дорад ва пӯшад. Гӯрӯҳе бад-он ҷиҳат сӯфӣ гӯянд, ки дар сафи аввал бошад. Баъзе дигар баромади ин калимаро ба **«асҳоби суффа»** нисбат медиҳанд. Бархе бар онанд, ки сӯфӣ аз **«сафо»** муштақ аст. Баъзе гӯянд: сӯфӣ муштақ аз **«сӯфа»** аст ва он ба маънои дурафтода аст, ки ҳеҷ кас бад-он рағбат надошта бошад ва чун сӯфия аз халқ дурӣ намоянд, мисли он ҳастанд, ки дур афтодаанд. Ҳамчунин ба андешаи баъзеи дигар сӯфиро аз он ҷиҳат сӯфӣ гӯянд, ки асрори онҳо соф ва осорашон пок аст. Аз ин ҷиҳат аст, ки мегӯянд: сӯфӣ касе аст, ки дили худро бо Худо соф карда бошад ва ё сӯфӣ касе аст, ки муомилати ӯ бо Худо соф бошад…

Дар бораи сӯфӣ матолиб бисёр аст. Мувофиқи маълумотҳо нахустин касе, ки вожаи сӯфиро ба кор бурд, Ҳофизи Басрӣ буд ва нахустин касе, ки исми сӯфӣ бар вай ниҳода

шуд, Абӯҳошими Кӯфӣ (ваф. соли 151 ҳичрӣ) буд. Ба қавле сӯфӣ унвоне аст, ки бағдодиён онро баровардаанд ва дар замони асҳоби расули Худо ва пас аз он шунида нашуда аст. Баръакс, бархе ин қавлро нақз карда ва пиндоштанд, ки ин ном дар замони расули акрам ва пеш аз он маъруф будааст, ҳамон гуна, ки пеш аз Ислом вуҷуд доштааст. Сӯфиён хонаи Худоро тавоф мекарданд ва бо фақр машҳур буданд. Дар истилоҳ сӯфӣ касе аст, ки дар вуҷуди худ фонӣ ва бо вуҷуди Худо боқӣ ва касе аст, ки қалбаш барои Худо поку соф аст. Боз барои он сӯфӣ меноманд, ки дар сафи аввали маҳзари Ҳақ қарор гирифтааст ё номаш бо номи аҳли суффа наздик аст. Ибни Арабӣ сӯфиёнро дорои макорими ахлоқӣ медонад, ки ба худашон чизе нисбат намедиҳанд, яъне молики чизе намебошанд ва ба ҷуз Худо ба чизе такя надоранд ва аз онон хирқи одат анҷом мегирад, то бад-ин васила дар тасдиқ ва сиҳҳати иддаояшон дар мавқеи зарурат далел биёваранд. Яъне, чунин мекарданд ва ин аъмол барояшон одӣ шуда буд ба гунае, ки бар рӯйи об ва ҳаво роҳ мерафтанд, ҳамон гуна ки мо ва ҳар ҷунбандае бар рӯйи замин ҳаракат мекунем. Вай дар аҳволи сӯфӣ, ки худро муқарраби даргоҳи Ҳақ ва муттасил ба илми илоҳӣ медонад, мегӯяд: *«Худро нороҳат макун ва дигаронро нороҳат масоз ва чун касе бош, ки дар ҳоли дигаргунӣ ва тағаййур аст. Ҳар гоҳ чунин набошӣ, ба ҳақиқат огаҳӣ нахоҳӣ ёфт, ба мақсад нахоҳӣ расид»* [14, с.470-474].

Сӯфӣ *бе хидмат набувад, аммо тасаввуф на хидмат аст* [9, с.70].

Зоҳид –шахси рӯйгардонда аз дунё ва баҳраҳои дунёӣ [14, с.441].

Шайхулислом фармуд, ки аввал мусалло бар тоқ неҳу бирав, илм омӯз, ки ***зоҳиди*** *беилм масхараи шайтон бошад* [15, с.333].

Калимаи ***зоҳид*** дар адабиёти классикӣ ниҳоят маъмул ва серистеъмол буд. Он бештар ба маънои *«касе, ки хоҳони дунё нест, гӯшанишин, парҳезгор, порсо, он ки тарки дунё кардааст, диндор»* [5, с.458] истеъмол мегардад:

Зоҳидӣ *чист? Тарки бад гуфтан,*
Ошиқӣ чист? Тарки худ гуфтан [14, с.441].

Аммо ин калима дар адабиёт муқобили **образи ринд**, ки шахси бебок, нотарс, дар баробари ин ба дунё бепарво аст, гузошта мешавад:

Айби ***ринд****он макун, эй* ***зоҳиди*** *покизасиришт,*
Ки гуноҳи дигаре бар ту нахоҳанд навишт.
Ман агар некаму ар бад, ту бирав худро, бош:
Ҳар касе он даравад, оқибати кор, ки кишт [10, с.120].

Албатта, дар «Нафаҳот-ул-унс» чунин маънӣ ба назари мо нарасид. ***«Зоҳид»*** дар асар ҳамон мартабаи аҳли тасаввуф аст. Ва ин ҷо шарҳи З. Мухторовро доир ба ин калима овардан кофист: ***«Зоҳид*** *аз калимаи* ***«зӯҳд»****-и арабӣ аст, ба маънои порсоӣ, тақводорӣ, парҳезгорӣ ва даст кашидан аз лаззоту манфиатҳои дунявӣ. Тасаввуф худ аз* ***зӯҳду зоҳидӣ*** *оғоз шуда, аввалкасони тасаввуф низ зоҳидон будаанд ва баъдҳо зӯҳд як мақоми тасаввуф буд, ки сӯфӣ то мақоми* ***«зӯҳд»****, яъне парҳезгориву порсоиро тай накунад, сӯфии комил набуд»* [4, с.71].

Аз мисоле, ки дар боло аз овардем, низ пай бурдан мумкиин аст, ки ***«зоҳидӣ»*** зинаи поён дар тасаввуф будааст.

Аҳли ишорат [15, с.335], мазҳаби абдол [15, с.283], аҳли каромот [15, с.283] аз ҷумлаи истилоҳоти ифодакунандаи мартабаҳои ирфонӣ ба ҳисоб мераванд:

Шайхи ***аҳли ишорат*** *ва ҳақоиқ лисони тасаввуф буд дар замони худ* [15, с.235; *Ин* ***мазҳаби абдол*** *аст ва эшон аз абдол буданд ва* ***аҳли каромот*** [15, с.283].

Аҳли ишорат – касеро гӯянд, ки аз мақоми илм гузашта ва ба мақоми шуҳуд расида бошад… [13, с.159].

Абдол – наздикон ва хосони Худо гӯянд, ки шумораи онҳо гӯё 70 нафар будааст [5, с.26]. ***Мазҳаби абдол*** пайравони ин равияро гӯянд.

Каромот – корҳои фавқулодае, ки гӯё аз тарафи авлиё содир мешудааст [5, с.541]. Пас, ***аҳли каромот*** авлиёро гӯянд.

Хулоса, иқтибосоти арабии ифодакунандаи мафҳумҳои тасаввуфӣ қисми таркибии асарҳои насрии Абдурраҳмони Ҷомиро ташкил медиҳанд. Ин гуна вожаҳо ба қабати махсуси лексикаи забони тоҷикӣ шомил гардида, таркиби луғавии онро бой мегардонанд. Донистани маънои ирфонии ин гуна вожаҳо барои фаҳмидани моҳият ва мазмуну мундариҷаи асарҳои он адибони тоҷику форс, ки аҳли тасаввуф мебошанд, мусоидат менамояд.

А Д А Б И Ё Т

1. Али-заде, А. Исламский энциклопедический словарь / А. Али-заде. – М.: Ансор, 2007. – 922 с.
2. Бертельс, Е.Э. Избранные труды. Суфизм и суфийская литература / Е. Э. Бертельс. – Москва: Наука, 1965. – Т. 3. – 524 с.
3. Мухаммадходжаев А. Гносеология суфизма / А.Мухаммадходжаев. – Душанбе: Дониш, 1990. – 113 с.
4. Мухторов, З. Лексикаи ирфонии ғазалиёти Саноӣ / З. Мухторов. – Душанбе: Ҳумо, 2001. – 128 с.
5. Фарҳанги забони тоҷикӣ / Дар зери таҳрири М. Ш. Шукуров, В. А. Капранов, Р. Ҳошим, Н. А. Маъсумӣ. – М.: Советская энциклопедия, 1969. – Ҷ. 1. – 962 с.

6. Фарҳанги забони тоҷикӣ / Дар зери таҳрири М. Ш. Шукуров, В. А. Капранов, Р. Ҳошим, Н. А. Маъсумӣ. – М.: Советская энциклопедия, 1969. – Ҷ. 2. – 948 с.
7. Ҳалимов, С.Ҳ. Таърихи забони адабии тоҷик (асрҳои XI - XII) / С.Ҳ. Ҳалимов. – Душанбе, 2002. – 96 с.
8. Ҷомӣ, Абдурраҳмон. Баҳористон / Абдурраҳмони Ҷомӣ. Осор. – Душанбе: Адиб, 1989. – Ҷ. 7. - 544 с.
9. Ҷомӣ, Абдурраҳмон Мавлоно Нуриддин. Нафаҳот-ул-унс мин ҳазарот-ил-қудс; таҳиягарони матн, муаллифони муқаддима ва феҳристҳо М. Оқилова, Б. Мирсаидов. – Душанбе, 2013. – 866 с.
10. Шерозӣ, Ҳофиз. Куллиёт; мураттиб ва муаллифи сарсухан Ҳ. Шанбезода. – Душанбе: Ирфон, 1983. – 672 с.
11. Юсупов, А.Ф. Суфизм в средневековой татарской культуре: роль особенности и модели мира / А.Ф. Юсупов, Н.М. Юсупова // Филологические науки. Вопросы теории и практики. – Тамбов: Грамота, 2012. – № 5. – С. 219-222.
12. Юсупов, А.Ф. О суфийской терминологии в языке татарской поэзии XIX века / А.Ф. Юсупов // Филологические науки. Вопросы теории и практики. – Тамбов: Грамота, 2014. – № 4 (34): в 3-х ч. – Ч. II. – С. 208-211.
13. فرهنگ اصتلاحات و تعبیرات عرفانی. تألیف دکتر سید جعفر سجادی. – تهران: طهوری، 1370. – 814 ص.
14. .14فرهنگ اصتلاحات عرفانی ابن عربی. نویسنده: دکتر گلبابا سعدی. – تهران: شفیعی، 1383. – 1041 ص.
15. نفحات الانس من حضرات القدس. تألیف نور الدین عبد الرحمان جامی. مقدمه تصحیح و تعلیقات دکتر محمد عبادی. – تهران، 1370. – 1214 ص. – ص. بست.
16. نفیسی، سعید. سرچشمه تصوف در ایران \ سعید نفیسی \ تهران، 1343. – 275 ص.

ДАР БОРАИ БАРХЕ АЗ ИҚТИБОСОТИ АРАБИИ ИФОДАКУНАНДАИ МАФҲУМҲОИ ТАСАВВУФ ДАР НАСРИ БАДЕИИ АБДУРРАҲМОНИ ҶОМӢ

Дар мақолаи илмӣ як қатор иқтибосоти арабии ифодакунандаи мафҳумҳои тасаввуф дар насри бадеии Абдурраҳмони Ҷомӣ мавриди баррасӣ қарор мегиранд. Таъкид карда мешавад, ки тасаввуф дар мероси адабии асримиёнагии тоҷику форс мавқеи назаррас дошта, барои тарғиби назарияи фалсафаи илоҳиёт ва афкори тасаввуфӣ нақши муассир гузоштааст. Он на танҳо афкори ҷамъиятиву фалсафӣ ва тарзи ҳаёти адибонро дигар намуд, балки ба ташаккули забони адабиёти классикӣ ва ғановати лексикии он, ҳатто ба дараҷаи муайян ба таҳаввули унсурҳои грамматикии забон мусоидат намуд. Муаллифи мақола як идда калимаҳои арабии ифодакунандаи мафҳумҳои тасаввуфиро, ки дар насри бадеии Абдурраҳмони Ҷомӣ ба назар мерасанд, мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Вожаҳои ифодакунандаи мафҳумҳои пешвою роҳнамоӣ дар тасаввуф, пайравону шогирдони пешвоёни аҳли тариқат ва мартабаҳои ирфонӣ аз ҳамин қабил мебошанд. Аз баррасии чунин вожаҳо муаллиф ба натиҷае мерасад, ки иқтибосоти арабии ифодакунандаи мафҳумҳои тасаввуфӣ қисми таркибии асарҳои насрии Абдурраҳмони Ҷомиро ташкил медиҳанд. Ин гуна вожаҳо ба қабати махсуси лексикаи забони тоҷикӣ шомил гардида, таркиби луғавии онро бой мегардонанд. Донистани маънои ирфонии ин гуна вожаҳо барои фаҳмидани моҳият ва мазмуну мундариҷаи асарҳои он адибони тоҷику форс, ки аҳли тасаввуф мебошанд, мусоидат менамояд.

Калидвожаҳо: тасаввуф, афкор, мероси адабӣ, назария, забон, лексика, адабиёт, истилоҳ, иқтибос, шарҳ, ахлоқ, мафҳум, таркиби луғавӣ, назария, консепсия.

О НЕКОТОРЫХ АРАБСКИХ ЗАИМСТВОВАНИЯХ, ВЫРАЖАЮЩИХ СУФИЙСКИЕ ПОНЯТИЯ В ХУДОЖЕСТВЕННОЙ ПРОЗЕ АБДУРАХМАНА ДЖАМИ

В статье подвергается анализу ряд арабских заимствований, выражающих суфийские понятия в художественной прозе Абдурахмана Джами. Подчеркивается, что суфизм занимает особое место в средневековом таджикско-персидском наследии и играет ключевую роль в пропаганде теории философии теологии (теофилософии) и суфийских взглядов. Он изменил не только общественно-философские взгляды и жизнь писателей и поэтов, но и способствовал развитию языка классической литературы и обогащению его лексического состава, даже в определенной степени эволюции грамматических средств языка. Автор статьи проанализировал ряд арабизмов, выражающих суфийские понятия, употребленные в художественной прозе Абдурахмана Джами. Слова, выражающие предводителя, предводительство в суфизме, последователей и учеников предводителей суфия и суфийских степеней, являются подобными лексемами. Проанализировав эти слова, автор пришёл к выводу, что арабские заимствования, выражающие суфийские понятия, являются составной частью произведений Абдурахмана Джами. Эти слова принадлежат особому пласту лексики таджикского языка, обогащая его словарный запас. Знание мистических значений этих слов способствует правильному восприятию сущности и содержания прозы таджикско-персидских писателей-суфиев.

Ключевые слова: суфизм, взгляды, литературное наследие, теория, язык, лексика, литература, термин, заимствование, толкование, нрав, понятие, лексический состав, теория, концепция.

ABOUT SOME ARABIC BORROWINGS EXPRESSING SUFFIAN CONCEPTS IN THE ARTISTIC PROSE OF ABDURAKHMAN JAMI

The article analyzes a number of Arabic borrowings expressing Sufi concepts in the prose of Abdurahman Jami. It is emphasized that Sufism holds a special place in the medieval Tajik-Persian heritage and plays a key role in the promotion of theology (theophilosophy) and Sufi views in the theory of philosophy. He made not only social and philosophical views and the lives of writers and poets, but also contributed to the development of the language of classical literature and the enrichment of its lexical composition, even to a certain degree of evolution of grammatical means of the language. The author of the article analyzed a number of Arabisms expressing Sufi concepts used in Abdurahman Jami's fiction. The words expressing the leader, the leadership in Sufism, the followers and disciples of the leaders of the Sufis and Sufi degrees are similar lexemes. After analyzing these words, the author came to the conclusion that Arabic borrowings, expressing Sufi concepts, are an integral part of the works of Abdurahman Jami. These words belong to a special layer of the Tajik language vocabulary, enriching its vocabulary. Knowledge of the mystical meanings of these words contributes to the correct perception of the essence and content of the prose of the Tajik-Persian Sufi writers.

Key words: Sufism, views, literary heritage, theory, language, vocabulary, literature, term, borrowing, interpretation, temper, concept, lexical composition, theory, concept.

Сведения об авторе: ***Джумаев Мехроб Одинаевич*** – Таджикский национальный университет, докторант кафедры история языка и типологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 17.
E-mail: **mehriob@mail.ru**. Тел.: **(+992) 93-589-64-08**

Information about the author: ***Jumaev Mehrob Odinaevich*** - Tajik National University, doctoral student of the history of language and typology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.
E-mail: **mehriob@mail.ru.** Tel.: **(+992) 93-589-64-08**

УДК: 491.550-54

МОҲИЯТ ВА МУҲТАВОИ ОНОМАСТИКА

Қаюмова М.Б.
Коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ

Дар забоншиносии тоҷик ономастика, аллакай, ҳамчун илм ва ё таълимоти мустақил рушд карда истодааст. Дар самти мазкур, қабл аз ҳама, хидматҳои чунин олимону муҳаққиқони ватанӣ шоиста ҳастанд: О.Ғ. Ғафуров, Р.Х. Додихудоев, А.Л. Хромов, Ҷ. Алимӣ, Ш. Исмоилов, Н. Офаридаев, О. Маҳмадҷонов, С.Ю. Абодуллоева. Ба гурӯҳи дувум ва савуми олимону муҳаққиқони номшинос чунин олимону муҳаққиқони номшинос шомил мешаванд: Ш.Ҳайдаров, А. Абдунабиев, М. Шодиев, Д. Ҳомидов, С. Сулаймонов, Р. Шоев, А. Насриддиншоев, Д. Майнусов, С. Қурбонмамадов, М. Шодиев, М. Аюбова, Э. Давлатов, С. Шералиева ва чанде дигарон.

Антропонимика дар давраи муосир ҳамчун қисмати таркибии ономастика, бахши муҳимми ономастика ҳисоб мешавад, ки, аллакай, ҷойгоҳ ва мақоми хоссаро касб кардааст. Дар адабиёти илмӣ аз мавқеи таъйиноти маъниҳо истилоҳоти «антропоним», «антропонимия» ва «антропонимика» яксонанд. Ба андешаи В.А.Никонов антропонимия маҷмӯи номҳои хоси одамон аст. Он дар худ ном, насаб, лақабу тахаллус, куния, номҳои ба тариқи сунъӣ сохташуда ва мухаффафро фаро мегирад [2, с.34].

Дар «Луғати истилоҳоти забоншиносӣ» («Словарь лингвистических терминов») [3, с.67] О.С.Ахманова антропонимикаро ҳамчун қисмати лексикология эътироф мекунад, ки номҳои хосси одамонро тадқиқ мекунад [3, с.50], аммо муҳаққиқ Ж.Марузо антропонимикаро бахши ономастика мешуморад, ки номҳои марбут ба инсонҳоро меомӯзад [8, с.33]. Ба андешаи олимону муҳаққиқон Ҳ. Ҳусайнова ва К.Шукурова ҳамчунин антропонимика қисмати забоншиносӣ [лингвистика] аст, ки фақат номҳои хосси одамонро фаро мегирад [8, с.33].

Ономастикаи тоҷик таърихи қадима дорад. Ёдгориҳои қадимаи «Авасто», «Бундаҳишн», «Фарҳанги паҳлавик», ёдгориҳои (катибаҳои) Бесутун, Кӯҳи Муғ, Қабои Зардушт, Тахти Ҷамшед, ки фарогири шаклҳои гуногуни ному унвонҳои мухталифи қавму қабоил ва этносҳои қадима мебошанд, аҳаммияту арзиши калон барои тадқиқи исмҳои хос доранд.

Донишмандону равшанфикрон ҳанӯз аз асрҳои миёна тавассути сарчашмаҳои таърихиву ҷуғрофӣ, тавсифу тадқиқи паҳлуҳои ҷудогонаи номҳо бунёди ин соҳаро гузоштаанд. «Осор-ул-боқия»-и олим ва мутафаккири бузург Абӯрайҳон Берунӣ, «Китоб-ал-ансоб»-и Абӯсаид Абулкарим Ас-Самъонӣ, «Таърихи Байҳақӣ»-и Абулфазли Байҳақӣ, «Ахлоқи Носирӣ»-и Хоҷа Насируддини Тӯсӣ, «Исмҳои бузургони Бухорои Шариф», «Дар баёни таворихи анбиё», «Ҷомеъ-ут-таворих»-и Рашидуддин, «Форснома»-и Ибни Балхӣ барои номшиносӣ далелҳои фаровони муътамад медиҳанд.

Абӯрайҳон Берунӣ дар «Осор-ул-боқия» дар баробари таҳлил ва тадқиқи масъалаҳои гуногуни ному лақаб ва нисбаи шоҳону паёмбарон, халифаву имом ва авлоди эшон, шахсони маъруфу машҳури гузашта ва муосири худро зикр намуда, гоҳо шарҳу маънии ному лақаб ва ба кадом забон мансуб будани онҳоро низ овардааст.

Донишманди асри XII Абӯсаид Абулкарим Ас-Самъонӣ дар асари хеш «Китоб-ал-ансоб» рӯйхати номҳои ашхоси маъруфу машҳурро бо тартиби алифбо фароҳам овардааст.

Муаллифони «Таърихи Байҳақӣ», «Қобуснома», «Ахлоқи Носирӣ», «Исмҳои бузургони Бухорои Шариф» ба масъалаҳои номгузорӣ дахл намуда, барои фарзандон гузоштани номҳои неку босазо ва зебову шинамро таманно кардаанд.

Қобили зикр аст, ки ҷанбаҳои гуногуни масоили ономастикаи Шарқ дар осори олимони Аврупои асри XIX, алалхусус дар осори арзишманди Х. Бартоломе, Е. Бенвенист, Л.Каэтанӣ, Г.Е. Колбрук,Ҷ. Габриеллӣ, Л. Рену, Гарсен де Тассӣ ва Ф. Юстӣ низ тадқиқ гардидаанд.

Аз ҷумла дар миёнаҳои асри XIX маҷмӯи мақолаҳои забоншиноси франсуз Гарсен де Тассӣ бо номи «Memaire sur les noms propres et les titres musulmans» нашр мешавад, ки дар он этимология ва семантикаи номҳои мусулмонӣ пажӯҳиш ёфтаанд.

Дар робита ба номҳои давраи қадим луғати Х.Бартоломе «Altiranisches Worterbuch» низ яке аз манбаъҳои пурқимат дониста мешавад. Он дар баробари луғати муқаррарӣ як қатор антропонимияи давраи қадим, гоҳо давраи миёна ва навро низ фаро гирифтааст.

Дар асари калони Ф.Юстӣ «Iranisches Namenbuch» [Номҳои ironӣ] маводи бисёри антропонимии марбут ба номҳои асотириву таърихии давраи қадим, миёна ва нав (то асри XIX)-и Форс, ки дар сарчашмаҳои адабӣ ва ёдгориҳои таърихӣ мавҷуданд, аз рӯйи далелу рақамҳо ҷамъоварӣ ва мураттаб шудаанд. Қисми бештари номҳо аз ҷиҳати этимологӣ таҳлил гардида, ҳамзамон соҳибони маъруфи ин гуна номҳо тазаккур ёфтаанд. Инчунин, шарҳу тафсири шаклҳои сарфунаҳвӣ ва формантҳои номсоз низ истисно нашудаанд.

Ба пажӯҳиши этимологии баъзе номҳои авастоӣ асари Э. Бенвенист ва Л. Рену «Vrta et Vraragna» бахшида шудааст. Э. Бенвенист ҳамчунин асари дигареро бо номи «Titres et noms propres en iranien ancien» (Унвон ва номҳои шахс дар забонҳои Ирони қадим) таълифу тасниф намудааст, ки он асосан ба таҳлили номҳои шахсии одамон ва унвону рутбаҳои шоҳони Форси қадиму Ирони қадим, яъне авастоӣ бахшида шуда, зимни он катибаву мадракоти Бесутун ва Тахти Ҷамшед ҳамчун манбаъ мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Асари дуҷилдаи Л. Каэтанӣ ва Ҷ. Габриеллӣ «Onomasticon arabicum» (Ономастикаи араб), ки дар он сохти антропонимияи асри миёнаи араб тадқиқ ёфтааст, аз ҷиҳати таърихӣ қимати калон дорад. Зеро он барои дақиқ кардани номҳои аслии арабӣ дар дохили антропонимияи халқҳои мусулмони ғайриараб, ки баъди қабули дини ислом номҳои арабиро ба таври васеъ иқтибос гирифтаанд, ёрӣ мерасонад.

Дар мақолаи Г.Е.Колбрук «On the proner names of the Mohammedas» ному лақабҳои паёмбари ислом Муҳаммад (с) ва наздикони ӯ зикр ёфта, инчунин доир ба ному лақаб ва унвонҳои ашрофзанҳои дарбори Темуриён дар асри XVI маълумоти ҷолиби диққате оварда шудааст.

Бинобар муштарак будани нажод, таъриху маданият ва номгузории тоҷикону форсҳо омӯзишу тадқиқи антропонимияи тоҷикро бе антропонимияи Ирону Афғонистон наметавон тасаввур кард. Муҳимтарин ҷанбаҳои антропонимияи ин халқҳо дар фарҳангу рисолаҳои «Номнома»-и Ҳусайн Ноҳоӣ, «Номҳои ironӣ»-и Меҳрубон Гуштаспури Порсӣ, «Фарҳанги номҳои ironӣ»-и Фарида Доноӣ, «Фарҳанги номҳои «Авасто»-и Розӣ Ҳошим, «Зиндагӣ ва муҳоҷирати ориёиён»-и Фаридун Ҷунайдӣ, «Фарҳанги «Шоҳнома» [номҳои касон ва ҷойҳо]»-и Ҳусайн Шаҳидии Мозандаронӣ, «Фарҳанги номҳои ironӣ бо зикри маншаи таърихӣ ва маонии асомӣ»-и Аббоси Муҳаммад, «Фарҳанги бузурги дуҷилдаи мусаввари форсӣ ба форсӣ»-и Амид Ҳасан баррасӣ шудаанд.

То солҳои 60-ум дар собиқ ИҶШС оид ба ономастика мақолоти ангуштшуморе мавҷуд буданд, вале баъдан, хусусан соли 1968, вазъият ба тариқи мусбат тағйир ёфт. Аввал топонимия, аз паси он антропонимия, этнонимия ва дигар навъҳои ономастика ҳар яке дар алоҳидагӣ мавриди пажӯҳиши илмӣ қарор гирифтанд. Оид ба ономастика адабиёти илмӣ чоп гардида, конференсияҳои махсуси ономастикӣ гузаронида мешуданд.

Доир ба ҷанбаҳои гуногуни антропонимика корҳои бисёре ба сомон расидаанд. Аввал осори як қатор олимони маъруфи рус А.З. Розенфелд, В.А. Боголюбов, Н.А. Белгородский, И.М. Оранский, В.И. Абаев, Н.В. Бирил, В.А. Лившитс, О.М. Смирнова, А.Л. Хромов, К.Е. Гагкаев, Л.В. Гогичаева, Е.Ф. Данилина, М.И.Исаев, Г.П. Калокутская, Ю.А. Карпенко, В.А. Никонов, Н.В. Подолская, А.В. Суперанская, В.Э. Сталмане, О.А. Сухарева, М.С. Андреев, Н.И. Толстой, В.Н. Топоров, О.Н. Трубачёв, Ю.К. Юрас, В.К. Чичагов, Э.А. Грантовский, Г.М. Налбандян, Д.Г. Резник, сипас, осори И.В. Бестужев-Лада, З.Г. Исаева, А.А. Кузьмина ва дигарон дар дохилу берун аз марзи Россия баҳои сазоворро гирифтаанд. Дар онҳо бисёр масъалаҳои антропонимия - пайдоиш, сохт, рушду фаъолияти низоми антропонимӣ ҳалли хешро ёфтаанд. Олимон на танҳо ба ономастикаи дохилӣ, балки ба номҳои хосси берун аз марзи Россия низ рӯ меоранд. Ба таҳқиқу омӯзиши номҳои хосси эронӣ ва гурӯҳҳои он муҳаққиқон В.И. Абаев, Н.А. Белгородский, А.А. Кузмина, Ж.Б. Логашова, В.А. Никонов диққати махсус додаанд. В.И. Абаев дар мақолаҳои худ бо далелҳои раднопазир ironӣ будани баъзе номҳоро шарҳ медиҳад ва нуқтаи назари хешро перомуни то ба замони мо омада расидани навъҳои бисёри сохти антропонимӣ баён менамояд. Н.А.Белгородский дар асараш унсурҳои иҷтимоиро дар ному лақаб ва унвону насабҳои форсӣ ошкор карда бошад, А.А.Кузмина аз рӯйи маводҳои зиёди таърихӣ-забоншиносӣ номҳои хосси муосири мардуми форсизабони Эронро тадқиқ намудааст. Ба ин мавзӯъ Ж.Б. Логашова низ рӯ оварда, тафсири номномаи муосири Эронро тартиб додааст. В.А. Никонов дар мақолаҳои хеш сохту шаклҳои насаб ва баъзе номҳои хосси мардуми Осиёи Миёнаро таҳлилу таҳқиқ намудааст.

Дар рисолаи илмии М.С.Андреев «Таджики долины Хуф» (1) дар бораи расму ойини тоҷикони ин минтақа мухтасар сухан меравад. То ба балоғатрасии кӯдак номи аслиро пинҳон дошта, ба ҷойи он лақабро истифода кардани мардуми Хуф, вобаста ба сабаб, мақсад ва вазъият номгузорӣ кардани атфол аз эътиқодмандӣ ва ба ном аҳаммияти махсус додани эшон дарак медиҳад. Шеваи мардуми Хуф ба шеваи шарқии ironӣ тааллуқ дошта бошад ҳам, номҳои шахсии эшон ба лексикаи забони тоҷикӣ мансубанд.

О.А.Сухарева дар мақолаи хеш «Мать и ребёнок у таджиков» баъзе номҳои дар байни тоҷикони болооби Зарафшон маъмулро номбар карда, семантикаи номҳои Саримсоқ,

Ӯғул ва Ҳамроро фаҳмонда, эътиқодмандии мардумро ба қувваи фавқулодаи ном баён менамояд.

Тадқиқотҳои ономастикӣ торафт васеъ гардида, ҳудуди бештари Осиёи Миёнаро низ фаро мегирад. Дар баробари топонимика антропонимика низ васеъ инкишоф меёбад. Дар забоншиносии тоҷик оид ба ҷанбаҳои гуногуни антропонимия олимони тоҷик О.Ғ. Ғафуров, Р.Р. Раҳимов, Ф. Абдулло, Д.К. Карамшоев, А. Қаландаров, Б. Тилавов, Ш. Ҳайдаров, А.А. Горбачевский ва дигарон тадқиқот бурдаанд.

Аввалин кори илмии махсус ба антропонимияи муосири тоҷик бахшидашуда рисолаи номзадии О.Ғ. Ғафуров «Лично-собственные имена в таджикском языке» (Номҳои хосси ашхос дар забони тоҷикӣ) мебошад, ки соли 1964 дифоъ шудааст [7]. Муаллиф дар он шароитҳои пайдоиш ва ташаккули ному лақаб, патрониму насаб, нисбаву тахаллус, вижагиҳои савтию сарфунаҳвӣ, сохту маъно ва муҳимтарин масъалаҳои маданию таърихӣ ва этнографии номҳоро таҳқиқ намудааст. Баъдтар натиҷаи ҷустуҷӯю тадқиқоти олим тавассути рисолаҳои «Лев и Кипарис. О восточных именах» [5], «Маънои ҳазору як ном» [9] ва мақолаҳои сершумори илмиву оммавӣ пешкаши соҳибномҳо мегардад.

Ф.Абдулло соли 1972 дар ҳаҷми 70 саҳифа аз рӯйи маҷмӯи маводҳои ономастикӣ «Номнома» тартиб медиҳад [18].

Соли 1978 дар маҷмӯаи «Ономастика Средней Азии» чопи Москва 2 мақолаи Р.Р. Раҳимов «Две заметки антропонимии Зеравшанской долины [Термины родства и личные имена, Тезка Аристотеля]» нашр мешаванд, ки таркиби истилоҳоти хешутаборӣ ва номҳои шахсӣ, инчунин вариантҳои расмию ғайрирасмии ҳамноми Аристотел - Арасту таҳлили худро ёфтаанд [17].

Соли 1986 Ш.Ҳайдаров дар «Луғати чандомади антропонимияи тоҷикони райони Ашт», ки нахустин таҷрибаи луғати чандомади номшиносии тоҷик аст, номҳои хосси бошандагони ноҳияи Ашти вилояти Ленинобод (ҳозира Суғд)-ро дар ҳаҷми 226 саҳифа ба таври лингвостатистикӣ, лингвогеографӣ баррасӣ менамояд [15].

Д.К. Карамшоев дар мақолаи хеш «Памирские имена», ки соли 1988 дар китоби «Ономастика. Типология. Стратиграфия» нашр шудааст, ба вижагиҳои хосси номгузории мардуми Бадахшон дахл намуда, доир ба тағйиротҳои фонетикӣ, морфологӣ [сохту таркиб] ва семантикаи ном маълумоти мухтасар медиҳад [12].

Соли 1991 рисолаи номзадии Ш. Ҳайдаров «Антропонимияи тоҷикони шимолу ғарбии водии Фарғона» ҳимоя мешавад [16]. Ш.Ҳайдаров дар рисолаи хеш аз рӯйи маводҳои ноҳияи Ашт антропонимияи тоҷикро омӯхта, дараҷа ва ҳудуди фарогирии онҳоро нишон медиҳад; ному тахаллус ва лақабҳоро аз ҷиҳати семантика, вижагиҳои вобастагиашон ба тариқи муқоиса ба риштаи таҳқиқ мекашад.

Соли 2000 бо кӯшиши Масъуд Қосимӣ ва Азиз Мирбобоев бо номи «Фарҳанги номҳои тоҷикӣ» номнома дар ҳудуди 8000 номи тоҷикӣ таҳия мегардад, ки бо ду хат - форсӣ ва кириллӣ ва ду савт - гуфторӣ ва навиштарӣ мураттаб шудааст [13]. Он ҷиҳати шиносоӣ ва огаҳӣ аз таърихи номҳои иронӣ ва сунати номгузориву номшиносии мардуми тоҷик дорои арзиши хоссе аст. Беҳтарин рисолаи илмӣ-тадқиқотӣ, ки солҳои охир дар асоси антропонимияи тоҷикони навоҳии Шаҳритусу Қабодиён ба анҷом расонида шудааст, рисолаи номзадӣ ва баъдан рисолаи илмии нашршудаи муҳаққиқ М.Аюбова мебошад, ки маҷмӯи антропонимияи ҷамъовардаро ӯ хеле мӯшикофона ба риштаи тадқиқ кашидааст [4].

Оид ба чандин масъалаҳои фарҳанги номгузорӣ аз тарафи олимону адибон, муаллимон ва умуман аҳли қалам дар рӯзномаву маҷаллаҳо фикру андеша ва маслиҳату дархостҳои муҳимме манзури умум шудаанд.

Ҷиҳатҳои ҷудогонаи имлои номҳои тоҷикон ба андозае дар «Луғати имлои забони адабии тоҷик» [1974], мақолаҳои Ш. Рустамов, М. Шукуров, Л.Я. Расулова, Д.Г. Резник, В.А. Капранов, З. Муллоҷонова, А. Турсунов, Ш. Раҳимов, А.А. Горбачевский, В.А. Суперанская, Иржи Бечка мавриди баҳсу андешаронӣ қарор гирифтааст.

Вале бо ҳамаи ин масъалаву мушкилоти антропонимияи тоҷикро ҳалшуда хондан хато мебуд, зеро дар он масъалаҳои ҳалнашудаи бисёре мавҷуданд, ки ба таҳқиқу таҳлили алоҳида ниёз доранд, хусусан антропонимияи ноҳияҳо.

Забон маҳсули тафаккури ҷомеа буда, ташаккулу таҳаввул ва ҳатто таназзули он низ ба ҷомеа вобастааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Андреев, М.С.Таджики долины Хуф.вып.1 / М.С.Андреев. - Сталинабад, 1953. – 215 с.
2. Антропонимика (сб.ст.). - М.: Наука, 1970. — 212 с.
3. Ахманова, О.С. Словарь лингвистических терминов / О.С. Ахманова. - М.: СЭ, 1966. – 186 с.
4. Аюбова, М. Антропонимияи тољикони навоњии Шањритусу Кубодиён (номњои ашхос)» / М.Аюбова. - Д.: Эр-граф, 2013. - 190 с.
5. Гафуров, А.Г. Лев и Кипарис. О восточных именах / А.Г.Гафуров. - М: Наука, 1971. - 240 с.
6. Гафуров, А.Г. Аристотель аллаха. Из истории антропонимии народов Средней Азии / А.Г.Гафуров // Наука и жизнь. – 1971. - №8. - С.60-64.

7. Гафуров, А.Г. Лично-собственные имена в таджикском языке / А.Г.Гафуров // АКД. - Душанбе, 1964. - 24 с.
8. Гафуров, А.Г. О сложносоставных антропонимах в таджикском языке / А.Г.Гафуров // Ономастика Средней Азии. - Москва, 1978. – 226 с.
9. Ғафуров, О.Ғ. Маънои њазору як ном / О.Ғ. Ғафуров. - Душанбе: Маориф, 1987. - 176 с.
10. Ғафуров, Б.Ғ. Тоҷикон / Б.Ғ.Гафуров. Китоби II. - Душанбе: Ирфон, 1985. – 416 с.
11. Гафуров, Б.Г. Таджики. Древняя, древняя и средневековая история / Б.Г. Гафуров. - М.: Наука, 1972. - 664 с.
12. Карамшоев, Д.К. «Памирские имена»//«Ономастика. Типология. Сратиграфия» / Д.К.Карамшоев. - 1988.
13. Қосимӣ, М. Фарҳанги номҳои тоҷикӣ / М.Қосимӣ, А.Мирбобоев. - Д., 2000.
14. Марузо,Ж. Словарь лингвистических терминов / Ж.Марузо. - М.: Издательство иностранной литературы, 1960. – 133 с.
15. Ҳайдаров, Ш. Антропонимияи тоҷикони шимолу ғарбии водии Фарғона / Ш.Ҳайдаров. – Д., 1991.
16. Ҳайдаров, Ш. Луғати чандомади антропонимияи тоҷикони райони Ашт / Ш.Ҳайдаров. - Д., 1986.
17. Раҳимов, Р.Р. «Две заметки антропонимии Зеравшанской долины (Термины родства и личные имена, Тезка Аристотеля)» / Р.Р.Раҳимов // Ономастика Средней Азии. – М., 1978.
18. Фотеҳ, Абдулло. Номнома / Абдулло Фотеҳ. - 1972. - 70 с.
19. Ҳусейнов, Ҳ. Луғати терминҳои забоншиносӣ / Ҳ.Хусейнов, Қ.Шукурова. - Душанбе: Маориф, 1983. - 18.

МОҲИЯТ ВА МУҲТАВОИ ОНОМАСТИКА

Мақолаи мазкур ба кушодани вижагиҳои моҳиятӣ ва муҳтавоии номшиносӣ (ономастика) бахшида шудааст. Ба ақидаи муаллифи мақола, дар забоншиносии тоҷик ономастика, аллакай, ҳамчун илм ва ё таълимоти мустақил рушд карда истодааст. Дар самти мазкур, қабл аз ҳама, хидматҳои чунин олимону муҳаққиқони ватанӣ шоиста ҳастанд: О.Ғ. Ғафуров, Р.Х. Додихудоев, А.Л. Хромов, Ҷ. Алимӣ, Ш.Исмоилов, Н.Офаридаев, О. Маҳмадҷонов, С.Ю. Абодуллоева. Ба гурӯҳи дувум ва савуми олимону муҳаққиқони номшинос чунин олимону муҳаққиқон шомил мешаванд: Ш.Ҳайдаров, А. Абдунабиев, М. Шодиев, Д. Ҳомидов, С. Сулаймонов, Р. Шоев, А. Насриддиншоев, Д. Майнусов, С. Қурбонмамадов, М.Аюбова, Э. Давлатов, С. Шералиева ва чанде дигарон. Муаллиф меафзояд, ки антропонимика дар даврaи муосир ҳамчун қисмати таркибӣ, бахши муҳимми ономастика ҳисоб мешавад, ки, аллакай, ҷойгоҳ ва мақоми хоссаро касб кардааст. Дар адабиёти илмӣ аз мавқеи таъйиноти маъниҳо истилоҳоти «антропоним», «антропонимия» ва «антропонимика» яксонанд. Ба андешаи В.А.Никонов антропонимия маҷмӯи номҳои хосси одамон аст. Он дар худ ном, насаб, лақабу тахаллус, куния, номҳои ба тариқи сунъӣ сохташуда ва мухаффафро фаро мегирад. Оид ба чандин масъалаҳои фарҳанги номгузорӣ аз тарафи олимону адибон, муаллимон ва умуман аҳли қалам дар рӯзномаву маҷаллаҳо фикру андеша ва маслиҳату дархостҳои муҳимме манзури умум шудаанд. Ҷиҳатҳои ҷудогонаи имлои номҳои тоҷикон ба андозае дар «Луғати имлои забони адабии тоҷик» [1974], мақолаҳои Ш. Рустамов, М. Шукуров, Л.Я. Расулова, Д.Г. Резник, В.А. Капранов, З. Муллоҷонова, А. Турсунов, Ш.Раҳимов, А.А.Горбачевский, В.А.Суперанская, Иржи Бечка мавриди баҳсу андешаронӣ қарор гирифтааст. Вале бо ҳамаи ин масъалаву мушкилоти антропонимияи тоҷикро ҳалшуда хондан хато мебуд, зеро дар он масъалаҳои ҳалнашудаи бисёре мавҷуданд, ки ба таҳқиқу таҳлили алоҳида ниёз доранд, хусусан антропонимияи ноҳияҳо. Фикрҳои худро ҷамъбаст намуда, муаллиф зикр мекунад, ки забон маҳсули тафаккури ҷомеа буда, ташаккулу таҳаввул ва ҳатто таназзули он низ ба ҷомеа вобастааст.

Калидвожаҳо: моҳият, муҳтаво, ономастика, апропонимика, масъалаҳо, рӯзномаю маҷалла, масъалаҳои ҳалнашуда, олимону муҳаққиқон, даврaи муосир, муҳим, антропонимияи тоҷикӣ, масъалаю мушкилоти антропонимика, фарҳанги номгузорӣ.

СУЩНОСТЬ И СОДЕРЖАНИЕ ОНОМАСТИКИ

Настоящая статья посвящена выявлению сущностных и содержательных особенностей ономастики. По мнению автора статьи, в таджикском языкознании ономастика в настоящее время развивается как наука и самостоятельное учение. В данном направлении, прежде всего, весомы вклад таких исследователей, как О.Г.Гафуров, Р.Х.Додыхудоев, А.Л.Хромов, Дж.Алимӣ, Ш. Исмоилов, Н.Офаридаев, О.Махмадджонов, С.Ю.Абодуллоева. Во вторую и третью группу ученых-ономатологов входят следующие исследователи: Ш.Хайдаров, А.Абдунабиев, М. Шодиев, Д. Хомидов, С. Сулаймонов, Р.Шоев, А.Насриддиншоев, Д.Майнусов, С.Курбонмамадов, М. Аюбова, Э. Давлатов, С. Шералиева, Дж.Темуров, Ф.Давлатова и некоторые другие. Продолжая свои мысли, автор отмечает, что антропонимика на современном этапе как составная часть ономастики, является ее особым разделом. В научной литературе определения значений терминов «антропоним», «антропонимия» и «антропонимика» едины и взаимосвязаны. По мнению В.А.Никонова, антропонимия является комплексом собственных имен людей. Она включает в себя имя, фамилию, прозвище, искусственно созданные и сокращенные имена. По многим проблемам культуры наречения имен высказаны многочисленные рекомендации и предложения со стороны исследователей, литераторов, педагогов и вообще интеллигенции в периодической печати. Отдельные орфографические аспекты имен таджиков в некотрой степени отражены в «Орфографическом словаре таджикского литературного языка (1974), в статьях Ш. Рустамова, М. Шукуровой, Л.Я.Расуловой, Д.Г.Резника, В.А.Капранова, З.Муллоджоновой, А. Турсунова, Ш.Раньимова, А.А.Горбачевского, В.А.Суперанской, Иржи Бечка. Однако все данные вопросы и затруднения таджикской антропонимии считать решенными ошибочно, поскольку и сегодня остаются нерешенными многие вопросы, требующие решения и особенно антропонимия отдельных регионов и районов. Подводя итоги, автор констатирует, что язык, являясь продуктом мысли общества, также с ним связаны становление, развитие и даже падение общества.

Ключевые слова: сущность, содержание, ономастика, антропонимика, проблемы, газеты и журналы, ученые и исследователи, современный этап, важный, нерешенные вопросы, таджикская антропонимия, проблемы и затруднения антропонимики, культура наречения имени.

THE ESSENCE AND CONTENT OF ONOMASTIKE

This article is devoted to the identification of essential and substantial features of onomastics. According to the author of the article in Tajik linguistics, onomastics is currently being developed as a science and an independent study. In this direction, first of all, a significant contribution of such researchers as O. G. Gafurov, R. H. Dodihudoev, A. L. Khromov, John.Alim, S. Ismoilov, N. Afridev, O. Mahmadjonov, S. Y. Abdullaeva. In the second and third group of scientists onomatological includes the following researchers: sh. Khaydarov, A. Abdunabiev, M. Shodiev, D. Khomidov, S. Sulaymonov, R. Shoev, A. Nasriddinov, D. Manusov, S. Kurbanmamadov, M. Shodiev, M. aubova, E. Davletov, S.

Sheralieva, J.Temurov, F. Davlatova and some others. Continuing his thoughts, the author notes that anthroponymy at the present stage as an integral part of onomastics is its special section. In the scientific literature from the position of definition of the terms "anthroponym", "anthroponymy" and "anthroponymy" are United and interrelated. According to V. A. Nikonov anthroponymy is a complex of proper names of people. It covers first name, last name, nickname, artificially created and abbreviated names. Numerous recommendations and proposals from researchers, writers, teachers and intellectuals in General in the periodical press have been made on many problems of the culture of naming. Individual aspects of the spelling of the names of the Tajiks in nicotrol extent reflected in the "Orthographic dictionary of the Tajik literary language (1974), the articles of S. Rustamov, the M. Shukurova, L. Y. Rasulova, D. G. Reznik, V. A. Kapranov, Z. Mullojonova, A. Tursunova, S. Rahimova, A. A. Gorbachev, V. A. Speranskii, Jiri Becka. However, all these issues and difficulties Tajik anthroponomy. considered solved is a mistake, because today there remain unresolved many of the questions requiring decision and sobenno anthroponymy separate regional and districts. Summing up, the author States that the language is a product of the society's thought, it is also associated with the formation, development and even the fall of society.

Key words: essence, content, onomastics, anthroponymy, problems, Newspapers and magazines, scientists and researchers, the modern stage, important, unresolved issues, Tajik anthroponymy, problems and difficulties of anthroponymy, culture of naming.

Сведения об авторе: ***Каюмова Мубина Бобоевна*** - Педагогический колледж Кулябского государственного университета им. А.Рудаки, заведующая кафедрой таджикского языка и литературы. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, г.Куляб, ул. С.Сафарова - 16. Тел.: **(+992) 987-88-66-56**

Information about the author: ***Kayumova Mubina Boboyevna*** - Teachers College Kulob State University named after A. Rudaki, head of the Department of Tajik language and literature. **Address**: 735360, Republik of Tajikistan, Kulyab, S. Safarova Str. 16. Tel.: **(+992) 987-88-66-56**

УДК: 811.21.22-3

ИСТИЛОҲОТИ ИФОДАКУНАНДАИ МАФҲУМҲОИ ХЕШУТАБОРӢ ДАР ШЕВАЮ ЛАҲҶАҲОИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Абдуллоева Г., Қарабоева Л.
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Истилоҳот дар забон дар натиҷаи кӯшиши соҳибзабон ба вуҷуд меояд. Истилоҳ дар забон як қабати муҳимми лексикаро ташкил медиҳад.

Аз қадим ин гурӯҳи калимаҳо, ки доимо дар истеъмол буданд, дар адабиёти илмию бадеӣ хеле васеъ инъикос ёфтаанд. Ба андешаи забоншинос С.Назарзода истилоҳсозӣ фаъолияти огоҳонаи инсон аст, яъне инсон метавонад бевосита ба он мудохила кунад. Ҳадафи он ҳарчи расотар, дақиқтар ва равшантар барои аҳли соҳа ва агар мафҳум марбут ба ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсӣ бошад, барои доираи васеътари аҳли ҷомеа, баён кардани маънои мафҳумҳои нав аст. Ҳангоме ки дар ҷомеа чунин мафҳумҳо пайдо мешаванд ва инсонҳо бад-он бармехӯранд, дар навбати аввал саъй мекунанд дар забони ҷории худ вожа ва ё таркиботе пайдо кунанд, ки аз ҷиҳати маъно шабоҳат ё наздикӣ ба онҳо доранд ва барои аҳли фан ё мардуми бештар ошно буда, метавонанд маънои мафҳуми навро инъикос намоянд [8, с.24].

Як қабати аз ҳама муҳимми лексикаи забони тоҷикиро калимаю истилоҳоти хешовандӣ ташкил медиҳанд. Хешигарӣ - муносибатест, ки ҳангоми аз як авлод баромадан ё ки дар асоси никоҳ ба амал омадааст. Шахсоне, ки дар муносибати хешигарӣ қарор доранд “хешованд” меноманд. Ин истилоҳ боз дар забони тоҷикӣ дар шакли “табор” маъмул аст: табор бар вазни қатор; дудмон ва хешовандон ва қаробатиёнро гӯянд; ва ба маънии асл ва нажод ҳам ҳаст; дар арабӣ ба маънои ҳалок бошад [7, с.268]. Дар “ Луғати имлои забони тоҷикӣ” бо решаи “хеш” истилоҳоти хешгирӣ, хешованд, хешовандӣ, хешу акрабо, хешу табор, хешутаборбозӣ, хешутаборона, хешутаборӣ ва хешӣ дарҷ гардидааст [6, с.261].

Мусаллам аст, ки истилоҳоти хешутаборӣ дар шеваю лаҳҷаҳои тоҷикӣ аз забони адабӣ тафовути чашмрасе доранд. Як маҳфум метавонад дар як маҳал бо ду ё якчанд вожа мавриди истифода қарор гирад. Масалан, зане, ки аз шавҳари якумаш писардор шуда, шавҳари дуюм мекунаду писарашро ҳамроҳаш ба хонаи ин шавҳар мебиёрад**,** ин писарро дар лаҳҷаи Қаратоғ **кола** ва боз дар баъзе деҳаҳои ҳамин мавзеъ бошад, **какан,** низ мегӯянд. Маънои луғавии калимаи **кола** дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» «мол, чизу чора, матоъ» аст [1, с.245]. Аммо дар гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ ба ду маънӣ роиҷ аст:

а) ҳайвони боркаш, аз ҷинси хару асп;

б) дар таркиби ибораи **сари кола** ба мафҳуми «тӯйи пеш аз никоҳ, ки дар хонаи домод барпо мегардад».

Дар ашъори Рӯдакӣ вожаи **паркола** бо мувозаи **паргола** дучор омад, ки он дар луғат «пина, васла, пора, порча» маънӣ шудааст:

Моҳи тамом аст рӯи кӯдаки ман,
В-аз ду гули сурх андар ӯ **паргола** (Рӯдакӣ).

Гарчанде мо ҳамарӯза ниёз ба истифодаи ин гурӯҳи вожаҳо дорем, аммо дар забоншиносии тоҷик оид ба луғати хешутаборӣ то кунун тадқиқоти ҷиддӣ анҷом наёфтааст, ба ҷуз мақолаҳои алоҳидаи З.Зайниддинова (1976, 162-170; 1980, 104-107), Н.Гадоев (2012, 57), Р.Сангинова (2012, 85), рисолаи Аъзам Таваккулӣ «Истилоҳи хешутаборӣ дар забони яғнобӣ» (2014) ва инчунин дар китоби «Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ» дар боби «Лексика», ки ба қалами Ғ. Ҷӯраев тааллуқ дорад, дар чанд саҳифа оид ба ин мавзӯъ сухан мераваду халос. Дар асл ин мавзӯъ хеле баҳсталаб буда, дар асоси маводи луғати лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ тадқиқоти ҷиддиро талаб мекунад.

Шиносоии вожаҳои хешовандии ҳар забон метавонад ба унвони калиде барои кушоиши рамзҳои ношинохтаи луғатҳо ва истилоҳоти дигар ва ҳамчунин нишонае барои дастёбӣ ва вобастагӣ ва иртиботи забонӣ бо якдигар бошад. Зеро бо муқоисаи истилоҳоти хешовандии забонҳо шабоҳатҳои фонетикӣ дар бисёре аз забонҳоро мушоҳида мекунем [1, с.132].

Истилоҳоти хешутабории лаҳҷаҳои забони тоҷикиро аз рӯйи муносибати байни хешҳо ба ду гурӯҳи калон ҷудо метавон кард:

1. **Вожаҳое, ки дар ифодаи номи хешони хунӣ (ҳамхун) ба кор мераванд:** Ин калимаҳо вобаста ба доираву дараҷаи истеъмол боз ба гурӯҳҳои алоҳида тасниф мешаванд:

Ба забони адабӣ гирем: **падар, модар, модаркалон, бобо, бародар, хоҳар, писар, духтар, амак, амма, хола, тағо ва ғ.**

Боиси тавақҷуҳ аст, ки барои ифодаи худи вожаи **модар** дар ҳар як шеваю лаҳҷаҳои мухталифи забони тоҷикӣ воҳидҳои луғавии гуногун истфода бурда мешаванд. Дар Хуҷанд **ая, оя, бува**, **бва;** дар Уротеппа **нана, бува;** дар Қаратоғ **оча, она**; дар Айнӣ ва Панҷат **апа**; дар Рашт **ача;** дар лаҳҷаи Роғ **нъна;** дар Дарвозу Ванҷ **ума, мъма.**

Тавре забоншинос Гадоев Н. қайд намудааст дар лаҳҷаи Тагнов ифодакунандаи маҳфуми **модар** калимаи **ма** мебошад [3, с.59]. Ба ақидаи бархе аз забоншиносон аз рӯйи мушоҳидаҳо ва аз нигоҳи фонетикӣ истилоҳи "**ма**" ба калимаи **мама**-и забони русӣ хеле наздик буда, яъне як ҳиҷои ин вожа аст ва бори дигар ба оилаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ шомил будани забони тоҷикиро ёдрас менамояд. Истилоҳи **модар** дар забони олмонӣ дар шакли **muter**, дар англисӣ **mase**, дар забони полякӣ **matka,** забони русӣ **мама** мавриди истифода қарор дорад. Забоншиносон дар чунин ақидаанд, ки вожаи **мама,** ки аз ҳиҷои ҷуфт сохта шуда, дар давраи аввали пайдоиши хат, вақте ки нав одамон кӯшиши бо ҳиҷо навиштанро доштанд, пайдо шудааст. Баъзе аз луғатнигорон чунин мепиндоранд, ки гӯё вожаи **"мама"** аз калимаи туркии **эме/меме** сарчашма гирифта**аст,** ки дар забони туркӣ ин калима ифодагари маҳфуми **"**узве, ки кӯдакро шир медиҳанд", яъне **"сина"** мебошад. Аммо забоншиноси рус А. Дудников вожаи «**мама**»**-**ро ба луғати аслии русӣ шомил медонад [4, с.61]. Гарчанде ин истилоҳ дар забони адабӣ дар шакли " модар маъмул аст, лекин дар луғати "Бурҳони Қотеъ" ин истилоҳ дар шакли "**ан**"- ба луғати Занду Позанд волидаро гӯянд, ки модар бошад, оварда шудааст [7, с.113].

Истилоҳи "**нана"** низ дар баъзе лаҳҷаҳо ифодакунандаи маҳфуми модар мебошад, аммо дар забони англисӣ калимаи **"нана**" ифодагари маҳфуми "модаркалон" буда, аз сабаби самимию ширин ба гӯш расиданаш назар ба вожаи "**grandmother"** хеле сермаҳсултар аст. Дар забони хитоӣ низ истилоҳи "нана" маҳфуми модаркалонро ифода карда, шакли "**няня"**-ро гирифтааст.

Боиси зикр ва назаррас аст, ки ин истилоҳи "модар" дар баъзе лаҳҷаҳои шеваҳои забони тоҷикӣ ба тағйироти фонетикӣ гирифтор гардида, дар шаклҳои **оча – ача**; **нана-нъна**; **ая-оя, бува-бва** талаффуз мешавад. Оид ба истифодаи ин вожаҳо дар лаҳҷаву шеваҳо то ҳол миёни забоншиносон баҳсҳо идома доранд. Масалан, забоншинос Н.Гадоев дар монографияи худ "Лексикаи лаҳҷаи Тагнов" оид ба воҳиди луғавии "ма" чунин қайд намудааст: " Ю.И. Богорад муҳаққиқи лаҳҷаи Роғ воҳиди луғавии "ма"- ро ба лаҳҷаи Роғ мансуб дониста, интишори локалии онро аз лаҳҷаи мазкур медонад**. Ҳоло он** ки дар Роғ модарро "ма" не, балки "нъна" мегӯянд" [3, с.58].

Шахси дигаре, ки барои инсон хеле азизу авлиёст ин падар аст. Ин истилоҳ низ ба гурӯҳи хешовандони хунӣ дохил мешавад. Гарчанде дар забони адабии тоҷикӣ ин вожа дар ҳамин шакл маъмулу шинохта гардидааст, лекин дар лаҳҷаву шеваҳо муродифҳои зиёд дорад. Калимаи **падар** дар лаҳҷаи шимол дар шакли **ота, дада, додо**, дар шеваи ҷануб дар шакли **бово, аъво, ака** дар гӯйиши Дарвозу Ванҷ дар шакли **боба,** дар лаҳҷаи ҳардурӣ дар шакли **бобак,** дар лаҳҷаи Тагнов **дар шакли да** истифода мешавад**.** Калимаи **дада** дар гузаштаи қадим шакли **ад/ада**-ро дошта, боиси пайдо шудани вожаи туркии **деде** гардидааст**.** Калимаи **ота** бошад, решаи ҳиндуаврупоӣ дошта, аз қадимулайём бо шакли маъмул **otьсь- atta** ба мо омада расидааст**. Дар** истилоҳи **"отец"** – и русӣ ҳам решаи **otьсь** ба назар мерасад [11, с.194]. Оид ба истилоҳи **падар** ҳаминро дарҷ намуданием, ки дар гузаштаи қадим дар шакли санскиртии **pitara** мавриди истифода қарор доштааст.

Боиси зикр аст, ки гарчанде истилоҳоти "модар" ва "падар" ба гурӯҳи хешони хунӣ дохил шаванд ҳам, лекин истилоҳоти " **падарандар"** ва "**модарандар"**-ро мо ба ин гурӯҳи

вожаҳо дохил карда наметавонем. Истилоҳи “**модарандар**” дар баъзе гӯйишҳо боз дар шаклҳои **моиндар**, **моҳиндар**, **модари угай, очаӯгай** ва истилоҳи “**падарандар**” дар шаклҳои **паиндар, паҳиндар, падари угай отаӯгай** дар истифода қарор доранд.

Бояд ҳаминро зикр намоем, ки истилоҳоти “**очахон**” ва “**отахон**” низ хосси забони тоҷикӣ буда, ба гурӯҳи хешони ғайрихунӣ мансубанд.

Яке аз истилоҳи маъмултару шинохтатари дигаре, ки бештар диққати забоншиносонро ба худ кашидааст, ин истилоҳи **“модаркалон”** аст, ки дар лаҳҷаю шеваҳо дар шаклҳои мухталиф мавриди истифода қарор дорад. Синонимҳои истилоҳи **“модаркалон”** дар лаҳҷаи Қаратоғ **очакалон** ва **очабивӣ, бвӣ,** дар лаҳҷаҳои Ҳисор **момо, дар** Тагнов **бӣ,** дар Ёвон м**ома,** дар Айнӣ **бивӣ,** дар Хуҷанд **бибӣ** ба шумор мераванд. Ҳангоми таҳлилҳо собит намудем, ки дар баъзе мавзеъҳо ифодакунандаи мафҳуми “**модаркалон**” калимаи **“оча**” низ шуда метавонад. Дар деҳаи Чиртаки ноҳияи Турсунзода “модар”- ро “**апа**” ва “ модаркалон”- ро “оча” мегӯянд.

Чунонки лаҳҷашинос Гадоев Н. қайд кардааст, истилоҳи **бобо** дар лаҳҷаи Тагнов ба мисли забони адабӣ **бобо** талаффуз карда мешавад [4, с.58]. Ин истилоҳ дар лаҳҷаи Рашт шакли **бовӣ** дар лаҳҷаи Қаратоғ **бова-**ро дорад.

Оид ба истилоҳи **бобо** дар луғат чунин оварда шудааст: бобо - падар ва ҷадарро гӯянд, ки падари падар ва падари модар бошад ва саркарда ва ришсафеди тоифаи қаландаронро низ бобо гӯянд [7, с.135]. Дар лаҳҷаву шеваҳо низ ба чанд маъно корбаст мешавад: Ин расму русум а(з) **бову** бивиҳомон модагӣ(Қаратоғ). Дар ин ҷумла истилоҳи бобо (бова) дар шакли ифодагари мафҳуми “гузаштагон” корбаст шудааст. Гарчанде истилоҳи **“бобо**” дар забони тоҷикӣ ҳамчун калимаи сермаъно мавриди истифода қарор дорад, лекин дар китоби “Фарҳанги забони тоҷикӣ” ҳамагӣ ду маънои ин истилоҳ нишон дода шудааст халос: 1. Падар, волид; 2. Падари падар ё падари модар, ҷад [10, с.189].

Тавре маълум аст, истилоҳи “апа” низ ба луғати хешони хунӣ шомил буда, дар лаҳҷаву шеваҳо шаклҳои **апамулло, апачек, буча, ая, ойтӣ, ойтимуллоро** дорад. Дар забони тоҷикӣ аз рӯйи эҳтиром зани аз худ калонро низ “апа” мегӯянд.

Вожаи «**хоҳар»-**ро мо бо тарзҳои **хоръак** дар шеваи ҷануб**, ховар, хуҳар** дар гӯйиши мардуми Ҳисор**, хоҳарак, хоҳарча, хорак** дар баъзе лаҳҷаҳои шимол дучор мешавем**.** Ҳаминро бояд ёдрас намоем, ки вожаи хоҳар дар баъзе лаҳҷаҳои водии Ҳисор бештар дар шакли **ҳамшира** низ мавриди истифода қарор дорад. Истилоҳи “**ҳамшира”** дар забони тоҷикӣ хеле маъмул буда, дар осори адибони форсу тоҷик хеле зиёд истифода шудааст:

... Ки аз ман зи **ҳамширагон** бартарам,
Ҳаме б – осмон ояд бар сарам(Фирдавсӣ).

Ҳамхобаи айши комронӣ,
Ҳамшираи оби зиндагонӣ (Ҳилолӣ)

Истилоҳи **“бийёр”** дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ маҳфуми **бародари хурдиро** ифода мекунад, ки муродифаш дар лаҳҷаи шимол вожаи **уко** ва **ука** мебошад**.** Вожаи «**балък**», ки хосси лаҳҷаи Тагнов аст, ифодакунандаи маҳфуми додар дар забони тоҷикӣ ба шумор меравад [3, с.58].

Истилоҳи “**таго**” дар лаҳҷаю шеваҳои забони тоҷикӣ ба тағйироти **фонетикӣ** гирифтор шуда, шаклҳои **тағой, тъғойӣ, тоғо, тъғо-**ро гирифтааст**.** Ин истилоҳ дар гӯйиши мардумӣ дар аксари мавридҳо на ба маънои “ бародари модар”, балки ба маънои “пушту паноҳ”**, “**одаме, ки дастгирӣ мекунад” истифода бурда мешавад: Ага(р) Муниса таға медошт донишкадада дохил мешид(Ҳисор).

Баъзе аз ин истилоҳоти ифодакунандаи хешони хунӣ дар нутқи мардуми шимол ба тағйироти фонетикӣ гирифтор мегарданд. Аз қабили, **амма**, ки шакли **амба-ро** гирифтааст [9, с.67].

2.**Вожаҳое, ки дар ифодаи номи хешони ғайрихунӣ истеъмол меёбанд**: Миқдори вожаҳое, ки дар лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ маҳфуми хешони ғайрихуниро ифода менамоянд, назар ба гурӯҳи якум зиёдтаранд. Истилоҳи **зан** -ҳамсар низ ба хешони ғайрихунӣ мансуб аст. Қайд кардан бамаврид аст, ки дар бораи вожаҳои ифодакунандаи маҳфуми зан дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ З. Зайниддинов маълумот додааст [5, с.162-170]. Аз навиштаҷоте, ки ба мо аз гузаштагонамон мерос мондааст, мо метавонем хулоса барорем, ки онҳо ба зан ҳамчун давомдиҳандаи насл, офарандаи зебоӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир кардаанд ва воҳидҳои луғавии зиёдеро барои ифода намудани маҳфуми **зан** дар ашъорашон истифода намудаанд. Аз қабили **санам, маъшуқа, бут, турк, кабк, гул, моҳ, парӣ, товус, танноз, ҷонона** ва ғ .

Агар он **турки** шерозӣ ба даст орад дили моро,
Ба холи ҳиндуяш бахшам Самарқанду Бухороро (Ҳ. Шерозӣ).

Истилоҳи “ҷонона” дар нутқи ҷавонони хеле серистеъмол буда, ифодагари мафҳуми “машуқа”, “духтари дӯстошта”, “духтари писандида” аст. Ин истилоҳ дар луғат низ айнан дар ҳамин шакл ва маънӣ омадааст: ҷонона- киноя аз маъшуқ ва матлуб бошад [7, с.311]. Як қисми асосии луғати забони тоҷикиро истилоҳоти ифодакунандаи мафҳумҳои

хешутаборӣ ва калимаҳое, ки бо ин решаҳо сохта шудаанд ташкил медиҳанд. Масалан, истилоҳоти **қудоталбон, хусурталбон, хуштоманталбон, арӯсталбон, домодталбон** дар ҳамин замина пайдо шудаанд. Ин ҷанбаҳоро ба инобат гирифта, забоншинос М. Бобоева дар рисолаи худ "Термины брачного родства в немецком и таджикском языках" чунин овардааст: " Истилоҳоти ифодакунандаи маҳфумҳои хешутаборӣ дар забони тоҷикӣ назар ба забони олмонӣ бештар аст. Дар забони тоҷикӣ ба қайд гирифта шудааст, вожаҳое, ки лексемаҳои ҳиндуаврупоиро давом дода истодаанд, вожаи "зан" аз қабили онҳост, дар давраи пайдоиши забони эронӣ ба вуҷуд омадааст. Аз асоси ин калима калимаҳои туркӣ ва арабии нав сохта шудаанд [2, с.22].

Шояд зан-модар барои бузургиаш дар шеваю лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ дорои чунин муродифҳои зиёд шуда бошад. Масалан, воҳидҳои луғавии **қънғола, авратина**, **кахоза, кайбону, бева, бапича**, **бъна-зан, сияҳпича, кампир, ҳамсар**, **айёл, аврат, валима**, **заифа**, **паршикаста, мазлума**, **муштипар, хонум, хотун, бону, нозанин, бегим, пошикаста, духтар**, **завҷа, рафиқа**, **очаи гӯдако**, **очи бачаҳо**, **ҳамбистар, ҳамболин**, **соҳиwхона, арӯс**, **келинчак ва** амсоли инҳо ифодакунандаи маҳфуми **зан-ҳамсар** мебошанд. Вожаҳои **арӯс** ва **келин** дар забони адабии тоҷик низ ба ҳамин шакл маъмуланд. Устод С. Айнӣ аз ҷиҳати равонӣ ва хубии услуб барои такрор наёфтани калимаҳо дар асарҳояшон ҳар ду вожаро мавриди истифода қарор додаанд: *Арбобкамол ба худ андеша мекард, ки агар Гуландомро ба худ* ***келин*** *кунад харҷи бисёре хоҳад кашид.* (Айнӣ, Одина). *Гиряе, ки* ***арӯс*** *дар вақти никоҳ мекунад, гиряи шодист, ин аломати ба хурсандӣ розӣ шуданаш аст, дарвоқеъ, арӯсшавандаи ҷаноби мир ҳақ дорад, ки ба арӯсӣ аз ҳад зиёд шодӣ кунад* (Айнӣ, Дохунда). Мусаллам аст, ки вожаҳои иқтибосии **арӯс аз** забони арабӣ, **келинчак аз** забони туркӣ дар шеваю лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ хусусияти сермаъноӣ пайдо кардаанд. **Арӯс, келинчак** гуфта духтари номзадшуда, **духтари тӯйшуда, тӯйшудаистода, зани ҷавонро** мемоманд. Лекин дар лаҳҷаи Қаратоғ агар хушдоман 80-сола бошаду келинаш 60-сола ӯ барои вай келинчак аст. Дар ин маврид пасванди –**ак** ифодакунандаи маҳфуми хурдию навозиш набуда, аз эҳтиром, ширингуфторӣ ва маърифати волои сухангӯй дарак медиҳад. Бояд ҳаминро ба назар гирем, ки ҳар яке аз ин вожаҳо дар лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ боз мавқеи истифода ва тобишҳои маъноии худро доранд. Вожаи **ойим-ойимча** бештар дар лаҳҷаи шимол ба маънои маъшуқае, ки марди зандор бо ӯ ишқварзӣ мекунад маъмул аст, бо вожаи "**любовница"-и** забони русӣ ҳаммаъно аст. Синонимҳояш вожаҳои **чурук** ва **қаплон** ба ҳисоб рафта, бо калимаҳои **хушдор** ва **ӯйнош** муносибати антонимӣ доранд. Дар забони тоҷикӣ истилоҳоти "**кундош"** ва "**бохчон"** дар ифодаи мафҳуми зани шавҳар корбаст мешаванд. Дар луғати "Бурҳони қотеъ" вожаи бохчон дар ду шакл оварда шудааст: амвиснӣ ду занро гӯянд, ки як шавҳар дошта бошанд ва ҳар як мар дигареро амвиснӣ бувад [7, с.113], анбоғ ду занро гӯянд, ки дар никоҳи як мард бошанд; ва ҳар як аз эшон мар дигареро анбоғ бошад [7, с.115].

Мушоҳидаҳо далели онанд, ки ҳангоми хурсандӣ, яъне тӯю сур ҳеҷ вақт истилоҳи **паршикаста, пошикаста, заифа ва мазлумаю сияҳпичаро** нисбати зан истифода намекунанд, баръакс воҳидҳои луғавии **занак, занакҷон, хонум, бону, нозанин,** ки тобишҳои маъноии хурсандию меҳру муҳаббатро дороянд, истифода мешаванд: **Хонумча** бо туйа(ро) ки шултур дод, ки да(р) ид куртаи нав кунӣ(Қаратоғ). Бояд хаминро ёдовар шавем, ки агар зан пеш аз шавҳараш мирад шавҳар ба ӯ г**улам** гуфта муроҷиат мекунад, агар шавҳар мирад зан **хонам** ё **тӯрам, шоҳам** гӯён нола мекунад. Дар ин маврид маҷозро истифода бурдани соҳибони лаҳҷа баръало намоён аст. Зан дар асл ба мисли гул зебо, дилкаш ва чароғи ҳар як хонадон аст. Шавҳар бошад сутуни хонадон, файзу баракат, ободии рӯзгори зан аст.

Шавҳарро дар шеваи шимол **хӯҷаин, нисбат, мардакҷон, хонадор, мӯсафед, ёр, додош, дадеш, отеш** мемоманд. Истилоҳи **домод** дар шеваю лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ бо шаклҳои **дӯмод, шоҳ, шаҳ, куёв, подчо** маъмул аст.

Оид ба вожаи **янга** бошад забоншинос Бобоҷонова М. чунин овардааст: Воҳиди луғавии **янга** дар забони тоҷикӣ ин боэҳтиром муроҷиат намудан ба зани шахсе, ки шиноси азизи туст, агар ӯ аз гӯянда хурд бошад, ҷойи ин истилоҳро калимаи **келин** иваз мекунад [2, с.23]. Муродифи ин вожа **келиноя**, ки шакли **ояро** гирифтааст, мебошад. Дар лаҳҷаи Тагнов бошад келин шакли **сънорро** гирифтааст [4, с.59]. Дар лаҳҷаи Қаратоғ келини калониро **очакелин, онакелин**, хурдиро **ҷакелин** ва аз хурди пешро **ӯлҷа** мегӯянд. Истилоҳи **хуштоман, қайно, қайнона, хъштуман, хушдоман** (модарарӯс, модаршӯй), **қайсинӣ**, **яъна, йана**, **қайсангъл, қайсингил (**хоҳарзан, хоҳаршӯй) дар лаҳҷаҳо тафовути чашмрасе надоранд. Аммо ҳангоми муроҷиат ба хушдоман вожаҳои **янгамулло, холамулло**, **амаҷон, янгамоҳ, холамоҳ** ва **очаҷон** мавриди истифода қарор доранд. Ифодакунандаи мафҳуми "бародар" ё "додари зан" дар баъзе лаҳҷаҳои шимол воҳиди луғавии **қайнӣ** ба шумор рафта, дар баъзе лаҳҷаҳои ҷануб бо истилоҳоти **эвар, ҳевар** ва **хъсърбурда, хусурбача** ифода мегардад. Ин истилоҳ дар лаҳҷаи водии Ҳисор шакли **хусурбачаро** дорад.

Вожаи **хусур ба гурӯҳи** хешони ғайрихунӣ мансуб буда, дар забони тоҷикӣ ифодакунандаи маҳфуми падари зан ва падари шавҳар мебошад. Дар лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ ба тағйироти фонетикӣ дучор шудаасту шаклҳои **хусур, хъсър, хср, хусрро** гирифтааст. Ин калима дар забони форсӣ низ ба ин маъно, дар забони суғдӣ калимаи **yws** [xwas] [12, с.722], дар суғди будоӣ **ẟws** падари зан аст. Шуғниониҳо падари зан ва падари шавҳарро **хисур** мегӯянд [13, с.133]. Боз ин вожа дар забони афғонӣ шакли **хозор** ва дар ҳиндугӣ з**азурро** доштааст.

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки истилоҳоти соҳаи хешутаборӣ як қисмати калони луғати лаҳҷаву шеваҳоро ташкил медиҳанд. Аксарияти ин калимаҳо дар осори ниёгонамон мавриди истифода қарор гирифтаанд. Истилоҳоти ин бахш, гарчанде дар лаҳҷаву шеваҳо аз ҷиҳати шакл гуногун бошанд ҳам, аммо дар маҷмӯъ мафҳумҳояшон як аст.

А Д А Б И Ё Т

1. Аъзам Таваккулӣ. Сухане чанд дар бораи вожаи хусур, яке аз истилоҳоти хешовандӣ дар забони яғнобӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Сино, 2013. - №4(30). - С.131-134.
2. Бобоева М.Т. Термины брачного родства в немецком и таджикском языке / М.Т. Бобоева // АКД. - Боку, 1990. - 24 с.
3. Гадоев Н. Лексикаи лаҳҷаи Тагнов / Н. Гадоев. - Душанбе, 2012. – 208 с.
4. Дудников А.В. Русский язык / А.В Дудников. - Москва, 1983. – 261 с.
5. Зайниддинов З. Аз хусуси истилоҳи "палонҷ" ва синонимҳои он / З. Зайниддинов // Забоншиносии точик. - Душанбе: Дониш, 1990. - С. 64-68.
6. Калонтаров Я.И. Луғати имлои забони тоҷикӣ / Я.И. Калонтаров. – Душанбе: Ирфон, 1974. – 333 с.
7. Муҳаммадҳусайнӣ Бурҳон. Бурҳони Қотеъ. – Душанбе: Адиб, 1993. – 416 с.
8. Назарзода С. Истилоҳоти забони тоҷикӣ: таърих гаройиш ва дурнамо. – Душанбе, 2013. – 375 с.
9. Сангинова Р. Лексикаи лаҳҷаи Конибодом / Р.Сангинова. - Душанбе, 2012. – 77 с.
10. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ.1. - М., 1969. - 951 с.
11. Фасмер М. Этимологический словарь русского языка. Том 2 / М.Фасмер. – Москва: Прогресс, 1986. – 871 с.
12. جلیلیان. ع. فرهنگ باشور – کردی – کردی فارسی، انتشارات پر سما1385.
13. خسروی. ع. فرنگ بختیاری. تهران، فرهنگسرا، 1386.

ИСТИЛОҲОТИ ИФОДАКУНАНДАИ МАФҲУМҲОИ ХЕШУТАБОРӢ ДАР ШЕВАЮ ЛАҲҶАҲОИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Дар мақолаи мазкур оварда шудааст, ки истилоҳот дар забон дар натиҷаи кӯшиши соҳибзабон ба вуҷуд омада, як қабати муҳимми лексикаро ташкил медиҳад. Инчунин, муаллифон қайд менамоянд, ки аз қадим ин гурӯҳи калимаҳо, ки доимо дар истеъмол буданд, дар адабиёти илмию бадеӣ хеле васеъ инъикос ёфтаанд. Муаллифон дар мақола ба таҳқиқотҳои забоншиносон такя намуда, истилоҳи ифодакунандаи мафҳуми хешовандро дар шеваю лаҳҷаҳои тоҷик ба ду гурӯҳ ҷудо намудаанд: хешовандони хунӣ ва хешовандони ғайрихунӣ. Инчунин онҳо қайд намудаанд, ки ин гурӯҳи калимаҳо як қабати муҳимми лексикаи забони тоҷикиро ташкил медиҳанд. Дар мақола оварда шудааст, ки аксарияти ин вожаҳо дар осори ниёгонамон ва дар луғатҳои тафсирӣ низ ба ҳамин шакл корбаст шудаанд, чи тавре ки дар айни замон дар лаҳҷаву шеваҳо мавриди истифода қарор доранд. Муаллифон исбот намудаанд, ки баҳсҳо дар атрофи ин мавзӯъ миёни забоншиносон оид ба истифодаи истилоҳоти хешовандӣ дар лаҳҷаю шеваҳо то ба имрӯз идома дорад. Дар баробари ин оварда шудааст, ки ин вожаҳо бо баъзе тағйиротҳои савтӣ дар шеваю лаҳҷаҳо корбаст шудаанд. Гарчанде ки ин навъи истилоҳот аз ҷиҳати шакл дар лаҳҷаву шеваҳо гуногун бошанд ҳам, аммо мафҳумҳои онҳо як аст.

Калидвожаҳо: лексика, истилоҳ, хешутаборӣ, зан, додар, хоҳар, бародар, забони тоҷикӣ, калима, лаҳҷа, шева, забони адабӣ.

ТЕРМИНЫ РОДСТВА В ГОВОРАХ И ДИАЛЕКТАХ ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКА

В данной статье отмечается, что термины в языке появились благодаря стремлениям носителей языка и занимают особое место в лексике. Также, автор отмечает, что с древных времён эти группы слов всегда исползовались и занимали особое место в научной и художественной литературе. Автор опираясь на исследование языковедов, разделяет термины обозначающие родство в диалектах и говорах таджикского языка на две группы: корвное родство, некровное родство. Автор отмечает, что эти слова занимают особый пласт лексики таджикского языка. В статье отмечается, что некоторые из этих слов в произведениях мыслителей и толковых словарях исползованы в такой же форме, как используются в настоящее время в диалектах и говорах. Автором доказано, что споры вокруг данной темы среди языковедов до сих пор продолжаются. Эти слова с небольшими фонетическими отличиями используются в таджикских диалектах и говорах. Несмотря на то что формы этих слов в таджикских диалектах и говорах разнобразные, но значение у этх слов одинаковое.

Ключевые слова: лексика, термин, родство, жена, брат, сестра, старший брат, таджикский язык, слова, говор, диалект, литературный язык.

KIND TERMS IN SPEAKING AND DIALECTIONS OF THE TAJIK LANGUAGE

This article notes that terms in the language appeared due to the aspirations of native speakers and occupy a special place in vocabulary. Also, the author notes that since ancient times, these groups of words have always been used and occupy a special place in scientific and fiction. Based on the study of linguists, the author divides the terms denoting kinship in dialects and dialects of the Tajik language into two groups: gross kinship, bloodless kinship. The author notes that these words occupy a special layer of vocabulary of the Tajik language. The article notes that some of these words in the works of thinkers and explanatory dictionaries are used in the same form as they are currently used in dialects and dialects. The author has proved that debates around this topic among linguists are still ongoing. These words with small phonetic differences are used in Tajik dialects and dialects. Despite the fact that the forms of these words in Tajik dialects and dialects are diverse, but the meaning of these words is the same.

Keywords: vocabulary, term, kinship, wife, brother, sister, older brother, Tajik, words, dialect, dialect, literary language.

Сведения об авторах: ***Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна*** – Таджикский государственный институт языков им. Сотима Улугзаде, кандидат филологических наук, доцент кафедры теории и практики языкознании. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Мухаммадиева 17/6. Тел.: **(+992) 917-11-66-26**
Карабоева Лутфия – Таджикский государственный институт языков им. Сотима Улугзаде, ассистент кафедры теории и практики языкознании. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Мухаммадиева 17/6

Information about the authors: ***Abdulloeva Gulrukhsor Ziyodulloevna*** **-** Tajik State Institute of Languages named after Sotima Ulugzade, Candidate of Philological Sciences, Associate Professor of the Department of Theory and Practice of Linguistics. Address: 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Muhammadiev 17/6. Tel .: **(+992) 917-11-66-26**
Karaboeva Lutfiya **-** Tajik State Institute of Languages named after Sotima Ulugzade, assistant of the Department of Theory and Practice of Linguistics. Address: 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Muhammadieva 17/6

УДК: 811.21/.22-54

ТАШАККУЛЁБИИ ЗАБОНИ МУОШИРАТИ ДИПЛОМАТӢ ДАР МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ

Саидова Ф.Ҳ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Забон ҳамчун василаи гуфтугӯи одамон ва муошират байни кишварҳо дар татбиқи сиёсати хориҷии ҳар як давлат мақоми хосса дорад. Баъзе забонҳо бар асари нуфуз ва эътиборе, ки дар ҷомеа пайдо мекунанд хеле рушду тавсеа ёфта ба истилоҳ мақоми «забони дипломатӣ»-ро ба худ касб мекунанд.

Агар ба таърихи ташаккулёбии рушди забонҳои муошират дипломатӣ муроҷиат намоем, равшан мегардад, ки то асри XVIII забони умумӣ ва ё ин ки «Linga-franka» - и дипломатӣ забони лотинӣ ба ҳисоб мерафт. Дипломатҳо на танҳо бо ин забон мукотиба мекарданд, балки байни худ бо ин забон гуфтугӯ мекарданд ва имзои созишномаҳо миёни давлатҳо низ бо ин забон сурат мегирифт. Чунин созишномаҳои машҳур дар таърихи муносибатҳои байналхалқӣ, созишномаи Вестфалии соли 1648, созишномаи англисӣ-даниягӣ соли 1670, хамчунин созишномаи англо-голандӣ аз соли 1674 ба забони лотинӣ тартиб дода шуда буд ва ҳамчун як иқдоми байналмилалӣ дар муносибатҳои дипломатӣ пазируфта шуда буд.

Ҳамзамон дар тӯли асри XVIII франсузҳо кӯшишҳои зиёд ба харҷ доданд, ки забони онҳо ба ҳайси забони дипломатӣ пазируфта шавад, вале аз ҷониби бисёр кишварҳо ин иқдом пазируфта нашуд. Баъдан роҳҳо ва усулҳои дигари ба роҳ мондани забони фаронсавӣ ба сифати забони муошират дипломатӣ мавриди истифода қарор гирифт. Масалан, созишномаи Аахен аз соли 1748 ба забони фаронсавӣ навишта шуда буд. Аммо дар созишнома моддаи алоҳида ворид шуда буд ва дар он таъкид шуда буд, ки ин амал набояд ҳамчун иқдоми намунавӣ қабул гардад. Бо вуҷуди ин, як силсила созишномаҳои дигар ба мисли созишномаи Париж аз соли 1763, созишномаи Версал 1783 ва баъдан дар созишномаи ниҳоии Конгреси Вена ин амал дубора такрор шуд [4, с.342].

Бо вуҷуди ин ҳама маҳдудиятҳо ва ишораҳо дар мавриди қабул набудани забони фаронсавӣ ҳамчун забони дипломатӣ дар миёнаҳои асри XVIII забони фаронсавӣ ҳамчун забони дипломатӣ мақоми устувор пайдо кард. Дар конгресси Вена соли 1815 ва конгресси Париж 1856 тамоми корҳо танҳо ба забони фаронсавӣ пеш бурда мешуданд. Танҳо дар конференсияи Париж 1918-1919 забони англисӣ дар муошират дипломатӣ ба сатҳи забони фаронсавӣ баробар гардид. Дар созишномаи мазкур мутобиқ ба моддаи алоҳидаи он (моддаи 43) таъкид гардид, ки «….забони фаронсавӣ ва англисӣ забони аслии ин муоҳада ба ҳисоб меравад» [4, с.343]. Маҳз ҳамин мода мақоми забони фаронсавиро ҳамчун забони расмии дипломатӣ барҳам дод. Бартарӣ доштани забони фаронсавӣ ба дипломатҳои Фаронса имконият медод, ки афзалияти худро бар дигар дипломатҳо нишон диҳанд.

Дар замонҳои пеш дипломатҳои бисёр кишварҳо вазифадор буданд, ки ҳадди ақал ду забонро дар муошират дипломатӣ, ки яке аз онҳо ҳатман забони фаронсавӣ буд, бояд медонистанд. Аммо баъдан бар асари рушду такомули муносибатҳои байналхалқӣ ва тавсия ёфтани принсипҳои демократӣ дар дипломатия танҳо ҳарф задан ба забони фаронсавӣ хеле мушкил гардид. То созишномаи Версал муоширатҳои дипломатӣ танҳо бо ин забон пеш бурда мешуданд. Дар ин миён танҳо дар Шарқи дур забони англисӣ мақоми мустаҳкам дошт. Дар Аврупо бошад нотаҳо, меморандум ва эъломияҳо ба забони фаронсавӣ таҳия мешуданд ва тамоми суҳбатҳои расмии дипломатӣ ва дунявӣ ҳамчунин бо ин забон пеш бурда мешуданд.

Забоншиносон бар ин нукта таъкид менамоянд, ки забони форсиро доро мебошад, ки дар муқоиса бо забонҳои дигар онро афзалиятнок гардонидааст. Ҳамон тавре ки таъкид ба амал омадааст, забони форсиро бидуни ҷобаҷогузории мантиқии калимаҳо ва мақсади гӯянда ба таври шояду бояд фаҳмидан мушкил аст. Ҳамон тавре ки мегӯянд, бояд ҷобаҷогузории мантиқии ҳар як калима тақрибан бо ҳисобҳои дақиқи математикӣ баробар бошад [4, с.37].

Дар системаи хадамоти дипломатии Россия то охири қарни XIX бисёре аз сафирони рус дар мукотиботи худ бо мақомоти расмии давлати Россия аз забони форсиро истифода мекарданд.

Дар ин росто бамаврид аст оиди мақом ва нақши забони арабӣ ишора намоем. Ин забон то асрҳои VI-VII то бунёд ёфтани хилофати араб дар Шарқ ва то асрҳои XVI-XVII дар Ғарб ҳамроҳ бо забони лотинӣ забони илм ба ҳисоб мерафтанд ва имрӯз забонҳои классикии илм ёдрас мешаванд. Баъди асрҳои VI-VII нуфузи забони арабӣ дар аксари мамлакатҳои Шарқ зиёд ва забони муошират гардид. Тамоми аъёну ашрофон ва ҳокимони давр забони арабиро медонистанд, зеро қонуну қарорҳои давлатӣ бо ин забон навиштаву тасдиқ мешуданд. Таъсири забони арабӣ оҳиста-оҳиста соҳаҳои дигари иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангӣ, аз ҷумла илмро фаро мегирифт. Натиҷа ин шуд, ки забони илм аз забонҳои лотинию юнонӣ сӯйи забони арабӣ майл кард. Ҳамчунин забони арабӣ ба таври мустақим ва ғайри мустақим ба чандин забонҳо мисли забони форсӣ, туркӣ, урдугӣ ва баъзе забонҳои аврупоӣ таъсири худро расондааст.

Таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба забони арабӣ аз миёнаҳои асри бистум оғоз гардид. Дар соли 1948 ҳангоме ки Юнеско тасмим гирифт, ки забони арабиро ба унвони севумин забони расмии худ баъди забони англисӣ ва форсиро бипазирад.

Аз замони нишасти ҳафтуми ҳайат гузориш шудааст, ки забони арабӣ ба унвони як забони корӣ дар Юнеско дар тарҷумаҳои фаврӣ, тарҷумаҳои хаттӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо истифода шавад, зеро забони арабӣ забони расмии аксар давлатҳои аъзои ин созмон мебошад.

Соли 1960 дар конфронси умумии ёздаҳуми созмони ҷаҳонии Юнеско забони арабӣ ба расмият шинохта шуд. Бинобар ин Юнеско тасмим гирифт, ки дар конфронсҳои минтақавӣ дар кишварҳои арабӣ аз забони арабӣ истифода намояд ва санадҳоро ба забони арабӣ тарҷума намояд [11].

Созмони Милали Муттаҳид 18 уми декабри соли 1973 забони арабиро ба расмият шинохт. Баъд аз ин тадбирҳои аввалия, соли 1974 конфронси умумӣ баргузор гардид ва қарор шуд, ки забони арабиро ҳамчун забони корӣ дар баробари 5 забони дигар ҷой кунанд. Ин бо дархости кишварҳои Алҷазоир, Ироқ, Қувайт, Арабистони Саудӣ, Яман, Тунис Ҷумҳурии Мисри Араб ва Лубнон карда шуд [11].

Дар таърихи муносибатҳои байналхалқии кишварҳои Шарқ ҳамзамон бо забони арабӣ, забони форсӣ низ аз мақоми хоссе бархӯрдор буд. Тавре забоншиносон таъкид менамоянд, забони форсӣ дар се марҳалаи рушди таърихии худ, ки умумиятҳои лексикӣ, морфологӣ ва фонетикии худро дорад, рушду такомул ёфтааст. Дар давраи ҳокимияти Сосониён бошад ба забони муошърати халқҳо ва гурӯҳҳои этникие мубаддал гардид, ки дар тамоми қаламрави империяҳои эронӣ сукунат доштанд. Ба истилоҳ ин ба забони лингва франкаи байналмилалӣ мубаддал мегардад, ки бидуни шубҳа забони тоҷикӣ низ аз ин мақом бархӯрдор буд. Бахусус аз мақому манзалати дар Ҳинд доштааш низ, мо огоҳ ҳастем.

Дар ҶИЭ дар муносибат бо забони форсӣ ҳамчун омили танзимкунандаи фаъоли сохтори давлатӣ, кӯшишҳои истифода намудани ин забон ба сифати «неруи нарм» (мягкая сила) дар сиёсати хориҷӣ ба таври васеъ мавриди истифода қарор гирифтааст. Ҳамчунин дар ҶИЭ идеяи истифодаи забони форсӣ ҳамчун омили фарҳангӣ дар дунё ва забони дуюми ислом хело таблиғу ташвиқ карда мешавад [10, с.190-196].

Моҳи июни соли 2006 забони форсӣ дар баробари забони русӣ, хитойи ва англисӣ яке аз забонҳои расмии Созмони ҳамкориҳои Шанхай (СҲШ) пазируфта шуд, ки аз обрӯ ва нуфузи забони форсӣ-тоҷикӣ дар замони истиқлолияти Тоҷикистон гувоҳӣ медиҳад.

Дар ин росто бояд ёдовар шуд, ки дар Ҷумҳурии исломии Эрон ба ташвиқу тарғиби забони форсӣ ҳамчун забони байналмилалии муносибат ва муошърат «Созмони фарҳанг ва иртиботи исломӣ» фаъолият мекунад. Мутобиқ ба маълумоти соли 2016 бо сайю талоши ин созмон дар 29 кишвари дунё марказҳои омӯзиши забони форсӣ таъсис дода шудаанд [7].

Дар замони ҳозира забони ягонае, ки ба он ҳатман дипломатҳо бояд муошърат намоянд ва муоҳидаҳои байналхалқиро таҳия намоянд вуҷуд надорад. Тавре ки мебинем, тақрибан баробарии забонҳо дар муносибатҳои дипломатӣ барқарор шудааст. Таърихан чунин ҳолате ба амал омад, ки нақши Британияи Кабир вобаста ба рушди назарраси иқтисодӣ, тиҷоратӣ ва пайваста васеъ шудани системаи колониалӣ забони англисӣ машҳур гардида дар муносибатҳои байнидавлатию дипломатӣ бештар мавриди истифода қарор мегирад. Ин тамоюл то ба ҳоли ҳозир низ идома дорад. Вале ҳар як давлат

истифода кардани забони расмии худро дар тамоми чанбаҳои равобити дипломатӣ ва мукотиботи ҳаррӯза метавонад истифода намояд.

Бо вуҷуди ин, оиди муносибат бо забонҳо дар соҳаи фаъолияти дипломатӣ баъзе истисноҳо вуҷуд дорад, ки дар он асос баъзе сабукиҳо дар муошират дуҷониба дар арсаи байналмилалӣ дар доираи созмонҳои байналмилалӣ, конфронсҳои байналмилалӣ ва фаъолияти дипломатии ҳамарӯза мадди назар гирифта мешавад. Дар СММ истифодаи шаш забон – англисӣ, форонсавӣ, русӣ, испанӣ, хитойӣ дар асоси мувофиқаи умумии кишварҳои узви ин созмон ба таври расмӣ шинохта шудаанд. Нормаву қоидаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ оиди истифодаи забонҳо дар доираи СММ ва дигар созмонҳои байналмилалӣ нақши забонҳои давлатиро дар арсаи байналмилалӣ коҳиш намедиҳад, баръакс чунин норма пазируфта мегардад, ки бо забони давлатӣ мукотиба мавриди истифода қарор гирад ва тарҷумаи он бо забони дипломатии дар он кишвар пазируфта замима гардад. Он чӣ, ки ба забонҳои мавриди истифода дар СММ марбут аст, бидуни шакку шубҳа ба теъдоди халқҳое марбут аст, ки ба он забон муошират мекунанд.

Фаъолияти дипломатӣ ва истифода аз забони дипломатӣ дар тафовут аз дигар соҳаҳои фаъолияти корӣ бо доштани якчанд вежагиҳо фарқ мекунад. Аввалан, тамоми таърихи дипломатия, ин, пеш аз ҳама, муносибат миёни давлатҳо, монархҳо, шоҳон, императорон аз қадим то ба имрӯз аст. Дуюм ин ки дипломатия маҷмӯи шаклҳо ва методҳои музокирот ба манзури ҳаллу фасли ихтилофоти байналмилалӣ бо усулҳои мусолиматомез мебошад. Гузашта аз он, дипломатия ин техника ва маҳорати гуфтугӯе мебошад, ки бо он забон дипломатҳо миёни ҳам муошират мекунанд. Тавре ки файласуфи Юнони Қадим Демосфен менависад: «Сафирон на киштӣ, на тӯпхонаи вазнин ва на қасрҳо доранд. Силоҳи онҳо сухан ва имкониятҳои мусоид аст».

Ҳамин тавр метавон гуфт, ки дар муносибатҳои байналхалқӣ забоне бештар нуфузу эътибор пайдо мекунад, ки аз ғановати бузурги лексикӣ, морфологӣ ва фонетикӣ бархӯрдор бошад.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Lazard, G. «Darī - The New Persian Literary Language» // Encyclopædia Iranica. Online Edition. - 2011.
2. Windfuhr G. Introduction to the Iranian Languages / Iranian Languages. - N.Y., 2009.
3. Джураев Г. Три ветви единого языка / Г. Джураев // Вестник Таджикского национального университета. Серия филологических наук. – Душанбе, 2014. - №4. – С.24-32.
4. Камбон Ж., Дипломат. Дипломатия / Ж.Камбон, Г.Никольсон. - Издательство Научная книга, 2006.
5. Каменева М.С. К вопросу российско – иранском культурно-языковом диалоге / М.С. Каменева // Иран. История. Экономика. Культура. – М.: ИВ РАН, 2009. – С.102-104.
6. Конституция Исламской Республики Иран. – М., 2012.
7. Месамед В.И. Фарси как интегрирующий фактор в Исламской Республике Иран / В.И.Месамед. Интернет ресурс. http:// znakka 4 estva .ru / dokumenty / bankovskoe-delo-strahovanie/farsi-kak-integriruyuschiy-faktor/
8. Мошкало М.В. Персидский / М.В. Мошкало // Языки мира: Иранские языки. Ч. 1: Юго-западные иранские языки. - М., 1997.
9. Никольсон Г. Дипломатия / Г.Никольсон; перевод. Гашкель Л.А. - М., 2017.
10. Рубинчик Ю.А. Персидский язык и его роль в освещении религиозно-политических терминов мусульманского мира / Ю.А. Рубинчик // Иран. История. Экономика. Культура. – М.: ИВ РАН, 2009.
11. http://www.almarefh.net http://www.unesco.org/new/ar/unesco/resources/history-of-the-arabic-language-at-unesco

ТАШАККУЛЁБИИ ЗАБОНИ МУОШИРАТИ ДИПЛОМАТӢ ДАР МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ

Дар мақола масъалаҳои мубрами таърихи рушду такомули забони дипломатӣ дар муносибатҳои байналхалқӣ мавриди баҳсу баррасӣ қарор гирифтааст. Дар робита ба ин, муаллиф ба марҳалаҳои инкишофи забон, нақш ва мақоми он дар рушду такомули муоширати байналмилалӣ муроҷиат намудааст. Тавре ки маълум мегардад, дар муносибатҳои байналхалқӣ забони лотинӣ ҳамчун забони муоширати дипломатӣ то асри XVIII нақши мубрам дошта, таҳияи аксар санадҳои байнидавлатӣ тавассути он сурат гирифтаанд. Бо таъкид бар ин матлаб собит мешавад, ки бо тақозои замон забони форонсавӣ ба сифати забони дипломатӣ пазируфта мешавад, ки ин марҳилаи тоза дар таърихи рушду такомули муоширати дипломатӣ мебошад. Дар муносибатҳои байналхалқии кишварҳои Шарқ бошад, чунин нақши муҳимро забони арабӣ ва форсӣ иҷро кардаанд. Дар ин росто оиди мақом ва нақши забони арабӣ ишора намудаем. Ин забон то асрҳои VI-VII то бунёд ёфтани хилофати араб дар Шарқ ва то асрҳои XVI-XVII дар Ғарб ҳамроҳ бо забони лотинӣ забони илм ба ҳисоб мерафтанд ва имрӯз забонҳои классикии илм ёдрас мешаванд. Таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳон ба забони арабӣ аз миёнаҳои асри бистум оғоз гардид. Дар соли 1948 ҳангоме ки Юнеско тасмим гирифт, ки забони арабиро ба унвони севумин забони расмии худ баъди забони англисӣ ва форонсавӣ бипазирад. Мақоми забони форсӣ ҳамчун забони дуюми ислом хеле боарзиш аст. Дар марҳилаи ҳозира бошад, шинохта шудани забони форсӣ ҳамчун яке аз забонҳои расмии Созмони ҳамкории Шанхай далели хубе аст, ки аз нуфузу эътибор пайдо намудани забони форсӣ-тоҷикӣ дар муносибатҳои байналмилалӣ гувоҳӣ медиҳад.

Калидвожаҳо: муносибатҳои байналхалқӣ, забони дипломатӣ, забони лотинӣ, забони форонсавӣ, забонҳои арабӣ ва форсӣ, таърихи забонҳо.

РАЗВИТИЕ ЯЗЫКА ДИПЛОМАТИЧЕСКОГО ОБЩЕНИЯ В МЕЖДУНАРОДНЫХ ОТНОШЕНИЯХ

В статье рассматриваются актуальные проблемы истории развития и становления дипломатического языка в международных отношениях. В связи с этим автор особо рассматривает стадии развития языка, его место и роль в развитии международного дипломатического общения. Как нам известно, в международных отношениях и дипломатической практике, латинский язык, вплоть до XVIII века, считался языком дипломатического общения, также делопроизводство велось именно на этом языке. Также ссылаясь на исторические источники, нам становится известно, что, в результате исторических перемен и требования времени, французский язык стал применяться в качестве международного официального и дипломатического языка, и данное явление характеризуется как новый период в истории развития и становления международно-дипломатического общения. В международных отношениях стран Востока «линга франка» считался арабский и персидский языки. Особо хотелось бы отметить, роль персидского языка как второго языка в исламе. Персидский язык считался одним из значимых языков в мусульманском мире. Признание персидского языка в настоящее время как одного из официальных языков Шанхайской организации сотрудничества подтверждает, что персидского-таджикский язык приобретает весомый авторитет и признается важным в современных международных отношениях.
Ключевые слова: международные отношения, дипломатический язык, латинский язык, французский язык, арабский язык и персидский, история языков.

DEVELOPMENT OF THE LANGUAGE OF DIPLOMATIC COMMUNICATION IN INTERNATIONAL RELATIONS

The article deals with the actual problems of the history of the development and formation of the diplomatic language in international relations. In this regard, the author especially considers the stages of language development, its place and role in the development of international diplomatic communication. As we know, in international relations and diplomatic practice, Latin, up to the 18th century, was considered the language of diplomatic communication, and paperwork was conducted in this language. Also, referring to historical sources, we become aware that, due to historical changes and the demands of the time, the French language has become used as an international official and diplomatic language, and this phenomenon is characterized as a new period in the history of development and formation of international diplomatic communication. In the international relations of the East "lingua Franca" was considered the Arabic and Persian languages. I would especially like to note the role of the Persian language as a second language in Islam. Persian was considered one of the most important languages in the Muslim area. The recognition of the Persian language as one of the official languages of the Shanghai cooperation organization confirms that the Persian-Tajik language acquires a significant authority and is recognized as important in modern international relations.
Key words: international relations, diplomatic language, Latin, French, Arabic and Persian, history of languages.

Сведения об авторе: ***Саидова Фарзона Хомидовна*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, старший преподаватель кафедры международных отношений и дипломатии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17

Information about the author: ***Saidova Farzona Homidovna*** – Tajik National University, candidate of philology sciences, senior lecturer of the Department of International Relations and Diplomacy. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki, Ave., 17

УДК 801.312

АНДЕШАҲО АТРОФИ РОМГАРДОНӢ ВА МАЪНОИ НОМИ АСП ДАР БАЪЗЕ ЗАБОНҲО

Тухтасунов О.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров

Асп ҳайвони саворие мебошад, ки дар тӯли таърихи дароз дар рушду пешрафти ҳаёти инсонӣ нақши муҳимме бозидааст. Инсон дар даврањои аввали ҳаёти ҷамоавӣ аспро танҳо барои таъминоти ғизоии худ шикор менамуд. Баъд аз ромгардонӣ, онро чун воситаи нақлиёт ва ҳам барои ширашш истифода намудааст. (То ҳол баъзе халқиятҳо гӯшт ва шири аспро истеъмол менамоянд, аз шири он паниру нӯшобаҳо тайёр мекунанд). Асп аз даврони қадим то ба ин вақт ҳайвони хуби савора ва воситаи нақлиёти муҳимми боркаш ба шумор меравад. Инсон онро дар дарозои таърих дар тамоми самтҳои ҳаёти худ: дар кишоварзӣ, осиёбгардонӣ, кишваркушоӣ, воситаи сафар ба дигар манотиқҳо, хабаррасонӣ, хусусан ба мақсади ҳарбӣ васеъ истифода бурдааст. Дар гузашта ягон ҷанге бидуни истифодаи асп сурат нагирифта, дар ҳар ҷанг саворалашкар қувваи асосии пирӯзёбӣ маҳсуб меёфт. Маҳз асп буд, ки давлате манотиқи дурдастеро низ зери тасарруфи худ медароварда. Дастаи савора барои нобаҳангом, шабохун задан ва ғофилгир кардани душман хеле зарур буд. Дар даврони ҷанг талабот ба асп боз ҳам меафзуд. Ва беҳуда нест, ки Саъдии Шерозӣ дар як байташ чунин овардааст:

Аспи лоғармиён ба кор ояд
Рӯзи майдон, на гови парварӣ.

Муҳаққиқон ватани аспро дашту саҳроҳо ва ҷангалҳои қисмати ҷанубии манотиқи Осиёю Аврупо медонанд. Худи асп низ то табдил ба шакли имрӯза кардан, як даврои тӯлонии инкишофи таърихии худро аз сар гузаронидааст. Меоваранд, ки дар даврои яккунии саросар, аксари аспҳои дар қисмати шимолии қитъаи Осиё ва Аврупо буда, аз сардӣ нобуд гаштаанд ва танҳо қисме дар мавзеъҳои ҷанубӣ зинда монда, ки онҳо

аҷдодони аспҳои имрӯза мебошанд. Аввалин аспҳои озод зист дошта аз аспҳои имрӯза бо пурқувватӣ, тоқатпазирӣ ва андозаи худ фарқ мекарданд. Дар расмҳои рӯйи санг ҳифзмонда, тасвири асп нисбати дигар ҳайвонот хеле зиёд вомехӯрад. Расми аспи дар навиштаҷотҳои рӯйисангии даврони Ҷамшеди Насрро ҳазорсолаи III то милод медонанд [2, с.137; 13, с.110].

Албатта, ромкунии асп низ аз тарафи инсон хеле барвақт оғоз ёфтааст. (Шояд, баъд аз ром намудани асп ва истифодаи он дар аробакашӣ, ба аҳли хонаводаи ҳиндуаврупоӣ, имкон додааст, босуръат ба атроф паҳн гарданд ва сарзаминҳои буду боши худро васеъ гардонанд). Бархе сарзамини ромкунӣ ва нахустпарвариши аспро, минтақаҳои атрофи Амударё ва Сирдарёи Осиёи Миёна медонанд ва иддае тахмин мекунанд, ки се ҳазор сол пеш аз милод қабилаҳои кӯчманчии Осиёи шарқӣ аспро бо худ ром намуда, дар шароити хона парвариши онҳоро ба роҳ мондаанд. Умуман, дар аксар сарчашмаҳо аз Осиёи Миёна ба қисмати шимол ва ҷанубии Осиё ва баъд ба Осиёи Хурд ва аз он ҷо ба дигар минтақаҳо ба Африқою Австралиё паҳн шудани аспро таъкид мекунанд.

Аспро баъзе аз халқиятҳои куҳани Осиёи Хурд, хеттҳо ва шумериҳо *“anšu-kur-ra”* мегуфтанд, ки маънояшро муҳаққиқон *“хари шарқӣ”* тавзеҳ додаанд [2, с.137]. Чунин ном доштани асп дар забони онҳо баёнгари он аст, ки ин ҳайвони савора ба ин сарзамин аз шарқ, шояд аз Осиёи Миёна оварда шуда бошад. Боз таъкид доранд, ки шумериҳо аспро танҳо воситаи нақлиёт ва боркашонӣ истифода намуда, гӯшт ва шири онро истеъмол намекарданд. Дар онҳо қабл аз истифодаи асп, барои аробакашӣ истифодаи хар маъмул буда, ки далели ин чанд расмҳои аз қадим дар ин мавзеъҳо ҳифз монда мебошанд. Тахмин доранд, ки харҳои нисбатан калони дар расмҳо тасвирёфта, шояд хачирҳо бошанд, ки худи шумериҳо аз дурага кардани хар бо аспҳои ёбоӣ ба вуҷуд оварданд. Бархе оваранд, ки номи *“anšu-kur-ra (хари шарқӣ)”* аввалин маротиба дар идеограммаи аввали ҳазораи II то милод, дар даврони пойбарҷо будани забони аккатӣ дучор мегардад ва эҳтимол доранд, ин вожа боз ҳам пештар, дар миёнаҳои ҳазораи III пайдо шуда бошад [2, с.137]. Дар достони ҳамосавии Гилгимеш, ки ба охирҳои ҳазораи III то милод рост меояд, низ ба аробаҳо баста шудани хачирҳо ёд мегардад. Дар махазҳои Бобулистонӣ шуғли асппарвариро аз даврони Хаммурапи, садаи XVIII то милод, зикр кардаанд. Дар баъзе сарчашмаҳо овардаанд, ки тахминан аз солҳои 1500 то 1150 пеш аз милод давлати Бобулистонро касситҳо идора карданд ва онҳо халқияти аз мавзеъҳои наздикӯҳии Эрон омада буданд [9, с.86]. Яъне, дар нимаи дуюми ҳазораи II то милод асп чун ҳайвони хонагӣ дар аксар давлатҳои Осиёи Наздик низ истифода мешудааст. Дар баъзе маъхазҳо ишора рафта, ки ташаккул ва рушди асппарварӣ, хусусан дар давлати модҳо, ки дар миёнаи ҳазораи II то милод, қисмати шимоли Байнарнаҳран, ҷанубии наздикӯҳии Арманистон ва Суриё ва вилоятҳои шарқии дарёи Даҷларо дар бар мегирифтааст, боло рафта буда, маркази асппарварии он даврон ҳисоб мегаштааст. Ва ҷое оваранд, ки ассуриҳо аспҳои худро аз Осиёи Хурд ва мавзеъҳои назди кӯҳии Арманистону давлати мод дастрас менамуданд [2, с.168]. Гурӯҳе аз таърихнигорон бо мақсади ҳарбӣ, лашкар ва аробаҳои ҷангикашӣ истифодаи васеи аспҳоро охирҳои ҳазораи III ва аввали II-и то милод ва нахустин муваффақиятҳоро дар ин самт ба аҳли форс насиб медонанд. Дар форсҳо аспҳои аробакаш ва савории онҳо аз ҳам фарқ доштаанд. Дар даврони қадим шоҳони форсзамин бо аспҳои худ фахр намуда, барои туҳфа ба ҳамдигар асосан аспони тезпову давандро пешниҳод менамудаанд. Зикр кардаанд, ки аспҳои форсии қадим, парфиянӣ ва сакоиҳо хеле тезҳаракат, резапой будаанд ва аз онҳо аспҳои арабии муосир, ахалтекинӣ, туркманӣ ва аз аспҳои сакоиҳо зоти англисӣ пайдо шудаанд.

Сохти кафи пой, доштани суми ғафс далели он аст, ки асп давраҳои дуру дарози таърихи инкишофи худро дар манотиқи иқлими хушк, заминҳои сахту санглох гузаронидааст. Аз ин рӯ, ҳадс задаанд, ки ватани асп сарзаминҳои Осиёи Миёна буда, хонагикунии онҳо низ нахуст дар ин сарзамин сурат гирифтааст. Беҳуда нест, ки аҳли ин ҷо аспро аз қадим ҳайвони муқаддас медонистанд ва дар достонҳои ҳамосии худ васфаш кардаанд. Инчунин, аз қадим дар байни аҳли ин минтақа мусобиқаҳои бузкашӣ, аспдавонӣ ва бозии ҷавгони аспӣ маъмул буда, ки то ҳол ташкили онҳо дар ҳар иду ҷашнвораҳо пойбарҷост. Парвариш ва истифодаи асп дар сарзаминҳои назди кӯҳӣ ва сахтзамин, ки боиси тез хурдашавии суми асп мегардад, инсонро водор намудааст, ки ба кафи он наъли фулузӣ занад. Бозёфти афзолҳои нақшини асп, зин, камарбанду лаҷом аз гурхонаҳои давраҳои гуногуни таърихӣ, дар шарқ аз мавҷудияти як самти ҳунармандии иртибот ба асп дошта гувоҳ аст. Омӯзиши ҷиҳози муҳимтарини идораи асп – лаҷом бо ҷузъи аз фулузи биринҷӣ сохта, аз гурхонаҳои мавзеи Сиалктеппа, Хасанлу ва ноҳияҳои Луристони Эрон пажӯҳишгарони соҳаро ба андеша овардааст, то ҳадс зананд, ки дар ҳазораи II то милод дар шарқ, дар сарзамини Эрон ва қисмати шимоли он - Қафқоз, ҳунармандии омода намудани афзолҳои гуногуни асп ҷой дошта [5, с.413; 2,135].

Дар таърих шароити гуногуни зист ва тағйири вазифа боис шудааст, ки шакли асп низ гуногун шавад. Ба ҳар ҳол асп аз даврони қадим ҳамсафару ёвари инсон мебошад. Он дар байни ҳайвоноти хонагӣ нисбатан доно буда, ба инсон тез унс мегирад. Мегӯянд, ки

асп ҳатто хотираи қавӣ дорад, ҳолатҳои рӯҳии соҳиби худро хуб дарк мекунад ва аз пешомади ҳодисаҳои нохуш қаблан бохабар мегардад. Ҳоло рушди техника, пайдо шудани воситаҳои гуногуни нақлиёт боиси нисбатан танг гаштани истифодаи асп гаштааст, онро танҳо дар мавзеъҳои роҳи ноҳамвор ва душворгузар истифода мебаранд. Вале, нақши асп дар ҳаёти инсон коста нагашта, намудҳои гуногуни бозиҳои варзишӣ бо асп иртибот дошта, пайдо ва рушд намуда истодаанд. Асп таърихи тӯлонӣ ба инсон хизмат кардааст ва хоҳад кард.

Аспро дар гӯйишу забонҳои мухталиф гуногун ном бурдаанд ва атрофи пайдоиши он номҳо, назарҳо низ ягона нестанд. Ин ҳайвони савора дар забонҳои муосири тоҷикӣ-форсӣ, дарӣ, ларӣ, бахтиёрӣ, курдшулӣ, сомгунӣ ва чанд забону гӯйишҳои дигари форсӣ низ *“asp (асп)”* ва баъзан бо гунаи *“asb (асб)”*, дар забони тотии яҳудӣ *“hasb”* ном бурда мешавад. Аз чӣ бошад, ки муҳаққиқон шакли ҳиндуаврупоии онро *“ekuo-s”* аз гунаи лотинии он *“equus”* муайян намудаанд. Овардаанд, ки аспро дар забони яҳудии қадим *“sus”*, дар забонҳои семитӣ ва мисрӣ бо калимаи аккатии *“sisu”*, ҳиндуи қадим *“acva”* ва дар забонҳои авастоӣ ва модҳо *“aspa”* мегуфтанд [2, с.140].

Вожаи *“асп”* асосан хосси забонҳои гурӯҳи форсӣ буда, онро мондагор аз забони модҳо медонанд. Аспро дар форсии қадим *“asa”*, дар авастоӣ *“aspa”*, дар порфиянию скифӣ *“asp”* (дар забони скифӣ якчанд вожаҳое дучор мегарданд, ки дар таркиби ҳуд калимаи аспро доранд, чун *“aspak”*, *“aspurgos”*, ки онҳоро мувофиқан бо маънои *“асп”* ва *“аспи пурқувват”* маънидод намудаанд) ва дар забони скифии давраи охир *“afc”* оварда, калимаи авастоӣ ва форси қадимаи *“asa-bāra”*-ро бо маънои *“савора”* ва *“соҳиби асп”* тавзеҳ додаанд [2, с.73]. Бояд гуфт, ки вожаи *“afc”*-и забони скифии давраи охир, шакли метатезашудаи вожаи *“asf”*, ки он аз *“aspa”*-и забони модҳо шакл гирифтааст, мерос мебошад (Дар забони осетинӣ овои *“p(п)”*-и аксари вожаҳои иқтибосшуда ба *“f(ф)”* бадал шудаанд, ки ин тарзи тағйир, шояд дар забони сикифҳо низ ҷой дошт). Пажӯҳишгарони забонҳои қадим аз забони модҳо ба форсии қадими давраи хатти мехӣ низ иқтибос шуданашро таъкид доранд ва дар сарчашмаҳои хаттии эламӣ вожаи *“aspada”* низ бо маънои *“асп”* оварда шудааст. Бояд дар назар дошт, ки вожаи *“pada”* ҳамрадифи вожаи форсии *“поча”* мебошад. (Вожаи *«по (пой)»* барои ифодаи узви анатомӣ низ қадима буда, он дар забони ҳиндии қадим *“pad”*, юнонии қадим *“ποδ, ποδος (под, подос)”*, дар авастоӣ *“pad, pāja”*, дар хутану сакоӣ *“pā”* ва дар чанд забонҳои дигар бо гунаҳои шабеҳи боло дучор мегарданд [3, с.97]). Дар забони татҳои озарбойҷон асп *“æs (ас)”* гуфта мешавад, ки меросмонда аз шакли форсии бостон аст.

Дар китоби “История мидии”-и худ таърихнигори машҳури рус Дяконов И.М ишора кардааст, ки дар Бобулистони қадим садаҳои VIII пеш аз милод юнучқаро, ки барои онҳо нав растании корамшаванда буд, бо вожаи забони модӣ -*“aspastu”* ном мебурданд, ки маънои он *“хӯроки асп”* буда [2, с.168]. Вожаи *“aspastu”*-и забони модҳоро дар шакли каме тағйирёфта *“aspist (аспист)”* ва гунаҳои *“aspest, espest”* бо маънои юнучқа [10, с.346], дар забони форсии муосир ва дар ашъори баъзе аз шуарои форсигӯи асримиёнагӣ дучор омадан мумкин аст, масалан Абӯисҳоқи Атъима чунин овардааст:

Нохӯрда як шикам аспист ҳаргиз,
Чарогоҳат бувад саҳрои пурхор [8, с.93].

Вожаи *“асп”* дар баъзе маъхазҳои аз қадим ҳифз монда бо шакли *“асб”* низ дучор мегардад. Дар навиштае вожаи *“Acbaka”*- ро номи шахс, аз калимаи *“aspaka”* дониста, бо маънои *“аспсавор”* ва *“ҷанговари савора”* маънидод намудаанд.

Аз байни ҳайвонҳои савора, нисбати уштур ва хар, асп тезҳаракат аст ва бо суръат инсонро аз як мавзеъ ба мавзеи дигар мерасонад. Дар “Фарҳанги забони авастоӣ” ва дигар луғатномаҳо вожаи *“aspa”* ба маънои *“асп”* , *“asa”*- *“тез, чобук”* ва *“āśu aspa” “аспи даванд, тезгард”* оварда шудааст [10, с.316; 12]. Муҳаққиқони забонҳои қадим вожаи авастоии *“āsǐšta”*-ро зодаи вожаҳои забони даврони ориоӣ *“aćǐšta”* ва ҳиндуии қадим *“aśiştha”* дониста бо маънои *“ниҳоят тез”*, *“босуръат”* тавзеҳ доданд ва дар ин вожаҳо бахши *“ǐšta”*- ро пасванди муқоисавии сифатсоз медонанд [10, с.316]. Аз сохтор ва маънои вожаҳои овардашуда маълум мегардад, ки дар онҳо бахши *“ać”* ва гунаи дигари он *“aś”* ифодагари маънои *“тез”*, *“босуръат”* буда, дар забони авастоӣ шакли *“asa, ãsu”*-ро гирифтааст. Дар забони санскрит ханҷар ва корди тезро вожаи шабеҳи боло, *“asi”* ва зуд, фавранро *“āśu”* ифода мекунад. Ин нишон медиҳад, ки гуногунмаъноии вожаи “тез” дар забони тоҷикӣ вобаста ба мавриди корбурд мерос аз гузашта мебошад. Бояд гуфт, ки дар баъзе забонҳои қадим бахши *“ǐs”*- ишора бар пурқувватӣ низ дорад. Дар луғатҳои як қатор забонҳои қадим, дар забони давраи ориё, давраи миёнаи ҳиндуи қадим ва авастоӣ вожаи “*is*” бо маънои қувва ва дар тохарии миёна (Б) вожаи “*aise”* бо ин маъно тавзеҳ ёфтааст [10, с.126]. (Асп чун ҳайвони пурқувват ҳаст, дар илми муосир низ ба сифати воҳиди қувва, нахустин воҳид “қувваи асп”-ро қабул кардаанд, ки он соли 1789 аз тарафи муҳандис-физики шотландӣ Ҷеймс Ватт (1736-1819) ба илм ворид карда шуда буд). Ва дуруст аст, ки донандагони забонҳои қадим ибораи *“āsu kairya”*-и забони авастоиро бо

маънои *“тезкор”* ва *“acu pedius”*-и забони лотинии қадимро бо маънои *“тезпо”* шарҳ додаанд. Дар асоси овардаҳои боло бо боварии комил метавон гуфт, ки вожаи *“aspa”*-и забони модӣ, ки аз он баъдтар вожаи “асп”-и забонҳои тоҷикӣ-форсӣ шакл гирифтааст, дар асл аз вожаҳои *“as”*, ки маънои *“тез”, чобук”, “шитоб”* ва *“ра (па, по)” – “пой”* бунёд ёфтааст. Афтиши овои *“а”* аз дунболи ин калима ҳодисаи маъмули таърихии аксар вожаҳо мебошад. Яъне, маънои луғавии вожаи *“асп” “тезпо”* аст ва дар ҳақиқат, дар байни ҳайвоноти савора асп аз ҷиҳати тезгардӣ ҷойи аввалро ишғол мекунад. Дар ибораи авастоии *“āśu aspa”*, такрорёбии унсури “*as*” (бо маънои “тез”) аз иқтибоси вожаи *“ aspa”* ба ин забон гувоҳӣ медиҳад ва шояд дар замони китобатгардии авасто маънои вожаи худи асп ба онҳо номаълум буда, зеро маънои луғавии *“āśu aspa”* тези тезпо ва ё ниҳоят тезгард мебошад.

Маълум аст, ки забонҳои хонаводаи ҳиндуаврупоӣ як сарчашмаи бунёд доранд ва вожаҳои забонҳо дар тӯли мавҷудияти худ ба таҳаввулоти сохториву маъноӣ дучор мегарданд. Ҳар гуна таҳаввулот на аз пеши худ, яъне хаотикӣ набуда, балки дар доираи қонуниятҳои фонетикии забонҳо амалӣ гаштааст ва мегардад. Аз ин рӯ, ҳангоми пажӯҳиши этимологияи вожаҳо, ҷуз аз донистани забонҳои қадим ва тарзу усулҳои калимасозӣ дар онҳо, ба инобат гирифтани қонуниятҳои фонетикии таҳаввули вожаҳо амри зарур ва натиҷабахш аст. Дар асоси ин гуфтаҳо, таҳлили сохтории вожаҳои ифодагари асп дар як қатор забонҳои аҳли ғарб, аз пайдоиши шарқӣ доштани онҳо дарак медиҳад. Масалан, асп дар забонҳои муосири исландӣ *“hestur”*, норвегӣ *“hest”*, шведӣ *“häst”*, данёгӣ *“hest”*, мебошад. Аз ин номҳо, шакли исландӣ нисбатан мукаммал буда, дар боқимонда тахфиф (редуксия) мушоҳида мегардад. Вожаи исландии *“hestur”* шояд шакли суфташудаи *“hessatur”* бошад, ки дар он бахши *“ѕatur (сатур)”* ишора ба чорвои савора дорад. Вожаи “сатур, сутур”-ро дар иронии бостон бо шакли “*staura*” ва дар форсии миёна “stōr” овардаанд [11, с.225], ки ба бахши *“stur”*-и вожаи *“hestur”*- асп дар исландӣ мувофиқат дорад. Дар луғатҳои забонҳои тоҷикӣ-форсӣ вожаи *“сатур”* ба маънои чорвои савора, асп, хар ва уштур маънидод гаштааст. Дар таърих афтиши садонокҳо ва яке аз ҳарфҳои шадда дар шаклгирии калимаҳо маъмул аст, овои *“h (х)”* дар фонетикаи аксар забонҳо чун маҳинкунандаи овоз буда, ба маъно бетаъсир мемонад. Аз ин оварда метавон бардоште намуд, ки маънои луғавии номи асп дар забони исландӣ *“hestur”,* низ ҳайвони савораи тезгард мебошад. Бархе аз пажӯҳишгарон шаклгирии баъзе вожаҳои забонҳои муосирро натиҷаи афтиши овои *“h (х)”* аз вожаҳои забонҳои даврони қадим медонанд [6, с.88] бояд баръакс бошад ва зери назар дошт, ки дар калимаҳои иқтибосӣ овои *“h (х)”* вобаста ба хазинаи фонетикии забонҳо, аз овоҳои “х” ва “г” низ шакл гирифта метавонад ва ҳангоми маънибардорӣ ин хусусиятҳоро низ мадди назар гирифт. Дар забонҳои дигар: норвегӣ, шведӣ ва даниёгӣ тахфифи бахши “*ur*” ба назар мерасад ва он шояд натиҷаи дар ҳолати дар замима омадан, ово нагаштани ин бахш бошад, ки ин хусусият ба фонетикаи баъзе забонҳои аҳли ғарб хос аст. Вожаи ҳоландии *“paard”* нишон медиҳад, ки онҳо ба асп хеле дертар шинос шудаанд ва нахуст аспони дар кафашон наълдоштаро дидаанд, чунки вожаи *“paard”* маънои *“пойи оҳанзада, наълзада”*-ро дорад. Дар ин вожа бахши *“ра”* -по, *“ar”* –фулуз, оҳан ва *“d”* аз “ат, ата”, ки пасванди феълсози як қатор забонҳои қадим буд, бунёд ёфтааст.

Дар забонҳои форсӣ асп, хар, хачир ва уштурро сутур, ҳайвони савора ва шахси дар онҳо борбударо савора мегӯянд. Ҳоло вожаи савора ба ҳамагуна воситаи нақлиёт корбаст мегардад. Шояд вожаи савора аз бахшҳои “са”-инсон, одам ва “вора” шаклбадалкардаи “бор, бора”, таркиб ёфта, одами дар аспу хар ва дигар васоити нақлиёт бор шуда бошад. (Дар аксар калимаҳои мураккаби аз замонҳои қадим ҳифз монда бахши *“са”* ишора ба инсон, тан ва мавҷудоти зинда дорад. Дар луғати забони санскритии Махабхарата вожаи *“са”*-ро ҳамчун ҷойнишини шахси сеюм, ҳам барои зан ва ҳам мард овардаанд [7, с.347]). Бахши *“вор, вора”* инчунин метавонад аз феъли *“бар, бурдан”* низ муштақ гардад. Дар вожаҳои пайдоиши форсӣ дошта вожаи *“бар”* ба чанд маъно: ҳосил, маҳсул; тан, андом; калон, бузург омада, асоси феъли *“бурдан, баридан”*-ро низ ташкил медиҳад ва шояд дар даврaҳои пас вожаи *“бар”*-и ба маънои ҳосил, маҳсул оянда, ба гунаи *“бор”* бадал гаштааст. Муҳаққиқи намоёни забону гӯйишҳои форсӣ, Абаев В.И. нишон медиҳад, ки дар забонҳои эронӣ аз даврони қадим вожаи *“bar (бар)”* ба маънои савор, савора низ истифода мегашт. Савора дар паҳлавӣ *“bārak”*, форсӣ *“bāragi”*, помирии сарикулӣ “wərōk, wərak” ва шуғнӣ “worj” мебошад, ки онҳо ба вожаи осетинии *“baræg”*- савора мувофиқат доранд [1, с.232]. Дар забони яғнобӣ низ савора *“vār, vora”* (дар ин забон маводҳои ба ҳайвоноти савора кашонанда, борро низ *“вор”* ва шахси савораро *“вора”* мегӯянд [4, с.43,44], дар суғдӣ *“βārāk”*, *“β′r′k”*, аспи савора *“βārākčik”* буда, дар забони сакоӣ *“bārgya”* мебошад [1, с.237]. Шояд ин вожаҳои ба сифати реша бахши *“бар, бор”* дошта, ки ифодагари асп ва ё савора мебошанд, ба феъли *“бар”, “бурдан”* дар иртибот буда ва аспро дар радифи тезпо, вобаста ба вазифааш бо маънои боркашон, борбар низ ифода кардаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Абаев В.И. Историко-этимологический словарь осетинского языка: Том 1. А-К / В.И. Абаев. – М.-Л.: Изд. акад. наук СССР, 1958. – 655 с.
2. Дьяконов И.М. История Мидии. (От древнейших времен до конца IV века до н.э.) 1 книга / И.М. Дьяконов. - Баку: Нагыл Еви, 2012. – 332 с.
3. Қосимов Б.С. Нигоҳе ба таърихи лексикаи забони порсии дарӣ (дар асоси маводи «Таърихи Табарӣ»-и Балъамӣ) / Б.С. Қосимов. - Душанбе, 1995. – 200 с.
4. Мирзозода С. Фарҳанги яғнобӣ-тоҷикӣ / С.Мирзозода. - Душанбе, 2008. – 279 с.
5. Медведская И.Н. Конский убор Древнего Ирана: вопросы хронологии, происхождения и развития / И.Н Медведская // Российский археологический ежегодник. – 2013. - № 3. - С.412-441.
6. Основы иранского языкознания: Новоиранские языки: западная группа, прикаспийские языки / Редкол. В.И.Абаев, М.Н.Боголюбов, В.С. Расторгуева. - М.: Наука, 1982. – 570 с.
7. Симфонический санскритско-русский толковый словарь Махабхараты. - М., 2007. – 472 с.
8. Фарҳанги забони тоҷикӣ (иборат аз 2ҷилд). Ҷилди 1. А-О / Зери таҳрири М.. Шукуров, В.А. Капранов ва диг. - М.: Советская энциклопедия, 1969. – 951 с.
9. Фрай Р. Наследие Ирана / Р.Фрай; под ред. и с предисл. М.А.Дандамаева; пер. с анг. В.А.Ливщица и Е.В.Зеймаля. - М.:Вост. лит., 2002. – 463 с.
10. Расторгуева В.С. Этимологический словарь иранских языков. Т.1. / В.С. Расторгуева, Д.И. Эдельман. - М.: Восточная литература, 2000. – 327 с.
11. Ҳасанзода А. Асолати забон ва маҳорати баён (маҷмӯаи мақолоти мунтахаб) / А.Ҳасанзода. - Хуҷанд: Ношир, 2018. – 516 с.
12. Bahrami E. Dictionary of the Avesta / E.Bahrami, F.Joneydi. - Balkh, 1990. (Iran).
13. Langdon S. The Herbert Weld Collection in the Ashmolean Museum. Pictographic, Inscriptions from Jemdet Nasr. OECT, VII. - Oxford Univ.Press, 1928.

АНДЕШАҲО АТРОФИ РОМГАРДОНӢ ВА МАЪНОИ НОМИ АСП ДАР БАЪЗЕ ЗАБОНҲО

Дар мақола андешаҳои муҳаққиқон аз таърихи ромгардонӣ, истифода ва рушди соҳаи асппарварӣ дар манотиқҳои гуногун, номи асп ва ибораҳои ба номи он иртиботдошта дар як қатор забонҳои қадим ва муосир оварда шуда, вожаи “асп” дар онҳо мавриди таҳлили этимологӣ қарор гирифтааст. Муаллиф дар асоси он ки пажӯҳишгарони забонҳои қадим вожаҳои авастоӣ, ориоӣ ва ҳиндуии қадимро бо маънои *“ниҳоят тез”*, *“босуръат”* ва ибораи авастоии *“аспи даванд, тезгард”* тавзеҳ додаанд ва дар байни ҳайвонҳои савора асп тезҳаракаттарин аст, нишон медиҳад, ки дар он вожаҳо бахш ва гунаҳои дигари он ифодагари маънои *“тез”*, *“босуръат”* мебошад. Ва дар асоси ин овардаҳо вожаи *“aspa”*-и забони модӣ, ки аз он баъдтар вожаи “асп”-и забонҳои тоҷикӣ-форсӣ шакл гирифтааст, аз вожаҳои *“as”* бо маънои *“тез”, чобук”* ва *“pa (па, по)” – “пой”* бунёдёфта медонад. Инчунин, вожаҳои ифодагари асп дар баъзе забонҳои аҳли ғарбро иқтибосшуда аз забонҳои шарқ дониста, аз вожаҳои асп дар забонҳои муосири исландӣ *“ĥestur”*, норвегӣ *“ĥest”*, шведӣ *“ĥäst”*, данёгӣ *“ĥest”* маънибардорӣ намудааст. Аз байни ин номҳо, шакли исландиро нисбатан мукаммал ва шаклҳои дар дигар забонҳо бударо тахфифшуда (редуксияшуда) зикр кардааст. Дар вожаи исландии *“ĥestur”* бахши *“stur”*- ро ба вожаи “сатур, сутур”-и форсӣ, ки чорвои савораро мегӯянд ва дар эронии бостон шакли “*staura*” ва дар форсии миёна “stōr” доштааст дар равобит медонад.

Калидвожаҳо: этимология, асп, этимологияи вожаи асп, ифодаи асп дар баъзе забонҳо, аз таърихи ромкунии асп, асп ҳайвони савораи тезгард, сутур.

ТОЧКА ЗРЕНИЯ НА ВОПРОС О ПРИРУЧЕНИИ ЛОШАДЕЙ И СЕМАНТИКА СЛОВА «ЛОШАДЬ» В НЕКОТОРЫХ ЯЗЫКАХ

В статье рассмотрены точки зрения исследователей на вопрос об истории приручения, использования и развития коневодства в различных регионах, мнения по поводу семантики слова «лошадь», а также словосочетания, связанные с ней, приведенных в некоторых древних и современных языках. На основе того, что лошадь является самым скоростным среди верховых животных и трактовки учёными слова «лошадь» в древних языках, как авестийское *“āsišta”*, арийское *“aćišta”* и древнеиндийское *“aśiştha”*, со значением *“чрезмерно быстрый”, “молниеносный”* и авестийское выражение *“āśu aspa” “быстроходная лошадь”*, автор указывает, что в этих словах часть *“ās”* и его другие формы - *“ać, aś”*- обозначают *“быстрый”* и *“скоростной”*. На основе этих положений указывается, что в более поздние времена таджикско-персидское слово «асп» образовалось от мидийского слова *“aspa”*, путем сложения *“as”* - «быстрый, ловкий» и *“pa (na, po, пой)”* - (нога). Кроме того, слова, номинирующие лошадь в некоторых европейских языках, автор считает заимствованными из восточных языков. Так, исландское слово *“hestur”*, норвежское *“hest”*, шведское *“häst”* и датское *“hest”* относятся к этому числу. Исландская форма*“hestur”* считается более совершенной, а другие - результат редукции. В исландском слове*“hestur”* часть *“stur”* связана с персидским словом *“сатур, сутур”*, означающем верховое животное, и оно в древнеиранском языке имело форму “staura”, а в среднеперсидском - *“stōr”*.

Ключевые слова: этимология, лошадь, этимология слова «лошадь», выражение «лошадь» в некоторых языках, из истории приручения лошади, лошадь - быстроходное верховое животное.

VIEWS ON TAMING AND THE MEANING OF “ASP” (HORSE) NAME IN SOME LANGUAGES

The paper review the views of scholars on the history of taming, use and development of horse breeding in different regions, the name of horse (asp) and phrases related to it in a number of old and modern languages, and analyses the etymology of the word “asp” (horse). Based on the old languages experts’ interpretation of Avestan word *“āsišta”*, Arian word *“aćišta”* and old Indian word*“aśiştha”* meaning “very fast”, “speedy” and Avestan phrase *“āśu aspa”* meaning “a racing horse, speedy”, and the horse being the most speedy animal among all the racing animals, the author shows that the element*“ās”* in the mentioned words and its other variants*“ać, aś”* mean “fast, racing, speedy”. Based on the mentioned words, the author considers that the old Modian language word *“aspa”*, which is the origin of the later Tajik-Persian word “asp”, consists of words “as” meaning “fast, speedy, quick” and “pa (po)” meaning “leg, foot”. As well, he considers that the words expressing a horse in some European languages are borrowed from Eastern languages like modern Icelandic language word “hestur”, Norwegian “hest”, Sweden *“häst”*, Danish “hest” etc. He argues that the Icelandic version of horse “hestur” has a complete form while other languages words are the reduced or shortened forms. He supports that the “stur” element in the Icelandic word “hestur” takes its origin from the Persian word “satur, sutur” meaning a racing animal or an animal for riding used in the form of “staura” in old Persian and “stōr” in Medieval Persian language.

Key words: etymology, horse, the etymology of horse word, the expression of horse in some languages, the history of horse taming, horse as a speedy animal for riding, racing animal.

Сведения об авторе: ***Тухтасунов Обиддин*** – Худжандский государственный университет им. Б.Гафурова, доцент кафедры органической и прикладной химии. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, пр. Мавлонбекова 1. E-mail: **Obiddin 59@mail.ru.** Тел.: **(+992) 92-764-33-32**

Information about the author: ***Tukhtasunov Obiddin*** - Khujand State University named after B. Gafurov, associate Professor of organic and applied chemistry. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, pas. Mavlonbekova 1. E-mail: **Obiddin 59@mail.ru.** Tel.: **(+992) 927-64-33-32**

УДК: 811.111: 811.21/.22-3

МАФҲУМИ ИСТИОРА ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

Шоимардонов И.
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

Санъатҳои адабӣ яке аз пояҳои аслӣ дар офариниши асарҳои адабӣ ба шумор меравад. Истиора дар миёни санъатҳои адабӣ дурахш ва ҷилваи хоссе дорад. Аҳаммияти истиора ба хотири он аст, ки ду санъати муҳим, яъне маҷоз ва ташбеҳ ба сохти он марбут доранд. Истиора аз маҷоз ва ташбеҳ бартар аст, зеро дар истиора фосилаҳои миёни маънии ҳақиқӣ ва маънии маҷозӣ аз байн меравад ва ҳамонандиву шабоҳат миёни ду чиз ба ҳамсонӣ ва ягонагӣ мерасад. Дар адабиёти англисӣ ва тоҷикӣ санъати истиора навъҳои зиёде дорад ва мо кӯшиш намудаем, ки дар ин бахш сенздаҳ навъи истиораҳои дар адабиёти англисӣ корбаст шавандаро бо истиораҳои забони тоҷикӣ мавриди муқоиса қарор диҳем. Роҳҳои эҷоди зебоӣ дар осори адабӣ фаровон аст, аз ҷумла, эҷоди мусиқии лафзиву маънавӣ ва эҷоди тасвир дар калом аст, бад-ин тартиб, адабиёт бо ду ҳунари бузурги башарият, яъне мусиқӣ ва наққошӣ омехта шудааст. Омили эҷоди мусиқӣ дар каломи адабӣ, ҳамоҳангӣ ва такрори садонокҳо ва ҳамсадоҳо иртиботи маъноӣ ва вожаҳо бо якдигар аст, ки дар илми бадеъ ба он пардохта мешавад, аммо аз омилҳои эҷоди тасвир дар каломи адабӣ, ташбеҳ ва истиора аст, ки шоирон ва нависандагонро қодир месозад, ки эҳсосот ва отифаи худро дар қолаби тасвирҳои зебо ва ҷовидонаи адабӣ иброз намоянд. Дар муқоиса байни ташбеҳ ва истиора гуфтаанд: «Саранҷом ҳар ташбеҳи хуб, истиорае аст» [12, с.118]. Пас, истиораро метавон бартар аз ташбеҳ донист, зеро ҳар ташбеҳе лаёқати истиора шуданро надорад.

Истиора дар адабиёти тоҷик дар пояи ду санъати адабӣ сохта мешавад: маҷоз ва ташбеҳ. Тамоми таърифҳои мавҷуд дар китобҳои балоғӣ бар ҳамин асос ифода шудааст. Аз ҷумла гуфтаанд: «Истиора аз омехтаи маҷоз бо ташбеҳ падид меояд ва он маҷозе аст, ки алоқаи он мушобиҳат аст ва қаринаи тамиз бо маънии аслӣ мавҷуд аст» [7, с.9].

Бо ин таъриф истиора ҷузъе аз маҷоз ва яке аз навъҳои он аст, маҷозе, ки алоқа ва робитаи он ташбеҳе аст. Барои мисол, корбурди калимаи шер ба ҷойи паҳлавон дар ин ҷумла: «Шере бо либоси ҷангӣ омад». Пӯшидани либоси ҷангӣ қаринаи сорифа ё нишонаи вуҷуди истиора мебошад ва ташбеҳи паҳлавон ба шер, алоқа ё робитаи ин маҷоз аст.

Гурӯҳи дигаре аз муҳаққиқон ақида доранд, ки истиора аз дили ташбеҳ берун меояд, яъне ибтидо дар олами хаёл, ба кумаки санъати ташбеҳ (тасвири паҳлавоние, ки мисли шер меҷангад), сохта мешавад. Сипас, яке аз тарафҳои ташбеҳ (мушаббаҳ - паҳлавон) ҳазф мегардад ва он чӣ боқӣ мемонад, (мушаббаҳ - шер) ҳамон истиораи ошкор ё мусарраҳа аст. Танҳо тафовути ин ҷумла бо ҷумлаи ташбеҳӣ он аст, ки мушаббаҳ ва адоти ташбеҳ ҳазф шудаанд ва барои он ки истиора маълум гардад, ҷумла ё калимае ба унвони қаринаи сорифа ё нишонаи вуҷуди истиора зикр мегардад. Навъи дигари истиора, яъне истиораи пинҳон ё макния аз ҳазфи тарафи ташбеҳ (мушаббаҳу беҳ) сохта мешавад. Барои мисол, дар ташбеҳи рӯзгор мисли шер мардумро мекушад, мушаббаҳ мекушад ва мушаббаҳу беҳ шерро ҳазф мекунем ва яке аз муносибатҳои онро мисли панҷа, дандон ва ғайраро зикр мекунем, то истиораи макния сохта шавад (Панҷаи рӯзгор ё дандони рӯзгор мардумро мекушад) рӯзгор ба шере ташбеҳ шудааст, ки ба ҷойи мушаббаҳу беҳ- шер, яке аз муносибатҳо (панҷа ё дандон) зикр гардидааст.

Дар адабиёт ва забони англисӣ корбурди васеъ ва фаровони истиора аз калимаи юнонии «metaphor» гирифта шудааст. Мақсуд аз ин калима дастаи хоссе аз фарояндҳои забонӣ мебошад, ки дар онҳо ҷанбаҳои аз чиз ба чизи дигар фаро бурда ё интиқол мешаванд. Дар забони англисӣ мисли забони тоҷикӣ истиора аз маҷоз ва ташбеҳ сохта мешавад: «Ҳар истиорае ибтидо дар зеҳни шоир ба сурати ташбеҳ падид меояд, сипас, шоир бо ҳазфи адоти ташбеҳ истиора месозад» [8, с.24]. Бад-ин тартиб, истиораи англисӣ ташбеҳе аст, ки адоти он ҳазф мешавад, шоири маъруф OscarWilde дар китоби “ThePictureofDorianGrey” мегӯяд: “When poverty creeps in at the door, love flies in through the window”

“I've eaten a bag of green apples”

"Boarded the train there's no getting off” [5, с.69].

Burns ба ҷойи ташбеҳ як истиора ба кор бурдааст. «Оҳ, ишқи ман, як рӯз сурх шуда бошад» [1, с.97]. Сурхаст, фарқе, ки ин навъ истиора бо ташбеҳ дорад, муқоиса байни мушаббаҳ ва мушаббаҳу беҳаст. Дар ташбеҳе, ки адоти ташбеҳ зикр мешавад, гӯянда даъво мекунад, ки дар муқоиса байни мушаббаҳу беҳ ваҷҳи шабеҳе вуҷуд дорад. Барои мисол, агар Burns мегуфт: «Оҳ! Ишқи ман, мисли як рӯзи сурх аст» ишқи худро фақат аз баъзе ҷанбаҳо ба рӯзи сурх ташбеҳ мекард, аммо дар истиора намегӯяд, ишқи ман, мисли як рӯзи сурх аст, балки иддао мекунад, ки ишқи ман рӯзи сурх аст. Бад-ин тартиб, робита байни онҳо аз ташбеҳ убур мекунад ва ба ягонагӣ расидааст. Мунтақиди ғарбӣ I.A.Richards дар китоби «Фалсафаи балоғат» истиора ва ташбеҳро ба ду бахш тақсим мекунад ва ба ҷойи ду ҷузъи мушаббаҳ ва мушаббаҳу беҳ, истифода мекунад [8, с.24].

Истиора дар забони англисӣ реша дар маҷоз ҳам дорад, забоншиносони ғарбӣ ақида доранд, ки бисёре аз калимаҳое, ки имрӯз дар забон кор бурда истодаанд, ба василаи истиораи муҳимми рӯз ба унвони василае mouse сохта шудаанд. Барои мисол, калимаи компютер ба кор меравад. Ин номгузорӣ танҳо ба кумаки истиора ба вуҷуд меояд. Навъи дигаре аз истиора рӯйи калимоти мурда таъсир мегузорад ва онҳоро бо мафҳум ва маънои пул, ки решаи он таърихи ба маъбудӣ money тозае зинда мекунад. Масалан, калимаи бармегардад, ки аввалин бор пул дар он ҷо зарб шудааст. Juno Moneta ба номи касе ба ёди он маъбуд намеафтад, балки маънои маҷозӣ ва money имрӯз бо шунидани калимаи истиорӣ он ба назар меояд. Дар забони тоҷикӣ бо кумаки маҷоз аз калимоти куҳан, калимаҳои ба маънои тоза сохта мешавад. Гоҳе вожаҳо аз як забон ба забони дигар мегузаранд, ки ин дар нақл ва интиқол тағйири маъно медиҳад. Монанд ба калимаи раъно, ки дар забони арабӣ решаи он раунат аст, маънои аҳмақу нодонро ифода мекунад, вале дар забони тоҷикӣ маънои нав ёфтааст. Масалан, гули раъно ба маънои гули дуранг ва бути раъно ба маънои маъшуқаи ишвагар аст.

Тарзи сохта шудани истиора аз маҷоз дар забони англисӣ ва тоҷикӣ як хел нест. Дар адабиёти тоҷикӣ истиора фақат аз як навъ маҷоз сохта мешавад ва он маҷоз ба алоқаи ташбеҳ аст (яъне робитаи калимаи маҷоз бо маънои маҷозӣ), вале истиора дар адабиёти англисӣ шомили алоқаҳои дигар ҳам мешавад. Ба ҳамин далел, истиора дар забон ва адабиёти англисӣ бисёр гуногун ва фарогиртар аз истиораҳои тоҷикӣ аст. Арасту дар китоби «Фанни шеър» истиораро чунин таъриф кардааст: «Истиора корбурди як истилоҳи аҷиб аст, ки ба кумаки қиёс ё аз як даста интиқол мешавад ва барои гуна ба кор меравад ё аз гуна мунтақил мешавад ва барои даста (навъ) ба кор меравад ё аз гунае ба гунаи дигар ё ғайра» [9, с.187]. Аз таърифи Арасту ва дигар забоншиносону адибон маълум мешавад, ки истиора интиқоли номаҳдуди як луғат аз як замина ба заминаи дигар ва беҳтарин роҳи интиқоли он қиёс аст, бо ин таъриф густурдагии истиораҳои англисӣ ошкор мегардад.

Дар ин бахш сенздаҳ навъи истиора дар забон ва адабиёти англисӣ ба таври хулоса бо мисолҳо муаррифӣ мегарданд.

1.**Extendedmetaphor (**истиораи густурда ё баситёфта) истиорае аст, ки мавзӯъҳои фаръӣ дар як мавзӯи аслӣ ба кумаки муқоиса матраҳ мешаванд ва бад-ин тартиб истиора густурда ва фарогир мегардад.

Намоишномаҳои Шекспир намунаҳои хубе аз истиораи густурдаанд. Масалан, дунё ҳаммонанди як саҳнаи театр аст (мавзӯи аслӣ) ва иттифоқоте, ки барои бозигарони он рух медиҳад, истиораҳои фаръӣ (дуюмдараҷа) маҳсуб мешавад. Бад-ин тартиб дар як мавзӯи аслӣ чанд мустаору маъно ворид мешавад, масалан Black Adder дар осори худ чунин иброз медорад: «This is a crisis. A large crisis. In fact, if you've got a moment, it'sa twelve-storey crisis with a magnificent entrance hall, carpeting throughout, 24-hour porterage and an enormous sign on the roof saying 'This Is a Large Crisis». Аммо дар истиораҳои тоҷикӣ ба ин навъ истиора, истиораи тамсилӣ мансуб аст. Барои мисол, достони «Калила ва Димна» ва «Қалъаи ҳайвонот»-и Ҷорҷ Орвеляк истиораи тамсилӣ аст, ки дар дохили достони аслӣ, истиораҳои фаръӣ ба кор бурда мешавад. Монанди достони «Моҳихӯр ва харчанг», ки нависанда истиораро густариш медиҳад. William Shakespeare дар Romeo and Juliet чунин менигорад, ба ашъори зерин таваҷҷуҳ намоед:

“But soft! What light through yonder window breaks?
It is the East, and Juliet is the sun!
Arise, fair sun, and kill the envious moon,
Who is already sick and pale with grief.”

Here again, Shakespeare has made use of extended metaphor by comparing “Juliet” with the “sun” [6, с.123].

2.Mixed Metaphor **(истиораи мухталит). A mixed metaphor is one that leaps, in the course of a figure, to a second identification inconsistent with the first one.**

Example:

“He stepped up to the plate and grabbed the bull by the horns”, where two commonly used metaphors are justaposed to create an original image.

Истиораи мухталит истиорае, ки дар он ду ё чанд мушаббеҳу беҳ (vehicle) ширкат дошта бошанд. Ин қисми истиора дар осори шоирони англис фаровон ба назар мерасад ва

аз маҷоз ҳам хуб истифода мекунанд. Барои мисол «Ҳамлет» дар ҳолеки зеҳнаш даргири мушкилот аст, мегӯяд:

To take arms agains a sea oftrouble and by opposing end them.

Яъне аслиҳаамро дар баробари дарёе аз мушкилот мегирам ва бо ҷангидан бо мушкилот, онҳоро нобуд мекунам. Дар ин намуна аз порчае оварда истиора ба кор рафтааст. Гӯянда мушкилоти худро як бор ба дарё ва бори дигар ба сарбозони душман ташбеҳ мекунад ва бо ҳазфи адоти ташбеҳ, ду истиора месозад. Аз назари адабӣ истиораҳо то вақте ки мушкилӣ барои дарки маъно ва мафҳуми шеър эҷод накунанд, писандида ва нишонаи фасоҳату балоғатанд ва дар ғайри ин сурат нописандида ва ғайри адабӣ ба ҳисоб мераванд. Масалан, Хоқонӣ дар тавсифи оташ, ки ангиштро месӯзонад ва шуълаҳои оташ, ки аз дохили ангишт ба ин сӯву он сӯ мепаранд, чунин таълиф намудааст:

Товус бин, ки зоғ хӯрду он гаҳ аз гулӯ,
Коврас резаҳои манққо барафканд [10, с.187].

Яъне оташро, ки мисли товус аст, нигоҳ кун, ки ангиштро, ки мисли зоғ сиёҳ аст, мехӯрад ва сипас, аз гулӯяш ҷарақаҳои оташро, ки мисли донаҳои арзан пӯст кандааст, ба ин сӯву он сӯй мепартояд. Товус, зоғ, коврас ва резаҳои манққо (арзане, ки пӯсташ кандашуда бошад) ба тартиб истиораҳои мусарраҳа аз оташ ва зуғолу ҷарақа ҳастанд.

Ҳаким Фирдавсӣ дар тавсифи пирӣ ва мӯйи сафед мегӯяд:

Пур аз барф шуд, кӯҳсори сиёҳ,
Ҳаме лашкар аз шоҳ бинад гуноҳ [9, с.35].

Барфу кӯҳсор ва сиёҳиву лашкари шоҳ ба тартиб чаҳор истиораи мусарраҳа аз мӯйи сафед мебошад. Мӯйи сиёҳ, тану сар ҳастанд, ба иборати дигар, калимоти барф, кӯҳсори сиёҳ, лашкару шоҳ дар маънои маъмулӣ ба кор нарафтаанд ва ҳангоме ки дар канори якдигар қарор мегиранд, беҳтарин роҳнамо ва нишона барои он аст, ки бидонем ин калимот дар маънои маҷозӣ ба кор рафтаанд, бад-ин тартиб истиораҳо ошкор мегарданд. Дар забони англисӣ мехонем:

"He stepped up to the plate and grabbed the bullby the horns" яъне ӯ ба ҷоми мусобиқа наздик шуд, вай говро базӯр гирифт. Дар ин ҷо ду истиора дар офариниши як тасвири бемаънеи муҷибсар дар гармӣ мешаванд.

3.**Absolute Metaphor or Paralogical Antimetaphor** (истиораи мутлақ) (зидди истиораи қиёси ғалат), истиорае аст, ки дар он ҳеҷ нуқтае барои муайян намудан ва муқоисаи ташбеҳи ду тараф вуҷуд надорад. Масалан, нур ва тақво нуктаи қобили таваҷҷуҳ дар истиораи нур ташбеҳ шуда, на ба худи нур. Дар ин сурат, тақво бо хуршед муқоиса шуда ва сипас, ба ҷойи хуршед, ҷузъе аз он, яъне нур зикр гардидааст. Дар ин сурат шакли истиора чунин аст: нури хуршеди тақво, чунин истиораро дар адабиёти тоҷик макния ё пӯшида меноманд. Масалан, нури илм бо хуршед ва чароғ муқоиса гардида, нур ҷузъ ё нишонае аз чароғи хуршед ё ҳар манбаи нури дигар аст.

“On the shore, of the wide world I stand alone, and think,
Till Love and Fame to nothingness do sink [3, с.138].

4. **Comlex Metaphor**, complex metaphor seems to have nothing in common with sustained metaphor though asatrite metaphor acquires new emotional colouring by addingacertain word and becomes sustained, the sameis observed with the complex metaphor. If in case of sustained metaphor a word intensifies the meaning, in case of complex metaphoritis as entenceoreven a paragraph that createsthesame effect. This variety of metaphor can consist of one ormoresentences; it can also include the who leparagraph. The characteristic feature of this type of metaphor is that it can be divided in to constituent parts being either metaphors themselves or other stylistic devices. Истиораи печида истиорае аст, ки бояд аз рӯйи чанд шиноса ба истиора пай бибарем, ба ибораи дигар дарки маънои истиорӣ осону зудёб нест ва фосила байни ду сӯйи истиора тӯлонитар ва печидатар маъмул аст. Мисли ин ҷумла: «He throws some light on the question» (Яъне, ӯ барои савол нур андохт). Нур андохтан як истиора аст ва савол ҳам чизе нест, ки битавон дар он нур андохт ва онро рӯшан кард. Чунин истиораҳо дар адабиёти тоҷик истиораи мураккаб номида мешаванд. Шакли муқоисаи ин истиора чунин аст: Ҷавоб додан ва ҳал кардани пурсиши душвор, мисли нур андохтан ва рӯшан кардани пурсиш аст. Oscar Wilde чунин менигорад:

Another case of complex metaphor is when one sentence is divided into two independent metaphoric clauses. “When poverty creeps in at the door, love flies in through the window” [5, с.152].

1. Poverty creeps in at the door;
2. Love flies in through the window.

5. **Dead Metaphor, (**истиораи мурда) истиораеро мегӯянд, ки ба сабаби корбурди зиёд барҷастагии худро аз даст додааст, дар англисӣ мисли ибораҳои "to beat about the bush" ҳошия рафтан, "green with" аз бахилӣ мурдан, "the heart of the matter envy"асли матлаб.

Дар бисёр мавридҳо корбурди чунин истиораҳо дар забон тағйирот меоранд, истиораҳои мурда бори дигар аз нав зинда мешаванд. Масалан, ба ибораи “grey cat in the

night” (гурбаи хокистарӣ дар шаб), ки дар англисӣ истиораи мурда ҳисоб мешавад, аммо ҳангоми тарҷумаи тоҷикӣ ҳаёти дубора ва аз нав зинда шудан мебошад.

6. **Dying Metaphor (**истиораи ниммурда ё дар ҳоли марг) [2, с.206], ин истилоҳро George Orwell нависандаи маъруфу машҳур, ки осори ҷаҳонӣ офаридааст, мисли «Қалъаи ҳайвонот», «Ҳазору нӯҳ саду ҳаштоду чаҳор» ва дар мақолае бо номи «Сиёсат ва забони англисӣ» ибдоъ кард. Ӯ истиора дар ҳоли марг ё ниммурдаро аз истиораи мурда ҷудо мекунад. Фарқи онҳо дар ин аст, ки истиораи мурда ҷузъи аз забони муҳовира ва лаҳҷавӣ шудааст ва мисли луғатҳои одӣ бо онҳо рафтор мешавад, вале истиораи ниммурда ё дар ҳоли марг ба рӯйи луғатҳо ва ибораҳои куҳна, вале ошно барои бештари мардум сохта мешавад. Масалан: «Achillessheel» ба маънои нуқтаи заиф, ки имрӯз барои ҳамаи инсонҳо ба кор меравад. Ё «Needle in a haystack» ба маънои сӯзан дар коҳдон, яъне гум кардани сӯзан дар коҳдон, чизе, ки ба он дастрасӣ амри маҳол аст.

7.**Active Metaphor,** (истиораи фаъол) баръакси истиораи мурда ва ниммурда ба ҳисоб меравад. Чунин истиора ҳанӯз зинда ва фаъол аст ва дар арсаи адабиёт корбурди фаровон дорад. Масалан «you are my sun» (Ту хуршеди манӣ) ё ки «they mashed each other's lives». Ҳар истиорае, ки қаблан ба кор нарафтааст, истиораи фаъол номида мешавад. Дар адабиёти мо истиораҳое, ки ҳосили халлоқият ва хаёлангезии шоирона аст, ҳаргиз куҳна намешавад.

8. **Epic Metaphor (**истиораи ҳамосӣ) [2, с.212]. Дар ин навъ истиора мустаору менҳ як мушаббаҳи тӯлонӣ аст, мисли як достони ҳамосӣ густурда ва дар як ҷумла хулоса намешавад. Дар адабиёти тоҷик ба ин навъ истиора, истиораи мураккаб ва тамсилӣ мегӯянд, ҳамчунон ки Ҳофиз менависад:

Шаби торику бими мавҷу гирдобӣ чунин ҳойил,
Куҷо донанд, ҳоли мо сабукборони соҳилҳо.

9.**Implied Metaphor,** (истиораи пӯшида ё пинҳон) истиорае аст, ки ба таври рӯшану сареҳ баён намешавад, далели пинҳон будани ин истиора он аст, ки баробар (мустаору менҳ) ошкоро зикр нагардида, ба ҷойи он яке аз нишонаҳояш омадааст. Масалан, «leafy gold ensunset» [4, с.145]. (Ғурӯби пурбарги тиллоӣ), ки ғурӯб ба дарахте ташбеҳ шудааст, ки баргҳои он ба ранги зард даромаданд. Ҳамон тавре ки дида мешавад, ғурӯб ба барг ташбеҳ нашуда ва мустаору менҳ дар онҳо пинҳон ва махфӣ мебошад. Дар адабиёти мо ин навъ истиораро истиораи макния мегӯянд.

11. **Submerged Metaphor**, (истиораи сода ё маъмулӣ) истиорае аст, ки танҳо як вақҳи шабеҳ бар баёни ҳам меояд, масалан, касеро ба кӯҳ ташбеҳ кунем, фақат бузургиро дар назар дорем. «Ту мисли кӯҳ ҳастӣ» ин истиораҳо маъмулан кӯтоҳ мебошанд. Истиорае, ки як вақҳи шабаҳ дошта бошад, истиораи муфрад номида мешавад ва истиорае, ки чанд вақҳи шабаҳ дошта бошад, истиораи мураккаб ё тамсилӣ мегӯянд. Истиораи сода ва маъмулии англисӣ баробар бо истиораи тоҷикӣ мебошад.

12.**Synecdochic Metaphor** (истиора ё маҷози мурсал) дар балоғати англисӣ маҷози мурсалро қисме аз истиора медонанд, ки бештар маънӣ номидани кулл ва иродаи ҷузъ ё номидани ҷузъ ва иродаи кулл мешавад. Масалан, лафзи даст ба маънии кумакрасон ва ба маънии коргар, ба хотири он ки кумак аз даст бармеояд ё калимаи нон дар иборати «нони рӯзонаи моро ато фармо» ба маънои рӯзӣ мебошад ё ин ки «rhyme» ба маънии шеър дар баёти зер, таваҷҷуҳ шавад:

Not marble, nor the gilded monuments
Of princes, shall outlive this powerful
Ҳеҷ санги мармаре, ҳеч мақбараи тиллоӣ,
Шоҳзодаҳо, аз ин қофияи неруманд, бештар давом нахоҳанд оварда…

13. **Synecdochic Metaphor** (истиора махфӣ ва зимнӣ) истиорае аст, ки ҳар гоҳ ҳадаф махфӣ бошад ва ба таври зимнӣ дар калом биёяд ва дар ивази мустаору менҳ зикр гардад ва адоти ташбеҳ ҳам ҳазф шаванд, истиораи махфӣ ё зимнӣ сохта мешавад. Масалан, «shut your trap» дар ин ҷо даҳон зикр нашуда, вале trap мустаору менҳ зикр шудааст. Ин навъ истиора бар хилофи истиораҳои қаблӣ, комилан мутобиқи истиораи ошкор ё мусарраҳа мебошад.

Ҳамин тариқ, дар забон ва адабиёти англисӣ, истиора ҳамон ташбеҳ аст, ки адоти он ҳазф шудааст, аммо дар адабиёти тоҷик адот барои сохтани истиора кофӣ нест, балки яке аз тарафи ташбеҳ бояд ҳазф гардад. Ба ҳамин далел истиораҳои тоҷикӣ аз истиораҳои англисӣ мушаххастар ҳастанд ва иддаои ягонагӣ байни тарафҳои ташбеҳ дар истиораи тоҷикӣ бештар аст. Аз сӯйи дигар, рангинии истиораҳои англисӣ бештар аз истиораҳои адабиёти мо аст, ки чанд навъ истиораи англисӣ дар адабиёти тоҷик, танҳояк навъ вуҷуд дорад. Сарфи назар аз тафовутҳои асосие, ки дар сохтани истиораҳо вуҷуд дорад, бо муқоисаҳои ду забон, ба чунин натиҷа расидем, ки гӯйӣ шоирони ҳар ду забон дар тарзи сохтан ва риояи тасвирҳои шоирона аз як сарчашма илҳом гирифтаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Азимова, М.Н. Структурно-семантические особенности сложных существительных в современном английском и таджикском языках / М.Н. Азимова // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. - Худжанд, 2012. - №1. - С. 166-179.
2. Аракин В.Д. Сравнительная типология английского и русского языков: учеб.пособие / В.Д. Аракин. –3-е изд. – М.: ФИЗМАТЛИТ, 2005. - 232 с.
3. Арнольд И.В. Лексикология современного английского языка. Учебное пособие / И.В. Арнольд. – М.: Изд-во лит-ры на иностр. яз., 1959. - 352 с.
4. Баракаева, Г.Б. Луғати мухтасари тоҷикӣ-англисӣ / Г.Б. Баракаева. – Душанбе: Университети давлатии Тоҷикистон, 1968. - Қ.1, 2. - 397 с.
5. Бортничук Е.Н. Словообразование в современном английском языке: учеб.пособие для ин-тов и фак. Иностр. яз / Е.Н. Бортничук, И.В. Василенко, Л.П. Пастушенко; под ред. Ю.А. Жлуктенко. – Киев: Вищ. школа: Изд-во при Киев. гос. ун-те, 1988. - 261 с.
6. Бузаджи, Д.М. Техника перевода. Сборник упражнений по переводу с английского языка на русский язык. Грамматические аспекты перевода / Д.М. Бузаджи, А.С. Маганов. - М.: Р.Валент, 2007. - Часть I. – 208 с.
7. Мамадназаров А. Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ / А. Мамадназаров. – Душанбе: ЭР-граф, 2017. – 1016 с.
8. Мюллер В. Англо-русский словарь / В. Мюллер. - М.: Русский язык, 1978. – 888 с.
9. Смирницкий А.И. Лексикология английского языка / А.И. Смирницкий. - М.: Омен: Моск.гос. ун-т им. М.В. Ломоносова. Филол. Фак, МГУ, 1998. - 259 с.
10. Турсунов Ф.М. Безэквивалентная лексика в переводе (на материале английского и таджикского языков): Монография / Ф.М. Турсунов. – Душанбе: Бебок, 2015. – 432 с.
11. Фарҳанги тафсири забони тоҷикӣ. Ҷ.1; зери таҳрири: С. Назарзода, А.Сангинов ва диг. - Душанбе: Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти Рӯдакӣ, 2010. - 997 с.

МАФҲУМИ ИСТИОРА ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

Санъатҳои адабӣ яке аз пояҳои аслӣ дар офариниши ҳар як асари адабӣ ба шумор мераванд. Истиора дар миёни санъатҳои адабӣ дурахш ва ҷилваи хоссе дорад. Аҳаммияти истиора ба хотири он аст, ки ду санъати муҳим, яъне маҷоз ва ташбеҳ дар сохти он дахолат доранд. Истиора аз маҷоз ва ташбеҳ бартар аст, зеро дар истиора фосилаҳои миёни маънии ҳақиқӣ ва маънии маҷозӣ аз байн меравад ва ҳамонандиву шабоҳат миёни ду чиз ба ҳамсонӣ ва ягонагӣ мерасад. Дар ин мақола мо тасмим гирифтем, ки сенздаҳ навъи истиораҳоро дар адабиёти англисӣ бо истиораҳои забони тоҷикӣ мавриди матраҳ ва пажӯҳиш қарор диҳем. Роҳҳои эҷоди зебоӣ дар осори адабӣ фаровон аст, аз ҷумла, онҳо эҷоди мусиқии лафзиву маънавӣ ва эҷоди тасвир дар калом аст, бад-ин тартиб, адабиёт бо ду ҳунари бузурги башарият, яъне мусиқӣ ва наққошӣ омехта шудааст. Омили эҷоди мусиқӣ дар каломи адабӣ, ҳамоҳангӣ ва такрори садонокҳо ва ҳамсадоҳо иртиботи маънодӣ ва вожаҳо бо якдигар аст, ки дар илми бадеъ ба он пардохта мешавад, аммо аз омилҳои эҷоди тасвир дар каломи адабӣ, ташбеҳ ва истиора аст, ки шоирон ва нависандагонро қодир месозад, ки эҳсосот ва отифаи худро дар қолаби тасвирҳои зебо ва ҷовидонаи адабӣ иброз намоянд. Дар муқоиса байни ташбеҳ ва истиора гуфтаанд: «Саранҷом ҳар ташбеҳи хуб, истиорае аст». Пас истиораро метавон бартар аз ташбеҳ донист, зеро ҳар ташбеҳе лаёқати истиора шуданро надорад. Истиора дар адабиёти тоҷик дар пояи ду санъати адабӣ сохта мешавад: маҷоз ва ташбеҳ. Тамоми таърифҳои мавҷуд дар китобҳои балоғӣ бар ҳамин асос ифода шудааст. Аз ҷумла гуфтаанд: «Истиора аз омехтаи маҷоз бо ташбеҳ падид меояд ва он маҷозе аст, ки алоқаи он мушобиҳат аст ва қаринаи тамиз бо маънии аслӣ мавҷуд аст». Бо ин таъриф истиора ҷузъе аз маҷоз ва яке аз навъҳои он аст, маҷозе, ки алоқа ва робитаи он ташбеҳе аст. Ҳамин тариқ, дар забон ва адабиёти англисӣ, истиора ҳамон ташбеҳ аст, ки адоти он ҳазф шудааст, аммо дар адабиёти тоҷик адот барои сохтани истиора кофӣ нест, балки яке аз тарафи ташбеҳ бояд ҳазф гардад. Ба ҳамин далел истиораҳои тоҷикӣ аз истиораҳои англисӣ мушаххастар ҳастанд ва иддаои ягонагӣ байни тарафҳои ташбеҳ дар истиораи тоҷикӣ бештар аст.

Калидвожа: санъатҳои адабӣ, истиора, маҷоз, ташбеҳ, хаёл, маънӣ, эҳсос.

МЕТАФОРИЧЕСКИЕ ВЫРАЖЕНИЯ В АНГЛИЙСКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ

Литературные жанры являются одним из источников возникновения одного литературного произведения. Метафора среди литературных жанров имеет особое яркое выражение. Характерная особенность метафоры в том, что она включает в себя два важного жанра, то есть иносказание и аллегорию. Метафора лучше чем аллегория и иносказания, потому что в ней дистанция между истинным значением и переносном, не видна. В ней будут видны сходства двух вещей, которые станут едиными. В этой статье мы решили рассмотреть и исследовать тринадцать видов метафоры из английской литературы и литературы таджикского языка. Красота творчества в литературном наследии изобилует, в частности, созданием музыкальной и духовной музыки и созданием образа в слове, напротив, литература смешана с двумя крупными гуманитарными науками, такими как музыкальная и рисование. Музыка музыки в литературном, гармоничном и репродуктивном голосе и взаимосвязях является междисциплинарной, но это подразумевается литературными элементами в литературном, биологическом и теоретическом языке, который производит поэтов и писателей, которые выражают свои эмоции и восторг в виде красивых и древних картин. Напротив, между изгнанием и электоратом - «В конечном итоге каждое хорошее иносказания это метафора». Таким образом, иносказание может быть выше, чем утверждение, потому что каждая метафора более значима, чем другая. Метафора построена в таджикской литературе на основе двух литературных артефактов. Все являющиеся определения риторических книг созданы на этой основе. Говорят, что «метафора состоит из смесей аллегории, и это аллегория, которая прикреплена к нему, с истинным смыслом». Это описание является частью иносказания и одной из ее разновидностей, и его ссылка является суеверием. Таким образом, в английском языке и литературе сокращение такое же, как в своем роде, но в таджикской литературе недостаточно построить его, но его следует поощрять. Таким образом, таджикские иносказания имеют особое значение для англоязычных сообществ, и сплоченность сторон в таджикской аллегории возрастает больше, чем в английском.

Ключевые слова: литературные жанры, метафора, аллегория, иносказания, представления, смысл, чувство.

METAPHORICAL EXPRESSIONS IN ENGLISH AND TAJIK LANGUAGES

Literary genres are one of sources of emergence of literary work. The metaphor among literary genres has special place. The characteristic of a metaphor is that it includes in itself two important genres that are an allusion and an allegory. The metaphor is better than an allusion and allegories because the distance between true value and figurative will not be visible. The similarities among two things which will become uniform will be visible. On this article we decided to

consider and investigate thirteen types of metaphors of English literature from Tajik literature. Beauty of creativity in the literary heritage abounds, in particular, with creation of musical and sacred music and creation of an image in a word, on the contrary, literature is mixed with two large humanities, such as musical and rhymed. Music music in a literary, harmonious and reproductive voice and interrelations is cross-disciplinary, but it is meant by literary elements in literary, biological and theoretical language which makes poets and writers. which express the emotions and delight as beautiful and ancient pictures. On the contrary, between exile and electorate "At the first always good superstition, live". Thus, salary can be higher, than a statement because each refusal is not enough to sell. The station is built in the Tajik literature on the basis of two literary artifacts. All definitions of cellular books are expressed in this regard. They say that "Metaphor consists of saliva mixes with a stomach, and it is saliva which is attached to it, and the tire is literally literal". This description is a part of saliva and one of its versions, and its reference is superstition. Thus, in English and literature housing same as in own way, but in the Tajik literature it is not enough to build the house, but it it is necessary to encourage. Thus, the Tajik newspapers are of particular importance for English-language communities, and the unity of the parties increases in the Tajik language.

Key words: literal arts, metaphor, metonomy, simile, image, meaning, emotion.

Сведения об авторе: ***Шоимардонов Исмон*** – Кулябский государственный университет им. Абуабдулло Рудаки, ассистент кафедры иностранных языков. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, ул.С.Сафарова 16. **Тел.**: **(+992) 985-72-11-25**

Information about the author: ***Shoimardonov Ismon*** - Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki, assistant of the chair of foreign languages. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulob city, S.Safarov St.16.
Tel.: **(+992) 985-72-11-25**

УДК: 491.550-3 (03)

МАВҚЕИ ИСТИЛОҲОТИ ВАРЗИШИЕ, КИ ҲАНГОМИ БОЗИҲОИ ДАСТАВӢ ИСТИФОДА МЕШАВАНД

Шафоатов А.Н.
Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С.Раҳимов

Бозиҳои даставӣ дар соҳаи варзиш хеле маъмул буда, он ба таври гурӯҳӣ гузаронида мешавад. Дар ин гуна бозиҳо истилоҳоти содаву сохта, мураккабу таркибӣ ба таври фаровон ба кор бурда мешаванд. Ҳамаи истилоҳоте, ки дар бозиҳои даставӣ истифода мешаванд, вобаста ба намуди гузаронидани бозиҳои даставӣ ташаккул ёфтаанд. Онро мухтасаран ба таври зайл метавон баён кард:

Ин гуна бозиҳо ду навъанд:

а). Бозиҳое, ки пешоҳанг надоранд: **хокпилла** (ҷаҳидан ба баландӣ ва ё дарозӣ дар рӯйи хоктӯда), **бандбозӣ** (бандчаҳак), **аловпарак** (аз болои оташ ҷаҳидан), **заминҷунбӣ, баққабозӣ, баландпарак, болиштшапак**, **пиёдапойга.**

б). Бозиҳое, ки пешоҳанг (сарвар) доранд: **вачабпарак, гургакбозӣ, дуррадармех, лолачинакон, давранишинӣ, аспгирак, холла-холла, тӯб аз давра, тӯб аз чуқурӣ, ҷавлон давгир, чашмбандак, гир-гиракон, гургбозӣ, нахчирбозӣ, ҷонварбозӣ, акка-аккабозӣ, ҷавлон-ҷавлон, рӯзи такагирак, лаклакбозӣ, рӯбагурез, шавкӯрак, муллохаргурез, гӯсолакашак, хурӯсҷанг.**

Бозиҳои даставӣ. Бозиҳои даставӣ низ ду хел мешаванд:

а). Бозихое, ки бозингарон ба ҳарифон нарасида, зӯрозмоӣ мекунанд: **пойгаи пиёда** (кӣ дуртар?), **бандбозӣ** (кӣ бештар?), **тарбузбозӣ** (кӣ бисёртар?), **яккалингбозӣ** (вақт), **хатбарак-хатбиёрак, чашмбандакон, дум-думакон, момаланг, коб-кобакон, яклинга.**

б). Бозиҳое, ки зӯрозмоии бозингарон бевосита бо ҳарифон сурат мегирад: **тур-бур, тӯбхасак, сафедчӯбак, каппабозӣ, тӯб, пешапой, тубулофбозӣ, чумъабозӣ, сангчабозӣ, мусичабозӣ, рустшавакон, гӯсолакашак, ҳатела, маҳтобпучак, хурӯсҷанг, пояндоз, шабу рӯз, савора ва пиёда, тӯбчаққон, чавгонбозӣ, қалъабозӣ ва ғ.** [5, с.8-10].

Дар баробари ин, дар фарҳангномаҳои тоҷикӣ истилоҳотеро дучор меоем, ки ба гурӯҳи вожаҳои боло мансубият доранд: **муштзанӣ**, **кундабозӣ, косабозӣ, ангуштарбозӣ, дорбозӣ, шамшербозӣ, чанбарбозӣ, камонварӣ, найзапартоӣ, чуфт ё тоқ, оташбозӣ, донабозӣ, чӯтгирак, чормағзбозӣ**ва ғайра.

Истилоҳоти мазкур бо сохтори худ ба қоидаҳои маъмули вожасозии забони тоҷикӣ мувофиқат мекунанд: истилоҳоти сода-бо хусусияти луғавӣ-семантикӣ, истилоҳи сохта-бо роҳи ба реша ҳамроҳ карда шудани вандҳои тоҷикӣ, истилоҳи мураккабсохт-дар натиҷаи ба ҳам омадани ҷузъҳои баробарҳуқуқ (пайванди популятив), такрорёбии як ҷузъ (пайванди редупликативӣ), дар натиҷаи ба ҳам омадани решаҳое, ки як ҷузъашон асосӣ ва ҷузъи дигар вобаста ё тобеи онанд (пайванди детерминантивӣ ва атрибутивӣ) тарҳрезӣ шудаанд. Номи бозиҳо ва намудҳои варзиш бо хусусиятҳои грамматикии худ асосан ба исм мансубанд. Чанд намуна: **гургакбозӣ, чашмбандакон, хола-хола, тарбузбозӣ, бандбозӣ, аспгирак, қалъагирак, лолачинакон** ва ғайра.

Ғайр аз ин, дар забони тоҷикӣ истилоҳоте низ мушоҳида карда мешаванд, ки онҳо ба сифат тааллуқ доранд: **яклинга** (бо як по ҷаҳида рафтан), **гав, гурд, гев, сахт**, **заиф** ва ғайра.

обхождения людей друг с другом. Однако речевой этикет еще специализирован на установление, поддержание, размыкание контакта коммуникантов, поэтому основная его функция – контактоустанавливающая, разумеется, в рамках принятых социальных отношений, статусов и ролей в иерархии выше/нижестоящий/равный и свой/чужой» [8].

С целью выяснения того, как понимают вежливость носители таджикской молодежи, нами был проведен ассоциативный эксперимент, основанный на вербальных ассоциациях опрашиваемых. Данный метод лингвистического исследования был выбран потому, что он позволяет собрать сведения об отношении респондентов к исследуемому явлению, выраженному словами родного языка, понять, каким образом коммуникативная среда формирует ассоциативное сознание человека, влияет на его мировосприятие и, в конечном итоге, способствует выявлению этнокультурной специфики восприятия изучаемой проблемы.

Метод свободного ассоциативного эксперимента заключается в предъявлении испытуемым слов-стимулов, на которые они должны реагировать любой словесной реакцией, приходящей им в голову. Обработка результатов свободного ассоциативного эксперимента позволяет интерпретировать полученные ассоциаты как отражение тех или иных концептуальных признаков исследуемого концепта [9].

Методической основой для анализа ассоциативного поля послужили работы таких ученых, как Попова З.Д. и Стернин И.А. «Семантико-когнитивный анализ языка» [10], «Экспериментальные методы в языкознании» Р.М. Фрумкиной [11], «Психолингвистическое описание значений» И.А.Стернина [12], и др., а также исследования ученых кафедры теоретического и прикладного языкознания РТСУ по вопросам экспериментального изучения национального самосознания, этностереотипов и ассоциативных полей («Толерантность (инталерантность) как объект научного исследования и методологические подходы к её изучению» Д.М. Искандаровой, А.Ю. Фомина [13], «Мониторинг национальной идентичности и этностереотипов в университетской среде РТ» Д.М.Искандаровой [14], «Ассоциативное поле «таджик» в языковом сознании молодёжи» З.А.Гуловой [15].

На основе ассоциативного эксперимента проведены исследования, результаты которых отражены в статьях Искандаровой Д.М., Шамбезода Х.Д., Ладыгиной О.В., Давлатмировой М.Б., Каримовой Н.И. [16; 17; 18].

Эксперимент проводился в форме анкетирования. Информантам было предложено объяснить, как они понимают слово «вежливость», охарактеризовать вежливого человека, привести примеры как вежливого, так и невежливого поведения, ответить на вопросы.

Опрос проводился на русском и таджикском языках. Анкетирование проводилось в 2017-2018 гг. в г. Душанбе. Информанты представляли категории лиц мужского и женского пола от 18 до 19 лет, имеющих незаконченное высшее образование. Общее количество опрошенных респондентов составило более 100 абитуриентов.

Респондентам предлагалось привести ассоциации к слову «вежливость». В результате обработки данных были получены интересные результаты. В первую очередь обратило на себя внимание то, что студенты, отвечая на вопрос, как они понимают слово вежливость, показали удивительное единообразие в ответах. Они были в основном краткими и конкретными.

Результаты анкетирования на русском языке

Наиболее часто встречаемой ассоциацией были слова:

Вежливость – это – уважение-19, хорошие манеры-12, доброта-9, умение уважительно и тактично общаться с людьми-8, черта характера-7, образованность-5, воспитанность-5, внутренняя культура-5, тактичность-3, это соблюдение морали и правил этикета-3, благородство-3, деликатность-2, соблюдение этических норм-2, одна из норм поведения в обществе-2, почтительное отношение ко всем людям-2, толерантность по отношению к окружающим-2, качество человека, который с уважением относится к другим-2, взаимоуважение -2, человек благодарен за оказанную ему помощь-2, приветливость, любезность, особенность характера, победа над вежливостью, скромность, важное качество в характере человека, приятная черта человека, спокойная и грамотная речь, вести себя чуточку лучше-чем необходимо, уважительное обращение и отношение по отношению к окружающим, помощь людям - особенно пожилым, черта характера, которая должна быть дана в детстве, проявление должного уважения к каждому человеку, лояльное отношение ко всем, когда кто-то разговаривает с кем-то, используя золотые слова, добродушие, мягкое общение, адекватное поведение, культура, честность, вежливость, учтивость, умение сдерживать негативные эмоции и проявлять позитивное, умение не причинять неудобства, способность обойти острые углы в общении и не задеть человека, качество человека, свойство человека с вниманием и заботой.

Благодаря словам – реакциям мы выявили, что вежливость – эта характер человека: **доброта, благородство, тактичность, деликатность, приветливость, любезность, мягкость,** и т.д. Респонденты выделяют также компоненты этикета: **хорошие манеры, тактичность, уважение, соблюдение этических норм, грамотная речь, золотые слова, культура, способность обойти острые углы в общении** и т.д.

Вежливый человек – это: воспитанный человек-28, человек, обладающий хорошими манерами -9, добрый человек-8, тактичный человек-7, человек, умеющий уважительно общаться-6, который уважает и себя и других-6, внимательный-4, человек сдержанный-4, культурный человек-4, человек уважающий других людей-3, благородный-3, идущий на уступки человек-2, чуткий-2, учтивый-2, соблюдающий элементарные правила этикета, лицемер, приятный в общении, – это высокоморальный и вежливый, сильный человек при разговоре в обществе обращающийся на Вы, тот, кто помогает в трудный момент, следовательно, в первую очередь тот, кто уважает других людей, человек, придерживающийся этих норм, человек, который не забудет поблагодарить за помощь, но это не точно, кто соблюдает правила этикета, тот, который помогает кому-то, несмотря не на что, не высокомерный, доброжелательный, радостный человек, ласковый, мужчина, знающий себе цену, умеющий быть вовремя рядом, человек, который не грубит.

Респонденты смогли определить две составляющие, входящие в понятие «вежливый человек»: **это *воспитанный человек* (уважительно общается, культурный, благородный, сдержанный, внимательный и т.д.) и *обладающий хорошими манерами* (тактичный, чуткий, не забудет благодарить, доброжелательный).**

Приведите, пожалуйста, пример поведения, которое вы расцениваете как вежливое: уступать место в общественном транспорте-19, приветливость-9, уважительное отношение к людям-8, элементарные слова, такие как «спасибо-8 до свидание» и т.д., помочь человеку в трудную минуту-5, умение слушать собеседника-4, соблюдение стандартных правил этикета-4, вежливо разговаривать с людьми-3, улыбаться и спрашивать о здоровье при встрече-3, обращение на «Вы»-3, открыть дверь другому человеку-3, подать руку выходя из транспорта-3, при встрече здороваться-3, не грубить-2, при просьбе использовать слово пожалуйста-2, четкая речь-2, приятная манера общения-2, извиниться если причинил неудобства, использование слова «извините», перед тем как спросить что-либо, спокойная реакция в конфликтной ситуации, веселое общение без негатива, простите, не могли бы Вы помочь мне, ровный тон голоса, ненавязчивость и благожелательность, уступчивость, спокойная манера разговора, не переходя на личность, нормы общения, поблагодарить за подарок/угощение, соблюдение элементарных правил поведения в обществе, вежливая речь, например, кто-то кого-то попросил вежливо дать его телефон, надо быть очень скромным, даже если считаетесь богатым и обеспеченным человеком, президент России В.В. Путин, будьте добры, передайте, пожалуйста, эту книгу господину Петрову, жестокое обращение с животными, детьми и т.д., относиться к просьбам с вниманием, внимательность, а не хамское, сдержанно отвечать на вопросы, которые вам неприятны, вставать, когда входит человек старшего возраста, обходительный, умение вести себя в обществе, следить за речью, создать комфорт друг другу, соблюдение субординации, помочь донести сумки, не перебивать собеседника, не устраивать скандал, неспрашивать о возрасте.

Респонденты **«вежливое поведение»** ассоциируют с уважением к другим людям, например, **уступать место, также это хорошие манеры (знать нормы общения, напр. не грубить).**

Приведите, пожалуйста, пример поведения, которое вы считаете невежливым: грубость-36, хамство-15, нецензурная лексика-брань-11, случайно толкнуть человека и не извиниться-7, игнорирование-5, наглость-3, человек который не имеет воспитания-3, перебивание-3, не уступать место в транспорте-3, повышение тона-3, жевать жвачку при разговоре-2, несдержанность-2, несоблюдение норм общения-2, агрессия по отношению к другим-2, незнание этикета-2, дерзкое обращение к кому-либо-2, не пропускать дам/женщин вперед в очереди-2, не здороваться при встрече-2, находиться в помещение в головном уборе/опаздывать, оскорбление кого-либо, ругаться, в состоянии помочь проигнорировать, указать человеку на его недостатки, мочиться на улице, по отношению к незнакомому начать речь с ээ……эй, или ты, придирчивость, непонимание, оскорбления, человек с вами груб несмотря на то, что вы ему помогли, громкая грубая речь, несоблюдение субординации, вмешательство в чужой разговор, когда человек говорит о себе, не слушая других, неуважение, войти без разрешения в кабинет, президент США Д. Трамп, без чувства такта, без уважения, не уважать старших, распространение сплетен, пререкаться, ставить себя выше других, жестикуляция в грубой форме, кричать на кого-то, проявить невнимание к женщине.

Невежливое поведение связано с *неуважением и несоблюдением хороших манер*. Неуважение – **толкнуть человека, не уступать место,** и т.д.

Результаты анкетирования на таджикском языке

Одоб – ин (Вежливость – это): ахлоқи ҳамида -4 (благовоспитанность), тарзи гуфтор ва рафтор бо шахсони дигар-3 (манера общения с другими людьми), низоми маънавии инсон-2 (нравственные черты человека), хубтарин хислати одамон аст-2 (самые лучшие качества характера человека), ҳурмату эхтиром-2 (уважение и почтение), тарбия-3 (воспитанность), ҳусни инсон аст-2 (красит человека), рафтори хуб дар ҷомеа-2 (подобающее поведение в

обществе), одоб ин сифати инсонист-2 (вежливость - это свойство человека), низоми меъёрҳои маънавии инсон-2 (моральные качества человека), рафтори маънавии инсон аст-2 (является нравственным поведением человека).

В единичных случаях были даны другие характеристики: ахлок-1 (мораль), рафтор, тарзи сухангӯӣ ва ғайра мебошад-1 (поведение, способ ведения беседы и др.), нишондиҳандаи шахсияти инсон аст-1 (является показателем личности человека), ахлоқи намунавӣ-1 (образцовое поведение), якумин нишондиҳандаи забони инсон-1 (первый показатель речи человека), ҳурмат, ҳулку-атвор ва рафтори инсон аст-1 (уважение, этика и поведение человека), силоҳест, ки шахсро бо он шинохта мешавад-1 (способ узнать человека), рафтори намунавӣ-1 (примерное поведение), хислатест, ки одамро, сохибэҳтиром менамояд-1 (качество, делающее человека уважаемым), падидаи нодире аст, ки на ҳар як шахс соҳиби он аст, ва дар назди оила-1 (редкое качество, которым обладает не каждый, и в глазах семейства), пажуҳиши фалсафавии ахлоқ ва маънавиёт-1 (философское исследование этики и нравственности), тарзи дурусти рафтори шахс аст-1 (правильный способ поведения человека), маданият, тоҷи сари инсон аст (культура, быть на высоте), ба калонсолон салом додан-1 (здороваться со старшими), хушмуомилагӣ-1 (деликатность, вежливость), одами хондагӣ боодоб аст-1 (образованный человек является воспитанным), хислати инсонро аниқ мекунад-1 (определяет характер человека), хулқу атвори нек дошта-1 (обладающий хорошим поведением и манерами).

Шахси боодоб - ин (Вежливый человек – это): шахсе, ки дорои пиндори нек, гуфтори нек ва рафтори нек аст -6 (человек, обладающий хорошим мышлением, речью и поведением), шахсест, ки хушмуомила аст-6 (деликатный и тактичный человек), шахсест, ки калонсолонро ҳурмат мекунад-4 (человек, почитающий старших), шахсе, ки дигаронро ҳурмат мекунад-2 (человек, уважающий других), шахсе ки ба дигарон ёрӣ мерасонад-2 (человек, оказывающий помощь другим), меҳрубон-2 (добрый), рафтори хуб-2 (хорошее поведение), шахсе ки боақл ҳаст-2 (умный человек), шахси бомаърифат-2 (интелегентный), шахсе мебошад, ки бо забони хуш сухан меронад-1 (человек, с которым приятно говорить), шахсест, ки чои гуфтани гапҳои гуногунро медонад-1 (человек, знающий что и где говорит), поквиҷдон-2 (честный), ғамхор-1 (заботливый), дилсӯз-1 (отзывчивый), боъмарифат-1 (образованный), он нафаре, ки бо сухангӯии худ аҳамият медиҳад-1 (тот, кто обращает внимание на свою речь), касест, ки ҳамаро ҳурмату эҳтиром мекунад-1 (человек, который уважает каждого), одами хушгуфтор ва босавод-1 (приветливый и образованный человек), касест ки худашро идора карда метавонад-1 (человек, умеющий владеть собой), яке аз хислатҳои беҳтарини инсон боодоб будан аст / дар тамоми ҷой чӣ тавр рафтори карданашро донад-1 (одно из лучших качеств человека быть вежливым / понимающий как себя вести везде), шахси боодоб бояд волидайнашро ҳурмат кунад-2 (воспитанный человек должен уважать своих родителей), бо ҳама хушрафтор аст-1 (ведет себя со всеми вежливо), шахсе, ки бо давлат аст-1 (счастливый человек), боадаб ва росткор-1 (примерный и порядочный), одами бомаданият-1 (цивилизованный человек), муътабар-1 (уважаемый), бологузар-1 (почитаемый), гирифтани тарбия аз падару модар-1 (получить родительское воспитание), шахсе, ки барои дигарон намуна ва ибрат аст-1 (человек, который является для других примером и образцом), ҳурмат кардани волидайн, шахсе мебошад, ки дар ҳаёти худ ба куллахои баланд мерасад-1 (уважать родителей, человек, который добьется в жизни высоких достижений).

Ягон мисоле пешниҳод намоед, ки онро Шумо ҳамчун хушмуомилагӣ баҳо дода тавонед. (Приведите, пожалуйста, пример поведения, которое вы расцениваете как вежливое): Ҳурмати калонсолон-6 (уважать старших), рафтори нек, кирдори нек-3 (хорошие поступки и поведение), ассолому алайкум-3 (приветствие), бодобона сухан рондан бо шахси дигар-2 (почтительно разговаривать с кем-либо), ба пиронсолон ёрӣ расондан-2 (помогать пожилым людям), дуруст салом додан-2 (подобающе здороваться), бо волидайн бо эҳтиром рафтор кардан-2 (относиться к родителям с уважением), рафтори хуб, хушгуфтор-2 (хорошее поведение, вежливое обращение), ташаккури зиёд -1 (большое спасибо), миннатдорам-1 (благодарю), илтимос соат чанд шудааст-1 (скажите, пожалуйста,который час), эҳтироми падару модарро ба ҷо овардан-1 (почитать родителей), дили касеро наранҷондан-1 (никого не обижать), вакте ки бо ту сухан мегӯянд ва ту бо диққат гӯш мекунӣ-1 (слушать внимательно, когда кто -то говорит с тобой), дили касеро наранҷондан-1 (не обижать кого-либо), дар ҳама ҳолат ором будан-1 (быть спокойным в любой ситуации), муомилаи хуб-1 (хорошее отношение), бо садои нарму ширин сухан гуфтан-1 (говорить мягко и вежливо), бемалол бошад-1 (если нетрудно, пожалуйста), ба ман ду кило себ кашед-1 (взвесьте мне два киллограмма яблок), бо суханҳои бузургон ва олимон рангин кардани фикр-1 (обогощать свою мысль цитатами великих предков и ученых), аввал салом баъд калом-1 (прежде подумай, потом скажи), то калон сухан накунад, сухан накун-1 (не лезь поперек батьки), бо забони ширин гап задан-1 (говорить приветливо), илтимос маро имрӯз ҷавоб диҳед-1 (разрешите уйти), саломат бошед-1 (будьте здоровы), суханро санҷида гӯй, то дӯстро душман нагардонӣ-1 (говори так, чтобы друг не стал врагом).

Мисолеро пешниҳод кунед, ки он аз нигоҳи Шумо беодобӣ ҳисобида шавад. (Приведите, пожалуйста, пример поведения, которое вы считаете невежливым):

Ҳурмат накардан аз худ калонсолонро-5 (не уважать тех, кто старше тебя), ноҳурматӣ-4 (неуважение), дар ҷойҳои ҷамъиятӣ гапҳои кабеҳ задан -3 (сквернословить в общественных местах), сухани касеро хангоми гап задан буридан -2 (прерывать чью- то речь), ҳурмат накардани падару модар-3 (не уважать родителей), дар нақлиёт ба калонсолон ҷой надодан-2 (не уступать место пожилым в транспорте), дар ҷамъият рафтори бад кардан -2 (плохо вести себя в обществе), бепарвоӣ, бадрафтор будан-1 (безотвественность, иметь плохое поведение), бо садои баланд сухан гуфтан-1 (громко разговаривать), калонсолонро ҳурмат намекунад-1 (не уважает старших), модарашро дӯст намедорад-1 (не любит свою мать), ахлоқи зишт ва нописандӣ-1 (грубое поведение и бестактность), ҳурмат накардани шахсон-1 (не уважать других), бадгуфтор, беодоб-1 (грубый, невоспитанный), шахсеро, ки намешиносӣ «ту» бигӯӣ-1 (называть на ”ты” незнакомого человека), Мунис имрӯз ба дарс дер омад, ба зами ин хангоми ба синфхона даромадан ба касе салом надод-1 (Мунис опоздал на занятия сегодня, в дополнение он не поздоровался, когда вошел), ба шахси аз худ калон гап гардондан-1 (пререкаться со старшими), бо одами аз худ калон сухани ноҷо гуфтан-1 (говорить людям старше себя неподобающие слова), бо шахсони бегона меҳрубон набудан-1 (не быть вежливым по отношению к незнакомым людям), муомилаи хуб надоштан ва дағалӣ кардан-1 (плохо вести себя и грубить), дағалона рафтор намудан-1 (вести себя грубо), бе маданияти зоҳир намудан-1 (проявлять невежливость), дар нақлиёти мусофиркаш ба калонсолон ҷой намедиҳанд-1 (не уступать пожилым место в общественном транспорте), дар ҷойҳои ҷаъиятӣ тамоку кашидан ва тартиботи ҷамъиятиро халалдон кардан-1 (курить в общественном месте и нарушать общественный порядок), чокадӣ хама тинчай, ҳама харай-1 (употребляя местный грубый сленг), дар байни ҷомеа рафтори бад нишон додан-1 (плохо вести себя в обществе), маро имрӯз аз кор ҷавоб диҳед, дағалона-1 (отпусти меня с работы, грубо).

В результате исследования мы выявили, что вежливость осознается прежде всего как явление, существование которого зависит от условий и качеств конкретных людей - носителей вежливости.

Вежливость фактически не концептуализируется как личностная или социальная необходимость, в таджикском ассоциативном сознании она выступает как определенная форма поведения людей, обусловленная их воспитанием, образованием, профессий и т.д., а не как социальный и личностный императив.

В данном концепте мы не обнаружили социально-культурной зоны, отражающей связь концепта с явлениями культуры народа; слабо представлена идентификационная зона, в которой представлен персонифицированный эталон, прототип вежливости - например, имена конкретных людей (президент России В.В. Путин, президент США Д. Трамп (как невежливый), выступающих в языковом сознании эталонными носителями вежливости/невежливости.

Концепт содержит яркую регулятивную зону, отражающую концептуализацию императивного характера вежливости в обществе - «надо, необходимо, обязательно (быть вежливым), вежливо разговаривать; уступать место старшим; вставать, когда заходит старший; соблюдать элементарные правила поведения и т.п.», утилитарная зона - польза от вежливости выражена, но недостаточно ярко.

В заключение отметим, что вежливость в ассоциативном сознании молодежи Таджикистана имеет яркое ядро, образуемое когнитивными признаками, имеющими высокие показатели по индексу яркости: уважение,хорошие манеры, доброе отношение к другим, тактичность, воспитанность,соблюдение правил поведения, приличий, наличие хорошего образования, внутренняя культура, благородство,деликатность, приветливость, скромность/отсутствие высокомерия, спокойная и грамотная речь,честность, учтивость, умение сдерживать негативные эмоции.

Все это позволяет сделать выводы о достаточно высоком уровне культуры и воспитанности наших абитуриентов.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Вежливость – http://www.krugosvet.ru/enc/gumanitarnye_nauki/lingvistika/VEZHLIVOST.html
2. Речевой этикет/http://www.krugosvet.ru /enc/gumanitarnye_nauki /lingvistika/RECHEVO_ETIKET.
3. Что такое вежливость/ http://www.xapaktep.net/virtues/meliorating/politeness/desc.php
4. Словарь русского языка : в 4 т. - Изд. третье. – М.: Русский язык, 1985. -с. 145
5. Формановкая Н.И. Избранные статьи разных лет: юбилейный сборник / Н.И. Формановкая. - М., 2007. – С. 160.
6. Формановская Н.И. Русский речевой этикет: нормативный социокультурный контекст / Н.И. Формановкая. – М., 2002. – С.12-13.
7. Гольдин В.Е. Речь и этикет / В.Е. Гольдин. – М., 1983. – С. 40.
8. Формановская Н.И. Русский речевой этикет: нормативный социокультурный контекст / Н.И. Формановкая. – М., 2002. – С. 125–126.
9. Попова, З.Д. Очерки по когнитивной лингвистике / З.Д. Попова, И.А. Стернин. - Воронеж, 2001. – С. 115.

10. Попова, З.Д. Семантико-когнитивный анализ языка. Монография / З.Д. Попова, И.А. Стернин. – Воронеж: Истоки, 2007. – 250 с.
11. Фрумкина, Р.М. Экспериментальные методы в языкознании / Р.М. Фрумкина // Большой энциклопедический словарь «Языкознани»; Гл. ред. В.Н. Ярцева. – М.: Большая Российская энциклопедия, 2000. – С. 590.
12. Стернин, И.А. Психолингвистическое значение слова и его описание / И.А. Стернин, А.В. Рудакова. – Воронеж, 2011. – 192 с.
13. Искандарова, Д.М.,. Толерантность (интолерантность) как объект научного исследования и методологические подходы к её изучению / Д.М. Искандарова, А.Ю Фомин // Исследование толерантности в молодёжной среде Таджикистана (лингвистические аспекты): монография. – М.: Издательский дом Академии Естествознания, 2016. – С. 7-16.
14. Iskandarova, D.M et al. (2016). Study of Tolerance in the Youth Environment of Tajikistan (Linguistic Aspects) Moscow, 142 p.- DOI 10.17513 / np. 143 – URL: https://monographies.ru/en/book/view?id=562
15. Гулова, З.А. Ассоциативное поле «Таджик» в языковом сознании молодёжи / З.А. Гулова // Исследование толерантности в молодёжной среде Таджикистана (лингвистические аспекты): монография. – М.: Издательский дом Академии Естествознания, 2016. – С. 7-16.
16. Iskandarova D.M. , Khusrav Shambezoda и др. Problems of linguistic discrimination in the communicative space of Tajikistan: legal, sociolinguistic and educational aspects// Journal of Social Studies Education Research 2017: 8, pp.1-14.
17. Iskandarova, D., Ladygina, O., Salikhov, N., Shambezoda, H., & Davlatmirova, M. (2016). Social and Linguistic Aspects of the Tajik National Identity Formation: the Findings of the Survey of Students in Tajikistan. Indian Journal Of Science And Technology, 9(5). doi:10.17485/ijst/2016/v9i5/87594 Retrieved from http://www.indjst.org/index.php/indjst/article/view/87594
18. Давлатмирова М.Б. Отражение национально значимых элементов макроконцепта СУДЬБА в таджикской и памирской лингвокультурах: результаты анкетирования в университетской среде Таджикистана / М.Б. Давлатмирова, Д.М. Искандарова, Н.И. Каримова // Вопросы когнитивной лингвистики. - 2016. - №4. - С.78-84.

ИНЪИКОСИ МАФҲУМИ «БАОДОБӢ» ДАР ШУУРИ АССОТСИАТИВИИ ҶАВОНОНИ ТОҶИК

Мақола ба ошкор кардани хусусиятҳои соҳаҳои ассотсиатсионии категорияи «баодобӣ», хусусиятҳои миллӣ-фарҳангӣ тавассути таҳлили ҷузъҳои шифоҳии иртибот ва инчунин муайян кардани хусусиятҳои асосии феҳристи таҳлилшуда аз ҷониби намояндагони ҷавонони тоҷик бахшида шудааст. Ҳангоми муошират, одамон на танҳо мубодилаи иттилоот мекунанд, балки ба ҳамдигар муносибати гуногун доранд. Дар изҳороте, ки ба як шарики иртиботӣ ирсол шудааст, гӯянда метавонад муҳаббат, меҳрубонӣ, адоват, аз ҷумла тарафҳои гуногуни чунин муносибатро аз эҳтиромӣ то беҳурматии рӯйрост нишон диҳад. Ҳама ҳолатҳои зуҳури муносибати эҳтиромона ва хайрхоҳона нисбат ба шарики муошират бо мафҳуми "баодобӣ" муттаҳид мешаванд. Омӯзиши ҷиҳати "баодобӣ", ки дар асоси таҷрибаҳои ассотсиативӣ дар байни ҷавонон гузаронида шудааст, ба таври методологӣ барои ошкор кардани вижагии миллӣ-фарҳангии дарки он дар соҳаи забоншиносӣ ва фарҳангии тоҷик равона карда шудааст.

Калидвожаҳо: баодобӣ, маданият, соҳаи ассотсиатсия, таҷрибаи ассотсиатсия, тафаккури забонӣ, этикаи суханронӣ.

ОТРАЖЕНИЕ КОНЦЕПТА ВЕЖЛИВОСТЬ В АССОЦИАТИВНОМ СОЗНАНАНИИ ТАДЖИКСКОЙ МОЛОДЕЖИ

Статья посвящена выявлению специфики ассоциативных полей категории «вежливости», национально-культурной специфики, путем анализа вербальных компонентов общения, а также установлению основных особенностей понимания анализируемой категории представителями таджикской молодежи. Вступая в общение, люди не только обмениваются информацией, но и выражают различное отношение друг к другу. В высказывании, адресованном партнеру по коммуникации, говорящий способен передать любовь, дружелюбие, неприязнь, в том числе и разные оттенки такого отношения, от подчеркнутого уважения до демонстративного неуважения. Все случаи проявления уважительного и доброжелательного отношения к партнеру по коммуникации объединяются понятием «вежливость». Исследование поля «вежливость» на основе ассоциативного эксперимента, проведенного в молодежной среде, методологически направлено на выявление национально-культурной специфики его восприятия в таджикском лингвокультурном пространстве.

Ключевые слова: вежливость, культура, ассоциативное поле, ассоциативный эксперимент, языковое сознание, речевой этикет.

REFLECTION OF THE CONCEPT OF POLITINESS IN THE ASSOCIATIVE CONSCIOUSNESS OF TAJIK YOUTH

The paper is devoted to identification of specifics of associative centers of the category “politeness”, national and cultural specifics through the analysis of verbal communication components and to establishment of the main features of understanding of the analyzed category by representatives of the Tajik youth. When starting communication, people do not only share information, but also express various attitudes to each other. In a statement addressed to a partner in communication, the speaker is able to transfer love, friendliness, hostility, including different shades of such attitude ranging from pointed respect to demonstrative disrespect. All cases of respect and benevolence towards a partner in communication are unite by the concept “politeness”. The study of “politeness” on the basis of the association experiment conducted among young people is methodologically aimed to identify national and cultural specifics of its perception in Tajik linguocultural space.

Key words: politeness, culture, associative center, association experiment, language consciousness, speech etiquette.

Сведения об авторе: ***Худоёров Хусейн Ёдгорович*** - Российско-Таджикский (Славянский) университет, соискатель.
Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. М. Турсунзаде, 30. E-mail: **husein_h@mail.ru.**
Тел.: **(+992) 934-40-44-09**

Information about the author: ***Khudoyorov Husein Yodgorovich*** - Russian-Tajik (Slavonic) University, the Department of Theoretical and Applied Linguistics. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Str. M. Tursunzade, 30.
E-mail: **husein_h@mail.ru**. Tel.: **(+992) 934-40-44-09**

УДК: 491.550-5:82-1

КОРБУРДИ КАЛИМАҲОИ МУРАККАБ ДАР ҒАЗАЛИЁТИ НАҚИБХОН ТУҒРАЛИ АҲРОРӢ

Муҳаммадиева С.
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Дар сухан, Туғрал, тариқи пухтагонро пеша кун,
Меваат гар хом бошад, нест дар дандон лазиз.

Аз байти мазкури шоир Нақибхони Туғрал чунин бармеояд, ки ӯ яке аз суханварони боистеъдоду бомаҳорати охири асри XIX ва ибтидои асри XX ба шумор рафта, дар сухансароӣ тариқи пухтагонро пеша кардааст ва ба ин васила дар бою ғанӣ гардидани забони шевою гуворои тоҷикӣ саҳми арзанда гузоштааст. Тарзи баёни фаҳмою гуворо ва забони ширину дилнишини ӯ на танҳо ҳаводорони шеъру адабро, балки муҳаққиқони соҳаи забон ва адабиёти тоҷикро низ ба худ ҷалб намудааст.

Аз ҷумла, забоншинос ва адабиётшиноси маъруфи тоҷик, шодравон Носирҷон Маъсумӣ хусусиятҳои ҷолиби эҷодиёти онро чун далел оварда, ба таври зайл таъкид намудааст: «Таҳлили мухтасари хусусиятҳои эҷодиёти Туғрал, таркиби луғавии забони ӯ ва истеъмоли услубии боигарии забон ба мавҷудияти услуби дурангаи шоир гувоҳӣ медиҳад. Қисми асосии лирикаи Туғрал ба услуби соданависии ӯ мансуб аст, ки асоси он содагии забон ва фаҳмоии маънии калимаҳо мебошад. Дар ин равияи услубӣ шоир лавҳаҳои бисёри рангину дилнишин офарида ҳунарнамоӣ кардааст. Баъзан калимаҳои халқии гуфтугӯиро кор фармуда, ғазалҳои ҳудро аз ҷиҳати забон ва оҳанг ба лирикаи халқӣ наздик мекунад. Хусусан ғазалҳое, ки бо табъи шӯх ва ширинкорӣ гуфта шудаанд, дорои ҳамин хел оҳанг мебошанд» [4, с.58-59]. Носирҷон Маъсумӣ дар ҷойи дигар ба ҷиҳати калимасозии забони ашъори шоир чунин баҳо додааст: «Забони шоир дар калимасозӣ (мисли ноҷавонмард ва ноошнойром) ва махсусан дар калимабандӣ, хусусиятҳои аҷибе дорад» [4, с.59]. Вобаста ба ин хусусиятҳои аҷиби калимасозӣ забоншинос Шаҳло Музаффарова бо унвони «Баъзе хусусиятҳои сохторӣ ва маъноии калимаҳо дар ашъори Туғрал» мақолае таҳия намудааст, ки хеле ҷолиб аст. Ш. Музаффарова калимаҳои дар даҳ ғазали Нақибхон Туғрал бударо ба калимаҳои сода, сохта ва мураккаб ҷудо намуда, дар бобати хусусиятҳои сохторӣ ва маъноии ҳар кадоми ин гурӯҳ маълумоти мухтасар додааст. Аз ҷумла, дар хусуси калимаҳои мураккаб ва хусусиятҳои сохторию маъноии он маълумоти мухтасар дода, таъкид менамояд, ки дар даҳ ғазали Нақибхон Туғрал 20 калимаи мураккаб ба назар расид, яъне назар ба калимаҳои сода ва сохта хеле каманд. Ш. Музаффарова калимаҳои мураккаби дар ашъори Нақибхон Туғрал истифодашударо ба калимаҳои мураккаби пайваст ва мураккаби тобеъ ҷудо намуда, ба баъзе тобишҳои тавсифии онҳо ишорае кардааст [5, с.38-44].

Маълум аст, ки калимасозӣ яке аз роҳҳои инкишофёбию бой гардидани захираи луғавии забон ба шумор меравад. Аз ин рӯ, олимони забоншинос ба ин масъала рӯй оварда, бо тадқиқотҳои ҷиддӣ роҳу усулҳои мухталифи калимасозиро ошкор намуданд [2, с.110-125; 3, с. 89-92]. Дар ин бобат хизмати забоншиноси мумтоз, шодравон профессор Шарофиддин Рустамов бағоят бузург аст. Муҳаққиқи заррабин дар асари бунёдии илмӣ-тадқиқотии хеш «Исм» моҳияту хусусиятҳои калимасозии исм ва қолабҳои калимасозиро хеле равшану возеҳ баён кардааст. Аз ҷумла калимасозии исмҳои мураккаб ва хелҳои қолабию сохтории исмҳои мураккаб хеле муфассал баррасӣ шудаанд [7, с.140-175]. Дуруст аст, ки калимаҳои мураккаб барои кӯтоҳ ва рехта ифода кардани фикр имконият медиҳанд. Онҳо на танҳо ибораҳои гуногун, балки ҷумлаҳоро низ иваз карда метавонанд [7, с. 144]. Бо назардошти чунин мақоми калимаҳои мураккаб мо тасмим гирифтем, ки мавқеъ ва хелҳои қолабию тобишҳои маъноии калимаҳои мураккаби дар ашъори Нақибхон Туғрал ҷойдоштаро дида бароем ва то ҳадди имкон мақоми онҳоро дар инкишофи ҳусни сухани шоир муайян намоем. Тибқи мисолҳои аз ашъори Туғрал гирдовардаамон маълум мегардад, ки дар забони осори ӯ калимаҳои мураккаб хеле фаровон истифода шудаанд.

Калимаҳои мураккаби осори шоир вобаста ба сохти калимасозиашон ва тарзи алоқаи маъноии байни ҷузъҳояшон ба ду гурӯҳ: калимаҳои мураккаби пайваст ва калимаҳои мураккаби тобеъ ҷудо мешаванд.

1. **Калимаҳои мураккаби пайваст.** Калимаҳои мураккаби пайваст гурӯҳи ҷудогонаеро ташкил дода, бо хусусиятҳои хосси худ аз калимаҳои мураккаби тобеъ фарқ мекунанд. Калимаҳои мураккаби пайвасти осори Туғрал бо тарзу роҳҳои гуногун сохта шудаанд:

а) аз такрори исм: сарсар [6, с.88], саросар [6, с.220];

б) такрори феъли фармоиш: кашокаш [6, с.252];

в) аз исму исм ва миёнвандҳо: саропо [6, с.76], хонабардӯш [6, с.107], шабехун [6, с.120], дастуруламал [6, с.152], обуранг [6, с.174], ҳалқабаргӯш [6, с.206], шуълабардӯш [6, с.241], ҷаннатулфирдавс [6, с.247].

Байти зер дорои калимаҳои мураккаб аст ва яке аз онҳо бо миёнванди «о» сохта шудааст, вожаи «саропо»:

Бувад назора чун оина **лаззатгири** дидорат,
Саропо дидаи наргис бувад маҳви тамошоят [6, с.137].

г).аз феълҳои замони ҳозира: сӯзугудоз [6, с.113];

ғ). аз феълу феъл тавассути миёнванди у: ҷустуҷӯ [6, с. 142], гуфтугӯ [6, с.173];

2. Калимаҳои мураккаби тобеъ. а) аз исму исм: Ин гурӯҳи калимаҳои мураккаб сермаҳсуланд: арақгул [6, с.85], абрӯкамон [6, с. 241], бутхола [6, с.112], булбулоҳангӣ [6,189], ваҳшатсаро [6, с.107], ваҳшатром [6, с.156], ваҳшаткамин [6, с.134], гуландом [6, с.90], гулбадан [6, с.96], гулоб [6, с.108], гулрӯ [6, с.223], гулпераҳан [6, с.245], ғунчадаҳон [6, с.177], дилхун [6, с.73], дорушшифо [6, с.131], дилозор [6, с.231], дандонгуҳар [6, с.245], ёқутлаб [6, с.223], Исосифат [6, с.226], ишқбозӣ [6, с.173], қамароз [6, с.226], лабшакар [6, с.245], лайлиасос [6, с.173], майхона [6, с.75], мардумгиёҳ [6, с.116], Масеҳэъҷоз [6, с.196], маъникаминиҳо [6, с.81], маъниқаринӣ [6, с.81], муборакбод [6, с.103], муғбача [6, с.218], мӯкамар, [6, с. 239], муштарииқбол [6, с.75], найшакар [6, с.173], озодиписанд [5, с.124], оташнасаб [5, с.112], падарлаънат [6, с.279], парирухсор [6, с.135, 6, с.226], парирӯ [6, с. 92], размошно [6, с.138], раҳгузорат [6, с.231], Самарқанд [6, с.204], санавбарқад [6, с.245], сарманзил [6, с.286], сармашқ [6, с.82], сархат [6, с.133], ситамкада [6, с.165], соҳибқиронӣ [6, с.212], соясифат [6, с.98], субҳсифат [6, с.257], татаббӯъхона [6, с.118], фармонраво [6, с.191], харгӯш [6, с.174], хармуҳра [6, с.93], хештан [6, с.103], хиҷолатмоя [6, с.118], хунбаҳо [6, с.144], ҳайратасар [6, с. 245], ҳайратбаёнӣ [6, с.212], ҳикматшиор [6, с.236], шабранг [6, с.170], шаҳбайт [6, с. 207], шаҳбоз [6, с. 196], шаҳноз [6, с.82], шаҳпар, [6, с.101], шаҳрух [6, с.192], шодисамар [6, с.245], шоҳинватан [6, с.76], чандинсола [6, с.191], ҷаҳоноро [6, с.101, 195], ҷафокирдор [6, с.227], ҷафокор [6, с.232].

Вожаи мураккаб дар ғазали минбаъда низ ба назар мерасад, ки аз исму исм сохта шудааст:

Бо барги рухсори гулат, эй **гулбадан,** хорам макун!
Нози ғаматро лоиқам, сӯзону дар норам макун! [6, с.96].

Дар мисраи зер аз ду исм-**муштарӣ** ва **иқбол** сохта шудани калимаи мураккабро ба унвони мисол меоварем:

Муштарииқболи назмам, лек дар бозори даҳр,
Ҷуз қумоши ғам набошад дигаре савдои ман! [6, с.75].

Дар байти дигар шоир калимаи мураккаби «майхона»-ро корбаст намудааст:

Ёди айёме, ки сӯйи мо хироме доштӣ,
Бо каф аз **майхонаи** алтоф ҷоме доштӣ! [6, с.78].

Ё дар ғазали дигар вожаи «шаҳноз», ки аз ду исм ба вуҷуд омадааст, мураккаб буда, яке аз мақомҳои «Шашмақом» аст:

Ба мизроби дигар қонуни ишқат соз мекардам,
Навои пардаи «ушшоқат» аз **«шаҳноз»** мекардам [6, с.82].

б) аз исму сифат. Ин тарз калимасозии исмҳои мураккаб каммаҳсул аст, чунки қолаби аз сифату исм сохтани исмҳои мураккаб нисбат ба қолаби калимасозии факки изофат хеле барвақт пайдо шуда, мавқеи асосиро ишғол намудааст [7, с. 152]. Мисол: дилтанг [6, с. 189], дилхаста [6, 225], дилфигор [6, 235], сарбаланд [6, с. 104], саргарм [6, с. 100], сарсабз [6, 99], сармаст [6, с. 90, 151, 245], сарфароз [6, с. 113], сарҷӯш [6, с. 237], синачок [6, с. 231], хонавайрон [6, с. 116], шабнам [6, с.81];

в) аз сифату исм. Ин тарзи калимасозии исмҳои мураккаб серистеъмоланд: [6, с. 155], аҳвалтинатон [6, с. 96], аҷоибхона [6, с. 154], бадхӯ [6, с. 137], гулгунсалаб [6, с. 218], кӯчикдаҳан, [6, с. 93], мушкилосонӣ [6, с. 116], наварӯс [6, с. 219], навбаҳор [6, с. 164], навниҳолон [6, с. 196], ноошнойром [6, с. 141], осудадилон [6, с. 182], парешонҳол [6, с. 245], пуризтироб [6, с. 197], пурсамар [6, с. 69], пурфусун [6, с. 109], пуршарор [6, с. 220], равшандилон [6, с. 101, 113], сангиндил [6, с. 225], симинзақан [6, с. 93], симинсоқ [6, с. 74], сиркангубин [6, с. 195], сустмағзон [6, с.150], талхком [6, с. 116], тирабахтиҳо [6, с.142], тундхӯй [6, с. 233], хубрӯй [6, с. 142], ҷарасовоз [6, с. 197], ширинзабон [6, с. 250], ширинсухан [6, с. 70], ҷалипо [6, с. 245:

Он қадар дар боғи имкон карда сомони карам,
Шохи ҳар нахле, ки бинӣ, **пурсамар** дорад баҳор [6, с. 69].

Дар ин байт калимаи **«пурсамар»** мураккаб буда, аз ду реша- «пур» ва «самар» сохта шудаасту сифат мебошад. Агар ин вожаро дар алоҳидагӣ таҳлил намоем, «пур» сифат аст ва «самар» - исм.

Дар байти дигар:

Рашк барад аз ҳасад тӯтии Ҳиндустон,

Туғрали **ширинсухан** аз шакаристони кист? [6, с.70].

Дар ин мисраъ вожаи **«ширинсухан»** сифати мураккаб асту он низ аз сифату исм иборат аст.

Калимаи мураккаби **«пурфиғон»** низ ба ин мисол шуда метавонад:

Сабре бикун, эй дили балокаш,
Хомӯш, ки **пурфиғон** шудастӣ! [6,с.79];

г) аз исму сифати феълӣ: гарданкашӣ [6, с. 217], ғамкашида [6, с. 226], дилшуда [6, с. 256], саргашта [6, 228], ситамкашӣ [6, с. 226], соғаркашӣ [6, 223];

ғ) аз исму феъли ҳол: каҳкашон [6, с. 74], ғазалхонӣ [6, с. 116], донаронӣ, дурфишонӣ [6, с.147], парфишонӣ [6, с. 212], раҳравон [6, с. 151], сухангӯён [6, с.203], шабравон [6, с. 156], ҳукмронӣ [6, с.212]. Дар байни ҷузъҳои ин калимаҳо номуносибати атрибутӣ, балки муносибати объектӣ мавҷуд аст, на ҷузъи якум, балки ҷузъи дуюм асосӣ буда, исм тобеи феъл аст. Вале феъли кашон, ки ҷузъи асосии исми каҳкашон мебошад, ба воситаи суффикси -он на аз феъли монда, балки аз феъли гузаранда сохта шудааст. Дар ин қабил феълҳо суффикси –он феълҳои бавосита месозад [7, с. 162];

д) аз исму асоси замони ҳозираи феъл: анҷуманоро [6, с. 78], дилоро [6,115], афсунсоз [6, с. 196], бадомӯз [6, с. 246], барбатнавоз [6, с. 218], боданӯш [6, 218], болафшон [6, с. 178], бутпараст [6, с. 238], бӯстонафрӯз [6, 89], гиребонгир [6, с. 170], гуҳарафшон [6, с.93], гуҳаррез [6, с. 186], дамсоз [6, с. 223], даргузар [6, с. 218], дастбанд [6, с. 75], дастбӯс [6, с. 197], дилафрӯз [6, с. 239], дилбар [6, с.77], дурбор [6, с.234], дилдор [6, с. 92], дилдӯз [6, с. 193], дилозор [6, с.231], дилҷӯй [6, с. 70], доғдор [6, с. 124], домангир [6, 151], дуогӯ [6, с. 71], дурдошом [6, с. 156], душманнавоз [6, с. 140], зӯрозмоиҳо [6, с.111], лабрез [6, с.219], майгусор [6, с. 219], майнӯш [6, с. 115], майхора [6, с.239], маънизо [6, с. 75], маҳмилнишиниҳо, маъникаминиҳо [6, с.144], маҷлиснишин [6, 237], меҳнаткаш [6, с.144], меҳнатсанҷ [6, с. 193], меҳнатсаро [6, 99], мӯйчиниҳо [6, с. 81], мӯшикофӣ [6, с. 72], нағмасоз [6, с.152], насиҳатгӯ [6, с.122], нафасшумор [6, 126], новакафкан [6, с. 80], обдор [6, с.235], обутоб [6, с.184], оинадор [6, с.128], оинапардоз [6, с. 188], оташпараст, [6, с. 191], парвонасӯз [6, с.240], пардадор [6, с.127], печутоб [6, с.184], поандоз [6, с.82], пойбанд [6, с.118], поймол [6, с. 77], раҳбар [6, с.77], раҳнамо [6, с.152], роҳзан [6, с. 241], рӯҳафзо [6, с.223], саброзмо [6, с.152], сардор [6, с.96], саршор [6, с. 223], ситоракаш [6, с. 106], сифлапарвар [6, с.109],такопӯ [6, с.71], такутоз [6, с.184], тасаллибахш [6, с.81], тирандоз [6, с. 80, 196], турктоз [6, с.113], тӯбишикан [6, 80], улфатпарастиҳо [6, с.161, 187], хадангандоз [6, с. 161], хаймазан [6, с.224], хӯшачин [6, с.190], хӯшачиниҳо, хилватгузинӣ [6, с. 81], ҳаводор [6, с.257], шабфурӯз [6, с.240], шакаррез [6, с.201], шакаршикан [6, с. 80], шакарфишон [6, с.240], шакарханд [6, с. 259], шарарбез [6, с. 186], ҷавҳардор [6, с.227], ҷадидсоз [6, с.233], ҷаҳонбин [6, с.223].

Дар мисраъҳои ғазали минбаъда вожаи «такутоз» мураккаб буда, бо миёнванди «у» сохта шудааст. Инчунин вожаи «гулчин» ҳам мураккаб мебошад:

Гарчи дар роҳи муҳаббат дар **такутозам** ҳанӯз:
Нест мизробам, бурун аз пардаи созам ҳанӯз.
Баски будам аз баҳори ҳусн **гулчини** вафо,
Аз шикасти бӯи гул ёбӣ ту овозам ҳанӯз [6, с.184].

Ё ин ки:

Обутоби сунбули зулфи бутон дидам, вале
Печутоби турраи марғулаи мӯи ту нест [6, с.71].

Вожаҳои мураккаб дар ашъори Туғрал бо роҳҳои гуногун сохта шудаанд. Дар байти мазкур исмҳои мураккаби «**обутоб»** ва **«печутоб»** бо миёнванди **«у»**, аз исму асоси замони ҳозираи феъл сохта шудаанд.

Дар байти зерини Туғрал якбора сето калимаи мураккаб аст ба мисли **«новакафкан», «тирандоз»** ва **«абрӯкамон».** Вожаҳои **«новакафкан» ва «тирандоз» аз** исму асоси замони ҳозираи феъл таркиб ёфтаанд:

Тире зада бар ҷони ман мижгони **новакафканат,**
Эй турки **тирандози** ман, **абрӯкамони** кистӣ?! [6, с. 80].

Абёти зер низ дорои чунин сохторанд:

Сарви қадат андар чаман бишкаст қадри норван,
Эй аръари **тубишикан,** сарви равони кистӣ?!
Ман тӯтиям **шаккаршикан,** Ҳиндустонам зулфи ту,
Бо холи ҳиндуи лабат Ҳиндустони кистӣ?! [6, с. 80].

Дар ғазали дигар калимаҳои мураккаб фаровонанд:

Зи худ бисёр дур афтодам аз **маъникариниҳо,**
Маро **сармашқи** ҳайронист акнун **мӯйчиниҳо.**
Тавон дар мазраи боғи ҷаҳон гул аз адаб чидан,
Ки сад хирман намой ҳосил аз ин **хӯшачиниҳо.**
Муроде, ки бувад ғайр аз тасаллибахши оромаш,
Набошад баҳра Лайлиро аз ин **маҳмилнишиниҳо.**

Зи шарми он ки фардо маҳрами меҳри бутон бошӣ,
Ба шабнам ғӯта зан имрӯз аз **хиҷлатҷабиниҳо** [6, с. 81].

Чуноне ба назар расид, вожаҳои «маъниқариниҳо», «сармашқ», «мӯйчиниҳо», «хӯшачиниҳо», «маҳмилнишиниҳо», «хиҷлатҷабиниҳо» калимаҳои мураккаб буда, барои ифодаи ҳолати рӯҳии шахси ошиқ ба кор рафтаанд.

Дар мисраъҳои дигари ин ғазал вожаҳои «маъникаминиҳо», «хилватгузиниҳо» низ мураккаб мебошанд:

Даме з-андешаи дил дар паи сайди маонӣ шав,
Агар бошад расо фикри ту дар **маъникаминиҳо.**
Кунун ҷинси қумоши хешро, Туғрал, ба арз орам:
Муроде кай шавад ҳосил аз ин **хилватгузиниҳо** [6, с.81].

Дар мисраи дигар низ калимаи мураккаби «пойандоз» ҷой дорад:

Ба маҳзи лутф сӯи кулбаи ман мехиромидӣ,
Ба роҳат пардаҳои дида **пойандоз** мекардам [6, с.82].

Дар байти дигар низ вожаи мураккаб дида мешавад:

Навбати аҳди **бӯстонафрӯз,**
Чун вафою висоли ёр гузашт [6, с.89].

Ё мисраи дигар:

Сар бохтам ман бо сарат, сарро нагирам аз дарат,
Сардори ишқи бесарам, **сардори сардорам** макун [6, с.96].

Калимаи **сардор** аз исми **сар** ва феъли замони ҳозираи **дор** (**доштан**) сохта шудааст.

е) аз шумораву исм. Ин тарзи калимасозӣ каммаҳсул аст [6, с.156.]: чорсӯ [6, с.91], садсола [6, с.112, 116], ҳазорпо [6, с.165], дудил [6, с. 233], саддона [6, с.248];

ё) шумораи мураккаб: дусад [6, с. 227];

ж) ҷонишинҳои мураккаб: ҳарчанд [6, с. 111], ончунон [6, с.194];

з) ҷонишин+замони ҳозираи феъл: худнамоиҳо [6, с.111]:

Шоир ҷонишини «ҳарчанд»-ро дар байти зер истифода намудааст:

Наомад заврақи ман дар канори соҳили васлаш,
Ба баҳри ишқ **ҳарчанде** ки кардам нохудоиҳо [6, с.111];

и) пайвандакҳои мураккаб: гарчи [6, с.122], агарчанде [6, с.193], азбаски [6, с.235];

й) аз сифати феълию исм. Ба мисли: «парокандалашкар». Он бемаҳсул буда, дар сифат сермаҳсул аст, ки дар он ҷо сифати феълӣ ҷузъи асосӣ шуда меояд [7, с.157]. Аммо ин тарзи калимасозиро мо дар «Мунтахаботи ашъор»-и Туғрал, ки мавриди тадқиқ қарор додаем, пайдо накардем.

Заминаи асосии калимаҳои мураккаб ва воҳидҳои синтаксисӣ, пеш аз ҳама, ибора мебошад. Аз ҳамин ҷиҳат калимасозии исмҳои мураккаб масъалаи муносибати исмҳои мураккаб ва ибораҳоро ба миён мегузорад [2, с.119]. Ҷузъи тобеи исми мураккаб шуда омадани ибора низ мумкин аст: Ясавулони дарбор мувофиқи фармоиши амир **намадисиёҳпӯшонро**…: доданд (С.Айнӣ). Ин тарзи калимасозӣ дар сифат нисбатан серистеъмол аст: одами **молимардумхӯр, гӯштимурғхӯр,** хасиси **чиркидандонхӯр,** гули **намозишомкушо** ва ғ. [2, с.125].

Дар забони тоҷикӣ боз тарзи дигари сохтани калимаҳои мураккаб вуҷуд дорад, яъне исмҳои мураккаби сеҷузъа дар қолаби исмҳои дуҷузъа сохта шудаанд. Дар ин гуна исмҳо яке аз ҷузъҳо (асосан дуюм) сода ва дигаре мураккаб мебошад: **шашмақомхон, мардикорбача, сартарошхона** [2, с.25]. Вожаи мураккаби дар байти зер таҷассумёфта аз се калима иборат аст-**«ҷабҳа+гиреҳ+карда»:**

Манъи карами хеш кунӣ чанд зи ибром,
Эй, **ҷабҳагиреҳкарда,** ту аз дасти дуо пурс! [6, с.182].

Бояд зикр намуд, ки баъзе аз ин калимаҳои мураккаб якчанд маротиба корбаст шудаанд.

Асоси калимаҳои сохта ва мураккаб ҳамчун воҳиди мустақили луғавӣ низ истифода шуда, аз он калимаҳои гуногун сохта мешаванд. Ин аст, ки манбаи асосии калимасозӣ вожаҳои бунёдӣ, решагӣ ба шумор мераванд. Баъзе калимаҳо дар таърихи забон тадриҷан аз таркиби луғавӣ баромада бошанд ҳам, ҳамчун асоси калимаҳои сохтаву мураккаб дуру дароз умр мебинанд. Ин қабил калимаҳо дар алоҳидагӣ ҳеҷ маъниро ифода намекунанд, маънои аслии онҳоро маҳз илми таърихи забон муайян мекунаду бас. Масалан, «**кад**» дар таркиби **кадхудо, кадбону, оташкада, донишкада** барин калимаҳо ҳоло ҳам боқист ва маҳз ба туфайли ҷузъи дуюм маънии **хона** доштани **када** равшан мешавад, ҳоло **кадхудо** ба маънии **соҳибхона, хонадор** ва **кадбону** ба маънии **бонуи хона, соҳибхонадон** истифода мешавад [2, с.110]. Калимасозии аффиксҳои «кад» ва «када»-ро Бобомуродов Ш. низ дар китоби худ қайд намудааст [1, с.98]. Дар ин росто Туғрал дар ашъори безаволаш калимаи мураккаби **ситамкадаро** [6, с.165] мавриди истифода қарор додааст, ки хеле ҷолиб садо медиҳад ва барои бой шудани таркиби луғавии забонамон нақши муайяне дорад.

Боз як нуктаи диққатҷалбкунандае дар ашъори Туғрал ба назар расид, ки як калима тавонистааст дар сохтани воҳидҳои луғавии дигар хизмат намояд, амсоли: вожаи **гул** –

гуландом, гулбадан, гулоб, гулгашт, гулгунсалаб, гулрӯ, гулпераҳан; **дил-** дилчӯй, дилхун, дилбар, дилдор, дилоро, дилтангӣ, дилхоҳ, дилдӯз, сангиндил, дилхаста, дилдодагон, дилфигор, дилозор, дудил, дилафрӯз, дилшуда; **шакар-**шакаршикан, найшакар, шакаррез, шакарфишон, лабшакар, шакарханд; **шаҳ-** шаҳноз, шаҳпар, шаҳрух, шаҳбоз, шаҳбайт; **май**-майхона, майнӯш, майгусор, майхора ва ғ., ки мо ҳангоми омӯхтани мавзӯи «Манбаъ ва роҳҳои инкишофи забони тоҷикӣ» дар мактаби олӣ истифода бурда метавонем. Ба гуфти профессор – Шарофиддин Рустамов: «Сар калимаи сермаъно буда, дар луғатҳо аксари он маъноҳо дарҷ шудаанд. Дар забони адабии ҳозираи тоҷик «сар» ба вазифаи ҷузъи якуми калимаи мураккаб фаровон истифода мешавад. Калимаи мураккаб маънои ҳар як ҷузъро дар худ таҷассум мекунад ва шахсро мефаҳмонад, ки ба гурӯҳе сардор ва роҳбар аст, кадом гурӯҳ ва чи гуна касон будани онҳоро ҷузъи дуюми калимаи мураккаб далолат мекунад: сарлашкар. Ин қолаби калимасозӣ вобаста ба талаботи замон дар забони тоҷикӣ инкишоф ёфта, морфемаи сар-маънои худро васеъ намудааст. Чунончи дар исмҳои саркотиб, сармуҳаррир ва ғ. сар-на ба маънии сардори котибҳо, балки дараҷаи мансабро ифода мекунад ва дар ин калимаҳои ҳиссаи дуюм исми ҷузъ буда, вазифаю мансабро мефаҳмонад. Агар ҷузъи дуюми калимаҳои мураккаб исми ғайришахс бошад, исми мураккаб на шахсро, балки номи предмет ва амалро далолат мекунад» [7, с.147-150]. Ва мо калимасозию сермаъноии вожаи «сар»-ро дар ашъори Туғрал пайдо намудем: **сар-** саропо, сармашқ, сарсар, сармаст, сардор, сарсабз, саргарм, сарбаланд, сарфароз, сарнавишт, саргузашт, сархат, саромад, саросар, саршор, саргашта, сарҷӯш, сарманзил.

Дар забони адабии тоҷик калимасозии исмҳои мураккаб хеле сермаҳсул мебошад. Калимаҳои мураккаб барои кӯтоҳ ва рехта ифода кардани фикр имконият медиҳанд. Онҳо ибора ва ҷумлаҳоро низ иваз карда метавонанд [2, с.119]. Вожаҳои мураккаб барои сохтани калимаҳои нав асос мешаванд. Дар эҷодиёти Туғрал мураккабшавии исм, сифату зарф, шумораву ҷонишин ва пайвандакҳо дида шуд, ки онҳо калимаҳои нав сохтаанд.

Қобили тазаккур аст, ки мо дар дарсҳои худ ҳангоми баррасии мавзӯи «Имлои калимаҳои мураккаб» вожаҳои мураккаби соҳаи иқтисодӣ, аз қабили **андозбандӣ, андозсупорӣ, бонкдорӣ, бозоргирӣ, ғайрибонкӣ, иқтисоддон, қарздиҳӣ, маблағгузорӣ, макроиқтисод, муфлисшуда, сармоягузор, сармоягузоришаванда, саҳмиядор, соҳибкор, ҳисоббарор, ҳисоббаробаркунӣ** ва ғайраҳоро истифода мебарем. Аммо, барои он ки дарс ҷолиб, пурмазмуну муассир гузарад ва донишҷӯ дар оянда байни миллатҳои дигар аз боигарии забони тоҷикӣ, адабиёт ва фарҳанги миллати тоҷик сухан карда тавонад, мо аз эҷодиёти адибони классику муосир мисолҳо меорем ва ин маротиба эҷодиёти Нақибхон Туғралро мавриди истифода қарор додем.

Хулоса, вобаста ба талаботи замон, инчунин дониши баланду мукаммал доштанаш Туғрал дар ашъори худ калимаҳои мураккабро истифода мекунад, ки ин гуна вожаҳо дар сохтани калимаҳои нав, гуногунрангӣ, бою ғанӣ гаштан ва рушди таркиби луғавии забонамон нақши назаррас доранд. Ҳадаф аз нигоштани ин мақола ва инъикоси калимаҳои мураккаб дар ашъори шоири тоҷик Туғрал дар он аст, ки устодони фанни забони тоҷикии мактабҳои олӣ ва миёна дар машғулиятҳои худ аз ин гуна мисолҳо истифода намоянд, инчунин ба ҳаводорони назми Туғрал ва пажӯҳишгарони осори ӯ дар ин масъалаву мавзӯъ «қатрае аз баҳр» кумаке карда бошем.

А Д А Б И Ё Т

1. Бобомуродов Ш. Луғати мухтасари калимасозии забони адабии тоҷик / Ш.Бобомуродов, А. Мӯминов. - Душанбе: Маориф, 1983. - 116 с.
2. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. - Душанбе: Дониш, 1985. - Қ.1. - 356 с.
3. Камолиддинов Б. Забон ва услуби Ҳаким Карим / Б.Камолиддинов. - Душанбе: Ирфон, 1967. - 185 с.
4. Маъсумӣ Н. Мунтахаботи ашъори Туғрал; мураттиб ва муаллифи муқаддимаи китоб. - Душанбе: Ирфон, 1964. - 164 с.
5. Музаффарова Ш.М. Баъзе хусусиятҳои сохторӣ ва маъноии калимаҳо дар ашъори Туғрал / Ш. М. Музаффарова // Ганҷинаи бегазанд (маҷмӯаи мақолаҳо ва китобномаи шарҳиҳолии устодони кафедраи забон ва адабиёти тоҷик). - Душанбе: ДАТ, 2016. - 208 с.
6. Туғрал. Мунтахаботи ашъор. - Душанбе: Ирфон, 1964. - 286 с.
7. Рустамов Ш. Исм / Ш. Рустамов. - Душанбе: Дониш, 1981. - 220 с.
8. Шербоев С. Методикаи таълими забони тоҷикӣ / С.Шербоев. - Душанбе: Шуҷоиён, 2009. - 454 с.

КОРБУРДИ КАЛИМАҲОИ МУРАККАБ ДАР ҒАЗАЛИЁТИ НАҚИБХОН ТУҒРАЛИ АҲРОРӢ

Муаллиф дар мақола ҷиҳати сохтории калимаҳои мураккаберо, ки дар ғазалиёти Туғрали Аҳрорӣ истифода шудааст, мавриди таҳқиқ қарор додааст. Дар мақолаи мазкур калимаҳои осори шоир вобаста ба калимасозиашон ба ду гурӯҳ: калимаҳои мураккаби пайваст ва калимаҳои мураккаби тобеъ ҷудо карда карда шуда, бо тарзу роҳҳои гуногун сохта шудани онҳо нишон дода шудааст. Муаллиф роҳҳои сохта шудани вожаҳои мураккаби пайвастро бо чунин тарз нишон додааст: а) аз такрори исм: сарсар; б) такрори феъли фармоиш: кашокаш; в) аз исму исм ва миёнвандҳо: саропо; г) аз феълҳои замони ҳозира: сӯзугудоз; ғ) аз феълу феъл тавассути миёнванди у: ҷустуҷӯ. Дар бораи калимаҳои мураккаби тобеъ низ маълумот дода шуда, ҷиҳати сохти ҳар яки онҳоро муайян намудааст: а) аз исму исм: анҷуманоро; б) аз исму сифат: дилтанг; в) аз сифату исм: навбаҳор; г) аз исму сифати феълӣ: ғамкашида; ғ) аз исму феъли ҳол: сухангӯён; д) аз исму

асоси замони ҳозираи феъл: афсунсоз; е) аз шумораву исм: чорсӯ; ё) шумораи мураккаб: дусад; ж) ҷонишинҳои мураккаб: ҳарчанд; з) ҷонишин ва замони ҳозираи феъл: худнамоиҳо; и) пайвандакҳои мураккаб: агарчанде; й) аз сифати феълию исм: парокандалашкар. Аз калимаҳои мураккабе, ки муаллиф аз осори Накибхон Туғрал интихоб карда, сохти онҳоро мавриди таҳқиқ қарор додааст, устодони макотиби олӣ ва миёна метавонанд дар дарсҳои худ истифода намоянд.

Калидвожаҳо: калимаҳои мураккаб, сохтори калимаҳои мураккаб, исм, сохтор, гурӯҳбандӣ, ҳолати империативӣ, олӣ.

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ СЛОЖНЫХ СЛОВ В ГАЗЕЛЯХ НАКИБХОНА ТУГРАЛА АХРОРИ

Бояд гуфт, ки муродифоти фразеологӣ, новобаста аз он ки як маънои умумиро ифода карда, аз ҷиҳати маъно ба ҳам наздикӣ доранд, дар баъзе ҳолатҳо хамдигарро иваз карда наметавонанд. Забоншинос Ҳ.Маҷидов ба ин нукта ишора карда, таъкид намудааст, ки «ҷузъҳои дохилии воҳидҳои фразеологӣ дар аксари мавридҳо ба калимаҳои ҳаммаънои худ иваз шуда наметавонанд. Дар сурати ба таври сунъӣ иваз намудани ин ё он ҷузъи дохилии фразеологизм, он ҳамчун масолеҳи тайёри забон аҳаммияти худро гум мекунад» [13]. Аммо чунонки забоншинос А.Кунин мегӯяд, маънои фразеологӣ ба маънои луғавӣ алоқаманд аст, вале «дар навбати худ як қатор махсусиятҳоро дорост. Он дар заминаи мундариҷаи воҳиди фразеологӣ ва маъноҳои ҷузъҳои таркибии он асос меёбад. Сохтори маъноии калимаҳо, ки ба он категорияи луғавӣ мансубаст, на ҳама вақт бо маънои фразеологӣ мувофиқат мекунад» [159].

Истифодаи ҳунармандона аз муродифи фразеологӣ ба нависанда домани имкониятҳи фарохи услубиву бадеиро густурдатар сохта, дар баёни эҳсос ва ҳолати аслии воқеа муваффақ месозад.

Дар асарҳои Баҳманёр истифодаи фаровон, ҳунармандона ва бомавқеи фразеологизмҳои муродифӣ ба гуногунӣ ва мушаххасии баён кумак карда, тасаввури хонандаро нисбат ба воқеаи тасвиршаванда мукаммал месозанд. Корбурди силсилаи муродифоти фразеологӣ ба амиқияти баён, бадеияти кулли матн, муассирии андеша таъсиргузор аст. Ба чанд намуна мутаваҷҷеҳ мешавем, ки ба василаи воҳидҳои фразеологӣ мафхуми «хандидан» рангу бори адабӣ гирифтааст. Мисол:

Сито ҳамоно ба ***лаби шукуфон*** *маро менигарист [415] // Дар* ***лабонаш табассум шукуфто буду*** *худ низ шукуфон [347] // Андаруни хона шудам? – вай қалъаи калидро дар ангушти ишорат чархонд ва аз сурати ман – гумон мекунам хеле музғик шуда бошад –* ***сари ҳол омада, завқид [415].***

Метавон гуфт, ки Баҳманёр ба хотири худдорӣ аз такрори бемавқеъ ба муродифҳои воҳидҳои фразеологӣ таваҷҷуҳ намудааст. Аммо бештари маврид истифода аз ин навъи муродифот бо мақсади услубӣ- таъкиди маъно, дақиқ ифода кардани матлаб, нокифоягии тобишҳои маъноӣ ҷараён гирифтааст.

Қайд кардан бамаврид аст, ки воҳидҳои фразеологӣ ифодаҳои рангин ва образноки андеша буда, санъати суханвариро ифода менамоянд. Ба андешаи муҳаққиқ А.Дӯстов маънои маҷозии воҳидҳои фразеологӣ воситае барои истифодаи санъатҳои бадеӣ

мебошад. Ба таъкиди ӯ санъатҳои бадеие, ки «дар воҳидҳои фразеологӣ шах шуда мондаанд, тавассути маънои маҷозӣ вазифаи худро иҷро мекунанд» [32].

Дар муродифоти воҳидҳои фразеологии асарҳои Баҳманёр санъатҳои бадеии ташбеҳ, истиора, киноя ву маҷоз муболиға, тазоду муқобила ғунҷоиш ёфта, барои баёни тобишҳои гуногуни ҳиссӣ, обуранги бадеӣ, устувории маъно, рехтаву барҷаста ифода шудани фикр саҳм гузоштаанд. Чунончи:

Муболиға: Чӣ ин қадар ***чун паровоз дуд медиҳӣ***, ангор ҳами оламро дошта бошӣ! Чунон вонамуд мекунанд, ки ба шох доштан ё надоштани ман **гули арзан барин** баҳо намегузоранд, вале дар дил ҳама ба ҳоли зори ман механданд.

Истиора: *Ҳоло низ рӯбарӯи худ як марди лоғари рангпарида, **ғуссаву ҳасрат ба чашмаш нақш кашидаро медид.***

Киноя: *Асп ба он чокӣ фурӯ рафту оби кӯл боз ба ҳам пайваст, чунонки себи дукафонро ба ҳам пайвандӣ [122].*

Ташбеҳ: *Вай боз **лоламоно сурх мешавад [333]** // Як каф об менӯшиву дар дил сахт ният мекунӣ, ки ба ту шифо бахшад, то ба деҳ нарасида **гул барин шифо меёбӣ**! [8].*

Мусалламан маъниҳое, ки аз таркиби воҳидҳои фразеологӣ фаҳмида мешаванд, аз маъноҳои ҷузъҳои таркибӣ сохта мешаванд. Ҳатто ҷузъҳои ёридиҳанда, ба мисли ёридиҳандаи ташбеҳӣ дар воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ дар сохтани маънии яклухти маҷозӣ саҳм дошта, дар равшан иброз шудани маъно нақши мустақим доранд.

Дар ин маврид А.Дӯстматов қайд кардааст, ки «дар қисмате аз воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ маъно ба дараҷае рехтаву устувор аст, ки ҳатто мавриди сарфи назар намудани адоти ташбеҳ маънои фразеологӣ канда намешавад, танҳо маънои ташбеҳӣ аз байн мераваду халос. Сабаб дар он аст, ки ҷузъҳои боқимонда дар заминаи қолабҳои муайяни наҳвӣ воҳиди фразеологиро ба хотир меоранд. Яъне, адиб аз ифодаҳои рехтаи забон бо илова намудани ёридиҳандаи ташбеҳӣ воҳиди нав месозад».

Мавридҳои дигар адиб калима ва ё ибораҳои озодро бо воҳидҳои фразеологӣ муродиф месозад. Масалан, дар ҷумлаи зерин ибораи «ором шудан» бо воҳиди фразеологии «оҳи сабук кашидан» [67] муродиф шуда, ҳамдигарро пурра карда, муассириву бадеияти кулли тасвирро таъмин намудаанд: "*Сипас **ором шуда, оҳи сабук кашида**, ба хона бармегашт ва мунтазири зарбу лати навбатӣ мегашт» [67] /* Дар ин ҷумлаи нависанда «ором шудан» ва воҳиди фразеологии «оҳи сабук кашидан» ҳамдигарро пурра ва шарҳу тавзеҳ медиҳанд. Ва ё дар ҷумлаи дигар Баҳманёр фразеологизми «ангушти ҳайрат газидан»-ро бо «сар ҷунбонидан» ҳаммаъно месозад: *«Кампири бечора, ки ба вуҷуди фақат ду забон – эронӣ (яъне тоҷикӣ) ва неронӣ (яъне ғайри тоҷикӣ) иқрор буд, ҳоло **ангушти ҳайрат мегазиду сар меҷунбонд**, ки дар ин Заминаки танг ин қадар забон будааст вай бехабар!» [147].*

Муродифшавии воҳидҳои фразеологӣ бо калима ва ибороти луғавӣ бошад, яке аз усулҳои писандидаи Баҳманёр мебошад. Дар таркиби як қисм муродифоти фразеологии навиштаҳои Баҳманёр муродифоти луғавӣ ҷой доранд ва қисме аз ин муродифҳо аз лиҳози таркиб гуногунанд. Б.Камолиддинов бо калима муродиф шудани воҳидҳои фразеологиро аз тарзҳои ифодаи вазифаҳои услубии воҳидҳои фразеологӣ номидааст. Бояд қайд кард, ки ин забоншиноси шинохтаи тоҷик амалишавии вазифаҳои услубии воҳидҳои фразеологиро ба ду тарз мушаххас кардааст. Дар зимн вазифаҳои услубии воҳидҳои фразеологиро ба ин маънӣ шарҳ медиҳад: «Вазифаҳои муҳимтарини воҳидҳои фразеологӣ дар он аст, ки чун як ҳиссаи сарвати пурбаҳои ганҷи сухан домани интихоби калимаю ифодаҳои матлубро фарохтар намуда, ба саҳеҳ, пурра ва ҷозибанок ифода кардани матлаб ёрӣ медиҳад» [91].

Қариб дар ҳамаи асарҳои адиб ин тарзи корбасти воҳидҳои забон мушоҳида мегардад. Ин шеваро чуноне ки қайд кардем, нависанда ба хотири гурез аз такрори ноҷо ва талоши дақиқу пурра ифода намудани андеша истифода мебарад. Муродифҳои фразеологӣ аз муродифҳои луғавии хеш бо нозукии баёни маънӣ ва обуранги бадеиву муассирии тасвир фарқ мекунанд. М.Мирзоева низ таъкид кардааст, ки муродифоти фразеологӣ бо муродифоти луғавии хеш аз ҷиҳати обуранги услубию ҳиссӣ ва нозукиҳои маъно аз ҳам тафовут доранд. Ба қавли ин забоншинос «чунин муродифҳоро баробарвазн ҳисобидан дуруст нест, зеро муродифи луғавӣ маъноро муътадил ифода кунад, воҳидҳои фразеологӣ тобиши иловагии маъноро ба он зам менамоянд. Дар натиҷа, матлаб пурра, дақиқ ва саҳеҳ ифода меёбад» [14, с.248]. Бо ба инобат гирифтани чунин вежагиҳо Баҳманёр калимот ва воҳидҳои фразеологиро низ моҳирона, чун муродиф истифода мекунад. Намунаи равшантарини ин навъи муродифотро дар таркибҳои ҷуфте, ки як ҷузъи он воҳиди фразеологӣ ва ҷузъи дигараш калимаи озод аст, мушоҳида кардан мумкин аст. Ба мисли «дилсангиву бераҳмӣ», «бемағзиву касофат», «хунсарду беибо», «пасту сифлаву фурӯмоя», «беташвишу дарди сар». Мисол: *Моҳи гузашта бо зани Худодод **пасту баланд омад** – сабаби **қолмақолашон** чӣ буд, ҳоло касе ба хотир оварда наметавонист – **мӯканиву рӯканӣ** карданд, ҳангоматалаби зиёде ҷамъ шуд* [109]. Дар ин

ҷумла нависанда мафҳуми ҷангу ҷанҷол карданро «пасту баланд омадан», «қолмақол» ва «мӯканиву рӯканӣ» тасвир кардааст. Чунонки мебинем, аз ин се муродифот «пасту баланд омадан» ва «мӯканиу рӯканӣ» воҳидҳои фразеологие мебошанд, ки бо калимаи «қолмақол» ҳаммаъно гаштанд.

Дар ҷумлаи зерин бошад, нависанда вожаи «бетавиш»-ро бо воҳиди фразеологии «бедарди сар» муродиф сохта, барои баёни маънии муштарак ба кор мегирад. Масалан: «*Бевамард ҳай неву нестон кард, ки ҳамин қадар сол* ***бе дарди сар*** *мегаштам, умрро* ***беташвишу дарди сар*** *ба сар барам» [186*]. Ибораи фразеологии «дарди сар» *киноя аз* ташвиш, заҳмат, чизе ё ҳодисае, ки боиси ташвишу саргардонӣ мебошад. Вожаи «ташвиш» нооромӣ, парешонӣ, ошуфтагӣ аст. Чуноне ки мебинем, нависанда ба хотири бештар сохтани таъсири сухан ибораи фразеологии «бедарди сар»-ро бо ҷуфти муродифоти «беташвишу бе дарди сар» истифода кардааст, ки ин услуби нигоришро аз ҷумлаи вижагиҳои сабкии Баҳманёр шинохтан мумкин аст. Ё дар ҷойи дигар дар таркиби ҷумлаи мураккаб ҷумлаи фразеологии «***ду бари рӯяш лав-лав дар гирифтааст***»-ро бо вожаи «шарм» муродиф сохта, барои пурра кардани муҳтаво ва қувват бахшидани муассирии баён паси ҳам овардааст: «*Чун* ***ду бари рӯяш лав-лав дар гирифтааст***, ***аз шарм*** *наметавонад ҳатто ба оғил дарояду ба чашми чорпоён бингарад» [284].*

«Шошо ***лаб фурӯ баст, хомӯшии ногуворе*** *ба миён омад, пас аз чанде боз овози хушки Шошо баланд гашт» [215].*

Мушоҳида кардем, ки таъбироти фразеологие, ки васоити тасвири бадеиро фаро мегиранд, дар асарҳои Баҳманёр мавқеи муҳим доранд. Иллати инро, пеш аз ҳама, ба вижагиҳои воҳидҳои фразеологӣ метавон нисбат дод, зеро муродифҳои фразеологӣ ба мисли муродифҳои луғавӣ аз ҳамдигар бо дараҷаи ифодаи шиддатнокии амал ва ифодаи сифат фарқ мекунанд. Воҳидҳои луғавӣ мазмунро ба андоза ва имконоти воҳидҳои фразеологӣ образнок ва муассир баён карда наметавонанд. Ин аст ки, нависанда бештар ба истифодаи ҳунармандонаи муродифоти фразеологӣ таваҷҷуҳ намудааст.

Баҳманёр дар эҷод ва истифодаи ибораҳои рехта, ки иртибот надоштани маънои умумии ин ибораҳо бо унсурҳои таркибӣ густурдагии домони имконоти тасвирро таъмин мекунад, муҳаббати хос дорад.

А Д А Б И Ё Т

1. Алефиренко Н.Ф. Теория языка / Н.Ф.Алефиренко. - Волгоград: Перемена, 1998. - 315 с.
2. Баҳманёр. Дуди Ҳасрат. - Душанбе: Адиб, 1993. – 254.с.
3. Баҳманёр. Сармаддеҳ. Шоҳаншоҳ. - Душанбе: Адиб, 2013. – 472 с.
4. Дӯстов А. Воситаҳои тасвири бадеӣ дар воҳидҳои фрзеологии ташбеҳӣ / А. Дӯстов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - Душанбе: Сино, 2009. - №4(52). - С.65-68.
5. Дӯстов А. Воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ дар забони адабии муосири тоҷик. (Рисолаи илмӣ) / А. Дӯстов. - Душанбе, 2010. – 158 с.
6. Зеҳнӣ Т. Санъати сухан. - Душанбе: Маориф, 1992. - 302 с.
7. Камолиддинов Б. Ҳусни баён / Б.Камолиддинов. - Душанбе: Маориф, 1989. – 118 с.
8. Кунин А.В. Курс фразеологии современного английского языка / А.В. Кунин. - Дубна: Феникс, 2005. - 488 с.
9. ҷаев С. Таркибҳои фразеологӣ дар “Ғиёс-ул-луғот” / С.ҷаев, М. ҷаева // Ахбори ДДҲБСТ. - 2014. - №2. – С.190-198.
10. Маҷидов Ҳ. Хусусиятҳои лексикӣ-семантикии воҳидҳои фразеологии феълии забони ҳозираиадабии тоҷик / Ҳ.Маҷидов. - Душанбе, 1968. - 249 с.
11. Маҷидов Ҳ. Фразеологизмҳои забони тоҷикӣ / Ҳ. Маҷидов. - Душанбе, 1981. – 104 с.
12. Мирзоева М. Муродифоти фразеологӣ дар «Ҷаллодони Бухоро»-и С.Айнӣ / М.Мирзоева // Ахбори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши филология. - Душанбе: Сино, 2010. - №7(63). - С.61-64.
13. Мирзоева М. Синонимҳои фразеологии романи «Ғуломон»-и С.Айнӣ ва ифодаи онҳо дар тарҷумаи русӣ / М.Мирзоева // Ахбори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши филология. - Душанбе: Сино, 2014. - №3. - С.16-22.
14. Мирзоева М. Муродифоти воҳидҳои фразеологӣ ва калима дар асарҳои Садриддин Айнӣ / М.Мирзоева // Ахбори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши филология. - Душанбе: Сино, 2011. - №12. - С.345-348.
15. Олешкевич В.К. О фразеологических синонимах в современном русском языке / В.К. Олешкевич // Вестн. Белорус. ун-та. Серия 4: «Филология, журналистика, педагогика и психология». - 1969. - № 2. - С.41-45.
16. Раҳматов Ш. Мулоҳизаҳо оид ба фразеологизмҳои Ҷомӣ / Ш. Раҳматов // Номаи донишгоҳ. – Хуҷанд, 2015. - №2 (43). - С.189-194.
17. Тянь Цзюнь. Сопоставление синонимических связей соматических фразеологизмов русского и китайского языков / Цзюнь Тянь // Электронный научно-образовательный журнал ВГПУ «Грани познания». - Декабрь, 2011. - №4 (14), ■ www.grani.vspғ.rғ
18. Федосов Ю.В. Экспрессивно-стилистические различия синонимов в синонимическом ряду / Ю.В. Федосов // Лингвистические парадигмы: традиции и новации: материалы Междунар. симпозиума молодых ученых «Лингвистическая панорама рубежа веков». - Волгоград, 2000. - С.183–188.

КОРБУРДИ ВОҲИДҲОИ РЕХТА ДАР ОСОРИ БАҲМАНЁР

Солҳои охир таваҷҷуҳи забоншиносон ба баррасии масоили муродифоти фразеологӣ ва нақши онҳо дар густариши забони матни асарҳои назму насрӣ бештар гардида, омӯзиши ин навъи муродифоти забони адабӣ аз ҷониби мутахассисони соҳа ба тарзҳои гуногун сурат мегирад. Аммо, новобаста ба ин тадқиқҳо ин бахши фразеологизмҳои забони адабии ҳозираи тоҷик омӯзиши бештару амиқтарро тақозо мекунад, зеро

пажӯҳишоти ҷараёнгирифта, нигоҳи иҷмолии пажӯҳишгарон зимни баррасии дигар вижагиҳои фразеологизмҳои забони тоҷикӣ сурат гирифта, мавқеи муродифоти фразеологӣ дар осори суханварон кам мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор гирифтааст. Дар мақолаи мазкур муаллиф оид ба истифодабарии воситаҳои муассири забон, бавежа воҳидҳои фразеологӣ, барои нозук, рангин, ҷолибу ҷаззоб тасвир намудани воқеа дар осори Баҳманёр таваҷҷуҳ намудааст. Воҳидҳои фразеологӣ дар нотакрор сохтани тарзи баёни ин нависанда нақши муассир доранд. Истифодаи ҳунармандона аз муродифоти воҳидҳои фразеологӣ бошад, барои баёни ҷолиб ва бидуни такрор хидмати арзанда намудааст.

Калидвожаҳо: муродифоти фразеологӣ, ҷаззобият ва бадеияти тасвири шоирона, муродифоти фразеологии забони тоҷикӣ, пажӯҳиши муродифҳо ва ё фразеологизмҳои забони адабии ҳозираи тоҷик, Баҳманёр, осори Баҳманёр.

УПОТРЕБЛЕНИЕ ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИХ СЛОВОСОЧЕТАНИЙ В НАСЛЕДИИ БАХМАНЁРА

В последние годы лингвисты уделяют большое внимание рассмотрению проблем использования фразеологических синонимов и их роли в развитии языка текстов поэтических и прозаических произведений и изучение данного типа синонимов литературного языка со стороны специалистов области происходит различными путями. Но, независимо от данных исследований этот раздел изучения фразеологизмов литературного современного таджикского языка требует глубокого и всестороннего исследования, так как в данном процессе исследований, краткий взгляд исследователей охватил другие особенности таджикских фразеологизмов, место фразеологических синонимов в литературном наследии является мало исследованным и мало изученным. В данной статье автор обратил свое внимание на использование воздействующих способов языка, в особенности на использование фразеологических единиц для изящного, насыщенного и воздействующего изображения в наследии Бахманёра. Фразеологические единицы играют важную роль в неповторимости способа изложения этого писателя. Мастерски использованные фразеологические единицы играют важную роль в привлекательности и художественности изложения поэтического изображения.

Ключевые слова: фразеологические синонимы, привлекательность и художественность поэтического изображения, фразеологические синонимы таджикского языка, исследование синонимов илифразеологизмов литературного современного таджикского языка, Бахманёр, наследие Бахманёра.

USE OF PHRASEOLOGICAL WORD COMBINATIONS IN THE HERITAGE OF THE BAHMANER

In recent years, linguists pay great attention to the consideration of the problems of using phraseological synonyms and their role in the development of the language of texts of poetic and prose works and the study of this type of synonyms of the literary language by specialists in the field takes place in various ways. But, irrespective of the research data, this section of the study of phraseological units of the literary modern Tajik language requires a deep and comprehensive study, since in this research process, the brief look of the researchers covered other features of Tajik phraseological units, the place of phraseological synonyms in the literary heritage is little studied and little studied. In this article, the author turned his attention to the use of influencing methods of the language, in particular to the use of phraseological units for an elegant, rich and effective image in the heritage of Bachmaner. Phraseological units play an important role in the uniqueness of the way this writer expounds. Masterfully used phraseological units play an important role in the attractiveness and artistry of presenting a poetic image.

Keywords: phraseological synonyms, the attractiveness and artistry of the poetic image, phraseological synonyms of the Tajik language, the study of synonyms or phraseologisms of the literary modern Tajik language, Bahmaner, Bahmaner’s heritage.

Сведения об авторе: ***Юсупова М.Д.*** - Худжандский государственный университет им. Бободжона Гафурова, соискатель кафедры таджикского языка и литературы факультета восточных языков. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, пр. Мавлянбекова 1. Тел.: **(+992) 92-706-77-32**

Information about the author: ***Yusupova M.D.*** - Khujand State University named after Bobojon Gafurov, applicant for the Department of Tajik Language and Literature, Faculty of Oriental Languages. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlyanbekov Ave. 1 Tel.: **(+992) 92-706-77-32**

УДК:891.550

ВОҚЕИЯТИ ПАЖӮҲИШ ВА МАСЪУЛИЯТИ ПАЖӮҲАНДА

Раҳмонзода Абдуҷаббор Азиз, Аламхон Кӯчарзода
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Безабонӣ нишонаи марг аст,
Қаламам нест, балки ҷони ман аст
(Пайрав Сулаймонӣ).

Оид ба қалам ва қуввaву манзалати беҳамтои он дар ҳаёти инсон нақлу ривоятҳои зиёде вуҷуд дорад. Қалам рамзи таърихи башарият, фарҳанги мамлакатдорӣ, мадду ҷазри зиндагии халқиятҳои гуногун ва рушду нумуи қавму миллатҳо мебошад. Ба гуфти устод Мирзо Турсунзода, қалам ҳам яроқи иттифоқ ва ҳам асбоби нифоқ аст. Ва боиси хушбахтист, ки агар соҳибқалам чи дар илму фарҳанг ва чи дар муносибатҳои иҷтимоӣ хомаро чун асбоби ваҳдату иттифоқ истифода намояд.

Хонанда ва шунавандаи тоҷик, аз ҷумла аҳли илму фарҳанг, солҳост, ки тавассути асарҳои илмию таълимӣ, дастуру барнома, мақолаву гузоришот, тақризу таҳрири китобҳо, мусоҳибаву тарҷумаҳо ва суханрониҳои радиоиву телевизионӣ ба яке аз донишмандону сухангустарони ҷумҳурӣ Муртазо Зайниддинзода эътиқод ва муҳаббат мепарваранд, зеро дар гуфтору андешаҳои ин суханшинос воқеият, ҷиддият, мустанадӣ ва масъулияти суханварӣ баръало эҳсос мешавад ва гумон дорам, ки чунин муҳассаноти қаламкашӣ аз сиришти поки хонадон, самаранокии таълиму тарбия, таҷрибаи зиндагӣ ва масъулияти ватандорӣ сарчашма мегирад.

Муртазо Зайниддинзода дар хонадони деҳқон, дар яке аз деҳоти бонуфузи Тоҷикистон – Ворухи ноҳияи овозадори Исфара қадам ба арсаи ҳастӣ гузоштааст ва меҳри сухан ва қаламкаширо нахуст муаллимони мактаби миёна ва баъдҳо, вақте ки бо ҳидояти тағояш, олими варзидаи соҳаи филология Валӣ Самад соли 1981 ба факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон шомил мегардад, устодони муътабари ин боргоҳи ҳунар – Шарифҷон Ҳусейнзода, Воҳид Асрорӣ, Соҳиб Табаров, Додоҷон Тоҷиев, Султон Воҳидов, Худоӣ Шарифов, Баҳриддин Камолиддинов, Абдунабӣ Сатторзода, Ҳомид Маҷидов, Раҳим Мусулмонқулов… дар ниҳоди ӯ парвариш додаанд. Худи Муртазо дар як мақолааш бо як ҷаҳон шукру сипос устодони азизи донишгоҳияшро аз Шарифҷон Ҳусейнзода то Мирзо Солеҳов (ҷамъ чил кас) ном бурда, таъкид мекунад, ки: «Барои ману ҳамсабақҳоям хандаи бахт буд, ки аз дастаи пурқуввати чунин мардони фарҳехта… дарси адабу амал омӯхтаем» [7, с.6].

Хониши аъло, фаъолияти густардаи донишҷӯӣ ва майлу рағбат ба омӯзишу пажуҳиши М. Зайниддинзода таваҷҷуҳи мудири кафедра профессор Воҳидҷон Асрориро зиёда ҷалб менамояд ва ин марди шариф баъди хатми lонишгоҳ (1982) ӯро ба сифати ассистент ба кор гирифта, самти фаъолияти илмияшро ба як ҷанбаи камомӯхтаи адабиётшиносии тоҷик – таҳқиқи муқоисавии адабиёт ва равобити адабӣ муайян месозад, «зеро бидуни ба таври муқоисавӣ омӯхтани проблемаҳои адабиёт раванди адабии миллиро фаҳмидан мушкил аст» [9, с.5].

Се соли таҳсил дар шуъбаи рӯзонаи аспирантура ба М.Зайниддинзода имконият фароҳам овард, ки ба мактаби адабиётшиносии профессор Асрорӣ пурра ворид гардида, соли 1990 дар мавзӯи «Робитаҳои адабии халқҳои тоҷику тотор дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX» рисолаи номзадӣ дифоъ кунад ва бо ҳамин як соҳаи муҳимми фаъолияти минбаъдаи илмии худро дар адабиётшиносии тоҷик муайян намояд. Ин қазияро, алалхусус, аз асару мақолаҳои зиёди ба ин мавзӯъ бахшидаи муҳаққиқ, аз ҷумла, «Қайюм Носирӣ, Абӯалӣ Сино» (2008), «Пайванди халқҳо ва тамаддунҳо» (2016), «Песн Единства» (2018, бо ҳаммуаллифӣ), «Туҳфаи ноширони Қазон» (1988), «Фахритдинов ва робитаҳои адабии тоҷику тотор» (1997), «Нуфузи Саъдӣ дар адабиёти тотор» (1997), «Адибони аҳди Сомонӣ ва иртиботи адабии халқҳои тоҷику тотор» (1999), «Муҳити фарҳангии Қазон ва рушди илми забоншиносӣ» (2012), «Пайвандгари риштаҳои дӯстӣ» (2016), «Машъалафрӯзи майдони маорифпарварӣ» (2016), «Бародар бо бародар тавоност» (2018), «Ёде аз бузургон» (2018), «Паёми бародарӣ» (мураттиб, муалифи пешгуфтор ва се мақола – 2018) … мушоҳида кардан мумкин аст.

Муаллиф оғози таърихи робитаи адабии халқҳои тоҷику тоторро аз асрҳои X – XI, аз давраҳое, ки осори пандуахлоқии Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, «Хамса»-и Низомӣ, «Гулистон» ва «Бӯстон»-и Саъдӣ, ғазалиёти Ҳофиз, «Маснавии маънавӣ»-и Ҷалолиддини Румӣ, ҳамчунин порчаҳои алоҳидаи «Калила ва Димна», «Тӯтинома», «Бахтиёрнома», «Ҳазору як шаб» бо роҳи тарҷума ва истифодаи сужету мундариҷаи онҳо дар осори нависандагони туркизабон, аз ҷумла тоторҳо медонад. Ин ҷараёни таъсирпазирии адабиёти форсу тоҷик, махсусан осори насрии таълифӣ ва ривоятӣ

то асри XVIII дар эҷодиёти Юсуфи Баласуғунӣ, Дурбек, Сайфи Саройӣ, Алишери Навоӣ, Муҳаммадёр… идома меёбад.

Ба қавли Муртазо Зайниддинзода, даври дуюми робитаи адабии халқҳои тоҷику тотор ба асри XIX ва ибтидои асри XX ва даври сеюми ин муносибат ба даврони Шӯравӣ рост меояд. «Ҳаёти фарҳангии асри XIX ва оғози асри XX, - таъкид кардааст муҳаққиқ, - барои ривоҷ ва сифати тоза пайдо намудани робитаҳои адабии халқҳои тоҷику тотор шароит фароҳам овард. Таъсиси Донишгоҳи давлатии Қазон, пайдоиши матбуоти ҷадидӣ ва ба сифати маркази пурқуввати илми шарқшиносӣ нуфуз пайдо кардани шаҳри Қазон барои ташаккул ва рушди робитаҳои адабӣ мусоидат намуд ва афкори маорифпарварӣ…, ки инъикоскунандаи рӯҳи замон буд, анъанаи таърихиро идома дода, дар шумули масъалаҳои муҳимми ҷомеа барои рушду робитаҳои адабии халқҳои тоҷику тотор низ рӯҳи тоза бахшид» [5, с.108].

Аз ин ҷиҳат, мулоҳизаҳои М. Зайниддинзода оид ба ҷараёни маорифпарварӣ ва густариши он дар адабиёти тоҷику тотор ҷолиби диққат аст. Муҳаққиқ вобаста ба шароитҳои иҷтимоиву фарҳангӣ дар асри XIX дар осори А. Курсавӣ, Ш. Марҷонӣ, О. Барудӣ, Х. Файёзхонов, Қ. Носирӣ, Р. Фахрутдинов барин равшанфикрони тотор, ки аз афкори пешқадаму ҷунбишҳои фикрии мутафаккирони Россияву Аврупо баҳра бардоштанд, зиёда ривоҷ ёфтани ҷараёни маорифпарвариро ба мушоҳида гирифта, ақидаи танҳо зери таъсири афкори пешқадами равшанфикрони рус ба вуҷуд омадани ҷараёни маорифпарварии тоҷикро рад мекунад: «Ҷойи шубҳа нест, ки дар осори Аҳмади Дониш, Сиддиқии Аҷзӣ, Асирӣ… ва дигар равшанфикрони тоҷик таъсири афкори маорифпарварони рус ба назар мерасад. Вале дар ин маврид таъсири афкори халқҳои турку тотор ба афкори ҷамъиятии тоҷикон набояд фаромӯш гардад, зеро дар баҳо додан ба афкори маорифпарварии халқҳои Осиёи Марказӣ дар ин ҳолат принсипи объективӣ ва ҳақиқати таърихӣ коҳиш меёбад» [2, с.124].

Ва аз мақолаҳои «Фаъолияти маорифпарварии Шаҳобиддини Марҷонӣ ва рушди робитаҳои адабии халқҳои тоҷику тотор», «Аз таърихи равобити адабии халқҳои тоҷику тотор», «Козимбек ва ташаккули мактаби шарқшиносӣ» бармеояд, ки дар пайдоишу густариши афкори маорифпарварии мутафаккирони тоҷик таъсири андешаҳои озодихоҳонаи равшанфикрони тотор ва нақши матбуоти тоторӣ, чун «Тарҷумон», «Шӯро», «Мактаб», «Вақт», «Оина», «Юлдуз» назаррас аст.

Мулоҳизаҳои танқидии муҳаққиқ махсусан дар мақолаи «Нақши маҷаллаи «Шӯро» дар тарғиби адабиёт» басо мустанад ва боэътимод ба назар мерасад. Таърихшинос Зариф Раҷабов дар китоби «Аз таърихи афкори ҷамъиятӣ-сиёсии халқи тоҷик» (1959) дар боби «Ҷадидизм» дар қатори дигар нашрияҳои аз хориҷ омада, «Шӯро»-ро низ рӯзномаи ҷадидӣ, яъне иртиҷоӣ медонад, вале М.Зайниддинзода дар асоси таҳлилу баррасии муфассали нашрияи мазкур, ки аз 20 саҳифа иборат аст, андешаи З. Раҷабовро батамом рад месозад: «Муҳтавои маводи 10-солаи маҷаллаи «Шӯро» ва таҳқиқоти марбут ба он собит месозад, ки ин маҷалла на танҳо иртиҷоӣ набуд, балки алайҳи иртиҷоъ ва барои бедории халқҳои мусулмони Шарқ хидмати арзанда кардааст. «Шӯро»-ро чун рӯзнома муаррифӣ намудан саҳв аст, зеро аз таърихи матбуоти тоторӣ маълум мегардад, ки бо ин ном рӯзномае вуҷуд надошт» [4, с.126]. Муҳаққиқ ҳамчунин андешаҳои барғалати баъзе муаллифонро ислоҳ карда собит месозад, ки «Шӯро» на рӯзнома, балки маҷалла буда, аз январи соли 1908 дар Оребург ба нашр шудан оғоз кардааст. Аз таъсири мусбати нашрияҳои хориҷӣ дар ибтидои садаи XX устод Айнӣ низ ёдовар шудааст: «Ҳамаи ин матбуот ба Бухоро ҳам меомаданд ва дар кушода шудани фикри мардуми Бухоро, ки дар зери идораи асримиёнагии сохти амирӣ ва таъсири муллоҳои мутаассиб ях баста буд, таъсир мекарданд» [1, с.24].

Фаъолияти илмии М. Зайниддинзода дар соҳаи равобити адабӣ торафт густариш ёфта ҷанбаи амиқи назарӣ касб мекунад ва таҳқиқи муқоисавии муҳаққиқ дар давраи нав ба робитаҳои адабии кулли халқиятҳои Иттиҳоди Шӯравӣ иртибот мегирад, зеро дар даврони шӯравӣ, аз як тараф, тарҷума ва, аз тарафи дигар, гузаронидани Рӯзҳо ва Ҳафтаҳову Даҳаҳои адабиётҳои халқиятҳои гуногун чун омили муҳимми рушди адабиёти миллӣ арзёбӣ мешуд. Дар мақолаи «Мирзо Турсунзода ва баъзе масъалаҳои равобити адабӣ» ин падида дар мисоли эҷодиёт ва андешаҳои шоир ва мутафаккири маъруфи тоҷик ва адибони ҳамқалами ӯ аз дигар халқиятҳои Шӯравӣ, чун Николай Тихонов, Расул Ғамзатов, Чингиз Айтматов, Қайсин Қулиев, Мирзо Иброҳимов, Мустай Карим, Ғафур Ғулом, Самад Вурғун, басо амиқу муфассал баррасӣ гардидааст. «Ба андешаи М. Турсунзода, - қайд кардааст муҳаққиқи робитаҳои адабӣ, - «адабиёту санъат танҳо моли як халқ набуда, балки моли ҳамаи халқҳо мебошад, бинобар ин, адабиётҳо аз ҳисоби якдигар бой мешаванд ва як адабиёт аз касб кардани анъанаҳои пешқадами адабиёти дигар хусусияти миллии худро гум намекунад, балки бо шарофати ин омӯзиш пуриқтидор мегардад» [10, с.10]. Ва худи М. Турсунзода дар натиҷаи омӯзишу тарҷумаи асарҳои А. С. Пушкин, М. Ю. Лермонтов, Н. А. Некрасов, А. Твардовский, А. Сурков барин адибони рус чун силсилаи шеърҳои «Қиссаи Ҳиндустон», «Ҳасани аробакаш», «Садои Осиё»

асарҳое офарид, ки тавассути тарҷума ба адабиёти халқҳои Иттиҳоди Шӯравӣ ва берун аз он таъсири файзбахш расонд. Устод Турсунзода «тавассути шеъраш пул – гузаргоҳҳо сохта адабиёти тоҷикро аз чорчӯбаи миллӣ ба дунёи фарох кашид ва ба назми тоҷик шира ва қудрате ато намуд, ки тавонист диққати оламиёнро ба худ ҷалб созад» [6, с.77].

Муртазо Зайниддинзода яке аз вижагиҳои равобити адабиро дар тарҷума медонад ва худ низ гоҳо ба тарҷума шуғл меварзад. Таълифоти «Ёддоштҳои ман»-и Чингиз Айтматов, «Қисмати ман» ва «Аз ҳолномаи ман»-и Мӯсо Ҷалил, «Саге, ки номи худро фаромӯш кардааст»-и А.Бадак, «Гуте ва адабиёти Эрон», «Саъдӣ дар Урупо», «Нақдушшеър дар Юнону Рум», «Иқбол шоири Шарқ», «Лермонтов шоири рус»-и Абдулҳусайни Зарринкӯб дар тарҷумаву таҳияи М. Зайниддинзода аз ҷиҳати мундариҷа, сабку услуби баён ва ҷанбаи илмӣ комил буда, дар такмили адабиётшиносии муқоисавии форсу тоҷик ва Аврупо саҳми муносиб мегузоранд. Адабиётшиносии муқоисавӣ, чи хеле ки аз мақолаҳои Зарринкӯб бармеояд, ба мақоми адабиёт дар ҳаёти фарҳангӣ ва иҷтимоии халқиятҳои гуногуни дунё ишора карда, онҳоро ба ҷаҳони сулҳу салоҳ ва эҳтироми тарафҳо ҳидоят мекунад. Гутеи олмонӣ, ки волаву шайдои ашъори малакутии шоирони оламшумули Шарқ гардида буд, дар 12 китоби «Девони шарқу ғарб» аз ҳафт рӯди бузурги адабиёти форсу тоҷик – Фирдавсӣ, Анварӣ, Низомӣ, Ҷалолиддини Румӣ, Шайх Саъдӣ, Хоҷа Ҳофиз ва Абдурраҳмони Ҷомӣ баҳра мегирад ва бо ҳамин дар адабиёти Олмон роҳҳои наву тоза боз менамояд.

Бисёр мехостам, ки хонандаи тоҷик ба ин сухани адиби оламшумули қирғиз Чингиз Айтматов, ки гувоҳи иртиботи урфу одат ва адабиёти халқҳои тоҷику қирғиз буда, ҳар фардро ба хештаншиносӣ ва ифтихори миллӣ далолат мекунад, зиёда таваҷҷуҳ намояд: «Дар авули мо ҳафт пушти худро донистан одати меросӣ буд. Мӯйсафедон дар ин масъала сахтгиранд. Одатан онҳо писарбачаҳоро имтиҳон мекарданд. «Канӣ, паҳлавон, бигӯ, аз кадом авлодӣ, падари падари ту кист? Падари ӯ кӣ аст? Падари ӯ? Ӯ чӣ хел инсон буд, ба чӣ кор машғул буд, одамон дар бораи ӯ чӣ мегӯянд? Ва агар чунин шавад, ки писарбача гузаштагони худро надонад, сарзанишу маломат то ба гӯши волидони ӯ мерасад» [3, с.8]. Оё дар байни мардуми тоҷик низ чунин одат роиҷ нест?

М. Зайниддинзода, чи хеле ки худ борҳо ишора кардааст, ба ихтисоси журналистика таваҷҷуҳи зиёд дорад ва ин ҳолатро, алалхусус, аз мусоҳибаҳои басо муфассалу пурмуҳтавои ӯ ба устоди зиндаёд профессор Воҳидҷон Асрорӣ ва донишманди фарохназар профессор Иброҳимҷон Усмонов баръало мушоҳида кардан мумкин аст. Ин мусоҳибаҳо, ки бо номҳои «Мушкилкушо», (Муҳовараи устоду шогирд), «Ифшогари рози сухан» (Гуфтугӯ бо Воҳид Асрорӣ), «Ҳақиқатро бараҳна бояд дид» (Гуфтугӯ бо донишманди маъруф, профессор Иброҳим Усмонов) ба табъ расида, дорои ҷанбаи амиқи таҳлилӣ мебошанд, масъалаҳои зиёди илмӣ ва фарҳангиро баррасӣ намудаанд.

Дар сарсухани китоби «Ҳақиқатро бараҳна бояд дид» омадааст: «Бо таассуф бояд ба гуфта ояд, ки дар таърихи адабу фарҳанги замони гузаштаву имрӯзаамон далелҳои барғалат, додани баҳои ғайривоқеӣ, нодида гирифтани хидмати дигарон, худситоӣ ва майли маҳал дар омӯзишу парвариш ва таҳқиқу тарғиб барзиёд ба чашм мехӯрад» [7, с.5] ва М. Зайниддинзода чун рӯзноманигори моҳир тавассути саволҳои амиқу фарогир боиси рӯшанӣ андохтан ба масъалаҳои печидаи зиёди ҳаёти фарҳангии мамлакат мегардад. Масалан, андешае, ки профессор И. Усмонов перомуни баҳси бардавоми хат баён кардааст, аз нигоҳи илмӣ асоснок буда, хонандаро пурра қаноатманд месозад, ки хатти кириллӣ низ ба таърихи фарҳанги мо бегона нест [7, с.55].

Ё худ дар мусоҳибаи «Мушкилкушо», аз ҷумла, сухан дар бораи фарзанди тотор Ғайфулло Нурмуҳаммадов меравад, ки тобистони соли 1924 бо хоҳиши Нашриёти давлатии Бухоро корвони таҷҳизоти полиграфиро, ки аз як мошини табъу нашри тамғаи «Либерти» ва дах сандуқ ҳуруфи сурбӣ иборат буд, ба муддати як моҳ ба Душанбе оварда ва худ онро насб карда, «12 августи соли 1924 Ғ. Нурмуҳаммадов дар ҳамин матбааи таъсисдодааш нахустин рӯзномаи тоҷикӣ дар шаҳри Душанбе «Овози Шарқ»-ро бо теъдоди муайян ба табъ расонидааст». М. Зайниддинзода дар асоси иттилои устод Асрорӣ, ки ба Нурмуҳаммадов бевосита шинос ва аз макони аввалин матбааи таъсисдодаи ин марди тотор (дар назди собиқ кинотеатри Ҷомӣ) хабардор будааст, маводи зиёд ҷамъ карда, мақолаи муфассале менависад ва бо ҳамин хонанда аз ҳақиқати ҳол огоҳ мешавад [8, с.13].

М. Зайниддинзода, баъди хатми аспирантура, соли 1987 фаъолияти меҳнатиро аз кафедраи фолклор ва адабиёти халқҳои СССР оғоз намуда, баъдҳо ба сифати муовини декани факултети журналистика (1993-1996), мудири шуъбаи таълими ДДМТ (1999-2001), муовини сардори қисми таълими ДДМТ (2001-2002), сармутахассиси Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (2002-2005), Сардори идораи таълимию методии ДДМТ (2005-2008), декани факултети журналистика (2008-2011) кор кардааст. Алҳол (Аз соли 2013 ин ҷониб) вазифаи мудири кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикиро ба уҳда дорад ва анъанаи неки сарварони собиқро, ки кафедраро ба яке аз марказҳои бонуфузи илмиву таълимии мактабҳои олии Тоҷикистон табдил додаанд,

идома дода, барои боз ҳам ғанӣ гардонидани иқтидори илмӣ, таълимӣ ва кадрии он заҳмат мекашад. Ҳоло дар кафедра 12 аъзо бо сарварии мудир аҳлона ба таълиму тадрис ва тайёр кардани мутахассисони унвондор барои кулли муассисаҳои олии Ҷумҳурӣ машғуланд, ки дар миёни онҳо ду академики АИ ҶТ, як узви вобастаи АИ ҶТ, шаш доктори илм, шаш узви ИН Тоҷикистон ҳузур доранд.

Табиист, ки як қисмати фаъолияти илмии М.Зайниддинзода ба таълиму тарбияи донишҷӯён, мутахассисони ҷавон иртибот мегирад. Устод бар он аст, ки китоби дарсӣ ва васоити таълим асосан баъди андӯхтани малакаи корӣ навишта мешавад. Аз ин ҷиҳат, китобҳои дарсӣ, васоити таълим ва барномаҳои ӯ (чунончи: «Адабиёти ҷаҳон» (Китоби дарсӣ барои синфҳои 10-11 –2005), «Таърихи адабиёти хориҷӣ» (Дастури таълимӣ –2005), «Таърихи адабиёти хориҷӣ». Китоби 2 (2014), «Адабиёти иттиҳод» (Барномаи таълимӣ), «Таърихи адабиёти хориҷӣ. Адабиёти атиқа» (Барномаи таълимӣ) …, ки дар натиҷаи андухтани таҷрибаи омӯзгорӣ ба омӯхтани роҳҳои татбиқи амалии илм рӯйи кор омаданд, ба устодону донишҷӯёни муассисаҳои таълимоти миёна ва олӣ зиёда муфиду арзишманд мебошанд, зеро онҳо дар баробари ҷанбаи амиқи филологӣ доштан аз вижагиҳои илмҳои педогогӣ ва усули таълим низ бархӯрдоранд.

Фаъолияти илмӣ, омӯзгорӣ ва иҷтимоии М. Зайниддинзода басо фароху доманадор аст ва ба нишони «Аълочии маорифи халқи Тоҷикистон» (1998), «Аълочии матбуоти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (2010), «Аълочии фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон» (2009), мукофоти давлатии «Ордени Дӯстӣ» қадрдонӣ ҳам шудааст. Устод чун аъзои Иттиҳоди тарҷумонҳо ва ношироні Иттиҳоди давлатҳои мустақил ва Балтика, Иттифоқи журналистони Тоҷикистон (2009) ва Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон (2015) дар баробари шаҳру навоҳии ҷумҳурии азизамон дар хориҷи кишвар, аз ҷумла шаҳрҳои Қазон, Оренбург, Ереван, Киев, Минск, Истанбул, Лондон низ бо маърузаҳои илмӣ ширкат варзида, ҷиҳати муаррифӣ намудани илму фарҳанги тоҷик ҳамвора талош меварзад.

Оре, устод Муртазо Зайниддинзода дар нимароҳи умри бобаракати хеш бо зиёда аз 400 асару мақола ва суханрониҳову гузоришот аз илму фарҳанги миллӣ машъали тобоне афрӯхтааст ва Худо кунад, ки ин машъал дар дасти машъалдори худ боз солиёни дароз фурӯзон монад.

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ С. Таърихи инқилоби Бухоро / С.Айнӣ. – Душанбе: Адиб, 1987. – 240 с.
2. Зайниддинов М. Аз таърихи равобити адабии халқҳои тоҷику тотор / М. Зайниддинов // Садои Шарқ. – 2013. – № 12. – С. 112-133.
3. Зайниддинов М. Ёде аз бузургон (Тарҷума, таҳия ва мусоҳибаҳо) / М. Зайниддинов. – Душанбе: Истеъдод, 2010. - 96 с.
4. Зайниддинзода М. Нақши маҷаллаи «Шӯро» дар тарғиби адабиёт / М.Зайниддинзода // Номаи пажӯҳишгоҳ. – 2005.– № 8-10. - С.111-130.
5. Зайниддинов М. Робитаҳои адабии халқҳои тоҷику тотор дар ҳарими матбуоти даврӣ / М.Зайниддинов // Садриддин Айнӣ ва масъалаҳои рушди адабиёти навини тоҷик. – Хуҷанд, 2018. – С. 108-112.
6. Зайниддинов М. Мирзо Турсунзода ва баъзе масъалаҳои равобити адабӣ / М. Зайниддинов // Ҷустуҷӯҳои адабӣ. – К.V. – Душанбе, 2000. – С. 73-83.
7. Зайниддинов М. Ҳақиқатро бараҳна бояд дид / М. Зайниддинов. – Душанбе: Промэкпо, 2017. – 96 с.
8. Кӯчаров А. Табъу нашри китоб: дирӯз ва имрӯз / А. Кӯчаров // Садои Шарқ. – 2015. – № 8. – С.113-130.
9. Нуралиев А. Сухане чанд перомуни пешомадҳои адабиётшиносии муқоисавии тоҷик / А. Нуралиев // Масъалаҳои таърих ва назарияи равобити адабии халқҳои Осиёи Марказӣ. – Душанбе, 2000. – С.4-9.
10. Турсунзода М. Куллиёт / М.Турсунзода. – Душанбе: Ирфон, 1979. – Ҷ.III. - 432 с.

ВОҚЕИЯТИ ПАЖӮҲИШ ВА МАСЪУЛИЯТИ ПАЖӮҲАНДА

Равобити адабӣ чун қисмати муҳимми адабиётшиносӣ ба мазмуну мундариҷа ва сабки фарогиру омӯзандаи осори нависандагони барҷастаи миллатҳои гуногун ишора карда, он адабиёти бадеиро аз маҳдудаи як халқ тааллуқдор будан мебарорад. Адабиётшиносии муқоисавии тоҷик асосан дар солҳои 60-уми садаи XX шурӯъ шуда, тавассути асару мақолаҳои Шокир Мухтор, Валӣ Самад, Абдунабӣ Давронов, Ҳамроҳқул Шодиқулов, Абдусаттор Нуралиев барин муҳаққиқон дар пояи зарурӣ рушд кард ва яке аз донишмандоне, ки паҳлуҳои гуногуни равобити адабии миллатҳо, махсусан равобити адабии халқҳои тоҷику тоторро мавриди таҳлилу таҳқиқи муфассал қарор дода, таъсири мутақобилаи адабиёти ин ду халқро дар зарфи ҳазор сол (аз садаи X то садаи XX) баррасӣ менамояд, Муртазо Зайниддинзода мебошад. Номбурда равобити адабии халқҳои тоҷику тоторро ба се давра (давраи аввал аз асри X то асри XVIII; давраи дувум асрҳои XIX ва ибтидои асри XX; давраи севум адабиёти даврони Шӯравӣ) ҷудо намуда, хосиятҳо ва арзишҳои адабии ҳар давраро собит месозад. Фаъолияти илмӣ, омӯзгорӣ ва иҷтимоии М. Зайниддинзода басо фароху доманадор аст ва ба нишони «Аълочии маорифи халқи Тоҷикистон» (1998), «Аълочии матбуоти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (2010), «Аълочии фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон» (2009), мукофоти давлатии «Ордени Дӯстӣ» қадрдонӣ ҳам шудааст. Устод чун аъзои Иттиҳоди тарҷумонҳо ва ношироні Иттиҳоди давлатҳои мустақил ва Балтика, Иттифоқи журналистони Тоҷикистон (2009) ва Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон (2015) дар баробари шаҳру навоҳии ҷумҳурии азизамон дар хориҷи кишвар, аз ҷумла шаҳрҳои Қазон, Оренбург, Ереван, Киев, Минск, Истанбул, Лондон низ бо маърузаҳои илмӣ ширкат варзида, ҷиҳати муаррифӣ намудани илму фарҳанги тоҷик ҳамвора талош меварзад.

Калидвожаҳо: равобити адабӣ, адабиётшиносии муқоисавии тоҷик, равобити адабии миллатҳо, равобити адабии халқҳои тоҷику тотор, Муртазо Зайниддинзода, таҳлилу таҳқиқ.

ДЕЙСТВИТЕЛЬНОСТЬ ИССЛЕДОВАНИЯ И ОТВЕТСТВЕННОСТЬ ИССЛЕДОЛВАТЕЛЯ

Литературные связи как важный раздел литературоведения указывают на значение и содержание, всеохватывающий и обучающий стиль наследия великих литераторов различных наций и народностей, и выводит художественную литературу от принадлежности только к одному народу и делает ее всеобщим достоянием. Таджикское сравнительное литературоведение в основном получило развитие в 60-ых годах XX столетия, посредством произведений и статей таких деятелей литературы как Шокир Мухтор, Вали Самад, Абдунаби Давронов, Хамрохкул Шодикулов, Абдусаттор Нуралиев и один из ученых, который подверг рассмотрению и изучению различные стороны литературных связей народов, в особенности литературные связи таджикского и татарского народов и взаимовлияние литератур этих двух народов в течении тысяча лет (с X по XX века) был и является Муртазо Зайниддинзода. Этот ученый разделил литературные связи таджикского и татарского народов на три периода (период с X по XVIII века; второй период с XIX до начала XX веков и третий период – период Советской власти) и показал литературные особенности и ценности каждого периода. Научная, педагогическая и социальная деятельность М. Зайниддинзода очень обширна, он удостоен званий «Отличник образования Таджикистана» (1998), «Отличник печати Республики Таджикистан» (2010), «Отличник культуры Республики Таджикистан» (2009), государственной премии «Орден Дружбы». Муртазо Зайниддинзода как член Союза переводчиков и издателей Содружества независимых государств и Балтики, Союза журналистов Таджикистана (2009) и Союза писателей Таджикистана (2015) выступал с научными докладами как внутри страны так и за ее пределами, в том числе в городах Казань, Оренбург, Ереван, Киев, Минск, Стамбул и Лондон.внося свой личный вклад в пропаганду таджикской науки и культуры.

Ключевые слова: литературные связи, таджикская сравнительная литература, литературные связи народов , литературные связи таджикского и татарского народов, Муртазо Зайниддинзода, анализ и исследование.

RESEARCH VALIDITY AND RESPONSIBILITY OF THE RESEARCHER

Literary relations, as an important section of literary criticism, point to the meaning and content, an all-encompassing and educational style of the heritage of great writers of various nations and nationalities, and removes fiction from belonging to only one people and makes it a public domain. Tajik comparative literature was mainly developed in the 60s of the twentieth century, through the works and articles of such literary figures as Shokir Mukhtor, Vali Samad, Abdunabi Davronov, Khamrokhkul Shodikulov, Abdusattor Nuraliev and one of the scholars who examined and studied various aspects of literary Mutazo Zayniddinzoda was and is the relationship of peoples, especially the literary relations of the Tajik and Tatar peoples and the mutual influence of the literature of these two peoples for a thousand years (from the tenth to the twentieth century). This scientist divided the literary relations of the Tajik and Tatar peoples into three periods (the period from the 10th to the 18th centuries; the second period from the 19th to the beginning of the 20th centuries and the third period - the period of Soviet power) and showed the literary features and values of each period. The scientific, pedagogical and social activities of M. Zainiddinzoda are very extensive, he was awarded the titles “Excellence in Education of Tajikistan” (1998), “Excellence in Press of the Republic of Tajikistan” (2010), “Excellence in Culture of the Republic of Tajikistan” (2009), and the State Prize “Order of Friendship” . Murtazo Zainiddinzoda as a member of the Union of Translators and Publishers of the Commonwealth of Independent States and the Baltic, the Union of Journalists of Tajikistan (2009) and the Union of Writers of Tajikistan (2015) made scientific reports both domestically and abroad, including in the cities of Kazan, Orenburg, Yerevan , Kiev, Minsk, Istanbul and London. Making a personal contribution to the promotion of Tajik science and culture.

Key words: literary relations, Tajik comparative literature, literary relations of peoples, literary relations of Tajik and Tatar peoples, Murtazo Zayniddinzoda, analysis and research.

Сведения об авторах: ***Рахмонзода Абдуджаббор Азиз*** - Таджикский национальный университет, академик АН РТ, доктор филологических наук, профессор кафедры теории и новейшей персидско-таджикской литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17
Аламхон Кучарзода – Таджикский национальный университет, член-корреспондент АН РТ, доктор филологических наук, профессор кафедры теории и новейшей персидско-таджикской литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17

Information about the authors: ***Rakhmonzoda Abdujabbor Aziz*** - Tajik National University, Academician of the Academy of Sciences of the Republic of Tatarstan, Doctor of Philology, Professor of the Department of Theory and Contemporary Persian-Tajik Literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17 Rudaki Ave.
Alamkhon Kucharzoda - Tajik National University, Corresponding Member of the Academy of Sciences of the Republic of Tatarstan, Doctor of Philology, Professor of the Department of Theory and Modern Persian-Tajik Literature.
Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17 Rudaki Ave.

УДК: 891. 550-1: 82

МУХТАССОТИ БАДЕӢ - ҲУНАРИИ «БАХТИЁРНОМА»-И ДАҚОИҚИИ МАРВАЗӢ

Солеҳов М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

«Адабиёти дарозумри форсӣ (тоҷикӣ), - менависад профессор Худоӣ Шарифов, - дар баробари шеъри нодиру нотакрор осори гаронбаҳо ва фаровони насрӣ ҳам дорад, ки танҳо аз нимаи дуюми қарни бистуми мелодӣ аҳли таҳқиқ ба вай таваҷҷуҳ намуданд» [7, с.3]. Дар ҳақиқат, насри оламгири форс-тоҷик на танҳо олами Шарқро тасхир кардаву мутаҳаййир сохтааст, балки дар ҳамин поя донишмандони Ғарбро низ ба ваҷд овардааст. Ҳанӯз олими забардаст ва шарқшиноси беҳамто Ҳерман Эте доир ба арзишҳои осори мансури форс-тоҷик баҳс ба миён оварда гуфта буд, ки: «Таърихи адабиёти форсӣ бидуни таваҷҷуҳи шоён ба осори мансур, албатта, ноқис хоҳад буд, зеро дар онҳо низ монанди

осори назмӣ, рӯҳиёт ва ахлоқи миллат ҷилвагар аст. Дар ин осори низ ҳам дар қисмати достон, ҳам дар қисмати улуми шарқӣ матолибе судманд ҳаст, ки ҳанӯз чунон ки шояд, дар таърихи фарҳанги ҷаҳон тақдири лозим аз он ба амал наомадааст» [5, с.213].

Донишманди машҳур Муҳаммадтақӣ Баҳор бо истинод бар маълумоти «Муҷмал-ут-таворих ва-л- қиссас» танҳо дар рӯзгори Ашкониён аз мавҷудияти ҳафтод китоби мансур хабар медиҳад. Чунончи ӯ менависад: «Кутуби аҳди Ашконӣ ҳафтод китоб будааст, чунонки дар «Муҷмал-ут-таворих ва-л- қиссас» гӯяд: «Ва аз он китобҳо, ки дар рӯзгори Ашкониён сохтанд, ҳафтод китоб буд аз ҷумла китоби «Марвак», китоби «Синдбод», китоби «Юсифос», китоби «Симос» [6, с.40] ва ғайра.

Ҳамчунин бо манзури арзишҳои сершумори осори мансур барҳақ таъкид мекунад профессор Худоӣ Шарифов, «Воқеан таърихи ташаккул ва инкишофи насрро наомӯхта сурати комили таърихи каломи бадеъ, сохтори ҳунарии сухан ва сабк, анвои адабӣ, шуури адабию эстетикӣ ва умуман тафаккури эҷодиро пеши назар овардан номумкин аст» [7, с.3].

Ин осор дар ҳар давру замон бо фарогирии мавзӯъҳои мухталиф, бо ҷилоҳои ҳунарии тоза ба тоза тибқи тақозои замону давр рӯйи кор омадаву ниёзҳои ҷомеаро қонеъ гардонидааст.

Яке аз намунаҳои беҳтарини осори мансури асри XII асари комилан ахлоқию тарбиявии матлуб «Бахтиёрнома» ё «Роҳат-ул-арвоҳ фӣ сурур-ил-мифроҳ» аст, ки аз таълифоти нависанда ва шоир Шамсуддин Муҳаммад Дақоиқии Марвазӣ буда, сад шукр то кунун аз дастбурди ҳаводиси махуф маҳфуз мондааст. Албатта, оид ба мавҷудияти ин асар ҳанӯз сарчашмаҳои асримиёнагӣ низ иттилоъ додаанд. Аввалин сарчашмае, ки доир ба «Бахтиёрнома»-и Дақоиқӣ маълумот медиҳад, «Лубоб-ул-албоб»-и Муҳаммад Авфии Бухороӣ аст.

Бояд гуфт, ки «Бахтиёрнома» намунаи бисёр ҷолибу марғуби насри адабии ахлоқӣ-тарбиявӣ буда, мансуб ба замони Сосониён аст, вале нусхаҳои аслии он то рӯзгори кунунӣ маҳфуз намондаву аз миён рафтаанд.

Дар рӯзгори Сомониён «Бахтиёрнома» ба забони форсии тоҷикӣ баргардонида шудааст, вале маъхази таҳиягар зикр нагардидааст, ки он аз паҳлавӣ сурат гирифтааст ва ё аз забони арабӣ ва ин таҳия низ то кунун ба даст наафтодааст. Барои он ки дар асри XII матни паҳлавии асарро нависанда ва шоир Шамсуддин Муҳаммад Дақоиқии Марвазӣ ба форсии тоҷикӣ тасниф намуда, ба он «Роҳат-ул-арвоҳ» унвон гузоштааст. Дар баъзе аз манобеъ бо номи «Ҳикоёти даҳ вазир» низ касби иштиҳор дорад.

Дақоиқии Марвазӣ таҳрири тозаи «Бахтиёрнома»-ро бо насри тасаннӯъ, вале бисёр матлуб ва музайян сомон додааст. Аз мутолиаи асар бармеояд, ки Дақоиқии Марвазӣ шоир низ будаву ашъори ғарро доштааст. «Муҳаммад Авфӣ, - менависад М. Диловаров, - дар тазкирааш зиёда аз сӣ байти Дақоиқиро дарҷ намудааст» [1, с.5].

Хушбахтона, соли 1967 дар шаҳри Теҳрон олими забардаст Забеҳуллоҳи Сафо матни «Ҳикоёти даҳ вазир» ва ё «Бахтиёрнома»-ро аз рӯйи таҳияи Шамсуддин Муҳаммад Дақоиқии Марвазӣ ба табъ расонидааст. Дар Тоҷикистон дар асоси нашри теҳронии асар, соли 2008 онро таҳти унвони «Бахтиёрнома» донишманди пуркор М. Диловаров дастраси хонандагон намуд, ки ҷиддитарин иқдом аст. Албатта, то ин муддат намунаҳои онро хонандагони тоҷик тавассути ҷилди нахустини «Дурдонаҳои наср» мутолиа карда буданд, вале ин ҷо заҳмати бештаре ба харҷ дода, бо муқаддима, шарҳи луғоту тавзеҳот онро М. Диловаров ба муштоқони каломи бадеъ пешкаш намудааст.

Бо манзури офариниши хатти сужа «Бахтиёрнома» мисли «Ҳазору як шаб», «Калила ва Димна», «Анвори Суҳайлӣ», «Иёри дониш», «Синдбоднома», «Марзбоннома» ва ғайра таълиф шудааст, ки яке аз анвои сужаофарӣ дар таърихи адабиёти форс-тоҷик мебошад. Дар иртибот бо масоили фавқуззикр аввалин адабиётшиносе, ки роҷеъ ба таснифоти осори мансури асримиёнагии миллӣ иқдом гузоштааст, донишманди тоҷик Юсуфҷон Салимов аст. Ӯ дар тадқиқоти худ [8], пеш аз ҳама, ду кашфиёти ҷолиб намуд: аввалан, ибораи «насри ривоятӣ»-ро, ки пас аз Ҳ. Эте аз истеъмол дар осори илмӣ-тадқиқотӣ уфтода буд, эҳё намуд ва сониян, хидмати дигари таърихии ин донишманди фарҳехта аз он иборат аст, ки осори мансури куҳантаъриху боғановати бадеии форс-тоҷикро бо назардошти офариниши хатти сужет ва ё созмони дохилӣ се навъ медонад ва ин таснифот хеле ҷолиб аст ва зикри он аз манофеъ барӣ нест. Чунончи, табақабандии олим чунин сурат пазируфтааст:

1. Зикри ҳикоёт марбут ба унвони боб, ки миқдори номаҳдуди ҳикоёт дар робита бо номи боб оварда мешавад. Мисли: «Гулистон»-и Саъдӣ, «Хористон»-и Маҷдуддини Хавофӣ, «Нигористон»-и Ҷувайнӣ, «Баҳористон»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ, «Парешон»-и Қоонии Шерозӣ, «Боғистон»-и Туғрали Аҳрорӣ, ки вопасин асар дар пайравии шоҳасари Саъдист, ба ин силк шомил мешаванд.
2. Сужетофарӣ бо тарзи ҳикоят андар ҳикоят ва ё ту дар ту ё худ қисса дар қисса, мисли: «Ҳазору як шаб», «Анвори Суҳайлӣ», «Синдбоднома», «Марзбоннома», «Бахтиёрнома» ва монанди инҳо, ки басо маъмул ва паҳнгардида маҳсуб аст.

3. Осори бадеии мансур ва ё худ ҳикоёте, ки мухталифмавзӯъ ва гуногунашхос буда, ба унвонии умумии асар марбутанд. Мисли «Рисолаи Дилкушо»-и Низомиддин Убайди Зоконӣ «Латоиф-ут-тавоиф»-и Фахруддин Алии Сафӣ ва ғайра [8, с.31].

Оид ба мухтассоти композитсионӣ- сохторӣ ва аносири назарии осори бадеии мансури қисса дар қисса ва ё ҳикоя андар ҳикоя дар асарҳои олимон: М.И. Герхардт, П.А. Гринсер низ баҳсҳои ҷолибу ҷаззоб сурат гирифтаанд.

Маълум аст, ки бо назардошти мухтассоти сохторӣ «Бахтиёрнома»-и Дақоиқии Марвазӣ ба гурӯҳи дуюми осори бадеии мансур тааллуқ дорад. Дар асар ғолибан тазодҳои рӯзгор ва ҳаводиси ғайричашмдошт бо ҷузъиёти басо муассиру ҷолиб ба тасвир омада, ҳатто шахсиятҳои барӯмандтарини сиёсии ҷомеа, шоҳон, амирон, вазирон огоҳонида мешаванд, ки дар ҳаёт хеле эҳтиёткор, дурандеш, таҳаммулпазир, пуршикебо ва собир бошанд. Аз одитарин ҳаводиси рӯзгор бояд ҳикмату панд бардоранд ва ба оҷилу шитоб роҳ надиҳанд. Ҳамчунон ки падари Бахтиёр, ки шоҳи замон буд, вале бо андаке ҳавою ҳавас ба сараш чӣ балоҳо омад. Баъдан бо маслиҳат ва шикебоӣ то андозае рӯ овард ва аз бахт бархӯрдор гардид.

«Бахтиёрнома»-и Дақоиқии Марвазӣ бо назардошти сохтор дорои хатти муайяни сужет, ки аз оғоз то анҷом бо фарогирии унсурҳои сужа бошад, нест. Яъне аз оғоз то анҷом ба таври яклухт ва воқеабандии он шомили муқаддима, гиреҳбандии воқеаҳо, ҳаракат, авҷ, гиреҳкушоӣ ва анҷом нест. Асар дорои даҳ боб аст, ки ҳар боб унвони алоҳида дорад ва, мутаассифона, исми унвони абвоб хеле тӯлонист, ки ҳифзи он мушкилот эҷод мекунад. Ин ҳолат аз он ҷиҳат писандида низ ҳаст, ки муҳтавои бобҳои асар барои хонандаи оддӣ баробари рӯ овардан ба унвони боб маълум мешавад, вале то андозае дилбазан аст.

Чунончи, унвони боби нахустини «Бахтиёрнома»-и Дақоиқии Марвазӣ чунин аст: «Дар кайфияти валодати Бахтиёру тарбияти ӯ дар миёни айёрони кӯҳсору офате, ки аз шаробу мастӣ зод ва ҳаводисе, ки даври айём ба сари ӯ фиристод» ва ё худ унвони боби чаҳоруми асар дар чунин шакл пешниҳод шудааст: «Дар достони Бӯсобиру оқибати ӯ дар назми аҳволу тартиби аъмол ва он чӣ ҳодис шуд, дар тамаллуқи мамолику халос аз мазоиқу муҳолик ва дар ин достон он аст, бидонӣ, сабру сукунро сармоя бояд сохт ва мутобаати ҳилму ақлро пироя бояд дошт» ва ғайра.

Даҳ боби асар дорои даҳ ҳикояти марказӣ буда, дар дохили ҳикоёти марказӣ ривоёту ҳикоёте оварда мешаванд, ки онҳо бидуни унвонҳои алоҳида, ҳамчун гуфтори ҳакимонаи хирадмандон ва корномаву саргузашти муҷарраббон оварда мешаванд. Чунончи дар боби аввал аз силки чунин ривоёти ихчаму кӯтоҳ ду то зикр карда шудааст, ки онҳо баҳри тақвияти муҳтавои боб ва баҳри исботи муҳимме оварда шудаанд.

Чунончи:

- Ҳакимеро аз ҳукамои Юнон гуфтанд, ки ;
- Писарат ошиқ шудааст.
- Гуфт: А антум фил инсониятӣ!

Ё худ ҳикояти дигаре:

- Ҳакимеро гуфтанд, ки:
- Ишқро аз куҷо гирифтаанд?

Гуфт:

- Ишқ муштақ аз ашақа асту ашақа гиёҳест, ки бар дарахт печаду то ӯро хушк накунад, даст аз вай надорад.

Аз шиносоӣ бо ҳикоёти асар бармеояд, ки мазмуни онҳо ва шеваи иншои ҳикоёти фавқуззикр хеле сода, оммафаҳм, хотирмон, ихчаму муъҷаз, муассир ва таҳкиму тақвиятбахши мазмуни ҳикояти марказии боб аст. Ин ҳама гувоҳи он аст, ки манобеи ҳикоёти боло маъхазҳои қаблӣ ва то рӯзгори Дақоиқии Марвазӣ мебошад, зеро сабки бевоситаи адиб муншиёна ва маснӯъ аст. Чунонки қаблан ишора шуд, яке аз аввалин мухтассоти асар тӯлонӣ сурат гирифтани унвони бобҳои он аст. Масалан, унвони боби аввал, ки қаблан зикр шуд, муҳтавои бобро чунин фаро гирифтааст. Қисса бо муаррифии шоҳ, кишвари ӯ, сохтори давлатдорӣ, сити шаҳомати давлатдории ӯ оғоз мешавад. Чунончи:

- Овардаанд, ки дар қуруни мозияву айёми солифа дар мамлакати Аҷам малике буд аз мулуки олам, худованди тоҷу тахт ба номи Озодбахт. Подшоҳи пирӯз дар мамлакати Нимрӯз бисоти адлу инсоф баст фармудаву аз ҳадди Систон то соҳили Баҳрайну Уммон забт намуда. Ва ӯро даҳ вазири комилақлу одил буданд. Шоҳ дар ибтидои асар ҳамагӣ як дафъа нафспарастӣ мекунад ва ана ҳамин дафъае рӯ овардан ба парастиши нафс на танҳо аз ҷоҳу мансаби олитарини кишвар – подшоҳӣ маҳрум месозад ва аз ғановати моддӣ низ бенасиб мемонад, балки хатари рӯйирост ба ҷони ширинаш низ пеш меояд. Аз ин ҳотир, ӯ пас аз он ки маҳрумиятҳо, азобҳои алиму рӯзгори ваҳимро паси сар мекунад, бо амри тақдир шоҳӣ боз муяссараш мешавад. Ин дафъа ҳарчанд ғазабу ситезандагии шоҳона дар вуҷудаш ҳаст, вале баробари ба забон овардани Бахтиёр қиссаҳои басо ҷолиб ва муносиби ҳоли хешро, шоҳ гӯши суханшунав ва фаҳми сухан дорад ва ду омил ӯро ба

таҳаммулкорию шикебоӣ ва дурандешӣ водор месозад ва амри қатл медиҳад, вале чун ишораи Бахтиёрро ба мазмуни қиссаи ҷолибу марғуб мешунавад, беэътиноӣ намекунад ва ҳатто дар ҳузури дарбориёнаш фармони худро иваз менамояд, яъне сабуктар месозад, ки он амри қатл ба фикандан ба зиндон бадал карда мешавад. Ҳарчанд ҳасудон ҳар бор ӯро барои ба ғазаб омадан водор мекунанд. Ин падидаи мазкур ва ин унсури сохтории асар – қисса дар қисса барои барҷастатар баромадани симои қаҳрамонҳои марказӣ комилан мусоидат намуда, бори ғоявии асарро пурсамартару пурмоятар месозад, ки созгор ба аҳдофи ғоявии худи эҷодкор аст.

Дигар аз мухтассоти басо ҷолиби бадеию ҳунарии асари Дақоиқии Марвазӣ боз дар он аст, ки ҳар як ҳикоя ва ё боби асар дар мавридҳои зарурӣ бо параҳои шеърӣ музайян сохта мешавад. Тибқи мушоҳидаҳо бароямон ошкор гардид, ки Дақоиқӣ дар таълифи асари мазкур ғолибан аз жанрҳои лирикии муқаттаот ва муфрадот бештар кор гирифтааст. Сабаби ин падида он аст, ки дарунмояи асарҳоро мавзӯи панду ахлоқ, мавъизату андарз, таълиму тарбия ташкил медиҳад ва аз ин рӯ, табиати жанрӣ-тематикии қитъа ва муфрадот созгор ба чунин навъи осори ахлоқӣ- ибратомӯзист.

Чунончи, барои тасдиқи фикрҳои фавқ чанд намуна аз абёти истифодабурдаи шоирро зикр хоҳем кард:

Ду рӯз ҳазар кардан аз марг раво нест,
Рӯзе, ки қазо бошаду рӯзе, ки қазо нест.

Ё ки:

Мардро дасти поку нафси амин,
Беҳтар аз сад ҳазор дурри самин.

Ё ин ки:

Ай ба ҳусну ҷамолу ғояти лутф.
Кас надида ба оламат сонӣ.
Аҷаб омад маро з-одамие,
К-ӯ туро бинаду шавад фонӣ.

Ва ё худ:

Номи нак ба адлу ба ҷуду ба мардумӣ,
Чун касб кард мард, ҷаҳон они ӯ шавад.
Имдоди лутфи Эзаду осори феъли хуб,
Аз ҳодисоти даҳр нигаҳбони ӯ шавад.

Рубоӣ низ хеле истифода шудааст, ки ғолиб оҳангҳои фалсафию ҳакимона ва ишқӣ доранд:

Сабр аст илоҷи мард чун кор афтод,
Дар сабр тавон ситад зи бедодон дод.
Бар ҳеҷ диле замона банде наниҳод,
К-он банди замонаро сабурӣ накшод.

Яке аз мухтассоти дигари асар мавриди коргирӣ аз ашъор он аст, ки адиб жанри шеърҳоро қоил намешавад. Яъне, қитъа, рубоӣ, маснавӣ, фард ва ғайра намегӯяд ва ғолибан байт ё ин ки шеър таъкид карда мешавад. Боз аҷоибтар он аст, ки байт мегӯяд шоир, вале рубоӣ ва ё қитъаеро, ки се ё чаҳор байт дорад, меорад. Адиб ҳангоми мазмунсозию барҷаста баромадани тасвирҳояш параҳои шеъриро хеле бамавқеъ мавриди истифода қарор медиҳад. Фаразан, адиб ҳангоми тасвири кирдори шахси хасису бахил чунин ҳунарварӣ зоҳир менамояд, то ин ки муассирии каломаш бештар гардад: «Моли бахил ё ҳадафи тири ҳаводис бувад ё алафи теғи ворис гардад».

Байт:

Ҳар киро мол ҳасту хӯрдан не,
Вай аз он мол баҳра кай дорад?
Ё ба торочи ҳодисот диҳад,
Ё ба меросхор бигзорад.

Ҳадафи эҷодкор дар овардани қитъаи фавқуззикр мазаммату сарзаниш намудани хасисону бухлварзон аст ва ба назари адиб, амали мазкур, ки навъе аз рӯзгори баъзе афрод аст, хисоли номатлуб дониста мешавад. Аз тарафи дигар, чунин тарзи гузориши ҳалли масоил, ки ҷанбаи ҳакимона дорад, фалсафаи амалии таълимоти ахлоқии эҷодкорро фароҳам меорад ва аз ин хотир гузориш ва баррасии ғояи мазкур барои ислоҳи этикаи давру замон мусоидат менамояд.

Агар дар тасвири фавқ кирдору амал сарзаниш гардида бошад, ҳоло барои қиёс як тасвири дигарро пеши назар меорем, ки ба зоҳир-қиёфаофарии адиб мутааллиқ аст ва ҳунари эҷодкор дар офариниши он то кадомин поя чашмгир аст. Адиб ҷамол ё худ зебоии зоҳирии образро чунин ба тасвир гирифтааст:

- Он исфаҳсолорро духтаре буд боҷамол, чунон ки рухсораш рашки офтоб буду зулфаш мушки ноб. Зӯҳра муҳраи ишқ бо ӯ бохтиву сипеҳр саманди меҳр бо ӯ тохтӣ. Баёт:

Наққоши рухаш зи таънҳо осудаст,
Дар нақши рухаш санъати худ бинмудаст.

Ҳафт андомаш чунон ки бояд будаст,
Гӯй, ки касе ба орзу фармудаст.

Дигар аз мухтассоти бадеӣ-ҳунарии адиб дар он зоҳир мешавад, ки ӯ ҳангоми зикри параҳои шеърӣ исми шоиреро наовардааст ва қиёсан омӯхтани ашъори таркиби абвоби асар нишон медиҳад, ки гӯяндаи ашъор низ худи адиб -Дақоиқии Марвазӣ аст. Мусаллам аст, ки Дақоиқӣ шоири соҳибдевон буда, адабиётшиноси асри XIII Муҳаммад Авфии Бухороӣ соҳибдевон будани ӯро хотиррасон карда, хабар медиҳад, ки девони Дақоиқии Марвазӣ ашъори накуро фаро гирифтааст ва Авфӣ чун намуна сӣ байти Дақоиқиро зикр мекунад.

Аз намунаҳои ашъори таркиби абвоби «Бахтиёрнома» маълум мегардад, ки маҳорат ва ҳунари эҷодии Дақоиқӣ дар насри ӯ бештар зоҳир гардидааст ва шеъраш дар пояи насраш расида наметавонад. Агар хонанда бо «Гулистон»-и Саъдӣ таносуби назму насрро (дар ин ду асар) қиёсан биомӯзад, ошкор мешавад, ки Саъдӣ дар назму наср яксон қавипанҷа аст. Яъне, ин ҳунари таълифро, ки дар санъати иншои «Гулистон» манзур мегардад, дар эҷоди ашъор низ чунин санъати воло ба мушоҳида мерасад.

Вале дар «Бахтиёрнома» ҳунари эҷодкор дар наср бештар ба назар мерасад ва адиб ин пояро дар таълифи ашъор надорад. Албатта, тибқи қазовати мазкур кулли ашъори шоирро мо наҳифэҷоду паст ҳукм карданӣ нестем. Дар баъзе ҳолот абёти басо рангину ҷолиб ва ҷаззобу матлуб низ дучор мешавад, вале ин ҳолат нисбатан ба нудурат аст.

Насри «Бахтиёрнома» аз нигоҳи шеваи эҷоду ҳунари таълиф сабки тасаннӯъ буда, муншиёна ва мутакаллифона аст. Муаллиф аз санъати саҷъ ва анвои он хеле ва хеле фаровон истифода мебарад. (Роҷеъ ба мухтассоти насри маснӯъ хеле муфассал дар асари профессор Худоӣ Шарифов – «Каломи бадеъ», саҳ. 12-14 баҳс рафтааст).

«Бахтиёрнома»-и Дақоиқии Марвазӣ аз нигоҳи ҳунарӣ комилан насри мусаҷҷаъ аст ва гуфтан мумкин аст, ки бо истиснои Абдуллоҳи Ансорӣ то рӯзгори Дақоиқӣ касе саҷъро то ба ин ҳад матлубу мақбул мавриди истифода қарор надодааст. Танҳо баъдтар ба Шайх Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ муяссар шудааст, ки дар коргирӣ аз тафаннунот якатоз эътироф карда шавад ва касе бо ӯ ҳампанҷагӣ карда натавонад. Воқеан, яке аз омилҳои маҳбубияти «Гулистон» низ дар ҳамин масъала ҳаст.

Зеро худи Саъдӣ оид ба марғубию тасхирсозии каломи хеш мегӯяд:

Ман дигар шеър нахоҳам бинависам, ки магас.
Заҳматам медиҳад азбаски сухан ширин аст.

Ва ё худ:

Замин ба теғи балоғат гирифтаӣ Саъдӣ.
Сипос дор, ки ҷуз файзи осмонӣ нест.

Албатта, мо намунаи чунин фахрияҳоро, ки бунёдан ифодагари ҷилои ҳунарии эҷодкор аст, дар эҷодиёти Дақоиқӣ дучор намешавем. Ҳеҷ гоҳ мо ин ҷо Дақоиқиро аз ягон ҷиҳат бо Саъдӣ қиёс карданӣ нестем ва ин танҳо дар ҳукми як руҷӯи иҷмолӣ оид ба коргирии саҷъ дар ин ду асар буд.

Чунонки қаблан изҳор шуд, яке аз ҷилоҳои ҳунарии «Бахтиёрнома» - и Дақоиқӣ коргирӣ аз санъати саҷъ ба шумор меравад. Маълум аст, ки саҷъ се навъ аст: саҷъи мутавозӣ, саҷъи мутавозин ва саҷъи мутарраф ва ҳамаи навъҳои онро Дақоиқии Марвазӣ дар «Бахтиёрнома» хеле уҳдабароёнаву огоҳона мавриди истифода қарор додааст.

Барои тасдиқи андешаҳои хеш бо зикри намунае чанд аз насри мусаҷҷаъи «Бахтиёрнома» иктифо хоҳем кард. Чунончи:

«… Ишқи ҷамоли он духтар диламро сайд карду ҷонамро қайд кард».

Ё ин ки дар ин муҳокима: «Ишқро дар қадами карам бояд ҷуст, на дар рақами қалам».

- Дар ду эпизоди ба тасвир овардаи муаллиф вожаҳои сайду қайд; қадаму рақам; караму қалам барои писандида баромадани аҳдофи нависанда хидмати асосӣ ба ҷо овардаанд. Баробари мутолиа таваҷҷуҳи хонандаро вожаҳои фавқуззикр ба худ ҷалб намуда, ӯро барои андешидан водор месозанд ва дар хонанда эҳсосоти барангезандагии нафосату оростагӣ ва музайяниву перостагиро ба таҳрик меоранд, ки аз муассирии каломи бадеъ маншаъ гирифтаанд. Аз ин хотир метавон гуфт, ки қаринаҳои фавқуззикр саҷъи мутавозӣ буда, баёни нависандаро оҳангноку гӯшнавоз намуда, сабки бадеиро рангину гуворо месозанд. Ё худ дар ин муҳокимаи яке аз қаҳрамонҳои марказии «Бахтиёрнома», ки ҷилои равонпижуҳӣ дорад ва қаҳрамон асрори ниҳонии худро изҳор карда истодааст. Яъне шоҳ ба вазири худ – падари духтаре, ки шоҳ ба вай бо тамоми ҳастӣ дил дода буд, мегӯяд: - Ту медонӣ, ки ман шоистаи ин домодияму боистаи ин шодиям…

Дар ин қазовати басо ихчаму муъҷаз як ҷаҳон асрори маънӣ мастуру ниҳон аст: яъне дар ин муҳовара вожаҳои «шоиставу боиста» навъи саҷъи мутавозӣ ва лафзҳои «домодияму шодиям» аз анвои саҷъи мутаррафанд, ки басо ҳунармандона, бамавқеъ ва созгори табъу тавон оварда шудаанд.

Маҳз коргирӣ аз анвои асҷоъ аст, ки баёни муаллифро басо гуворову шево ва ширину дилнишин намуда ва ин ҳолат аз оғоз то анҷоми асар мутадовил аст. Барои мисол

охирин лаҳзаи боби даҳумро чун намуна зикр хоҳем кард, ки чӣ гуна шоҳ ба қатли Бахтиёр пофишорӣ мекунад, вале бо амри тақдир кӯргиреҳ боз гардида шоҳ писари худаш будани Бахтиёрро дониста, аз амраш даст мекашад. Чунончи:

Бахтиёр ҳаётро видоъ карду нидои аҷалро самоъ… Рост, ки қадам бар нардбон ниҳод, он айёр, ки Бахтиёрро тарбият карда буд, он ҷо расид, Бахтиёрро дид, ки бар нардбон бурданд. Чун он ҳолро бидид, ҷомаи худ бидариду гуфт, ки:

- Фарзандамро чаро мекушед?

-Гуфтанд:

- Амри шоҳ асту фармони ҳазрати шоҳаншоҳ. Ӯ моле ба ҷаллодон доду гуфт:

- Соате таваққуф кунед, то ман ба молу ба манол ин доии узолро муолизат кунаму ба базли сарвату неъмат ин ҳодисаеро маслиҳат бинам…

Ӯ ба назди подшоҳ омаду гуфт:

- Ай подшоҳи некурой. Бар дили мани мазлум бубахшой!

- Фармудаӣ то ҷаллодон фарзанди маро бар дор кашанд… Бахтиёри маро макуш, ки … аз насаби подшоҳисту аз ҳасаби шоҳаншоҳӣ. Шоҳ гуфт:

- Ин чӣ суханони мутаноқизу ин чӣ калимоти мутаориз?

Гоҳ мегӯӣ фарзанди ман асту гоҳ мегӯӣ аз насаби подшоҳисту аз самои шаҳриёрӣ!

Ӯ гуфт:

- Ай шаҳриёри оламу ай хусрави муаззам, қиссаи ӯ дароз аст. Рӯзе дар биёбони Кирмон мерафтам, ба сари чоҳе расидам, ки ин кӯдакро дидам чун моҳу Муштарӣ…

Чун ӯро баргирифтам. Гавҳаре дидам бар бозуи ӯ баставу ӯро дар салдаи зарбофт печида, Худойдодаш ном кардам…

Подшоҳ чун ин калимот бишунид, гуфт:

- Бахтиёрро боз ored.

- Бахтиёрро чун ба назди шоҳ оварданд, шоҳ гуфт:

- Ин гавҳар, ки бар бозуи туст, бинмой.

- Бахтиёр гавҳар пеши подшоҳ ниҳод.

- Подшоҳ он гавҳар бидид, дасти Бахтиёр бигрифту ба сарои ҳарам бурд ва гуфт:

- Ай зан, ту модари ваию ман падари вай… ин он писар, ки сари он чоҳсор гузоштему ин он гавҳар, ки бар бозуи вай бастаем.

Ана, ин лаҳза хонанда ба афзалияти сабру таҳаммул ғавр мекунад. Пирӯзии сабрро арҷ мегузорад ва зарари оҷилаву шитобзадагиро пеши назар оварда ва итминон дорам, ки ашки шодӣ мерезад.

Хонандаи огоҳ ҳис менамояд, ки то кадомин андоза сеҳри сухани адиб, ҷозибаи тасвири ӯ, равонбинӣ ва маънавиётшиносии адиб тасхиркунандаву дилрабоянда аст. Чунон тарзи ҳаяҷоновари тасвир шояд кам андар кам ва ё ба нудурат манзур гардад.

Умуман дар интиҳои баҳс метавон чунин натиҷагирӣ намуд, ки:

1. «Бахтиёрнома» яке аз беҳтарин намунаҳои насри адабӣ-бадеии форс – тоҷик дар асри XII буда, дар ташаккулу таҳаввули насри адабии асримиёнагӣ мақоми арзанда дорад, ки ба насри адабии давр ва минбаъда таъсири вофир гузоштааст.

2. «Бахтиёрнома» намунаи сабки нави адабӣ дар асри XII аст, зеро сабки ирокӣ ва як шохаи бисёр ҳунармандонаи он – сабки тасаннӯъ маҳсули ҳамин давра буда, ҳосили хомаи муншиёни доираҳои адабии дарбор аст ва маҳз аз ҳамин сабаб намунаҳои бисёр баргузидаи адибони номӣ ва забардаст низ ҳаст.

3. Яке аз навъҳои басо комили насри адабӣ-бадеии форс-тоҷик насри мусаҷҷаъ буда, маншаъҳои ин наср заминаҳои тақаддуси исломӣ-тасаввуфӣ дорад, ки тавассути эҷодиёти Абдуллоҳи Ансорӣ ба адабиёт ворид гардид.

4. Ин навъи наср дар осори мансури адабӣ-бадеии форс-тоҷики асри XII, мисли «Калила ва Димна»-и Абулмаолии Насруллоҳ, «Синдбоднома»-и Заҳирии Самарқандӣ, «Бахтиёрнома»-и Дақоиқии Марвазӣ мароҳили камолот паймуд ва тавассути насри бадеии Саъдии Шерозӣ баландтарин қуллаи музайяни насри адабӣ-бадеиро устувору пойдор сохт. Зеро то кунун асари мансури дигаре ба сити шуҳрат ва маҳбубият ҷойгузини «Гулистон» шуда натавонист.

5. Ин осор бо назардошти насри мавзун ва муқаффо шакли комилан тозаи каломи бадеъи асримиёнагиро тавлид кард, ки он тадриҷан унвони шеъри мансурро касб намуд.

6. Коргирӣ аз шеър дар каломи мансур бо чандин роҳ сурат гирифта бошад ҳам, намунаҳои волои он дар осори Абдуллоҳи Ансорӣ манзур мегардад. Вале дар насри адабӣ-бадеӣ намунаи комили он «Бахтиёрнома» аст.

7. «Бахтиёрнома» яке аз аввалин осори мансури қисса андар қисса ё ҳикоят андар ҳикоят аст, ки ашъори таркиби абвоб комилан аз худи мусанниф аст. Аз ин рӯ, Дақоиқии Марвазӣ нависанда ва шоири маъруфи асримиёнагист, ки дар сабки тасаннӯъ аз намунаҳои волои анвои адабии манзум низ кор гирифтааст.

АДАБИЁТ

1. Дақоиқии Марвазӣ. Бахтиёрнома: таҳияи матн ва мураттиби луғот М.Диловаров. - Душанбе, 2008.
2. Саъдии Шерозӣ. Гулистон. Куллиёт. Ҷилди IV: мураттиб ва муаллифи пешгуфтор С.Сиддиқов. - Душанбе: Адиб, 1990.

3. Герхардт М.И. Исскуство повествования. Литер.последов. "1001 ночи" / М.И.Герхардт (Перевод с английского). - М.:Наука, 1984.
4. Гринсер П.А.Древнеиндийский эпос. Генезис и типология / П.А. Гринсер. - Москва: Наука, 1974.
5. Этте Ҳ. Таърихи адабиёти форсӣ / Ҳ.Этте: тарҷума ва ҳавошии Р.Шафақ. - Теҳрон, 1337.
6. Маликушшуаро Баҳор. Сабкшиносӣ ё таърихи татаввури насри форсӣ. Ҷ.1. - Теҳрон, 1321.
7. Шарифов Х. Назарияи наср дар адаби форсии асрҳои IV-IX ҳичрӣ / Х.Шарифов. - Душанбе: Пайванд, 2004. - 319 с.
8. Салимов Ю. Насри ривоятии форсу тоҷик / Ю. Салимов. - Душанбе: Ирфон, 1971. - 159 с.

МУХТАССОТИ БАДЕӢ – ҲУНАРИИ «БАХТИЁРНОМА»-И ДАҚОИҚИИ МАРВАЗӢ

Яке аз беҳтарин осори насрии асримиёнагии форс-тоҷик «Бахтиёрнома» ё «Роҳату-л-арвоҳ фи сурур-л-мифтоҳ»-и Шамсуддин Муҳаммад Дақоиқии Марвазӣ аст, ки муҳтавои комили тарбиявӣ – ахлоқӣ, панду андарзӣ дорад. Дар «Бахтиёрнома» асосан туҳмату ботилкорӣ бо тамоми нозукиҳояш матраҳ шудааст. Боз аз ҳама муҳим он аст, ки асари «Бахтиёрнома» ё «Роҳату-л-арвоҳ» ва ё «Ҳикоёти даҳ вазир» бо усули беҳтарини дарунмоясозӣ – ҳикоя андар ҳикоя, қисса дар қисса ва ё ту дар ту эҷод шудааст. «Бахтиёрнома» маҳсули садаи XII буда, ба давраи марҳалаи классикии рушд тааллуқ дорад ва маҳз аз ҳамин сабаб ин асар ба адабиёти давр ва минбаъда таъсири вофир гузоштааст. Дар асар пораҳои шеърӣ низ мавриди истифода қарор дода шудааст, ки барои таҳкими андешаҳои муаллиф ва дарёфти ҳақиқат мусоидат менамояд ва ин падида яке аз мухтассоти насри адабӣ-ҳунарии асримиёнагӣ мебошад.

Калидвожаҳо: "Бахтиёрнома", Дақоиқии Марвазӣ, падида, "Роҳату-л-арвоҳ", ботилкорӣ, панду андарз, ҳикоят андар ҳикоят.

ХУДОЖЕСТВЕННОЕ СВОЙСТВО "БАХТИЁРНОМА" ДАКОИКА МАРВАЗИ

История персидско-таджикской прозы является неотъемлемой частью таджикской литературы, так как охватывает историю нации, обычаи, ритуалы и, самое главное, мысли и мировоззрения. Одной из таких драгоценных жемчужин является «Бахтиёрнома», или «Рохату-л-арвох фи сурур-л-мифтох» Шамсиддина Мухаммада Дакоики Марвази, которое отличается нравственным характером. «Бахтиёрнома» Дакоики Марвази в истории персидско-таджикской литературы занимает почетное место. В "Бахтиёрноме" в основном с тонкостью раскрываются темы клеветы и лжи. Самое значительное в "Бахтиёрноме", или "Рохату-л-арвох" или "Рассказах десяти везирей" в том, что оно написано превосходным способом- рассказ в рассказе. "Бахтиёрнома" является плодом XII века и принадлежит периоду классического этапа развития. Поэтому, данное произведение в дальнейшем содействовало процветанию литературы. В произведении, так же использованы отрывки стихотворения, которые помогают лучшей передаче мысли автора и содержания, что считается одним из свойств средневековой художественной прозы.

Ключевые слова: "Бахтиёрнома", Дакоики Марвази, явление, "Рохату-л-арвох", клевета, наставление, рассказ в рассказе.

ARTISTIC PROPERTY OF "BACHTIERNOMA" DAVOIKA MARVAZI

The history of Persian-Tajik prose is an integral part of Tajik literature, as it covers the history of a nation, its customs, rituals and, most importantly, thoughts and ideologies. One of these precious gems is Bakhtiornom or Rohatu-l-arvoh fi sururu-l-miftroh by Shamsiddin Muhammad Dakoiki Marvasi, who is moral in himself. "Bakhtiornom" Dakoiki Marvazi in the history of Persian-Tajik literature takes pride of place. In "Bakhtiyornom" basically with subtlety, the themes of slander and lies are emphasized. The most significant in Bakhtiyornom or Rohatu-l-arvoh or The Stories of the Ten Viziers in that it is written in an excellent secret way — the story in the story. "Bakhtiornom" is the fruit of the XII century and belongs to the period of the classical stage of development. Therefore, this work further influenced the prosperity of literature. In the work, fragments of the poem are also used, which contribute to strengthening the author's thoughts, and achieving the essence and this phenomenon, is considered one of the properties of medieval artistic prose.

Key words: "Bakhtiornom", Dakoiki Marvazi, the phenomenon, "Rohatu-l-arvoh", slander, admonition, story telling.

Сведения об авторе: ***Солехов Мирзо Одинаевич*** - Таджикский национальный университет, доцент кафедры история таджикской литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки 17.
Тел.: **(+992) 981-06-78-75**

Information about the author: ***Solehov Mirzo Odinaevich*** - Tajik National University, lecturer department tajik literature history. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+992) 981-06-78-75**

УДК: 891.550:016:929

ШАЙХ АБӮИСҲОҚИ ИНҶӮ ВА ВАЗИРИ Ӯ – ХОҶА РУКНУДДИНИ АМИДУЛМУЛК – МАМДӮҲОНИ АСОСИИ УБАЙДИ ЗОКОНӢ

Ғаффоров Ш.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Бо ин ки асри XIV дар таърихи шеъру адаби тоҷику форс даврони фитрат баҳогузорӣ шуда, дар замони мазкур адабиёти форсӣ оҳиста-оҳиста марҳалаи эҳёи дубораи худро сипарӣ карда, ба ганҷинаи адабиёти форсӣ шахсиятҳоеро ба бор овард, ки осори онҳо то ба имрӯз аз беҳтарин меросҳои хаттии бо забони форсӣ эътирофгашта, берун аз ҳудуди Эрону Мовароуннаҳр иштиҳор пайдо кардаанд. Аз маъруфтарин суханварони даврои мазкур Хоҷуи Кирмонӣ, Салмони Совачӣ, Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ, Шайх Камоли Хуҷандӣ ва Низомиддин Убайди Зоконӣ ба ҳисоб мераванд, ки ба василаи эҷодиёти гаронқадри

хеш аз ахтарони шеъру адаби форсӣ шинохта мешаванд. Бояд қайд кард, ки ҳаёт ва фаъолияти адибони мазкур ба даврони ҳукумати хонадонҳои сиёсие, амсоли Элкониён ё Оли Ҷалоир, Оли Инҷӯ ва Оли Музаффар, рост меояд. Хонадонҳои зикршуда, агар аз як тараф, дар ҳаёти сиёсии Эрон ва дигаргуниҳои авзои замон нақши барҷаста дошта бошанд, аз сӯйи дигар, пешрафти шеъру адаби форсӣ низ, то ҷое, ба онон алоқаи зич дорад.

Аз ҷумлаи адибоне, ки дар зилли тарбияти ҳокимон ва акобири вақт ҳаёт ба сар бурда, фаъолияти эҷодии худро чи дар назм ва чи дар наср бар асари парастории онон инкишофу тараққӣ дода буд, Убайди Зоконӣ ба ҳисоб хоҳад рафт. Мамдӯҳони Убайди Зоконӣ Шайх Абӯисҳоқи Маҳмудшоҳ, Амир Муборизиддин Музаффар, Шоҳ Шуҷоъ, Хоҷа Рукнуддин Амидулмулк ба ҳисоб мерафтанд. Султон Абӯсаиди Элхонӣ низ ҳарчанд аз мамдӯҳони Убайд ба ҳисоб наравад ҳам, аммо, тибқи баъзе маълумотҳо, ӯ асари насрии худ - “Наводир-ул-амсол”- ро, ки бо забони арабӣ навишта буд, ба султони мазкур эҳдо карда будааст. Убайд мехостааст, то ба василаи вазири Султон Абӯсаид - Хоҷа Алоуддин ин асари худро шахсан дар ҳузури султон муаррифӣ намояд, аммо вазир ин дархости Убайдро иҷро наменамояд [8, с.198]. Аммо, мувофиқи дигар маълумотҳо, Убайд асари мазкури худро на ба Султон Абӯсаид, балки ба вазири вай – Хоҷа Алоуддин бахшида будааст [1, с.90].

Убайди Зоконӣ дар эҷодиёти худ нисбат ба дигар ҳуккому аркони давлатии замонаш бештар ба Шайх Абӯисҳоқ ашъори мадҳиявии худро бахшидааст. Номи пурраи Шайх Абӯисҳоқ Амир Шайх Ҷамолуддиншоҳ Ҳасан ибни Амир Шарафуддин Маҳмудшоҳ мебошад. Чунонки Ибни Батута оварда, Амир Шарафуддин ӯро ба хотири эҳтироми зиёд ва аз сари иродат бар Шайх Абӯисҳоқи Козрунӣ ба номи вай ном гузоштааст [5, с.222]. Шайх Абӯисҳоқ соли 742 ҳ./1342 аз ҷониби Амир Пир Ҳусайни Чӯпонӣ ба ҳукумати Исфаҳон муқаррар мегардад. Аммо, пас аз муддате, бар Шайх Абӯисҳоқ муяссар мегардад, ки дасти умарои чӯпониро аз мамолики Форс кӯтоҳ намояд ва алами истиқлолро дар Шероз барафрозад. Ӯ ҳам Пир Ҳусайнро, ки ҳокими вақти Форс гардида буд ва ҳам Малик Ашрафро, ки аз Озарбойҷон чашми тамаъ бар Шерозу Кирмон дӯхта буд, бо ҳила аз пойтахти Форс ба фирор маҷбур менамояд. Бо ин ки баъд аз муддате бародари Шайх Абӯисҳоқ – Масъудшоҳ аз ҷониби Шайх Ҳасани Ҷалоирӣ, ки Ироқи Араб ва Аҷам дар ихтиёри амри вай қарор дошт, ба ҳукумати Форс таъйин карда мешавад, ин дафъа низ бар Шайх Абӯисҳоқ муяссар мегардад, ки ҳукумати Форсро дар ихтиёри худ бигирад. Пас аз муқаррар гардидан бар ҳукумати Исфаҳон, Шайх Абӯисҳоқ барои ба даст овардани Шероз Малик Ашрафро бар зидди Пир Ҳусайн шӯронда, ӯро аз Озарбойҷон ба Исфаҳон даъват мекунад ва бо вай муттаҳид гашта, ба Шероз лашкар мекашад. Дар натиҷаи ҳамин нақшаи сиёсии Шайх Абӯисҳоқ буд, ки, аввалан, Пирҳусайн ва, баъдан, Малик Ашраф бо ҳам машғули ҷангу муқовимат гардида, ҳар ду аз Форс ронда мешаванд ва пойтахти он дар ихтиёри Шайх Абӯисҳоқ қарор мегирад.

Соли 743 ҳ./ 1344, бо ин ки Малик Ашраф як дафъаи дигар ҳам бо Ёғии Бостӣ муттаҳид гашта, дар пайи ҳамла ба Форс мешавад, ин бор ҳам, ба мӯҷиби хабари қатли Шайх Ҳасани Чӯпонӣ – ҳокими Озарбойҷон аз муҳосираи Шероз даст кашида, ба Табрез бармегардад. Дар хилоли ҳамин рухдод, Абӯисҳоқ дар тахти Шероз ҷулус намуда, хутбаву сикка ба номи худ мекунад ва истиқлоли хешро эълон менамояд. Пас аз нишастан дар тахти Шероз, аркон ва умарои давлат Шайх Абӯисҳоқро бо номи Абӯисҳоқи Инҷӯ хитоб менамоянд. Қайд кардан бамаврид аст, ки Абӯиҳоқи Инҷӯ миёни намояндагони хонаводаи Инҷӯён аввалин ва охирин шоҳест, ки дар тахти Шероз ҷулус намуда, хутбаву сиккаро бо номи ин хонадон кардааст. Муҳаққиқон муддати салтанати Шайх Абӯисҳоқро аз ҳамин сана шумурдаанд, бо ин ки то ҷулус бар тахти Шероз чанд соли дигар ҳам ӯ мусалсал - ба таври муваққат дар Форс ҳукумат карда буд. Шайх Абӯисҳоқ дар санаи 758 ҳ./ 1359 аз ҷониби муассиси дудмони Музаффариён - Амир Муборизиддин дар Шероз ба қатл мерасад.

Шайх Абӯисҳоқ дорои ахлоқи ҳамидае монанди адолат, афв ва базлу бахшиш буд. Нишондоди кутуби тазкира ва гуфтори шоирони мадҳияпардози дарбори вай далели адолатпарварии вай ба ҳисоб хоҳанд рафт. Аз ҷумла, Убайди Зоконӣ дар чанд ҷойи ашъораш дар ин маврид мегӯяд:

Ҷаҳонпаноҳо, адли ту ҷони оламро
Зи ҷаври ҳодиса парвонае амон овард [4, с.21].

Ва:

Ба аҳди адли ту ҷуз най намезанад нола,
Нард аст ҳодиса, ҷуз даф намекунад овоз [4, с.25].

Ва:

Ба адли шоҳ сари худ чу мор кӯфта ёфт,
Касе, ки хонаи мӯре ба зулм вайрон кард [4, с.27].

Бо ин ки Шайх Абӯисҳоқ майлу рағбат ба илму дониш ва, хусусан, ба шеъру шоирӣ дошт, дар умури сиёсӣ ва ҳалли мушкилоти давлат саҳландеш низ буд. Ӯ, чунонки

сарчашмаҳову манобеъ қайд менамоянд, нисбат ба хушгузаронии вақт ва шурбу шодхорӣ таваҷҷуҳи хосса дошт ва ҳамин тарзи зиндагонӣ пояҳои салтанати ӯро бисёр ноустувор гардонида буданд. Ӯ дар бисёри маворид хони шурби мудом ва ташкили базмҳои шеъру рифоҳро бар тахти сиёсат риҷҳон мениҳод. Ӯ, ҳатто, дар нозуктарин вазъиятҳои даврони ҳукумати худ низ аз шурбу хамр дурӣ намеҷуст. Вақте ки Шайх Абӯисҳоқ мавҷи лашкари Амир Муборизиддинро дар хориҷи дарбори худ дар ҷавлон мебинад ва аз надими худ мепурсад, ки ин чист ва ӯ дар посух мегӯяд, ки лашкари Амир Муборизиддин аст, ба сӯйи вай табассуме карда, мегӯяд: “Ачаб аблаҳ мардакест Муҳаммади Музаффар, ки дар чунин навбаҳоре худро ва моро аз айшу хушдилӣ дур мегардонад ва ин байт аз “Шоҳнома” бихонд ва аз бом фуруд омад:

Биё, то як имшаб тамошо кунем,
Ҷу фардо расад, фикри фардо кунем” [6, с.422].

Аммо, Шайх Абӯисҳоқи Инҷӯ дар сиёсати дохилӣ эътироф ва муҳаббати аркони давлатӣ, умаро ва аҳли фазлу адабро ба даст оварда буд. Риҷоли муҳимми сиёсӣ кӯшиш мекарданд, то ба дарбори Инҷӯ роҳ ёбанд ва мавриди илтифоту меҳрубонии вай қарор бигиранд. Ӯ мардони дониш ва дорои таҷоруби сиёсиро ба худ ҷалб мекард ва бо онон бо эҳсону макрамат муомила мекард. Ҳамин базлу бахшиши зиёди Шайх Абӯисҳоқ буд, ки шоирону суханварони зиёде дарбори ӯро маҷмаи гирудору сабқати ҳунарӣ қарор дода буданд ва аз хони неъмату карами вай доимо баҳравар буданд. Ин буд, ки дар даврони салтанати вай, уламову донишмандони зиёде монанди: Қозӣ Аздуддини Эҷӣ – муаллифи осори зиёд, Шайх Аминуддини Булёнӣ, Шамс Фахрии Исфаҳонӣ – муаллифи “Меъёри Ҷамолӣ ва мифтоҳи Абӯисҳоқӣ”, Абулаббос Аҳмад ибни Абулхайри Заркӯб – муаллифи “Шерознома”, Муҳаммад ибни Маҳмуди Омулӣ, ки китоби “Нафоис-ул-фунун ва ароис-ул-уюн”- и худро ба Шайх Абӯисҳоқ тақдим кардааст, ба фаъолияти эҷодӣ пардохта, мавриди иноёти шоҳи инҷӯ қарор мегирифтаанд. Аз шоирон Хоҷуи Кирмонӣ маснавии “Камолнома”- и худро ба Шайх Абӯисҳоқ бахшидааст. Сайид Ҷалолуддин ибни Азди Яздӣ, Хоҷа Ҳофиз ва Убайди Зоконӣ мадоеҳи зиёд дар шаъни Шайх Абӯисҳоқ сурудаанд ва савумӣ ҷуз аз қасоид манзумаи “Ушшоқнома”- и худро низ ба номи вай ихтисос додааст.

Шайх Абӯисҳоқ худ низ гоҳо шеър месуруд. Чунончи, абёти зер, ки дар мавзӯи нуҷум гуфта, аз ҳунари хуби шоирии вай ва, дар навбати худ, аз пояи тафаккуру ҷаҳонбинии вай далолат мекунанд:

Неку бад аз ситора чун зояд,
Ки худ аз неку бад забун ояд.
Гар ситора саодате додӣ,
Кайқубод аз мунаҷҷиме зодӣ.
Кист, к-аз мардуми ситорашинос
Раҳ ба ганҷинае бурд ба қиёс?
Ту диҳӣ ба миёнҷӣ онро ганҷ,
Ки надонад ситора ҳафт аз панҷ.
Гарчи ҳаст аз дақиқаҳои нуҷум,
Ба якояк нуҳуфтаҳои улум.
Ҳамаро рӯй дар Худо дидем
В-аз Худой бар ҳама туро дидем [10, с.111].

Истеъдоди шоирии вай то он дараҷа буд, ки, ҳатто, ҳангоме ки ӯро бо амри Амир Муборизиддин ба қатл мерасонанд, пеш аз қатл ӯ ду рубоии зерро месарояд:

Афсӯс, ки мурғи умрро дона намонд,
В-уммед ба ҳеч хешу бегона намонд.
Дардову дареғо, ки дар ин муддати умр
Аз ҳар чи шунидем, ҷуз аз афсона намонд [7, с.75; 2, с.147].

Ва:

Бо чархи ситезакор мастезу бирав,
Бо гардиши даҳр дармаёмезу бирав.
Як косаи заҳр аст, ки маргаш хонанд,
Хуш даркашу ҷуръа бар ҷаҳон резу бирав [7, с.75; 2, с.147].

Абӯисҳоқи Инҷӯ кӯшиш мекард, ки дар саховату инъомдиҳӣ ба аҳли фазлу адаб хештанро ба салотини Ҳинд монанд кунад [11, с.277]. Ба туфайли лутфу карами Шайх Абӯисҳоқ, аркон ва акобири дарбори ӯ низ дар пайравӣ аз вай хони сахои хешро баҳри суханпарварон мегустарониданд ва дар зилли сиёсати шоирпарваронаи вай ба тарбияи аҳли фазлу камол мекӯшиданд. Аз ҷумлаи мадҳияпардозони маъруфтарини Шайх Абӯисҳоқ ва шоироне, ки бештар аз ҳама машмули илтифототи карами шоҳи мазкур ва аркону бузургони ӯ монанди Хоҷа Рукнуддин Амидулмулк, Қозӣ Маҷдуддин, Шайх Аминуддин, Шайх Аздуддин ва Ҳоҷӣ Қавомуддин қарор мегирифтанд, Хоҷа Ҳофиз ва Убайди Зоконӣ ба шумор мерафтанд.

Миёни шоирони мадҳгӯйи Шайх Абӯисҳоқ Убайди Зоконӣ нисбат ба дигарон дар мадҳу ситоиши вай бештар шеърҳо сурудааст. Холиқ Мирзозода дар таърихи адабиёти худ зикр карда, ки Убайд ба Шайх Абӯисҳоқ 38 қасидаву қитъаро ихтисос додааст. Вале бояд қайд кард, ки дар ду куллиёти осори Убайд, ки яке дар Ганҷинаи дастнависҳои шарқии Академияи илмҳои Тоҷикистон таҳти рақами шартии 555/13 ва дигаре дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон зери шумораи шартии 12475 ҳифз мешаванд, як таркиббанди бузург, 19 қасида дар ҳаҷмҳои гуногун ва як қитъаи хурд дар мадҳи Шайх Абӯисҳоқ мавҷуданд [3; 5-1]. Зимнан, қайд кардан бамаврид аст, ки нусхаи аввалӣ яке аз нусхаҳои қадимтарини осори Убайд ба ҳисоб меравад ва он пас аз 35 соли даргузашти адиб - моҳи шавволи соли 707 ҳ. / 12- уми апрели соли 1405 китобат гардидааст. Нусхаи мураттабсохтаи зери шумораи шартии 12475, ки ба тасҳеҳи Ҷобулқо Додалишоев мураттаб гаштааст, пурра аз рӯйи ҳамин нусхаи қадим тадвин гардидааст.

Нусхаи омоданамудаи муҳаққиқи даврони шӯравии тоҷик зери унвони “Осор”- и Убайди Зоконӣ соли 1991 дар нашриёти “Дониш”- и Душанбе бо расмулхатти форсӣ дар ҳаҷми 212 саҳифа ба табъ расидааст. Дар оғози ҳамин нусха, пас аз як таркиббанд, ки Убайд дар тамҳид, маноқиби паёмбар ва чорёрон пардохта, таркиббанди бузургеро дар ҳаҷми 35 байт - фарогири 5 банд, ки ҳар яке аз 7 байт иборат аст, ба мадҳу ситоиши Шайх Абӯисҳоқ бахшидааст. Ин ки Убайд таркиббанди мазкурро дар қисмати оғозини куллиёти хеш ҷой дода, нишонгари таваҷҷуҳи махсуси вай нисбат ба Шайх Абӯисҳоқ аст. Дар банди якуми таркиббанди мазкур Убайд суханро аз тавсифи табиат ва зебоиҳои он кушода, дар байти 5-ум ба таври ҳунармандона ситоиши аносири табиатро ба мадҳи мамдӯҳи худ иртибот медиҳад ва мегӯяд:

Лофи заҳҳокӣ занад гул, лоҷарам, аз адли шоҳ,
Бар сари бозорҳо бас дастаҳо барбастаанд.
Тойирони гулшани қудс аз барои ихтиёр
Ҳарзи мадҳи шоҳ бар атроф шаҳпар бастаанд.
Гул, нигар, бар тахти бустон бар сар афсар ёфта,
Оби ҳайвон хӯрдаву мулки Сикандар ёфта [4, с.8-9].

Дар банди минбаъда низ Убайд ба тавсифи табиат пардохта, нақшбандиҳои онро ҷиҳати базми шоҳонаи Шайх Абӯисҳоқ қаламдод мекунад:

Нақшбанди боғ анвои раёҳин ҳар замон
Аз барои базми султон корсозӣ мекунад.
Шайх Абӯисҳоқ, шоҳи тоҷбахши комгор,
Офтоби ҳафт кишвар, сояи Парвардгор [4, с.9].

Бояд зикр кард, ки таркиббанди мазкури Убайд яке аз зеботарин ашъори мадҳиявӣ дар ситоиши Шайх Абӯисҳоқ маҳсуб мешавад. Аз ҷумла, мақтаоти онро метавон ба ҳайси беҳтарин намунаҳо мисол овард:

Мисли ту дар ҳеҷ қарне подшоҳе барнахост,
Мулку миллатро чу ту пушту паноҳе барнахост [4, с.9].

Ва:

Эй зи Яздон то абад мулки Сулаймон ёфта,
Ҳар чи ҷуста ҷуз назар аз фазли Яздон ёфта [4, с.10].

Ва:

Амру наҳятро фалак маҳкуми фармон боду ҳаст,
Хонумони душманат пайваста вайрон боду ҳаст [4, с.10].

Аввалин қасидаи мадҳиявии Убайди Зоконӣ дар шаъни мамдӯҳи асосии худ – Шайх Абӯисҳоқ иборат аз 32 байт буда, матлаъ, ду байти баъдии он ва, ҳамчунин, абёти 6-ум, 7-ум, 12-ум ва 29-уми он ба забони арабиянд. Дар қасидаи мазкур Убайд мамдӯҳи худро бо сифоте монанди: Сулаймони Дувум, Ҷамшеди Сонӣ, султони ҷавонбахт, шукӯҳафзои тахти кайқубодӣ, сарирафрӯзи базми хусравонӣ, фаридунҳашмат, сикандаррафъат тавсиф карда, ҳамчунин, базлу бахшиш, саховатмандӣ ва адолатпарварии ӯро ба таври басо ҷолиб ситоиш менамояд:

Ба иқболаш фалакро сарбаландӣ,
Ба давронаш ҷаҳонро шодмонӣ.
Кунад пайваста бар айвони қадраш
Зуҳал чӯбакзанӣ, маҳ посбонӣ.
Ҳамаш таъйиду нусрат лоязолӣ,
Ҳамаш иқболу давлат осмонӣ.
Ҳумоюн сояи чатри баландаш
Чу хуршед аст дар кишварситонӣ.
Ҳамеша кӯтволи давлати ӯ
Кунад бар боми гардун дидабонӣ.
Хуҷаста килки ӯ дар ганҷпошӣ,
Муборак дасти ӯ дар зарфишонӣ.
Гуҳарбор аст чун абри баҳорӣ,

Дирамрез аст чун боди хазонӣ.
Ба аҳди адли султони ҷавонбахт,
Ки ӯро мерасад фармонравонӣ.
Нуҷунан мин татарруқ-ул-ҳодисот,
Уфунан мин балийёт-уз-замонӣ [4, с.12-13].

Убайди Зоконӣ дар абёти мунтаҳои қасидаи фавқуззикр ба таври бас ҳунармандона бо истифода аз санъати гурез аз тавсифи мамдӯҳ ба таърифи ҳунари худ гузашта, дар мақтаъ суханро боз бо тавсифи дуогуна дар шаъни мамдӯҳи хеш ба анҷом мерасонад:

Санои шоҳ кори ҳар касе нест,
Муқаррар бар Убайд аст ин маонӣ.
Ҳамеша то бад-ин фирӯзагун кох
Кунад хуршеди тобон қаҳрамонӣ.
Зафар бо мавкаби ӯ ҳамқарин бод,
Ки бар вай хатм шуд соҳибқиронӣ [4, с.13].

Ҳамчунин, дар қасоиди ба мадҳи Шайх Абӯисҳоқ бахшидааш Убайд дар шаъни мамдӯҳи худ мегӯяд:

Нақши номи Шайх Абӯисҳоқ бинни Маҳмудшоҳ
Сиккаи рухсори чархи симсимо кардаанд [4, с.15].

Ва:

Шайх Абӯисҳоқ, дорои ҷаҳон, Ҷамшеди аҳд,
Подшоҳи баҳру бар, султони гардуниқтидор [4, с.17].

Ва:

Шоҳи ҷаҳон, Сикандари сонӣ, Ҷамолуддин,
Он, к-офтоб чокари ханҷаргузори ӯст [4, с.18].

Ва:

Ҷамоли дунйиву дин, подшоҳи ҳафт иқлим,
Ки бахту давлат бар даргаҳаш қирон карданд [4, с.19].

Мамдӯҳи дигари Убайди Зоконӣ, ки миёни мамдӯҳони Убайд ҷойи дувумро ишғол менамояд, Хоҷа Рукнуддини Амидулмулк мебошад. Амидулмулк писари Хоҷа Шамсуддин Сойин - вазири аъзами Амир Шайх Абӯисҳоқ буд. Сойини вазир, қаблан, вазорати хонадони Чӯпониҳо - Пир Ҳусайн ва Малик Ашраф, баъдан, Амир Муборизиддин ва, ахиран, Шайх Абӯисҳоқро бар дӯш дошт. Ӯ дар ҷанге, ки миёни Шайх Аӯисҳоқ ва Амир Муборизиддин дар Кирмон гузашта буд ва бо шикасти Шайх Абӯисҳоқ анҷом пазируфт, ба қатл мерасад. Хоҷа Шамсуддин Сойин дар тарбияи аҳли фазл эҳтимоми шоиста меварзид.

Пас аз он ки вазири мазкур ба қатл мерасад, Шайх Абӯисҳоқ писари вай - Хоҷа Рукнуддини Амидулмулкро ба мансаби вазорат дар ҷойи падар муқаррар мегардонад. Вазири мазбур пас аз ба қатл расидани Шайх Абӯисҳоқ ба хидмати Амир Муборизиддин медарояд ва ба мансаби вазорат таъйин мегардад. Дар хидмати Амир Муборизиддин Хоҷа Амидулмулк ба мартабаи воло расида, мавриди иноёт ва илтифоти амири мазкур воқеъ мегардад. Хоҷа Амидулмулк вазири бисёр тарҷрибадор ва закиву донишманд буд. Ба василаи кордониву бокифоятии вай чандин бор миёни салотин ва ҳокимони давр сулҳ инъиқод мегардад. Аз ҷумла, ҳангоме ки Амир Муборизиддин пас аз ғалабаҳои пайдарпай дар фикри тасарруфи Луристон мешавад, миёни музаффариён ва ҳокими Луристон – Атобак Нурулвард бо васотати вазири навтаъйини ӯ – Хоҷа Рукнуддини Амидулмулк ҷанг барпо намегардад. Амир Муборизиддин вазири мазкурро ҳамроҳи Носируддини Ханҷӣ ва Амир Камолуддин Ҳусайни Рашидӣ (набераи Хоҷа Рашидуддини Фазлуллоҳ) ва Хоҷа Садруддини Анорӣ барои инъиқоди сулҳ ба назди атобак мефиристад, ки, дар натиҷа, Нурулвард ба сулҳ ризоият дода, сари тобеият фуруд меорад.

Хоҷа Рукнуддини Амидулмулк аз мамдӯҳони Хоҷуи Кирмонӣ ва Убайди Зоконӣ маҳсуб мешуд. Аз ҷумла, Хоҷу маснавии “Ҳумой ва Ҳумоюн”- ро ба Сойин ва писараш – Амидулмулк бахшидааст. Хоҷа Рукнуддин аҳли фазлу адаб буд ва истеъдоди шоирӣ низ дошт. Шоирону фозилони зиёде дар зилли тарбияти вай қарор доштанд. Хоҷуи Кирмонӣ ва Убайди Зоконӣ дар мадҳи ӯ қасидаҳо сурудаанд. Аз ҷумла, дар девони Убайди Зоконӣ як таркиббанд дар ҳаҷми 35 байт ва 5 қасида дар мадҳи вазири мазкур мавҷуданд. Аз ҷумла, аз банди чаҳоруми таркиббанди вай то чи дараҷа соҳибнуфуз будани вазир Рукнуддин ва нисбат ба аҳли илму фазл ва ҳунару истеъдод хайрхоҳ будани вай маълум мегардад:

Хусраво, пеш, ки ин тоқи муалло карданд,
Сақфи ин торуми нуҳпояи мино карданд.
Ҳар чи бахти ту талаб кард, бад-ӯ бахшиданд,
Ҳар чи иқболи ту мехост, муҳайё карданд.
Ҷуду овозаи мардӣ зи ҷаҳон гум шуда буд,
Бозуву килки ту ин қоида эҳё карданд.
Подшоҳон ба ҳарими ту ҳимоят ҷустанд,

Шаҳриёрон ба ҷаноби ту тавалло карданд.
Аз дами ҳалқи равонбахши ту меёбад рӯҳ,
Он ривоят, ки зи анфоси Масеҳо карданд.
Чархро тарбияти аҳли ҳунар расм набуд,
Ин ҳикоят караму ҷуди ту пайдо карданд.
Эй саропардаи ҳиммат зада бар чархи баланд,
Амрат андохта дар гардани хуршед каманд [4, с.11-12].

Дар қасоиди ба Рукнуддин Амидулмулк бахшидааш Убайд беҳтарин авсофро ба мамдӯҳи хеш бахшидааст. Аз абёти зери вай агар, аз як сӯ, ҷоҳу ҷалол ва нуфузи шахси вазир васф шуда бошанд, аз сӯйи дигар, ҷуду саховати ӯ дар баробари аҳли фазлу дониш тавсиф гаштаанд:

Худойгони ҷаҳон, Рукнуддин Амидулмулк,
Муҳити маркази давлат, сипеҳри ҷоҳу ҷалол.
Ба қаҳр ҳосидсӯзу ба лутф мухлиссоз,
Ба ҷуд душмани молу ба рой душманмол.
Сазад, ки садрнишинони корхонаи қудс
Кунанд аз сари таъзим в-аз раҳи иҷлол...
Ҷаҳонпаноҳо, олиҷаноб ҳазрати ту,
Мақарри ҷоҳу ҷалол асту манбаи иқбол.
Туро расад ба ҷаҳон сарварӣ ба истеҳқоқ,
Туро расад ба ҷаҳон хоҷагӣ ба истиқлол.
Замин зи ҳукми шумо гашт мустақимаркон,
Замон зи килки шумо гашт мунтазамаҳвол.
Тасаввур аст адуро хаёли мансаби ту,
Зиҳӣ, тасаввури ботил, зиҳӣ, хаёли муҳол [4, с.42].

Ва:

Рукни дин, хоҷаи маҳчокару хуршедғулом,
Ки дилу мартабаи Ҳотаму доро дорад.
Дар ҷаҳон ҳамсару ҳамто-ш на буду на ҳаст,
Ба Худое, ки на анбозу на ҳамто дорад...
Дасти дурпоши гуҳарбахши ту ҳангоми ато
Ҳамчу абр аст, ки хосияти дарё дорад.
Ростӣ, Хоҷа, дар ин аҳд туро шояд гуфт,
Ки зи ҷудат ҳама кас айш муҳайё дорад.
Хоҷа он аст, ки ӯ лутфу карам дораду ҷуд,
Хоҷа он нест, ки аспу зару коло дорад [4, с.44].

Бояд қайд намуд, ки ҷуз аз абёти фавқуззикр дар куллиёти ашъори Убайд қасоиди зиёде мавҷуданд, ки ихтисос ба мадҳу ситоиши мамдӯҳони асосии худ – Шайх Абӯисҳоқ ва Хоҷа Рукнуддин Амидулмулк ёфтаанд. Дар қасоиди мазкур агар, аз як тараф, ҳунари баланди шеърсароии Убайд инъикос ёбад, аз сӯйи дигар, таваҷҷуҳи ҳокимони давр ва аркону давлатмардони онҳо ба шеъру адаби форсӣ маълум мегардад. Ба василаи эҳтимомоти ҳокимону аъёни дарбори онон муҳити адабии замони зиндагонии шоирону адибоне монанди Хоҷуи Кирмонӣ, Хоҷа Ҳофиз ва Убайди Зоконӣ назму насҷи муайяни худро пайдо менамуданд. Таваҷҷуҳи ҳокимони давр ва акобири ҳукумати онон, муҳитҳои адабӣ дар Шерозу Исфаҳон тамаркуз пайдо менамуданд ва аҳли илму фазлро гирди ҳам ҷамъ меоварданд. Шеъри дарбории форсӣ дар ҳамин муҳит рушди дубораи худро пас аз ҳамлаи муғул дар шакли қасоиди мадҳиявӣ пайдо намуд ва беҳтарин қасоиди адабиёти тоҷику форсро рӯйи кор овард. Аз ҷумлаи беҳтарин анвои қасоиди мадҳиявӣ қасидаҳои ба мадҳи Шайх Абӯисҳоқи Инҷӯ ва вазири аъзами дарбори вай - Хоҷа Рукнуддин Амидулмулк гуфташуда ба ҳисоб хоҳанд рафт, ки назири онҳо дар адабиёти давраи фитрат бисёр кам аст. Қасоиди мадҳиявии Убайд чи аз ҳайси сабку услуб, чи аз ҳайси салосату лутфи сухан ва балоғати суханварӣ, чи аз ҷиҳати истифодаи санъатҳои бадеи сухан ва чи аз ҷиҳати интихоби вожагони нобу мутаносиб на танҳо дар адабиёти даврони мазкур, дар кулли таърихи шеъру адаби порсӣ аз зумраи беҳтарин ашъори мадҳиявӣ ба ҳисоб хоҳанд рафт. Бинобар ин, тадқиқу таҳқиқи минбаъдаи онҳо дар илми адабиётшиносии муосири тоҷик заруратро ба вуҷуд меоварад, зеро ҷойи онҳо то ҳанӯз ҳам дар адабиётшиносии ватанӣ холӣ аст.

А Д А Б И Ё Т

1. Адабиёти тоҷику форс дар асрҳои XII-XIV. Китоби дуюм; муҳаррири масъул: Расул Ҳодизода. - Душанбе: Дониш, 1983. - 229 с.
2. Доғистонӣ, Вола. Риёз-уш-шуаро / Волаи Доғистонӣ: муқаддима, тасҳеҳ ва таҳқиқи Муҳсин Ноҷии Насрободӣ; баргардонандаи матн ба хатти кириллии тоҷикӣ, муаллифи пешгуфтор ва шарҳи луғоту тавзеҳот Мисбоҳиддини Нарзиқул. Ҷ.I. - Душанбе: Офсет, 2018. - 727 с.

3. Зоконӣ, Убайд. Девон. Дастхат: настаълиқ, дар асри XX дар дафтар бо ранги чернил китобат шудааст. Нусхаи дастнависи китобхонаи Институти забон ва адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакии Академияи илмҳои Тоҷикистон зери шумораи шартии 1063. - 270 с.
4. Зоконӣ, Убайд. Осор / Убайди Зоконӣ; бо тасҳеҳ ва муқаддимаи Ҷобулқо Додалишоев. Академияи улуми Ҷумҳурии Шӯравии Тоҷикистон. Институти шарқшиносӣ. - Душанбе: Дониш, 1991. - 212 с.
5. Ибни Батута, Муҳаммад ибни Абдуллоҳ. Сафарнома ("Раҳла"- и Ибни Батута). Ҷилди аввал; тарҷумаи Муҳаммад Алии Муваҳҳид. - Теҳрон: Бунгоҳи тарҷума ва нашри китоб, 1359. - 447 с.
6. Иқбол, Аббос. Таърихи муфассали Эрон. Аз истилои муғул то эълони машрутият. Ҷилди аввал. (Аз ҳамлаи Чингиз то ташкили давлати темурӣ). - Теҳрон: Амири Кабир, 2536. - 619 с.
7. Катбӣ, Маҳмуд. Таърихи Оли Музаффар; ба эҳтимом ва таҳшияи Абдулҳусайни Навоӣ. - Теҳрон: Амири Кабир, 1364. - 197 с.
8. Мирзозода, Холиқ. Таърихи адабиёти тоҷик (асрҳои XIII-XV) / Холиқ Мирзозода. Китоби 2. - Душанбе: Маориф, 1977. - 399 с.
9. Раджабов Муса. Мировоззрение Убайда Зокони. - Сталинабад: Таджикгосиздат, 1958. - 113 с.
10. Сутуда, Ҳусайнқулӣ. Оли Музаффар. Ҷилди аввал. - Теҳрон: Донишгоҳи Теҳрон, 1346 ҳ. - 335 с.
11. Сутуда, Ҳусайнқулӣ. Оли Музаффар. Ҷилди дувум. - Теҳрон: Донишгоҳи Теҳрон, 1347 ҳ. - 364 с.

ШАЙХ АБӮИСҲОҚИ ИНҶӮ ВА ВАЗИРИ Ӯ – ХОҶА РУКНУДДИНИ АМИДУЛМУЛК – МАМДӮҲОНИ АСОСИИ УБАЙДИ ЗОКОНӢ

Дар асри XIV, ки дар таърихи адабиёти тоҷику форс давраи фитрат шумурда мешавад, адибоне ба саҳнаи эҷод омаданд, ки ба туфайли мероси гаронбаҳои худ мақоми бузургеро дар шеъру адаби порсӣ пайдо намудаанд. Яке аз ин адибон Убайди Зоконӣ ба ҳисоб меравад, ки ҳам дар назм ва ҳам дар наср қареҳаи камназир дорад. Убайд умри бештари худро дар муҳитҳои адабии дарборӣ гузаронидааст. Бо ин ки Убайди Зоконӣ зиёда аз 20 соли умри худро дар пойтахти Ироқи Араб дар муҳити адабии дарбори элхонон, ба хосса, дар хидмати вазири аъзами Султон Абӯсаид - Хоҷа Алоуддин Муҳаммад гузаронидааст, аммо ӯ қасоиди мадҳиявии хешро на ба салотини элхонӣ ва вазирони онҳо, балки ба Шайх Абӯисҳоқи Инҷӯ - ҳокими Форс ва вазири вай – Хоҷа Рукнуддин Амидулмулк бахшидааст. Ҳарчанд ки дар баъзе манбаъҳо қасоиди ба Хоҷа Алоуддин Муҳаммад бахшидаи Убайд қайд гардидаанд, бояд қайд намуд, ки дар қадимтарин нусхаи осори адиб, ки дар Ганҷинаи дастнависҳои шарқии Академияи илмҳои Тоҷикистон таҳти рақами шартии 555/13 ҳифз карда мешавад, ягон қасида дар шаъни вазири мазкур вуҷуд надорад. Баръакс, дар нусхаи мазкур як таркиббанди бузург, 19 қасида дар ҳаҷмҳои гуногун ва як қитъаи хурд дар мадҳи Шайх Абӯисҳоқ ва як таркиббанд дар 35 байт ва 5 қасида дар ситоиши вазири ӯ мавҷуданд. Ин нишон медиҳад, ки Шайх Абӯисҳоқ ва вазири вай - Хоҷа Рукнуддин Амидулмулк аз мамдӯҳони асосии Убайди Зоконӣ ба ҳисоб рафта, вай нисбат ба ҳардуи онҳо таваҷҷуҳи хосса доштааст. Убайд, чунонки худ дар яке аз шеърҳояш қайд намуда, 12 соли умри худро дар хидмати Шайх Абӯисҳоқ гузаронида, ниҳоятан, дар айёми пирӣ аз вай рухсати озод шудан аз хидмати дарборро тақозо менамояд. Дар хидмати Шайх Абӯисҳоқ Убайди Зоконӣ беҳтарин қасидаҳои худро меофарад, ки аз ҳар ҷиҳат бисёр ҷолиби диққатанд ва метавон онҳоро аз зумраи беҳтарин қасоиди шеъри форсӣ эътироф кард.

Калидвожаҳо: Убайди Зоконӣ, Шайх Абӯисҳоқи Инҷӯ, Хоҷа Рукнуддин Амидулмулк, қасидаи мадҳиявӣ, таркиббанд, адабиёти тоҷику форс, мамдӯҳ, мадҳу ситоиш.

ШЕЙХ АБУ ИСХАК ИНДЖУ И ЕГО ВИЗИРЬ – ХОДЖА РУКНЕДДИН АМИДАЛЬМУЛЬК – ОСНОВНЫЕ ВОСХВАЛЯЕМЫЕ В ПРОИЗВЕДЕНИЯХ УБАЙДА ЗОКОНИ

В XIV веке, считающемся периодом упадка в истории таджикско-персидской литературы, появились такие литераторы, которые своим бесценным художественным наследием занимают заметное место в персидской литературе. Одним из этих литераторов считается Убайд Зокони, который и в поэзии и в прозе отличается несравненным даром. Основную часть своей жизни Убайд провел в придворных литературных кругах. Несмотря на то, что более 20 лет своей жизни Убайд провел в столице Ирака Арабском – Багдаде в литературных кругах ильханов, в том числе на службе великого визиря Султан Абусаида Ходжи Алоуддина Мухаммада, но свои хвалебные стихи в основном посвятил правителю Персии Шейху Абу Исхаку и его министру – Ходже Рукнуддину Амидульмульку. Хотя некоторые источники отмечают на касыды поэта, посвященные Ходже Рукнуддину Амидульмульку, но нужно заметить, что в старинном экземпляре произведений Убайда, сохранившемся под условным номером 555/13 в Отделе восточных рукописей Академии наук Республики Таджикистан нет ни одной касыды, которая была бы посвящена восхвалению вышеупомянутого визиря. Напротив, в данной рукописи имеются 1 таркиббанд (стихотворная форма с повторяющимся рефреном), 19 касыд в разных объемах и 1 малая кит'а (род поэтического жанра) восхваления Шейх Абу Исхака и один таркиббанд в 35 бейтах и 5 касыд, посвященных его визирю Ходже Рукнуддину Амидульмульку. Это указывает на большое внимание и симпатию Убайда Зокони Шейху Абу Исхаку и его визирю. Как подчеркивает сам Убайд в одном из своих стихов он 12 лет своей жизни провел на службе у Шейха Абу Исхака, после которой в старости просит у него своего освобождения от его службы. О службе Шейха Абу Исхака Убайд сочиняет свои самые прекрасные оды, которые в большинстве своем достойны пристального внимания и их можно включить в ряд самых интересных и лучших од в таджикско-персидской литературе.

Ключевые слова: Убайд Зокони, Шейх Абу Исхак, Ходжа Рукнуддин Амидульмульк, хвалебные стихи, таркиббанд, таджикско-персидская литература, восхваляемый, хваление.

SHEIKH ABU ISHAK INJU AND HIS WIZAR - HODJA RUKNEDDIN AMIDALMULK - MAJOR PRAISED IN WORKS OF UBYD ZOKONI

In the XIV century, which is considered a period of decline in the history of Tajik-Persian literature, such writers appeared who, with their invaluable artistic heritage, occupy a prominent place in Persian literature. One of these writers is Ubaid Zokoni, who in both poetry and prose is distinguished by an incomparable gift. Ubaid spent most of his life in court literary circles. Despite the fact that Ubayd spent more than 20 years of his life in the Arab capital of Iraq, Baghdad, in the literary circles of the Ilkhans, including in the service of the great vizier Sultan Abusaid Khoja Alouddin Muhammad, he mainly devoted his laudatory verses to the ruler of Persia, Sheikh Abu Ishaq and his Minister - Khoja Ruknuddin Amidulmulk. Although some sources point to the poet's qassids dedicated to Khoja Ruknuddin Amidulmulk, it should be noted that in the old copy of Ubaid's works preserved under conditional number 555/13 in the Department of Oriental Manuscripts of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan there is not a single qasida dedicated to praising the aforementioned the vizier. On the contrary, in this manuscript there are 1 tarkibband (poetic form with a repeating refrain),

19 kasyd in different volumes and 1 small kit'a (a genre of poetic genre) praising Sheikh Abu Ishaq and one tarqibband in 35 beits and 5 kasyd dedicated to his vizier Khoja Ruknuddin Amidulmulk. This indicates the great attention and sympathy of Ubaid Zokoni to Sheikh Abu Ishaqu and his vizier. As Ubaid himself emphasizes in one of his poems, he spent 12 years of his life in the service of Sheikh Abu Ishaq, after which he asks him for his release from his service in old age. About the service of Sheikh Abu Ishaq Ubaid composes his most beautiful odes, which for the most part are worthy of close attention and can be included in some of the most interesting and best odes in Tajik-Persian literature.

Key words: Ubaid Zokoni, Sheikh Abu Ishaq, Khoja Ruknuddin Amidulmulk, laudatory poems, Tarkibband, Tajik-Persian literature, praised, praise.

Сведения об авторе: ***Гаффоров Шохрух*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикского языка и методики обучения таджикского языка и литература. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 904-77-55-40**

Information about the author: ***Gafforov Shohrukh*** - Tajik National University, Ph.D. in Philology, associate professor of the Tajik language department and methods of teaching the Tajik language and literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+992) 904-77-55-40**

УДК:891.550-1

РАНГИНБАЁНИИ ИСТИОРАҲОИ ҲАМЗОД ДАР ШЕЪРИ САБКИ ҲИНДӢ

Саидҷаъфаров О.Ш.
Донишкадаи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Истиора дар маҷозӣ ва ғайривоқеӣ кардани сухан дар қиёс бо дигар олоти тазайюни каломӣ саҳми назаррастар дорад. Шамси Қайси Розӣ ҳам дар “Ал-муъҷам” истиораро навъе аз маҷоз номида, онро зидди ҳақиқат номидааст [7, с.292].

Миёни ҳама сабкҳои классикии адабӣ истиора дар сабки ҳиндӣ мавқеи устувортару чашмрастарро доро мебошад. Вуҷуди истиороти бешумор дар девони ҳама шоирони сабки ҳиндӣ шеъри ин сабкро шеъри истиора ва мавҳумоту мармузот кардааст. Ин аст, ки муҳаққиқони адаби форсӣ яке аз хусусиятҳои барҷастаи сабки ҳиндиро дар истифодаи вофири ин навъи санъати бадеӣ нишон додаанд [380].

Дар сабки ҳиндӣ бузургтарин суханварони каломи мавзун – инҳо, бемуҳобо, Назирии Нишопурӣ, Толиби Омулӣ, Калими Кошонӣ, Соиби Табрезӣ ва Бедили Деҳлавӣ, ки ахириро муҳаққиқон мубтакири мактаби вижа низ эътироф намудаанд, ба ҳисоб мераванд, ки дар шеъри онҳо санъати истиора дар қиёс бо дигар анвои воситаи пироиши сухан мавқеи калидӣ дорад. Аз шоирони моваруннаҳрии пайрави сабки ҳиндӣ дар ашъори Сайидои Насафӣ истиора ҷилваи махсус дорад. Ҳарчанд ки Сайидо миёни ҷамеи санъатҳои зебокуниши сухан бештар ба тамсил ё ирсолулмасал назари хосса дорад, истиора низ яке аз асоситарин санъатҳои бадеӣ мебошад, ки дар тасвироти шоиронаи вай саҳми қобили таваҷҷуҳеро барҷой гузоридааст.

Ҳар яке аз шоирони барҷастаи сабки ҳиндӣ дар эҷоди истиораҳои наву тоза ибтикороте аз худ нишон додаанд, ки ин мавзӯъ дар адабиётшиносии тоҷик, ба хосса таҳқиқоти марбут ба сабки ҳиндӣ, ниёз ба пажӯҳишҳои махсусро дорад. Бо ин ки дар шеъри ҳар яке аз намояндагони мазкури сабки ҳиндӣ хасисае мавҷуд аст, ки тавассути он истиқлоли шоирӣ ва вижагии барҷастаи ҳунарии ӯ назаррас мегардад, боз ҳам дар қиболи ин хасоис истеъдоди шоирони сабки ҳиндӣ дар тарзи бакоргирии истиороти хоҳ такрорӣ, хоҳ бофтаи худи онон хеле намоён аст. Масалан, Зайнулъобидини Муътаман Соибро дар баробари дигар хасисаҳои ҳунарӣ, ҳамчунин, устоди бебадили истиора дар шеъри форсӣ эътироф намудааст, ки шоистаи истиқбол аст [3, с.411].

Бо ин ки Назирӣ дар бакоргирии тамсилҳои хуби мантиқӣ ва вожаҳову таркибҳои вижа, Калим – ҳам дар ирсоли масалҳои муассир ва хаёлбофӣ, Толиб дар адобандӣ, Соиб ва Сайидо, бештар аз ҳама, дар тамсилоти воқеиву ҳаётӣ ва Бедил дар печидагӯйӣ ва ифроти кӯшиш дар мубҳамбаёнӣ маъруф гаштаанд, ҳар яке дар тарзи бакоргирии истиороти рангин ва тавассути анвои онҳо дар сохтани мазомини бикру ҷолиб саъйи зиёд намудаанд.

Дар ашъори шоирони мазбур истиороти зиёде мавҷуданд, ки такрориянд ё яке аз аҷзои он такрор гардидаанд; такрор дар ин маънӣ, ки дар ашъори ҳамаи онон як истиора - ба пуррагӣ ё қисман яке аз ҷузвҳои он: ё мушаббаҳун биҳӣ (яъне: ваҷҳи шабаҳ ё василаи сифаткунӣ), ё мушаббаҳ (яъне: сифатшаванда ё объекти сифату тавсиф) яксон омадаанд. Таҳқиқи мо дар мақолаи мазкур сари ҳамин мавзӯъ: истиороти такрор дар ашъори сабки ҳиндӣ, дақиқтар: такрори яке аз аҷзои истиора ва боз ҳам дақиқтар: такрор дар ҷузви сифаткунанда – мушаббаҳун биҳӣ сомон пазируфтааст. Мо кӯшидем, то ин мавзӯъро дар ашъори навъи ғазали суханварони мазкур матраҳ намоем, зеро дар эҷодиёти ин шоирон жанри ғазал чи аз ҳайси теъдод ва чи аз нигоҳи ибтикороти ҳунарӣ мақоми аввалро касб намудааст.

Дар ғазалиёти Назирӣ, Толиб, Калим, Соиб, Сайидо ва Бедил вожаҳои зиёде мавҷуданд, ки дар сохтани суханҳои мустаори онон – ҳам дар қисмати мушаббаҳун биҳӣ ва ҳам дар ҷузви мушаббаҳ яксонанд. Серистеъмолтарин вожагони мустафоди шоирони мазкур ҷиҳати корбаст дар санъати истиора вожаҳое монанди: баҳор, биёбон, гул, гулистон, диёр, доман / домон, зулф, модар, об, ойина, сарв, саҳро, теғ, тифл, чароғ, шамъ ва амсоли инҳо ба ҳисоб мераванд, ки дар ашъори онон қиёсан бештар мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтаанд ва дар яке аз ачзои истиора коргир шудаанд. Қайд кардани ин нукта бамаврид аст, ки истиороти тавассути як вожа сохташуда дар шеъри шоирони сабки ҳиндӣ агар, аз як тараф, намогари тавотури шакливу маъноии ин навъи василаи пардози сухан маҳсуб шаванд, аз сӯйи дигар, бозгӯкунандаи мазомини рангин ва бисёр ҷолиб дар ин сабк ба шумор мераванд.

Аз миёни вожагони боло вожаи **доман** ё гунаи дигари он – **домонро** метавон мисол оварда, ки дар ашъори ҳама шоирони сабки ҳиндӣ, ба вижа номоварони он, дар сохтани истиораҳо ва, бад-ин васила, сохтани мазомини рангин нақши барҷаста дорад. Дар ашъори шоирони мазкур тавассути вожагони доман / домон мо истиороте назири домани айш, домани боди фано, домани дашти вуҷуд, домани зулф, домани кӯҳсор, домани мижгон, домани муҷовират, домани саҳро, домани талаб, домани хок, домани поки саҳро, домани фикр, домани фонус, домони истиғнои ширин, домони нигоҳ, домони рӯзгор, домони тааллуқ ва амсоли инҳоро метавонем бархӯрд кунем, ки дар эҷод ва ё, чунонки худи шоирони ин сабк гуфтаанд, бастани мазомини нав нақши муҳим доранд. Ҷузви мушаббаҳун биҳӣ, чунонки дида мешавад, дар истиороти боло – ҳама яксонанд, аммо мушаббаҳи онҳо аз ҳам фарқ мекунанд. Зимнан бояд қайд кард, ки ҷузви мушаббаҳ ё сифатшавандаи истиороте, ки тавассути вожаи доман / домон сохта мешавад, ё малмусу машҳуд аст, ё ғайри он: мавҳум. Аммо, бе нигоҳ бар ҷиҳоти мазкур, маъниҳое, ки ба василаи ин вожа ва васлаи сифатшавандаи он аз хаёли шоирони ин сабк бадар оварда шудаанд, ҳама нав ва ё басо ҷалбкунандаву ҷаззоб буда, бори маънавиву эстетикии онҳо дар тарозуи ҳунари шоирӣ басо вазнин мебошад.

Дар шеъри шоирони сабки ҳиндӣ баъзан истиораҳои ҳамшакл вомехӯранд, ки вуҷуди онҳо, агар аз як тараф, пайравии шоири баъдиро бар пеш аз вай шаҳодат диҳад, аз сӯйи дигар, бар пайдоиши мазомини гуногуну мутафарриқ, ки гирди як меҳвари маъноӣ – як истиора давр мезананд, сабаб мегардад. Яке аз намунаҳои ҳамин гуна истиораҳо ***домани саҳро / домони саҳро*** мебошад, ки дар ашъори шоирони сабки ҳиндӣ бисёр вомехӯрад. Сайидои Насафӣ ин истиораро бисёр хубу муассир коргир шудааст:

Хок дар чашмам занад наззора ҳамчун гирдбод,
Эй насими пираҳан, аз домани саҳро биё! [4, с.51].

Истиораи “домани саҳро” дар байти мазкур мақоми калидӣ дорад, ҳамаи мазомин: ҳамчун гирдбод хок дар чашми шоир задани наззора, ки тавассути санъатҳои ташбеҳ ва ташхис ба вуҷуд оварда шудааст; ишора бар насими пираҳан, ки киноя бар пираҳани Юсуф аст, яъне тавассути санъати талмеҳ сохта шудааст, барои истиораи “*домани саҳро*” хидмат мекунанд. Бори маъноии байт дар мисраи дувум аст ва мисраи мазкур аз он ҷиҳат муассир баромада, ки агарчи *насим* бо *саҳро* ва *пираҳан* бо *доман* иртиботи мантиқӣ дорад, шоир *насимро* бо *пираҳан* ва *доманро* бо *саҳро* муртабит сохта, то ин ки бад-ин василаи талмеҳи муканнаъ ва истиораи муканнаъро мавҷуд созад, ки ҳар ду киноя аз *Юсуф*, пираҳани вай ва саҳрое, ки дар он Юсуф мавриди хиёнату зулми бародар қарор гирифта, мебошад. Аслан, барои шоир ҷиҳати табйини ҳолоти вижаи равониву ғайри он аҳаммияте надорад, ки як вожа мантиқан бо вожаи дигари он алоқа дорад ё не. *Доман*, агарчи бо *саҳро* робитаи мавзӯӣ надорад, чун *доман* ҷузъе аз либос ва *саҳро* ҷузъе аз табиат аст, аммо вуҷуди зимнии рабти мантиқӣ миёни ҳар ду аз ваҷҳе дида мешавад; ин рабти мантиқӣ паҳнои ҳар ду аст: *паҳнои доман* ва *паҳнои саҳро*. Ҳамин хасисаи муштарак миёни ду иллати вуҷуди мустаори “*домани саҳро*” гардидааст. Мешавад, ки миёни ду вожа робитаи мантиқие тамоман ё аз ягон ваҷҳ вуҷуд надошта бошад. Чунончи Толиби Омулӣ дар мисраи “*Домони насими субҳ гулгун зи гул аст*”, бар хилофи истиораи мазкури Сайидо, вожаи *насимро* бо *доман* иртибот дода, ибораи мустаори “*домони насим*”- ро сохтааст [6, с.290].

Зимнан, бояд қайд кард, ки талмеҳ ва истиора дар мисраи дувуми байти мазбури Сайидо, дар асли худ, киноя аз маъшуқи азаллӣ ва роиҳаи алтофи ӯ ва “*диёри ишқ*”- и маъшуқ мебошад. Чунонки зикр гардид, бори маъноии байт дар истиораи мисраи дувум аст, чун таманнои аслии шоир ин ҷо ишроқи анвори лоязолии маъшуқ аз саҳрои сӯзони муҳаббат аст, ки онро ба василаи “*домони саҳро*” муваҷҷид гаштааст.

Мирзо Бедил низ истиораи “*домони саҳро*”- ро ба тавре истифода карда, ки табдили он бар ибораи мустаори дигар сабаби халал ва заъфи маъно дар байт мегардад, чун он иртиботи зич бо вожаҳои дигари калидии байт дорад:

Кафи хоке надорам қобили таъмири худдорӣ,
Ҷунун афшонд бар вайронаам *домони саҳроро* [1, с.13].

Вожагони *каф*, *хок*, *таъмир*, *худдорӣ*, *ҷунун*, *афшондан*, *вайрона* ба ваҷҳе бо ибораи *домони саҳро* иртиботи мантиқӣ доранд. Робитаи мантиқии *каф* бо *доман* аз ин аст, ки ҳар ду бо одамӣ тааллуқ доранд. Робитаи дигари ҳар ду вожа боз дар паҳно ва хамидагии ҳар ду мунъакис мегардад. Робитаи *хок* бо *саҳро* ҳоҷат бар зикр нест, чун ҳар ду аз ҷинси заминанд. Вожаи *таъмир* бо *вайрона* пайванди мантиқӣ дорад. *Худдорӣ* акси *ҷунун* аст, бинобар ин, ҳар ду дар фазои маънӣ бо ҳам иртибот доранд. *Афшондан* бо *доман* мантиқан пайваст аст, чун доманро ҷиҳати тоза шудан аз гард меафшонанд ва ибораи феълии *доман афшондан* маъруф аст. Ҳама вожагони калидӣ гирди меҳвари асосии худ, ки истиораи "*домони саҳро*" аст, мутамарказ мегарданд ва танҳо тавассути он маъниеро, ки шоир буруз кардан мехоҳад, меофаранд. *Кафи хок* киноя аз миқдори ниҳоят кам аст, *таъмир* киноя аз эъмори нафси аммора аст, ки мӯҷиби ҳиҷоб дар муҳаббат – ҷунун ва ишқ бар маъбуди лоязолӣ мегардад. *Саҳро* дар урфи орифон мусталаҳ аз вусъати ғалаён ва фаязони ишқ аст дар дили ошиқ, ки мӯҷиби ҷунуну бехудии вай мегардад. Ин маънӣ дар байти зери Сайидо дар мисоли истиораи *саҳрои ҷунун* ба таври равшан инъикос мегардад:

Ғубори гирдбодам тӯтиёи чашми ахтарҳо,
Парешон кард *саҳрои ҷунунам* мағз дар сарҳо [4, с.62].

Худдорӣ дар байти мазбури Мирзо Бедил киноя аз тааллуқоти нафсӣ аст, ин ҷо ӯ таноқузро истифода кардааст, чун худдорӣ дар асли худ на тааллуқоти нафс, бетааллуқӣ аз он аст, яъне худро доштан аз ҳар гуна маноҳӣ ва кароҳӣ. *Ҷунун* киноя аз истиғроқ дар муҳаббати лоязолӣ ва ё мустағриқи шароби ҳаққонӣ – раббонӣ шудан аст. *Вайрона* киноя аз хароботи қалб аст, ки дар урфи орифон ибодатгоҳи зот аст, чун тавассути ғарқ шудан дар муҳаббати зот тамомии хонаи нафси ориф мубаддал бар вайрона мегардад ва дар ҷисми вай ҷуз аз қалби машҳуни муҳаббат чизи дигаре боқӣ намемонад ва ориф мепиндорад, ки вуҷуди ӯ танҳо ин қалби ӯст ва аз ин ҷиҳат аст, ки қалби хешро вайрона ё харобот меҳисобад, ки киноят аст аз хароб шудан дар муҳаббати зот.

Истиораи ҳаммонанди ибораи мустаори ***доман / домони саҳро*** бо табдили яке аҷзо – ё доман, ё саҳро, - дар шеъри шоирони сабки ҳиндӣ басо зиёд истифода шудааст. Масалан, дар ашъори Назирии Нишопурӣ бо вожаи доман / домон ибораҳое амсоли: домани мижгон, домони кӯҳсор, домони рӯзгор [5, с.365; 17; 189]; дар ашъори Толиби Омулӣ - домани андеша, домани дил, домани зулф, домани мижгон, домани оҳ, домани хоки мазор, домани ҳар қатра, домони ғам, домони май, домони мурод, домони насими субҳ, домони тааллуқ, домони умед, домони хӯ, домони хуршед [6, с.243; 303; 62; 69; 236; 312; 176; 134; 290; 212; 294; 223; 304; 200; 311; 239]; дар Калим – домани муҷовират, домони истиғнои ширин, домони нигоҳ, домони тааллуқ [2, с.152; 207; 136; 154], дар Соиб – домани дашти вуҷуд, домани поки саҳар, домани фикр, домани фонус [9, 537; 513; 535; 665]; дар Сайидо – домани висол, домони афв, домони матлаб, домони минои таваккул [4, с.26; 14; 12; 61] ва дар Мирзо Бедил – домани боди фано, домони дӣ, домони талаб [1, с.23; 20; 12] ба дида дармеоянд, ки нақши ҳар яке дар саҳнаи офариниши мазомин басо назаррас мебошад.

Ҳамчунин, дар ашъори шоирони мазкур ба васлаи вожаи *саҳро*, яъне ҷузъи мушаббаҳ – сифатшавандаи ибораи *домани саҳро / домони саҳро* низ ибораҳои зиёди мустаор ба назар мерасанд, ки бозгӯкунандаи мавқеияти мазмунофаринии онҳо дар саҳнаи ҳунарӣ ва халлоқияти онҳо мебошад; аз ҷумла дар Толиб – саҳрои адам, саҳрои ишқ, саҳрои улфат, саҳрои ҷигар [6, с.125; 75; 16; 289]; дар Соиб – саҳрои адам, саҳрои ваҳшат, саҳрои ишқ, саҳрои қаноат [9, с.27], саҳрои қудс [9, с.33], саҳрои талаб [9, с.29; 179; 270; 163]; дар Сайидо – саҳрои ҷунун [4, с.62]. Аммо, қайд кардан бамаврид аст, ки дар басомади корбурд истиороти тавассути *доман / домон* сохташуда дар шеъри шоирони сабки ҳиндӣ дар қиёс бо вожаи *саҳро* басо бештар ба назар мерасанд, ки ин нишондиҳандаи мавқеияти калидии бештар доштани вожаи якум нисбат бар вожаи дувум аст.

Истиоротеро, ки дар шеъри шоирони сабки ҳиндӣ тавассути вожаи *доман / домон* сохта шудаанд, аз ҳайси иштироки ҷузви дувуми он – мушаббаҳ метавон ба ду қисмат ҷудо кард: мушбаббаҳи малмус ва дидашаванда ва мушаббаҳи номалмус ва мавҳум. Дар басомади сабкӣ иштироки ҳар ду навъ дар эҷоди истиорот ва, бад-ин васила, дар сохтани мазомини бикру нав қариб ки баробар аст. Агар дар нигоҳ бар ғазалиёти ҳар шоире дар алоҳидагӣ яке аз анвои ин навъи истиора пешӣ бар дигар гирад, аммо дар нигоҳи куллӣ бар ашъори онон баробарии ҳар ду чи дар теъдод, чи дар иштирок ва сохтани мазомин бештар ба назар мерсад.

Эҷоди мазомин тавассути сифатшавандаи малмуси истиора. Дар ашъори Назирии Нишопурӣ ҷузъи мушаббаҳи истиороте амсоли: домани мижгон, домони кӯҳсор [5, с.365; 17]; дар ашъори Толиби Омулӣ - домани дил, домани зулф, домани мижгон, домани хоки мазор, домани ҳар қатра, домони май, домони хуршед [6, с.303; 62; 69; 236; 176; 134; 223; 200]; дар Соиб –домани фонус [9, с.665] малмусу маҳсус ё дидашаванда ба ҳисоб мераванд.

Назирӣ ба воситаи мижгон истиораи *домани мижгонро* сохта, онро василае ҷиҳати бакоргирии феъли *нигаҳ дӯхтан*, ки маҷоз аз нигаристан хоҳад буд, истифода намудааст:

Нигаҳи беҳуда бар *домани мижгон* дӯзӣ,
Хандаи сохта, бар гӯшаи лаб банд кунӣ [5, с.364].

Як ҷиҳати муассири байти боло дар он инъикос мегардад, ки дар он ҷуз аз ду истиораи зебои шоирона – *домани мижгон* ва *гӯшаи лаб*, ҳамчунон, ду таркиби зебои дигар: *нигаҳи беҳуда* ва *хандаи сохта* ва боз феъли маҷозии дигар, ки ҷузъи номии он қисмати аввали таркиби аввали зикршуда ва ҷузви дувуми он феъли дӯхтан мебошад, яъне *нигаҳ дӯхтан*, бисёр зебо истифода гардидаанд ва ҳама – дар якҷоягӣ бори эстетикии байтро ба вуҷуд овардаанд. Ҷолибияти мисраи аввал иборат аз он аст, ки шоир феъли *дӯхтанро* на бо вожаи *мижгон*, ки аз ҳайсе – *тезӣ* (дӯхтан – сӯзан, мижгон - сӯзан) бо ҳам рабт доранд, балки бо *нигаҳ*, ки ғайриқобили ламс аст, муртабит сохтааст. Аммо, бо нигоҳ ба ин хасиса, ки мижгони ёр каҷу нимдавра аст, онро ба *домон* шибҳ додааст, ки мантиқан қобили қабул аст, зеро фарои мижгон ва фарои доман – ҳар ду дар ваҷҳи хамидагӣ мушобеҳи ҳамдигаранд ва шабоҳате, ки миёни хамидагии *мижгон* ва *доман* дида мешавад, иллати монанд кардани мижгон бар домон буда метавонад. Ҷанбаи тасвирии байти мазбур басо баланд аст: маҳбуб "*нигаҳи беҳуда*"- и худро бар "*домани мижгон*"-аш овехта, "*хандаи сохтааш*"- ро бар "*гӯшаи лаб*"-аш ҳамчун шероза ё гӯшвор мебандад, то ки бад-ин назаррабоӣ чашми ошиқон аввал ба онҳо расад ва дили онҳоро бирабояд. Аммо, бояд донист, ки кӯшишҳои маъшуқ, пеш аз ҳама, на нишон додани "*нигаҳи беҳуда*" ва ё "*хандаи сохта*" аст, балки мақсади аслии вай манзури ошиқони худ гардонидани *мижгон* ва *лаби* худ ва, бад-ин васила, дӯкони матоъҳои худро дар бозори ишқ серхаридор ё сермуштарӣ кардани маъшуқ мебошад, ки шоир ба таври мустаор аз онҳо ба унвони "*домани мижгон*" ва "*гӯшаи лаб*" сухан рондааст. "*Гӯшаи лаб*"- ро таркиби зебои шоирона ҳам метавон гуфт, ба ҷиҳати он ки лаб бо шакле, ки дорад, ду ҷониби паҳлуии онро метавон гӯша номид; вале, аз он ки лаби маъшуқ дар азҳони мухайили шоирон намои гулистонро мегирад ва гӯшаи гулистон бори мантиқӣ дорад, гӯшаи лаб бештар киноят аз гӯшаи гулистон (- и лаб) аст, бинобар ин, истиора номидани ибораи мазкур ғалат нахоҳад буд.

Дар байти зери Толиб истиораи "***домони май***" бисёр хуб баромадааст, чун он бо ин ки ибораи мустаор аст, дар таркиби феъли маҷозии "домони май аз даст додан" истифода гардидааст:

Эй ёфта завқи тарабу чошнии айш,
Домони май аз даст мадеҳ, гӯ, рамазон бош [6, с.223].

"*Домони чизеро аз даст додан*" дар сабки мутақаддимон маъруф аст ва киноя аст нагузаштан аз баҳри чизе ва чашм напӯшидан бар чизе. "*Домони майро аз даст надодан*" дар байти мазбур кинояти бар майнӯшӣ иштиғол варзидан аст. Дар истиораи "*домони май*", чунонки дида мешавад, вожагони *домон* ва *май* бо ҳам робитае, ҳатто, мантиқе ҳам надоранд; бинобар ин, робитаеро, ки миёни ҳар ду метавон пайдо кард, онро танҳо тавассути *май*, на *доман*, метавон муваҷҷид шуд ва он бар чанд ваҷҳ аст. Якум, ба мӯҷиби табъи нозук ва ботароватие, ки шоирон дар май дарёфтаанд ва онро бар табъи занона монанд кардаанд. Вуҷуди ҳамин нозукиву ботароватӣ дар май сабаб гардида, ки шоирони порсигӯ майро духтари раз, бикр ва амсоли инҳо гуфтаанд. Дувум, хонаву маскан ва ё агар ба таври муканнаътар гӯем, "либос"- и май кӯза аст, ки ба ҳеч кас пӯшида нест, шаклан бар либоси дароз ё домандор монанд аст ва, аз ҳамин ҷиҳат, миёни вожагони *домон* ва *май* робитаи тӯли амал ҳоил аст ва "*домони май*" киноят аст аз тӯли шаробнӯшӣ, ё ба истилоҳи маъруфи шоирон, аз шурби мудом. Бино бар он чӣ гуфта шуд, иллати рабт додани вожаи *домон* бо *май* аз ҷониби Толиб дар байти мазбур, аз рӯе, табъи занона доштани май аст, аз рӯйи дигар, киноя аз шурби мудом ва ҳаррӯза аст, чун домон, дар навбати худ, киноя аз дарозӣ ё тӯли амали чизест.

Дар байти зерини Соиб, баръакси байти боло, дар ибораи мустаори "***домани фонус***" ҷузвҳои мушаббаҳун биҳи ва мушаббаҳ – ҳар ду бо ҳам робитаи мантиқӣ доранд, зеро *фонус*, чунонки аз шакли он дида мешавад, монандаи қомати инсон аст, инсоне, ки домани дароз дорад:

Дар таҳи *домани фонус* гурезад Соиб,
Баски доғ аст аз он чеҳраи хандон оташ [9, с.665].

Чунонки дида мешавад, дар бастани мазмуни нав: ба фонус паноҳ бурдан, мавқеи истиораи ишоратшуда басо устувор аст. Бинобар ин, бадал кардани он ба ибораи дигар ва ё табдили аҷзои он бар дигар воҳидҳо бар мазмуни он халал ворид месозад. Дар истиораҳое, ки ҷузви сифаткунандаи онҳо вожаи *доман* ва ҷузви сифатшавандаи онҳо вожае аз вожагони малмусу маҳсус аст, иртибот миёни ҳар ду ҷузъ, чунонки аз мисолҳои шоҳиди боло дида мешавад, гоҳо бо мантиқ таносуб дорад ва гоҳ дар онҳо робитаи мантиқӣ тамоман вуҷуд надорад ва шоир бар ваҷҳе чунин робитаро ба вуҷуд меоварад, чунонки дар мисоли байти Толиб ин навъи робита баён гардид.

Дар байти зери Толиб ҳам дар истиораи "***домони хуршед***" миёни аҷзои сифаткунанда ва сифатшаванда иртиботи мантиқӣ вуҷуд дорад, ба ҷиҳати паҳнои анвори хуршед ва пароканда шудани он:

Даст бар *домони хуршед* аст моро, к-аз сафар
Нест фориғ лаҳзае чун сайти олам гарди мо [6, с.200].

Дар байти мазбур ҳам ибораи мустаори ишораташуда мавқеи калидӣ дорад, шоир мазмуни аз сафар лаҳзае фориғ набудани худро ва ба сайти олам шабоҳат кардани ин сафарро тавассути истиораи "*домони хуршед*" бастааст. Иртиботе, ки миёни аҷзои истиора – *домон* ва *хуршед* ва вожаҳои калидии дигари байт – *сайт*, *олам*, *ғард* дорад, мавқеи устувори ибораи мустаори "*домони хуршед*"- ро дар бастани мазмуни шоир бозгӯ мекунад.

Эҷоди мазомин тавассути сифатшавандаи номалмусу ғайримаҳсуси истиора. Дар истиороте монанди: домони рӯзгор – дар Назирӣ [5, с.189]; домани андеша, домани оҳ, домани хӯ, домони ғам, домони мурод, домони тааллуқ, домони умед – дар Толиб [6, с.243; 312; 239, 294; 304; 212; 311]; домани муҷовират, домони истиғнои Ширин, домони нигоҳ, домони тааллуқ – дар Калим [2, с.152; 207; 136; 154], домани фикр - дар Соиб [9, с.535]; домани афв, домани висол, домони матлаб – дар Сайидо [4, с.14; 26; 12]; домони дӣ ва домони талаб – дар Мирзо Бедил [1, с.20; 12] ҷузъи мушббаҳ ғайрималмусу номаҳсус ба ҳисоб мераванд.

Дар байти пойин аз Назирӣ тавассути вожаи *рӯзгор*, ки ҷузви мушаббаҳи ибораҳои мустаори мисраъҳои якуму дувум аст, бар ҳар ду истиора: "*домони рӯзгор*" ва "*гиребони рӯзгор*" мавқеи калидӣ ато намудааст; якум ин ки ҳар ду ҳамчун василаи зояндаи аҷзои қофия мебошанд, дувум, тавассути ҳар ду мазомини асосии байт, ки ба василаи вожаи *рӯзгор* нақш пазируфта, тарроҳӣ гардидааст:

Афлок фитна зода ба *домони рӯзгор*,
Бар карда сар бало зи *гиребони рӯзго*р [5, с.189].

Бояд қайд кард, ҳар маъние, ки ба василаи вожаи *домон / доман* нақш пазируфтааст ва шоир бад-он истиораи вожаи дигарро гирифтааст, мубаййини дарозӣ ва тӯл дар он аст. Аммо, дар байти мазбури Назирӣ истиораи "***домони рӯзгор***" нишондиҳандаи тӯл дар тӯл аст, чун рӯзгор, чунонки бар ҳама равшан аст, бе васлаи доман ҳам худ нишоне аз тӯл аст ва шоирон аз тӯли рӯзгор, пеш аз ҳама, тӯли ғаму андуҳро дар хаёл мегиранд. Истиораи "*домони рӯзгор*", бинобар гуфтаи боло, киноя аз рӯзгори ғами дароз ё рӯзгори дарози ғам аст, ки ба василаи фитназойиҳои мудовими хеш дили мардумро мерабояд ва онҳоро гирифтори ғаму андуҳҳои пайдарпай менамояд.

Дар ибораҳои мустаоре, ки ҷузъи дувум – мушаббаҳ ё сифатшавандаи он мафҳумҳои зимнӣ ва мавҳуманд, шоир ғайримушаххасотро бар дунёи воқеӣ андар мениҳад ва хасисаи ду дунёи инсонӣ – диданӣ ва надиданӣ ё ламсшаванда ва ламснашавандаро бо ҳам меомезад. Ин омезиш барои шоир, пеш аз ҳама, баҳри сангинтар шудани бори маънӣ, муассиртар гаштани мазмуне, ки шоир дар бастани он мекӯшад ва интиқол додани ин ғизои маънавият бар нафси хирадниюши хонандагони худ аст, чаро ки бори маънавӣ ё эстетикие, ки инсон аз сухани пурбор мегирад, дар такмил ва тараққии хирад ва маънавиёти ӯ таъсири беназир мерасонад. Вале, бояд қайд намуд, мақсуди аслии ҳар шоир, хусусан шоирони сабки ҳиндӣ, аз ҳамчунин эҷод, пеш аз ҳама, нишон додани ҳунари шоирӣ тавассути тасвирсозӣ ва мазмунбандӣ аст, ки яке аз асоситарин роҳҳои бастани мазомини бикр дар шеъри шоирони ин сабк иборат буд аз сохтани истиороти муассиртар ва шавқбарангезтар. Вуҷуди аз ҳад зиёди намунаҳои истиора ва, ҳамчунин, истиораҳои ҳамгун ва ё ҳамзод, ки ҷузъе аз он мукаррар дар ашъори ин шоирон истифода гардидааст, нишон медиҳад, ки онон бар якдигар сабқат меварзиданд ва кӯшиш мекарданд, то тавассути ҳамон як истиора ва ё ҳамон як ҷузъи такрорӣ ҳунари худро дар баробари суханварони ҳамқирони хеш нишон бидиҳанд ва дар ҷодаи мазмунбандӣ гӯйи сабқат аз якдигар бирабоянд. Маслан, дар шеъри пойин Толиб ба василаи вожаи доман, ки мантиқан ҳеч робитае бо хӯ надорад, истиораи "***домани хӯ***"- ро ба вуҷуд оварда, мазмуни бас зеборо сохтааст. Толиб шӯхтозии боди Саборо аз ин мебинад, ки он аз домани хӯйи ёр бадар афтода ва дар гулбарги бебокӣ маскан гузидааст; ин гарданкашии боди Сабо дар баробари ёр мӯҷиби шӯхтозии он гардидааст; боди Сабо маскан дар гулбарги бебокиро бар домани хӯйи ёр баргузида, яъне тарҷеҳ додааст. Аммо, шоир инро дарёфтааст, ки агарчи боди Сабо бебокӣ кардааст, ин ба иллати худи ёр аст. Бинобар ин, бебокии вай зебост, зеро орият аз домани ёр аст ва ёде аз бӯйи ӯро дорад:

Фитод аз *домани хӯйи* ту то гулбарги бебокӣ,
Сабо гар шӯх тозад бар гулистон, аз ту мебинам [6, с.239].

Дар байти мазбур ҷойи истиораи "*домани хӯй*" бас устувор аст, истиораи дувуми мисраи якум – "гулбарги бебокӣ" ҳам, агарчи аз ҳайси бори мазмунофаринӣ мавқеи назаррас дорад, вале дар қиёс бо истиораи қаблии худ дар ҷойи дувум қарор дорад; аммо бо зебоиофарие, ки ин истиора дорад, онро ҳам мисли "домани хӯй" наметавон бар ибораи дигари муассиртаре иваз кард.

Дар ашъори Калим имтизоҷи вожаҳои ғайримаҳсус бо маҳсусот ба авҷи худ мерасад. Дар мазмунофаринии Калим неруи тахайюл бештар асаргузор аст, то ҷанбаи тасвирӣ. Шояд бо вуҷуди ҳамин хасиса дар ҳунари шоирии Калим соҳибони тазкира ӯро

халлоқулмаонии сонӣ унвон додаанд. Ҷанбаи бузурги мухаййила истиороти Калимро ҳам бас мухайялу андешаталаб гардонидааст. Дар байти зер то чӣ дараҷа дуруст будани ин гуфтаҳо собит мегардад:

Дасташ аз *домони истиғнои Ширин* кӯтаҳ аст,
Кӯҳкан, гар Бесутунро дар таҳи по медиҳад [2, с.207].

Як ҷиҳати зебоии истиораи "*домони истиғно*" дар он мунъакис мегардад, ки вожаи *ширин* ҳам ҷузъе аз он аст. Бо вуҷуди ин ки ба танҳоӣ низ ибораи мазкур гунаи зебо ва шоиронаи сухани мустаор аст, васлаи изофии он – *ширин* боз бар он зебоии дигаре зам мекунад, ки махсус танҳо бад-ӯст. Ин зебоӣ ба ду ваҷҳ бар ибораи мазкур илқо мегардад. Якум ин ки, агар вожаи *ширинро* бо ҳарфи хурд дар назар бигирем ва бар маънои луғавӣ ва аслии он такя бикунем, яъне "*домони истиғнои ширин*", ибораи мазкур истиораи мукаррар ё истиорат-ул-мустаор мегардад: "домони истиғно" ва "истиғнои ширин". Ибораи дувум киноят аз озодиву бениёзии махсуси маъшуқ аст, чун дар урфи орифон ҳар чиз ки аз маъшуқ буруз кунад, зебову ширин аст. Дувум ин ки, агар вожаи *ширинро* бо ҳарфи калон дар назар бигирем ва дар хат бо калонаш бинависем, он бар санъати талмеҳ мубаддал мегардад ва ширириву муассирии истиораи мазкур боз ҳам меафзояд. Дар ин сурат ибораи "*домони истиғнои Ширин*" мустаори муламмаҳ ё талмеҳӣ аст, агарчи имрӯз ҷузъи савумро ғайримарбути ҳамчунин истиорот меҳисобанд ва онро бурун аз силсилаи истиороти мазкур мешуморанд, яъне танҳо санъати талмеҳаш унвон медиҳанд. Аммо, робитае, ки талмеҳи мазкур бо истиораи қабл аз худ дорад, ҷудо кардани онҳо аз якдигар дуруст нест. Зеро он, аз як тараф, ба ҷиҳати думаъно будан, бар истиораи пеш аз худ робитаи зич дорад, аз сӯйи дигар, бар он маънои муассиртар мебахшад, аз суйи дигар, вожаи *доман* бо *Ширин*, ки инсон аст ва зан аст, робитаи зич дорад, хусусан, бад-он ҷиҳат, ки либоси занона бештар дарозу домандор мешавад.

Дар байти поини Соиб бошад, миёни ҷузъи мушаббаҳун биҳӣ ва мушаббаҳ ҳеч робитаи мавзӯӣ ва хонаводагӣ вуҷуд надорад, зеро вожаи доман аз ҷинси либос аст ва мафҳуми малмусу дидашаванда ба ҳисоб меояд, аммо вожаи фикр аз мавҳумот аст ва аз ҷинси мухаййила аст:

Домани фикри баланд осон намеояд ба каф,
Сарв мепечад ба худ, то мисраъе мавзун кунад [9, с.535].

Аммо, шоирон бар ваҷҳи иштироки яксони мантиқ дар ҳар ду, ки дар мавзӯи тӯл ва дарозӣ мунъакис мегардад, иртиботеро миёни онон дарёфтаанд. Дар байти Соиб намунаи ҳамин робитаи мантиқӣ ба назар мерасад, танҳо бо ин фарқият, ки ӯ мафҳуми дарозиро тавассути вожаи *баланд* ифода намуда, чун вай вожаи *фикрро* васф карда ва фикрро тавассути вожаи баланд васф тавон кард, на дароз. Вожаи *баланд* дар байти мазбур дар худ як навъ латофату малоҳат дорад, чун он дар нисбат бар *фикр* гуфта шудааст ва *фикри баландро* шоирон гоҳо *бикр*, *сухани бикр* ва монанди инҳо низ гуфтаанд. Вуҷуди ҳамин латофат дар мисраи баъдии байти Соиб равшантар мегардад, тавассути ирсоли масал аз *сарв* ва вожаи *мавзун*, ки ҷуз он ки бо сарв робитаи мавзӯиву луғавӣ дорад, дар навбати худ, бо вожаи *фикр* низ аз тариқи вожаи мисраъ иртибот пайдо менамояд. Ба вуҷуд овардани фикри баланд, печидани сарв бар худ, мавзун кардани сарв мисраи худро – инҳо мазомине мебошанд, ки Соиб ҳар серо, аслан, тавассути истиораи "*домани фикр*" муваҷҷид гаштааст, зеро ҳар се барои ин ибораи мустаор хидмат мекунанд.

Дар байти зери Сайидо бошад, вожаи *доман* дар робита бо маънои маҷозии маъруфи он, яъне тӯлу дарозӣ наомадааст, он ҳамчун либос корбурд шудааст, ҷиҳати монанд кардани вожаи номалмусу мавҳуми афв бар худ ва ё малмус гардонидани он:

Субҳи ҳашр аз рӯйи корам парда хоҳад баргирифт,
Гар насозад *домани афви* ту сатторӣ маро [4, с.14].

Вожагони дигари калидии байти мазбур: *субҳ*, *ҳашр* – дар ибораи мустаори *субҳи ҳашр*, ҳамчунин, вожагони *рӯй*, *кор* – дар истиораи *рӯйи кор*, *парда, сатторӣ* – ҳар яке бо яке аз аҷзои истиораи "*домани афв*" робитаи мантиқӣ доранд ва иштироки ҳама дар саҳнаи арзишгузории мантиқӣ умумӣ аст; бинобар ин, ҳама вожаҳои мазкур барои истиораи "*домани афв*" хидмат мекунанд. *Субҳ* бо вожаи *афв* аз он ҷиҳат робитаи мантиқӣ дорад, ки ҳар ду дар мавзӯъ мусбатанд ва нишон аз равшаноиву хушнудиянд. *Рӯй* бо *доман* аз он робита дорад, ки ҳар ду ба одамӣ тааллуқ доранд. Робитаи *кор* бо *афв* аз он аст, ки ҳар ду нишоне аз амаланд. *П*арда ҳам бо *доман*, ҳам бо *афв* робитаи мантиқӣ дорад; бо доман аз рӯйи ба як ҷинс тааллуқ доштан, бо афв аз он ки ҳар ду дар табъ наҳифанд, парда тунуку маҳин ва афв амали зебову латиф аст. Дар ин маврид бояд зикр кард, ки онҷунон ки *домани афв* метавон гуфт, ҳамчунон, *пардаи афв* низ метавон гуфт, чун ҳар ду ҳам дар маънӣ ва ҳам дар вазн мутаносибанд. *Сатторӣ* ҳам иртибот бо ҳар ду дорад. Робитаи он бо *доман* дар мавзӯъ аст, чун *саттор* пӯшонанда, яъне василаи пӯшидан ва *доман* худи пӯшиданӣ аст. Бо *афв* бошад, робитаи *сатторӣ* дар иртибот бо гуноҳ аст, чун гуноҳро ё мепӯшонанд, яъне нодида мегиранд, ё афв мекунанд, яъне мебахшанд.

Дар байти зери Мирзо Абдулқодири Бедил истиораи зебои “домони дӣ” корбурд шудааст, ки он дар навъи худ бисёр камназир аст ва наздик бар ҳамчунин истиораҳо дар ашъори Калим ба чашм мерасанд:

Дар ин водӣ, ки мебояд гузашт аз ҳар чӣ пеш ояд,
Хуш он раҳрав, ки дар *домони дӣ* фиканд фардоро [1, с.20].

Вожагони калидии байт амсоли *водӣ*, феъли *гузаштан*, *раҳрав*, феъли дигари *фикандан* ва вожаи *фардо,* аз рӯе, бо яке аз аҷзои истиораи “*домони дӣ*” алоқаи мантиқӣ доранд. Ҳамаи вожаҳои мазкур дар гирди меҳвари асосии худ, ки ибораи мустаори мазбур аст, мутамарказ гардидаанд; зеро якум ин ки бори асосии матни байт дар иртибот бар мундариҷаву муҳтаво бар уҳдаи ин истиора аст, дувум, мазмуни асосии байт, ки дорои бори фалсафиву ҳикматӣ ва тасаввуфӣ аст, тавассути кушодани маънои истиораи мазкур муайян мегардад.

Зимнан бояд қайд кард, ки истиораҳои ҳамзод дар шеъри шоирони сабки маъруф ба ҳиндӣ ағлаб, ҷуз он ки бори гарони маҷозӣ доранд, ҳамчунин, дорои бори вазнини ҳикмату фалсафа ва ё суханони баланди иҷтимоӣ ҳастанд. Ин ҷиҳати истиороти ҳамзоди шоирони зикршуда бар мармузии бештар ва тааммулпазир будани онҳо сабаб мегардад. Чи истиороте, ки ҷузви мушаббаҳи онҳо тавассути вожагони малмусу машҳуд ба вуҷуд омадаанд ва чи истиороте, ки ҷузъи мазкури онҳо ба василаи вожаҳои ғайримаҳсусу надиданӣ сохта шудаанд, дорои бори гарони маҷоз ва фалсафаву ҳикмат мебошанд. Агар як ҷиҳати назарраси истиороти ҳамзоди шоирони сабки ҳиндӣ дар такрор шудани онҳо инъикос гардад, ҷиҳати дигари назаррастари онҳо эҷоди мазомини гуногуну мухталиф ва бикру тоза ба василаи ҳамин навъи истиораҳо мебошад, ки дар навъи худ камназир ва гуфтаниву шунуфтанӣ аст. Бо он паҳно ва бузургие, ки мавзӯи истиораҳои ҳамзод дар шеъри сабки ҳиндӣ доранд, омӯхтан ва таҳқиқу пажӯҳиши ин мавзӯъ фаротар аз маҳдудаи як мақола, дархӯри як кори нисбатан бузургу серпаҳлу аст, ҳаммонанди як таҳқиқоти диссертатсионӣ, зеро ин мавзӯъ дар адабиётшиносии муосири тоҷик то ҳанӯз ҳам ба таври шоистанӣ мавриди таҳқиқи вижа ва ҷудогунаи аҳли таҳқиқ қарор нагирифтааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдулқодири Бедил. Осор. Ҷилди якум. Ғазалиёт. - Душанбе: Адиб, 1990. - 351 с.
2. Кошонӣ, Калим
3. Муътаман, Зайнулобидин. Назарияи нигоранда роҷеъ ба Соиб // Соиб дар густураи таҳқиқоти адабӣ. Ба кӯшиш ва таълифи Муҳаммад Расули Дарёгашт. - Чопи аввал.- Теҳрон: Қатра, 1371.- Саҳ. 429- 435
4. Миробид Сайидои Насафӣ. Асарҳои мунтахаб: тартибдиҳанда: Ҷ. Шанбезода. - Душанбе: Ирфон, 1977. - 700 с.
5. Нишопурӣ, Назирӣ.
6. Омулӣ, Толиб. Ғазалиёт: бо муқаддимаи Шоҳвалӣ Саидҷаъфаров / Толиби Омулӣ. - Душанбе: Адиб, 1993. - 324 с.
7. Розӣ, Шамси Қайс. Ал-муъҷам: муаллифи сарсухану тавзеҳот ва ҳозиркунандаи чоп Урбатулло Тоиров / Шамси Қайси Розӣ. - Душанбе: Адиб, 1991. - 463 с.
8. Саидҷаъфаров, О.Ш. Анвои истиорот дар ғазалиёти Соиби Табрезӣ – аз нигоҳи сохтор / О.Ш. Саидҷаъфаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши филологӣ. - Душанбе: Сино, 2015. - №4/2 (163). - С. 138-142.
9. Табрезӣ, Соиб. Куллиёт: бо муқаддима ва шарҳи ҳоли шоир аз Муҳаммад Аббосӣ / Сойиби Табрезӣ. - Теҳрон, 1361 ҳ.ш. - 971 с. (форсӣ).
10. Шамисо, Сирус. Баён ва маонӣ / Сируси Шамисо. - Теҳрон: Фирдавс, 1378 ҳ. - 254 с.

РАНГИНБАЁНИИ ИСТИОРАҲОИ ҲАМЗОД ДАР ШЕЪРИ САБКИ ҲИНДӢ

Муаллифи мақола қайд менамояд, ки истиора яке аз асоситарин васоити зинаткорӣ ва пироиши сухан дар сабки ҳиндӣ буда, дар муассир ва шавқбарангез намудани каломи мавзун мақоми аввалдараҷа дорад. Ба ақидаи муаллиф, дар қиёс бо ҳама сабкҳои классикӣ, дар сабки маъруф ба ҳиндӣ истиора аз ҷониби суханварони ин сабк бештар истифода гардидааст. Шоирони маъруфи ин сабк: Назирии Нишопурӣ, Толиби Омулӣ, Калими Кошонӣ, Сайидои Насафӣ ва Бедили Деҳлавӣ, ки шоири охир ба ҳайси бузургтарин намояндаи ин сабк ва муассиси мактаби хосса низ шинохта мешавад, ба санъати истиора ва анвои он таваҷҷуҳи назаррас доштаанд. Муаллифи мақола, ҳамчунин, қайд менамояд, ки вуҷуди истиораҳои ҳангуфт ва анвои мутавотири он дар шеъри шоирони мазбур дар баъзе аз маворид мӯҷиби такрори ин воситаи тасвири бадеӣ дар эҷодиёти онҳо гардидааст. Истиораҳои ҳамзод баъзан пурра, дар ҳар ду ҷузъ, баъзан - нопурра, дар яке аз ҷузъҳо: ё ҷузъи мушаббаҳун бихӣ (сифаткунанда), ё ҷузъи мушаббаҳ (сифатшаванда) такрор гардидаанд. Дар ашъори шоирони ин сабк, - қайд менамояд муаллиф, - мо баъзан бо истиораҳое бархӯрд кардаем, ки ба пуррагӣ – дар ҳар ду ҷузъ такрор шудаанд. Аммо, тавассути ҳамчунин истиорот шоирони сабки мазбур мазомин ва маъноҳои гуногунро эҷод намудаанд, ки аз ҳамдигар фарқи назаррас доранд. Ин нишондиҳандаи он аст, ки истифодаи истиораҳои ҳамзод иллати такрори мазмун дар шеъри шоирони сабки ҳиндӣ нагардида, баръакс, василаи тавтурии мазмуну мундариҷа гаштааст. Яке аз ҳамин навъи истиораҳои такрор ё ҳамзод ибораи мустаори “доман / домони саҳро” мебошад, ки дар ашъори шоирони ин сабк хеле зиёд мавриди истифода қарор гирифтааст. Тавассути истиораи мазкур ва ё яке аз аҷзои он дар шеъри суханварони сабки мазкур намунаҳои зиёде аз мазомини нав ба вуҷуд оварда шудаанд, ки аз ҳам фарқ менамоянд ва такрорӣ нестанд. Иллати тавтур ва ихтилофи мазомине, ки аз як истиора сохта мешавад, ба ақидаи муаллифи мақола, дар кӯшиши зиёди шоирони сабки ҳиндӣ барои дарёфт ва ё бастани мазмуни нав ва неруи тахайюли онҳо нуҳуфтааст.

Калидвожаҳо: истиора, истиораҳои ҳамзод, ибораи мустаор, мушаббаҳун биҳӣ, мушаббаҳ, сифаткунанда, сифатшаванда, мазомини нав, неруи тахайюл, домони саҳро, Соиб, Калим, Толиб, Сайидо, Бедил.

РАЗНОВИДНОСТИ ИЗОБРАЖЕНИЯ В ОДНОРОДНЫХ МЕТАФОРАХ ИНДИЙСКОГО СТИЛЯ

Автор статьи отмечает, что метафора является одним из основных средств поэтического изображения в индийском стиле и играет важную роль в эффективности, выразительности и привлекательности стихов,

созданных вышеупомянутым стилем. По словам автора, по сравнению со всеми стилями классической персидско-таджикской поэзии, метафора чаще применена в индийском стиле. Поэты этого стиля: Назири Нишопури, Толиб Омули, Калим Кошони, Сайидо Насафи ва Бидиль Дехлави, творчество последного, по признаниям исследователей, считается как бы завершением поэзии великих поэтов индийского стиля, и он является основоположником собственной школы бидилизма, проявили большую склонность к применению метафоры и ее разновидностей. Автор статьи также подчеркивает, что большая склонность мастеров слов данного стиля к метафоре привела к повтору этого средства художественного изображения и стала причиной обильности однородных аллегорических словосочетаний в их стихах. Однородные метафоры иногда применялись поэтами индийского стиля полностью - обеими частями, а иногда применялась их одна часть – или первая, которая литераторами считалась “мушаббахун бихи” (средство обозначения), или только вторая, которая наименовалась “мушаббах” (объект обозначения). В стихах поэтов данного стиля, - отмечает автор,- мы иногда встречаемся с такими метафорами, которые использавлись полностью – обеими частями. Но посредством таких метафор поэты индийского стиля создавали новые мотивы и мысли, которые отличаются друг от друга. Это показывает, что применение подобных метафор не привело к повтору мыслей и содержания, а, наоборот, стало причиной проявления новых мотивов в их стихах. Одной из таких метафор, которая часто встречается в стихах поэтов индийского стиля, является “доман / домони сахро” (“подол степи”). Посредством вышеупомянутой метафоры или одной ее части поэтами индийского стиля созданы множество новых мотивов, которые отличаются друг от друга и не являются повторами. По мнению автора статьи, причина отличия данных метафор является, с одной стороны, большое стремление поэтов индийского стиля к передаче нового содержания, а сдругой, - их мощное поэтическое воображение, которое не один раз было подчеркнуто в исследованиях персидско-таджикских литераторов.

Ключевые слова: метафора, однородные метафоры, аллегорическое словосочетание, мушаббахун бихи, мушаббахун, средство обозначения, объект обозначения, новые мотивы, мощь воображения, “домони сахро”, Соиб, Калим, Толиб, Сайидо, Бидиль.

VARIETY OF IMAGES IN HOMOGENEOUS METAPHORS OF THE INDIAN STYLE

The author of article will notice that the metaphor is one of the basic means of the poetic image in the Indian style which a prominent place in efficiency, expressiveness and attractiveness (or: fascination-?) verses of poets of aforementioned style. According to the author, in comparison with all styles of classical persidsko-Tajik poetry, the metaphor is most of all applied in the Indian style. Poets of this style: Naziri Nishopuri, Tolib Omuli, Kalim Koshoni, Sajido Nasafi ва Bidil Dehlavi, the last which by recognitions of researchers is end of great poets of the Indian style and the founder of own school bedilizm, have shown the big sympathy and propensity to application metaphors and its variety. The author of article also notes that the big propensity of masters of words of the given style to a metaphor has led to repetition of this means of the art image and became the reason of a profuseness of homogeneous allegorical word combinations in their verses. Homogeneous metaphors were sometimes applied to poets of the Indian style completely - both parts, and their one part - or the first which was considered as writers “mushabbahun bihi” (means of designation), or only the second which was named “mushabbah” (object of a designation). In verses of poets of the given style, - the author will note, - sometimes we meet such metaphors, which used completely - both parts. But by means of such metaphors poets of the Indian style have created new motives and thoughts which differ from each other. It shows that application of similar metaphors has led to repetition of thoughts and maintenances, and, on the contrary, became the reason of display new and разновидных motives in their verses. One of such metaphors that meets much in verses of poets of the Indian style, is “doman / domani sahro” (“a steppe hem”). By means of aforementioned metaphors or its one part by poets of the Indian style are created set of new motives, which differ from each other and are not repetitions. According to the author of article, the reason difference of the given metaphors is, on the one hand, the big aspiration of poets of the Indian style to display of new content, and with another, - their powerful poetic imagination which has not been once underlined in researches of the persidsko-Tajik writers.

Key words: a metaphor, homogeneous metaphors, an allegorical word combination, mushabbahun bihi, mushabbahun, designation means, object of the designation, new motives, power of imagination, “a steppe hem”, Soib, Kalim, Tolib, Sajido, Bidil.

Сведения об авторе: ***Саидджафаров Озод Шохвалиевич*** – Таджикский государственный финансово-экономический университет, доктор филологических наук, профессор кафедры таджикского языка. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Нахимова 64/14. E-mail: **Ozod_060374 @mail.ru**.
Тел.: **(+992) 909-09-31-84**

Information about the author: ***Saiddzhafarov Ozod Shokhvalievich*** - Tajik State University of Finance and Economics, Doctor of Philology, Professor of the Tajik Language Department. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Nakhimov 64/14. E-mail: **Ozod_060374 @ mail.ru.** Tel .: **(+992) 909-09-31-84**

УДК: 891.550-1

МАЗМУНИ СУЖЕТ ВА УСТУХОНБАНДИИ «ХУСРАВНОМА»-И ШАЙХ АТТОРИ НИШОПУРӢ

Дӯстов К.А., Зикаева С.З.
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншо Шоҳтемур

Адабиёти кассикии форсу тоҷик бо ба миён омадани як қатор асарҳои оламшумул дар баробари фароҳам овардани заминаи мусоиди илмиву бадеӣ дар таълиму тарбияи насли башар нақши муассир дорад. Албатта, барои расонидани ин ё он асари бадеӣ ба қуллаи асари комил муаллифро зарур аст, ки қонунҳои назарии бадеиятро пурра ба инобат гирифтаву риоя намояд. Сужет ва устухонбандии асари бадеӣ яке аз хусусиёти муҳимтарини осори дорои мазмуни сужети ягона маҳсуб меёбад. Ба ин маънӣ, яке аз

асарҳои маъруфи Шайх Аттори Нишопурӣ “Хусравнома”аз лиҳози дарбаргирии унсурҳои хатти сужет ва устухонбандӣ камназир аст.

Сужети достони “Хусравнома” ба назарияи сужети асари бадеӣ, ки дар китобҳои назарии адабиётшиносии ҷадид матраҳ аст, мутобиқати тамом дорад. Ин достон аз се бахш иборат буда, асари мукаммали бадеиеро мемонад, ки аз нигоҳи шакл ва мазмун ба талаботи жанри достон мутобиқати том дорад. Бинобар ҳамин, мазмун ва сужети достонро аз рӯйи назарияи маълуми **унсурҳои сужет,** ки аз лаҳзаҳои ҷудогона **- оғози воқеа (экспозитсия), инкишофи воқеа (ё худ, рабт), авҷи воқеа (кулминатсия) ё нуқтаи олӣ, гиреҳкушоии воқеа ва хотима** иборат аст, баррасӣ мекунем.

Бахшҳои асосии муқаддимаҳои классикӣ қисмати ҳамду наъту манқабат мебошад, ки мусаннифи «Хусравнома» низ ба тартиби мазкур онҳоро дар асари хеш ҷой додааст. Дар ин бахшҳо каломи шоир оҳанги тавсифӣ гирифтааст, ки аз талаботи маъмул бармеояд. Аз ҷумла, дар ситоиши Худованди якто чунин омадааст:

Ҷу зоҳир шуд, зуҳури ӯ ҷаҳон буд,
Ҷу ботин шуд, бутунаш нури ҷон буд [4, с.3].

Ва дар наъти сайид-ул-мурсалин, хотам-ан-набийин ҳазрати Муҳаммад (с), васфу ситоишро дар ҳаққи дигар халифаҳои ислом идома дода, аз ҷумла, дар хусуси бузургиву донишмандии Имоми Аъзам Абӯҳанифа низ боби махсусеро бахшидааст. Таваҷҷуҳи Аттор ба абармардони илму ирфон амри тасодуфӣ набуда, аз рӯйи ихлоси ақлу дониш аст. Зеро Имом Абӯҳанифа шахсиятест, ки дар ҷаҳони ислом асолати Худоҷӯиву имоншиносиро хеле соддаву оммафаҳм таҳлилу баррасӣ намудааст.

Аз ин ҷост, ки шоир ин фақеҳи кабиру тавоноро дар мақому мартаба пас аз пайғамбар (с) қарор дода, ӯро дар бузургиву хирадмандӣ ба Луқмони ҳаким ва дар мақоми исломӣ баргузидаи Расули акрам (с) хондааст:

Ҷаҳонро ҳам имому ҳам халифа,
Гиромӣ донӣ, илло Бӯҳанифа.
Ҷаҳони илму дарёи маонӣ,
Имоми аввалу Луқмони сонӣ [4, с.28].

Қисми дуюми достон, ки аз 41 боб иборат аст, мазмуни асосии ишқномаи Гулу Ҳурмузро дар бар мегирад. Ҳамин қисмати достон сужети ягона дошта, мутобиқи талаботи унсурҳои хатти сужет таълиф гардидааст. Дар зер сужети достонро мутобиқи назарияи маъмули устухонбандии асари бадеӣ баррасӣ мекунем.

Таваллуди Ҳурмуз ва тарбияи вай. Оғози воқеа (экспозитсия) бо байтҳои:

Ало, эй булбули дастонзананда,
Гаҳе ҷонбахшу гаҳ бар ҷон зананда [4, с.36].

оғоз гардида, хонандаро бо гузаштаи дури яке аз образҳои марказии достон - Хусрав, ё худ Ҳурмуз ошно месозад. Дар ин қисмат шоир суханро, пеш аз ҳама, бо тасвири симои шоҳи одилу адолатпарвар Қайсари Рум ҳусни оғоз бахшида, аз ҷумла, нақл мекунад, ки шоҳ бар замми дороиву сарваташ муддати чиҳил сол фарзанддор нагардид. Ва бо маслиҳати ҳакимон канизаки дарборашро ба занӣ гирифта, аз вай соҳиби фарзанд мешавад, вале худи подшоҳ хеле баъдтар, пас аз ба воя расидан огоҳӣ пайдо мекунад, ки насли вай идома дорад. Ин маънӣ бо воқеоти ҳамгуне, ки аксар аз рӯзгори шоҳону шоҳзодагон дар осори дигар низ матраҳ аст, монандӣ дорад. Дар ин ҳолатҳо орзуи ягонаи подшоҳон идомаи насл мебошад, ки бақои исми онҳоро ҳам таъмин мекунад.

Ин рафтор боиси сар задани рашки хотуни подшоҳ мегардад. Хотуни Қайсар аз бими фарзандоварии канизак қасди ҷонашро мекунад. Надимаи Хотун, ки супориши нобуд кардани канизакро гирифта буд, ба ин кор ҷуръат намекунад. Ӯ модари ояндаро дар хонаи худ нигаҳбонӣ карда, баъд аз таваллуди тифл, бо хоҳиши канизак, Хусрави навзодро ба ватани худ бурдан мехоҳад.

Пас аз воқеоте, ки дар роҳ сар мезанад, қисса чунин гиреҳ мехӯрад, ки Хусравро доя ва боғбонею зани вай аз мулки дигар тарбият мекунанд. Оид ба ин ҷиҳати рӯзгори шахсияти асосии достон баъдтар таваққуф мешавад. Дар ҳамин ҷо қисмати прологи достон хотима ёфта, бахши дигари сужети асар шурӯъ мешавад.

Оғози муҳаббати Гулу Ҳурмуз. Бахши экспозитсияи сужети достон бо тасвири оғози муҳаббати Гулу Ҳурмуз оғоз мегардад. Тибқи сужети қисса, вақте Хусравро ба доя месупоранду онҳо аз Рум мебароянд, дар роҳ моҷарои зиндагии ояндаи қаҳрамони асосии достон оғоз мегардад.

Дояи Хусрав ба ватани худ нарасида бо сабаби бархостани тундбоде роҳро гум мекунад ва хаставу афгор ба дари боғи шоҳи Хузистон мерасад. Боғбони шоҳ Меҳмард ва зани ӯ дояро ба паноҳи худ мегиранд. Доя асли воқеаро ба Меҳмард ва зани ӯ нақл мекунад ва пас аз чанде аз олам чашм мепӯшад:

Боғбону зани ӯ навзодро Ҳурмуз ном мениҳанд ва бинобар он ки зани боғбон ба тозагӣ фарзандашро аз даст дода буд, Хусравро чун фарзанди худ парвариш мекунанд.

Шоҳи Хузистон бо номи Гулрух ва Баҳром ду фарзанд дошт. Гулрух дар ҳусну ҷамол беназир буд. Овозаи зебоии ӯ ба тамоми ҷаҳон паҳн гардида буд.

Дар яке аз рӯзҳои баҳорӣ Гулрух Ҳурмузро дар боғ хобида дида, ба ӯ дил мебандад:

Ба зери бед Ҳурмуз буд хуфта,
Зи мастӣ ақл зоил, ҳуш рафта [4, с.71].

Ӯ баъд аз дидани Ҳурмуз пайваста лаҳзаи дидор меҷуст. Илоҷи ҳол ҷуста, рӯзе ба канизонаш фармон медиҳад, то дар боғ маҷлиси шоҳона ороянд. Гулрух бо ин баҳона бори дигар ба дидани дидори Ҳурмуз ноил мегардад:

Бурун карданд Ҳурмузро аз он боғ,
Дили Гул ёфт чун лола аз он доғ [4, с.69].

Аммо бо ин ҳама Гулрух ҳамеша дар изтироб буд. Барои ба висоли Ҳурмуз расидан хеле чорабиниҳо карда, оқибат ба дояи худ рози дил кушод ва аз ӯ дар ин раҳ кумак хост:

Ту ёрам шудӣ, корам баромад,
Матоамро харидоре даромад.
Бари Ҳурмуз шаву чизе дарандоз,
Магар к-ин дар шавад бо дасти ту боз [4, с.72].

Доя Гулро бо насиҳатҳои модарона аз раъяш гардонидан мехоҳад, аммо мебинад, ки шоҳдухтар гирифтори доми ишқ асту парвои насиҳатҳои дояи худ надорад. Ноилоҷ баҳри оромии Гул ба назди Ҳурмуз меояд:

Ту Гул рӯйи ту дид аз бом ногоҳ,
Ба дар омад туро иқбол аз роҳ.
Чӣ гӯям з-он ки ман дидам басеро,
Ки бозӣ нест бо давлат касеро.
Зи олам ҳамдаме аз оламе беҳ,
Даме бо ӯ зи умри одамӣ беҳ [4, с.63].

Ҳурмуз суханони дояро андешаи ҳавову ҳавас пиндошта, худро ба Гул лоиқ намедонад. Ва ӯро бо суханони таҳқиромез аз назди худ меронад:

Бад-ӯ гуфт: «Эй зи дониш дурмонда,
Зи ғӯли нафси худ мағрур монда.
Надорӣ шарм бо мӯйи ту пунба,
Ки ҳалқи чун мане буррӣ ба дунба» [4, с.58].

Доя назди Гул омада, аз ӯ гиламанд мешавад, ки боиси таҳқир шуниданаш гардидааст. Бори дигар номуносиб будани Ҳурмузро ба ӯ мефаҳмонад. Гулрух аз суханони доя ранҷида, ишқи худро ҷуз ба висоли Ҳурмуз расидан дармон намебинад. Дар ин ҳангом Гулрух бори дигар ба дидани дидори дилдодааш ноил гардида, ӯро бо нигоҳи зебову дилкаш ба доми ишқ мегирад. Ҳурмузи бадомафтода аз гуфторҳои бади худ пеши доя хеле андуҳгин гашта, роҳи чӣ гуна аз ӯ бахшиш пурсиданро ҷӯё мегардад. Оқибат назди доя омада, аз дарди худ роз мекушояд:

Суханҳо пеши ту беҳуда гуфтам,
Зи сармастӣ бурун аз парда гуфтам.
Кунун аз меҳри Гул чун мум гаштам,
Ту мӯйи луқма номаълум гаштам» [4, с.69].

Гулу Ҳурмуз чанде дар висоли ҳамдигар болидаву бо хушнудӣ зиндагӣ мекунанд.

Дар ҳамин ҷо риштаи экспозитсияи достон ба поён расида, унсури дигари хатти сужет, яъне, инкишофи воқеа (ё худ, рабт) ва ё ба ибораи дигар, унсури гиреҳбандӣ сар мешавад.

Моҷароҳои талабгорони Гул. Унсури инкишофи воқеа (ё худ, рабт) аз ин нукта оғоз мешавад, ки ошиқон ҳанӯз комилан ба мақсад нарасидаанд, ки моҷарои талабгорони Гул сар мешавад. Дар ин миён Фирӯзшоҳ, шоҳи Исфаҳон барои хостгории Гул ба Хузистон одам мефиристад. Аммо Гул хостгорҳоро ҷавоби рад дода, ба ишқи Ҳурмуз содиқ мемонад:

На бар наъти арӯсӣ роҳ хоҳам,
На рух бар шаҳ ниҳам, не шоҳ хоҳам» [4, с.72].

Шоҳи Исфаҳон аз кирдори Гул ранҷида, мехоҳад ӯро тавассути ҷанг ба даст орад ва бо ин ният ба Хузистон лашкар мекашад. Ҳурмуз дар ин ҷанг корнамоиҳо нишон дода, ғолибиятро ба даст меоварад. Шоҳ – падари Гул ба писари боғбон будани Ҳурмуз шубҳа мекунад. Меҳмард асли воқеаро ба шоҳ мегӯяд. Шоҳ хурсанд гардида, Ҳурмузро ба Гул лоиқ медонад.

Дар ин ҳангом Қайсари Рум аз шоҳи Хузистон боҷу хироҷ талаб кард. Барои ба кишвари Рум рафтан шоҳ Ҳурмузро муносиб донист ва ӯро бо боҷу хироҷ ба ин мамлакат фиристод.

Ҳурмузро дар Рум падару модараш шинохта, тоҷу тахтро ба ӯ супориданд. Пас аз чанде бо дуои падару модар Ҳурмуз роҳи Хузистонро пеш гирифта, Гулро ба кишвари худ

овардан хост. Аммо вақте ки ба Хузистон омад, кишварро валангор дид ва аз Гул низ нишоне наёфт. Қосиде дар ин миён аз номи Гул ба Ҳурмуз нома овард:

Чӣ гӯям, он чӣ ӯ бо хештан кард,
Ки олам гӯру пироҳан кафан кард [4, с.98].

Пас аз ин хабар кӯшиши Ҳурмуз дар роҳи талаби Гул ва халос кардани вай аз банди асорат оғоз мешавад, ки дар ҳамин ҷо пайванди ногусастании дилдодагон ошкор мегардад. Ин ҷиҳат дар хатти сужети қисса ҷойгоҳи махсус дорад.

Кӯшиши Ҳурмуз дар талаби Гул. Ҳурмуз вақте мефаҳмад, ки дилдодааш асири шоҳи Исфаҳон аст, баҳри наҷоти вай ба сифати табиб ба Исфаҳон меравад:

Зи гарди раҳ чу рафту чеҳри Гул дид,
Зи чеҳри Гул диле пурмеҳри Гул дид [4, с.84].

Ошиқон баъди чанде ҳамдигарро мешиносанд, вале сир бой намедиҳанд. Онҳо дар пайи ҷустани роҳи халосӣ мешаванд. Аммо дар ин миён хоҳари шоҳи Исфаҳон - Ҷаҳонафрӯз низ бемор мешавад. Ҳурмузро чун табиб ба назди ӯ равон мекунанд. Ҷаҳонафрӯз табиби сохтаро дӯст медорад. Аммо Ҳурмуз ба ишқи Гул содиқ мемонад. Гул боре баҳри санҷиш ба Ҳурмуз чунин мегӯяд:

Ҷаҳонафрӯзро танҳо бимагзор,
Ҷавониро дар ин савдо бимагзор.
Чу медонӣ, ки ӯ дилдодаи туст,
Дилаш дар доми ишқ афтодаи туст [4, с.88].

Пас Ҳурмуз бо тамоми самимият садоқати худро ба дилдодааш иброз менамояд:

Ҷавобаш дод Хусрав, к-эй дилором,
Маро дар озмоиш мекунӣ ром...
Агар ман ҷуз ту касро дӯст дорам,
Надорам мағзу паймон, пӯст дорам [4, с.89].

Ҳурмуз баъди чанде бо машаққатҳои зиёд Гулро ба Рум мебарад. Ва ин ҷо дар хатти сужети достон унсури авҷи воқеа (кулминатсия) ё нуқтаи олӣ инкишоф меёбад. Яъне, ҳанӯз Гулу Ҳурмуз ба висоли ҳам нарасида, одамони шоҳи Исфаҳон Гулро дуздида, дар сандуқ пинҳон мекунанд. Онҳо тавассути киштӣ мехоҳанд ба кишвари худ раванд, аммо боди сахте мевазаду сандуқи Гул аз киштӣ ба баҳр меафтад.

Сандуқро моҳигире дарёб карда, дар он гулдухтари зебоеро дида, ба ӯ мафтун мешавад. Ӯ чанде Гулро бо моҳибирён парвариш мекунад. Ва баъд аз ин мехоҳад аз ӯ коми дил ситонад. Аммо Гул худро ҳимоя карда, ҷавонро ба қатл мерасонад. Сипас, бо либоси мардона роҳи гурезро пеш мегирад:

Ба дил гуфто: «Агар з-ин сон, ки ҳастам,
Бурун оям, шавад корам зи дастам.
Чу бинандам буте симин суманбар,
Ҳама касро тамаъ афтад ба ман бар.
Маро он беҳ, ки бар шакли ғуломон,
Ҳама офоқ мегардам хиромон...» [4, с.121].

Гул сарсону саргардон дар кӯчаҳои Туркистон зери андуҳи гарон дар фироқи Ҳурмуз ранҷ мекашид. Рӯзе ба назди боғе расида, он ҷо ба хоб меравад. Духтари шоҳи Чин ҳангоми сайру гашти боғ ҷавони зебоеро дар ҳолати хобида дида ба ӯ моил мегардад. Аз канизаш хоҳиш мекунад, ки ӯро ба висоли ҷавон расонад. Вақте ки духтари шоҳ ба мақсад намерасад, Гулро туҳмат карданӣ мешавад, ки гӯё номуси ӯро қасд кардааст. Аммо Гул бо духтар будани худ бегуноҳияшро исбот мекунад.

Шоҳи Чин Гулро чунин зебову дилкаш дарёфта, мехоҳад аз ӯ ком бигирад. Чанде вайро дар қасраш бо нозу неъмат нигоҳ медорад. Аммо Гул бо ҷасорати тамом номуси худро ҳимоя карда, бар зидди андешаҳои шоҳи бадахлоқ истодагарӣ менамояд:

Бад-ӯ гуфт: «Эй дағобози дағогӯй,
Ҷафокори ҷафоварзи ҷафоҷӯй.
Ба хуни хештан бандам миёнро,
Зи нанги худ бипардозам ҷаҳонро.
Зи дасти духтарат ҷастам кунун ман,
Чаро дар пойи ту гардам ба хун ман?» [4, с.129].

Азобу шиканҷаҳои Гулро Кофур ном ходими шоҳ дида, аз номи Гул ба Ҳурмуз нома мебарад. Ҳурмуз бо хондани номаи Гул сахт андуҳгин гардида:

Ба Фаррух гуфт: «Тадбире бияндеш,
Ки ҷонам рафту сабрам нест з-ин беш.
Бигӯ, то чораи ин кори ман чист,
Ки бе ҷонам намеояд зи тан зист?» [4, с.169].

Пас Фаррух барои озод кардани Гул ба Чин меравад. Фаррух Гулро аз банд озод мекунад ва онҳо тавассути роҳи Нишопур роҳи Румро пеш мегиранд. Аммо ин ҷо инкишофи воқеа ба авҷи олии худ (кулмнатсия) мерасад, зеро дар Нишопур шоҳи кишвар - Шопур ба ҳусну ҷамоли Гул мафтун гардида, ӯро аз Фаррух ба зӯрӣ мегирад. Фаррух ба

Рум меояд. Шоҳ дар ин миён ба Гул изҳори муҳаббат карда, ӯро ба дом гирифтан мехоҳад. Ҳурмуз аз асли воқеа хабар ёфта, ба Шопур номаи огоҳӣ менависад:

В-аз он пас гуфт: «К-эй Шопури гумроҳ,
Ки берун омадӣ дар кинаи шоҳ.
Агар лашкар кашам бар кишвари ту,
На кишвар монаду на лашкари ту» [4, с.178].

Шопур бо маслиҳати Фирӯзшоҳ ба андешаи худ истодагарӣ карда, Гулро аз даст додан намехоҳад. Баръакси вай Хусрав низ дар зами худ устувор аст. Бартарии дигари Хусрав он аст, ки Гул ҳамраъйи ӯст. Дар ҳамин ҷо унсури гиреҳкушоии воқеа ва хотимаи достон сар мешавад.

Оқибати кори ошиқон ва ҷамъбасти достон чунин сурат мегирад, ки Ҳурмуз ба Нишопур лашкар кашида, дар он ҷо ғолибиятро ба даст оварда, Фирӯзу Шопурро асир мегирад. Гулу Ҳурмуз ба кишвари Рум баргашта, ба висоли ҳамдигар мерасанд. Воқеаҳои охири ҳаёти онҳо, аз ҷумла, соҳиби писаре бо номи Ҷаҳонгир шуданашон, аз ҷониби мори афъие ба ҳалокат расидани Хусрав, пас аз марги Хусрав дар рӯйи хоки дилдодааш ҷон додани Гулрух ва баъд аз марги Қайсари Рум баён ёфтани идомаи шоҳигарии одилона дар симои Ҷаҳонгир ба анҷоми некбинонаи сужети достон шаҳодат медиҳад. Чунончи:

Бад-ӯ гуфт, «Эй гиромитар зи ҷонам,
Ҷаҳон хоҳад рабудан аз ҷаҳонам.
Ҷаҳон боди ҷавонӣ аз сарам бурд,
Ба сар боре писарро аз барам бурд…
Агар ту чун Сулаймонӣ сарафроз,
Сари мӯйе зи мӯре сар макаш боз» [4, с.179].

Бо ҳамин хатти сужети достон бо дарбаргирии унсурҳои асосӣ ва иловагии он ба охир мерасад.

Қисмати сеюми достон, ки хотимаро дар бар мегирад, танҳо аз як боб иборат буда, ба хатти сужети асар дохил намешавад. Дар ин қисмат Аттор аз Аллоҳ мадад пурсида, аз ситоиши иқтидори сухани худ баҳс мекунад:

Ало, эй шоҳбози соиди шоҳ,
Кулоҳат чист, аз моҳист, то моҳ?!
Ту бозиву кулоҳи ту чунон аст,
Ки таркаш ним тарки осмон аст.
Агар аз сар барандозӣ кулоҳат,
Наёяд ҳеч чизе банди роҳат.
Кунун аз ҳар чӣ медонӣ, бурун ой,
Чу бо ҳеҷ омадӣ, он гаҳ дарун ой!
Агар бо ҳеҷ оӣ аз ҳама чиз,
Ту бошӣ ҳамчу ман ҳечу ҳама низ! [4, с.189].

Устухонбандӣ-композитсияи қисматҳои сужети достон. Устухон-бандӣ, ки робитаву алоқамандии қисматҳои таркибии асари бадеиро гӯянд, яке аз унсурҳои муҳимтарини назарияи каломи бадеъ аст. Дар мавриди нишонаҳо ва махсусиятҳои хосси устухонбандии асари бадеӣ адибону суханварони барҷастаи классик андешаҳои мухталифи қобили таваҷҷуҳ иброз намудаанд. Аз ҷумла, Муҳаммад ибни Умари Родуёнӣ бар он аст, ки «яке аз ҷумлаи балоғат он аст, ки шоир байтҳои қасида муталоим гӯяд, яъне якдаставу ҳамвор гӯяд ва чунон кунад, ки миёни байту байт тафовути бисёр набувад ба азубату сифат» [1, с.128].

Ба андешаи Шамси Қайси Розӣ, баъди таълифи шеър бояд, «ҷумларо (тамоми байтҳоро) марратан баъда ухра аз сари итқон боз-хонад ва дар нақду танқеҳ муболиғат намояд ва миёни абёт талфиқ кунад ва ҳар якро ба мавзеи хеш бозбарад ва тақдиму таъхир аз он зоил гардонад, то маонӣ аз якдигар гусаста нашавад ва абёт аз якдигар бегона нанамояд ва ба ҳама вуҷуҳ тавофиқи масореъ ва татобиқи алфозу маонӣ лозим дорад, чи бисёр бошад, ки ду мисраъ ё ду байт бо якдигар аз роҳи маънӣ мутаносиб наёяд ва бадон сабаб равнақи шеър ботил гардад» [7, с.89].

Яъне, аз ин гуфтаҳо чунин бармеояд, ки устухонбандӣ, ё худ композитсия ва қонуниятҳои он ба тамоми навъҳои эҷоди адабӣ мансуб аст. Ва танҳо ҳамин омил метавонад ваҷоҳату нафосати осори бадеъро комилан инъикос намояд.

Азбаски мутобиқати услубиву мундариҷавии асар боиси устувории устухонбандии он мегардад, Шамси Қайси Розӣ таъкид кардааст, ки «агар касе хоҳад, ки дар фанни шеър ба дараҷаи камол расад ва сухан чунон орояд, ки писанди арбоби табъ бошад, бояд, ки ҷаҳд кунад то насру назми ӯ ба алфози покиза ва маонии латиф ороста ояд ва чунонки ба сувари маонии бадеъ дар кисвати алфози ракик сар фурӯ наёрад, ба нуқуши иборати балеғ бар рӯйи маонии воҳӣ фирефта нашавад, чи маънии беиборат ҳеҷ тароват надорад ва иборати бемаънӣ ба ҳеҷ нашояд» [7, с.91].

Ба ибораи дигар, агар суханвар дар нигоштани осори худ аз услуби хоссаи худ истифода накардаву онро ба таври дилкаш бо истифода аз дигар қонуниятҳои адабӣ, ба

мисли санъату образҳои бадеӣ ва мундариҷаи ғоявию хатти сужет пероста накунад, ҳоҷат ба устухонбандӣ низ наемонад. Композитсия чун омили батартиборанда ва низомкунандаи қисматҳо дар асарҳои бадеии дорои сужети ягона дорои унсурҳои дохилии ҳусни матлаъ, ҳусни тахаллус, ҳусни талаб, ҳусни мақтаъ, бароати истеҳлол ва руҷӯъи лирикӣ (соқинома, муғаннинома) мебошад.

Агар бо талаботи мазкур ба достони «Хусравнома» ба дидаи таҳқиқ бинигарем, шоҳиди он мешавем, ки асари мавриди назари мо асаре комилан ҳунарибунёд буда, аз сохти композитсионии муҳкаме бархӯрдор мебошад.

Аз он ҷо, ки *матлаъ* ифодакунандаи аслии мавзӯъ ва мундариҷаи ғоявии асар мебошад, дарёфтани он низ заҳматталаб аст. Азбаски «Хусравнома» аз се қисмат иборат буда, махсусан қисмати аввали он аз қисмати дуюм аз лиҳози мундариҷаи ғоявӣ фарқ дорад, матлаъ низ дар ин қисматҳо мутобиқи мазмуну моҳият сурат гирифтааст.

Матлаи қисмати аввал бо мисраъҳои:

Ба номи он, ки ганҷи ҷисму ҷон сохт,
Тилисми ганҷи ҷон ҳар ду ҷаҳон сохт [4, с.3].

оғоз гардида, мазмуни тасаввуфӣ доштани ин қисматро инъикос мекунад.

Қисмати дуюм, ки моҳияти ишқи поку заминиро дар бар гирифта, дорои сужети ягона мебошад, бо матлаи зерин оғоз гардидааст:

Ало, эй булбули дастонзананда,
Гаҳе ҷонбахшу гаҳ бар ҷон зананда.
Чу Юсуфрӯию Довудиовоз,
Зи бӯйи ишқ чун булбул кун оғоз.
Чу дар афсонаи Гул боядат буд,
Ҳазорово чу булбул боядат буд.
Зи булбул беқарорӣ беш дорӣ,
Ки шарҳи ишқи Гул дар пеш дорӣ [4, с.36].

Чунин матлаи образнокро, ки хонандаро барои шунидан ва ё хондани идомаи достон раҳнамун месозад, ***ҳусни матлаъ*** мегӯянд.

Мафҳуми ***тахаллус*** дар илми адабиётшиносӣ ба ду маънӣ шинохта шудааст. Яке, тахаллус ном ва ё кунияи шоир аст, ки онро дар охири шеър, қасида, ғазал ва ҳатто маснавӣ (достон) дарҷ мекунанд. Дувум, тахаллус ба маънии гурезгоҳ, яъне унсури дохилии композитсия мебошад, ки қисмати муқаддимаи асарро бо қисмати асосии он мепайвандад. Ва агар қисмати гурезгоҳ дар достон хеле барҷаставу моҳирона ва мулоиму мутаносиб ифода ёфта бошад, онро *ҳусни тахаллус* мегӯянд. Гурезгоҳи композитсионии «Хусравнома», ки таваҷҷуҳи хонандаро хеле моҳирона ба қисмати асосии асар мепайвандад, намунаи барҷастаи ҳусни матлаъ мебошад:

Кунун бишнав сухан то роз гӯям,
Зи мағзи қисса маънӣ боз гӯям.
Ки дар ҳар нукта сад маънӣ ниҳон аст,
Вале дар чашми соҳибдил аён аст [4, с.13].

Тахаллус ба маънии имзои шоир, яъне дарҷ гардидани ном ва ё кунияи низ дар «Хусравнома» риоя гардидааст. Шоир дар қисмати оғози номаи Гул ба Хусрав кунияи худро чунин қайд кардааст:

Фарид аст ин замон баҳри маонӣ,
Ки бар вай хатм шуд гавҳарфишонӣ.
Чу дар маънӣ суханпардоз гардам,
Ба сӯйи номаи Гул боз гардам [4, с.213].

Ва ё дар қисмати хотимаи китоб шоир ду маротиба унвони касбии худро ҳамчун тахаллус овардааст. Чунончи:

Зиҳӣ, **Аттор**, к-аз мушки маонӣ,
Агар сад нофа бикшоӣ, тавонӣ! [4, с.236].

Ё худ:

Сухангӯён сухан бисёр гуфтанд,
Вале не шеваи **Аттор** гуфтанд [4, с.246].

Талаб яке аз унсурҳои муҳимми композитсионии асари бадеӣ буда, бидуни он ҳеҷ эҷодкоре қалам ба даст намегирад. Умуман, агар ба таври воқеӣ гӯем, ҳар иқдому амалеро талаб ва ё ғояест, ки моҳияти асосии мазмунро инъикос мекунад. Талаб ё муроди марказии (ғоя) «Хусравнома»-и Аттор бо роҳу воситаҳои гуногун: образу характерҳо, портрету зиддият ва манзара ифода мегарданд, ки дар ин хусус баъдтар дар мавриди баррасии ғоя ва таҳлили образҳои асосии асар баҳс хоҳем кард.

Муроди ғоявии шоир, ки сурудани достони ишқи поку самимист, бо ҳусни талаби зерин хеле муассир инъикос гардидааст:

Ҳар он ошиқ, ки пуришқ аст ҷонаш,
Бувад маъшуқи нағз ин достонаш…
Ҳар он ориф, ки дорад ҳамдаме дур,

Бурун гирад аз ин ҷо оламе нур [4, с.189].

Дар истилоҳи бадеъ ***мақтаъ*** мисраъ ва ё бандеро гӯянд, ки бо он асари бадеӣ анҷом ёфтааст. Ҳусни мақтаи «Хусравнома»-и Аттор хеле барҷаста ифода ёфта, тамоми андешаҳои шоирро дар мавриди эҷоду зиндагӣ ва маърифату ҷаҳонбиниаш оқилона ифода кардааст:

Касе, к-ӯ дар дуо орад маро ёд,
Ҳама вақте нигаҳдораш Худо бод! [4, с.289].

Ғайр аз ин, дар «Хусравнома» ду унсури дигари композитсиониро дидан мумкин аст, ки маҳорати шоирро дар офариниши ин навъи асарҳо боз ҳам барҷаставу муассир инъикос мекунад. Ин унсурҳо дар илми адабиётшиносӣ бо номҳои бароати истеҳлол ва ручӯи лирикӣ қайд гардидаанд.

Бароати истеҳлол унсури дохилии устухонбандии асар буда, ишораи образноки нозук ба чигунагии ҳалли зиддияти асосии минбаъд тасвиршаванда мебошад. Қисмати **ҳалли зиддият** дар «Хусравнома» бо шикаст хӯрдани лашкари Шопуршоҳ дар мубориза бо лашкари Хусрав ва ба ҳам расидани ошиқон - Гулу Хусрав тасвир гардидааст. Мисраъҳои образноки нозуке, ки чигунагии ҳалли зиддияти асосии минбаъд тасвиршавандаро дар «Хусравнома» ифода менамоянд, чунин ба қалам дода шудаанд:

Чу баҳри хун зи сарҳадди ҷаҳон шуд,
Фалак чун киштие бар хун равон шуд [4, с.196].

Бо хондани ин мисраъҳо хонанда ва шунаванда дарк мекунад, ки миёни ду қувва ва ё ду сарзамин ҷанги хунине сар задааст.

Ручӯи лирикӣ порчаи шеъриеро мегӯянд, ки шоир дар дохили асар эҳсос ё андешаи шахсии худро нисбати воқеа, ҳолат ва рафтору иродаи персонажҳои алоҳида баён менамояд. Ручӯъҳои лирикии «Хусравнома»-и Аттор дар мавзӯъҳои мухталиф, аз қабили ирфону маънавиёт, панду насиҳат, некиву накукорӣ ва худшиносиву фурӯтанӣ суруда шудаанд. Мавқеи корбурди ручӯъҳои лирикӣ дар достон гуногун аст. Шоир гоҳо дар оғози сар задани воқеаҳо, гоҳо дар анҷом ва гоҳо дар мобайни қисса низ ручӯи лирикӣ намудааст.

Аз ҷумла, дар қисмати «Оғози достон», ки аслан дар мавриди бефарзандии Қайсар нақл шудааст, андешаи пандомези Аттор дар хусуси таззоди зиндагӣ ва нобарориҳои он чунин баён гардидааст:

Якеро дил ба ҷон ояд зи фарзанд,
Якеро ҷон ба фарзанд орзуманд.
Яке дар орзуи бача пайваст,
Якеро даҳ бача як нон дар даст [4, с.92].

Яъне, ручӯъҳои дар қисмати «Оғози достон» омада то андозае хонандаро ба дарку ҷалби сужети асар ишораву омода мекунанд ва як бастагие ё рабти умумие дар асар ба назар мерасад, ҳарчанд ин қисматҳо ба хатти сужет вобастагии мустақим надоранд.

Дар қисмати «Хотимаи асар» Аттор ақидаҳои фалсафии худро дар мавриди оламу одам ва муаммоҳои сарбастаи ҳастӣ, аз ҷумла, таваллуду марг хеле орифона баён намудааст. Ба андешаи ӯ:

Чу мурдан буд, ин зодан чаро буд!?
Чу рафтан буд, истодан чаро буд!?
Ҷаҳоне халқ, бин, ношод монда,
Ҳама аз хеш дар фарёд монда!
Ба зери соя сар дорем ҷумла,
Ки сар сӯйи фано орем ҷумла! [4, с.299].

Ҳамчунин, суханвар барои гузаштан аз як ҳодиса ба ҳодисаи дигар ва ҷалби хонанда ба моҳияти воқеаҳои минбаъда ручӯъҳои лирикиро бо номҳои «Боз гардидан ба сари қисса», «Аз сар гирифтани қисса», «Боз рафтан ба сари қисса», «Дар сифати чанг», «Дар сифати даф», «Дар сифати най» ва «Дар сифати барбат» корбаст кардааст.

Ҳамин тариқ, «Хусравнома» аз ҷиҳати мундариҷаи хатти сужет ва тартиби устухонбандии қисматҳо дар сатҳи баланди назариявӣ эҷод шудааст. Шайх Аттор кӯшиш намудааст, хонандаи худро дар дохили ҳодисаву воқеаҳои достон ба дармондагиву нофаҳмӣ рӯ ба рӯ насозад. Суханашро тавре гуфтааст, ки ҳар қисмати он миёни ҳам қаробати ногусастанӣ доранд.

Достони «Хусравнома» ифодагари арзишҳои баланди маънавию ахлоқӣ буда, аз лиҳози истифодаи санъатҳои бадеӣ ва забону услуби нигорандагӣ низ ҷалби таваҷҷуҳ мекунад.

А Д А Б И Ё Т

1. Раҳим Мусулмониён. Назарияи адабиёт. - Душанбе: Маориф, 1990.
2. Носири Хисрав. Сафарнома. - Душанбе: Ирфон, 1970.
3. Лотман Ю.М. Анализ поэтического текста / Ю.М. Лотман. - Ленинград, 1972.
4. Фаридуддини Аттор. Хусравнома / Таҳияи Наҷмии Сайфӣ. - Душанбе: Ирфон,1990.
5. Белинский В.Г. Собр. соч. - Т. 10.

6. Мирзо Турсунзода. Барои назми пешқадам // Шарқи Сурх, 1954.
7. Шамси Қайси Розӣ. Ал-муъҷам; муаллифи сарсухану тавзеҳот ва ҳозиркунандаи чоп У.Тоиров. - Душанбе: Адиб, 1991.
8. Тӯрақул Зеҳнӣ. Санъати сухан. - Душанбе: Маориф, 1992.
9. Тимур Молмир. Баррасии сабкии "Хусравнома" барои табйини сиҳҳати интисоби он ба Аттори Нишопурӣ / Молмир Тимур // Сабкшиносии назму насри форсӣ (фаслномаи тахассусӣ). - Соли чаҳорум, шумораи савум, поизи 1390. - С.1-20.
10. Мухаммедходжаев А. Мировоззрения Фаридаддина Аттора / А.Мухаммедходжаев. - Душанбе: Ирфон, 1974. - 117 с.
11. Давлатшоҳи Самарқандӣ. Тазкират-уш-шуаро. - Душанбе: Ирфон, 1989. - 134 с.
12. Бадеъуззамони Фурӯзонфар. Шарҳи аҳвол ва нақду таҳлили осори Шайх Фаридуддин Муҳаммад Аттори Нишопурӣ. - Теҳрон: Навбаҳор, 1339 ҳ. - 518 с.

МАЗМУНИ СУЖЕТ ВА УСТУХОНБАНДИИ «ХУСРАВНОМА»-И ШАЙХ АТТОРИ НИШОПУРӢ

Сужети асари бадеӣ ва устухонбандии қисматҳои он яке аз муҳимтарин унсурҳои таълифи жанрҳои мухталифи адабиёт ба шумор меравад. Вобаста ба ин масъала муаллифон мазмуни сужет ва устухонбандии "Хусравнома"-и Шайх Аттори Нишопуриро мавриди таҳқиққарор додаанд. Тавре маълум аст, адабиёти кассикии форсу тоҷик бо ба миён омадани як қатор асарҳои оламшумул дар баробари фароҳам овардани заминаи мусоиди илмиву бадеӣ дар таълиму тарбияи насли башар нақши муассир дорад. Албатта, барои расонидани ин ё он асари бадеӣ ба қуллаи асари комил муаллифро зарур аст, ки қонунҳои назарии бадеиятро пурра ба инобат гирифтаву риоя намояд. Сужет ва устухонбандии асари бадеӣ яке аз хусусиёти муҳимтарини осори дорои мазмуни сужети ягона маҳсуб меёбад. Ба ин маънӣ, яке аз асарҳои маъруфи Шайх Аттори Нишопурӣ "Хусравнома"аз лиҳози дарбаргирии унсурҳои хатти сужет ва устухонбандӣ камназир аст. Дар мақола мазмун ва сужети достон аз рӯйи назарияи маълуми **унсурҳои сужет,** ки аз лаҳзаҳои ҷудогона **- оғози воқеа (экспозитсия), инкишофи воқеа (ё худ, рабт), авҷи воқеа (кулминатсия) ё нуқтаи олӣ, гиреҳкушоии воқеа ва хотима** иборат аст, баррасӣ шудааст. Дар мақола муаллифон қисматҳои "Хусравнома"-ро аз нигоҳи устухонбандии бадеӣ таҳлил намуда, дар заминаи андешаҳои олимони соҳа мавқеи асари мазкурро муайян намудаанд. Аз ҷумла, қайд шудааст, ки устухонбандӣ робитаву алоқамандии қисматҳои таркибии асари бадеиро гӯянд ва яке аз унсурҳои муҳимтарини назарияи каломи бадеъ мебошад. Мақолаи мазкур барои исботи маҳорати баланди достонсароии Аттор дар заминаи қонуниятҳои сужетофарӣ ва устухонбандӣ мавқеи намоён дорад.

Калидвожаҳо: Фаридаддини Аттор, Хусравнома, достон, сужет, устухонбандӣ, мазмун, каломи бадеъ.

СОДЕРЖАНИЕ СЮЖЕТА И ПОСТРОЕНИЕ "ХОСРОВНАМЭ" ШАЙХ АТТОРА НИШОПУРИ

Сюжет художественного произведения и его построение считается одним из основных элементов разных литературных жанров. Авторы в данной статье, исследовали содержание сюжета и построение "Хосровнамэ" Шайх Аттора Нишопури. Как нам известно, персидско-таджикская классическая литература со времени появления многих всемирных произведений и возникновения научной и художественной положительной основы для воспитания подрастающего поколения играет важную роль. Обязательно, для того чтобы художественное произведение достигло своей цели, автору неоходимо придерживаться законовпостроенияхудожественного искусства. Сюжет и построение художественного произведения считаются основной, которая строится на единой сюжетной линии. Таким произведением считается "Хосровнамэ" Шайх Аттора Нишопури. Авторы данной статьи приходят к выводу, что содержание и сюжет поэмы построены из элементов сюжета, которые состоят из экспозиции, развития событий (или логической связи), кульминации, или высшей точки, развязки событий и заключения. В этой статье авторы рассмотрели художественное построение "Хосровнамэ" на основе высказиваний многих ученых. Они отмечают, что построение художественного произведения - это связь, имеющая отношение к структуре художественного произведения, которая и считается одним из элементов теории художественной речи. Авторы статьи отмечает, что, по мнению прежних и современных литературоведов, с научной точки зрения, поэма "Хосровнамэ" соответствует всем принципам художественного искусства.

Ключевые слова: Фаридаддин Аттар, Хусравнаме, поэма, сюжет, композиция, содержание, литературная поэтика.

THE CONTENT OF THE PLOT AND THE CONSTRUCTION OF "KHOSROVNAME" SHAYKH ATTORA NISHOPURI

The plot of the artwork and its construction is considered to be one of the main elements of various literary genres. Authors Dustov K. and Zikaeva S. in this article investigated the content of the plot and the construction of "Khosrovname" by ShaikhAttorNishopuri. As we know, the Persian-Tajik classical literature with the advent of many world works, and with the emergence of a scientific and artistic positive basis for the upbringing of the younger generation, plays an important role. It is imperative that an artistic work achieve its goal, the author must adhere to the laws of the construction of artistic art. The plot and the construction of the artwork are considered the main one, which is built on a single storyline. Such a work is considered to be "Khosrovname" by Shaykh Attor Nishopuri. The authors of this article come to the conclusion that the content and plot of the poem are built from the elements of the plot, which consist of the exposition; development of events (or logical connection); the climax, or the highest point; the denouement of events and conclusion. In this article, the authors reviewed the artistic construction of "Khosrovname" based on the statements of many scientists. They note that the construction of a work of art is a connection that relates to the structure of the work of art, which is considered one of the elements of the theory of artistic speech. The authors of the article notes that, according to the requirements of the definition of former and modern literary scholars from a scientific point of view, the poem "Khosrovnae" corresponds to all principles of artistic art.

Key words: Faridaddin Attar, Khusravnam, poem, plot, composition, content, literary poetics.

Сведения об авторах: ***Дустов К.А***. – Таджикский аграрный университет им. Ш.Шотемура, доцент, заведующий кафедрой таджикского языка. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Рудаки 146
Зикаева С.З **--** Таджикский аграрный университет им. Ш.Шотемура, доцент кафедры таджикского языка.
Адрес: 734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Рудаки 146. Тел.: **(+992) 93-582-73-03**

Information about the authors: ***Dustov K.A.*** - Tajik Agrarian University named afther Sh. Shotemura, Associate Professor, Head of the Department of Tajik Language. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Rudaki 146
Zikaeva S.Z. - Tajik Agrarian University named after Sh. Shotemura, Associate Professor, Department of Tajik Language. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Rudaki 146. Tel.: **(+992) 93-582-73-03**

УДК: 891.550:82

РЎЗГОР ВА ОСОРИ С. АЙНӢ ДАР МУКОТИБОТ БА М. ТУРСУНЗОДА

Шарифзода Л.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

I. 1. Муқаддима. Дар фаъолияти адабии С. Айнӣ яке аз воситаҳои муҳимми ба наслҳои баъдӣ дастрас намудани рӯзгор, осор ва тафсилоти зиндагӣ ва ба ин васила инкишоф додани номанигорӣ, навиштани номаҳо мебошад. Агар ба таърихи номанигории устод Айнӣ таваҷҷуҳ намоем, маълум мешавад, ки навъҳои гуногуни нома бо тамоми усули низом ва сохторбандияш, ҳанӯз дар аввали асри ХХ, ҳинни таҳсил дар мадрасаҳо ва фаъолияти муаллимӣ миёни С. Айнӣ ва хӯҷаини собиқи ӯ - Шарифҷонмахдуми Садри Зиё масобаи нома лафз ва маънии худро дарёфтааст. Ҷавоби фаврии С. Айнӣ ба мирзои қозӣ - Аҳмад дар масъалаи ба дунё омадани як фарзанд ва аз дунё рафтани фарзанди калонӣ ва гирифтани «ганорар» аз қозӣ маъруфу машҳур аст.

Аз ҷумлаи дигари номаҳои индавраина, мактубҳои адабӣ-тарбиявии китоби қироатии «Таҳзиб-ус-сибён» (1910, нашри дувуми такмилшуда соли 1917) мебошад. Бахши поёнии ин китобро фасле таҳти унвони «Хонадони хушбахт» ташкил додааст, ки гуфтугӯи хаттии писар (Муҳаммадфарид) бо падару модар ва бародару хоҳарро фаро гирифтааст [4, с.29]. Яъне метавон гуфт, ки С. Айнӣ аз анъанаи классикии адабиёти тоҷику форс оқилона истифода бурда, ҷаҳони андешаҳои қаҳрамонони худро тавассути жанри нома баён дошта, ба ин восита барои толибилмони мактаби ҷадидия роҳи дурусти дар шаҳр хондан ва саводнок шуданро нишон додааст. Вале дар солҳои 30-юму 50-ум ин раванд, бо ниёзҳои ҷомеаи нав ташаккул ва инкишоф ёфтааст.

I. 2. Тавре ки мо медонем, устод Айнӣ дар саҳифаҳое аз мақолаҳои публитсистӣ ва қиссаю романҳояш аҳён-аҳён лаҳзаҳое аз рӯзгорашро баён намуда, сипас бо эҷоди китоби тарҷумаиҳолиаш [2] ва қиссаи ҷаҳоргонаи хотиротӣ - «Ёддоштҳо» худашро ба хонанда шиносонидааст [3]. Аммо маълум аст, ки асари тарҷумаиҳолии ӯ мухтасар аст ва «Ёддоштҳо» бошад, саргузашти устод Айниро то панҷсолаи аввали даҳаи асри ХХ дарбар мегирад. Ҳоло он ки аз ин таърих рӯзгори устод Айниро ба таҳқиқ гирем, тақрибан чил-панҷоҳ соли умри С. Айнӣ, ки ба даврони шӯравӣ рост меояд ва воқеаҳои таърихию фарҳангиро доро мебошанд, ногуфта мондааст. Бинобар ин, рӯзгоре, ки дар номаҳои С. Айнӣ омадаанд, аз нигоҳи тасвирҳое аз ҳолати будубош, рӯзгор ва симои зоҳирии устод Айнӣ, ҳамагӣ сатрҳои наву тозаро барои хонандаи имрӯз мекушоянд. Бинобар ин, мо хостем рӯзгор ва осори устод Айниро дар асоси номаҳои ӯ, ки ба суроғаи М. Турсунзода фиристода шудаанд, ба риштаи таҳқиқ бикашем.

I. 3. Дар масъалаи мукаммал сохтани сарнавишти С. Айнӣ баъд аз вафоти ӯ аз тарафи шогирдон ва дӯстони ӯ кӯшишҳое оғоз шуданд, ки дар кашфи дунёи ботинӣ ва масъалаи фавқ хизмати арзандаеро сомон додаанд. Аввалан, маҷмӯаи «Садриддин Айнӣ дар хотироти дӯстон ва шогирдон»-ро зикр бояд кард, ки бо кӯшиши яке аз шогирдони устод Айнӣ – Раҳим Ҳошим дар соли 1968 ба муносибати 90-солагии рӯзи таваллуди адиб нашр гардидааст [10]. Ин маҷмӯа, ки ҳамчун насри мустанад шинохта шудааст, дар адабиётшиносии тоҷик маводи таҳқиқи корҳои илмиро ба вуҷуд овард ва як навъ сарнавишти нонавиштаи устод Айниро идома дод. Ин аст, ки рисолаи номзадии Наргис Аслонова дар ҳамин замина сурат гирифтааст [6]. Дувум, дар маҷмӯаҳои алоҳида ба чоп расидани номаҳои устод Айнӣ, ки дар шароити ҳозира пурра нест, ин масъаларо тақвият додаанд.

Бояд зикр намуд, ки номаҳои С. Айнӣ низ барои мукаммал сохтани саргузашти ӯ ва кашфи дунёи ботинии ӯ маводи фаровон ва сатрҳои наву ҷолибро дар саҳифаи зиндагии адиб зам менамоянд, ки аз ин ҷиҳат номаҳо таҳқиқ ва омӯзиш мехоҳанд.

II. 1. Баҳс ва баррасӣ. Вақте ки мо рӯзгори устод Айниро ба асоси номаҳои ӯ мавриди баҳси адабиётшиносӣ қарор доданӣ шудем, дида шуд, ки устод Айнӣ дар номаҳои худ дар мавридҳои зарурӣ ва пеш аз матни асосии номаҳо ва гоҳе матни номаро ба тасвирҳое аз ҳолати зиндагӣ, вазъи саломатӣ ва коргоҳи эҷодии худ бахшида, мухотаби нома ва ба ин восита моро низ аз саргузашти худ воқиф мегардонад. Албатта, дар ин масъала, пеш аз ҳама, мукотибаи устод Айнӣ бо А. Лоҳутӣ, А. Деҳотӣ, Ҷ. Икромӣ, М. Турсунзода, К. Айнӣ ва дигарон низ қобили таваҷҷуҳанд. Аз ҷиҳати он ки таҳлили ин

масъала дар номанигори устод Айнӣ аз ҳадафҳои ин мақола хориҷ аст, мо ин масъаларо танҳо дар доираи мукотибаи С. Айнӣ бо М. Турсунзода маҳдуд менамоем.

Чунонки таъкид рафт, аз назари мавзӯи баҳси мо низ, номаҳои С. Айнӣ ба М. Турсунзода ҷолиби таваҷҷуҳ аст, зеро сухан дар он аксаран дар бораи лаҳзаҳои шарҳиҳолӣ, вазъи саломатӣ аст, ки дар китобҳои дигар ба назар намерасанд. Дар номаи адибе чун С. Айнӣ ё М. Турсунзода таваҷҷуҳ ба ин ҷиҳатҳо бештар аст, ки ҳадси ин маънӣ аз шахсияти онҳо бармеояд.

Номаҳои устод Айнӣ фарогирандаи мавзӯъ ва муаммоҳои зиёд буда, маводи фаровонеро фаро гирифтаанд. Дар онҳо гоҳе танҳо аз масоили адабӣ ва фарҳангӣ сухан меравад, баъзан номаҳо ба таърихи таълифи китобҳои устод Айнӣ, мушкилии чопи онҳо ва ё бо осори дигарон бахшида шудаанд. Номаҳо дарбаргирандаи воқеаҳои ҷории замон, вазъи кадрҳои миллӣ, омӯзиши мероси адабӣ ва муайян кардани ҳуқуқи халқи тоҷик ба адабиёти гузашта, ташвиқ ва тарбияи қуввахои нави эҷодӣ дар адабиёти нави тоҷик буда, аз ҳаёти адабӣ ва мадании адиб маълумот медиҳанд. Ишора ва нуктаҳое, ки дар номаҳо дида мешаванд, ба воқеаҳои калони онвақтаи Ҷумҳуриҳои Тоҷикистон ва Ӯзбакистон дахл мегиранд ва барои муайян кардани ҳолати рӯҳии устод Айнӣ дар он солҳо ва ба худ тасаввур кардани он ва рӯҳи он рӯзгоронро зинда нигоҳ доштан ёрии калон мерасонанд.

Устод Айнӣ дар иншои номаҳояш аз суханҳои барзиёд дурӣ ҷуста, номаро аз гирифтан ё нагирифтани номаю телеграмма оғоз бахшида, барои мухотаб ҳар қадар тафсил лозим бошад, баён мекунад. Ин аст, ки як қисми номаҳои С. Айнӣ бисёр тафсил ёфта, ба дараҷаи як мақолаи илмӣ-эпистолярӣ мерасанд. Масалан, С. Айнӣ дар як номааш ба М. Турсунзода, дар хусуси персонажҳои «Ёддоштҳо», ки маҳалли эътирози мунаққидон ва адибон гаштааст, норизогии худро нисбат ба эроди онҳо бо далелҳо собит месозад. Баҳси муфассали эътирози муқарризони «Ёддоштҳо» ва ҷавоби С. Айниро ба корҳои оянда во мегузорем, то аз ҳадафи дарпешгузоштаи худ дур нагардем.

II. 2. Аҳвол ва вазъи саломатӣ. Дар ин мақола кӯшиш бар он мешавад, ки чӣ тавр С. Айнӣ аз аҳвол ва вазъи саломатӣ ба мухотаби худ – М. Турсунзода ёдовар шудааст.

Устод Айнӣ аҳвол ва вазъи саломатии худро дар номаҳои фиристодааш ба М. Турсунзода дар ҳолатҳои гуногун баён доштааст. С. Айнӣ дар номаҳо аз ҷузъиёт ва лаҳзаҳои душвори ҳаёт, беморӣ ва ҳаёти даврааи пирии худ, истифодаи доруҳои фоиданок ва саломатии лаҳзавии худ сухан мегӯяд, ки мо дар ин ҷо чанде аз номаҳоро, аз ҳамин нуктаи назар ба баҳси адабиётшиносӣ гирифта, матни онҳоро дида мебароем.

Устод Айнӣ дар бисёре аз номаҳои фиристодааш ба М. Турсунзода аз лаҳзаҳои ҳаёти пирӣ, ҳолат ва саломатии худ ёдовар мешавад, ки инъикоскунандаи ҳаёти солҳои охири зиндагии ӯ аст. Аз ҷумла дар номаи фиристодааш ба М. Турсунзода, аз 2-юми марти соли 1947 чунин иброз медорад: «Бояд ба Шумо маълум бошад, ки ман имсол дуру дароз бемор шудам. Дар бистар хобам аз 8 ноябр то 15 январ, дароз кашида, бемории зоҳириам аввал шамол хӯрдан ва баъд аз он ду бор болои ҳам «воспаленнии лёгкий»* шудан буд» [8, с.3]. «Аммо, - мегӯяд С. Айнӣ дар идома, - назар ба қавли врачҳои мутахассис асоси бемориам сустии шуш будааст. Ҳарчанд бисёр вақт шуд, ки ман худро дурустшуда ҳисоб мекунам, хиш-хишкунон садо додани шуш давом дорад. Андак шамол, андак сардӣ ва нам маро аз кор мебарорад, пиёдагардӣ то сад қадам нафасамро танг мекард ва ба баландӣ баромадан, агар даҳ зина бошад ҳам, душворӣ меорад, аз ин зиёдтар баромадан қариб мумкин нест» [8, с.3].

Ҳинни мутолиаи ин сатрҳо зеҳни хонандаи тезҳушро фикре ғавр мекунад ва ба чунин натиҷае мерасад: Устод Айнӣ бо чунин ҳолат, ки хавфи марг дар миён буд, қалам гирифта ба номаи М. Турсунзода посухи зарурӣ медиҳад. Воқеан, ин масъулиятшиносии инсонро нишон медиҳад.

Аз хилоли номаҳо, махсусан номаи фавқ, бармеояд, ки устод Айнӣ аз осори халқӣ хуб огоҳ буда, барои ҳадафрас гаштани матлаб аз онҳо фаровон истифода мебурдааст. Байти мазкур бидуни зикри муаллиф дар охири матни нома омадааст, ки ба анҷоми нома ҳусне зам намудааст:

Як гули мақсуд дар ин бӯстон,
Чида нашуд бе мадади дӯстон [8, с.3].

Чанд номаи дигари ба М. Турсунзода фиристодашуда низ хусусияти тарҷумаиҳолӣ доранд, ки зикри онҳоро зарур донистем. С. Айнӣ дар номаи 16-уми августи соли 1948 аз фиристодани аспирантон - Ҳолида ва Абдулҳамид маълумот дода, сипас масъалаи кадом вақт гузаронидани шаби 70-солагиро ба миён мегузорад. Устод Айнӣ ҳолати саломатии худро ба М. Турсунзода баён менамояд. Ӯ аз саломатии худ ёдовар гашта, дар чӣ ҳолат қарор доштанашро менависад. Роҷеъ ба ҳамин масъала дар номаи фиристодааш ба М. Турсунзода саломатии худро иброз менамояд. Ва қайд мекунад, ки «сиҳатии нисбӣ ҳозир ҳаст, агар ягон фалокати ногаҳонӣ рӯй надиҳад, умед аст, ки то тирамоҳ – то ба сардӣ рӯй

* Шакли дурусти он воспаление легких аст, ки маънои илтиҳоби шушро дорад. Ин беморӣ варами шуш бо сабабӣ сармозадагӣ мебошад - Л. Ш

овардани ҳаво давом кунад» [8, с.3]. Дар идомаи нома С. Айнӣ «сиҳатии нисбӣ»-ро кифоя медонад, ки ба Сталинобод биояд: «Барои сафари Истолинобод,† бо шарти таҳия шудани вагон, ҳамин сиҳатии нисбӣ кифоя мекунад. Ҳарчанд нафаскашӣ душвор, то панҷоҳ қадам пиёдагардӣ номумкин, таом бо рижими муайян ва давохӯрӣ давом дорад, азбаски ҳарорат муътадил аст. Худро солим мешуморам ва аз ин зиёдашро умед ҳам надорам» [8, с.3]. Дар ин нома оварда шудааст, ки устод Айнӣ нияти то январи соли 1949 тамом кардани қисми дувуми «Ёддоштҳо»-ро дар нақша гирифтааст. Инчунин ба роҳбарони ҷумҳурӣ Б. Ғафуров ва Ҷ. Расулов саломи худро мерасонад. Номае, ки дар хусуси он сухан кардем, ин аст: «Рафиқи азиз Турсунзода!

Мактубатон расид. Аз Тоҷгиз пул ҳам расид. Барои зуд расидани пул ва таҳия шудани билети роҳи оҳан ташаккур менамоям. 22-уми август бо поезде, ки билети мавъуд (ваъдашуда - Л. Ш.) дар вай аст, Ҳолида ва Абдулҳамид - ду аспирантро гусел хоҳам кард. Камол - студенти Ленинград 15-уми сентябр меравад, азбаски ҳамкурсҳои вай ба практика баромадаанд, дарси факултаи онҳо дар октябр сар мешавад.

Масъалаи кадом вақт гузаронидани шаби 70-солагӣ ба Шумоён, хусусан ба роҳбарони республика, вобастааст. Сиҳатии ман бошад - сиҳатии комилро аз ман чашм доштан акнун мумкин нест. Сиҳатии нисбӣ ҳозир ҳаст, агар ягон фалокати ногаҳонӣ рӯй надиҳад, умед аст, ки то тирамоҳ - то ба сардӣ рӯй овардани ҳаво давом кунад. Барои сафари Истолинобод, бо шарти таҳия шудани вагон, ҳамин сиҳатии нисбӣ кифоя мекунад. Ҳарчанд нафаскашӣ душвор, то панҷоҳ қадам пиёдагардӣ номумкин, таом бо рижими муайян ва давохӯрӣ давом дорад, азбаски ҳарорат муътадил аст. Худро солим мешуморам ва аз ин зиёдашро умед ҳам надорам.

Дар хусуси «Ёддоштҳо» фикратонро нависед, хуб мешуд ва дар таҳрири қисми дувум ба ман фоида медод. Агар сиҳат ҳамин тарз давом кунад, ният дорам, ки қисми дувумро то январ тамом намоям. Агар зиндагӣ бошад, қисмҳои дигараш дар солҳои оянда мешавад.

Журналҳо расиданд, умед аст, ки баъд аз ин мунтазам расида истад. Агар мулоқот афтад, ба рафиқ Ғафуров ва рафиқ Расулов саломи маро расонед.

Ба рафиқ Деҳотӣ, Миршакар ва дигарон салом расида бод» [9, с.3].

Метавон гуфт, ки номаи мазкур аз ҷиҳати мавзӯъ як мактуби иттилоотӣ буда, мазмуни шарҳиҳолӣ дошта ҳолати рӯҳии муаллифро дар он сол (1948) муайян менамояд.

Як номаи дигари устод Айнӣ ба М. Турсунзода, таърихи 14-уми декабри соли 1948-ро дорад, ки аз нигоҳи зикри сана шубҳаангез аст. Сабаби ин ҳолат он аст, ки дар ҳамин рӯзу моҳу сол як номаи дигар (истилоҳан чорум) ҳамин таърихро гирифтааст. Ин нома аз рафти кори С. Айнӣ дар иншои «Ёддоштҳо» маълумот медиҳад. «Ҳозир ман, – мегӯяд устод Айнӣ, – таҳрири қисми дуюми «Ёддоштҳо»-ро кор карда истодаам» [9, с.3].

Дар ин матлаб як хусусияти асарофаринии устод Айнӣ баён шудааст. Илова бар ин, чанд андешаи С. Айнӣ дар ин нома баён ёфтааст, ки барои адабиётшиносӣ дарёфти нав мебошанд. Масъалаи марказие, ки дар номаи мазбур гуфта шудааст, ин аст, ки баъзе аз мухлисону хонандагон аз устод Айнӣ хоҳиш кардаанд, ки дар бораи «Кремл ва маҷлиси қабул» ёддоштҳои худро нависад. Устод Айнӣ хоҳиши хонандагонашро ҷиддӣ қабул намуда, чунин таъкид мекунад: «Рафти кор ба ман ҳаминро нишон дод, ки «Ёддоштҳо» назар ба тахмини пештараам васеътар ва қисмҳояш ба 4-5 мерасад, ки ин бисёр вақтро талаб мекунад. Баъзе рафиқон орзу мекарданд, ки ман ёддоштҳои худамро дар бораи Кремл ва маҷлиси қабул дар охири «Ёддоштҳо»-ям илова намоям». «Аммо, - дар идома менависад нависанда, – ба амал омадани ин орзу ва бо тартибе, ки ман дар «Ёддоштҳо» гирифтаам, хеле дер мемонад ва намедонам то он вақт умр мусоидат мекунад ё не» [9, с.3].

Вале сад афсӯс, ки ин орзу дар нома зикр гардидаасту ба риштаи бадеӣ кашида нашуд. Ин таъкиди устод Айнӣ ва вохӯрии ӯро бо И. В. Сталин дар корҳои оянда хоҳем гуфт.

Аз мактубҳо чунин ба назар мерасад, ки устод Айнӣ ба М. Турсунзода эҳтироми хосса доштааст. Ӯ намехоҳад бе маслиҳати М. Турсунзода асаре чоп кунад, ки ин як навъи эҳтиром нисбат ба М. Турсунзода аст. Аз номаҳо С. Айнӣ ва М. Турсунзода чун шахсоне ба назар мерасанд, ки дӯстӣ ва рафоқатро бисёр хуб медонанд. Муносибати ин ду бузурги миллат боиси манфиатҳои зиёди адабиёт гаштааст.

Он амали устод Айнӣ, ки ҳар якеро дӯст, дувумиро рафиқ, севумиро бародар ном мегирад, ин далели қадршиносӣ ва эҳтиром нисбати якдигар мебошад.

II. 3. Коргоҳи эҷодӣ дар пайвастагӣ бо вазъи саломатӣ. Масъалаи дигаре, ки дар номаҳои ба М. Турсунзода фиристодашуда ҷо-ҷо инъикос ёфтааст, масъалаи коргоҳи эҷодӣ (лабораторияи эҷодӣ) мебошад. Устод Айнӣ дар бораи тарзи кори худ зиёд нагуфтааст, вале баёнияҳое ҳастанд, ки то андозае барои муайян намудани коргоҳи эҷодии ӯ ёрӣ мерасонанд. Аз ҷумла дар номаи нодири худ, ки таърихи 27-уми декабри соли 1948-ро дорад чунин овардааст:

† Номи шаҳри Душанбе, ки аз соли 1929 то соли 1961 буд - Л. Ш.

«... Аҳволи ҳавои Самарқанд чунон бад шуд, ки ман аз баромадан ба рӯйи ҳавлӣ ҳам маҳрум шудам. Ва ҳол он ки дар ҳавои хуб ҳар рӯз ҳеҷ набошад ба рӯйи ҳавлӣ баромада 5-10 дақиқа ҳаво мегирифтам: 19-уми декабр бориши барфреза сар шуда ҳамон рӯз сардии ҳаво ба 15 дараҷа расид, дар рӯзи 20 ба 20 ва дар 21-ум ба 23 расида, ин ҳол то 24-ум давом намуд. Ман дар ин ҳол на танҳо бар рӯйи ҳавлӣ баромада ҳаво гирифта натавонистам, дар даруни хона ҳам аҳволам танг шуда, нафаскашӣ ба душворӣ афтод. Духтур ҷеғ задем. Ӯ баъд аз он ки ба ман (монанди пештара) доруҳои тақвияи шушу дил дод, тавсия кард, ки аз миён поёнамро хусусан пойҳоямро бисёр гарм нигоҳ дорам, то ки ҷараёни хун эътидол ёбад. Назар ба қавли духтур дасту пой аз маркази бадан – аз дил дур буда дар одами пир аввал ҳамин ду аъзо ҳаракати худро суст мекунад ва дар натиҷа ба дилу шуш зӯр меояд ва ҳатто дар ин гуна маврид ба сар задани ғалаёни хун ҳам мумкин аст, натиҷаи вай ҳалокат ва ҳеҷ набошад фалаҷӣ аст. Бадбахтона, ду-се сол боз хонадони мо «маданӣ» шуда, сандалиҳоро барҳам дода буданд, вагарна дар ин гуна мавридҳо аз миён поёнро ба даруни сандалӣ тиққондан давои якум буд. Печкаро чӣ қадар гарм кунанд ҳам, ба дасту по гармии фавқулода намедиҳад. Ночор ман дивонро (ҷойи хоб - Л. Ш.) ба печка наздик оварда, кафкҳои дастҳо ва пойҳоямро ба девори сӯзони вай расонида истода, ҷон ба саломат бурдам. Ҳарчанд бинобар ҳавонагирии дуру дароз нафаскашӣ душвории худро давом дод, аммо бо тадбири мазкур ғалаёни хун, ки дар тибби куҳна «сакта» меноманд, рӯй надода истод. Агар ман дар ин ҳолат рафтагори Исталинобод (Душанбе - Л. Ш.) мешудам, дар роҳи вогзали Самарқанд кори худро тамом мекардам. Ва ҳол он ки ман дар дунё боз як-ду кори зарур (на барои шахси худ, балки барои ҷамъияти советии тоҷикӣ) дорам, ки барои вай сиҳатиямро лозим медонам...» [9, с.3].

Дар ин ҷо дидем, ки устод Айнӣ барои чанд кори зарури худ сиҳатиашро лозим медонад, вале он корҳоро нагуфтем. Дар ин ҷо ҳаминро гуфтанием, ки устод Айнӣ мехостааст ҳаёти замони амириро то, тавонад, ифшо намояд, инчунин дар бораи Аҳмади Дониш, арӯзи тоҷикӣ ва забони тоҷикӣ китобе нависад. Устод Айнӣ дар ошкор сохтани давраи амирӣ муваффақ гашт, вале сад афсӯс, ки марги муфоҷо барои амалӣ намудани орзуҳои дигар имкон надод.

Чунонки аз ин тафсилоти С. Айнӣ мушоҳида намудем, рӯзгори устод Айнӣ дар солҳои 1947-1954, хусусан зимистони ин солҳо ба мушкилӣ ва табобати пайваста мегузаштааст. Устод Айнӣ ба М. Турсунзода аз саломатии худаш хабар медиҳад, ки дар ҳамон рӯзҳо бемории фишори хун азобаш медодааст. Ва аз ин ҷиҳат ба М. Турсунзода беморӣ, вазъияти саломатӣ ва ҳолати вазнини бемории худро баён месозад. Ӯ аз ҳамин сабаб ба Сталинобод омада наметавонад ва ба мактуби шогирдаш зуд ҷавоб намедиҳад. Вале бо вуҷуди он ки табибон устод Айниро аз гирифтани қаламу хондани китобе боз дошта будаанд ӯ, ҳамин ки як андоза эътидолӣ дар худ ҳис кард, дубора ба навиштани чизе оғоз мекардааст. Яъне, устод Айнӣ камтарин фурсати умрро самаранок истифода мебурдааст ва ҳамеша дар ҳалқаи шогирдону пайравон будан ва ба онҳо маслиҳату машварат доданро дар ҳеҷ ҳолате аз ёд намебаровардааст. Ӯ доимо ба шогирдонаш машварат карданро дар ҷодаи илму маърифат ва офаридани асаре ташвиқ мекардааст ва аз шогирдонаш маслиҳат мегирифтааст. Ба ҳамин маъно дар мактуби 16-уми июли соли 1948 фиристодааш ба М. Турсунзода, мегӯяд: «Дар хусуси «Ёддоштҳо» фикратонро нависед, хуб мешуд ва дар таҳрири қисми дувум ба ман фоида медод» [9, с.3].

Чунин тарзи баён моро ба андешае меорад: Устод Айнӣ, ки худ аз зинаҳои ибтидоии нависандагӣ кайҳо гузаштааст, вале як маслиҳати М. Турсунзодаро дар бораи қисми дувуми «Ёддоштҳо» ба худ ҳамчун чизи зарурӣ медонад. Яъне, нависандаи бузурге чун С. Айнӣ ҳам нисбат ба асараш ба маслиҳати адибе аз худ поёнтаре ниёз доштааст.

II. 4. Вазъи саломатӣ. Чунон ки гуфтем, устод Айнӣ дар бисёре аз номаҳо тафсилоти вазъи саломатии худро ба мухотабон менависад ва дар онҳо лаҳзаҳои мушкили замони пирии худро баён менамояд. Чунончи, дар номаи дигар, ки дар таърихи 14-уми апрели соли 1949 ба суроғаи М. Турсунзода фиристода шудааст ва ба масъалаи тақсими мероси илмӣ ва адабӣ бахшида шудааст, устод Айнӣ сараввал оид ба аҳволи сиҳатӣ ва қувваи кории худ хабар медиҳад:

«Ман бояд пеш аз ҷавоби мактуби Шумо аҳволи сиҳатии худро нависам. Соли гузашта (1948 - Л.Ш.) ба сабаби ба даст даромадани алилсат ном ҷавҳари саримсоҳ аҳволам хеле беҳтар шуда буд. Имсол дар зимистон он даво тамом шуд ва ба зудӣ ба даст надаромад, бинобар ин, баъд аз январ аҳволам хеле вазнин ва қувваи кориам тамом барҳам хӯрд. Дар моҳи март бачагони маскавиам аз ҳамон даво боз камтар ёфта фиристоданд, ки нӯшида истодаам. Аммо барои ба қуввати аввалӣ омадан як моҳ зиёдтар вақт даркор аст ва афсӯс, ки то он вақт ин даво боз тамом мешавад., вагарна хаёл доштам, ки барои 20-солаи Тоҷикистон ба унвони «Аз Обхона ба Кремл» як чизи навтаре нависам. Хуб, ҳар чӣ бошад, декода ва 20-солагии Тоҷикистонро пешакӣ ва самимона табрик менамоям» [7, с.87].

Рӯзгори устод Айниро дар номаҳо, ки дар тасвири худи ӯст, мехонему ба як таъкиди М. Турсунзода мутаваҷҷеҳ мешавем, ки ба мавзӯи саргузашт ва ба дараҷаи шахсият

расидани С. Айнӣ пайванди ногусастанӣ дорад. Устод Мирзо Турсунзода, ки ба ин шахсияти нотакрори эҷодӣ ошноии амиқтаре дошт, ҳамеша устодро меомӯхт ва ба донишманди ҳаматарафа будани ӯ қоил мегардид ва дар зеҳни худ заминаҳои чунин донишандӯзиву ба сифати як чеҳраи адаб ва шахсияти нотакрор расидани С. Айниро таҳлил менамуд. Ин гуна тафсилоти аҳволи саломатии С. Айнӣ дар номаҳо дараҷаи шинохташро барои М. Турсунзода то он ҷо расонд, ки чунин эътироф аз шахсияти С. Айниро падид овард: «Садриддин Саидмуродович Айнӣ на танҳо дар болои асарҳои худ монда нашуда босаброна кор мекунад. Ӯ ҳамчун ватандӯсти ҳақиқӣ ҳамаи ҳаёти худро ба халқ бахшида, дар тараққиёти ҳамаи соҳаҳои илм ва адабиёти мо иштирок мекунад, ба пешрафти ҳамаи маданияти сотсиалистии мо аз таҳти дил ҳиссаи бойи худро дохил намуд» [11, с.215].

Чунонки мушоҳида намудем, ҷузъиёте, ки дар номаҳо тасвир ёфтааст ва инъикоскунандаи лаҳзаи шарҳиҳолӣ аст, хеле аз лаҳзаҳои рӯзгори пирии устод Айниро равшан менамоянд. Аз ҳамин ҷиҳат, дар қисмати аввали номаи 5-уми апрели соли 1952 аз аҳволи зимистон гузаронидаи худ ба М. Турсунзода ёдовар мешавад. Ва саломи худро ба худи М. Турсунзода ва оилааш мерасонад. Инчунин ба М. Миршакар саломи пурмеҳри хешро ирсол медорад. Ба шогирдаш супориш медиҳад, ки барои имсол ба санатория рафтан созгорӣ намояд ва барои сафари Сталинобод аз вагони ҳукуматӣ ҷой гирад, мешавад, гуфта бо як самимияти хос иброз медорад. Дар ин суханон чунон самимият аст, ки ҳеҷ як мухотаб бетаъсир монда наметавонад. Боз ба М. Турсунзода мефаҳмонад, ки нашриёт дар чопи «Чор дарвеш» саҳлкорӣ кардааст. Он бояд аввал муҳокима ва баъд чопи онро ба роҳ мемонд. Аз ин номаи устод тамоми аҳволи ҳамон зимистона (зимистони соли 1952 – Л. Ш.) ва тарзи илмомӯзӣ дар ҳамон шароитро омӯхтан мумкин аст. Яъне, дар ин нома дар бораи нашри асари халқӣ - «Чор дарвеш», зиндагии зимистонӣ ва сафари Сталинобод сухан меравад, ки ин нома чунин аст:

«Рафиқи азиз Мирзо Турсунзода!

Мактуби 31-уми март навиштаатон 14-уми апрел расид. Саломат бошед!

Пеш аз ҳама, ман мехоҳам, ки аҳволи ин зимистон аз сар гузарондаи худро нависам. Ин зимистон ҳарчанд аз ҳарсола гарм омада бошад ҳам, барои ман хеле вазнин шуд - ман 6-уми декабр аз Сталинобод баромада 8-уми моҳи мазкур ба Самарқанд дохил шудам ва аз даҳуми моҳи мазкур беморӣ сар шуда то рӯзҳои охир - 25-уми март монугир давом кард. Фарқи ин беморӣ аз пештара ин аст, ки дар байни бемориҳои аввалӣ иқтидори хондан пайдо мекардам ва дар вақти беморӣ ҳам эҳтиёҷҳои зарурии худро адо менамудам. Аммо имсол на танҳо дар рӯзҳои беморӣ, ҳатто дар байни бемориҳо ҳам иқтидори аз ҷо ҷунбидан надоштам. Хайрият, ки имсол ба сарвақти ман Холида расида омад ва дар ҳамаи корҳои шахсии зарурии ман ба ман ёрӣ дод (модараш соли 31 боз бемор аст, ба ман ёрӣ дода наметавонад). Дарозии имсола бемории маро аз ҳамин бояд қиёс кард, ки дар тамоми зимистон фақат 28-уми декабр як бор ба мошин кӯча баромадам ва то ҳол рӯйи кӯчаро надидаам. Ва вазнинии бемории имсоларо аз ҳамин метавон фаҳмид, ки ғайр аз давоҳои дигар фақат аз пенсиллин 25 600 000 (бисту панҷ миллиону шашсад ҳазор - Л. Ш.) укол (воҳид-ред) шуд.

Ҳар чӣ бошад, ҳозир як дараҷа каф (каме беҳтар - Л. Ш.) шудагӣ барин менамояд ва кам-кам қувват пайдо шуда истодааст ва умедворам, ки дар нимаи дувуми моҳи апрел ба Сталинобод расида равам ва боз мусоҳибаи Шумо ва дӯстони азиз ба ман муяссар шавад ва дар ҳамон ҷо ҳуҷҷатҳои мукофотро аз дасти Шумо гирам ва Шумо ҳам он ҳуҷҷатҳои пурқиматро аз ҷониби рафиқ Фадиев бевосита ба дасти худам супоред.

Ин сафари ман ба Сталинобод бо мақсади кор набуда (зеро иқтидори кор дар ман бисёр кам мондааст), балки мақсади асосӣ муолиҷа аст, чунки табдили ҳаво ва шароити санаторӣ, ки дар он ҷо ҳамаи медсестраҳо ва давоҳо тайёранд, барои ман фоиданок аст.

Ман ҳозир намедонам вагони ҳукуматӣ дар Сталинобод бошад ё не? Агар дар Сталинобод бошад, дар 15-умҳои апрел барои ман фиристонанд мешавад (аз ин вақҳ ба ман пешакӣ хабар додан лозим аст).

Дар чоп кардани «Чор дарвеш» нашриёт ҳам хеле саҳлгирӣ кардааст. Ӯро лозим буд, ки он китобро аввал аз муҳокимаи Союзи нависандагон гузаронида баъд аз он чоп мекард.

Ба рафиқ Миршакар ва ба дигар рафиқон ва ҳам ба аъзои оилаатон саломи маро расонед.

Бо саломи рафиқона: С. Айнӣ» [9, с.3].

Чунонки дар ин нома дидем, устод Айнӣ бо машаққати зиёд «Ёддоштҳо»-ро офарида пешкаши хонандагон кардааст. Ӯ тамоми ин машаққатҳоро барои ба мақсад расидан пушти сар кардааст ва ин кори зарурӣ ва мондагорро барои халқу миллати тоҷик иҷро намудааст. Устод Айнӣ тавассути жанри нома ба шогирдонаш ва ба ин восита, барои мо дар бораи ҳаёти давраи пирии худ иттилоъ додааст, ки аҳволи саломатӣ ва рӯзгузаронии ин пири хирадмандро равшан мушоҳида намоем.

Устод Айнӣ дар қисмати охири номаҳояш ба шогирдонаш ва аҳли байти онҳо саломи гарму ҷӯшони худро мерасонад, ки ин лутфи махсуси сунхангӯии устодро бозгӯ менамояд.

Устод Айнӣ дар номаи фиристодааш ба М. Турсунзода, 2-юми ноябри 1953 чунон иброз медорад, ки хонанда ҳини хондани он ба фикр фурӯ меравад ва ба чунин хулоса меояд: Устод Айнӣ бо вуҷуди бемории сустии шуш, ки табибон гап задан ва ба масъалаҳои асабрас даст заданро сахт манъ кардаанд, ҷавоби номаро ҳатмӣ дониста ба саволи онҳо эҷобӣ посух медиҳад.

«Ҳарчанд бемории ман, – мегӯяд С. Айнӣ, – аз хавф гузаштааст, ҳанӯз муолиҷа давом дорад. Бо вуҷуди ин ки духтурҳо аз гап задан ва ба масъалаҳое, ки асаби маро вайрон мекунанд, машғул шудани маро сахт манъ кардаанд, талаб кардам, ки мактуби рафиқон Нурматов ва Аҳрориро ба ман хонда шунавонанд ва мувофиқи хоҳиши онҳо ҷавоби эҷобӣ додам» [9, с.3].

II. 5. Тарҷумаи «Ёддоштҳо». Нуктаи дигаре, ки дар номаи фавқ омадааст, ин тарҷумаи «Ёддоштҳо» бо забони русӣ аст. Устод Айнӣ аз он ки мутарҷими рус Сергей Бородин «Ёддоштҳо»-ро ба хонандаи рус пешкаш намудааст розист, вале аз он ки С. Бородин чанд ҷумлаи асарро дигар хел тарҷума кардааст, розӣ нест. «Дар ин ҷо, – менависад С. Айнӣ, - Бородин аз тарафи худ тағйироте додааст, ки рӯҳ (ғоя - Л. Ш.)-и асарро ба бадӣ ва сифати қаҳрамонро ба тарафи манфӣ табдил медиҳад» [9, с. 3]. Аз он ҷиҳат, ки М. Турсунзода аз устод Айнӣ оид ба чопи русии «Ёддоштҳо» хоҳиш кардааст, устод Айнӣ чунин пешниҳод мекунад: «Ман ба ин кор ҳазор бор розӣ ҳастам, лекин дар ҳамон порча (қисми 1 - Л. Ш.) 2-3 хатои дағали Бородин дида шуд, ки инро Лифшитс кашф кардааст. Яке аз онҳо тарҷумаи ҷумлае аз с. 85 «Ёддоштҳо» (сатри 5 аз поён) мебошад. Дар ин ҷо Бородин аз тарафи худ тағйире додааст, ки рӯҳ (ғоя - Л.Ш.)-и асарро ба бадӣ ва сифати қаҳрамонро ба тарафи манфӣ табдил медиҳад. Ана ҳамин гуна хатоҳоро ислоҳ карда ба чоп додан лозим мешавад» [9, с.3]. Дар давом устод Айнӣ бо он ки тарҷумон ғояи асарро тағйир додааст, барои ислоҳи он бе ризоияти мутарҷим дигар кардани онро зарур медонад.

Устод Айнӣ ҳар як асари эҷодкардаи худро чи хурд бошад чи бузург, ҳамчун фарзанд медонад. Ба таъбири устод Айнӣ адиб бояд асаре офарад, ки дар эҷодиёташ дӯстдоштанӣ бошад. Ӯ ба М. Турсунзода иброз менамояд, ки ранҷиши ман аз Бородин таъриҳи қадима дорад. Устод Айнӣ аз С. Бородин ҳанӯз ҳини соҳиби ҷоиза гардидани «Ёддоштҳо» ранҷида будааст. С. Бородин дар Москва дар ҳар ҷо садо баровардааст, ки «Асари Айнӣ ёддоштҳои хушк буд. Ман вайро ба як асари романии бадеӣ даровардам, ба дарачае, ки асар сазовори мукофот шуд» [9, с.3]. Ва ҳол он ки, чунонки дидем, ӯ асарро на ба сӯйи муваффақият, балки чизҳое афзудааст, ки хонандаи русро ба бадӣ тамоил медиҳад.

Бояд хотирнишон кард, ки устод Айнӣ ин масъаларо дар номаҳои фиристодааш ба Ҷ. Икромӣ низ баён доштааст. Устод Айнӣ дар хусуси чопи русии «Ёддоштҳо» (қисми 1), ки бо номи «Бухоро» аз ҷониби мутарҷими рус Сергей Бородин тарҷума шудааст, розӣ набуд. Аз ҷумла дар номаи фистодааш ба Ҷ. Икромӣ ба ҳамин қадар розӣ мешавад, ки дар чопи қисми дувум «Дар шаҳр» навишта шудааст, бо тире калимаи «Бухоро» илова карда ба тарзи «Дар шаҳр - дар Бухоро» навишта шавад [3, с.46].

Устод Айнӣ хоҳ дар тарҷумаи осори худ ва хоҳ дар осори дигарон ба забонҳои дигар, хоҳ дар тарҷумаҳои адабиёти рус, ки дар инкишоф ва камолоти нависандагии ӯ нақш доранд, эътибори махсус дода, ҳамеша зидди рафтори худсарона амал кардани тарҷумон буд. Яъне, устод Айнӣ тарафдори ҷаҳонишавии адабиёти бадеӣ будааст, вале ба тарҷумон таъкид месозад, ки ӯ бояд рӯҳи асарро нигоҳ дорад, обуранги миллии онро қадр кунад, устухонбандии асарро нашиканад, вале бо ҳамаи ин, дар адабиёти як миллати дигар бояд ҳамчунин асаре ба миён орад, ки он дар сафи осори адабии ин халқ ҷой гирад. Имрӯз таҷрибаи бузурги илми тарҷумонӣ собит кардааст, ки тарҷумон ҳақ надорад, ки худсарона осори адиби дигарро тағйир диҳад, ба хостаи худ, салиқа ва майли худ онро хубтару беҳтар созад. Ба қавли Гогол: «Тарҷумон бояд мисли шиша бошад, чандон шаффоф, ки ӯро набинӣ». Аз ин нуқтаи назар амали Бородин кори оқилонае нест. Баҳси муфассали ин мавзӯъро ба корҳои оянда во мегузорем.

III. Хулоса. Ба ин тариқ, мактубҳои С. Айнӣ ба адибони тоҷик, хусусан номаҳои ба суроғаи М. Турсунзода фиристодашуда, барои мукаммал сохтани сарнавишти Садриддин Айнӣ дар адабиётшиносии мо қобили андешаи махсус аст. Чунонки мушоҳида намудем, устод Айнӣ дар мавридҳои зарурӣ баҳри мухотаби худ тафсилоти аҳволи саломатӣ ва рӯзгори пирии худро баён намудааст, ки аз ҳар ҷиҳат дорои аҳаммияти шарҳиҳолӣ ва адабӣ мебошанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Аз мактубҳои С. Айнӣ ба адибони тоҷик: ба чоп тайёркунанда: К. Айнӣ // Шарқи сурх. - 1956. -№4. - С. 100-114.
2. Айнӣ С. Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам / С. Айнӣ. Асари бадеӣ. Ҷ. 1// Куллиёт: ба чоп тайёркунандагон: К. Айнӣ ва Р. Ҳодизода. - Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1958. - С.7-99.

3. Аз мукотибаи С. Айнӣ бо адибони тоҷик: ба чоп тайёркунанда: Х. Айнӣ // Шарқи сурх. - 1963. - №4. - С.43-48.
4. Айнӣ С. Таҳзиб-ус-сибён. Маводи таълимӣ / С. Айнӣ: муаллифи сарсухан ва ба чоп ҳозиркунанда Соҳиб Табаров. - Душанбе: Маориф, 1994. - 45 с.
5. Айнӣ С. Ёддоштҳо (Чаҳор қисм дар як китоб) // Энсиклопедияи насри муосири тоҷик. Асари бадеӣ / С. Айнӣ. - Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи миллии тоҷик, 2009. - 680 с.
6. Аслонова Н. Образ Садриддина Айни в современной таджикской прозе: автореф... дисс. на соис. уч. степ. канд. фил. наук / Н. Аслонова. - Душанбе, 2004. [Захираи электронӣ]. https://vivali.nir.ru/bd000087869 (Санаи истифодабарӣ 06. 02. 2019)
7. Мубодилаи Камол бо Лоҳутӣ (Ба чоп тайёркунанда ва муаллифи шарҳи мухтасар: Абдурраҳмони Абдуманнон) // Садои Шарқ. - 1996. - №9-12. - С. 87.
8. Номаҳои Садриддин Айнӣ ба Мирзо Турсунзода (Бо пешгуфтори Камолиддин С. Айнӣ) // Ҷумҳурият. - 2001. - 12 апрел. - №36 (20316). - С. 3.
9. Номаҳои Садриддин Айнӣ ба Мирзо Турсунзода: таҳияи Камолиддин С. Айнӣ // Ҷумҳурият. - 2001. - 14 апрел. - №37 (20317). - С. 3.
10. Садриддин Айнӣ дар хотироти дӯстон ва шогирдон. - Душанбе: Ирфон, 1968. - 286 с.
11. Турсунзода М. Садриддин Айнӣ // Куллиёт. Иборат аз шаш ҷилд. Ҷилди III. Осори адабӣ-танқидӣ: мураттиб ва муаллифи эзоҳот Ю. Бобоев. - Душанбе: Ирфон, 1979. - С. 186-216.
12. Ятимов С. Субъекти сиёсӣ ва амнияти миллӣ / С.Ятимов // Ҷумҳурият. - 2018. - 5 феврал. - №27 (23370). - С. 2-3.

РӮЗГОР ВА ОСОРИ С. АЙНӢ ДАР МУКОТИБОТ БА М. ТУРСУНЗОДА

Мақолаи мазкур дар заминаи номаҳои С. Айнӣ, ки ба суроғаи М. Турсунзода ирсол намудааст ва рӯзгору осор, коргоҳи эҷодӣ, лаҳзаҳои ҳассоси зиндагии даврааи солмандии С. Айнӣ ва монанди онҳоро фаро гирифтааст, баррасӣ мекунад. Муаллиф роҷеъ ба рӯзгори даврааи охири зиндагии С. Айнӣ ва ҳолати рӯҳии ӯ, ки дар шароити ҳозира заруратан пеш гузоштааст, баррасӣ намуда, бештар ба саҳифаҳои нави зиндагии нависанда таваҷҷуҳ дорад ва роҷеъ ба сарнавишти нонавиштаи устод Айнӣ, муносибати устод Айнӣ бо М. Турсунзодаро арзёбӣ менамояд. Дар мақола таъкид мегардад, ки номаҳои С. Айнӣ низ барои мукаммал сохтани саргузашти ӯ ва кашфи дунёи ботинии адиб маводи фаровон ва далелҳои наву ҷолибро ба саҳифаи зиндагии адиб зам менамоянд. Ҳамчунин, муаллиф рӯзгори устод Айниро бар асоси номаҳои ӯ мавриди баҳси адабиётшиносӣ қарор медиҳад ва дармеёбад, ки нависанда дар номаҳои худ дар мавридҳои зарурӣ ва пеш аз матни асосии номаҳо ва гоҳе матни номаро ба тасвирҳое аз ҳолати зиндагӣ, вазъи саломатӣ ва коргоҳи эҷодии худ бахшида, мухотаби нома ва ба ин восита моро низ аз саргузашти худ воқиф мегардонад. Албатта, дар ин масъала, пеш аз ҳама, мукотибаи устод Айнӣ бо А. Лоҳутӣ, А. Деҳотӣ, Ҷ. Икромӣ, М. Турсунзода, К. Айнӣ ва дигарон низ қобили таваҷҷуҳанд. Аз ҷиҳати он ки таҳлили ин масъала дар номанигории устод Айнӣ аз ҳадафҳои ин мақола хориҷ аст, муаллиф ин масъаларо танҳо дар доираи мукотибаи С. Айнӣ бо М. Турсунзода маҳдуд менамояд. Аҳаммияти чунин иқдом дар он дониста мешавад, ки мо метавонем бар асоси номаҳо хулосаҳои муҳимми илмӣ бароварда, сарнавишти нонавиштаи С. Айниро равшан намоем.

Калидвожаҳо: рӯзгор ва осори С. Айнӣ, М. Турсунзода, мактубҳои адабӣ, сарнавишти нонавишта, сохторбандӣ, мақолаҳои публитсистӣ, посухи эҷобӣ, кашфи дунёи ботинӣ, манфиати адабиёт, рӯзгори адиб, вазъи саломатӣ.

ЖИЗНЬ И ТВОРЧЕСТВО С. АЙНИ В ЕГО ПИСЬМАХ К М. ТУРСУНЗАДЕ

В данной статье автор исследует письма С.Айни к М. Турсунзаде, где по-разному, отрывками и более подробно рассказываются о жизни и творчесве, творческой лаборатории и других эмоциальных моментах Айни в его зрелом возрасте. Внимание автора акцентировано на последних годах жизни С. Айни, его психологии и духовно-моральное состояние, изображение тех моментов и положений, которые поныне не выявлены и в биогафических исследованиях об Айни не встречаются. В письмах Айни к Турсунзаде, по мнению автора, открываются новые страницы биографии Айни, в низ запечатлены внутренние переживания основоположника новой таджикской литературы, его размышления и чувства. В этом смысле, письма Айни к своему коллеге, представляют обширный материал для размышлений и новых данных о его жизни и творческой деятельности. В письмах Айни не только подробно информирует собеседника о различных вопросах литературоведения и науки, но и, по необходимости, подробно рассказывает о своем здоровье, о жизненных событиях и состоянии своей творческой лаборатории. В многогранном творчестве Айни его письма имеют большое познавательное и научное значение. В его письмах к А. Лахути, А. Дехоти, Дж. Икрами, К. Айни и ряд др., отражаются литературно-критические и художественно-эстетические мысли патриарха новой литературы. На основе писем Айни к М. Турсунзаде автором исследованы многие вопросы касательно жизни и творчества Айни и они существенно дополняют биографию Айни новыми данными.

Ключевые слова: жизнь и творческая деятельность Айни, М. Турсунзаде, литературные письма, неизвестные страницы, публицистические статьи, изображение внутреннего мира, польза литературы, биография писателя, состояние здровья.

LIFE AND CREATIVITY OF S. AINI IN HIS LETTERS TO M. TURSUNZAD

In this article, the author explores the letters of S. Aini to M. Tursunzade, where in different ways, passages and more details are told about life and work, the creative laboratory and other emotional moments of Aini in his adulthood. The author's attention is focused on the last years of S. Aini's life, his psychology and spiritual and moral condition, the image of those moments and positions that are still not revealed and are not found in biogaphic studies about Aini. In the letters of Aini to Tursunzade, according to the author, new pages of Aini's biography are opened, the inner experiences of the founder of new Tajik literature, his thoughts and feelings are captured. In this sense, Aini's letters to his colleague provide extensive material for reflection and new data about his life and creative activity. In letters, Aini not only informs the interlocutor in detail about various issues of literary criticism and science, but also, if necessary, tells in detail about her health, about life events and the state of her creative laboratory. In Aini's multifaceted work, his letters are of great cognitive and scientific significance. In his letters to A. Lahuti, A. Dekhoti, J. Ikrami, K. Aini and a number of others, the literary-critical and artistic-aesthetic thoughts of the patriarch of new literature are reflected. On the basis of Aini's letters to M. Tursunzade, the author investigated many questions regarding Aini's life and work, and they substantially supplement Aini's biography with new data.

Keywords: life and creative activity of Aini, M. Tursunzade, literary letters, unknown pages, journalistic articles, image of the inner world, the benefits of literature, the biography of the writer, health status.

Сведения об авторах: ***Шарифзода Лутфулло Абдулло*** – Таджикский национальный университет, аспирант кафедры теории и новейшей персидскско-таджикской литературы. **Адрес:** Республика Таджикистан,734025, г. Душанбе, проспект Рудаки 17. E-mail:**sharifzodal@mail.ru.** Тел.: **+(992) 985-86-86-46**

Information about the authors: ***Sharifzoda Lutfullo Abdullo*** - Tajik national University, post-graduate student of the Department of theory and modern Persian-Tajik literature. **Address:** Republic of Tajikistan,734025, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. E-mail: **sharifzodal@mail.ru.** Tel.: **(+992) 985-86-86**

УДК: 82.09.371.0.57

“ЧАҲОРКИТОБ” – ЗИНАИ СЕЮМИ ОМӮЗИШӢ ДАР МАКТАБИ КУҲНА

Эмомов А.
Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам

«Чаҳоркитоб» ва чаҳоркитобхонӣ дар низоми таълими мактабҳои куҳнаи мусулмонӣ баъд аз омӯзиши китоби «Ҳафтяк» ва «Қуръон» зинаи сеюми таълим ба ҳисоб мерафт. Зинаи сеюм ҳаргиз маънои синфи сеюми имрӯзаро надошт, зеро дар макотиби мусулмонӣ низоми таълим инфиродӣ буда, хонандагон на аз рӯйи синну сол ва соли таҳсил, балки аз рӯйи марҳилаи таълимияшон ба гурӯҳҳо ҷудо мешуданд. Масалан, гурӯҳи тахтахонҳо, абҷадхонҳо, ҳафтякхонҳо, чоркитобхонҳо, бедилхонҳо ва ғайраҳо.

Барои ба мактаб дохил шудан синну сол муайян карда нашуда буд, бинобар ин дар миёни мактаббачаҳо ҷавонони ҳабдаҳ- ҳаждаҳсоларо ҳам дидан мумкин буд [2, с.37].

Чи хеле ки аз номаш бармеояд, асари мазкур, аз чор китоби алоҳида иборат буда, муқаддимаи фиқҳи исломӣ ба шумор меравад. «Чаҳоркитоб», чунонки дар саҳифаи аввали он омадааст, бо саъй ва эҳтимоми мулло Шариф Хоҷаэшони Хуҷандӣ дар шаҳри Тошканд, дар матбааи Ғулом ал-Ҳусайнӣ ба чоп расида будааст. Аммо китобе, ки ҳоло дар дасти мо ҳаст, сурати нусхаи ҳамин китоб буда, «Чаҳоркитоб куллиёту-л-Бухоро» ном дорад ва дар кишвари Покистон, дар мактабаи (матбааи) Форуқия нусхабардорӣ шуда, мутаассифона, дар он соли нашри қадим ҳангоми нусхабардорӣ аз сурат берун мондааст ва соли тасвири он низ зикр наёфтааст. «Чаҳоркитоб» аввалин китоби дарсие буд, ки ба забони тоҷикӣ тартиб дода шуда, тибқи барномаи таълимии мактабҳои мусулмонӣ, баъд аз хатми Қуръон ба хонандагон таълим дода мешуд ва дар миёни мардуми мусулмон шуҳрати зиёд дошт. Устоди Донишгоҳи миллӣ, профессор Абдунабӣ Сатторзода дар охирсухани нашри кириллии китоби мазкур навиштааст: «Чаҳоркитоб» пас аз «Қуръони шариф» дуюмин китобест, ки дар миёни мардуми мусулмони Мовароуннаҳру Хуросон шуҳрати тамом дошт. Гуфтан мумкин аст, ки нусхае аз он дар ҳар хонадон мавҷуд буд» [10, с.81-82]. “Чаҳоркитоб” ба тарзе мураттаб гардидааст, ки китобҳои аввалу охири он бо назм, китобҳои дуюму сеюм бо наср нигошта шудаанд. Китобҳо вобаста ба муҳтаво ва мавзӯот номгузорӣ шудаанд ва ҳар китоби ин маҷмӯа аз ҷониби шахси муайяне иншо шудааст. Мураттибони «Чаҳоркитоб» аз хусуси кай, дар куҷо ва аз ҷониби кӣ дар шакли як маҷмӯа ҷамъоварӣ шудани китоб чизе нагуфтаанд. Танҳо устод Абдунабӣ Сатторзода дар ин хусус фарзияи худро чунин иброз намудаанд: «Гумони яқин аст, ки дар як муҷаллад гирд омадани чаҳор китоб зери унвони «Чаҳоркитоб» дар асри XVII сурат гирифтааст. Зеро то он сана аз мавҷуд будани чунин як китоб маълумоте нест» [10, с.81-82].

Китоби аввал «Номи Ҳақ» ном дорад, яъне номи Худованд. Тибқи маълумоти овардаи муҳаққиқон К. Е. Бендриков, Ю. Абдуллоев ва Қ. Рустамов китоби мазкур аз ҷониби Шарофуддини Бухорӣ дар асри IX м. навишта шудааст, ки аз 15 саҳифа иборат мебошад. Бояд иқрор шуд, ки ин маълумот хатост. Мутаассифона, на К. Е. Бендриков ва на Ю. Абдуллоев аз куҷо гирифтани ин маълумотро зикр накарда, ҳамаи онҳоеро, ки дар ин масъала ба онҳо истинод намудаанд, ба иштибоҳ андохтаанд. Ҳол он ки худи муаллифи китоб санаи таълиф ва итмоми китобро дар охири он чунин овардааст:

Наваду нуҳ чу рафт шашсад сол
Аз вафоти Расул то имсол
Нимае аз Ҷимодию -л- аввал
Буд, к-ин назм гашт мустакмал.
В-андарин мухтасар наяфзояд
Бас бувад ин қадар, ки афзояд [9, с.16].

Агар гуфтаҳои соҳиби китобро ба солшумории мелодӣ баргардонем, тахминан ба соли 1311-1312м. баробар мешавад. Мисраъҳои муаллиф ҳамаи он гуфтаҳо ва фарзияҳои беасоси муҳаққиқони зикршударо ботил намуда, ҳатто дар он тартиби замоние, ки К. Е. Бендриков ва Ю. Абдуллоев барои навишта шудани китобҳои алоҳидаи ин «Маҷмӯа»

муайян намудаанд, тағйироти решаӣ ва куллӣ ворид месозад. Агар китоби аввали ин маҷмӯа дар ибтидои асри чаҳордаҳ навишта шуда бошад, пас тахмини устод А. Сатторзода дар хусуси дар асри XVII м. дар як муҷаллад гирд омадани аҷзои ин китоб аз эҳтимол дур нест. Лекин ду китоби дигари ин «Маҷмӯа», ки дар миёни ду рисолаи назмӣ ҷой дода шудааст, метавонад ба қавли муҳаққиқон дар асри IX м. тартиб дода шуда бошад, зеро таълими фиқҳ хеле барвақт, ҳануз аз асри VII м. аз ҷониби Қутайба ибни Муслим фатҳ шудани Бухоро оғоз гардида, пайваста идома дошт ва он барномае, ки бо он фотеҳони араб таълими мардуми маҳаллиро оғоз намуда буданд, шояд на ҳамеша ба дарди мардум мехӯрд. Бинобар ҳамин ҳеҷ ҷойи тааҷҷуб нест, агар олимони маҳаллӣ баъд аз гузашти замон ва ҷамъ намудани таҷрибаи кофӣ ба чунин хулоса омада бошанд, ки ба хотири тезтар аз худ намудани заруриёти фиқҳӣ, ки, аллакай, меъёрҳои ҳаёти мусулмононро муайян мекард, баъзе заруриёт ва муҳиммоти онро ба забони форсӣ-тоҷикӣ омода созанд. Аммо китобҳои якуму чорум, ки вақти таълиф ва муаллифонашон мушаххас аст, метавонанд бо пайдо шудани эҳтиёҷ ба иловаю такмил ба вуҷуд омада бошанд.

Ҳарчанд китоб «Номи Ҳақ» номгузорӣ шуда бошад ҳам, тамоми он аз хусуси ному сифоти Худованд, қудрату азамат ва муъҷизаҳои пайғамбарони Он баҳс нанамуда, балки ба масоили таҳорат, ғусл, таяммум, намозу рӯза, фарзу суннатҳои он ва аҳаммияти риояи онҳо барои ҳар мусулмон баҳс менамояд. Мутаассифона, мақсад аз «Номи Ҳақ», номи Худованд буданро на ҳамаи муҳаққиқон дарк кардаанд. Масалан, ҳам Қодир Рустамов ва ҳам Юлдош Абдуллоев онро «Сухани рост» гумон кардаанд. Иштибоҳи дигари муҳаққиқони мазкур аз он иборат аст, ки се китоби таркибии ин асарро назмӣ ва китоби охирини онро насрӣ гуфтаанд, ки ба ҳақиқат аслан мувофиқат надорад. Масалан, Қ. Рустамов гуфтаҳои Ю. Абдуллоевро такрор намуда, менависад: «Ҳар чор асар (китобҳои Чаҳоркитоб дар назар аст) ба забони тоҷикӣ-форсӣ навишта шуда, сетои онҳо аз асарҳои назмӣ иборатанд ва охирин асари насрист» [8, с.68; 1;71]. Аз ин суханҳо чунин хулоса кардан мумкин аст, ки ин ҳарду ё умуман ба ҳуруфоти арабӣ ошно набудаанд, ё агар ба ҳуруфоти арабӣ ошно бошанд ҳам, ба худи китоб ягон бор назар накарда, аз забони шахси дуюм навиштаанд. Аниқтараш, бо нусхаҳои «Чоркитоб» ошно набудаанд, зеро ҳар шахси ноошно ҳам метавонад тарзи навишти назмро аз наср фарқ намояд, чи бо ҳуруфоти кириллӣ бошад, ё форсию арабӣ.

Китоби дуюми ин мунтахабот **«Бидон»** ном дорад, ки 101 саҳифаи китоби «Куллиёт»-ро дар бар мегирад. Аз рӯйи маълумоти Ю. Абдуллоев ва Қ. Рустамов асари мазкур ба қалами Қозӣ Азмуддин тааллуқ дошта, соли таълифаш маълум нест. Муаллифи китоб матолиб ва муҳтавои онро ба таври зайл баён сохтааст: «Бидон асъадака-л-Лоҳу фи-д-дорайн, ин китобест дар баёни маърифати имону ислом ва намозу рӯза ва ҳаҷҷу закот ва таҳорат ва фарзу воҷиб ва суннату мустаҳаб ва мубоҳу макрӯҳ ва муфсид ва аҳкому аркони ин китобро бар чаҳор фасл бино ниҳода шуд, то мубтадиёнро писандида бувад».

Фасли аввал дар баёни **маърифати имон**. Дар ин фасл муаллиф хонандаи худро бо тарзи саволу ҷавоб мавриди хитоб қарор дода, матолиби худро аз ӯ мепурсад ва худ ба саволҳои гузоштаи хеш ҷавоб мегӯяд. Мавзӯоти ин фасл имон ва анвоъи он, имон ба Худо, имон ба малоикаҳои Ӯ, имон ба китобҳои осмонӣ, имон ба Паёмбарону ба рӯзи қиёмат ва ба тақдир, зинда гардонидан баъд аз миронидан ва ғайраҳо иборат мебошад.

Фасли дуюм дар баёни **таҳорат ва шиканандаҳои таҳорат** ном дошта, аз хусуси чӣ будани таҳорат, чигунагии он, фарзҳои таҳорат ва воҷиботи он баҳсҳо оварда шудааст, ки ҳамаи он инсонро ба покии на танҳо ҷисмонӣ, балки ба покии лафзию рӯҳӣ низ даъват менамояд.

Фасли сеюму чаҳорум дар баёни **масоили намозу рӯза ва масоили дигар ном дорад.** Ин фасл қисмати асосии китоби «Бидон»-ро дар бар гирифта, ба ғайр аз масъалаҳои намозу рӯза, ба масъалаҳои дигаре, ки мусулмон дар ҳаёти ҳаррӯзаи худ ба онҳо рӯ ба рӯ мешавад, аммо бо онҳо чӣ гуна муомила карданро намедонад, аз нигоҳи фиқҳи исломӣ ва мазҳаби Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) ҷавобҳои муфассал оварда шуда, бо мисолҳои воқеӣ шарҳу эзоҳ дода шудааст.

Китоби сеюми ин маҷмӯа **«Муҳиммот ал-муслимин»** ном дошта, дар миёни китобҳои чоргона бузургтарин ба шумор меравад ва 108 саҳифаро дар бар мегирад.

Китоби мазкур дар миёни хонандагон ва толибилмоне, ки ин китобро хондаанд ё хонда истодаанд, бо номи **«Қола ан-Набӣ»** низ машҳур аст, зеро он бо ҳадиси машҳури Пайғамбарамон (с): «Талабу-л-илми фаризатун ало кулли муслимин ва муслиматин» (Талаб ул-илми фарз аст барои ҳар мусулмон ва мусулмонзан (хоҳ банда бошад, хоҳ озод) оғоз мегардад.

Юлдош Абдуллоев муаллифи китобро Ҷалолиддин Кихӣ медонад [1; 71], аммо дар хусуси соли навишти асар чизе намегӯяд. Қодир Рустамов низ ҳамин маълумотро аз китоби Ю. Абдуллоев иқтибос намудааст, вале муаллифи асарро Ҷалолиддини Румӣ гуфтааст [8, с.68]. Мутаассифона, Ю. Абдуллоев сарчашмаи истифоданамудаи худро зикр накардааст ва кӣ будани Кихӣ ҳам барои мо маълум нест. Ҷалолиддини Румӣ дониста

шудани муаллифи асар аз ҷониби Қ.Рустамов аз ду ҷиҳат иштибоҳ аст, якум ин ки ӯ ин маълумотро аз китоби Ю.Абдуллоев овардааст ва Ю.Абдуллоев муаллифи китобро Кихӣ гуфтааст, дуюм ин ки ин асарро асари манзум номида, хатои Ю.Абдуллоевро ба таври автоматикӣ такрор намудааст.

Муаллиф матолиби китоби хешро бо истинод бар ҳадиси боло иборат аз талаби илм дониста, мегӯяд: Мурод аз ин илм чаҳор илм аст, аввал илми тавҳид, дуюм намоз, сеюм илми рӯза, чаҳорум илми ҳайз ва нифос. Бидон, ки бар ҳамаи мусулмонон лозим аст, ки ин маъалаҳоро бидонанд ва ёд гиранд, то тарки фарз накунанд. Муаллиф муҳим ва зарур будани гуфтаҳои худро бо иқтибос аз навиштаҳои Абуҳафси Бухорӣ тақвият бахшида, сабаби чунин номгузорӣ шудани китобро низ аз он донистааст: Хоҷа Имом Абӯҳафси Кабири Бухорӣ гуфтааст: «Шахсе, ки намоз мегузорад ва ҷамии аркони намозро ба ҷо меорад, аммо намедонад, ки фарз кадом аст ва воҷиб кадом аст ва суннат кадому мустаҳаб кадом, намози ӯ дуруст набошад» [9, с.118]. Пас, донистани ин масоил ҳам муҳим аст, бинобар ҳамин, ин китоб **«Муҳиммот а-л-муслимин»** ном ниҳода шуд.

Китоби чорумин ё охирини ин маҷмӯа «**Панднома»-**и Муҳаммад ибни Иброҳим Фаридуддини Аттор аст, ки аз рӯйи маълумоти иддае аз муҳаққиқон дар қарни XII мелодӣ навишта шуда, ба «Чаҳоркитоб» ҳамроҳ карда шудааст. Албатта, ба «Чоркитоб» илова шудани «Панднома»-и Шайх Аттор беҳуда нест. Ҳамаи он чи ки Шайх аз боби насиҳату панд дар китобаш овардааст, аз Китобу Суннат маншаъ гирифта, хатсайри тарбияи як нафар мусалмонро пурра ва мукаммал месозад ва матолиберо мисли ҳамди Худованд, сифоти Расул, ҷиҳод бо нафс, сирати мулук, баёни тавозуъ, баёни ақлу оқилон, хислатҳои мазамматшуда, ғанимат донистани умр, дар баёни хомӯшӣ ва саховат, фурӯ бурдани хашм ҳангоми ғазаб, фоидаи тақво мавриди баррасӣ қарор медиҳад.

Мусаллам аст, ки дар вақти набудани матбааҳо, «Чаҳоркитоб» танҳо дар шакли дастнавис вуҷуд дошт ва толибилмон ин китобро аз рӯйи он мутолиа менамуданд. Вақте ки дастнавис мегӯем, камшумор будани он ҳам пеши назар меояд, зеро адади хаттотон ҳар қадар зиёд бошанд ҳам, ҳамаро бо китоб таъмин карда наметавонистанд. Бинобар ин, китобҳо аз даст ба даст мегаштанд ва хатмкардагон китобҳои хешро барои истифода дар ихтиёри шогирдони баъд аз худ омада мегузоштанд. Бояд гуфт, ки рӯнавис кардани китоб кори як рӯзу ду рӯз набуд ва мувофиқи заҳматаш нархи гарон ҳам дошт, ва дар дастрас намудани чунин китобҳо қисми зиёди мардум душворӣ эҳсос менамуданд. Шояд ҳамин зарурат ҳам хаттотон ва ҳам барномарезони ҳамонвақтаро водор сохт, ки барои мураттаб ва омода сохтани «Чоркитоб»-ҳо дар ҳаҷмҳои мухталиф иқдом намоянд ва дар баробари «Чоркитоби кулл» боз ду навъи дигари ин китоб бо номи «Чоркитобҳои ҷузъ», ки аз ҷиҳати ҳаҷм аз якдигар каме фарқ доранд, арзи вуҷуд намуд.

Албатта, навъи аз ҳама мукаммал ва беҳтарин «Чаҳоркитоб»-и куллиёт буда, ҳаҷман аз дигар навъҳо, ки «ҷузъ» номида мешавад, хеле бузург аст. Мутаассифона, дар миёни чопҳои «Чаҳоркитоб»-и кулл ҳам ягонагӣ дар ҳаҷм мушоҳада карда намешавад. «Чаҳоркитоб»-и куллиёт, ки дар миёни мардуми Мовароуннаҳр машҳур аст ва бо саъй ва эҳтимоми мулло Шариф Хоҷаэшони Хуҷандӣ дар шаҳри Тошканд, дар матбааи Ғулом ал-Ҳусайнӣ ба чоп расидааст, 288 саҳифаро дар бар мегирад, аммо боз «Чаҳоркитоб»-и дигаре ҳам вуҷуд дорад, ки дар Пешовари Покистон ба чоп расидааст (бе соли нашр), ва аз 240 саҳифа иборат аст.

Он чи ки ба «Чаҳоркитоб»-и ҷузъ марбут аст, чи хеле ки болотар гуфтем, он ҳам ду навъ аст, ҷузъи бузургтар ва хурдтар. Ҷузъи бузургтар қариб 200 саҳифаро дар бар гирифта, ҷузъи хурдтар аз 120 саҳифа иборат мебошад.

Аҷибаш он аст, ки ҳам дар «Чаҳоркитоб»-и кулл ва ҳам дар ҷузъи бузургу хурд адади саҳифаҳо ва мавзӯоти китобҳои аввалу охири «Чаҳоркитоб», ки бо назм навишта шудаанд, бетағйир меоянд. Ҳар тағйироте, ки аснои мӯҷазу муфассал сохтани китобҳо ба вуҷуд омада бошад, дар ду китобе ба вуҷуд омадааст, ки бо наср навишта шудаанд. Агарчи дар охири асри XIX чопхонаҳои литографӣ ба вуҷуд омада, табъу нашри ҳама гуна китобу дастурҳоро саҳлу осон карда бошад ҳам, китобҳои мазкур бо навъҳои хурду бузургаш боқӣ монданд ва ниёзи мардумро то имрӯз бароварда истодаанд.

Дигар ин ки «Чаҳоркитоб» намунаи насру назми асримиёнагии мо буда, ба забони хеле шевою фаҳмо навишта шудааст. Шояд интихоби ин намунаҳои назмӣ тасодуфӣ набуда, махсус барои таълими бачаҳо омода шуда бошад. Забони насри китоб низ насри мутантану тумтароқ набуда, барои ҳар фарди онрӯзу имрӯз фаҳмою гӯшнавоз аст, зеро хонандаю шунавандаи ин матнҳо оммаи мардуми одӣ буда, дар миёни онҳо шахсиятҳои аз ҷиҳати муставо гуногун буда метавонистанд. Бинобар ин, нигорандагони ҳам қитъаҳои шеърӣ ва ҳам порчаҳои насрӣ матолибро тарзе арза намудаанд, ки барои ҳама фаҳмо ва дилпазир бошанд. Агар дилпазиру хотирмон набошад, пас нависанда ба мақсадаш нарасидааст. «Чаҳоркитоб» вақте зуҳур намудааст, ки мардум ба он эҳтиёҷи шадид пайдо намуда буданд. Агар дар ибтидо ибодату ниёиши мардум сарсарию ноогоҳона бошад, акнун мардум динро бо дил қабул намуда, мехостанд ибодаташон дуруст ва дар пешгоҳи Худованд мақбул бошад. Бинобар ин кӯшиш менамуданд, ки аз он заруриёте, ки

метавонад ибодати онҳоро дурусту мақбул гардонад, огоҳ шаванд. Мутаассифона, марҷаи асосӣ, ки Қуръон аст, на барои ҳамаи мардум дастрасу фаҳмо буд. Аз ин ҷост, ки уламои маҳаллиро лозим омад барои мардум ва толибилмоне, ки бо забони арабӣ хуб балад нестанд, лекин бо тақозои шароит масъулияти иршоду роҳнамоии исломии як гурӯҳ бар зиммаи онҳо афтидааст, дастуре омода созанд, ки муқаддамот ё ибтидоиёти фиқҳи исломиро барои онон шарҳ дода тавонад. Устод Абдунабӣ Сатторзода дуруст гуфтаанд, ки на ҳама кас ба мутолиаи «Қуръон» қудрат дошт, вале ҳама «Чаҳоркитоб» -ро ё худ қироат мекардаанд ва ё аз қироати дигарон баҳра мебардоштаанд. Аз ин сабаб, дар гузаштаи наздик аксари мардуми мо онро ё ба пуррагӣ ва ё фаслу бобҳои ҷудогонаашро аз ёд медонистаанд [10, с.81-82]. Аз ин рӯ, «Чаҳоркитоб» на танҳо дар тарбияи динӣ-мазҳабии мардуми мо, балки дар тарбияи ахлоқӣ, адабӣ-бадеӣ ва суханварии онҳо низ нақши бузург доштааст.

Чизи дигаре, ки дар ин бахш бояд илова намоем, ин аст, ки китоби мазкур дар солҳои охири даврони шӯравӣ ба рӯйхати китобҳои нодир шомил шуда буд. Албатта, инро танҳо онҳое ҳис менамуданд, ки ба он эҳтиёҷ пайдо мекарданд. Ба ҳамаи мо маълум аст, ки бо вуҷуди аз ҷониби ҳукумати коммунистӣ манъ шудани таълимоти динӣ дар кишвар, боз нафароне буданд, ки дар қишлоқҷойҳо ва солҳои охир дар шаҳрҳо низ ба тарзи пинҳонӣ хоҳишмандонро аз ин фанҳо таълим медоданд. Аз нақли толибилмони чунин ҳалқаҳои дарсӣ маълум мешавад, ки дар ҳақиқат пайдо намудани «Чаҳоркитоб» дар бозори сиёҳи ҳамонвақта хеле мушкил гардида, нархи «Чаҳоркитоб» -и кулл то ба 400 рубли замони Шӯравӣ расида будааст, ки ин хеле маблағи калон буд.

Шояд ҳамин нодирию гаронӣ ва инчунин гуруснагии мардум нисбат ба маънавиёти диниро зиёиёни солҳои авали 90-уми асри гузашта низ хуб эҳсос менамуданд, ки барои баргардон ва нашри он бо хатти кириллӣ иқдом намуданд. Ва ҳоло ин китоб барои ҳамаи он мусулмонон ва мусулмонзанҳое, ки бо хатти арабиасоси форсӣ ошно нестанд, китоби рӯйимизӣ гардидааст. Китоби мазкур бо эҳтимом, охирсухан, тавзеҳ ва шарҳи луғоти устоди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Абдунабӣ Сатторзода, зери таҳрири Урун Кӯҳзод ва мударриси Донишкадаи исломии Тоҷикистон Саъдиддини Рустам соли 1990 дар нашриёти «Адиб» бо теъдоди 500000 нусха ба чоп расидааст.

Дар солҳои истиқлолияти давлатӣ як навъ гароиш ва муҳаббат нисбат ба гузаштаи пуршарафи мардуми форсу-тоҷик ҳатто аз ҷониби ҳукумату ҳукуматдорон, бахусус Президенти кишвар зоҳир мешудагӣ гардид. Дар партави ҳамин шиорҳои бунёди Тоҷикистони наву озод, ки яке аз рукнҳои пойдевораш эҳёи гузаштаи пурғановат ва захираи тиллоии классикии мо низ бояд бошад, як қатор чорабиниҳои такондиҳандаи эҳсоси динӣ - мазҳабии мардум низ гузаронида шуд. Дар миёни онҳо таъсиси Донишкадаи исломии Тоҷикистон, ки дар асоси мазҳаби Имом Абӯҳанифа (р) амал менамояд ва ҷашни 1310-солагии Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) ҷойи раисӣ доштанд. Чи хеле ки Президенти кишвар гуфта буд: «Аз Имоми Аъзам (р) оғоз ёфтани бозомӯзии мероси исломӣ дар ҷомеаи мо бесабаб нест. Мазҳаби Имоми Аъзам (р) дар таърихи тамаддун ва фарҳанги исломӣ, дар ҳифзу инкишофи фарҳанги миллӣ ва ҳаёти маънавии халқҳои мусулмон, аз ҷумла мо тоҷикон, нақши муассир гузоштааст. Махсусан имрӯз, ки шинохти мероси исломии мо дар заминаи бузургдошти Имоми Аъзам (р) сурат мегирад, афкору андешаи ин бузургмарди таърих дар раванди худогоҳиву худшиносиамон вусъати тоза мебахшад» [11;6].

Ин ду рӯйдоди азим дар ҳаёти иҷтимоӣ боиси такон хӯрдани тафаккури динии мардум гардида, мусулмонони кишвар ба мероси гузаштаи динӣ ва мазҳабии хеш дилгармии бештар пайдо намуданд ва барои эҳёи суннатҳо ва анъанаҳои миллӣ камар бастанд, то дар ин поя ҳуввияти миллӣ ва хештаншиносии худро тақвият бахшанд. Аз ҷумла, дар арафаи бузургдошти ҷашни Имоми Аъзам (р) ва ба ифтихори он аз ҷониби муҳаққиқ Мирзозода (мутаассифона муаллиф номашро зикр накардааст) армуғоне барои ҳаводорони улуми исломӣ бо унвони «Шарҳи муқаддимаи чаҳоркитоб» омода ва бо теъдоди 500 адад аз чоп баромад [5]. Эшон китоби аввали «Чоркитоб»- ро, ки бо назм иншо шудааст, шарҳ додааст. Фақат як душворӣ дорад, ки бо ҳуруфоти арабиасос навишта шуда, хонандае, ки ба ин алифбо ошно нест, аз хондани он маҳрум мемонад. Бо вуҷуди ин, муаллифи китоби номбурда кори муфидеро анҷом додааст, бахусус барои онҳое, ки «Чоркитоб»-ро бе устод, мустақилона меомӯзанд. «Чоркитоб» бо вуҷуди бо забони соддаю фаҳмо иншо шуданаш, пур аз истилоҳоти динӣ-мазҳабӣ, ишораю рамзҳоест, ки ба умқи таърихи инсоният ишора менамояд ва кумаку шарҳи устодро тақозо менамояд. Шояд муаллиф ҳам маҳз ҳамин эҳтиёҷи хонандаи имрӯзро эҳсос намуда бошад, ки даст ба ин кори хайр зада, китоберо, ки аз 15 саҳифа иборат аст, дар 73 саҳифа шарҳ додааст.

Кори оғознамудаи муҳаққиқони дар боло зикршударо имрӯзҳо донишмандон ва устодони Донишкадаи исломии Тоҷикистон идома дода, кӯшиш менамоянд, ки ҳарчи бештар мардуми як вақт аз решаҳои худ кандашударо боз бо он бипайванданд. Ҳоло дар

Донишкада 5 кафедраи ихтисосӣ амал мекунад ва аз ҷониби устодон даҳҳо мақолаву рисолаҳои ҳирфаие омода мешаванд, ки муаррифгари мероси гузаштагони мо мебошанд.

Ногуфта намонад, ки «Чаҳоркитоб» дар мактабҳои куҳнаи мусулмонӣ яке аз китобҳои асосии барномавӣ маҳсуб гардида, онро ҳам хонандагони тоҷикзабон ва ҳам туркзабон баробар меомӯхтанд. Мусаллам аст, ки марҳилаи гузариш аз хониши Қуръон ба хониши «Чаҳоркитоб», ки марҳилаи форсихонӣ ҳам ном дорад, як навъ душворие барои хонандагони ғайриторҷик эҷод менамуд. Агар дар матнҳои қуръонӣ вуҷуд доштани ҳаракатҳои ифодакунандаи садонокҳо барои хонанда кумак кунад, пас дар матнҳои «Чаҳоркитоб» чунин ҳаракатҳо вуҷуд надоранд. Мутаассифона, ин душвориҳо барои хонандагони масалан узбекзабон дучанд мегардиданд, зеро барои онҳо ҳам забон бегона буд ва ҳам тарзи хониши бе *«зеру» « забар».*

Вобаста ба ҳамин мушкилот муҳаққиқи узбек Ю.Абдуллоев менависад, ки дар қисмати зиёди мактабҳои узбекӣ дар охирҳои асри XIX ва ибтидои асри XX м. аз «Чаҳоркитоб» танҳо китобҳои якуму дуюм хонда мешуд. Ҳангоми омӯзиши «Чаҳоркитоб» кӯдакон ба душвориҳои зиёде рӯ ба рӯ мешуданд: китоб ба забони ғайримодарияшон навишта шуда, калимаҳо, ба истиснои баъзеяшон, номафҳум буда, муҳтавои китоб низ ба синну соли бачаҳо мувофиқ набуд. Масалан, онҳо метавонистанд калимаи طَلَبَ –ро, ки бо хатти «насх» ва *«зер»-у «забар»* навишта шудааст, ба осонӣ бихонанд. Аммо «Чаҳоркитоб» бо хатти «настаълиқ» (насху таълиқ) навишта шуда*, «зер»-у «забар»* надорад. Хонанда, вақте ки ин калимаро бори аввал мебинад, метавонад онро *«тулуба», «тилаба»* ва *«талабу»* хонад. Аз ин сабаб, омӯзиши қисмати якум ва дуюми «Чаҳоркитоб» дуру дароз идома меёфт. Масалан, барои хондани ҳашт-даҳ рубоии китоби аввал як моҳ сарф мешуд. Китобҳое, ки ба забони ғайри модарӣ буданд ба забони модарӣ тарҷума карда намешуданд. Кӯшиши мустақилона фаҳмидани калима ва ибораҳои хондашуда, тарҷума кардани онҳо ба забони модарӣ гуноҳ шуморида мешуд ва хонандагон аз ном баровардан бо «гунаҳгор» метарсиданд [1, с.71-72]. Муаллиф шояд дар мавриди гуноҳ будани пурсиш ва кӯшиши мустақилона аз худ кардани баъзе калимоту ибораҳои номафҳум каме муболиға карда бошад, аммо дар ҳар сурат душвории хонандаи бо забони тоҷикӣ ноошно дар ин марҳила хеле эҳсосшаванда ба назар мерасад. Бояд эътироф намуд, ки забони тоҷикӣ-форсӣ дар қаламрави Мовароуннаҳр аз замони Сомониҳо сар карда оҳиста-оҳиста ҳуқуқи давлатии худро дар баъзе соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, бахусус дар адабиёти халқҳои Осиёи Марказӣ ба даст гирифта истода буд ва табиист, ки таълим дар макотиби ибтидоии мусулмонӣ ва мадрасаҳо бо ин забон ба роҳ монда шуда, то замони ҳукмронии амирони манғитӣ дар Бухоро ин анъана идома меёфт. Масалан, муҳаққиқи туркзабон Г.М. Билолов аз хусуси китобҳои таълимии макотиби ибтидоӣ дар хонигарии Хива сухан гуфта, вазъиятро чунин ба қалам додааст: «Баръакси мактабҳои кишвари Туркистон ва аморати Бухоро, дар аксарияти мактабҳои хонигарии Хива баъд аз «Ҳафтяк» китоби Суфӣ Аллаёр омӯхта мешуд. Аммо дар шаҳри Хива бошад, китоби дар тамоми Осиёи Миёна маъмулгардидаи «Ҳафтяк» омӯхта мешуд... Баъд аз омӯзиши китоби Суфӣ Аллаёр хонандагони мактаб боз ба хониши «Чоркитоб» оғоз менамуданд» [3; 21]. Аз навиштаҳои муҳаққиқони қазоқ, туркман ва озарӣ маълум мегардад, ки дар ин минтақаҳо низ мактаббачаҳо аз ҳамон китобҳои дарсии дар аморати Бухоро маъмулбуда истифода менамудаанд [6, с.412: 7, с.543]. Баъди инқилоби Бухоро, дар замони Шӯравӣ низ ин анъана чи дар ҳуҷраҳои тоҷикистонӣ ва чи узбекистонӣ аз миён нарафта будааст. Нависандаи ин сатрҳо ду-се нафарро дар шаҳри «Набережные Челны»-и Ҷумҳурии Тотористони имрӯза дидааст, ки дар замони Шӯравӣ дар ҳуҷраҳои таълимии маҳаллаи «Фурудгоҳи куҳна»-и шаҳри Душанбе бо ҳамин низом таълим гирифтаанд. Яке аз онҳо Фарид-ҳазрат ном дошта, дар масҷиди «Тавба»-и шаҳри номбурда вазифаи сархатибиро ба уҳда дошт. Дигар ин ки «Чоркитоб» ба забони тоҷикӣ навишта ва мураттаб гардида, муродифи он ба забонҳои дигар вуҷуд надошт, зеро забони тоҷикӣ дар ин асрҳо забони илму таълим ба шумор мерафт. Бинобар ҳамин таълим хоҳ нохоҳ тавассути ҳамин китоб гузаронида мешуд ва касе зарурати тарҷумаи он ва ё тартиб додани муродифи онро ба забонҳои туркӣ то ба ҳол эҳсос накарда буд. Шояд ин аз он сабаб ҳам бошад, ки ин ду миллат аз вақтҳои хеле қадим паҳлуи ҳам зиндагӣ карда, аз забону фарҳанги якдигар хуб огаҳ буданд ва барои онҳо фаҳмидани китобе мисли “Чаҳоркитоб” мушкили зиёд эҷод намекард.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдуллоев Ю. Очерки по методике обучения в узбекской школе. Очерки / Ю Абдуллоев. - Ташт: Издат. Учитель, 1966. – 171 с.
2. Бендриков К.Е. Очерки по истории народного образования в Туркестане. Монография / К.Е. Бендриков. - Москва, 1960. – 512 с.
3. Билолов Г.М. Культура и просвещение в Хорезмской Народной Советской Республике. Монография / Г.М. Билолов. - Ташт: Фан, 1966. - 321 с.
4. Куллиёти «Чаҳоркитоб». Китоби дарсӣ. - Пешоваршаҳр (Покистон): Нуронӣ кутубхона қиссахонӣ, бидуни соли нашр. - 240 с.

5. Мирзозода Ғайбулло. Шарҳи муқаддимаи «Чоркитоб». Монография. - Душанбе: Паёми ошно, 2009. - 70 с.
6. Очерки истории школы и педагогической мысли народов СССР с древнейших времён до конца XVIII века. Очерки / Коллектив. - Москва: Педагогика, 1989. - 479 с.
7. Очерки истории школы и педагогической мысли народов СССР (XVIII в., перв. полов. XIX в). Очерки /. Коллектив. - Москва: Педагогика, 1973. - 605 с.
8. Рустамов Қ. Таърихи методикаи таълими забони тоҷикӣ дар мактаб. Монография / Қ. Рустамов. - Душанбе, 2001. – 280 с.
9. Чаҳоркитоб, куллиёту-л-Бухоро. Китоби дарсӣ. (Барои мактабҳои кӯҳна). - Покистон: Мактабату Форуқия, бидуни соли нашр. – 228 с.
10. Чаҳоркитоб (бо хатти сирилик). Китоби дарсӣ. (Барои худомӯзон). - Душанбе: Адиб,1990. – 73 с.
11. Эмомалӣ Раҳмон. Паёми табрикӣ // Маърифати исломӣ. - Нашрияи Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам Абӯҳанифа. - № 1 октябри 2009. – 30 с.

«ЧАҲОРКИТОБ» - ДУЮМИН ФАННИ ТАЪЛИМӢ ДАР МАКТАБИ КУҲНА

Чи хеле ки маълум аст, дар низоми маорифи куҳна, аниқтараш дар мактабҳои куҳнаи мусулмонии Осиёи Миёна, Эрон, Покистон, Ҳиндустон, Поволжеи Россия, хонандагон, чи хеле ки имрӯз мо одат кардаем, фанҳои алоҳидаро аз соҳаҳои гуногуни илм нахонда, балки аз рӯйи китобҳои муайян таълим дода мешуданд. Масалан, онҳо дар ибтидои таҳсил китоби «Ҳафтяк»-ро, ки аз ҳафт як қисми Қуръони Шариф иборат буд хонда, сипас, худи Қуръонро мехонданд, ки ин ду китоб марҳилаҳои аввал ва дуюми таълимро дар мактаби ибтидоӣ ташкил менамуд. «Чоркитоб» ва чоркитобхонӣ марҳилаи сеюм ё зинаи сеюми таълим ба шумор мерафт. Дар мактабҳои куҳна низоми аз синф ба синфгузаронӣ вуҷуд надошт. Ба анҷомрасии омӯзиши ҳар китоби таълимӣ, хатм намудани марҳилаи муайяни таълим ё синф ҳисобида мешуд. Ин марҳилаҳо кам набуданд ва омӯзиши ҳам китобҳои динӣ ва ҳам асарҳои баъзе забоншиносони асримиёнагию шоирону нависандагони машҳурро, мисли, Ҳофизи Шерозӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Абдулқодири Бедил, Алишери Навоӣ ва дигаронро дар бар мегирифтанд. Фанҳои дигар низ мисли, ҳусни хат, навиштан ва хондин дар ин гуна мактабҳо вуҷуд дошт. Аммо забони таълим забони тоҷикӣ ва арабӣ буд. «Чоркитоб» аз чор китоби адоҳида-алоҳида иборат буда, муқаддимаи фиқҳи исломӣ барои бачаҳо ба шумор мерафт. Ин китоб бо забони хеле соддаю фаҳмо навишта шуда, дар миёни тамоми мардумони мамолики мусулмонӣ шуҳрати беандоза бузург касб кардааст. Он бахусус дар ҷумҳурии Тоҷикистон, дар миёни онҳое, ки мехоҳанд аз асосҳои ислом, қоидаҳои ахлоқию динии он огоҳ бошанд, маҳбубияти хосса дорад. Бо фазли истиқлолият мусулмонони ҶТ имконияти озодона хондани ин китоби бисёр заруриро пайдо намуданд. Ин китобест, ки мардумро ба тозагии рӯҳию ҷисмӣ ҳидоят намуда, онҳоро ба некию накукорӣ ва ҳамзистию якдигарфаҳмӣ ҳидоят менамояд.

Калидвожаҳо: Чаҳоркитоб, фиқҳи исломӣ, маориф, мактаби куҳна, таълим, ахлоқ, илм, хонанда.

«ЧАХАРКИТОБ»- ВТОРОЙ ОСНОВНОЙ ПРЕДМЕТ В СТАРОЙ ШКОЛЕ

В старой образовательной системе, точнее, в старометодных мусульманских школах Средней Азии, Ирана, Пакистана, Индии, российского Поволжья, как известно, дети учили не предметы из различнь областей знаний, к чему мы привыкли сегодня, а обучались по определённым книгам. Так, они изучали в начальные годы непременно «Хафтяк», то есть седьмую часть Священного Корана, затем сам Коран, составляющие как бы первую и вторую ступени обучения. Третью ступень составляли «Чахар китаб» («Четыре книги» или «Четырёхкнижие»). В этих школах не было системы перехода из класса в класс. Завершение усвоения каждой книги означало окончание одной ступени или так называемого класса. Ступеней этих было немало, и они включали изучение как различных богословских дисциплин, так и филологическое изучение произведений средневековых грамматистов, известных писателей и поэтов, например, Хафиза Шерази, Абдуррахмана Джами, Абдулкадыра Бедиля, Алишера Наваи и других. Были и такие дисциплины, как правописание и письмо, чтение и так далее. Разумеется языком обучения был таджикский и арабский. «Чахор китоб» объёмлет четыре части и считается введением в науку исламского богословия. Благодаря простому, доступному и одновременно красивому слогу, «Чахар китаб» завоевало огромную популярность во всех мусульманских стран, в Средней Азии, в том числе в Таджикистане, среди людей, желающих ознакомиться с основами ислама, его конфессиональными положениями и морально-эстетическими установлениями и нравственными принципами и требованиями. Благодаря независимости мусульмане РТ получили возможность свободно издавать и изучать эту очень нужное произведение, для всех, кто хочет достичь чистоты души и тела, учится доброте и благородству, сосуществованию в мире и согласии.

Ключевые слова: Чахаркитаб (Четырёхкнижие) ,исламское законодательство, образование, старая школа, обучение, этика, наука, ученик.

“CHAKHORKITOB” IS THE SECOND MAIN SUBJECT IN THE OLD SCHOOL

In the old educational system, more precisely, in the old-fashioned Muslim schools of Central Asia, Iran, Pakistan, India, Russian Volga, as you know, children did not study subjects from different areas of knowledge, to which we are accustomed today, but studied in certain books. Thus, in the initial years they studied without fail the “Haftyak”, that is, the seventh part of the Holy Quran, then the Quran itself, making up, as it were, the first and second levels of education. The third step was “Chagar Kitab” (“Four Books” or “Four Books”). In these schools there was no system of transition from class to class. The completion of the mastering of each book meant the end of one grade or so-called class. There were a lot of these steps and they included the study of various theological disciplines as well as the philological study of the works of medieval grammarists, famous writers and poets, for example, Hafiz Sherazi, Abdurrahman Jami, Abdulkadyr Bedil, Alisher Navai and others. There were disciplines such as spelling and writing, reading, and so on. Of course, the language of instruction was Tajik and Arabic. “Chahor Kitob” covers four parts and is considered as an introduction to the science of Islamic theology. Thanks to a simple, affordable and at the same time beautiful syllable, Chahar Kitab gained immense popularity in all Muslim countries. In Central Asia, including in Tajikistan, people who want to familiarize themselves with the basics of Islam, its confessional positions and moral and aesthetic standards and moral principles and requirements. Thanks to the independence, the Muslims of the RT were able to freely publish and study this very necessary work, which teaches them the purity of soul and body, kindness and nobility, and coexistence in peace and harmony.

Key words: Chakharkitab (Four Books), Islamic law, education, old school, teaching, ethics, science, student.

Сведения об авторе: ***Эмомов А.С.*** - Таджикский исламский институт им. Имама Аъзама Абуханифы, кандидат филологических наук, доцент кафедры арабского языка и литературы. **Адрес:** Таджикистан, Душанбе, ул.Шодмони-58/1. E-mail: **islamtaj @ mail.ru.** Тел.: **(+992 372) 224-13079**

Information about the author: ***Emomov A.S.*** - Tajik Islamic Institute named after Imami Azam Abuhanifa Dr. of sciens (Philological Sciece). Department of Arabic language and Literature. **Adress:** Tajikistan, Dushanbe, Shodmoni Str. 58/1. E-mail: **islamtaj @ mail.ru**. Tel.: **(+992 372) 224-13079**

УДК:891.550

ҲОҶӢ ҲУСАЙН ВА РАВИШҲОИ СУХАНОФАРИНӢ

Сулаймон Анварӣ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҳоҷӣ Ҳусайни Хатлонӣ, «вопасин орифи барҷастаи суханпиро, ки дар Ваторӯд ба порсӣ сухан гуфтааст» [1, с.3], аз зумраи андешамандону фарҳангиёни адабиёти форсии тоҷикии оғози садаи ХХ ба шумор меравад. Ӯ низ монанди соири аҳли адаб ҷиҳати дарку фаҳми воқеияти ҳунару шуғли эҷодӣ, қабл аз «нишастан бар сарири хушбаёнӣ» ва «кушудан домани гавҳарфишонӣ», ба омӯзиши афкори рангини пешиниён рӯ оварда ва аз равони онҳо мададу ионат ҷустааст ва мояи дилпурии шоир аз сухан «сарсарӣ» нагуфтан ҳамоно огаҳӣ аз осори нобиғагону устодони каломи бадеу мавзун аст. Ва дар як параматни манзуми «Комдеву Мадан» аз вазъи босуруру пурфараҳи ин «сухансанҷи волофитрату нуктараси нозуктабиат,… қаламзани бадеъпардоз, нигорандаи мабониву нигористони маъонӣ» [2, с.96] сухан дар миён аст, ки онро аз назар хоҳем гузаронд:

Риёзи ин гулистон гашт хуррам,
Саҳоби хомаам чун рехт шабнам.
Асархези каломамро зи оғӯш,
Ки мерезад лабу дил мезанад ҷӯш.
Сухан дорам, валекин сарсарӣ нест,
Майи завқи хумор, аммо парӣ нест [1, с.422].

Файзи сухан ва сарсарӣ нагуфтани мутафаккир нишонаи вусъати андешаву диди ӯст, ки маншааш, аз як сӯ, фазлу иноятуи бахшоиши Худованд (Файзи сухан бахшиши субҳонияст, Табъи наку рутбаи инсонияст [1, с.419]) буда бошад, аз сӯйи дигар, натиҷаи пажӯҳишу таҳқиқи бардавом аст ва чун ба муҳтавои Куллиёт ворид мешавед, он гоҳ дармеёбед, ки Ҳоҷӣ аз ин ковишҳо қонеъ аст ва бо қаноатмандӣ ва тафохури шоирона мегӯяд:

Арши суханро бидиҳам бартарӣ,
Фарши хирадро бикунам зеварӣ [1, с.423].

Кушоӣ дар омӯхтану андӯхтани донишу таҷриба ва тадқиқу баррасии муаммову мушкилоти рӯзгор ва чун шамъ азхудгузариҳо бар табъи соф (…софтабъе аз шумори Бедилам [1, с.253]), тозагии хиёл, соҳибхирадиву ботадбирии ӯ афзудааст ва барҳақ хешро чун дигар шуаро, ки аз аҳли маънӣ ҳастанд, фотеҳи маъдани ниҳон (Аҳли маънӣ, ки шоирон ҳастанд, Фотеҳи маъдани ниҳон ҳастанд [1, с.368]) муаррифӣ менамояд ва ба мағзи сухан даррасиданро аз хосияти таҳқиқ медонад, на аз тақлиди вазъи якдигар ва мефармояд:

Халойиқ бар абас тақлиди вазъи якдигар доранд,
Нагардад саг ҳумо аз устухони сахтхойиҳо [1, с.26].

Хосияти таҳқиқ зи тақлид наёяд,
Аз фалс нашояд, ки кунӣ кори дирамро [1, с.21].

Ва:

Димоғам ҳар гулеро менабӯяд,
Намеҷунбад забон то дил нагӯяд [1, с. 422].

гуфтани эшон гувоҳи ҳисси маъношиносист, ки метавонад мазмунро «ба табъи худ либосе диҳад» [1, с.422].

Ҳоҷӣ Ҳусайн бо ҳамин рутбати суханпардозӣ ба соҳати каломи мавзуну муқаффо мусаллат шуда ва ба рағми «мурдатабъиҳои даврон» [1, с.5] тӯтии табъаш шакарҳо ва булбули фикраш даморост ва бо жарфмоягиву хушоҳангии ба худ хос килки тасвиргарро ба даст гирифта ва дар заминаи вожагузиниву вожасозиву офариниши маъно ва истеъдодмандии хеш аҳли қаламро дарак додааст. Шоҳиди ин гуфта силсилакалима ва таркибҳои рӯйи авроқ овардаи ӯст. Дар миёни ганҷи мақолу ганҷинаи ғании вожагони ин адиби хушзавқу босалиқа, аз ҷумла, мафоҳими баёнгари сухан ҷойгоҳи вижа дорад, ки дар ин фурсат мехоҳем ба тафсири бархе аз онҳо бипардозем.

Ҳамон гуна ки зикр ёфт, Ҳоҷӣ Ҳусайн дар ашъори хеш бо вуҷуди мурооти суннати корбурди калимаҳои умдаи ин бахш, назири **забон, сухан** ва баробарҳои арабии онҳо, чун **калом, лафз, лисон, мақол, ҳадис, ҳарф** талош варзидааст, ки онҳоро бо таркибҳои

гуногуну тозаи васфӣ биёрад. Барои мисол, дар сифати вожаҳои **забон, сухан, калом, ҳарф** калимаҳои зеринро баргузидааст:

Ҷаҳонеро димоғи ҳарзагӯйӣ мунфаъил дорад,
Забони лоф кӯтаҳ кун, зи ҳар чӣ карда натвонӣ [1, с.315].

Раги сози адам андар наво шуд,
Забони сурмалесӣ пурсадо шуд [1, с.472].

Забони алкану ҳарфозмо чист?
Ғубори тирааарзи тӯтиё чист? [1, с.495].

Ту на он бути накуйӣ, ки шавӣ ба тӯндхӯйӣ,
Сухани дурушт гӯйӣ, ки зи ту канор гирам(1, с.256).

Каломи нарму мавзуни муқаффо
Кунад дил равшану хотир мусаффо [1, с.420].
Аз рамзи **каломи некувон** ибрат гир:
Куфри бакамол беҳ зи дини ноқис [1, с.356].

Ҳазар аз дахли бечо дар **каломи хурдабинон** кун,
Мабодо хиҷлате аз табъи ноҳамвор дарёбӣ [1,309].

Насанҷида **каломи шафқатогин**
Нагардад ҷуз қарини таъну нафрин [1, с.420].

Ҳаё гар дарси омини адабкешӣ наёмӯзад,
Ба ғайр аз **ҳарфи бешармӣ** нахоҳад тифли ин мактаб [1, с.47].

Куҷо Ҳоҷӣ ба домони талаб дасти расо дорад,
Ки **ҳарфи номуроди**ро сабақ дода-ст устодаш [1, с.199].

Аз **ҳарф**и **сард**и носеҳон ишқам фузун шуд, бегумон,
Болад шарар беимтиҳон, гардад чу бо сарсар тараф [1, с.215].

Яқинам он, ки ту машҳури хушнависонӣ,
Вале ба номаи ман **ҳарфи хубтар** бинавис [1, с.186].

Аз ҳарзаталабӣ то накунӣ **ҳарфи ҷаҳолат**,
Бас заҳр чу афъӣ диҳӣ аз заҳр чашидан [1, с.277].

Калимаи **узрхоҳ** дар «Шоҳнома» -и Ҳаким Фирдавсӣ вобаста ба феъл корбурд дорад:

Ҳама пеши Ковусшоҳ омаданд,
Ҷигархастаю узрхоҳ омаданд [4-2, с.386].

Аммо вожаи **узрхоҳ** дар назми Ҳоҷӣ Ҳусайн чун сифат ба кор омадааст:

Наргису савсан ба истиқболи нозат мерасад
Бо нигоҳи шармгину бо забони узрхоҳ [1, с.286].

Забон ба ҳарф лағзидан, **забон дар хун кашидан, забон тарҷумон кардан, ришта**и **гуфтори забон бигсастан, лисон тар сохтан, сарфи суханварӣ кардан, ҳарф сароидан** низ аз таркибҳои сохтаи шоир мебошанд, ки ба маънии маҷоз омадаанд:

Ба Худо, ки шармам ояд, чу туро хитоб созам,
Ки забон ба ҳарф лағзад, чу ту дар сухан дароӣ [1, с.301].

Тапишомода килки гирякирдор
Забон дар хун кашиду рехт гуфтор [1, с.454].

Забон дар рамзи мазмун **тарҷумон кун,**
Саводи маъниро равшан баён кун [1, с.388].

Забонро риштаи **гуфтор бигсаст**,
Нигаҳро айнаки дидор бишкаст [1, с.442].

Лаб кунам ширин зи номи ҳар яке аз пайравон,
Тар лисон созам ба алқоб сӯҳаб, тимор ҷон [1, с.322].

Ҳоҷӣ, куҷост ҳамдаме, **сарфи суханварӣ кунам,**
Ганҷи мақол доштам, гӯши суханқарор кӯ? [3, с.281].

Аз ёру ошноён ҳусну малоҳате нест,
Ҳарфе, ки **месароям,** бар ёдгор бишнав [1, с.284].

Ба аҳли фаҳм равшан аст, ки донишварони пешин дар баёни арзиш, мақом ва неруи забону сухан аз чӣ вожаҳое кор нагирифтаанд. Аз ҷумла, забонро ба **алмос, дос** (Хусрави Деҳлавӣ), камон (Носири Хусрав), **ханҷар, тир** (Фирдавсӣ), **теғ** (Ҳилолӣ), шамшер (Низомӣ), **тарозу, паҳлавон** (Фирдавсӣ), **аскар, дабир** (Носири Хусрав) ва ғайра монанд кардаву васф намудаанд. Аммо Ҳоҷӣ Ҳусайн дар ташбеҳи **забон** вожаи форсӣ-тоҷикии **дашна**ро (номи корди нӯгтез ва ё ханҷар) кор фармудааст:

Забон чун **дашнаи** гуфтор гирад,
Ниём аз оби ханҷар бор гирад [1, с.420].

То ҷое ки хабар дорем, бузургони гузашта забонро **калид** (аз ҷумла, Шайх Саъдӣ) ҳам гуфтаанд, аммо Ҳоҷӣ Ҳусайн ба далели худдорӣ аз такрор калимаи арабии дар форсии тоҷикӣ маъмул - **мифтоҳ**ро истифода кардааст:

Забон **мифтоҳ**и боби ганҷи малакут,
Мунаввар қалб-шон з-анвори лоҳут [1, с.421].

Бо ҳамин андеша **суханр**о ба дур(р) монанд намекунад, агар ҳам осори бузургон суханро бо ин чизи баландарзиш баробар донистаанд (Гар ӯ **дурр**у марҷон ганҷ дорад, Маро дар ҷон сухан **дурр(р)** асту марҷон - Носири Хусрав [5, с.367]). Дар шеъри шоир дар ин маврид калимаи **ҳарф**, ки дар забони форсии тоҷикӣ ба мафҳуми забон ройиҷ аст (Саъй кун, то аз ту монад **ҳарф**ам мағздор, Дертар пӯшида мегардад зи аъзо устухон - Шафеъи Асар [4-2, с.735]), ҷойгузини вожаи сухан мешавад, яъне дар мавқеи унсурҳои ташбеҳшаванда қарор мегирад:

Ҳарфи ту **дур(р)** аст дур(р) набошад
Зебандаи гӯшвори аслах [1, с.358].

Вожаҳои форсӣ - тоҷикии **забон**, **сухан** ва арабии **калом, лисон, нукта** (ба маънои сухан), **ҳарф** дар ташкили калимаҳои мураккаб иштирок доранд ва ба ин васила унсурҳои луғавии фаровон ташаккул ёфтаанд, ки онҳо саҳми адибро дар ғанӣ гардонидани захираи луғот нишон медиҳанд:

Эй мунъиме, ки нотиқа аз эҳсои неъматат
Лукнатзабон зи ҳайрату вомонда лоли ту [1, с.10].

Ваю як сӯ зи алфози маъонӣ,
Ману дар маърази **лукнатзабонӣ** [1, с.39].

Аз худ наравӣ ба илтифоташ,
К-онҳост ҳама **саризабонӣ** [1, с.331].

Ҳоҷӣ, куҷост ҳамдаме, сарфи **суханварӣ кунам**,
Ганҷи мақол доштам, гӯши **суханқарор** ку? [1, с.281].

Ҳумои қудсиву мурғи **суханхон**,
Забонаш ғунчаи тақрири «Қуръон» [1, с.407].

Ки эй, аз хоби ғафлат бош бедор,
Ту ҳам **мавзункаломӣ**, бош дар кор [1, с.422].

Кушо бар ман риёзи **хушкаломӣ,**
Диҳам доди суханро чун Низомӣ [3, с.386].

(Гуфтан ҷоиз аст, ки вожаи **хушкалом**ро шоироне чун Ҳофиз ва Шавкати Бухороӣ дар шеъри худ овардаанд, вале Ҳоҷӣ Ҳусайн бо истифода аз пасванди калимасози-**ӣ** сифати **хушкалом**ро ба исм–**тарлисонӣ** табдил додааст):

В-агар аз **тарлисонӣ** шӯхӣ ангехт,
Забони шамъро дар пой мерехт [1, с.433].

Аз ин душвортар набвад, ки бо ҳарфи хирадманде
Шавад аблаҳнавое **нуктафармо**ву ғалатгираш [1, с.196].

Зи дасти котиби ғофил бияндоз,
Зи чашми **нуктахон**аш дуртар соз [1, с.386].

Забони алкану **ҳарфозмо** чист?
Ғубори тирааарзи тӯтиё чист? [1, с.495].

Вале дар дастгоҳи **ҳарфронӣ,**

Хато бо рост дорад ҳамъинонӣ [1, с.497].

Ҳоҷӣ Ҳусайн дар маъниофаринӣ аз изофаҳои истиорагӣ ҷиҳати муассирии мушаббаҳ кор гирифтааст. Таркибҳои изофиро, ки бар асоси ташбеҳоти иғроқофарин [6, с.2] пайдо шудаанд, ба гурӯҳҳои зер ҷудо кардан мумкин аст:

1) ташбеҳи иғроқофарин ғарази зебо ва пуртаъсир нишон додани мушаббаҳ истеъмол ёфтааст:

Ба ҷаве ҳикмату **алтофи сухан** напзиранд,
Гарчи Луқмони Ҳакимӣ, ба сухан Саҳбонӣ [1, с.329].

Ба **пардози сухан** парвоз сар кард,
Забони қиссаро аз найшакар кард [1, с.468].

2) ташбеҳи иғроқофарин равиш, ҷараён ва имтидодро мефаҳмонад:

Рафти сухан бар сари Хатлон бувад,
Ҳубби Ватан гӯшаи имон бувад [1, с.423].

3) ташбеҳи иғроқофарин мафҳуми маконро далолат мекунад:

Бандаи Ҳоҷӣ, ки дар **диёри сухан**
Шуҳра дорад миёни марду зан [1, с.369].

4) ташбеҳи иғроқофарин мафҳуми арзиш ва мақоми мушаббаҳро мефаҳмонад:

Шоҳи сухан бар сари тахти баён
Хутбаи наъти набии инсу ҷон [1, с.399].

5) ташбеҳи иғроқофарин қаламрав ё географияи мушаббаҳро мефаҳмонад:

Ғуборе будам, аз дониш чиҳо дур,
Зи **иқлими сухан** фарсангҳо дур [1, с.495].

Зимнан ёдовар шудем, ки Ҳоҷӣ Ҳусайн ба замон аз равзанаи ҳақиқат назар доштааст ва афроди нопӯёву тангчашму коҳилу мутаассибро маломат кардааст. Аз байте, ки хоҳем овард, ҳам мазомини мазбур эҳсос мегардад ва ҳам нигоҳи шоир нисбат ба фаро гирифтани таърихи улуму адён:

Ҷуз мазҳаби худ якҷиҳатон ҳич нафаҳманд
З-алфози «Муҷастӣ» в-аз «Занд» -у хати «Пазанд» [1, с.158].

Бо овардани ин ду мисраъ қасд надоштем, ки ба фалсафа ва ирфони Ҳоҷӣ Ҳусайни Хатлонӣ тасарруф карда бошем, аммо бо ин далел гуфта метавонем, ки эшон аз пешинаи забони форсии тоҷикӣ, илми дин, фалсафа, ҳикмат, мантиқ ва забони арабӣ баҳраманд будааст. Ӯ аҳли адабро барҳақ «фотеҳи маъдани ниҳон» номидааст. Бешак, ин сухан ба худи мутафаккир ҳам тааллуқ дорад, зеро ақоиди ирфонӣ, фаҳвову мазомини ғазалиёт, мухаммасот, мусаддасу марсияҳо, рубоиёт ва мактуботи манзуму мансури ӯро як тараф бигузорем, заҳамоти дар заминаи такмилу ғановати сухану шеваи баён анҷомдодаи эшонро бойистӣ арҷ ниҳод.

Иҷмолан корбасти ин чанд мақулаи луғавӣ дар шеъри шоир мавриди суҳбат қарор гирифт. Ва инҳо ҳамагӣ як бахши ҳунари ин пири хирадро дар халқи калимаву шинохти маъно бозгӯ менамоянд. Шоистааст, ки маводи луғати забони осори ин мутафаккири шаҳир дар маҷмӯъ гирдоварӣ ва шомили фарҳангҳои мо бишавад.

А Д А Б И Ё Т

1. Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ. Куллиёт / Виростор ва сомондиҳандаи матн К. Чиллазоди Теҳрайӣ, Амирхӯҷа Абдураҳимӣ. - Душанбе: Ирфон, 1998. - 526 с.
2. Ҳоҷӣ Неъматуллоҳи Муҳтарам. Тазкират-уш-шуъаро (Ба алифбои арабӣ) / Бо тасҳеҳ ва муқаддимаи Асғар Ҷонфидо. – Душанбе: Дониш, 1975. - 370 с.
3. Фарҳанги забони тоҷикӣ (асри Х ва ибтидои асри ХХ). Ҷ.1. - Москва: Советская энциклопедия, 1969. - 952 с.
4. Фарҳанги забони тоҷикӣ (асри Х ва ибтидои асри ХХ). Ҷ.2. - Москва: Советская энциклопедия, 1969. - 952 с.
5. Носири Хусрав. Девон; бо муқаддимаи Сайид Ҳасан Тақизода. - Теҳрон: Симои дониш, 1378. - 816 с.
6. Дар бораи адабиёт ва нақди адабӣ. Ҷ.2. Нашри Эрон / Нигориши Хусрави Фаршедвард. - Теҳрон: Амири Кабир, 1363. - 985 с.

ҲОҶӢ ҲУСАЙН ВА ВА РАВИШҲОИ СУХАНОФАРИНӢ

Дар ганҷинаи мақолу вожаҳои ин адиби хушзавқу босалиқа калимаҳои баёнгар мафҳуми **сухан** ҷойи намоён доранд. Ӯ дар ашъори хеш бо вуҷуди риояи анъанаи истеъмоли ин гуна калимаҳо вобаста ба нуфузи ислом ва таъсири забони арабӣ аз воҳидҳои луғавии иқтибосӣ ҳам кор гирифтааст, амсоли **калом, лафз, лисон, мақол, ҳадис**, **ҳарф**. Аммо ба ҳамин унсурҳои арабӣ низ сифатҳои тоҷикиро пайваста овардааст, ки, албатта, миқдори онҳо ночиз аст, монанди **каломи некувон, ҳарфи бешармӣ** ва ғайра. Ҳоҷӣ Ҳусайн монанди суханварони пешин дар баёни арзиш, мақом ва неруи сухан аз унсурҳои тасвир хуб кор гирифтааст. Аз ҷумла, **забон**ро ба **алмос**, **дос**, **ханҷар**, **тир**, **теғ, тарозу, паҳлавон, аскар, дабир** монанд кардааст. Дар ин амр забони шоир вижагӣ ҳам дорад. Чунончи, дар ташбеҳи **забон** калимаи форсӣ-тоҷикии **дашна**ро кор фармудааст, ки то ӯ касе **дашна**ро дар ташбеҳи **забон** наовардааст.

Калидвожаҳо: саҳм, сухан, Ҳоҷӣ Ҳусайн, адабиёт, идома, суннат, вожа, сохтмон, таркиб, тоза, ҷомеа.

ХОДЖИ ХУСАИН И ЕГО СПОСОБЫ СЛОВОТВОРЧЕСТВА

Ходжи Хусаин Кангурти является представителем таджикской литературы начала XX века. Газели, мусадасы, мухамасы, касыды, марсии, четверостишия, баллады и историографии, которые остались в наследство от него, говорят о его вкладе в продолжении литературных традиций предков. Наряду с изучением литературных проблем, Ходжи Хусайн внёс большой вклад также в области словообразования и

грамматических конструкций. Простота языка его произведений доказывают вышесказанное. Критикуя литературных подражателей, он сам стремится к новым формам выражения в своих произведениях. В литературном фонде этого мастера слова особое место занимают слова, выражающие понятие «сухан». В своих произведениях, наряду с традиционным употреблением этих слов, он также пользуется, под влиянием ислама, заимствованными лексическими единицами арабского языка, такими, как **калом** (слово, речь), **лафз** (слово, речь), **лисон** (язык), **мақол** (изречение), **ҳадис** (хадис, повествование), **ҳарф** (слово, речь). Заимствованные лексические единицы арабского языка приспособлены также к словообразовательным нормам персидско-таджикского языка, например, **каломи некувон** (речь добродетелей) **ҳарфи бешармӣ** (речь бесстыдников). В творчестве Ходжи Хусайна широко используются сравнительные средства словообразования, в т.ч. слово **забон** (языка) сравнивается им со словами **алмос** (алмаз), **дос** (серп), **ханҷар** (кинжал), **тир** (стрела) **теғ** (клинок), **тарозу** (весы), **паҳлавон** (богатыр), **аскар** (воин), **дабир** (писарь). Заметной особенностью Ходжи Хусайна в использовании сравнительных средств словообразования является и то, что он при образовании слов употребляет персидско-таджикское слово **дашна** (кинжал, острый нож), которое до него не было использовано никем из литераторов.

Ключевые слова: вклад, речь, Хаджи Хусайн,литература, продолжение, традиция, слово, словообразование, конструкция, новый, общество.

HOJI HUSAIN AND HIS WAYS OF WORD-OPENING

Khoji Husain Kangurti is a representative of the Tajik literature of the early 20th century. Gazeli, Musdasasa, Muhamasa, Kasids, Marsia, quatrains, ballads and historiography, which were inherited from him, speak of his contribution to the continuation of the literary traditions of the ancestors. Khoji Husain made a great contribution along with the study of literary problems, also in the field of word formation and grammatical structures. The prostate language of his works proves the foregoing. Criticizing the literary imitators, he tries to introduce novelty in his works. In the Literary fund this master of words is particularly occupied by the words that express the concept of Suhan in their expressions, along with the traditional use of these words, he also uses, in connection with the influence of Islam, the reciprocal lexical units, such As a kalom (words, Speech), LFZ (Word, speech), Lison (language), Maќol (utterance), Hadith (hadith, narration) Harf (Word, speech). The ascended lexical units of the Arabic language are also referred to in the word educational iormak of the Persian-Tajik language, for example, Kalomi Nekuvon (Ech of Virtues) Њarfi Besharshi (speech of the Besebydnikov). In the creative work of Khoji Husain the comparative means of word formation are widely used, including the word Zabon (language) is compared with the words almos (Almaz), Dos (hook), Hanjar (dagger), shooting range (arrow) Teŕ (Blade), Tasrosa (Libra), Pakhlavon (Bogatyr), Askar (Warrior) Dabir (scribe). The noticeable feature of Khoji Husain in the use of comparative means of word-making is that he uses the Persian-Tajik word dashn (dagger, sharp, knife), which was used by any of the materates.

Key words: a deposit, speech, Hoji Husain, literature, continuation, tradition, word, word-formation, construction, is new, society.

Сведения об авторе: ***Сулаймон Анвари*** - Таджикский националыный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикского языка и методики преподования таджикского языка и литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки 17. Тел.: **(+992) 93-600-33-10**

Information about the author: ***Sulaymon Anvari*** - Tajik National University, candidate of philological science, associated professor of the department of Tajik language and the method of teaching Tajik literature and language. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+992) 93-600-33-10**

УДК: 891.550-1:82

ИСТИФОДАИ ВОСИТАҲОИ ТАСВИРИ БАДЕӢ ДАР ҒАЗАЛҲОИ МЕҲРИНИСО - ДАР МИСОЛИ ИСТИОРА

Бекназарова Н.У.
Донишгоҳи давлатии Данғара

Меҳринисо Бобобекова дар адабиёти муосири тоҷик яке аз суханварони тозагӯ ва навпардоз ба ҳисоб рафта, таҳқиқу омӯзиши ашъори вай, ба хосса ғазалҳояш, чиҳати кушодани чеҳраи аслии ҳунараш, кумаки шоиста менамояд. Агарчи ҳунари шеърпардозии Меҳринисо дар шеърҳои шаклан наву ғайриклассикӣ ё ғайри анъанавияш ҳам ҷилваи хуб дорад, вале бояд қайд намуд, ки истеъдоди асили шоирии вай дар эҷоди жанри обоӣ ё анъанавиву классикии ғазал бештар ҷилвагар мегардад.

Жанри ғазал дар ҳама куллиёти осори дар солҳои мухталиф ба чоп расидаи шоира ба назар мерасад. Меҳринисо дар ҳамаи марҳалаҳои эҷодиёташ, чи даврони шӯравӣ ва чи даврони истиқлолият, ба эҷоди жанри мазкур пардохта, ҳеҷ гоҳ ва ба ҳеҷ ваҷҳе аз он дурӣ наҷустааст. Чунонки аз баъзе гуфтаҳои худи шоира дида мешавад, ӯ нисбат ба жанри ғазал таваҷҷуҳи хосса доштааст ва онро бисёр азиз медонистааст. Масалан, дар яке аз ғазалҳои бисёр равону дилнишинаш, ки бо радифи “мекунам” сурудааст, то чӣ дараҷа нисбат ба ғазал таваҷҷуҳи хосса доштани Меҳринисо ҳувайдо мегардад:

Дӯстиву дӯстонро мепарастам чун ғазал,
Бо ғазалҳои равонам истироҳат мекунам [2, с.111].

Меҳринисо, чунонки дар байти боло дида мешавад, нисбат ба ғазал як навъ муҳаббати хоссаи ботинӣ доштааст. Аз ҳамин ҷиҳат аст, ки вай муҳаббати худро нисбат ба ин навъи шеърӣ тавассути феъли парастидан баён намудааст, ки парастидан ё парастиш, дар ҳақиқат, ҳадди ниҳоии эҳтиром ва муҳаббат доштан ба касе ё чизе аст.

Бинобар ҳамин, шоира ҷиҳати он ки эҳтироми зиёди худро нисбат ба ойини дӯстӣ ва дӯстонаш изҳор намояд, ченаки онро ба василаи шабоҳати эҳтироми ниҳоят зиёд нисбат ба ғазал гирифтааст ва бо ҳамин восита гуфтааст, ки онҷунон ки ман ғазалҳоямро чун як муқаддасот парастиш мекунам, дӯстӣ ва дӯстонро низ ҳамон навъ азиз медонам. Ҳамчунон, дар байти поён Меҳринисо шеърро, ки мақсуд аз он сухани ишқ, яъне ғазал аст, маҷозан Худованд гуфтааст:

Дар дили шаб бо хаёли шеъру ибрози назар
Бо худовандони ишқу шеър хилват мекунам [2, с.111].

Ғазалҳои Меҳринисо бисёр содаву равон ва ҷаззобу дилписанданд, дар хотири хонандаи закитабъ ба зудӣ нақш мепазиранд. Баъзе аз онҳоро ҳам чун ашъори бузургони классик метавон “саҳли мумтанеъ” низ унвон кард. Аз мутолиаи ғазалҳои дилнишини шоира метавон дарк намуд, ки аз онҳо бӯйи чакомаҳо ва сурудаҳои содаву латифи устод Рӯдакӣ, Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, Шайх Камоли Хуҷандӣ, Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ, Бадриддини Ҳилолӣ ва дигар суханварони жанри ғазал ба машом мерасад.

Дар ғазалҳои Меҳринисо содабаёнӣ ва равонии сухан ҷойгоҳи хосса доранд. Нест ғазале дар куллиёти ӯ, ки хонанда дар дарки мисраъҳо ё байтҳои он мушкилӣ бикашад. Истифодаи вожаҳо ва ибораҳои гуногуни халқӣ ва ифодаҳои мардумие, ки дар забони гуфтугӯйӣ дар ҳаёти рӯзмарраи ҷомеа зиндаанд ва ба кор бурда мешаванд, ба ашъори шоира як навъ латофату бепироягӣ ато кардааст.

Аммо, ин нуктаро низ бояд қайд намуд, ки бо вуҷуди содагӯйиву латифпардозӣ ашъори Меҳринисо, хусусан дар жанри ғазали он, моломол ё пур аз воситаҳои гуногуни зинати сухананд.Санъатҳои бадеӣ, дар ҳақиқат, сухани шоираро муассиртару гиротар ва зеботару латифтар намудаанд.Омезиши воситаҳои гуногуни тасвири бадеӣ бо сабки сода ва тез қабулшаванда дар зеҳни хонандагон, ба ғазалҳои шоира як зебоӣ ва латофати махсус ато намуда, миёни қисмате аз шоирони муосири ғазалгӯ ӯро ба таври вижае ҷудо намудааст.

Асоситарин навъҳои воситаҳои тасвири бадеӣ дар ғазалҳои Меҳринисо - инҳо истиора, ташбеҳ, талмеҳ, ташхис, муболиға мебошанд. Инро ҳам бояд зикр намуд, ки миёни ҳамаи санъатҳои пардози сухан дар ашъори шоира нақши истиора ва, баъдан, ташхис аз ҳама бузург аст. Истиора, чунонки Атоуллоҳ Ҳусайнӣ қайд намудааст, навъе аз маҷозаст [4, с.155]. Мо бар ин таърифи суханшиноси маъруфи классик ҳаминро илова менамоем, ки истиора зеботарин навъи сухани маҷозӣ аст, зеро, ба андешаи мо, саҳми истиора-ҳамчун василаи пардози сухан нисбат ба дигар навъҳои санъатҳои бадеӣ бештар аст. Дар нигоҳ бар ашъори шоира Меҳринисо, махсусан ғазалҳои вай, ин андешаи худро мо собит намудаем, зеро дар эҷодиёти ин шоираи хушкалом миёни ҳама воситаҳои тасвири бадеӣ шумораи истиораҳои вай бештар ба назар мерасанд.

Истиораҳои бакорбурдаи Меҳринисо, дар ҳақиқат, дар ашъори ӯ як навъ латофату ҷаззобияти суханро ба вуҷуд овардаанд. Зимнан, бояд қайд намуд, ки аксарияти истиораҳои шоира аз ҷиҳати сохт содаанд, яъне аз ду вожа таркиб ёфтаанд. Масалан, намунаҳои поён номгӯйи чанде аз истиораҳои ӯ мебошанд, ки дар ғазалҳояш истифода шуда ва бар маънии абёташ латофати дигар зам намудаанд: тахти миҷгон, хирмани андеша, махзани андеша, занги таънаҳо, булӯри қалб, домани садоқат, қонунҳои некуӣ, тӯтии ноз, хори дил, муҳри ғам, хазони орзу, ғунчаи озор, мори токат, тӯфони қаноат, дури дил, неши озор, сармои бепарвоиҳо, барги дастон, биёбони вафо, суфраи дил, бозори висол, донаи меҳр, Бухорои муҳаббат, зулмати ҳаҷр, алмоси сиришк, ғунчаи ёд, накҳати ёд, шароби нур, саҳфи армон, меҳроби вафо, сабади дурӯғ, андалеби орзу ва ғайраҳо.

Дар нигоҳ бар намунаҳои боло маълум мегардад, ки Меҳринисо бештар истиораҳои навъи пӯшидаро истифода намудааст. Чунонки адабиётшиноси варзидаи даврони шӯравии тоҷик Тӯрақул Зеҳнӣ қайд намудааст, истиораи пӯшида навъи истиораест, ки дар он истиорашаванда зикр намешавад [1, с.64].

Бояд қайд намуд, ки аксари истиораҳои ба кор гирифтаи Меҳринисо зебову ботароватанд ва дар худ як навъ латофатро нуҳуфтаанд. Як хусусияти истиораҳои Меҳринисо дар он инъикос мегардад, ки хонандаи ҳушманд дарк менамояд, ки аксаре аз онҳоро зан гуфтааст. Ин навъ истиораҳои шоира дар хеш навъе аз назокатро нуҳуфтаанд, онҳо бештар бӯйи нозу карашма ва қаҳри занона доранд, то мардона. Онҳо дар худ зебоии занона доранд, мисли: домани садоқат, булӯри қалб, занги таънаҳо, хори дил, хазони орзу, ғунчаи озор, тӯтии ноз, дури дил, суфраи дил, алмоси сиришк, ғунчаи ёд, накҳати ёд.

Бояд зикр намуд, ки миёни истиораҳои ба корбурдаи Меҳринисо гоҳо навъи мураккаби онҳо низ, ки аз се вожа таркиб ёфтаанд, вомехӯранд. Масалан, истиораҳоеро амсоли: сари бозори армон, чашмаи эҳсони меҳр, гули навшукуфтаи умедворӣ, барги дастони дуо, водии найрангу фиреб, чилчароғи роҳи миллат метавон аз ин навъ, яъне мураккаб ном гирифт, зеро бо ҳам омадани ҷузъҳои онҳо шакли мураккабро дар истиора ба вуҷуд оварданд.

Истиораҳои мазкур хусусиятҳои вижаи худро доранд. Яке аз ин хусусиятҳо тавассути алоқаи навъи пайваст ва ё даромезиши ду навъи алоқа: изофӣ ва пайваст ба вуҷуд омадаанд. Масалан, дар ин байт шоира чунин навъи истиораро истифода намудааст:

Тифлаконем дар ин водии найрангу фиреб,
Пайи рӯзӣ ҳама дар ҳоли тапидан бошад [2, с.84].

Дар байти боло "водии найрангу фиреб" аз ҳамин навъи истиора аст, зеро он тавассути ду намуди алоқа ба вуҷуд омадааст. Аммо аксари истиораҳои мураккаби бакорбурдаи Меҳринисо тавассути алоқаи изофӣ сохта шудаанд, ки намунаҳои онҳо дар боло оварда шудаанд.

Мақоми санъати истиора дар ғазалиёти Меҳринисо чунон аст, ки вуҷуди онҳо қиёсан бо дигар навъҳои тасвири бадеӣ ҷилваи махсус дорад.

Дар як ғазал шоира тавонистааст истиораҳои гуногунро ҷой гиронад ва ба василаи онҳо латофат ва зебоии сухани худро афзун намояд. Масалан, дар ин ғазали зебо то чӣ дараҷа мавқеи назаррас доштани истиораҳои шоира аён мегардад:

Ҳавасҳои маро куштӣ, илоҳо зинда бошӣ ту,
Ба ҷонам ҷабр кардиву ба ҷон арзанда бошӣ ту.
Лабони шеъргӯямро, забони гуфтугӯямро
Ба муҳри ғам агар бастӣ, тулӯи ханда бошӣ ту.
Сарам дар бистари санги аламҳо барфпӯшон аст,
Сари сангат ба болини баҳорон монда бошӣ ту.
Ду чашмони сухангӯям ҳазорон қиссаҳо дорад,
Магар хатти нигоҳамро ба боре хонда бошӣ ту?
Кӣ ҳастӣ ту, намехоҳад дили девона бишносад,
Бимон, то ҳарчӣ мехоҳад, магар арзанда бошӣ ту [3, с.45].

Чунонки дида мешавад, дар ғазали мазкур истиораҳои *муҳри ғам*, *бистари санги аламҳо*, *сари санг, болини баҳорон*, *хатти нигоҳ* ва *дили девона* бар сухани муҳаббат ё ишқномаи шоира ҳусни дигаре зам намудаанд. Ӯ тавассути истиораи *муҳри ғам* дар ғаму андуҳи зиёд фурӯ мондани худро изҳор дошта, ғами ишқро ба муҳр шабеҳ донистааст, ки лабони шеъргӯ ва забони гуфтугӯйи вайро сарбаста намудааст. Ба василаи истиораҳои бисёр зебои шоирона ва занонаи *бистари санги аламҳо, сари санг* ва *болини баҳорон*, ки аввалӣ аз ҷиҳати сохт мураккаб ва дувуму сеюм содаанд, Меҳринисо ҳолоти ишқро бисёр ҷаззобу таъсирбахш тасвир намудааст. Бояд қайд кард, ки истиораи мураккаби ба кор бурда дар ғазали мазкурро боз метавон ба ду истиораи содаи дигар ҷудо кард, ки ҳар ду дар алоҳидагӣ низ истиораҳои хубу дилнишин мебароянд: бистари санг ва санги аламҳо. Меҳринисо ба воситаи истиораи *хатти нигоҳ* чашмонашро ба мактуби ошиқона монанд кардааст, ки дар он асрори муҳаббати ӯ дар намои ҳазорон қиссаҳои ошиқона нуҳуфтаанд. Дар байти охирини ғазал бо истифода аз истиораи *дили девона* Меҳринисо дили худро ба шахси гирифтор ба ҷунуну девонагӣ монанд кардааст, ки баду неки ҷаҳонро тамйиз карда наметавонад.

Бояд зикр кард, ки истиораҳои бакорбурдаи Меҳринисо дар ҳама мавзӯъҳои ашъори ӯ бар зебоии сухани вай зебоӣ ва тавровати нав зам намудаанд. Дар ғазалҳои шоира мавзӯи Ватан, ишқу муҳаббат бар Меҳан, бузургдошти миллат ва дигар мавзӯъҳои алоқаманд бар афкори иҷтимоии ӯ, ки пас аз мавзӯи ишқу муҳаббати инсонӣ дар эҷодиёташ мақоми намоёнро ишғол менамоянд, бисёр зебову шоирона мавриди тасвир ва тавсиф қарор гирифтаанд. Ин зебоӣ дар тасвиру тавсифи Ватан ва ватандӯстӣ дар ғазалҳои Меҳринисо, қабл аз ҳама, тавассути истиораҳои зебои ӯ ба вуҷуд омадаанд. Масалан, дар байтҳои поён аз як ғазали бисёр зебои вай истиораҳои *кони муҳаббат* ва *чил чароғи роҳи миллат* ҳамин вазифаи зебосозӣ ва муассиргардонии андешаҳои ӯро иҷро намудаанд:

Дӯст медорам Ватанро мисли тифлам, модарам,
Қалби худро баҳрашон кони муҳаббат мекунам.
Шабнаму борону ашк аст ҳосили сӯзи ниҳон,
Сӯзи дилро чилчароғи роҳи миллат мекунам [2, с.84].

Меҳринисо дар абёти боло қалби саршор аз меҳри хешро барои Ватан-Модар *кони муҳаббат* хондааст, ки ишқ нисбат ба меҳану зодгоҳ дар он ҳеҷ гоҳ тамом наёфта, баръакс, доимо дар ҳолати афзоиш аст. Дар байти баъдии мисоли боло Меҳринисо, барои он ки афзунии сӯзу ғамғории худро нисбат ба Ватан баён бидорад, онро *чилчароғи роҳи миллат* хондааст, ки ин тавсифи вай истиораи бисёр зебо ва нав аст.

Мавзӯи садоқат ва вафо ҳам, чи дар маънои ишқи поки инсонӣ ва чи дар мафҳуми муҳаббат нисбат ба Ватан, ҷойи сазоворро ишғол менамояд, ки дар ишқномаи Меҳринисо ба воситаи воситаҳои гуногуни тасвири бадеӣ, махсусан, истиора мавриди тавсиф қарор гирифтааст. Шоира дар ин мавзӯъ низ зеботарин ва дилнишинтарин истиораҳоро ҷиҳати баёни садоқат ва изҳори дӯстии худ истифода кардааст. Мисоле аз ин навъ истиораҳои шоира *домани садоқат* ва *зангӯлаҳои дил* ба ҳисоб мераванд, ки дар байтҳои поён бар маънои суханҳои муҳаббатомези шоира латофат ва назокати махсус ато намудаанд:

Дар интихоби ёрон ҳаргиз хато накардам,
Ман домани садоқат боре раҳо накардам.
Бо сулҳ меравам ман то остонаи дӯст,
Зангӯлаҳои дилро занги риё накардам [2, с.106].

Бояд хотиррасон кард, ки Меҳринисо дар тамомии мавзӯъҳои марказии ғазалҳои хеш баҳри боз ҳам таъсирбахштару дилнишинтар гардидани суханҳои шоиронааш, пеш аз ҳама, кумак аз истиора гирифтааст. Дар тасвири ишқномаҳо ва сӯзномаҳои қалбӣ, тавсифи меҳру муҳаббати содиқона нисбат ба Ватан-Модар, баёни дӯстиву садоқат, тасвири сӯзу гудози ниҳоӣ ва монанди инҳо, ӯ доимо суханҳои худро тавассути истиораҳои ҷаззоб оро медиҳад. Ӯ пайкари хешро оғӯштаи *шароби нур* хондааст, ки аз нури ишқу муҳаббати пок нисбат ба Инсон, Ватан, Модар ва Зиндагӣ масту мадҳуш аст:

Пайкари Меҳринисо оғуштаи дарду дареғ,
Аз шароби нур, то хуми шаробам мебарад [3, с.57].

Дар тамоми ғазалҳои Меҳринисо навъҳо ва намунаҳои гуногуни истиора бисёр возеҳ ба назар мерасанд. Истиора дар ғазалҳои вай ба ҳукми асоситарин воситаи пардози сухан ва ё зебоисозиву муассирнамоии калом хидмат менамоянд. Чунин менамояд, ки Меҳринисо нисбат ба ҳар навъи санъатҳои бадеии сухан бештар ва пештар ба истиора ҳусни таваҷҷуҳ дорад. Дар таҳлили омории санъатҳои бадеӣ дар чанде аз ғазалҳои вай ҳамин сухани мо таъйид гардидааст. Мо дар корҳои минбаъдаи хеш дар назди худ мақсад гузоштаем, ки бо истифода аз оморнигошти воситаҳои асоситарини пардози сухан дар эҷодиёти шоира Меҳринисо ва, аз ҷумла, ғазалҳои ӯ дараҷа ва ҳаҷми истеъмоли ҳар яке аз навъҳои санъатҳои бадеӣ, махсусан, истиораҳои бакоргирифтаи ӯро мушаххасан мавриди таҳлилу таҷзия қарор диҳем.

А Д А Б И Ё Т

1. Меҳринисо. Замзамаи зебоӣ. - Душанбе: Адиб, 2001. - 95 с.
2. Меҳринисо. Шароби нур. - Душанбе, 1996. - 158 с.
3. Т. Зеҳнӣ. Санъати сухан. Илми бадеъ ва мухтасари арӯз; дар зери таҳрири Муҳаммадҷон Шукуров ва Субҳонҷон Давронов. - Душанбе: Маориф, 1967. - 302 с.
4. Ҳусайнӣ, Атоулло Маҳмуд. Бадоеъ-ус-саноеъ / Атоулло Маҳмуди Ҳусайнӣ; бо сарсухан, тавзеҳот ва таҳрири Раҳим Мусулмонқулов. - Душанбе: Ирфон, 1974. - 222 с.

ИСТИФОДАИ ВОСИТАҲОИ ТАСВИРИ БАДЕӢ ДАР ҒАЗАЛҲОИ МЕҲРИНИСО - ДАР МИСОЛИ ИСТИОРА

Дар мақола оид ба истифодаи санъатҳои бадеӣ дар ашъори яке аз ҳунармандтарин шоираҳои муосири тоҷик Меҳринисо Бобобекова сухан меравад. Дар эҷодиёти Меҳринисо жанрҳои гуногуни шеърии ҳам классикӣ, ҳам муосир ба назар мерсанд. Мувофиқи нишондоди муаллифи мақола, аз жанрҳои классикӣ Меҳринисо бештар ба ғазал ва рубоӣ ва аз жанрҳои муосир бошад, ба шеъри нав ручӯъ намудааст. Аммо, бояд қайд кард, ки миёни ҳама навъҳои шеърӣ жанри ғазал дар эҷодиёти вай мақоми марказӣ ва аввалдараҷа дорад. Тавре муаллифи мақола қайд намудааст, дар ғазалҳои Меҳринисо санъатҳои бадеии суханпардозӣ бисёр ҳунармандона истифода гардидаанд. Аз намоёнтарин навъҳои воситаҳои тасвири бадеӣ, ки шоира бар онҳо дар қиёс бо дигар навъҳо бештар таваҷҷуҳ намудааст, инҳо истиора, ташхис, ташбеҳ, муболиға ва талмеҳу киноя мебошанд. Аммо дар ин маврид ӯ ба истиора, махсусан, ба навъи пӯшидаи он таваҷҷуҳи хосса зоҳир намудааст. Истиораҳои Меҳринисо аз нигоҳи навъ ва шакл гуногунанд. Навъи пӯшидаи он бештар марбут аст бар алоқаи изофӣ. Агарчи навъи алоқаи пайвасти истиороти мазкур ҳам дар ашъори вай вомехӯранд, навъи изофӣ дар онҳо ба маротиб зиёд аст. Аз ҳайси шакл бошад, истиороти бакоргирифтаи Меҳринисо ҳам содаанд ва ҳам мураккаб. Навъи мураккаби он, аслан, сеҷузъа буда, бо ду навъи алоқаи дар боло зикршуда сохта шудаанд. Аммо, дар ин маврид ҳам бояд қайд намуд, ки истиораҳои мураккаби ба кор гирифтаи Меҳринисо бештар тааллуқ бар алоқаи изофӣ доранд. Истиораҳои шаклан сода дар ашъори шоира дар қиёс ба мураккаб хеле зиёданд. Дар истиораҳои Меҳринисо ҳам пайравиву татаббуъ ба шоирони пешин ба назар мерасад, ҳам ибтикороту навҷӯйии худи вай. Меҳринисо аз зумраи он шоирони муосири тоҷик аст, ки дар пардохту эҷод ва сохтани истиораҳои наву тоза саҳми қобили таваҷҷуҳ дорад.

Калидвожаҳо: жанри ғазал, истиора, истиораи мураккаб, истиораи сода, мавзӯи ғазал, Меҳринисо, меҳру муҳаббат, навъи изофии алоқа дар истиора, санъатҳои бадеӣ.

ПРИМЕНЕНИЕ ХУДОЖЕСТВЕННЫХ СРЕДСТВ ИЗОБРАЖЕНИЯ В ГАЗЕЛЯХ ПОЭТЕССЫ МЕХРИНИСО – НА ПРИМЕРЕ МЕТАФОРЫ

В статье речь идёт об основных разновидностях художественных фигур, использованных одной из самых талантливых современных таджикских поэтесс Мехринисо Бобобековой. В творчестве Мехринисо встречаются разные поэтические жанры, относящиеся и к классической, и современной таджикской поэзии. Как отметил автор статьи, из классических жанров Мехринисо больше всего склонна к газелям и рубаи, а из современных жанров в ее творчестве наиболее ярким является “шеъри нав” (новые стихи). Но следует отметить, что среди всех использованных в творчестве Мехринисо жанров, центральное и видное место занимает жанр газели, считавшийся одной из самых древних поэтических разновидностей в персидско-таджикской классической поэзии. Как указывает автор, в газелях Мехринисо художественные средства изображения применены мастерски. Одной из наиболее частых поэтических фигур, примененных в стихах поэтессы, являются метафора, олицетворение, сравнение, гипербола, указание и метонимия. Но из всех вышеупомянутых художественных средств больше внимания Мехринисо уделяет метафоре, особенно ее скрытой форме. Метафоры, использованные Мехринисо, по виду и форме разные. Скрытая форма данной фигуры относится к изафетной связи. Несмотря на то, что вариант соединительной связи метафоры тоже часто встречается в стихах поэтессы, но изафетная связь использована ею больше. По структурной форме метафоры, примененные Мехринисо, простые и сложные. Сложная форма по существу состоит из трёх частей, созданных двумя видами связи, указанных выше. Но и следует также напомнить, что сложные метафоры, примененные Мехринисо, тоже относятся к изафетной связи. Простые по форме метафоры

в стихах поэтессы, по сравнению со сложными, встречаются больше. В метафорах Мехринисо замечаются и следование за поэтами-классиками, и проявление новаторства и инициативы, присущих перу самой поэтессы. Мехринисо - одна из немногих современных таджикских поэтесс, в стихах которой очень заметна роль их автора в создании новых и свежих метафор.

Ключевые слова: жанр газели, метафора, сложная метафора, простая метафора, тема газели, Мехринисо, любовь, изафетный вид связи в метафоре, художественные средства.

USING ART MEANS OF THE IMAGE IN LYRIC OF POETESSES MEHRINISO – ON A METAPHOR EXAMPLE

In article in is a question of the basic versions of the art figures used by one of the most talented modern Tadjik poetesses of Mehriniso Bobobekova.In creativity of Mehriniso there are the different poetic genres concerning and to classical, and modern Tadjik poetry. As the author of has noted, from classical genres of Mehriniso is most of all inclined lyric and quatrain, and from modern genres in her creativity by the brightest is "шеъри нав"(new verses). But, it is necessary to notice that among all Mehriniso`s genres used in creativity, central and the prominent place occupies a genre of the lyric, considered as one of the most ancient poetic versions in the Persian-Tajik classical poetry. As the author shows, the art means of the image are used by Mehriniso is masterful in her lyrics.From the most notable versions of the poetic figures used in verses of the poetess are the metaphor, an embodiment, comparison, a hyperbole, instructions and metonymy. But, from all above- mentioned art means Mehriniso devoted much attention to a metaphor, especially, to its secret from. The metaphors which are used by Mehriniso, by the aspect and from are different. The secret from of the given figure concerns izafet communications. In spite of the fact, that the connecting communication variant of a metaphor also often meets in verses of the poetess, but izafet communication is used too much by her. Under the structural form Mehriniso used simple and difficult metaphors. The difficult form in essence consists of three parts, it was created by two kinds of connections, which is mentioned-above. But it is necessary to remind, that the difficult metaphors used by Mehriniso, also concern izafet connections.Simple metaphors under the form in verses of the poetess in comparison with the difficult meet more.In metaphors of Mehriniso it is displayed and observation of innovation and the initiative, inherent in pen of the poetess are noticed also following for poets-classics, both.Mehriniso one of few modern Tajik poetesses in her verses are very notable share of their author in creation of new and fresh metaphors.

Key words: a genre of a lyric, a metaphor, a difficult metaphor, a simple metaphor, a theme of a lyric, Mehriniso, love, izafet kind of connection in a metaphor, art means.

Сведение об автора: ***Бекназарова Нозила Усмоновна*** – Дангаринский государственный университет, аспирант кафедры таджикского языка и литературы факультета лингвистики и телекоммуникационных сетей. **Адрес:** 735320, Республика Таджикистан, Дангара, ул. Маркази 25. E-mail: **bnozila@bk.ru.** Тел.: **(+992) 907-50-92-62**

Information about the author: ***Beknazarova Nozila Usmonovna*** - Dangara State University, graduate student of the Tajik language and literature department of the faculty of linguistics and telecommunication networks. **Address:** 735320, Republic of Tajikistan, Dangara, ul. Markazi 25. E-mail: **bnozila@bk.ru.** Tel.: **(+992) 907-50-92-62**

УДК: 891.55:398:82

"ЛАТОИФ-УЛ-АМСОЛ" -И РАШИДУДДИНИ ВАТВОТ ҲАМЧУН САРЧАШМАИ АДАБӢ-ТАЪРИХӢ

Анварова М.Н.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров

Зуҳури анъанаи тадвини фарҳанги амсол дар адабиёти араб таърихи тӯлониеро фаро мегирад, чун худи масал дар миёни ин мардум аз дергоҳи таърих ҷойгоҳи махсусе доштааст. Ба эътирофи аҳли таҳқиқ яке аз шохаҳои бузурги адабиёти қадимаи араб шинохта шудааст. Бо ишорат ба ин мақоми масал дар адабиёти араб Муҳаммад Раҳим Илҳом пажӯҳишгари афғонӣ дар муқаддимаи фарҳанги "Амсол ва ҳикам"-и Иноятуллоҳи Шаъронӣ навиштааст: "Адабшиносони араб адабиёти худро ба амсолу ҳикам ва хитобаву шеър тақсим мекарданд ва гӯё адабиёти забони худро аз ҳамин чаҳор бахш муташаккил медонистанд [10, с.2]. Албатта, ин андешаи донишманди мазкур сарчашма дар пажӯҳишҳои худи олимон ва пажӯҳандагони гузашта ва имрӯзаи араб пайванд мегирад, он гуна ки муҳаққиқ дар оғози каломаш ба адабшиносони араб ишорат мекунад. Ба навиштаи адабиётшиноси номии араб Ҳанно ал- Фахурӣ "Ин қавм (арабҳо – А.М.) ба хитобаву зарбулмасал ва ривояту қиссаҳои таърихиву хаёлӣ сахт муштоқ буданд ва чунонаш ба хотир месупурданд, ки дар нақли он қувваи ҳофиза истифода мекард" [11, с.165].

Бо такя бар ҳамин ҷанбаи муҳимми амсоли куҳани арабист, ки ҳамоно муҳаққиқ Шаъронӣ дар идомаи баррасиҳои хеш аз таснифоти масалҳои арабӣ чунин ёдовар мешавад: "Арабҳо зарбулмасалҳоро ба ду гуна тақсим мекарданд: яке амсоли ҳикамӣ, ки баёнгари нукоти судманди ҳикматӣ мебуданд ва дар назди авом аз лиҳози мақбулият шуҳрат ва ривоҷ ёфта, дар иқтизоот ва мавоқеи муносиб гуфта мешуданд. Ва дигар амсоли тамсилӣ, ки чун он калимаҳои қисор ва ҷумлаҳои кӯтоҳе мебуданд, ки ҳар кадом бар воқеаҳои таърихӣ ва ё ривояте хос афсонае бино ёфта мебуд [10, с.2].

Ин тавзеҳоти Муҳаммад Раҳими Илҳом ҳамоно иртиботи амсолро бо ривоёту афсонаҳо ва достонҳои асотирӣ ва таърихӣ бозгӯӣ мекунад, ки Ҳанно ал Фахурӣ ба иштиёқи аъроб бад-ин падидаҳои арабӣ таъкид варзидааст.

Ҳамин гуна амсол ва ҳикам дар адабиёти араб нахуст ба шеваи шифоҳӣ арзӣ ҳастӣ намуда, баъдан вуруди осори китобӣ гардид. Нуфуз ва афзалияти он дар миёни ин мардум боис омад, ки донишмандону нависандагон ба тадвини фарҳангҳои амсол аз қуруни аввали исломӣ иқдом намоянд. Бар асоси таҳқиқоти то кунун анҷомёфтаи дар заминаи фарҳангҳои амсол маълум мешавад, ки қадимтарин китоби фарҳанги амсоли то замони мо расида, “Амсол-ул-араб”-и Муфаззал аз- Забӣ маҳсуб меёбад, ки фарогири 160 масали арабӣ буда, ба он достону ашъор, асотир ва дигар падидаҳои фарҳанги арабӣ илҳоқ шудаанд. Асари дигаре, ки дар ин замина аз он ёд мешавад, “Китоб-ул-амсол”-и Муъриҷ ибни Амр ас- Сидусӣ маҳсуб меёбад, ки фарогири 220 амсоли арабӣ мебошад.

Дар қарни нуҳуми милодӣ марҳилаи тозаи фароҳамоварии амсоли арабӣ ва тадвини фарҳангномаҳои амсол рӯ ба рушд меовард. Дар сарчашмаҳо аз хидматҳои бештар аз 10 нафар таҳиягарон ва фароҳамоварони амсоли арабӣ ёдоварӣ шудааст. Аммо гаронарзиштарин асар дар заминаи амсоли арабӣ, ки дар ин аср таълиф ёфтааст, “Китоб-ул-амсол”-и Абуубайд Қосим ибни Салом ал- Ҳиравӣ дониста мешавад, ки дар истиқбол аз равиши Муфаззал аз – Забӣ ба қалам омадааст. Дар ин китоб бештар аз 400 зарбулмасали арабӣ аз рӯйи тартиби мавзӯъ дар 19 боб ва 259 фасл ҷой дода шудаанд.

Ҳамин тавр, дар асри даҳуми милодӣ низ ҷараёни тадвини фарҳангномаҳои амсол суръати тоза мегирад ва аз миёни ин таълифоти анҷомёфта пажӯҳишгарон ба китоби “Дуррат-ул-фохира”-и Ҳамзаи Исфаҳонӣ баҳои сазовор додаанд. Аз муҳимтарин омили арҷи ин китоб, пеш аз ҳама, он будааст, ки он яке аз сарчашмаҳои аслии фарҳангномаи муътабари амсол, сарчашмаи таълифи “Латоиф-ул-амсол”-и Ватвот “Маҷмаъ-ул- амсол”-и Майдонӣ будааст. Ҳатто Карл Броккелман бар ин нукта муътақид будааст, ки Абулфазли Майдонӣ маҷмӯи китоби Ҳамзаи Исфаҳониро нусхабардорӣ намуда, ки, албатта, ин андеша баъдан дар заминаи омӯзиши китоби “Маҷмаъ-ул-амсол”-и Майдонӣ ва муқоисаи он бо фарҳанги мазкур аз сӯйи ховаршиноси рус Илнур Сарбулатов ва дигарон рад карда шуд. Аммо нуктаи аслии қобили таваҷҷуҳ он аст, ки китоби Ҳамзаи Исфаҳонӣ ба унвони сарчашма дар ҷараёни таълифи фарҳанги Майдонӣ хидмат намудааст.

Маҷмӯан, агар раванди ташаккули фарҳангнависии амсолро то замони Рашидуддини Ватвот иҷмолан ба баррасӣ кашем, маълум мешавад, ки воқеан то ин айём теъдоди зиёди луғатномаҳои амсол дар ин забон нигошта шудаанд, ки эҳтимол дорад, ки теъдоди онҳо аз 100 убур кунад. Вале ончунон ки гуфта омад, ин фарҳангҳо асосан дар забони арабӣ ба қалам омада, сарчашмашиносии зуҳури амсол ва ҳикамро фаро мегиранд. Бо ин ҳама, ҳарчанд “Латоиф-ул-амсол” нахустин фарҳангномаи амсоле маҳсуб меёбад, ки тарҷумаи форсии амсол ва ҳикоётро фаро мегирад, вале дар ҷараёни таълифи он кутуби мазкур ба ҳукми сарчашма қарор гирифтааст.

Сарчашмаи аз ҳама асосии кори Ватвот бошад, ҳамоно «Маҷмаъ-ул-амсол”-и Майдонӣ мебошанд, ки ин адиби форсизабон дар ҷараёни нигориши фарҳанги худ асосан бар ӯ такя намудааст. Аз маҷмӯи 281 масале, ки дар китоби Ватвот омадааст, 212 адади онҳо комилан мувофиқат мекунанд ва 21 адади онҳо бошад, танҳо мазмунан мутобиқат доранд ва ҳамин шабоҳати мазмунӣ ҳам худ баёнгари он аст, ки сарчашмаи зуҳури амсоли мазкур аз ин китоб берун омадааст. Ҳамагӣ 18 адад амсоли дигар мавҷуд аст, ки онҳо дар китоби Майдонӣ дида намешаванд ва ба таъбири дигар тоза мебошанд. Дар баробари ин, дар мавридҳои зарурӣ Ватвот агар масалеро аз китоби дигар истифода намуда бошад, худ дар китобаш бар он таъкид намуда, ки яке аз онҳо луғати амсоли Замахшарӣ ба шумор меравад ва бо такя бар ин ишораи худи муаллифи “Латоиф-ул-амсол” метавонем дар баробари китоби Майдонӣ осори мазкурро низ ба унвони сарчашмаҳои таълифи фарҳанги амсоли Ватвот ба шумор оварем. Вале ҳарчанд Ватвот ба кутубе дигар ишороте фармуда, аммо ба назар мерасад, ки ҳолоти истифодаи вай аз асарҳои дигар камтар ҷой дорад ва асосан ба матолиби китоби Майдонӣ такя намудааст, ки бар ин вачҳ муқоисаи мо низ бо асар сурат мегирад.

Вобаста ба чунин умуин, метавонем ба таври воқеӣ “Маҷмаъ-ул -амсол”-и Майдониро сарчашмаи аслии китоби “Латоиф-ул-амсол”-и Ватвот ба шумор оварда, бар асоси ҳамин се шеваи қиёс матолиби онҳоро дар навбати аввал ба қалами муқоиса бикашем:

1) Амсоле, ки комилан мувофиқат доранд;
2) Амсоле, ки мазмунан мувофиқат доранд;
3) Амсоле, ки дар фарҳанги Майдонӣ дида намешаванд.

Тавре таъкид гардид, аслан фарҳанги таълифнамудаи Майдонӣ бештар аз 6000 масали арабиро фаро мегирад, ки аз онҳо танҳо бо ба эътибор гирифтани он амсоли мазмунан низ ба ҳам мутобиқатдошта 232 адад аз ин амсолро Ватвот истифода намудааст. Дар заминаи муқоиса маълум мешавад, ки дар шакли арабӣ ва тавзеҳи онон ҳамаи 212

адад масалҳо бо тазаккуроти Майдонӣ мувофиқат доранд. Ин андешаро метавон дар заминаи муқоисаи чанд масал ба субут расонид.

Масали мазкур **إن من البيان لسحرا,** ки тарҷумаи он дар шакли зайл дар фарҳанги “Латоиф-ул-амсол” омадааст, дар китоби боби аввали Майдонӣ ҳамчун масали аввал мазкур аст. Чун Майдонӣ низ тартиби алифбоии ҷобаҷогузории амсолро риоят намудааст ва метавон гуфт, ки аз ин шеваи кор низ Ватвот аз ӯ суд бардоштааст. Ин масал дар китоби Ватвот ҳамчун масали дувум ба кор рафтааст. Ҳарчанд ин ҷо фарқият дар ҷойгузинии амсол камтар ба назар мерасад, вале амсоле низ дар ин гурӯҳ дучор мешаванд, ки фарқият дар ҷобаҷогузорӣ зиёда ба мушоҳида меояд, ки сабаби аслии он ҳамоно зиёд будани шумораи умумии амсоли ҷойдошта дар китоби Майдонӣ маҳсуб меёбад. Бо такя бар ин равиши ҷобаҷогузории амсол метавон изҳор дошт, ки масали мазкур:

إن البلاء موٴكل بالنطق , ки тарҷумаи он дар китоби “Латоиф-ул-амсол” ба таври зайл оварда шудааст, дар “Латоиф-ул-амсол**”** ҳамчун масали шумораи савум аз боби аввал омада, аммо дар “Маҷмаъ –ул-амсол” чун масали шумораи 35-ум аз ҳамин боби ин китоб ҷой гирифтааст. Албатта, фарқият танҳо дар шумораи ҷойгузинии амсол ба мушоҳида мерасад, чун боз ҳам сабаб ба зиёдии масалҳо дар китоби “Маҷмаъ-ул-амсол” пайванд мегирад. Мутобиқати бобҳо бошад, тавре гуфта омад, ҳамоно ба шеваи ягонаи тадвин доштани ҳар ду китоб марбут аст, ки он тартиби алифбоии таҳия ва танзими амсолро ба назар овардааст.

Бо зикри чанд намунаи дигар ба баёни ин ҳамоҳангии амсол дар ин ду асар иктифо хоҳад шуд. Масали мазкур: **الشعير يوٴكل و يذم** , ки тарҷумаи он “ҷав мехаранд ва меникаҳанд” мебошад, дар китоби “Латоиф-ул-амсол” дар боби 13 дар шумораи 125 қарор дорад, дар китоби Майдонӣ бошад дар ҳамин боб аммо таҳти шумораи 1959 ҷой гирифтааст ва ба назар мерасад, ки танҳо дар миёни ҳамин ду масал фарқияти байни шумораи амсол ба 1834 адад аст ва ин худ гувоҳи афзун будани миқдори умумии амсол дар фарҳанги Майдонӣ ба шумор меравад.

Масали дигар **الشر قليله كثير**, ки тарҷумаи он «Шарр андаки ӯ бисёр аст» маҳсуб меёбад, агарчи дар китоби Ватвот дар шумораи 128 қарор гирифтааст, дар китоби Майдонӣ бошад шумораи 1974 –ро ба вуҷуд овардааст ва ин ҷо низ фарқият хеле калон аст ва танҳо миёни ҳамин ду масал аз як китоб агар дар китоби Ватвот ҳамагӣ се шумора аст, ба назар мерасад, ки дар миёни ин ду масал дар асари Майдонӣ 25 масали дигар ҷой гирифтааст, ки онҳо дар “Латоиф-ул-амсол” дида намешаванд.

Дар ин маврид низ метавон мисолҳои фаровонеро тазаккур дод, аммо бо зикри ин чанд намуна таъкид мешавад, ки ҳамаи ин амсол, ки шумораи умумии онҳо ба 212 адад мерасад, айнан аз китоби Майдонӣ оварда шудааст, танҳо авлавияти хидмати Ватвот дар он зуҳур мекунад, ки ин нахустин касе будааст, ки тарҷумаи форсии амсолро мазкур сохта, ҳамин гуна ба фарҳангнависии амсол дар адаби форсӣ бар пояи тарҷумаи амсоли арабӣ асос гузоштааст.

Тавре гуфта омад, бахши дувуми амсолро масалҳое ба вуҷуд овардаанд, ки аз диди мазмун муштараканд, аммо айни ҳам нестанд, аз ин рӯ, дар тарзи навишт ва тарҷумаи онон фарқиятҳо дида мешавад. Шумораи умумии ин гуна амсол низ дар асар зиёд нестанд ва маҷмӯан онҳо 21 адад мебошанд. Барои намуна ба чанд масал руҷӯъ мешавад.

Масали зерин **ما الذبابُ وما سِرْقَتُهُ** , ки дар “Латоиф-ул-амсол” омадааст, дар китоби Майдонӣ дар забони арабӣ ба тартиби зайл ба кор рафта:

ما الذبابُ وما مَرْقَتُهُ Зоҳиран фарқияти аслӣ дар калимаи охири ҳар ду масал аст, ки он дар “Латоиф-ул-амсол” шакли “Сарфатуҳу”-ро дорад ва аммо дар китоби Майдонӣ ба шакли “Марфатуҳу” омадааст. Ин амр боис бар он омада, ки дар тарҷумаи ҳар ду амсол фарқияте шаклӣ ба мушоҳида расад, аммо дар тарҷума мазмуни муштараки онҳо эҳсос мешавад. Ватвот ин масалро чунин тарҷума намудааст: “Чист магас ё чист дуздии ӯ”. Вобаста ба шакли тазаккури масал дар забони арабӣ дар китоби Майдонӣ тарҷумаи он чунин сурат мегирад: “Чист магас ва чӣ амали ношоистаи ӯ”. Ба назар мерасад, ки, албатта, муҳтавои хеле ба ҳам наздик доранд ин амсол ва аммо танҳо фарқияти онҳо дар шакли навишти арабӣ ё истифодаи муродифоти дигар ба шумор меравад ва агарчи нахуст онро Майдонӣ истифода бурдааст, ба назар мерасад, ки то замони таълифи “Латоиф-ул-амсол” муодилҳои тозаи ин амсол пайдо шуда бошад, ки Ватвот аз онҳо истифода бурдааст. Масали мазкур дар китоби Ватвот дар боби 24 бо шумораи 238 ҷой гирифтааст, аммо дар китоби Майдонӣ дар ҳамин боб бо рақами 3901 маҳфуз аст, ки фарқият дар ин ҷо низ хеле фаровон ба мушоҳида мерасад.

Гоҳо ҳолатҳое низ ба мушоҳида мерасанд, ки шакли навишти арабии амсол ягона аст, аммо фарқияти зоҳир дар тарзи баён дар зимни тарҷумаи амсол ба мушоҳида мерасад. Аз ҷумла, тарзи навишти арабии ин масал **نَظَرَ المَريضِ إلى وُجُوهِ العُودِ** дар ҳар ду китоб ба як шакл омадааст, аммо вақте тарҷумаи онҳоро ба мушоҳида мегирем, ин фарқияти зоҳирӣ ба ҷилва меояд. Тарҷумаи матни масал дар китоби Ватвот бад ин гуна омадааст: “Чун нигаристани бемор дар рӯйҳои касе, ки ба бемор пурсиданӣ омада бошад” [9, с.160].

Аммо аз рӯйи шакли матни дар Майдонӣ омада ба назар мерасад, ки тарҷумаи тоҷикии он чунин садо медиҳад: “Нигарист бемор ба ваҷҳи аёдаткунандагоне, ки ба аҳволпурсӣ омада буданд”. Масали мазкур дар китоби Ватвот дар боби 25 бо шумораи 248 омадааст, аммо ба назар мерасад, ки дар ҳамин боби китоби Майдонӣ таҳти рақами 4224 омада ва фарқият дар миёни шуморагони танҳо як боб аз амсол ба 300 адад наздик мешавад, ки ин амр ба нуфузи амсол дар китоби Майдонӣ таъкид меварзад. Маҷмӯан тавре гуфта омад, шумораи ин гуна амсол дар ин ду китоб ба 21 адад мерасад.

Барои муқоиса ба чанд намуна аз ин амсол ручӯъ мешавад, ки умумиятҳое дар онҳо ба назар расида, ҳамзамон шеваи кори нигорандагон ба ҳам шабоҳатҳои наздик дорад.

Масали мазкур, ки дар китоби «Латоиф-ул-амсол» дар боби дувум бо шумораи 11 ҷой гирифтааст, чунин тарҷума ва тавзеҳ шудааст: **بِعِلَّةِ الْوَرَشَان تَأكُلُ ثَمَرَةَ الْبُستان** – Ба иллат ва баҳонаи кабӯтар мехӯрӣ хурмо ва меваи бӯстон.

Аз баъзе аҳли илм чунин шунидам, ки марде бар дарахти хурмо санг андохт то кабӯтар дур кунад ва хурмо фурӯ меафтод ва ӯ аз он хурмо мехӯрд, ин масал дар ҳаққи ӯ бигуфтанд.

Ин масал он ҷо бояд гуфт, ки касе чизе зоҳир мекунад ва муроди ӯ худ чизи дигар аст [9, масали 11, 49].

Масали мазкур низ дар боби дувуми “Маҷмаъ-ул-амсол» омада ва шумораи он 441 аст. Масал аслан ба забони арабӣ омадааст, ки агар онро мазмунан тарҷума кунем, ҳамон матлаби тарҷуманамудаи Ватвот ҳосил мешавад.

● **بعِلةِ الورَشَانِ تأكُل رُطَبِ الْمَشان**

Тарҷума: Бо баҳонаи кабӯтар мехӯри хурмо ва меваи тару тозаи бӯстон [5, масали 441, 134].

Аммо зимни муқоиса маълум мешавад, ки ҳарчанд Майдонӣ дар забони арабӣ тавзеҳоте бар ин масал афзуда, Ватвот на он чиро, ки ӯ зикр намуда, айнан тарҷума карда ё зикр намудааст. Муаллифи «Латоиф-ул-амсол» тавре мушоҳида мешавад, асосан ба як ривояти марбут ба сарчашмаи зуҳури масал ручӯъ мекунад, ки он дар китоби Майдонӣ дида намешавад. Майдонӣ бошад асосан шарҳи луғати “Рутаб- ул-машон”-ро ба таври зайл меоварад:

رُطَبِ المَشان - ин навъе аз хурмо мебошад. Мегӯянд, ки он шаклан шабеҳи гурба аст.

Ин масалро нисбат ба он кас истифода мебаранд, ки чизе зоҳир мекунад аммо мурод аз он чизе дигар бошад» [5, с.134].

Аз тавзеҳоти Майдонӣ равшан намудан мумкин аст, ки Ватвот асосан зимни тарҷума мазмуни масалро ба эътибор мегирад ва баъдан мавриди истифодаи онро низ асосан бо такя бар нигоштаи Майдонӣ меоварад. Аммо зимни муқоисаи ҳамин як масал маълум мегардад, ки Ватвот дар ҷараёни нигориши хеш ба тозагиҳое даст задааст, аз ҷумла ӯ бештар ба таъйини сарчашмашиносии амсол меравад, ки дар Майдонӣ онҳо дида намешаванд. Гоҳе маворид бар асоси тақозои матлаб Ватвот вожаҳои хосси забони арабиро шарҳу тафсир намуда, ҳатто ҷанбаи балоғӣ доштани амсолро таъкид мекунад. Аз ҷумла, дар шаҳри масали зер аз боби 3, шумораи 27 дар «Латоиф-ул-амсол» омадааст:

● **تَرَكتهُ عَلى مشفَرِ الأسَدِ -** Бигзоштам ӯро бар монанди лаби шер.

Мишфар дар асли арабият лафхи уштур аст, аммо «мишфару-л-асад» ва «мишфару-л-ҳабашӣ» бар сабили истиорат бигӯянд.

Ин масал он ҷо бояд гуфт, ки касеро дар маърази ҳалок муҳмал ва зоеъ бедастгирӣ дар дасти золиме бигзошта бошӣ [9, с.57].

Зимни муқоиса бо «Маҷмаъ-ул-амсол» маълум мешавад, ки ин масал тарҷумаи айнии мавҷуд дар боби 3, шумораи 732 аст ва дар он омада:

تركْتُهُ عَلى مثل مشْفَرِ الأسَدِ Бигзошт ӯро мисле дар лаби шер.

Ин масал нисбат ба он кас гуфта мешавад, ки касеро дар маърази ҳалокӣ гузошта бошад [5, с.194].

Ин ҷо низ дақиқ мегардад, ки ҳарчанд Ватвот асли масалро аз Майдонӣ меоварад ва онро тарҷума менамояд, аммо ба ваҷҳи зарурат нукотеро тавзеҳ медиҳад, ки чунин равиши кор дар “Маҷмаъ-ул-амсол” дида намешавад.

Дар бархе мавридҳо Ватвот худ дақиқан ба намунаи мазкури масал дар китоби Майдонӣ ишорат намуда, ҳатто сарчашмаи истифодаи худро таъкид мекунад. Аз ҷумла, дар ҷараёни шарҳи масали 106 аз боби 11 ишорат мекунад, ки ин масал ба намунае дар китоби “Маҷмаъ-ул- амсол”-и Майдонӣ ба қалам омадааст ва аммо ман онро аз рӯйи китоби Имом Замахшарӣ зикр намудаам. Таъкиди Ватвот бад ин сурат аст:

● **زَلَّةُ العالِمِ زَلَّةُ الْعالَم -** Лағзидан ва хато кардани олим лағзидани олам ва дунёст.

Хоҷа Аҳмади Майдонӣ(р) ин масалро дар «Маҷмаъ-ул-амсол» дар боби ҳамза овардааст бар ин гуна : “**بِزَلَّتِهِ الْعَالَمُ إِذَا زَلَّ الْعَالِمُ زَل**, имом Фахри Хоразм Маҳмуд ибни Умар аз-Замахшарӣ дар мухтасаре, ки дар амсол сохтааст, дар боби (зо) овардааст, бар ин гуна, ки ман овардам” [5, с.78].

Ин масал он ҷо бояд гуфт, ки уламоро бар эҳтиёт кардан дар ҷавоби масоил ва зикри мавоиз таҳриз кунӣ, то ҷавоби носавоб ва насиҳати бо фазиҳат бар забони эшон наравад ва чоҳилон бад эшон дар он хато ва сафоҳат иқтидо накунанд. Байт:

إنّ الفقيه إذا غوى و أطاعُهُ قَوْمٌ غَوَوْا معه و ضاعَ و ضيّعا
مثل السّفينةِ إنْ هوتْ فى لُجَّةٍ تَغْرَقْ و يغْرَق كُلُّ ما فيها معا

Агар фақеҳ овора ва бероҳа шавад,
Қавм низ овораву сарсон хоҳад буд ва зоеъ хоҳад кард вақташро ҳамроҳи ӯ.
Мисли киштие, ки ғарқ мешавад дар қаъри баҳр.
Ва ғарқ мешаванд мусофиронаш ҳамроҳи он [9, с.97].

Аз ишорати Ватвот маълум мешавад, ки ин масал дар китоби Майдонӣ дар боби дигар омадааст, аммо муаллифи «Латоиф-ул-амсол» бо истиқбол аз шеваи кори Замахшарӣ онро ба таври мазкур дар китоби ин нависанда овардааст. Баъдан барои тасбити назари худ ва таъйини мавҷудияти маъноии амсол дар ашъори арабӣ Ватвот намунаи шеъриеро меоварад, ки он дар китоби Майдонӣ низ омадааст. Танҳо дар шеър сухан аз лағзидани фақеҳ меравад, ки, албатта, манзур ҳамон олим аст ва ба мушоҳида меояд, ки асли маънои масали мазкур дар муҳтавои ин шеъри арабӣ ҷой гирифтааст.

Тазаккури масали мазкур дар китоби Майдонӣ ба андаке тағйироти лафзӣ сурат гирифтааст:

- **إذَا زَلَّ العَالِمُ زَلّ** - Лағзидан ва хато кардани олим лағзидани олам ва дунёст [5, масали 173,78]

Аммо дар ин ҷо Майдонӣ мавриди истифодаи масалро зикр намекунад, танҳо мустақиман ҳамон порчаи шеъриро меоварад, ки дар китоби Ватвот ҳам он дида мешавад.

Мавридҳое дар истифода ва тавзеҳи амсол дида мешаванд, ки дар ҳар ду китоб айни ҳамдигар омадааст ва кори анҷомдодаи Ватвот танҳо тарҷумаи форсии масал мебошад. Намунаҳои фаровоне дар ин маврид метавон зикр намуд, танҳо бо овардани як намуна ва муқоисаи он дар ҳар ду китоб иктифо мекунем:

Латоиф-ул-амсол

- **الزَّيْتُ فى العَجِينِ لا تَضِيع** - Равғани зайтун дар хамир зоеъ намешавад. [9, масали 109, 97].

Ин масал он ҷо бояд гуфт, ки эҳсон ва мабаррат ба ҷойи хешони худ кунад ва молу неъмат бад-эшон диҳад.

Маҷмаъ-ул-амсол

- **الزَّيْتُ فى العَجِينِ لايضِيعُ** - Равғани зайтун дар хамир зоеъ намешавад [5, масали 1743, 410].

Гуфта мешавад ба шахсе, ки ба хешовандонаш некӣ кунад.

Танҳо аз тарҷумаи анҷомдодаи Ватвот ва муҳтавои масал, ки айнан мо дар тарҷумаи хеш овардаем, равшан мешавад, ки, албатта, чун нависандаи чирадаст муаллифи “Латоиф-ул-амсол” дар тавзеҳи бештар ва дақиқтари мавриди истифодаи амсол нисбат ба Майдонӣ иқдом намудааст.

Албатта, тавре таъкид гардид, амсоли мазмунан ба ҳам наздик дар ҳарду китоб ҳарчанд зиёд ҳастанд, аммо ба назар чунин меояд, ки Ватвот баробари тарҷума ба тавзеҳи бештар мекӯшад. Новобаста бар он ки дар бештари маворид Ватвот асосан матни аслии масалро аз китоби Майдонӣ меоварад, аммо дар вақти тавзеҳ иқдом дар тафсири бештар, муайян кардани сарчашмаи зуҳури он масал, шарҳи бархе вожагони хосси арабӣ ё маъниҳои махсуси онҳо дар забони арабӣ намудааст, ки ин амр дар маънишиносӣ ва маънигузории вожагон аҳаммияти фарҳанги Ватвотро нишон медиҳад. Ба таъбири дигар, Ватвот кӯшидааст, ки дар баробари фарҳанги амсол будани китобаш ҷанбаи тафсирии онро низ қавӣ намуда, ҳамзамон бо таъкиди истифода ё корбурди саноеи бадеӣ дар таркиби амсоли арабӣ аҳаммияти поэтикии асари ҳудро боло бубарад.

Бахши савуми амсоли дар “Латоиф-ул-амсол” омада масалҳое дониста мешаванд, ки онҳо танҳо дар ин асар мазкуранд ва дар китоби Майдонӣ дида намешаванд. Шумораи умуми ин амсол ҳамагӣ 18 адад мебошанд ва ҳатто нахустин масали омада дар китоби “Латоиф-ул-амсол” дар китоби “Маҷмаъ-ул-амсол” дида намешавад. Намунаи арабии ин масал чунин аст:

“**إنّ مِنَ الشعْرِ لحِكْماً** [9, масали 1,41] тарҷумаи он ин аст, ки “Ба дурустӣ, ки шеър ҳикмат аст”.

Баъдан Ватвот дар шарҳи ин масал афзудааст:

«Ин аз лафзи Пайғамбар (с) аст ва ибни Хитой (р) дар шарҳи ин лафз чунин гӯяд, ки дар шеър сухане бошад, ки нофиз ва панде бошад ноҷеъ, ки мардумро шунидан аз он мавориди ҷаҳолат ва маросиди залолат манъ кунад ва боз дорад. Ва Ибни Дурайд (р) чунин гӯяд, ки ҳар калимае, ки мардумро ба афъоли маҳмуд хонад ё аз афъоли мазмум дур гардонад, он калимаро ҳикмат ё ҳукм гӯянд. Ин масал он ҷо бояд гуфт, ки касе шеъру хуб ороста ба алтофи ҳикмат ва аснофи мавъизат ривоят кунад [9, с.41].

Аз ҷумлаи масали дигар, ки дар китоби Майдонӣ наёмада ин аст: **بالبِرِّ يُسْتَعْبَدُ الحُرُّ**[9, масали13, 50] ки Ватвот бад-ин гуна тарҷума намуда: “Ба некуи кардан банда шавад мардуми озод”. Ин масал дар боби дувуми китоб омадааст ва дар идомаи тавзеҳи он

Ватвот нигошта: “Ин масал аз Алӣ ибни Абу Толиб (р) аст ва дар “Сад калима” овардаанд ва монанди ин масал аст, ки гӯянд: « الإحسان عبيد الإحسان».

Ин масал он ҷо гӯянд, ки касе аз касе некуӣ дида бошад ва рӯй ба мидҳату сано ва хидмату дуои ӯ оварда бошад [9,масали 13, 50].

Тавре гуфта омад, маҷмӯан амсоли шомил ба ин гурӯҳ 18 ададро ба вуҷуд овардаанд, ки зикри онҳо дар замима мувофиқи мақсад хоҳад буд.

Аз баррасии қиёсии “Латоиф-ул-амсол” ва “Маҷмаъ-ул-амсол-и Майдонии Нишопурӣ чанд нуктаи муҳим равшан мегардад, ки дар навбати аввал мақоми сарчашмаи аслии зуҳури ин китоби нав доштани асари Майдонӣ маҳсуб мешавад.

Албатта, ҳарчанд осоре дар ин замина қаблан нигошта шуда буд, аммо асари “Маҷмал-ул-амсол” аз ҷомеътарин кутуб дар заминаи амсол ва ҳикмати арабӣ ба шумор меояд, ки ҳудуди ҳашт ҳазор масалро фаро гирифтааст ва аз ин амсол 212 адади онро Рашидуддини Ватвот айнан истифода кардааст.

Дар баробари ин, агарчи 21 масали дигар мазмунан истифода шудааст метавон бар ин нукта расид, ки маҷмӯан 233 масалро аз китоби Майдонӣ гирифтааст ва ҳамагӣ 18 масалеро метавон дучор омад, ки дар китоби “Маҷмаъ-ул-амсол” мавҷуд нест. Аммо ин ҳама нақши “Латоиф-ул-амсол” дар зуҳури фарҳангҳои амсоли дузабона дар адабиёти форсу тоҷик хеле муҳим аст ва бо такя бар ин метавон сароғози зуҳури тарҷумаи амсоли арабӣ ва ба миён омадани фарҳангҳои тафсирии амсоли арабиро дар забони форсӣ ба ин китоби муътабар нисбат дод, зеро аксари фарҳангномаҳои баъд аз зуҳури ин фарҳанг ба миён омада, аз маводи он фаровон истифода намудаанд, ки барои муқоиса ба ду фарҳанг дар ҷараёни ин баррасиҳо ручӯъ мешавад.

А Д А Б И Ё Т

1. Занд М.И. Искусство перевода в таджикской поэзии X в. Рудаки и его эпоха / М.И. Занд. - Сталинабад, 1958. – 167 с.
2. Раковский М. Пословицы и поговорки и мудрые мысли / М. Раковский. - Душанбе: Ирфон, 1968. – 167 с.
3. Сарбулатов И. Арабский пословицы и поговорки, перевод с арабского / И.Сарбулатов. – Казань, 2007. – 132 с.
4. Тилавов Б. Поэтика таджикских народных пословиц и поговорок / Б.Тилавов. - Душанбе: Дониш, 1967. - 225 с.

5.ابوالفضل الميداني، مجمع الامثال/ تصحيح و تقديم نعيم حسين زرزور، بيروت: دار الكتب العلمية، ج 1–2– 1236/1408ص.

6. ابوعبيده قاسم ابن سلام، كتاب الامثال/ تصحيح عبدالمجيد قتاميش، دار المأمون لتراث: چاپ اوّل، ج. 1، 1980

/ شاملو احمد.انتشارات مازيار دفتر اول . جلد, تهران، 1387ص..احمد شاملو. كتاب كوچه. 7

8. احمد دمانيسى، مجمل الاقوال فى حكم و الامثال/ تصحيح فاطمه توكّل روستمي. تهران: كتابخانه و مركز اسناد مجلس شوراى اسلامى، 562/1393 ص .

9. وطواط رشيد الدين، لطائف الامثال و طرائف الاقوال/ به كوشش حبيبه دانش‌آموز.تهران:مؤسسه انتشارات ميراث مكتوب1391/ 290 ص.

10 .خيرالدّين شمس پاشا، معجم الامثال العربية/ خيرالدّين شمس پاشا.مركز ملک فيصل لبوحوث و درسات اسلامية الرّياض: طبع اوّل 1423\2002 .

11. حنا الفاخوري. تاريخ ادبيات زبان عربي از عصر جاهلي تا قرن معاصر/ ترجمه عبدالمحميد آيتي . تهران: توس، 1942/1361. -839ص.

“ЛАТОИФ-УЛ-АМСОЛ” – И РАШИДУДДИНИ ВАТВОТ ҲАМЧУН САРЧАШМАИ АДАБӢ-ТАЪРИХӢ

Нақши “Латоиф-ул-амсол” –и Рашидуддини Ватвот дар зуҳури фарҳангҳои амсоли дузабона дар адабиёти форсу тоҷик хеле барҷаста аст ва бо такя бар ин метавон сароғози зуҳури тарҷумаи амсоли арабӣ ва ба миён омадани фарҳангҳои тафсирии амсоли арабиро дар забони форсӣ ба ин китоби муътабар нисбат дод, зеро аксари фарҳангномаҳои баъд аз зуҳури ин фарҳанг ба миён омада, аз маводи он фаровон истифода намудаанд, ки барои муқоиса ба ду фарҳанг дар ҷараёни ин баррасиҳо ручӯъ мешавад. Аз баррасии қиёсии “Латоиф-ул-амсол” Рашиддудини Ватвот ва “Маҷмаъ-ул-амсол” -и Майдонии Нишопурӣ чанд нуқтаи муҳим равшан мегардад, ки дар навбати аввал мақоми сарчашмаи аслии зуҳури ин китоби нав доштани асари Абулфазли Майдонӣ маҳсуб мешавад. Албатта, ҳарчанд осоре дар ин замина қаблан нигошта шуда буд, аммо асари “Маҷмал-ул-амсол” аз ҷомеътарин кутуб дар заминаи амсол ва ҳикмати арабӣ ба шумор меояд, ки ҳудуди шаш ҳазор масалро фаро гирифтааст. Албатта, тавре таъкид гардид, амсоли мазмунан ба ҳам наздик дар ҳар ду китоб ҳарчанд зиёд ҳастанд, аммо ба назар чунин меояд, ки Ватвот баробари тарҷума ба тавзеҳи бештар мекӯшад. Новобаста бар он ки дар бештари маворид Ватвот асосан матни аслии масалро аз китоби Майдонӣ меоварад, аммо дар вақти тавзеҳ иқдом дар тафсири бештар, муайян кардани сарчашмаи зуҳури он масал, шарҳи бархе вожагони хосси арабӣ ё маъниҳои махсуси онҳо дар забони арабӣ намудааст, ки ин амр дар маънишиносӣ ва маънигузории вожагон аҳаммияти фарҳанги Ватвотро нишон медиҳад. Ба таъбири дигар, Ватвот кӯшидааст, ки дар баробари фарҳанги амсол будани китобаш ҷанбаи тафсирии онро низ қавӣ намуда, ҳамзамон бо таъкиди истифода ё корбурди саноеи бадеӣ дар таркиби амсоли арабӣ аҳаммияти поэтикии асари худро боло бубарад.

Калидвожаҳо: “Маҷмаъ-ул-амсол”, фарҳанги амсолу ҳикам, Абулфазли Майдонӣ, сарчашма, муқоиса, шарҳу тавзеҳ.

«ЛАТАИФ АЛ–АМСАЛ» РАШИДУДДИНА ВАТВАТА КАК ИСТОРИКО - ЛИТЕРАТУРНЫЙ ПАМЯТНИК

«Латаиф ал-амсал» Рашидуддина Ватвата является первым двуязычным паремиологическим словарем в персидско - таджикской литературе. На основе сопоставительного анализа «Латаиф ал-амсал» Рашидуддина Ватвата и «Маджма’ ал-амсал» Майдани Нишобури можно прийти к следующим выводам, о том, что «Маджма’ ал-амсал» Майдани считается основным источником «Латаиф ал-амсал» Рашидуддина Ватвата. Хотя до Абулфазла Майдани в арабоязычной литературе был составлен ряд паремиологических словарей, «Маджма’ ал-амсал» считается наиболее полным словарем, где собрано более шести тысяч пословиц и поговорок. Число пословиц, очень близких по содержанию, в двух источниках сравнительно велико. Однако наравне с переводом Рашидуддин Ватват уделяет немало внимания их толкованию. В ходе толкования Ватват предпринимает усилия для

установления источника появления пословицы, разъяснения арабских слов, особенно значения редкой, вышедшей из употребления арабской лексики. Другими словами, Ватват большое внимание уделяет толкованию слов, также подчеркивает использование художественных средств в составе арабских пословиц, что повышает поэтологическое значение книги. «Латаиф ал-амсал» Рашидуддина Ватвата не только оказало значительное влияние на процесс возникновения двуязычных паремиологических словарей, но и в большинстве случаев послужило основным источником будущих трудов в данном направлении.
Ключевые слова: «Маджмаъ-ул-амсал», паремиологический словарь, Абулфазл Майдани, источники, сравнение, толкование.

"LATAIF AL–AMSAL" RASHIDUDDIN VATVAT AS A HISTORY-LITERARY MONUMENT

"Lataif al-amsal" Rashiduddin Vatvat paremiological is the first bilingual dictionary in Persian - Tajik literature. On the basis of the comparative analysis "Lataif al-amsal" Rashiduddin Vatvat and "Majma' al-amsal" Abulfazl Nishaburi you can come to the following conclusions: that "Majma' al-amsal" Abulfazl Maydani is considered a major source of "Lataif al-amsal" Rashiduddin Vatvat. Although a number of paremiological dictionaries were compiled in Arabic literature before Abulfazl Maydani, "Majma' al-amsal " is considered to be the most complete dictionary with more than six thousand Proverbs and sayings. The number of Proverbs that are very close in content, two sources are relatively plentiful. However, on a par with the translation of Rashiduddin Vatvat pays a lot of attention to their interpretation. During the interpretation of the Vatvat, efforts are made to establish the source of the proverb, to explain the Arabic words, especially the meaning of the rare, out-of-use Arabic vocabulary. In other words, Vatvat pays great attention to the interpretation of words, also emphasizes the use of artistic means in the composition of Arabic Proverbs, which increases the poetic value of the book. "Lataif al-amsal" Rashiduddin Vatvat not only had a significant impact on the formation process of the paremiological bilingual dictionaries, but in most cases as the main source of future works in this direction.
Key words: "Majma' al-amsal", paremiological dictionaries, Abulfazl Maydani, sources, comparative, explanation.

Сведения об авторе: ***Анварова Маърифат Нарзуллоевна*** - Худжандский государственный университет им. Б. Гафурова, кандидат филологических наук, старший преподаватель кафедры арабской филологии. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, пр. Мавлянбекова 1. E-mail: **m.anvarova2018@mail.ru.**
Тел.: **(+992) 927-67-36-63**

Information about the author: ***Anvarova Marifat Narzulloevna*** – Khujand State University named after B.Gafurov, candidate of philology, senior teacher at Arabic philology Department. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand city, Pr. Mavlyanbekova 1. E-mail: **m.anvarova2018@mail.ru**. Tel.: **(+992) 927-67-36-63**

УДК: 891.550-1:82

АНДЕШАҲОИ НИМО ДАР АТРОФИ ШЕЪРИ НАВИ ФОРСӢ

Абдусаломзода А.М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Аз оғози Машрутият то ба имрӯз шоирони форсизабон кӯшидаанд қолаб ва мавзӯи шеъри форсиро дигаргун намуда ва онро ба муҳтаво ва андешаву эҳсосоти рӯзгори хеш ҳамсон созанд. Огоҳӣ аз заминаҳои тағйир дар шеъри муосири форсӣ вобаста ба таҳқиқ дар асри Машрута ва таъсири он бар таҳаввули шеъри форсӣ аст, ки саранҷом ба падидориву ҷилвагарии шеъри нав ва анвои он сабаб шуд. Таҳаввулоти паёпай ва авомили сиёсиву иҷтимоии даврони Машрута ором-ором сабаби нуфузи тамаддуну фарҳанги кишварҳои ғарбӣ дар Эрон гардид. Омилҳои монанди вуруди хориҷиён ба Эрон, мусофирати эрониён ба кишварҳои урупоӣ ва ошноии гурӯҳе аз бузургону аҳли адаб ва забонҳои хориҷӣ, пешрафти фанни тарҷумаву огоҳии афрод аз анвои адабии дигар кишварҳо ва андешаҳову афкори тозаи онон, ривоҷи санъат, пешрафти абзори олоти санъатӣ ва иртиботӣ, кӯтоҳ шудани роҳҳо аз тариқи васоили ҳаракатӣ ва мухобиротӣ, инкишофи кутубу маҷаллоту матбуот, ривоҷи санъати чоп ҳамагӣ боис шуданд, то ба навъе заминаҳои таҳаввул ҳамгом бо дигар соҳаҳои иҷтимоӣ дар паҳнаи адабиёт бавижа шеър фароҳам гардад. «Вақте арзишҳои зиндагӣ дигаргун шуд, навъи авотифу бардошт аз зиндагӣ низ тағйир ёфт ва шеъри даврони Машрутият бо заминаи тунди отифии хеш шакл гирифт, болид ва шукуфта шуд ва масоили отифии инсони аср, дар шеъри Эраҷ, Баҳор, Деҳхудо, Ишқӣ, Ориф, Лоҳутӣ ва Фаррухиву дигарон мавриди назар воқеъ шуд ва ҳамин тағйирот, ки зиндагиву дар натиҷа навъи эҳсосот дар авотиф рӯй дод, вазъи шеърро ба лиҳози дигар аносир, яъне тахайюлу оҳангу забону шакл дигаргун кард, ки, албатта, набояд аз интишори баъзе нақдҳои тунди иҷтимоӣ дар ин давра ғофил буд» [8, с.112].

Дар оғоз шоирони форсизабон кӯшиданд ин дигаргуниву таҳаввулро дар қолабҳои мустазодгуна ва дубайтиҳои ба ҳам пайваста, ки баъдҳо ба чаҳорпора шуҳрат ёфт, нишон диҳанд. Ин қолабҳо бавижа мавриди истифодаи шоироне буд, ки намехостанд ба якбора ҳарими тақлид аз суннатҳоро бишкананд, вале шеъри форсӣ бад-ин маҷоли андак низ қаноат накард. Гурӯҳе бар ин ақидаанд, ки таҳаввули шеъри форсӣ аз назари муҳтаво ва мавзӯъ пеш аз Машрутият ва ҳамзамон бо он рӯй дод. Аммо ин таҳаввул, ки натиҷаи дигаргунии рӯҳи иҷтимоъ буд, дар қаламрави мазмун маҳдуд намонд ва шоирон пас аз Машрутият дар ҷустуҷӯи қолабҳои тозае ҷудо аз қаволиби шеъри пешиниён баромаданд.

Алиакбари Деҳхудо бо сурудани қитъаи маъруфи «Ёд ор зи шамъи мурда ёд ор» дар ин роҳ гом бардошт, ки бархе ин сурударо нуқтаи атфи таҳаввули шеъри муосир донистаанд.

Муҳаққиқ У. Сафар дар ин бора чунин менависад: «Ин мусаммат ба ёди дӯсти ҷавонмаргаш, муассиси рӯзномаи «Сури Исрофил», ки шоир сармуҳаррири он буд, бахшида шуда буд. Мусаммати шоир дар худ тамоми орузуҳову хостанҳои мардуми Эронро дар оғози садаи бистум ҷилвагар месозад. Нахуст шоир ба лаҳне, ки хосси ӯст, аз зиндагии талху тори гузашта, ғафлату нодонии мардум сухан дар миён мегузорад ва баъдан ба сурати бадеъ ва шоирона паёми шодбошу бехрӯзӣ медиҳад. Чунин тарзи ҷобаҷогузории афкору андешаҳо мусаллам аст, ки ба қолаби мусаммат хос набуд. Мусаммати номбурда аз панҷ банд иборат аст. Дар ҳар банд мақсад муайяну муъҷаз аст ва шоир онро мисли як манзараи зебову бадеъ ба шеваи тозае пеши назари хонанда ҷилвагар месозад» [4, с.63].

Пас аз Деҳхудо шоирони дигар аз ҷумла М. Баҳор, А. Лоҳутӣ, М. Ишқӣ ва дигарон ба шаклҳои мухталиф таҷаддудро дар шеъри форсӣ бино ниҳоданд, ки бархе аз онҳо ба сурудани чаҳорпора бархе миёни шеъри арӯзӣ ва шеъри нав эҷод карданд. Ҷаъфар Хоманаӣ яке аз пешгомони шеъри нав аст, ки нахустин бор ашъоре дар қолаби чаҳорпора суруд, ки аз назари забон ва диди шоирона бо шеъри пешиниён ва услуби онҳо фарқ дошт. Вале ӯ натавонист поягузори ҷадиде дар шеъри форсӣ бошад. Гурӯҳе низ таҳти таъсири инқилоби Урупо ва Туркия буданд, ки аз он ҷумла аз Тақӣ Рафъат ва пайравонаш, Бону Шамси Касмоӣ метавон ном бурд, ки ба гуфтани навъи шеъри ҷадид мубодират варзиданд ва аз он тарафдории ҷиддӣ мекарданд ва андешаҳои хешро дар маҷаллоти вақт иброз медоштанд. Маҷаллае, ки дар ин замина дар Теҳрон фаъолияти чашмгир дошт, маҷаллаи «Донишкада»-и М. Баҳор буд. Шоир намояндаи насли наве буд, ки бо диду андешаи тоза, ҷаҳонбинии пешрафта, ошноиву шинохти густурда аз раванди умумии пешрафту такомули адаби ҷаҳонӣ ба майдони адабиёт ворид шуд. Ба дӯши ин насл вазифаи бисёр мубраму душвор, вале сарнавиштсоз гузошта шуда буд. Идомат, ҳастӣ, рушду боландагии як миллати бузург аз иҷрои ин вазифаҳо вобаста буд. Зеро симои зоҳириву ботинии ҷаҳон комилан тағйир карда буд. Рӯйи саҳнаи сиёсии ҷаҳон неруҳову қудратҳое қарор доштанд, ки хешро яккатози майдону бартар аз ҳама қавму миллатҳои дигар мепиндоштанд ва барои рафъи эҳтиёҷоти рӯзафзуни хеш ҳозир буданд, ба сарзаминҳои дигар гом ниҳанд, захоиру сарватҳои табиии кишварҳои ақибафтодаро таҳти тасарруф дароранд. Ин сарзаминҳои осебпазир барои саломату пойдорӣ насли бедор, хушзеҳн, ошно бо донишҳои таърихӣ, сиёсӣ, адабӣ, иҷтимоӣ лозим буд. Бахти бузурги Эрон аст, ки дар ҳамон солҳои оғозини таърихи навинаш дар ибтидои қарни ХХ чунин наслеро дар домани хеш парваронид.

Аммо гурӯҳи Баҳор низ мисли дигар гурӯҳҳо натавонистанд пояи муҳкамеро барои шеъри форсӣ бигузоранд, то ин ки саранҷом Алии Исфандиёри ё Нимо Юшиҷ ин бори сангинро ба дӯш кашид ва тавонист ба унвони падари шеъри форсӣ, поягузори шеваву тариқи тоза шинохта шавад. Ба навиштаи Пурномдориён Тақӣ «Нимо ба тадриҷ дар натиҷаи тааммулу тафаккур, ки аз хасоили ӯ буд ва ғалаба бар васвасаҳои шуҳрату мулозимони он тавонист роҳи дурусти суннатшиканишт ва таҳаввули адабиро пайдо кунад ва фориғ аз ҳуббу буғзҳои дигарон ва сабр бар тамасхурҳову танзу киноятҳо ба суннати вобастагон ҳатто бо қабули шаҳодати адабӣ, ки замоне Шаҳриёр ба ӯ ёдовар шуда буд, рисолати худро дар эҷоди таҳаввули асосӣ ба анҷом расонид» [6, с.19].

Нимо муътақид буд, ки шеър бояд ба ҳоли табиии баён наздик шавад ва ӯ саъй дошт назму насрро ба ҳам наздик кунад. Дар ҷое ишора мекунад, ки ман ақидаам ин аст, ки махсусан шеърро аз ҳайси табиати баёни он ба табиати наср наздик кунам ва ба он асари дилпазири насрро бидиҳам. Тафовути муҳимме, ки Нимо ба шоирони классик дошт, дар он зоҳир мешуд, ки «шоирони классик бо як чашм ба ҷаҳон менигаристанд ва Нимо бо ду чашм… Нимо бо як чашм сатҳи зоҳир ва бо чашми дигар ботини ашёву падидаҳои табииву фарҳангу ҷилваҳои мухталифи ҳаётро медид, ки инъикоси тасвире аз абъоди зеҳнияти ӯ буд» [6, с.232].

Шеърҳои озоди Нимо сурат ва қолабро, ки дар шеъри куҳан бар асли тасовии вазнии абёт ва ё мисраъҳои ҳамаи абёт ва бар асли назми мубтанӣ бар такрори қофия устувор буд, бо хуруҷ аз доираи ин ду асл комилан дигаргун кард. Забони адабии шеъри куҳанро, ки бар асли фасоҳату балоғат ва қавоиду шурути он аз назаргоҳи қудамо ба тадриҷ шакл гирифта буд ва дар ин шаклгирӣ ва се дастгоҳи аслии забон, яъне дастгоҳҳои овоиву вожагон ва дастурӣ такя дошт ва суратҳову қолабҳои маҳдуди шеъри куҳан дар шаклбахшидан ба он низ муассир буд, бо чашмпӯшӣ аз шуруту қавоиди хосси он ва беэътиноӣ ба асли фасоҳату балоғат канор гузошт. Муҳаққиқи тоҷик У. Сафар дар китоби «Нимо ва шеъри форсӣ», ки ба нақду баррасии ашъори шоир ихтисос дорад, андешаҳои ҷолиберо перомуни ашъори шоир баён доштааст [4].

Нимо нисбати табиату ҷаҳон, ҳаводису ҷузъиёти атрофаш диди тоза дорад. Дар шеваи баёну ибрози назарҳову андешаҳояш мустақилу мубтакир аст. Ағлаби мавзӯоте, ки дар шеъри шоир матраҳ шуда, дар адабиёти пешин назир надошта, ё ин ки дар коргоҳи

зеҳни Нимо ба тарзи дигар тарсим шудааст. Дар тамоми тӯли умр, тавре ки аз баррасии ашъори ӯ равшан мегардад, ӯ талош намуда, то метавонад аз тақлиду пайравии дигарон дар канор бошад. Нуктаи дигаре, ки қобили мулоҳиза аст, ҳисси мушоҳидаи ӯст, ки зотан бояд хосси ҳар як шоире бошад. Диди мушоҳидакори ӯ метавонад аз оддитарин мазоҳири зиндагӣ мазмуну маънӣ биофаринад.

Андешаҳо ва дунёи рангини Нимо махсусан дар номаҳояш, ки дар тӯли умри худ ба ашхоси мухталиф дар иртибот бо мавзӯоти гуногун навишта шуда, машҳуд аст. Шеваи кори ӯ, бархӯрду бастагиаш ба дунёи перомун дар пойи ҳар номае зоҳиру ҳувайдо мегардад. Аз ин нигоҳ номае, ки ба номи «Донишҷӯи ман» омадааст, ҷалби таваҷҷуҳ мекунад. Моҳияту арҷи ин нома дар он аст, ки нахуст зеҳнияту наҳваи талаққӣ ва бардоштҳои шоирро аз ашё ва воқеияти зиндагӣ нишон медиҳад ва дар зимн сиришти шоирии ӯро бозтоб мекунад. Тариқи кори худро дар навиштааш чунин шарҳ медиҳад: «фикрамро дар бораи чизҳои дигар, ки ба назари худам асосӣ ҳастанд ба масраф мерасонам ва барои дохил шудан ба ҳар мавзӯе қоидае дорам. Зиёд фикр мекунам. Вазъияти дарунии зиндагонии ман ва ахлоқи ман ҳам муқтазои ҳамин аст. Аз пушти ин дарё ва ин кӯҳҳои мастур аз дарахт, ба тамоми олам назар меандозам. Хомӯширо дар мавқее, ки бояд хомӯш буда бошам, аз дарё ёд мегирам. Ҳамаи ашё муаллими инсонанд. Шумо ҳам мисли ман бошед. Хеле чизҳоро боист шунид» [9, с.326].

Унсури дигаре, ки перомунаш дар осори Нимо суханҳои зиёде гуфта шуда, рукни асосӣ, ё масолеҳи асли ҳама гуна шеър, калима аст, ки дар адабиёти пешин дар атрофаш баҳсҳо шудааст. Вале ба андешаи мо дар адабиёти муосир маҳз бо баракати Нимо бархӯрду бардошти шоирон ва ҳатто адабиётшиносон ба ин унсури созандаи шеър дигар шуд. Тааммулу таҳқиқ дар атрофи навиштаҳои Нимо, таҷрубаҳои фардӣ, шинохти осори назарии хориҷиён насли баъди Ниморо бар шинохти мақому манзалат ва нақши калима дар шеър ба натоиҷи судманде расонидааст.

Нимо ба калимоти куҳан таваҷҷуҳи махсус мабзул медорад. Ба нақши онҳо дар офариниши осори ҳунарӣ арзиши босазо қоил мешавад ва дар зимн менависад: «Калимоти қадим, ё ғайри он масолеҳанд. Ҳарчи андешаҳои мо бештару дақиқтар бошад, ниёзмандии мо нисбат ба онҳо бештар аст. Барои ин ки гӯянда забонаш ғанӣ бошад, фақат ба даст овардани онҳо кифоят намедиҳад. Балки чи басо бояд бо талфиқҳои тозаву таркибҳои нав ба даст овардан, гӯяндае онҳоро дар зимни кор таҳия кунад. Ба илова, калимот бояд битавонад нигаҳбони зарифу маънуси шаклу вазну синфи шеърӣ бошанд» [9, с.25].

Нимо зимни муаррифии шеваи кори худ ба адибони ҷавон талқин мекард, ки адабиёти қадимро хеле дақиқ биёмӯзанд ва бар мабнои ашъори онҳо барои худ фарҳангҳои саридастӣ омода созанд ва бадин восита калимоти азбайнрафтаро ҷамъоварӣ намоянд. Зеро доштани чунин луғатномае дар офариниши ашъор хеле аҳаммият дорад. Шоир дар хилоли ибрози ин андеша ҳамзамон ҳушдор медиҳад: «Аммо як чизи дигар ҳаст. Бояд маъниҳои Шумо худашон дар ҷустуҷӯи қолаби худ бароянд. Шоире, ки фикри тоза дорад, талфиқоти тоза ҳам дорад. Дар Ҳофиз, Низомӣ ва баъд дар сабки ҳиндӣ ин тавонгариро ба хубӣ мебинед» [10, с.73].

Андешаи дигар, ки дар осори назарии Нимо қобили мулоҳиза аст, биниши фардии шоирона аст, ки шоир вуҷуди онро мояи ташаххуси шеваи қадиму нав медонад. Аз дидгоҳи Нимо ҳар адиб бояд ҷаҳонро бо чашми худ, бо дидаи худ, бо завқу салиқаи хеш бубинад. Зеро ба қавли Нимо бо чашми қадимиён дидану бо шеваи онҳо истифода намудани масолеҳ суде ба бор намеорад. Вале ба қавли Нимо «агар Шумо аз пайи кори тозаву калимоти тозаед, лаҳзае дар худ амиқ шуда, фикр кунед. Оё чӣ тавр дидаед? Пас, аз он умда масъала ин аст, ки диди худро ба чӣ васоили муносиб баён кунед. Ҷони ҳунару камоли он барои ҳунарманд ин ҷо аст ва аз ин ковиш аст, ки шеваи кори қадиму ҷадид аз ҳам тафкик меёбанд» [7, с.87].

Хасоиси дигаре, ки вуҷудашро дар шеър Нимо ниҳоят муҳим медонад, ин фардияти шоирона аст, ки бояд дар шеъраш ҷилвагар бошад. Дар ҳар шеър сояе аз шоир эҳсос шавад. Маълум аст, ки адабиёт бо васоили мухталиф пурбор шуда ва замоне, ки мавриди баёни мавзӯе дар арсаи адабиёт пеш меояд, масъалаи ҳунару гуногунии он низ ба миён меояд. Маҳз дар ҳамин замон аст, ки сароҳати чеҳраи адиб дар иртибот бо дидаҳову ёфтаҳояш аз зиндагӣ намудор мешавад. Дар ин маврид Нимо менависад, ки шеъри шоир бояд намунае аз худи ӯ бошад ва вобаста ба замону маконе бошад, ки дар он аст ва ба он бастагӣ дорад ва аз он пайдо шудааст. Мисли ин ки бидуни қасд ва на ба худ ин корро анҷом медиҳад. Ҳамон тавр, ки касе дар маҳалле зиндагӣ мекунад ва баъд кӯч карда меравад, аммо ба ҷойи ӯ таҳбисоту уҷоқу осоре боқӣ мемонад. Ба ҳар ҳол метавон иллати муваффақияти Ниморо тааммулу тафаккур ва низ таҷрубаи кофӣ дар истифода аз илалу аносири таҷаддуд ва шеъри форсӣ донист.

Дар поён қобили зикр аст, ки андешаҳои Нимо дар атрофи таҳаввули шеъри форсӣ пуршуморанд ва қисмати зиёдашон дар китобҳои ӯ мисли «Ду нома», «Ҳарфҳои ҳамсоя»,

«Арзиши эҳсосот», «Номаҳои Нимо» ва дигар осораш гирд омадаанд. Таҳқиқи ҳар асаре мавзӯи мақолаи ҷудогонае метавонад бошад.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдуммановнов А. Нуқтаи назар / А. Абдуммановнов. - Душанбе: Адиб, 1989. - 239 с.
2. Кляшторина В.Б. «Новая поэзия» в Иране / В.Б. Кляшторина - М.: Наука, 1975. - 225 с.
3. Сафаров У. Сиёвуши Касроӣ ва «шеъри нав»- и форсӣ / У. Сафаров. - Душанбе, 1996. – 144 с.
4. Сафаров У. Нимо ва шеъри форсӣ / У. Сафаров. - Душанбе, 1996. – 153 с.
5. Ҳакимов А. Шеър ва замон / А. Ҳакимов. - Душанбе: Ирфон. 1978. – 253 с.

6.پورنامداریان تقی. خانه ام ابری است. شعر نیما از سنت تا تجدد. تهران، سروش 1377. – 401 ص.

7.جنتي عطائي. ابو القاسم، نيما يوشيج. زندگي و آثار. تهران. صفي عليشاه، 1334.- 193 ص

8.کدکني محمد رضا شفيعي. ادوار شعر فارسی از مشروطيت تا سقوت سلطنت. تهران، 1383 . – 175ص.

37

9.نامه های نیما. نسخه پرداز شراگیم یوشیج. تهران، 1376. – 550 ص.

10.نیما یوشیج. حرفهای همسایه. تهران، 1972. – 160 ص.

АНДЕШАҲОИ НИМО ДАР АТРОФИ ШЕЪРИ НАВИ ФОРСӢ

Мақолаи мазкур ба таҳқиқу арзёбии асосҳои назарии шеъри нав дар мисоли осори бунёдии илмии Нимо Юшиҷ бахшида шудааст. Қобили зикр аст, ки баҳсу ғаврҳо атрофи ҷараёни нав дар адабиёти форсӣ ҳанӯз дар даҳсолаҳои нахустини қарни ХХ оғоз гардида буд. Ҷонибдорони ин ҷараёнро ҷанбаҳои зерин бо ҳам меовард: таваҷҷуҳи шеър ба зиндагӣ, тамоюли шоирон ба сарнавишти Ватани хеш ва гузашта аз ин, талош барои шинохту талаққии ҳаводиси мавриди назар. Солҳои тӯлонӣ дар ҷомеаи адабии Эрон миёни ҷонибдорону мухолифони шеъри нав баҳсҳо идома доштанд. Дар мақола дидгоҳҳои нахустин назарияпардозони ҷараёни нав дар адабиёти форсӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Ашъори аввалин шоирони навпардоз мисли Тақӣ Рафъат, Шамс Касмоӣ, Ҷаъфар Хоманаӣ ва А. Лоҳутӣ арзёбӣ гардидааст. Хотирнишон гардида, ки саъйю талошҳои шоирони мазкур дар амри таҷдиди шеъри муосир маҳсусу қобили мулоҳиза набудааст. Дар ин росто махсусан нақши Нимо Юшиҷ корсоз аст. Мавсуф ҳанӯз дар солҳои бистум саъй намуд дар шеъри муосир усулу мабонии шеъри озодро, ки наздикие бо шаклҳои шеъри урупоӣ дошт, мавриди истифода қарор диҳад. Дар мақола дидгоҳҳои назарии Нимо Юшиҷ дар иртибот бо шеър, шоир ва таҷаддуди адабӣ баррасӣ гардидааст.

Калидвожаҳо: шеър, Нимо Юшиҷ, таҷаддуди адабӣ, ҷараён, андеша, баҳс, навовар, шоир.

ВЗГЛЯДЫ НИМО ЮШИДЖА НА НОВУЮ ПЕРСИДСКУЮ ПОЭЗИЮ

Статья посвящена исследованию теоретических основ новой поэзии на примере фундаментальных научных работ основоположника новой литературной школы Ирана Нимо Юшиджа. Следует отметить, что споры и дискуссии вокруг нового направления в персидской литературе начались в первые декады 20 века. Последователей этого течения связывает главное: устремлённость поэзии к жизни, заинтересованность поэтов судьбой своей родины, желание по новому переосмыслить происходящее вокруг. На протяжение ряда лет велась полемика между сторонниками и противниками новой поэзии. В статье анализированы взгляды первых теоретиков нового течения в персидской литературе. Рассмотрены стихи первых поэтов – новаторов, таких как Такий Рафъат, Шамс Касмои, Джафар Хоманаи и А, Лахути. Отмечается, что старания вышеуказанных поэтов в деле обновления современной поэзии были незначительны. Особый вклад на этом поприще внес Нимо Юшидж. Он еще в двадцатые годы попытался применить в персидский поэзии принцип свободного стиха, основанного на неарузовых слоговых размерах и близкого к формам европейской поэзии. В статье исследованы теоретические взгляды Нимо Юшиджа, относительно поэзии, поэта и литературного обновления.

Ключевые слова: поэзия, Нимо Юшидж, литературное обновление, направления, взгляд, полемика, новатор, поэт

NIMO YUSHIDZH'S OPINION ABOUT NEW PERSIAN POETRY

The article analyzes the study of the theoretical foundations of new poetry on the example of the fundamental scientific works of the founder of the new literary school of Iran, NimoYushidzh. That disputes and discussions around a new trend in Persian literature began in the first decades of the 20th century. The followers of this trend are connected by the main thing: the aspiration of poetry to life, the interest of poets in the fate of their homeland, the desire to rethink what is happening around in a new way. Over the years, there has been controversy between supporters and opponents of the new poetry. The article analyzes the opinions of the first theorists of the new trend in Persian literature. The verses of the first poets - innovators such as Takee Rafat, Shams Kasmoi, Jafar Homanai and A.Lahuti are considered. It is noted that the efforts of the above poets in updating the modern poetry was insignificant. A special contribution in this field was made by NimoYushidzh. Also in the twenties, he tried to apply the principle of free verse to Persian poetry, based on non-articulate syllables dimensions and close to the forms of European poetry. The article explores the theoretical opinions of NimoYushidzh regarding poetry, poet and literary update.

Key words: poetry, NimoYushidzh, literary renewal, directions, opinion, controversy, innovator, poet.

Сведения об авторе: ***Абдусаломзода Абдумалик Махмадулло*** – Таджикский национальный университет, докторант Ph.D, кафедры иранской филологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17. E-mail: **abdusalomzodaa@mail.ru.** Тел.: **(+992) 918-20-30-23**

Information about the author: ***Abdusalomzoda Abdumalik Makhmadullo*** - Tajik National University, the doctoral Ph.D researcher at the Department of Iranian philology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **abdusalomzodaa@mail.ru**. Tel.: **(+992) 918-20-30-23**

УДК: 494.550-3:82

ХЕШТАНШИНОСИИ МИЛЛӢ ДАР «ШОҲНОМА»-И ФИРДАВСӢ

Амонова М.Н.
Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмати Тоҷикистон

«Шоҳнома» рамзи бақои миллатест, ки дар аъмоқи таърих решаҳои устуворе дорад. Чун сарзамини Эрон борҳо аз сӯйи бегонагон фатҳ гардида, зери сумҳои аспони лашкариён поймол шуда буд, гумон мерафт, ки ҳама умедҳо барбод рафтаанд ва эронитаборон дигар садое нахоҳанд дошт. Вале муҳаббати ватандорӣ ва меҳри беандоза ба оину марзу буми хеш эшонро чунон ба ҳам пайванд медод, ки тавонистанд дигарбора аз миёни талҳои хокистар сар боло кунанд.

«Шоҳнома» сарчашмаи хеле гаронмояи мероси муштараки мардуми эронинажод аст, ки тулӯи ҳувияти миллиро дар он аз ҷаҳони устураҳо ва ҳамосаҳо то замони фармонравоёни вопасини сосонӣ ошкоро метавон боз ҷуст. Фирдавсӣ бегумон дар эҳёи забони форсӣ, ки яке аз рукнҳои ҳувияти миллӣ маҳсуб мешавад, нақши муассире доштааст ва муҳтавои «Шоҳнома» вежагиҳое дорад, ки сабаби ҳамешагӣ ва пойдориву устувории ҳувияти миллӣ гаштаанд. Муҳаққиқони зиёде дар ин боб изҳори андеша намуда, зикр аз омилҳое мекунанд, ки аслан чун меҳваре барои ба ҳам омадани эрониёну эронитаборон нақш доштаанд.

Муҳаққиқи борикбин доктор Абулфазли Хатибӣ зимни пажӯҳишоти хеш роҷеъ ба «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ се авомилро зикр мекунад, ки аз онҳо бе тардид метавон ёдовар шуд.

Ӯ мегӯяд: «Гузашта аз забони форсӣ, муҳтавои «Шоҳнома» дорои се вежагии асосӣ аст, ки аз авомили истимрори ҳувияти миллӣ то имрӯз аст».

1. Якпорчагии сиёсӣ: дар саросари «Шоҳнома» ҳеҷ даврае нест, ки Эрон бидуни фармонраво бошад.

2. Якпорчагии ҷуғрофӣ: дар саросари «Шоҳнома» Эроншаҳр конуни рӯйдодҳост ва тамоми фидокориҳову ҷонфишониҳо барои бақои он аст.

3. Якпорчагии ривоёт: дар «Шоҳнома» бар хилофи дигар манобеи форсӣ ва арабӣ дар бораи таърихи Эрон ривоятҳо якдаст аст; бад- ин маънӣ, ки хонанда ҳеҷ гоҳ бо ривоёти гуногуне аз як рӯйдоди воҳид рӯ ба рӯ намешавад» [1, с.10].

Албатта, ин се авомили муҳим танҳо хосси худи «Шоҳнома» нестанд, балки дар манбаи паҳлавии он «Худойнома» фароҳам будаанд. Дар давраи таърихии «Шоҳнома» мавзӯи якпорчагӣ аз назари сиёсӣ ва динӣ дар се марҳила қобили андеша аст. Марҳилаи нахуст замони Дорои Дороён-охирин подшоҳи каёнӣ дар таърихи миллист. Бо ҳуҷуми Искандар якпорчагии сиёсӣ ва динӣ аз Эрон рахт барбаст. Марҳилаи дувум замони подшоҳии Ардашери Бобакон аст, ки якпорчагии миллӣ ва сиёсиро дубора ба сомон овард ва ниҳоят марҳилаи савум замони Хусрави Анӯшервон дар қарни шашуми мелодист, ки меъмори воқеии шоҳаншоҳии сосонӣ дониста мешавад. Ӯ аз як сӯ, дар набардҳо бо ҳайтолиён ва қавмҳои ваҳшиву саҳроӣ пирӯз гашта, якпорчагии миллӣ ва ғурури аздастрафтаро барқарор карда бошад, аз сӯйи дигар, дастур дод, то ривоёти парокандаи динӣ ва миллиро дар қолаби «Худойнома» гирдоварӣ намоянд.

Пас аз тасарруфи Эрон аз сӯйи аъроб боз якпорчагии сиёсӣ дар ин сарзамин аз даст рафт, вале якпорчагии миллӣ бо тарҷумаи «Худойномак» ба забони арабӣ ва форсии дарӣ боқӣ монда буд. Хатибӣ менависад: «Фирдавсӣ ҷомаи фохире бар таҳрири вижае аз «Худойномак» пӯшонд ва дар замонае, ки ҳувияти эронӣ ба таври ҷиддӣ дар маърази таҳдид буд ва бими он мерафт, ки фарҳанги эронӣ низ монанди фарҳангҳои милали дигар дар фарҳанги қавми ғолиб ҳал шавад, бо гузаштаи шукӯҳманди Эрон эҳсоси ирониро буданро дар дилҳо нишонд» [1, с.10].

Пас аз Фирдавсӣ ғурур ва ҳувияти мардуми эронитабор дар фарҳанги созандагии он ба таври ҳамешагӣ устувору пойбарҷо боқӣ монд. Мардуми эронинажод «Шоҳнома»-ро чун шиносномаи миллии хеш ҳифз намуданд ва мунтазири фурсате буданд, то якпорчагии сиёсиву ҷуғрофии рӯзгори гузаштаро дигарбора зинда кунанд. Чунин буд, ки бо гузашти панҷ садсола аз эҷоди «Шоҳнома» Сафавиён якпорчагии сиёсиро ба Эрон бозгардониданд.

Ҳувияти мардуми эронинажодро дар «Шоҳнома ҳеҷ гуна наметавон таҳқире бар дигар қавму миллатҳо донист. Он ҳувиятест, ки рӯйи бунёдҳои фикрӣ, маънавӣ ва ахлоқӣ устувор истодааст. Гароиши миллиеро, ки «Шоҳнома» талқин медорад, нажодпарастӣ гуфтан хатои бузург аст. Боз ҳам Хатибӣ менависад: «Агар девони Ҳофиз нохудогоҳ ҷамъии эрониёнро боз метобонад, «Шоҳнома» худогоҳии ҷамъии эрониён аст» [1, с.11].

Ҳувияти ақвоми эронинажод аз чанд авомили иҷтимоиву сиёсӣ, ҷуғрофӣ ва ҳаводису зуҳуроти талху ширине, ки эшон дар паҳнои таърих паси сар намудаанд, ба ҳам омадааст. «Шоҳнома» ҳамон суруди меҳру достони пурфарозу нишеби эронитаборон аст саршор аз хубиҳову бадиҳо, пирӯзиҳову шикастҳо ва Фирдавсӣ озодамардест, ки ривояти содиқонаи

ин достони пурмоҷароро ба зимма гирифтааст. Фирдавсӣ мекӯшад, то ҳувияти миллиро аз жарфнои тамаддун, таърих ва рафтору кирдори мардум дарёфт намуда, онро дар бархӯрд бо фарҳангу тамаддунҳои дигар баҳогузорӣ кунад. Маҳз чунин чашмандози дақиқи хирадмандона боис мешавад, ки хонанда тавассути достонҳои «Шоҳнома» на танҳо ба дарки ҳувияти миллӣ ва меъёрҳои фарқкунандаи он мерасад, балки ба ҳувиятҳои ақвоми ғайриэроние чун тӯрониён, чиниён, ҳиндуҳо, туркон, рӯмиён, тозиён ва қавмҳои дигаре ошноӣ пайдо мекунад.

Ба равиши кори Фирдавсӣ дар заминаи ҳувиятшиносӣ метавон аз чанд паҳлу назар кард:

1. Фирдавсӣ зиндагӣ ва рӯзгори эрониёнро бо паҳлуҳои мусбату манфии он, ки сабаби вокунишҳои мутафовут гардидаанд, тасвир менамояд. Ба гунаи мисол, Ҷамшед, ки соҳиби шукӯҳу мақоми волост, ба ҷурми худхоҳӣ асир ва нобуд карда мешавад. Рустам ва Сӯҳробро ба иллати бешӣҷӯйӣ ва тамаъ маломат мекунад. Ковуси ҷаҳонкушойро девона мехонад. Тӯсро барои худхоҳӣ ва кинаварзиаш сарзаниш менамояд. Фирдавсӣ чун устоди сахтгир ва довари якрӯ айбҳои ҳама паҳлавонону сарафрозонро бепарда баён мекунад, то дигаронро ибрат бошад. Ҳамзамон шоир мардуми одии покизарӯзгор ва заҳматпешаро низ амсоли машкобҳо, духтарони ҳунарманди рустоӣ, занону мардони хонадору накукор ёдовар мешавад ва бо чунин далелҳо метавон гуфт, ки дар ҳеҷ китобе ҷуз «Шоҳнома» ҳусну айби эронӣ дар канори ҳам ба тамошо гузошта нашудааст.

2. Ҳамон тавре ки Фирдавсӣ дар нишон додани хулқиёти ҳамватанони худ додгару боинсоф аст, ҳангоми тасвири рафтори душманону бегонагон низ якрӯст ва тарозӯи адлу инсофро аз даст намегузорад. Фирдавсӣ бегонаро душман намешуморад ва пиндору гуфтору рафтори онҳоро асоси ташхиси дӯстӣ ва душмании эшон бо эрониён медонад. Фирдавсӣ ҳеҷ гоҳе тавонмандӣ ва рафторҳои неки инсонии душманонро рад накардааст. Ба гунаи мисол, ӯ аз забони Зол хислатҳои неки бузургтарин душмани Эрон - Афросиёбро чунин бозгӯ мекунад:

Ки он турк дар ҷанг фарраждаҳост,
Дамоҳанҷу дар кина абри балост.
Дирафшаш сиёҳ асту хафтон сиёҳ,
Аз оҳан-ш соид, аз оҳан кулоҳ.
Аз ӯ хештанро нигаҳ дор сахт,
Ки марде далер асту бедорбахт.
Ба пеши сипоҳ омад Афросиёб,
Чу киштӣ, ки мавҷаш барорад аз об.
Шавад кӯҳи оҳан чу дарёи об,
Агар бишнавад номи Афросиёб [2, с.79].

Фирдавсӣ сипаҳдори Афросиёб – Пиронро низ дар чанд мавриде меситояд:

Бад-ӯ гуфт Рустам, ки номам маҷӯй,
Зи ман ҳар чӣ дидӣ, бад-эшон магӯй.
Зи Пирон маро дил бисӯзад ҳаме,
Дил аз меҳри ӯ барфурӯзад ҳаме.
Зи хуни Сиёвуш ҷуз ӯ хаста нест,
Ба Тӯрон чун ӯ роду оҳиста нест [2, с.253].

3. Фирдавсӣ ҳеҷ яке аз қаҳрамонони эронӣ ё ғайриэрониро аз воқеият дур тасвир накардааст ва зираконаю воқеъбинона вежагиҳои рафтори онҳоро матраҳ менамояд.

4. Фирдавсӣ Эронро як сарзамини ҷуғрофӣ намедонад, балки Эрон барояш як фарҳанг, як маънавият ва як суннати шинохташудаи бадеҳист. Аз ин рӯ, мекӯшад, то китобашро ба нимоди ин фарҳанг табдил кунад.

Доктор Мансури Растагори Фасоӣ дар ин маврид навиштааст: «Ӯ зиндагии миллати Эрон ва таърих, ифтихорот, суннатҳои дилбастанӣ ва имтиёзоти рафториву ахлоқии мардуми онро бозгӯ мекунад ва офатҳои ғурур, худбинӣ, фиреб, истибдод, ҳавасбозӣ ва гумроҳиҳои фардиву иҷтимоиро бармешуморад ва дар тафаккуроту таомулоти фалсафии худ… ироа медиҳад…» [3, с.21].

Фирдавсӣ даҳ хислати бад - тамаъ, хашм, рашк, нанг, кин, наммомӣ ва дурӯйӣ, нопокдинӣ, носипосӣ, хиссат ва гуноҳро дар муқобили арзишҳои эронӣ медонад ва даҳ хислатро дар баробари онҳо қарор медиҳад, ки иборатанд аз яздонпарастӣ, некӣ ва некишиносӣ, хушхӯйӣ, хирадмандӣ, умедворӣ, шодӣ, қаноъат ва хор доштани дирам ва мол ва парҳезу озарму шарм.

Фирдавсӣ эрониро озод ва Эронро гаҳвораи озодӣ ва озодагӣ медонад. Пайваста ба ин, дар «Шоҳнома» сифати «озода» ба маънои эронӣ дар баробари турку тӯронӣ, румӣ ё аносири ғайриэронӣ қарор мегирад ва озодагӣ меъёри асосии шинохти арзишҳои мардуми эронинажод маҳсуб мешавад.

Зи модар ҳама маргро зодаем,
Гар эдун, ки туркем ар озодаем [2, с.199].

Эроншаҳр сарзамини озодагон аст ва озодагон чунин муаррифӣ мешаванд: озодагон паҳлавононад, меҳзодагонанд, ҷавонмарду хирадмандand, сухангӯву бодонишанд, поку бошарму боҳаёянд, якдилу яксухананд, танҳо худойро бандагӣ мекунанд, ҷавонмардони беиддао ҳастанд, беозоранд, некусуханонанд, родмардонанд, ба мардӣ мерасанд, паймоншикан нестанд, ҷодӯӣ намепазиранд, озодагиро хилофи бандагӣ медонанд, коҳил, хунрезу бераҳм нестанд ва хирадмандӣ барояшон мояи озодагист.

Ба ин сурат қобили зикр аст, ки эронитаборон бузургтарин фарҳангофаринони ҷаҳонанд ва ҳувияти равшану расое доранд. Андешамандӣ ва рафтори неки эшон шинохта шуда, мавриди қабулу таҳсин қарор гирифтааст. Бузургтарин ва ифтихормандтарин шоири порсизабонони олам Фирдавсӣ кӯшидааст, то ҳувияти ақвоми эронитаборро, ки фаровардае аз авомили иҷтимоӣ, сиёсӣ, ҷуғрофӣ ва ҳаводиси талху гуворои таърих ба шумор меравад, ҳакимона ба намоиш бигзорад. Ҷойи ифтихор ва ғурур аст, ки мо тоҷикон низ дар шумори меросхӯрони ин фарҳанг ва соҳибони ин ҳувият қарор дорем ва масъулем, ки ин ҳувиятро ҳифзу посдорӣ намоем.

А Д А Б И Ё Т

1. Хатибӣ Абӯлфазл. Хабарномаи фарҳангистони забон ва адабиёти форсӣ. - 1384. - № 106. - 20 с.
2. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома: матни комил; тасҳеҳи Жӯл Мӯл. - Теҳрон: Беҳзод, 1375. - 824 с.
3. Мансури Растагори Фасоӣ. Фирдавсӣ ва ҳувийятшиносии ironӣ. - Теҳрон, 1381. - 406 с.
4. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома. Дар 9 ҷ. - Душанбе: Ирфон, 1987-1991.

ХЕШТАНШИНОСИИ МИЛЛӢ ДАР «ШОҲНОМА»-И ФИРДАВСӢ

Дар мақола муаллиф дар бораи ҳувиятпазирии ақвоми эронинажод, ки дар заминаи омилҳои муҳимми ҳувиятзо ва ҳувиятафзо ба миён омадааст, андеша меронад. Иродаи мустаҳкам, муҳаббат ба Офаридгору зиндагӣ, талош ба сӯйи касбу ҳифзи дониш ва эҳсоси шукронаву шодиофарии мардуми оритабор сабаб гардид, ки онҳо дар масири рӯзгор бо мушкилоти фаровоне дар набард шуда, саранҷом пирӯзӣ ба даст оварданд. Ҳамзамон ҳувияту асолати миллии хешро нигоҳ доштанд. Ин саҳна дар «Шоҳнома»-и безаволи Фирдавсӣ гувоҳи ҳол ва далели раднопазири гуфтаҳои муаллифанд. «Шоҳнома» рамзи бақои миллатест, ки дар аъмоқи таърих решаҳои устуворе дорад. Чун сарзамини Эрон борҳо аз сӯйи бегонагон фатҳ гардида, зери сумҳои аспони лашкариён поймол шуда буд, гумон мерафт, ки ҳама умедҳо барбод рафтаанд ва эронитаборон дигар садое нахоҳанд дошт. Вале муҳаббати ватандорӣ ва меҳри беандоза ба оину марзу буми хеш эшонро чунон ба ҳам пайванд медод, ки тавонистанд дигарбора аз миёни талҳои хокистар сар боло кунанд. «Шоҳнома» сарчашмаи хеле гаронмояи мероси муштараки мардуми эронинажод аст, ки тулӯи ҳувияти миллиро дар он аз ҷаҳони устураҳо ва ҳамосаҳо то замони фармонравоёни вопасини сосонӣ ошкоро метавон боз ҷуст. Фирдавсӣ бегумон дар эҳёи забони форсӣ, ки яке аз рукнҳои ҳувияти миллӣ маҳсуб мешавад, нақши муассире доштааст ва муҳтавои «Шоҳнома» вежагиҳое дорад, ки сабаби ҳамешагӣ ва пойдориву устувории ҳувияти миллӣ гаштаанд.

Калидвожаҳо: ҳувият, миллат, «Шоҳнома», эронитаборон, фарҳанг, Ватан, ном, шодӣ, дод, хирад.

«ШАХНАМЕ» ФИРДОУСИ И НАЦИОНАЛЬНЫЙ МЕНТАЛИТЕТ

Автор данной статьи приходит к заключению, что менталитет ираноязичных народов в «Шахнаме», который сформулировался на основе многих факторов, в том числе политических социальных и географических, способствовал возрождению целого народа. Автор отмечает, что сильный дух, любовь к Создателю жизни, стремление к богопознанию, приобретению знаний, справедливости и жизнерадостному настрою помогли ираноязычным народам возродиться из пепла погасших отцовских костров, сохранить свою культуру и ментальность сквозь века вопреки всему, что приготовила им судьба. Останавливаясь на подробном анализе времён создания «Шахнаме», автор статьи высказывает мысль, что «Шахнаме» великого Фирдоуси имеет своё историческое место в процессе возрождения иранского народа и его культуры. Менталитет иран - ского народа, о котором говорит Фирдоуси в своём «Шахнаме», подчёрнивая его устойчивость, основавшуюся на мыслительных, духовных и воспитательных основах, никак нельзя считать оскорблением других народов и национальностей. Подчёркивая то, что на великий труд Фирдоуси на основе познания менталитета следует смотреть с разных сторон , автор подробно и досконально называет все эти стороны и их значимость в истории возрождения и единства иранского народа.

Ключевые слова: менталитет, национальность «Шахнаме», иранцы, культура, Родина, имя, радость, справедливость, знания.

"SHAHNAMEH" FIRDAVSI AND NATIONAL MENTALITY

The author of this article reflects and draws conclusions about the mentality of the Iranian – speaking peoples in « Shohnoma» which was formulated on the basis of many mental factors including the practical, social and geographical which promoted the reviving of the entire people. The author notes that a strong spirit of love for the creator of aspirations for the knowledge of God to acquire knowledge of justice and cheerful mood helped Iranian speaking people to be reborn from the ashes of the extinguishing fathers fires to wear and keep it's culture and mentality through the ages in spite of everything that has prepared for them. Dwelling on a detailed analysis of the creation of « Shohnoma» the author of the article expresses the idea that « Shohnoma» of the great Firdavsi has it's historical place in the process of reviving of the Iranian people and their culture. The mentality of the Iranian people which says Firdavsi in his « Shohnoma» emphasizing it's sustainability based on mental , spiritual and educational constructions, can' t be considered an insult to other peoples and nationalities. Emphasizing that the work of Firdavsi on the basis of cognition of mentality should be viewed from all sides the author thoroughly names all these parties and their importance in the history of revival and unity of Iranian people.

Key words: mentality, nationality, «Shohnoma», Iranians culture, Home- land, joy, name , justice, knowledge.

Сведения об авторе: ***Амонова М.Н.*** - Таджикский институт предпринимательства и сервиса, кандидат филологических наук, доцент кафедры культурологии и языков. **Адрес:** 734055, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Борбад 48/5. Тел.: **(+992) 919-13-29-33**

Information about the author: ***Amonova M.N.*** - Tajik Institute of Business and Services, Candidate of Philology, Associate Professor of the Department of Cultural Science and Languages. **Address:** 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Borbad Ave. 48/5. Tel.: **(+992) 919-13-29-33**

УДК:891.550:82

ХУСУСИЯТҲОИ БАДЕӢ ВА УСЛУБИИ ОСОРИ АДАБИИ МИРЗО ҚАДАМ

Мирзорахматова Г.
Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон

Ҳар як асари бадеӣ, хоҳ хурд аст, хоҳ бузург, тавассути забон баён карда шуда, рӯйи коғаз меояд. Суханвар ва эҷодкор вобаста ба мавзӯи интихобкардааш дар мавриди мухталиф дар истифодаи забон як сон наметавонад буд. Забони истифода дар хонавода ё идора, таърихнигорӣ, достонсароӣ, андарзномагӯӣ дигар мебошаду олами ишқу шӯру шанги он, масаррату сӯгномаҳо, илму ҳикмат ва ғ. равиши дигари баён дорад. Дар ин мавриди, вобаста ба адабиёти беш аз ҳазорсолаи тоҷику форс, табиату ҳолати суханварӣ дар қисса ва қиссанависӣ аз он ҳама дорои тафовути худ мебошад. Ба ин маънӣ агар ба «Чор дарвеш», «Калила ва Димна», «Тӯтинома», «Ҷомеъ-ул-ҳикоёт», «Саргузашти Ҳотами Той», «Искандарнома», «Самаки Айёр», «Амир Ҳамза», «Қасас-ул-анбиё»-и мансур ва забони баёни онҳо таваҷҷуҳи амиқ равад, андешаи пешгузошта худ ба худ равшан мегардад. Дигар ин ки забони навишта шудани ин даста асарҳо ба замони навишта шудани онҳо ва макони навишта шудани онҳо низ сахт марбут аст, ки инро бояд нодида нагирифт.

Агар аз ҳамин нигоҳ ба осори адабии Мирзо Қадам, ки ба мо мондааст, таваҷҷуҳ намоем, мебинем, ки забони осори ӯ равону сода буда, ба доираи васеи хонандагон нигаронида шудааст. Забони ашъори ӯ дар муқоиса бо забони осори манзуми шоирони пеш аз ӯ гузашта ва ҳатто баъзе ҳамзамононаш, ки дар марказҳои фарҳангии он замон, монанди Самарқанду Бухоро ва атрофу акнофи ин ду маркази тавонои адабӣ кору фаъолияти эҷодӣ доштанду калимаву ибораҳои арабӣ ва сабки душворисанҷи Бедилиро бештар истифода мекарданд, равону оммафаҳм аст. Бояд таъкид намуд, ки ин тасодуфӣ нест. Дар ҳавзаи адабии Бадахшон ва Хатлони замони Мирзо Қадам, минҷумла ҳавзаи адабии Роғ, ки аксар мардум аз омӯзишу дониш дур буданду барои умум шароити мусоиди фарогирии таълим набуд, бо забони фаҳмо навишта диққати ҳамнавъонро бо масоили зиёди зиндагии рӯз ҷалб намудан аз масъулиятшиносии адибон дар назди ҷомеа маҳсуб меёфт. Хусусияти дигари забонии осори манзуми Мирзо Қадам, бахусус «Қасас-ул-анбиё»-и ӯро дар он мебинем, ки дар муқоиса бо шоирони маҳаллии Роғи Хатлон ва Бухорои Шарқӣ ва дар истифода аз забони гуфтугӯии мардуми паҳлу ба паҳлуяш қадам задаву ҳаёт ба сар мебурда, ҳатталамикон, самаранок истифода намуда будааст.

Вале бо ин гуфта наметавонем, ки Мирзо Қадам дар осораш танҳо мафтуни забони лаҳҷавӣ шуда буду аз имкониятҳои мавҷудаи забони адабии тоҷику форс истифода накардааст. Дар навиштаҳои ин адаби ҳавзаи адабии Роғи Хатлон ҳам забони асили садсолаҳо ба адабиёту фарҳангамон хидматнамудаи адабӣ, ҳам шеваи шевои маҳаллӣ тавъам омадаанд. Искандар Икромов ба ин паҳлуи эҷодиёти Мирзо Қадам низ аҳаммияти вижа дода, навишта буд, ки «Забони ашъори Мирзо Қадам сода ва равон буда, дар каломи ӯ таъбиру ибораҳо, зарбулмасалу мақолҳои халқӣ фаровон истифода шудаанд. Ҳатто баъзе шеърҳояш ба лаҳҷаи роғӣ суруда шуда, аксарияти ғазалҳои Мирзо Қадам бо мусиқӣ ҷӯранд» [2, с.27].

Новобаста ба он ки мероси манзум, бахусус ашъори лирикии Мирзо Қадам ва «Қасас-ул-анбиё»-и манзуми ӯ то замони мо ба пуррагӣ омада нарасидаанд, аз рӯйи ин ашъори парешон дар бораи дараҷаи офаридаҳояш ва хусусиятҳои бадеии онҳо, дар бораи осори манзуми ӯ метавон баъзе андешаҳо баён намуда, мақому мавқеи шоирро дар равияи умумии шеъри он замон муайян кард.

Дар лирикаи шоир, махсусан ғазалиёту маснавиҳои хурди ӯ мо ду услубу равияро мушоҳида намудем. Роҳу равиши аввал ин мебошад, ки Мирзо Қадам кӯшиш намуда, ки ба суханварони пешини адабиётамон пайравӣ намояд. Намунаи баланди инро мо дар пайравии Мирзо Қадам бар осори нобу бегазанди Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ мебинем. Хоҷа Ҳофиз ғазали кӯтоҳе дорад аз 5 байт, ки матнаш ин аст:

Гул бе рухи ёр хуш набошад,
Бе бода баҳор хуш набошад.
Тарфи чаману тавофи бустон
Бе лолаузор хуш набошад.
Рақсидани сарву ҳолати гул
Бе савти ҳазор хуш набошад.
Ҳар нақше, ки дасти ақл бандад,
Ҷуз нақши нигор хуш набошад.
Ҷон нақди муҳаққар аст, Ҳофиз,
Аз баҳри нисор хуш набошад. [3, с. 213]

Мирзо Қадам ба ин ғазал дар ҳаҷми 14 байт ҷавобия гуфтааст, ки барои муқоиса ин ҷо овардани онро салоҳ медонем:

Онро, ки нигор хуш набошад, Биншаста қарор хуш набошад.
Олам ҳама ёр, хуш набошад. Бе назру ниёзу чашми гирён
Гар даст диҳад ҳазор давлат, Рафтан ба мазор хуш набошад.
Бе суҳбати ёр хуш набошад. Бе ҷамъи дилу ҳаловати тан
Маҷнун, ба ҳазор боғу бӯстон Сӯфӣ ба хумор хуш набошад.
Бе Лайлӣ гузор хуш набошад. Дар ҳолати ғам садои ханда
Он кас, ки сафар ба пеш дорад. Дар гӯши ғамдор хуш набошад.
Шаб хоби хумор хуш набошад. Бо аҳли тамиз хурок хӯрдан
Бо коргарон расид хуршед, Дар рӯз ду бор хуш набошад
Рафтан бари кор хуш набошад. Бе зину лаҷому тозиёна,
Хуршед сафедрӯй бошад, Бар асп савор хуш набошад.
Пирона ба кор хуш набошад. Ҳар байти Қадам бувад насиҳат
Кас қодири касбу кор бошад, Рав, гӯш надор, хуш набошад! [2, с.56]

Қофияи ғазали Хоҷа Ҳофиз «ёр», «баҳор», «лолаузор», «ҳазор», «нигор» ва «нисор»-анд ва дар он такрори қофияро намебинем. Дар ғазали Мирзо Қадам, калимаҳои «нигор», «ёр», «ёр», «гузор», «хумор», «кор», «кор», «қарор», «мазор», «хумор», «ғамдор», «бор», «савор» ва «надор» ҳамқофия шуда омадаанд. Дар ғазали пайвастшуда ду бор «ёр» ва «кор» ба сифати қофия истифода шудаанд. Ин ба он хотир, ки дар ғазали баъд аз асри XV такрор омадани қофия ҳусни ғазалро чандон намекост ва Мирзо Қадам аз ҳамин нигоҳ ба такрори қофия роҳ додааст. Ҳар ду ғазал ҳамвазн буда, радифашон «хуш набошад» ба муҳтавои онҳо оҳанги таъкидии бамаврид бахшидааст.

Дар ниҳоди ғазали Ҳофизи лисонулғайб, ки дар назари аввал ошиқона менамояд, оҳанги орифона нуҳуфтааст. Муҳиб бе маҳбуб, яъне «гул бе рухи ёр» ва «баҳор бе бода», яъне сархушӣ ба ҳеҷ ваҷҳ хуш нест ва ҳар чӣ ақл дар тасаввури худ мебофад, ҳамоно нақши нигорест, ки ошиқ гирифтораш аст. Ва дар фароварди ғазали Хоҷа Ҳофиз, яъне дар ниҳоди мақтаи он ҳамон саҳна нуҳуфтааст, ки **чон** пойи малах асту **муҳиб** мӯр ва **маҳбуб** Сулаймон (а) бошад. Ҳунари рони малахе бурдан саҳл аст, валекин ҳунар аст аз мӯр.

Дар ин маврид ғазали Мирзо Қадам тӯлонӣ буда, агар дар оғоз оҳанги ишқӣ, бешубҳа ишқи ирфонӣ дошта бошад [байтҳои 1,2,3], дар байтҳои минбаъда он оҳанги иҷтимоиро касб кардааст, ки ҳоҷат ба тафсил нест. Дар мақтаъи ғазал Мирзо Қадам таъкид менамояд, ки ҳар чӣ ӯ барои ҳамнавъон гуфтааст, насиҳат мебошад ва оне, ки гӯши насиҳатшунав надорад метавонад ба он эътибор надиҳад. Ҳамин муқобилаву муқоисаи нопурра баёнгари он аст, ки мо метавонем маҳорати шоирии Мирзо Қадамро дар пайравӣ аз гузаштагони ғазалсаро мусбӣ арзёбӣ намоем. Ҳамин аст, ки бе ба ҳисоб гирифтани мактаби ғазалсароёни гузашта амри муҳол аст, ки ба ҳунари ғазалсароии Мирзо Қадам ибрози андеша намоем.

Равияи дувум дар ғазалиёти шоир, ин услубу равияи ба худаш хос дар гуфтани ғазал мебошад, ки он бештар ба муҳтавои осори лирикии ӯ такя мекунад. Ин ҳам бошад ба мавзӯъҳои иҷтимоӣ ва динӣ даст задани Мирзо Қадам мебошад ва тавре дар боби гузашта дида шуд, бо ҷанбаи назарраси таълимӣ ва тарбиявӣ-ахлоқӣ бар манфиати ҷомеаи замон. Ин оҳангҳо, агарчи дар осори лирикии шоирони пеш аз Мирзо Қадам зиёд дида мешаванд, дар назми ӯ ба тарзи хоссаву ҷудогонае зоҳир гаштаанд. Бахусус ба дини мубини ислом ва аркони он таваҷҷуҳ кардани шоир, дар ин роҳ собитқадам буданро ташвиқ намудани ӯ, дар намозу рӯзаю тоату ибодат покиза нигоҳ доштани тану ҷонро батаъкид гӯшрас намуданаш ба аҳли ислом алайҳи касифиҳо ва ғайра худ ба худ услуби хосси нигориши суханварро нишон медиҳанд.

Мирзо Қадам вақте ба майдони адабиёт омаду ба эҷоди бадеӣ, гуфтани ашъори лирикӣ ва ба назм даровардани «Қасас-ул-анбиё», оғоз намуд, ки дар адабиёти ғановатманди мо то ӯ «… кайҳо формулаҳои собити услубӣ, системаи образҳо, рамзҳои бадеӣ, воситаҳои тасвиру баён, аз ҷумла тавсиф, ташбеҳ, истиора, муболиға, киноя, талмеҳ, маҷоз ва ғайра дар шакли анъана идома дошт» [5, с.114]. Бояд гуфт, ки ӯ аз ин анъанаи камолёфта дар канор набуд ва аз чаҳор унсури шеър: мазмун, сухан, санъат ва тахайюл қадри имкон истифода намудааст [4, с.35-47]. Аз ин рӯ, Мирзо Қадам дар тамоми осори манзумаш ҳамчун давомдиҳандаи анъанаҳои беҳтарини шоирони пешин баромад карда, асосан аз печидагии сухан, муғлақбаёнӣ ва ороишҳои сунъӣ дар каломи бадеӣ худдорӣ намудааст. Баёни содаву равони ӯ ба умум нигаронида шудааст. Ҳамин аст, ки вай кӯшиш намуда, ки сухани манзуми худро аз воқеияти зиндагӣ гирифта, ба фаҳму идроки ниёзмандони ашъораш равона намояд.

Дар бобу фаслҳои гузашта иброз гардид, ки Мирзо Қадам, бо он ки дар ашъораш костагиҳои вазнию қавофӣ ба мушоҳида мерасанд, ба маънои томаш шоир аст. Ин андеша аз он бармеояд, ки дар шеъри вай метавон барои офаридани маънӣ бо воситаҳои зиёди тасвири бадеӣ дучор омад.

Мирзо Қадам дар тамоми осори манзуми худ, пеш аз ҳама, ба санъати бадеии тавсиф рӯ овардааст, зеро ин санъат «аз аввалин, содатарин ва анъанавитарин тариқи гӯйиш дар шеъри форсии тоҷикӣ» [5, с.150] дониста шудааст. Бале, дар адабиёти китобию шифоҳии мардуми форсигӯй ин воситаи баён барвақт дар шеър мақоми шоиста дошта, ба сифати яке аз усулҳои суннатӣ идома дорад. Тавсифро мо бештар дар «Қасас-ул-анбиё»-и манзуми Мирзо Қадам мебинем. Масалан, ин саҳнаи дар ойина худро дида мағрур гардидани Юсуф (а) тавсиф аст:

Аҳли дониш карданд инро баён, Ҳусну латофати вай буд ончунон,
Сабаби бандагии Юсуф аз он, Ҳар таомеро, ки мехӯрдӣ ҳамон,
Буд он рӯзе, ки андар ойина, Дар гулӯи нозукаш менамоид,
Сурати худро бикард муоина. Он таомро буд ҳар лавне падид.
Гуфт бо худ: - Ман, ки мебудам ғулом, Дид дар ойина ҳусни рӯи худ,
Қиматамро кас надонистӣ тамом. Шуд мағрури ҷамоли рӯи худ [3, с.155]

Дар мисоли зер аввал диққат ба лабони пуршаҳди дилбар, сипас ба дандонҳои дурру гавҳар, сониян ба рухсораҳои тар ва ниҳоят ба чашмони хумории маъшуқа равона шудааст:

Лабони шаҳду шаккарат, дандонҳои гавҳарат,
Рухсори садбарги тарат, чашмони пурхуммор ку? [2, с.94].

Дар ин ҷо ба воситаи тавсиф симои зоҳирӣ офарида шудааст ва шоир ба ин васила муносибати субъективонаи худро нисбат ба маъшуқа ифода кардааст. Дар ин маврид набояд чунин пиндошт, ки тавсиф муайянкунандаи мантиқӣ нест, гап дар он аст, ки «тавсиф ҳам дорои фикр мебошад, вале дараҷаи аввали эстетикӣ» [6, с. 154] ба шумор меравад.

Илова бар санъати тавсиф дар осори Мирзо Қадам бо санъатҳои бадеии ташбеҳ, истиора, муболиға, такрор, киноя, талмеҳ, саволу ҷавоб, таҷнис ва ғайра дучор меоем, ки кам ҳам бошанд, хотирмону гӯшнавозанд.

Бояд гуфт, ки дар ашъори Мирзо Қадам, хосса дар «Қасас-ул-анбиё»-и манзуми ӯ санъати ташбеҳ вобаста ба равиши қисса зиёд истифода гардидааст. Масалан, дар «Девон»-и ӯ мехонем:

Одамӣ бошад ниҳолу илм ҳамчун ҷӯи об,
Хуш ниҳоле, ки бувад андар лаби ҷӯяш гузар [2, с.76].

Дар ин мисол одамӣ ба «ниҳол» ва илм ба «ҷӯйи об», ки ниҳол ба об ҳамеша ниёз дорад, ташбеҳ шудааст. Ҳанӯз дар қарни XIII Рашиди Ватвот дар шарҳи мавҳуми ташбеҳ ин тавр менависад: «Ин санъат чунин бувад, ки дабир ё шоир чизе ба чизе монанд кунад дар сифате аз сифот ва аҳли луғат он чизро, ки монанд кунанд, мушаббаҳ хонанд ва онро, ки бад-ӯ монанда кунанд, мушаббаҳбиҳӣ» [3, с.171] ва ин ҳар ду талаботро дар мисоли болоӣ метавон дарёфт. Мисоли дигар барои ташбеҳ:

Он қаду қомати хушат, мӯҳои мушки ғулғулат,
Зулфи сиёҳи сунбулат бо рухи гулузор ку? [2, с.94].

Намуна аз «Қасас-ул-анбиё»-и манзум:

Бас кушода шуд дарҳои само,
Оби гарме борида то шаш мо (ҳ),
Ҳамчу **ёли асп** буд **бориданаш,**
Баъзе қавл **шошии аспе рехтанаш** [3, с.41].

Дар ин мисол боридани шадиди борон, ки донаҳояш ниҳоят зич будааст, ба ёли асп ё шошии асп монанд карда шудааст. Дар ин ҷо «ҳамчу» ёрдамдиҳандаи ташбеҳ аст.

Мирзо Қадам дар ашъораш санъати такрорро зиёд истифода кардааст. Мисол:

Гуфт: - Эй модар, Худоят кӣ бувад?
Гуфт: - Озар, ки нафақа медиҳад.
Гуфт: - Озарро Худояш кӣ бувад?
Гуфт: - Намруд Худояш мебувад.
Гуфт: - Намрудро Худояш кӣ бувад,
Гуфт: - Кавокиб дар самояш мебувад?... [3, с.66].

Дар ин мисол «гуфт» ба такрор омада санъати такрорро сохтааст. Зиёда аз ин, дар ин мисол санъати шеърии саволу ҷавоб низ бомаҳорат истифода шудааст.

Мисоле барои санъати киноя:

Эмин машав зи фитнаи ин **золи бевафо**,
Рӯзе ҳазор шавҳари дилҳо-ш медиҳанд [2, с.54].

Дар ин ҷо «золи бевафо» киноя аз дунё мебошад.

Аз санъатҳои бадеии зиёде, ки Мирзо Қадам дар осораш мавриди истифода қарор додааст, санъати талмеҳ мебошад. Роҷеъ ба ин санъати бадеӣ гузаштагону имрӯзиёни суханшинос андешаҳои ҷолиб доранд ва он ҳама ба андешаи хулосавии адабиётшинос Ансор Афсаҳов ин аст, ки «талмеҳ, ин назар андохтан, нигоҳи сабук кардан ба сӯйи чизе, як навъ санъати бадеист, ки зимни он шоир ба воқеаҳои таърихӣ, асотирӣ, қиссаву афсонаҳо ишора менамояд» [3, с.165]. Талмеҳоти истифодакардаи ин шоир аз нигоҳи

мавзӯъ ва мундариҷа гуногун буда, дар маҷмӯъ аз мавзӯъҳои ишқӣ, қиссаҳои қадимии Машриқзамин, ҳаводиси сипаришудаи таърихӣ, аҳодиси набавӣ, саргузашти подшоҳон, қиссаҳои ошиқонаи динӣ, саргузашту лаҳзаҳои хотирмону ҳикматомези пайғамбарон, асотири Арабу Аҷам ва ғайра иборат мебошанд. Бояд гуфт, ки бештари ин талмеҳҳо дар «Девон»-и шоир ҷой доранд.

Масалан:

Туҳмати ноҳақ **Зулайхо** кард **Юсуф**ро ба худ,
Пеши он **Азизи Миср** аз дасти шайтони лаъин [2, с.83].

Дар ин ҷо аз ишқи Зулайхо ба Юсуфи Канъон, ба фош шудани ишқи Зулайхо бар Юсуф назди шавҳараш Азизи Миср ёд шудааст.

Мирзо Қадам дар талмеҳи зер ёде аз Айюб (а) мекунад:

Ҳазрати **Айюб** гуфто дар ҷавоб,
Ки шаҳид мурданд дар роҳи савоб [2, с.144].

Талмеҳи номи Мӯсо (а):

Гуфт **Мӯсо,** ки панаҳ мегирам,
Ба Худое, ки бувад дастгирам [2, с.158].

Талмеҳи номи Довуд (а):

Ҳазрати **Довуд** дар он ҷамъ хушхонӣ кунад,
Мерасад савташ, куҷое, ки бувад аҳли савоб [2, с.40].

Талмеҳи номи Маҷнун:

Ошиқию ҷонгудозиҳо зи булбул ёд гир,
Ё чу **Маҷнун** рав, ба саҳрою биёбон ҷой гир [2, с.47].

Талмеҳи номи Лайлию Маҷнун:

Маҷнун, ба ҳазор боғу бӯстон
Бе **Лайлӣ** гузор хуш набошад [2, с.56].

Талмеҳи номи Сулаймон (а):

Аз **Сулаймон** рафт шоҳӣ чанду вақти чокарӣ
Кард бо моҳикашӣ аз дасти шайтони лаъин [2, с.83].

Талмеҳи номи Афлотун:

Ба дунё умр агар дорӣ, ба султонию сардорӣ,
Сад **Афлотун** ҳунар дорӣ, бидон охир ҳама бекор [2, с.91].

Мирзо Қадам, ки дур аз марказҳои бошукӯҳи фарҳангии замон ба камоли суханварӣ расида буд, дар ашъораш, ҳам дар «Девон» ва ҳам дар «Қасас-ул-анбиё»-и манзуми худ, аз калимаю таркибу ибораҳои мардуми маҳаллӣ ва зарбулмасалу мақолаҳо озодона истифода намудааст, ки ин ҷиҳати дигари услуби баёни ӯ дониста мешавад. Вай дар ин маврид бештар ба услуби нигориши шоирони ҳавзаи адабии Роғи Хатлон такя намуда будааст. Вақте ба эҷодиёти шоир таваҷҷуҳи комил равад, мебинем, ки вай аз ин таъбиру ибораҳо барои пурқувват намудани абёти ҷудогона ва гузашта аз ин, бо мақсади нишон додани маҳорат кор гирифтааст.

Дарвоқеъ, Мирзо Қадам дар шеър аз шеваи гуфтугӯи роғиён, аз таъбиру мақолҳои халқӣ хеле хуб истифода бурда тавонистааст. Зарбулмасалу мақолҳое, ки шоир дар эҷодиёташ мавриди истифода қарор додааст, агарчи дар навиштаи пешиниён мавҷуданд, боз ҳам дар ин ҷо оҳангу тобиши тоза, вобаста ба мавзӯи интихобкардаи суханвари роғӣ, касб кардаанд. Барои таъйиди андеша чанд мисол меорем:

Эмин машав зи фитнаи ин **золи бевафо,**
Рӯзе ҳазор шавҳари дилхо-ш медиҳанд [2, с.54].

Мазан ҳарфе зи бебокӣ дигар дам,
Ба айби худ бибин, касро мазан санг [2, с.88].

Зоғ дар саҳни чаман сайри гулистон мекунад,
Булбули бехонумон дар гӯшае нолону зор [2, с.92].

Ҳар айб дидӣ дар ҷаҳон, аз хеш ё бегонагон,
Онро агар созӣ аён, кардан гунаҳ бошад дигар [2, с.126].

Дар «Қуръон» ин ҳукми «Таврот» бошад,
Ду хоҳар дар як никоҳ ҳаром бошад [3, с.134].

Бояд гуфт, ки истифодаи зарбулмасалу мақолҳои болоӣ, ки бо лутфу зарофати халқӣ омадаанд, барои дарки матлаби шоир корро осонтар кардаанд, ки ҳоҷат ба тафсири зиёд нест.

Суханвар барои истифода бурдан аз зарбулмасалу мақолҳои халқӣ, дар заминаи истифода аз таъбиру ибораҳои мардуми худ низ кӯшида, ки таъбиру ибораҳои тозае, монанди «ҳазормаҳзаб», «зарби таҳсин», «кӯрдида», «таби фироқ», «тири пурхун»,

«чашми гӯсфанд», «серу гурусна», «ҳарбу иқбол», «миллати покон», «хуршеди фитна» ва ғайра сохта, забони баёнашро ҳар чӣ бештар ғанӣ гардонад.

Мирзо Қадам, ки худ марди тақводор буд, дар осораш аз истифодаи калимаву таркибу ибороти арабӣ ва қуръонӣ барканор набудааст. Инро метавон ҳам дар «Девон» ва ҳам дар «Қасас-ул-анбиё»-и шоир дучор омад, ки ин ҳам аз махсусиятҳои услубии эҷодиёти ӯст. Ин ҷо метавон чанд мисол овард:

Ёд кардан аз сураю ояҳои қуръонӣ:
Ливои ҳашматаш «Тоҳо» ва «Ёсин»,
«Фатаҳно» фатҳи боби шаҳрҳо кард [2, с.100].

Таркиби қуръонӣ:
Оянд фариштагону рӯҳ бо олами сабзу футӯҳ,
«Фиҳо би изни раббиҳим мин кулли амрин» хайру шар [2, с.103].

Ҷойи дигар:
Гуфт: - Бигӯед «ло илоҳа илаллоҳ»,
Бо шумоёнам Расулуллоҳ [2, с.34].

Тавре ишора шуд, дар забони осори то ба мо расидаи Мирзо Қадам унсурҳои шевагию маҳаллӣ ва хусусан таъсири лаҳҷаи мардуми Роғ, ки муаллиф намояндаи он аст, зиёд ба назар мерасад. Шоир ба ҷойи исмҳои «бародар» ва «кӯдак» калимаҳои «биёр» ва «гӯлак»-ро хеле зебо истифода кардааст:

Кори вай тарсам, ки чун кори Юсуф
Бикунед андар халқи **биёри** Юсуф [3, с.207].

Ва:
Ёд аз он рӯзе, ки будам **гӯлаки** бефикру кор,
Бехабар аз хеш будам, фориғ аз гуфтугузор [2, с.45].

Калимаи «фиристодан»-ро Мирзо Қадам «рои кардан» истифода намудааст:
Гуфт: - Ин номаҳоро навиштам,
Хостам, ки ба шумо роӣ кунам [3, с.233].

Дар байти зер калимаҳои «мерӣ» ва «балам» ба ҷойи феъли «меравӣ» ва исми «бача»-ам истеъмол гардидааст:
Рақиб гуфт, ки куҷо **мерӣ балам**
Гуфт: - Ба омӯхтани ҷоду меравам [3, с.23].

Мирзо Қадам дар бештар маврид пасоянди «-ро»-ро дар калима ба «а» иваз намуда, аз як тараф, шеваи роғӣ ва, умуман, хатлониро истифода намуда бошад, аз ҷониби дигар, гоҳо барои нигоҳ доштани вазни шеър аз лаҳҷаи мардуми вом гирифтааст:

Юсуфа ба ман бидеҳ, эй меҳрубон,
То шавам хуррам ба рӯяш ҳар замон [2, с. 140].

Ё:
Ки чаро он **марда** кардӣ зиндон,
Ки чунин аз вай диҳан (д) ба ман нишон [3, с.187].

Ва ё:
Барад ин **ҳезума** андар сарое,
Кунам пухта таъоми подшоҳӣ [3, с.258].

Бо таъсири шеваи Роғу роғиёни Хатлонзамин дар баъзе байту мисраъҳои «Қасас-ул-анбиё»-и манзум гоҳо ҳафз шудани ҳамсадоҳои «д» ва «т»-ро метавон мушоҳида намуд. Мисол:

Говҳои фарбеҳро говҳои лоғар
Хӯрдаанд, на беҳ шудаанд, на батар [4, с.185].

Дар ин байт аз калимаи «бадтар» ҳамсадои «д» афтодаю ҳифз гардида, шакли «батар»-ро гирифтааст ва инро ба ғайр аз шеваи гуфтугӯии роғиён, дар шеваҳои зиёди мардуми тоҷик метавон дарёфт.

Шоир феъли «мондааст»-ро дар шакли маҳаллии «мондак» кор фармудааст:
Аскари ислом **мондак** пеши Иброҳимбек,
Тахту бахти мамлакат охир киро мебинам [2, с.171].

Ҳамин тавр, дар нигоштаҳои Мирзо Қадам ба ҷойи «тоб хӯрдан» «тол хӯрдан», ба ҷойи **«дум» «думб»,** ба ҷойи **«гузарад» «гузара»,** ба ҷойи **«набара» «набарад»,** ба ҷойи **«бародар» «биёдар»,** ба ҷойи **«нафаромадан» «нахамбидан»** ва ғайра дар истеъмоли озоди асари манзум қарор доранд.

Мирзо Қадам дар осораш калимаҳоеро истифода намудааст ё сохтааст, ки мо онро дар ашъори шоирони пешин ва ҳамзамони ӯ дарнаёфтаем, монанди «олиҷавонмард», «покизалесӣ», «оташба», «бемурувватпеша» ва ғайра. Мисол:

Ҳар куҷо **олиҷавонмарде**, ки соҳибном буд,
Ҳамчу Анвар – подшоҳ гулгунқабо мебинам [2, с.171].

Шоир дар ба назм даровардани қиссаҳои мансур барои бовариноктар баромадани суханаш ва онро аз матнҳои мавҷуда гирифтанаш дар «Қасас-ул-анбиё»-и манзум аз калимаву таркибҳои «ровӣ», «қисса», «ривоят», «ровиён», «Қавли дигар» (барои

бовариноктар ё овардани варианти дигари он – Р.М.), «Овардаанд», «ровиёни нақл» «ҳикояти қалил» ва ғайра борҳо истифода намудааст:

Ровиён **кардан** (д) ривоят инчунин,
Аз ҳикоятҳои рӯзи пеш аз ин [3, с.199].

Вақте Мирзо Қадам қиссаи Мӯсо (а)-ро ба назм мекашид, ба худ ҷиддан таъкид менамояд, ки:

Ҳикоятҳои пешин ёд овар,
Барои ҳамнишинонат дар ин дар.
Дар ин қисса чӣ санъатҳост пайдо,
Аз он пайдоиши ҳазрати Мӯсо.
Қадам, назмаш бикун бо қадри дониш,
Ки монад ёдгоре достонаш [3, с.246]

Ин ҳам як паҳлуи хусусияти услубии эҷоди бадеии Мирзо Қадам ба шумор меравад, ки метавон аз махсусиятҳои эҷодии ӯ баршумурд.

Дар баробари нишон додани баъзе хусусиятҳои бадеию услубии осори манзуми Мирзо Қадам ҳаминро ҳам бояд кушоду равшан таъкид намуд, ки дар эҷодиёти шоир ғалатҳои вазнӣ ва нодуруст истифода гардидани ҳусни қофия ба назар мерасад. Адабиётшинос И. Икромов ин норасоиюро костагиҳоро дар истифодаи шоир аз шеваи маҳаллӣ донистааст [3, с.23, 29], ки мо ҷонибдори ин гуфта нестем. Дар ин мавриди шояд гуфт, ки Мирзо Қадам баъди эҷоди осораш, бахусус «Қасас-ул-анбиё»-и манзуми худ, онро натавониста ё фурсат даст надода, ки дубора таҷдиди назар намояд. Чанд мисол аз костагиҳои вазну қофия дар сурудаҳои Мирзо Қадам:

Дар шабонрӯз пурсандат, ки чанд ракъат намоз,
Гӯ ҷавоб, ки сиву ду ракъат бувад, эй аҳли роз [2, с.66].

Назм кардем ба номи кирдгор,
То бимонад баъди ман дар рӯзгор [2, с.156].

Қавли дигар он, ки киштӣ се табақ,
Буд ҳар ҷинс бо ҳар як табақ [3, с.40].

Исмоилро дид бузург шуда-ст,
Хоҷа гуфто, ки падарат аст [3, с.104].

Дар ҳар чаҳор мисоли овардашуда дар навбати аввал норасоии вазни шеърӣ мушоҳида гардад, дар навбати дувум дар байтҳои севум ва чаҳорум дар баробари норасоии вазнӣ ноҷӯриҳои қофия ба чашм мерасад. Чунин мисолҳо дар офаридаҳои Мирзо Қадам зиёд буда, услуби равону содаи шоирро халалдор кардаанд.

Ниҳоят, аз ошноӣ бо хусусиятҳои бадеӣ ва услубии осори адабии Мирзо Қадам бармеояд, ки вай табъи хуб ва диди хуби шоирӣ дошта, дар бештар маврид бо истифода аз унсурҳои асосии шеър ба сухан, вобаста ба мавзӯи интихобкардааш, ҳусни тоза бахшидааст. Истифода аз забони шевои мардумӣ аз махсусиятҳои услубии ашъори ӯ ба шумор меравад ва ин ҳама дар якҷоягӣ бо истифода аз зарбулмасалу мақолҳои халқӣ, калимаву таркибу ибораҳои арабӣ, истифодаи «Қуръони маҷид»ва аҳодиси набавӣ ва санъатҳои лафзию маънавии бадеӣ алфози ӯро рангину забони баёнашро ширин намудаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Раҳмонов Э.Тоҷикон дар оинаи таърих, китоби якум (аз Ориён то Сомониён) / Э. Раҳмонов. - Лондон, 1999.
2. Мирзо Қадам. Девон: мураттиб ва муаллифи сарсухан И.Икромов (Ба хатти кирилӣ баргардонанда Шерхон Ватанов). - Душанбе: Кишоварз, 2009. - 184 с.
3. Мирзо Қадам. Қасас-ул-анбиё: мураттиб ва муаллифи сарсухан И. Икромов (муҳаррир ва ба хатти кирилӣ баргардонанда Ш. Ватанов). - Душанбе: Кишоварз, 2010. - 336 с.
4. Икромов И. Мероси адабии шоирони Роғи охирҳои асри XIX ва ибтидои асри XX. Мирзо Қадам. Қасас- ул- анбиё, ҷичди дувум / И. Икромов. - Душанбе: Кишоварз, 2010. - 336 с.
5. Икромов И. Ганҷҳои нуҳуфта. Маҷмӯа / И. Икромов. - Душанбе: Кишоварз, 2006. - 105 с.
6. Румӣ Мавлоно Ҷалолиддин. Девони кабир. Дар чаҳор ҷилд. Ҷилди чаҳорум; таҳияву тадвини матн бо муқаддима ва луғоту тавзеҳоти Алии Муҳаммадии Хуросонӣ / Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ. - Душанбе: Дониш, 2009. – 588 с.
7. Маъсумӣ Носирҷон. Равнақи адабиёти тоҷик дар давраи баъд аз ҷанг ва омилҳои асосии он // Масъалаҳои адабиёти муосири тоҷик; тартибдиҳанда Ю.Бобоев. - Душанбе: Ирфон, 1970. - С.40-65.
8. Шафиев Ф. Ашур Сафар и литературная среда Куляба второй половины XX века / Ф.Шафиев // АКД. - Душанбе, 2010. - 26 с.

ХУСУСИЯТҲОИ БАДЕӢ ВА УСЛУБИИ ОСОРИ АДАБИИ МИРЗО ҚАДАМ

Мақола ба таҳқиқи хусусиятҳои бадеӣ ва услубии осори адабии Мирзо Қадам бахшида шудааст. Муаллиф ҳангоми таълифи мақола сараввал оиди равонии забони осори шоири асри Х1Х Мирзо Қадам маълумот дода, чунин гуфтааст: «Забони ашъори ӯ дар муқоиса бо забони осори манзуми шоирони пеш аз ӯ гузашта ва ҳатто баъзе ҳамзамононаш, ки дар марказҳои фарҳангии он замон, монанди Самарқанду Бухоро ва атрофу акнофи ин ду маркази тавонои адабӣ кору фаъолияти эҷодӣ доштанду калимаву ибораҳои арабӣ

ва сабки душворисанҷи Бедилиро бештар истифода мекарданд, равону оммафаҳм аст». Тавре ишора шуд, дар забони осори то ба мо расидаи Мирзо Қадам унсурҳои шевагию маҳаллӣ ва хусусан таъсири лаҳҷаи мардуми Роғ, ки муаллиф намояндаи он аст, зиёд ба назар мерасад. Инчунин, муаллиф аз осори назмии Мирзо Қадам порчаҳои бисёреро мавриди таҳлил қарор дода, хусусият бадеӣ ва услубии онҳоро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Дар охир ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки аз ошноӣ бо хусусиятҳои бадеӣ ва услубии осори адабии Мирзо Қадам бармеояд, ки вай табъи хуб ва диди хуби шоирӣ дошта, дар бештар мавриd бо истифода аз унсурҳои асосии шеър ба сухан, вобаста ба мавзӯи интихобкардааш, ҳусни тоза бахшидааст.

Калидвожаҳо: услуб, шоир, таҳқиқ, ашъор, сабк, вазн, қофия, радиф, сохт, маъно, натиҷа, сабаб, муқоиса, тобиш.

ХУДОЖЕСТВЕННЫЕ ОСОБЕННОСТИ И СТИЛЬ ЛИТЕРАТУРНЫХ ПРОИЗВЕДЕНИЙ МИРЗО КАДАМА

Статья посвящается исследованию художественных особенностей и стиля литературных произведений Мирзо Кадама. Автор пишет о простоте языка произведений X1X в. поэта Мирзо Кадама а отмечая, что язык простой и доступный всем: «Язык его произведений, в сравнении с другими поэтами до него и некоторыми современниками, которые жили тогда в Самарканде и Бухаре, в окрестностях двух центров культуры, создавали свои произведения, используя арабские слова и словосочетания, сложные стихи Бедиля». Таким образом, как отмечалось, в произведениях, которые дошли до нас много слов говоров народов Рога, откуда был и сам автор Мирзо Кадам. Также, автор статьи привела много примеров из поэтических произведений, проанализировала и исследовала художественные особенности стиль литературных произведений Мирзо Кадама. В конце можно сделать такой вывод, что художественные особенности и стиль литературных произведений Мирзо Кадама говорят о таланте поэта. Мирзо Кадам большое внимание уделял стилю речи, связанному с выбранной темой, писал свои произведения с большим воодушевлением. Автор изложил свои мысли последовательно. Данная статья рекомендуется к печати.

Ключевые слова: метод, поэт, критика, произведение, стиль речи, рифма, словосочетание, структура, значение, результат, причина, сравнение, сияние.

ARTISTIC FEATURE AND STYLE OF THE LITERARY WORK OF MIRZO KADAM

The article is devoted to the study of the artistic features and style of the literary work of Mirzo Cadam. The author at the time of writing the article at the beginning gave information about the prostate language of the work of the 19th century. poet Mirzo Kadam, she noted that the language is simple and accessible to all: “The language of his works in comparison to him and some of his contemporaries, who then lived in Samarkand and Bukhara in the vicinity of two cultural centers, wrote their works using Arabic words of the combination of difficult poetry of Bedil”. Thus, as noted in the language of the work, local dialects that have come down to us by Mirzo Kadam, as well as a great many dialects of the Horn peoples, from where the author himself comes. Also, the author of the article cited many examples from a poetic work, analyzed and researched the artistic feature of the style of the literary work of Mirzo Kadam. In the end, we can conclude that acquaintance with the artistic features and style of the literary work of Mirzo Kadam had a writer a good talent in poetry. Mirzo Kadam paid much attention to the style of speech associated with the chosen topic, he wrote his works with new inspiration. The sentences and phrases of this article do not reveal stylistic, spelling errors. The author outlined his thoughts one after another. For this data, this article is recommended for printing.

Key words: method, poet, criticism, work, style of speech, rhyme, phrase, structure, meaning, result, reason, comparison, shine.

Сведения об авторе: ***Мирзорахматова Гулнора Миралиевна*** - Российско-Таджикский (Славянский) университет, ассистент кафедры таджикского языка. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. М.Турсунзаде, 30. Тел.: **(+99) 918-88-66-32**

Information about the author: ***Mirzorakhmatova Gulnora Miralievna*** - Russian-Tajik (Slavic) University, assistant of the Tajik language department. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. M. Tursunzade, 30. Tel **.: (+99) 918-88-66-32**

УДК: 891.550-1

ТАРҶУМАИ БАДЕӢ ВА ҲУНАРИ ТАРҶУМОНИИ ҒОИБ САФАРЗОДА

Ҳамзаев М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Мактаби тарҷумонии бузурге, ки дар замони Шӯравӣ ташаккул ва инкишоф ёфт, бесобиқа аст ва имрӯз низ бо усулҳои нав мавриди истифодаи бештар қарор дорад. Ин мактаб барои адибони солҳои 60-70 бетаъсир намонд. Дар ин замина, агар, аз як тараф, ба тарҷума ва чопи осори бузургони ҷаҳон тарҷумонҳои касбӣ ва ҳирфаӣ даст зада бошанд, аз тарафи дигар, адибон низ шурӯъ ба тарҷумаи осори адабӣ карда буданд. Як омили даст задани шоиру нависандагон ба ин кор агар ниёзмандии ҷомеа ва рушди пайвастаи ин касб дар он замон маҳсуб меёфт, омили дигараш бевосита ниёзмандии бештари худи онҳо ба тарҷумаи дурусту созгор буд. Яъне, қонеъ набудан аз кори баъзе тарҷумонҳо, ки дар тарҷумаи шеър ва ё ягон асари бадеӣ самимияту назокат ва нафосати онро шояд ба андозаи лозим рӯйи коғаз рехта наметавонистанд, адибонро маҷбур мекард, дар баробари эҷоди асарҳои бузузургҳаҷм асарҳои калонҳаҷми адибони дигар қавму миллатҳоро тарҷума намоянд.

Гузашта аз ин, баргузории даҳаҳои адабиёти қавму миллатҳои гуногун дар Тоҷикистон адибон ва рӯзноманигоронро маҷбур месохт, ки рӯ ба тарҷума биёранд. Аз тарафи дигар, тарҷумаи осори адабӣ аз дӯстии самимона миёни адибони давлатҳои гуногун ва сафарҳои хидмативу ҷаҳонгардии онҳо маншаъ мегирифт. Адибони мо борҳо ба давлатҳои муштаракулманофеъ ва ҳатто берун аз ин ба ғарбу шарқи дур сафар карда, бо аҳли адабу фарҳанги он кишварҳо дӯстӣ пайдо намудаанд, осори якдигарро ба забони миллати худ баргардон намудаанд, садҳо мактубҳои дӯстонаву бародарона, ки аз бештарашон метавон раванди амиқи робитаҳои адабиро муайян намуд, барои якдигар ирсол намудаанд.

Дар тарҷумаи бадеӣ гоҳо тарҷумонҳо ба қолабшиканиҳои чашмрас рӯ меоранд. То андозае, ки асари тарҷумашаванда ба табиати забони миллати тарҷумакунанда созгор мегардад. Рӯҳи миллии он қавмро дар худ таҷассум мекунад. Ин раванд бештар дар фаъолияти тарҷумонии адибон рух медиҳад. Мавриди зикр аст, ки асари тарҷумашаванда моли адабиёти миллати тарҷумакунанда маҳсуб меёбад. Ин андеша борҳо аз ҷониби соҳибназарон ва дастандаркорони соҳаи тарҷумонӣ мавриди дастгирӣ ва қобили қабул афтодааст:

“Ҳар як асари хуби тарҷумавӣ ба адабиёти ҳамон халқе, ки асар ба забони вай тарҷума шудааст, дохил мегардад... адабиёти тарҷумавӣ як қисми адабиёти миллист”. [1, с. 130].

Масъалаи дигаре ки дар он солҳо боиси ташвиши бештаре аз донишмандон ва пажӯҳандагони адабиёти тарҷумавӣ ва фаъолияти тарҷумонҳо шудааст, ин надонистани забони тарҷумашаванда аз ҷониби аксари мутарҷимон буд. Абдурашид Самадов дар китоби худ “Шигардҳои тарҷума” вобаста ба ин паҳлуи масъала бо афсус менависад:

“Мутаассифона, тарҷумонҳое ҳастанд, ки бо асари мавриди назар пурра ошно нашуда, муҳити эҷодии онро ба назар нагирифта, таъриху анъанот, расму оин, урфу одат, забону фарҳанги миллати муаллифи асарро наомӯхта, фавран ба тарҷума даст мезананд” [2, с. 70].

Ин андеша бо назардошти қонуниятҳои тарҷума ва рисолати тарҷумонӣ воқеияти маҳзест, ки вазъи тарҷумаи он замонро инъикос менамояд. Аммо, дар мавриди тарҷумаи солҳои 70-80-уми асри гузашта баъзе омилҳоеро ҳам бояд ба инобат гирифт, ки боиси хомии кори тарҷумонҳо шудааст. Он солҳо забони давлати шӯравӣ барои ҳамаи қавму миллатҳо як буд ва тамоми осори тарҷумашаванда, пеш аз ҳама, бо забони русӣ тарҷумаи таҳтулафзӣ мегардиданд. Аксарияти маводҳо, албатта, бо дасти худи адибони қавмҳои гуногун ба забони русӣ баргардон мешуданд, табиист, ки муаллифон талош менамуданд, то рӯҳияи миллии асари худро бо тамоми ҷузъиёташ тарҷумаи бадеӣ ё таҳтулафзӣ намоянд. Аз ин рӯ, бештари тарҷумонҳо ба ҳамин гуна як маводи тайёр қаноат мекарданд.

Воқеан, дар солҳои 60-80-ум кам тарҷумонҳоеро доштем, ки ба урфу одат ва расму оини як қавми дигар ошноии комил дошта бошанд ва асари он қавмро бевосита аз забони асл тарҷума намуда бошанд. Мутахассисони ин соҳа ҳанӯз барои тарҷумаи саривақтии осори қавму миллатҳое, ки даҳаҳои адабиёташон дар Тоҷикистон пайиҳам баргузор мегардид, басанда набуданд. Аз тарафи дигар аксарияти онҳо асари тарҷумашударо ҷомаи бадеият, ба он андоза, ки барои хонандаи хушзавқи тоҷик зарур буд, пӯшонда наметавонистанд. Кори аксарияти онҳо сарсарӣ ва интихобашон дар бештари маврид дорои заъфу камбудҳои чашмрас буд. Ба ақидаи Ҳабиб Аҳрорӣ ва Раҳим Ҳошим, ки баъди баргузории конфренсияи моҳи декабри соли 1961 дар Қирғизистон оид ба масъалаҳои тарҷумаи адабиёти бадеӣ дар мақолаи худ бахшида ба вазъи тарҷумаи кишвари Тоҷикистон баён доштаанд: “...сифату қимати асарро ба эътибор нагирифта, безавқ интихоб кардани асарҳои тарҷумашаванда, ба қадри даркорӣ аҳаммият надодан ба интихоби тарҷумаҳо, набудани ғамхории дуруст дар тайёр кардани кадрҳо, бо масъалаҳои тарҷума машғул нашудани танқиди адабӣ аз ҷумлаи камбудиҳои калони ин соҳа мебошад...” [1, с.135].

Ба назар чунин мерасад, ки аксари ин камбудиҳо аз нарасидани тарҷумонҳои касбӣ ва даст задани касони тасодуфӣ ба кори тарҷумонӣ сар мезаданд. Албатта, аксарияти адибони он замон дар оғози фаъолияти хеш, тарҷумонҳои касбӣ набуданд, ба андозаи донишу биниши хеш тавонистаанд осори як қатор адибони гуногунмиллатро тарҷума намоянд ва дар баробари ин вижагиҳои асари тарҷумашавандаро дар тарҷумаи хеш нигоҳ доранд. Ғоиб Сафарзода низ аз ҳамин даста аст, ки то андозае тавонистааст, ҳаққи амонатро дар тарҷумаи асар нигоҳ дорад.

Ғоиб Сафарзода аз худ тарҷумаҳои хуберо боқӣ гузоштааст. Ӯ дар давоми фаъолияти худ асарҳои бисёре аз адибони собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ва берун аз онро ба забони тоҷикӣ баргардон намуда, манзури хонандагони сершумор гардонидааст. Намунаҳои тарҷумаи Ғоиб Сафарзода аз осори шоирони бузурги гуногунмиллат, Н.А. Некрасов, Н. Тихонов, Я. Смеляков, А. Сурков, М. Румиянсева, Хориванширай Бачан (Ҳинд), Шелли

(англис), Маҳмуд аш-Шнабӣ (миср), Давид Диоп (сенегал) ва дигар адибони адабиёти ҷаҳон буда, арзиши хуби адабӣ ва бадеӣ доранд.

Ӯ ба тарҷумаи осори адиби арман Саёди Наво ва шоири озар Набии Хазрӣ бештар таваҷҷуҳ зоҳир карда кӯшидааст, ки на фақат мазмуну ғоя, балки дар баробари ин, онҳоро бо қонуниятҳои анвои шеъри тоҷик созгор намояд ва ба вазну қофияҳои онҳо эътибор бидиҳад. Шеърҳои “Шиорам ин бувад дар зиндагӣ”, “Ишқи ёри ман”, “Бе ту кай гирам нафас”, “Ба ёдат”, “Арзи вуҷуд”, “Дур нест”, “Аё булбул”, “Ашк аз дида меборам”, тарҷумаҳое мебошанд, ки мутарҷим дар онҳо рӯҳу қолаби шеъри суннатии тоҷикиро ворид намудааст. Ҳатто дар бисёре аз онҳо ҳусни мақтаъро риоя намуда, номи шоирро чун тахаллус, ки хосси шеъри суннатии тоҷик мебошад, зикр мекунад:

Лаҳзае аз суҳбати худ хотирамро шод кун,
Манбаи нурӣ, диламро офтобобод кун,
Эй шаҳи гулҳо, тараҳҳум; ёд аз Сайёд кун,
Аз бароям савсану райҳону садбарги тарӣ [3, с.202].

Дар бештари шеърҳои тарҷуманамудаи Ғоиб Сафарзода аз осори Саёди Наво сарфи назар аз он, ки бо риояи шеъри суннатӣ тарҷума шудаанд, ҳолу ҳаво ва мақсади муаллифи асар нигоҳ дошта шуда, равшан баён мегардад:

Ту, Сайёд оқилона зиндагӣ кун,
Ки ҳаст ин зиндагӣ чун кафки собун.
Навозиш кун ғарибони ҷигархун,
Дару девори худро кун парастиш [3, с.208].

Дар шеъри мазкур, пеш аз ҳама, афзалияти рӯҳияи некбинона бар яъсу навмедӣ инъикос гардидааст, ки онро метавон ҳамчун ҳадафи ниҳоии гӯяндаи шеър донист. Гузашта аз ин, тарҷумаи таркиби сохтаи муаллифи шеър “милнь пузил” бо ибораи “кафки собун” руҳияи шеъри тарҷумашударо нигоҳ доштааст. Албатта, зиндагиро маҳз бо “кафки собун” ташбеҳ додан дар адабиёти мо ба чашм намерасад, вале ин барои Ғоиб Сафарзода як бозёфти тозае буд, ки минбаъд худи ӯ ва ё дигар шоирон метавонистанд ин ташбеҳро ҳамчун моли адабиёти худ истифода баранд. Аз ин даст намунаҳои ҷолиби диққат дар тарҷумаҳои ӯ фаровон дида мешаванд, ки мутарҷим кӯшидааст, ҳаққи амонатро дар онҳо нигоҳ дорад. Масалан, дар ин шеъри Сайёди Наво мутарҷим метавонист ба ҷойи “наъли тиллогуни кафш” ягон гузинаи тоҷиконаеро бигузорад, аммо ба хотири нигоҳ доштани муҳтаво, рӯҳия ва ҳадафи ниҳоии муаллиф ин корро накард:

Ӯ қадам дар боғ танҳо бо таманно мегузошт,
Наъли тиллогуни кафшаш нақши зебо мегузошт [3, с.212].

Тарҷумаи шеърҳои Саёди Наво (шоири арман) ва Набии Хазрӣ (шоири озар)-ро метавон камолоти тарҷумонии Ғоиб Сафарзода муаррифӣ намуд. Зеро бармало мушоҳида мешавад, ки аксарияти шеърҳои тарҷуманамудаи Ғоиб Сафарзода бо дархости ин ё он ва ё бевосита редаксияи рӯзномаи “Тоҷикистони советӣ” ба муносибати солҷашни адибони гуногунмиллат ва ё баргузории даҳаҳои адабиёти он қавму миллатҳо дар Тоҷикистон сурат гирифтаанд. Масалан, Ғоиб Сафарзода шеъри “Ҳарфи бародари ту-Қазоқ”-ро, ки муаллифаш шоири қазоқ Музаффар Алибоев мебошад, ба муносибати 100-солагии рӯзи таваллуди Ленин тарҷума кардааст, ки мавзӯи он васфи Ленин мебошад. Соли 1970 рӯзномаи “Тоҷикистони советӣ” вижаномаи худро ба ин муносибат интишор додааст, табиист, ки аз кормандони худ чунин талабро карда бошад [4]. Ва ё Шеъри “Модар”-и Ярослав Смеляковро мутарҷим ба муносибати даҳаи маданияти рус дар Тоҷикистон тарҷума намуда, дар рӯзномаи “Тоҷикистони советӣ” чоп кардааст [5].

Шеърҳои Бровка Петрусь шоири белорус, Николай Тихонов (шоири рус), Рустам Сулаймон, (шоири озар), Шели (шоири англис), Охунҷон Ҳакимов (шоири узбак) ва монанди инҳо низ ба муносибати ҷашну солрӯзи адибон ва даҳаҳои адабиёт дар Тоҷикистон тарҷума ва чоп шудаанд. Дар бештари онҳо, ки аз як шеър то панҷ-шаш шеърро ташкил медиҳанд, нишонаҳои тарҷумаи таҳтулафзӣ, харобии вазн, костагии мантиқ ва монанди ин мушоҳида мешавад. Бештари онҳоро ҳатто як навъ машқи қалами тарҷумон номидан мумкин аст. Аммо, тарҷумаи силсилаи шеърҳои Набии Хазрӣ ва Сайёди Наво ва, албатта, боз чанд тани дигар бо хоҳиши мутарҷим рӯйи кор омадаанд, ки дар аксарияти онҳо камтарин ва ҷузъитарин иштибоҳро наметавон пайдо намуд. Дар баробари ин, онҳо бо диди баланди бадеӣ, ҳунарӣ ва камолоти шоирӣ таҷассум ёфтаанд.

Дар тарҷумаи шеърҳои Сайёди Наво, танҳо як навъи муайяни шеъри суннатӣ риоя шудааст. Яъне ҳамаи он ашъор дар қолаби тарҷеъбанди мураббаъ, ки шояд ин жанр ба табъи дили мутарҷим созгор будааст, тарҷума шудаанд. Як вижагии дигар дар онҳо пайваста омадани ҳусни тахаллус аст, ки дар ҳамаи онҳо мавҷуд аст.

Ҳусни тахаллус дар шеърҳои Сайёди Наво мавҷуд будааст, ки Ғоиб Сафарзода ин анъанаро дар тарҷумаи онҳо (дар навъи шеъри суннатӣ) нигоҳ доштааст. Мусаллам аст, ки дар миёни аҳли илму ҳунари Арманистон то асри ХХ ва ҳатто баъдтар аз он зиёӣ касе шинохта мешудааст, ки хат ва забони форсиро аз худ карда бошад. Аз ин рӯ, ҳусни

тахаллус бахшидани Сайёди Наво дар ағлаби шеърҳои худ, нишони огоҳии ӯ аз хатту забони форсӣ ва бардоштҳои фаровонаш аз шеъри пурғановати классикии форсу тоҷик мебошад.

Ғоиб Сафарзода дар интихоби шеър барои тарҷума диққати ҷиддӣ додааст. Тарҷумаҳо аз маҳорати баланд ва табъу завқи олии мутарҷим гувоҳӣ медиҳанд. Аз мутолиаи шеърҳои Набии Хазрӣ дар тарҷумаи Ғоиб Сафарзода ду хусусияти хосро дидан мумкин аст. Аввал ин ки дар онҳо ҷанбаи ҳунарӣ, минҷумла тасвиргаронӣ бурузи бештар дорад, баъдан, ағлаби онҳо ҳикматбор ва тарбиявианд. Маҳз ҳамин хусусиятҳоро доро будани он ашъор боиси таваҷҷуҳи Ғоиб Сафарзода гардидааст. Ӯ бо ашъори Набии Хазрӣ ҳанӯз соли 1962 ошно шудааст. Аввалин шеъре, ки аз ин шоири озар тарҷума карда дар рӯзномаи “Тоҷикистони советӣ” чоп кунонидааст, шеъри “Даъвати ҳайёт” мебошад ва ба муносибати даҳаи адабиёти халқҳои озар дар Тоҷикистон рӯйи кор омадааст. Манзарае, ки дар ин шеър шоир тасвир кардааст ҳоли мусофирест, ки ёру диёраш ӯро мунтазир аст ва талоши рафтан ба назди ёру диёри худро дорад. Назокати баён, манзаранигорӣ ва ҷолибияти мавзӯъ бо он дилчаспие, ки дорад ҳатман дили хонандаи худро тасхир менамояд:

Беди маҷнун сарҳаму хомӯш моро интизор,
Кӯҳсору чашмаи дар ҷӯш моро интизор,
Дастҳое, ки кунад оғӯш моро, интизор.
Ҳар яке бар мо чу ёри ҷонфишон дилдодааст,
Интизори мо касе дар ким-куҷо истодааст [3, с.192].

Албатта, инҷо ҳунари тарҷумонии мутарҷим дар равонии сухан зоҳир мегардад, аммо мазмун ва моҳияти он, ки ҳаққи амонати муаллифи асар аст аз ҷониби тарҷумон хуб нигоҳ дошта шудааст. Сарҳаму хомӯш будани беди маҷнун, кӯҳсор ва чашмаҳои ҷӯшони он, дастҳои мунтазири модаре, маҳбубае, дӯсте баҳри оғӯш дар ким-кадом деҳаи кӯҳсори Озарбойҷон интизори қаҳрамони асаранд. Табиатро далеру боғурур гуфтан ҳам шояд дар зеҳни як шоири озаре чун Набии Хазрӣ омада бошад:

Оҳ, хуб аст, ки табиат чун далери боғурур!
Пеш даъват мекунад моро ҳаёти дилпазир [6, с.218].

Шояд мо табиатро ба андешаи он, ки баён ва мантиқи суханамон вайрон мешавад, (ҳарчанд ки шоир ҳақ дорад чунин сифатҳоро ба табиат дода бошад) далеру боғурур гуфта натавонем. Аммо дар тарҷума мавзуъ, идея ва муносибати як шоири дигар миллатро бо ашё низ ҳаққи тағйир додан надорем.

Ғоиб Сафарзода ба воситаи пардохтанаш ба тарҷумаи бадеӣ таҷрибаи адибони халқҳои мухталифи оламро омӯхта, бо арзишҳои адабиёти худӣ ба ҳам даромехтааст. Дар баробари баҳрабардорӣ аз таҷрибаи адибони олам ҷиҳати рушду такомули шеъри хеш ӯ тавонистааст як гӯшаи хурди адабиёти тарҷумавиамонро низ бо осори гаронарзиши дигар қавму миллатҳо ғанӣ гардонад.

А Д А Б И Ё Т

1. Аҳрорӣ Ҳ. Кори эҷодӣ ё як навъ касби оддӣ / Ҳ. Аҳрорӣ, Ҳ. Раҳим // Шарқи Сурх. – 1962. – №2. - С. 129-144.
2. Самадов А. Шигардҳои тарҷума. Китоби дарсӣ / А. Самадов. - Душанбе: Сабрина-К, 2015.—183 с.
3. Сафарзода Ғ. Мунтахабот. Воситаи таълимӣ / Ғ. Сафарзода. - Душанбе: Адиб, 2003. – 263 с.
4. Сафарзода Ғ. Ҳарфи бародари ту / Ғ. Сафарзода // Тоҷикистони советӣ. - 1970. – 17 январ. - №13.
5. Сафарзода Ғ. Модар / Ғ. Сафарзода // Тоҷикистони советӣ. – 1967. - 7 апрел. – №81.
6. Сафарзода Ғ. Мероси ҷавонӣ / Ғ. Сафарзода. - Душанбе: Ирфон, 1978. – 336 с.

ТАРҶУМАИ БАДЕӢ ВА ҲУНАРИ ТАРҶУМОНӢ

Дар ин мақола вазъи тарҷума ва омилҳои рӯ овардани адибон ба тарҷумонӣ дар солҳои 60-70-уми асри ХХ матраҳ мегардад. Ҳадафи аслии мақола нишон додани ҳунари тарҷумонии адибон буда, муаллиф кӯшидааст дар мисоли Ғоиб Сафарзода дар баробари шоир ва рӯзноманигор будан, тарҷумони хубу боистеъдод будани ӯро низ нишон диҳад. Дар мақола ба масъалаи як қисми адабиёти миллӣ будани адабиёти тарҷумавӣ низ таваҷҷуҳ шуда, аз ин дидгоҳ созгор омадани осори тарҷумашуда бо табиати шеъри тоҷик матраҳ шудааст. Бо назардошти ин нукта муайян мегардад, ки Ғоиб Сафарзода то кадом андоза тавонистааст ҳаққи амонатро дар тарҷумаҳои худ нигоҳ дорад. Муаллиф инчунин ба баҳси надонистани забони тарҷумашаванда аз ҷониби аксари мутарҷимон, огоҳ набудан аз таърихи миллати асари тарҷумашаванда ва надонистани урфу одат, расму оини ҳаммиллатони муаллифи асар шарик гардида, сабабҳои асосии ин норасоиҳоро то андозае нишон медиҳад. Мақола барои хонанда маълумоти хуберо вобаста ба ҳунари тарҷумонии адибон метавонад пешниҳод намояд.

Калидвожаҳо: тарҷумаи бадеӣ, ҳунари тарҷумонӣ, адибон, ҳаққи амонат, қавму миллатҳо, шӯравӣ, адибон, тарҷумонҳо, моҳият.

ХУДОЖЕСТВЕННЫЙ ПЕРЕВОД И МАСТЕРСТВО ПЕРЕВОДЧИКА

В статье рассматривается состояние перевода и факторы привлечения литераторов к художественному переводу в 60-70-е годы XX века. Основной целью статьи является исследование таланта переводчика на примере поэта Гоиба Сафарзоды – одаренного поэта и журналиста, он был и отличным переводчиком, сумел передавать на таджикский язык особый образный мир и смысловые оттенки в оригинале стихов, высказанные различными поэтами других народов. В статье исследованы ряд вопросов, касающиеся переводческой деятельности как фактора, образующего часть национальной культуры, а переведённые произведения как предмет национальной

субкультуры. Автор рассматривает также проблему перевода без знания языка оригинала, в связи с недоступности переводчику языка оригинала и перевод через русский язык, другие ошибки переводчика, вследствие нехватки знания об истории, культуре, национальных традициях страны автора переводимого произведения. Статья охватывает основные принципы и требования перевода, которые способствуют успехам и развитию таланта переводчика.

Ключевые слова: художественный перевод, искусство перевода, переводческая деятельность, национальная культура, культурные ценности, национальные традиции, авторское право, сохранение авторской воли, перевод со второго языка, литературные традиции, советская литература.

LITERARY TRANSLATION AND THE SKILL OF THE TRANSLATOR

The article deals with the state of translation and the factors of literary involvement in literary translation in the 60-70th of the XX century. The main purpose of the article is study the talent of the translator in the example of the poet Ghoib Safarzoda – a gifted poet and journalist, he was an excellent translator and was able to convey to the Tajik language a special imaginative world and shades of meaning in the original poems, expressed by various poets of other Nations. The article investigates a number of issues related to translation activities as a factor forming part of the national culture, and translated works as a subject of national subculture. The author also considers the problem of translation without knowledge of the original language, due to the unavailability of the original language and translation through the Russian language, other mistakes of the translator due to lack of knowledge about the history, culture, national traditions of the country of the author of the translated work. The article covers the basic principles and requirements of translation, which contribute to the success and development of the translator's talent.

Key words: Literary translation, art of translation, translation activity, national culture, cultural values, national traditions, copyright, preservation of author's will, translation from the second language, literary traditions, Soviet literature.

Сведения об авторе: ***Хамзаев Мухриддин (Мухриддин Сабури)***, -Таджикский национальный университет, соискатель кафедры теории и новейшей персидскско-таджикской литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17. E-mail: **saburi-2011@mail.ru**. Тел.: **(+992) 985-07-58-26**

Information about the author*: Hamzaev Muhriddin (Muhriddin Saburi)* - Tajik National University, graduate of the Department of theory and modern Persian-Tajik literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **saburi-2011@mail.ru**. Tel.: **(+992) 985-07-58-26**

УДК: 891.550-82

БОЗТОБИ ИШҚ ДАР ҒАЗАЛИЁТИ КАЁНӢ

Мирзо Муҳаммади Рустоӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Он чи аз мутолиаи ғазалиёти Саид Нодиршоҳи Каёнӣ ба даст меояд, ин аст, ки Мавзӯъ ва мундариҷоти ғазалиёташ маврид ва масоили гуногун ва мухталиферо бар метобонад.

Танаввуъ ва гуногунии масоил дар офаридаҳои нависандагон ва бавижа, адибон ва шоирон, робитаи мустақим ба шароити ҳокими иҷтимоӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ ва иқтисодии замони зиндагии онон дошта ва чигунагии шароит ва муносиботи ҳоким бар вазъияти ҳамон вақтро пешкаш медорад.

Осори Каёнӣ, ки зери соиқаи бархӯрди низоми мутлақаи бар сар иқтидор ва сахтгиронаи иҷтимоӣ ва соири таҳаввулоту рӯйдодҳои ногувор миллӣ ва байналмилалӣ ба риштаи таҳрир даромада бо рангорангии худ аз маҷмӯи ин муносибот асарпазир будааст.

Аз ҳамин ҷиҳат шоир дар шакл ва қолаби ғазал на танҳо сирф ба масоили ишқӣ ва ситоишӣ таваҷҷуҳ намуда, балки ба мавзӯоти мухталифаи иҷтимоӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ, милливу мардумӣ низ пардохтааст, аммо дар ин ҷо аз доираи ғазалиёти вай сирфи як мавриди онро, ки марбут ба масоили ишқиву ситоиш мешавад, ба баррасӣ мегирем:

Ишқ дар луғат ба маънои шефтагӣ, дилдодагӣ ва муҳаббати зиёд, дар истилоҳ алоқаи шадиди инсон ба як шахс ё як шайро гӯянд, ки бо иғмоз аз ҳар айбу нуқси он, ин муҳаббат ба нуқтаи авҷи худ расида ва бо тасхиру фарогирии вуҷуд роҳнамо ва ҳидоятгари одам гардад.

Ҳамчунон ишқ мохуз аз наботӣ мақоми ашақа, яъне лаблоб (печак) буд, онро хушк кунад ва ин вазъ ҳамсони комил бар аҳволи ошиқеро мерасонад, ки агар ишқ бар ӯ торӣ шавад, саранҷоми ӯро хушк ва рангашро зард гардонад.

Ишқ муҳимтарин отифаи инсонест, ки маънобахш ба зиндагӣ талаққӣ мешавад. Ишқ воқеае аз як тараф метавонад, манобеи шодӣ ва ризоият аз зиндагӣ ва аз ҷониби ҳам аҳаммият додан, муроқиб будан ва ҳамоият аз дӯст, ҳамроҳ ва шарики зиндагии ҷомеа ва муъминбиҳӣ буда бошад, чун ишқ дарвоқеъ, маҳаррик ва мутазамини зиндагии гармушод, барқароркунанда ва накудорандаи равобити маҳкам ва доимӣ бо мамдуҳ ва истуворкунандаи дарк ва фаҳми мутақобил миёни аҳоди ҷомеа мебошад.

Халалпазир бувад ҳар бино, ки мебинӣ,
Магар бинои муҳаббат, ки холӣ аз халал аст.

Ё ишқ сӯзест, ки аз қалб сарчашма гирифта ва ба тадриҷ ба тамоми ҳасосии бадан интишор меёбад ва ба ҳамин далел гуфта шуд, ки ишқ ободкунандаи дилу манзил, ки асли ишқ ва муҳаббату меҳр ва отифа аст.

Дар диле набувад, муҳаббат он гил аст,
Ишқ дар дил буд, ҳақро манзил аст,
Дар ҳақиқат манзили ҳақ аст, дил
Каъба он ҷо ҷӯи оби салсабил (4).

Ба қавли Ҳоқонии Шервонӣ қасидасароии қарни шашум

Ишқ меҳмони дил асту ҷону дил меҳмони ту,
Ман дилу ҷон пеши меҳмон даркашам ҳар субҳдам.

Ё ишқ ҳамчун оташе аст, ки чун ба ушшоқ расид, саросар вуҷуди ӯро беқарор ва шуълавар месозад, чун дар он лаҳза ҳама неруҳои гуногуни ақлонӣ, отифӣ ва ғаризии ӯ ба як неру табдил шуд, ки ӯ неруи ишқ аст. Пас, неруҳои мухталифи мавҷуд ва мутабориз дар вуҷуди инсон ба сони шаъбаҳои як рӯдхонаи азим аст, ки тибқи ниёзмандиҳои сарзаминҳои мухталиф дар ҷӯйҳои мухталиф ба роҳ меафтад. Мусалламан, агар тамоми ин шаъбаҳои дар як масири мутароким намуд ва савқ диҳем ҳам аз як тараф замин меҳушкад ва ҳам ин яке туғён мекунад. Ба ҳамин хотир, Томас Карлоил нависанда ва файласуфи машҳури Шотландия, бе парво ба ишқ тозида ва эътиқод дорад, ки ишқ танҳо як навъ ҷунун нест, балки таркибе аз чанд навъи ҷунун аст.

Каперник донишманди маъруфи фалаки Лаҳистонӣ дар таҳқири худ ҷониби ишқро каме нигоҳ дошта ва мегӯяд:

Ишқро агар як навъ ҷунун надонем, лоақал асора аз мағзҳои нотавон аст.

Ҳамандешони Николас Каперник дар ҳавзаи тафаккуроти марбут ба худашон ишқро гунае аз як ҷаҳиши саркаши дарунӣ пиндоштанд, ки дар масири ҳаракати худ ҳеҷ маҳдудияти қонуни қайду қуюд ва масолеҳ ва арзишҳои иҷтимоӣ ва ахлоқиро намепазирад.

Расвои оламе шудам, аз шӯри ошиқӣ,
Тарсам Худо нахоста расво кунам туро.

(Фурӯғии Бастомӣ аз ғазалсарои машҳури асри Қоҷория).

Аммо донишмандони зиёди дигаре дорем, ки бар хилофи Коперник ишқро меъмори олам саодати ҷовидони ҷамъияти камолоти охирин пояи муҳаббат, омили тавоноии рӯҳ, сабаби нишот ва асосу мояи зиндагии башар медонанд ва бовар доранд, ки ишқ бисёр майдони васее дорад.

Оре, ишқ майдони бисёр васее дорад ва фақат алоқа ва дилбастагӣ ба ҷинси мухолифро намерасонад. Дар доираи васее ишқ метавон ишқ ба офаридагор, ишқ ба зиндагӣ, ишқ ба мардум, ишқ ба майҳан, ишқ ба озодӣ ва адолат, ишқ ба оламу дониш, ишқ ба қудрату макнат, ишқ ба молу сарват, ишқ ба зебоиҳои табиату хилқат ва ишқ ба дигар орзуҳо ва падидаҳоро дошту бо ин ишқ ва ҷазаба ба ҷилав рафт.

Ишқ аст, ҳаёти ҷовидонӣ,
Сармояи ишқу комронӣ.
Гар ишқ набуд, худ набудӣ
Ҳаргиз на замин, на осмонӣ (Муллоҳодии Сабзаворӣ).

Дар як таъбир гуфта мешавад, ки тамоми ҳаракот ва саканот ва ҷӯшу хурӯши ҷаҳониён ва олами ҳастӣ бар бунёди ишқу алоқаю муҳаббат устувор аст.

Урафо ва фалсафаи бузурги шарқ мегӯянд: ҳар ҳаракат ва ҷунбише, ки дар ҷаҳон аст, ношӣ аз як навъи ишқ мебошад ва ҳатто ҳаракоти афлок ва карроти боло.

Ба гуфтаи Гётеи донишманди шаҳири олмонӣ – ишқ афсари зиндагӣ ва саодати ҷовидонест ва Ибни Синои Балхӣ дар як сатри кӯтоҳ, аммо бисёр бо маъно нисбат ба ишқ чунин дидгоҳе дорад? «Агар пойи ишқ дар миён намебуд, ҳеҷ падида ба вуҷуд намеомад ва ҳеҷ мавҷуде ҳастӣ намеёфт».

Сардафтари олами маонӣ ишқ аст,
Сарбайти қасидаи ҷавонӣ ишқ аст.
Ҳар он ки хабар надорад, аз олами ишқ
Ин нукта бадон, ки зиндагонӣ ишқ аст (Хайёми Нишопурӣ).

Гарчанд имрони хонаи дил, сайқали рӯҳу равон, гузар ба олами маонӣ, бо як навъ ишқу муҳаббат ва азму иқдоми бартари ошиқона ва эҳсосоти афифу пурҳарорате оғоз мегардад, аммо нуқтаи бадуни ин ишқ ҳамроҳи даргирӣ ва печидан ва дилбастагӣ ба хубиҳо ва зебоиҳои олами носут будааст. Нуқтае, ки ҳар одамизод, бахусус қаламбадастону бузургони арсаҳои илму адаб аз ҳамон нукта оғоз ва тайю тариқ намудааст, дар ин ҷойгоҳ бовар бар ин буд, ки «ишқи маҷозӣ» нафсӣ дарвоқеъ ҳамон ишқи афифу пок, ба мазоҳири зебоиҳо ва шукуфтаҳои хилқат аст, ки сабаб мешуд, то инсон аз пояи ин ишқ ба пояи ишқи ҳақиқӣ бирасад. Яъне, муттакӣ бар асаре, ки омада аст: Алмаҷозунқантаратулҳақиқа - ишқи маҷозиро пули расидан ба ишқи ҳақиқӣ дониста ва зебоиҳои табиату хилқатро мазоҳири ҷамолу зебоии Худованди мутаъол мепиндоштанд. Бифармуд Саъдӣ:

Ба ҷаҳон хуррам аз онам, ки ҷаҳон хуррам аз ӯст,
Ошиқам бар ҳама олам, ки ҳама олам аз ӯст.

Саид Нодиршоҳи Каёнӣ низ шахсияте, ки дар таволи зиндагиаш низ чунин мароҳилеро пай намуда ва бар ҳамин поя гом гузоштааст. Ӯ дар ибтидои навҷавониаш аз такбайтҳо ва рубоӣ ва дубайтӣ шурӯъ ва дар марҳалаи ҷавонӣ ва пас аз он ба гунаи тадриҷ гарданаҳои зиёдеро аз таҷрибаи озмоишу ризоият тай намуда ва дар марҳалаи дар он ҳудуде аз фаҳм ва дарку биниши баланд мерасад, ки ба таҳлилу таҷзияи масоили печидаи исломӣ мепардозад ва барои шахс, ки саводи ибтидоиро аз фомилу таҷоруб ва дигар фаровардҳоро аз мактабхонаи зиндагӣ омӯхт. Воқеан бояд офарин гуфт, ки чи гуна ӯ тавонистааст, бар ин ҳудуд маълумоти мабсут ва халқи осор иҳота ва тавфиқ дошта бошад.

Ба ҳамин аҳвол Саид Нодиршоҳи Каёнӣ аз оғози мароҳили навҷавонӣ то даврaҳои қавому ҷавонӣ дар ҳамсонӣ бо аксари шуаро ва гӯяндагони бисёр пурсӯз ва ошиқона сурудааст ва ба ҳамин ҷиҳат аксарияти қариб ба иттифоқи ду маҷмӯаи ғазалиёти эшонро ашъори ошиқона ташкил медиҳад.

Симаст танат, барги гул ё суман аст, ин,
Ё ғунчаю тангшакар ё диҳанаст, ин.
Рӯят ба ҳақиқат, ки бувад панҷаи байзо
Чин аст ё зулфи ту мушки Хутан аст, ин.
Абрӯи ту эй шух камон асту ё теғ.
Мижгони ту ханҷарзану новакфикан аст.
Чашмони ту ҷодуст на барҳамзани имон,
Ошиққушу бераҳму ё роҳзан аст, ин.
Лаъли лабат эй дӯст маро ҷони азиз аст,
Ин чашмаи нур аст на чоҳи зақан аст, ин.
Гардан чӣ кашӣ дар сафи хубони сухандон,
Алҳақ ба сухан тӯтии шакаршикан аст, ин.
Тубост қадат ар-ару ё шохаи шамшод,
Ё нахли мурод аст, зи сарву чаманаст, ин.
Ҳуршеди ту ё Муштарӣ ё маҳи Нахшаб‡,
Ё шамъи Тароз аст арӯси адан§ аст, ин.
Мерафт ба бӯстон ба манаш дид чунин гуфт,
К-ин дил шуда бал Нодири ширинсухан аст, ин (3).

Яке аз вижагиҳои ғазалиёти тавсифӣ ва ошиқонаи Саид мушобиҳат ва наздикии зиёди он бо ашъори Хоҷаи Шероз аст. Яъне ҳамон гуна, ки сурудаҳои Ҳофиз моломол аз сайю соғару соқӣ ва пири муғон, лабу дандон, хатту хол, зулфу кокулу гул, буту бутхона ва ғайра мебошад. Ашъори Саид низ дар ҳамон масир афтодааст.

Хоҳам шавам эй дӯст ба дидор мушарраф,
Пеши ту шавам хонаи хаммор мушарраф.
Мо муътакифи масҷиду бутхонаю дайрем.
Ҳар субҳ ба дарвозаи хуммор мушарраф,
Ошиқ ба хату холу ду зулфу камари ту,
Гардида бари орази гулнор мушарраф.
Мо ҳиндуи холу хату зулфони сиёҳем,
Инак, шуда бо риштаи зинор мушарраф.
Эй подшаҳи кишвари дилҳои парешон,
Бар даргаҳи лутфи ту парастор мушарраф.
Шоҳо, зи карам бар мани ранҷур назар кун,
Нодир шуда бо дидаи хунбор мушарраф (1).

Ва дар ҷойи дигар чунин суруда аст.

Суфии аз сумаа гӯ хайма бизан дар гулзор,
Вақти он нест, ки дар хона нишинӣ бекор.

Дар ин ғазал вожаҳои хумор, муътакиф, масҷид, бутхона, дайр, хату хол, зулфу камар, ораз, холи ҳинду, зулфи сиёҳ, зуннор, подча ва ғайра аз маҷмӯаи калимотеанд, ки дар девони ашъори Ҳофиз ба вифрат ба мушоҳида мерасад.

---

‡ Нахшаб ном шаҳрест дар Мовароуннаҳр бисёр мақсуру зебо, ки дар фосилаи серӯза ва ё 15 километр аз шаҳри Бухоро қарор дорад. Ташбеҳ бар ҷамъияти бисёр деҳот, пурнеъмат ва бо кишту зироати фаровон, ӯро ба арабӣ насф низ гӯянд. Нахшаб дар ин авохир ба Қаршӣ низ маъруф гардида чун наҳри Қаршӣ аз миёни он мегузарад.

§ Адан шаҳри соҳилиест, аз шаҳрҳои машҳур дар Арабистон, ки бар соҳили дарёи Ҳиндустон воқеъ шудааст ва вазъи тиҷоратии хубе дорад. Ин шаҳраки соҳилӣ умдатан маҳалли таҷаммӯи тиҷори ҳиндӣ буда, машҳуртарин ақломи содироти ин қаҳва ва марворид мебошад. Илова бар ин шаҳри Адан маҳалли лӯълӯъ, маъдани нуқра ва фирӯза гуфта шуда, ин калима ба биҳишт - ҷанат низ итлоқ мешавад.

Ҳамчунон калимоту вожаҳои новак, никҳат, лаъл, изор, шоҳид, мутриб, қадаҳ, майи ноб, муҳтасиб, қудс, ғамза, пири муғон, боди сабо, саҳаргаҳ, хилватгоҳ, яғмо, саҳар, ки дар лобалои ғазалиёти Саид Каёнӣ омадааст. Вожаҳои чашмошное ҳастанд, ки дар девони он ҳазрати Шероз ҷойгоҳе маънӣ доранд.

Илтифот ва таваҷҷуҳи Саид нисбат ба Ҳофиз ба он ҳадест, ки ҳатто мухаммас бар ғазали ӯ навишт. Ин ҳам чанд банди он.

Бастаам дил ба сари зулфи яке раъное,
Дилбари сарвқаду ишвагари зебое.
Ҷуз сари кӯи бутон нест, маро маъвое,
Дар ҳама дайри муғон нест чун ман шайдое.
Хирқа ҷои дигару бодаву дафтар ҷое
Ҳарф ҷои дигару бодаю дафтар ҷое,
Ҷонам аз ҳаҷри бутон бар дари майхона бисӯхт,
Тани мо хоки раҳи қомати он ёр накуст.
Дили мо банд ба ҳар ҳалқае он мӯе ба ӯст,
Киштии бода «биёвар, ки маро бе рухи дӯст.
Гашта ҳар гӯшаи чашм аз ғами дил дарёе.,
Турки хунрез расидаст сарам теғ ба даст.
Мижааш тир кушояд ба дилам шаст, ба шаст.,
Қадаҳи бода биёвар санамо бо мани маст.
Сухани ғайр магӯ бо мани маъшуқпараст,
К-аз ваю ҷоми маям низ ба кас парвое.
Сунбули зулфи ту морест бувад бар сари ганҷ,
Қотили мост ду абрӯи ту дар дори сипанҷ.
Меҳр мебозаму ояд зи хадангат шашу панҷ,
Наргис аз лоф зад аз шеваи чашми ту маранҷ.
Нараванд аҳли назар в-аз паи нобиное.

Вожаи сипанҷ ба манзалаи як хонаи муҳаққари ориятӣ, дар байте аз чеҳраи ҷаҳонии ҳамосасаро (Абулқосим Фирдавсӣ) чунин омадааст:

Ки гетӣ сипанҷ асту ҷовид нест,
Фари бартар аз фари Ҷамшед нест.

Ашъор ва сурудаҳои ишқии Саид Нодиршоҳи Каёнӣ, ки муҳасал ва зодаи равияти шикваю муҳаббат, шукуфтаҳои оламу одам буд, идомаи дарозе дорад, ки мо ба зикри накоти фавқ дар замина басанда намудем, аммо таҳлили бахши дорои фони ағлабаш вай мусалсаласт, ки бояд ба таври мустақилонае ба он пардохта шавад.

Нахшаб номи шаҳрест, дар Мовароуннаҳр «бисёр ободон, зебо, пурҷамъият, бисёр деҳот, сернеъмат ва бо кишту зироати фаровон, ки дар фосилаи серӯза ва ё 150 км. шаҳри Бухоро қарор дорад. Нахшабро ба араби Насаф гӯянд. Дар ин охир ба Қаршӣ маъруф гардида чун наҳри Қаршӣ аз миёнаи он мегузарад». Адан- шаҳри соҳилӣ аст, аз шаҳрҳои Арабистон, ки бар соҳили дарёи Ҳиндустон воқеъ шудааст ва вазъи тиҷоратии хубе дорад. Ин шаҳраки соҳилӣ умдатан маҳалли таҷаммуи тиҷори ҳиндӣ буда, муҳимтарин ақломи содироти он қаҳва ва марворид мебошад. Илова бар ин шаҳри Адан маҳалли лӯълӯъ, маъдани нуқра ва фирӯза гуфта шуда, ин калима ба биҳишт - ҷаннат низ итлоқ мешавад.

Хулоса, осор ва офаридаҳои ҳар адиб, сухансаро ва шоири бидуни шак тобеи ҳолот, шароит ва муносиботи ҳокими фарҳангӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсии замони зиндагии вай буда ва офариниш ва сароишҳои ӯ бетабъ аз вазъияти ҷорӣ дар зиндагии ӯ моя мегирад.

Бо каме диққат дар осори Саид Нодиршоҳи Каёнӣ ин тафовут ва гуногуниҳо аз чигунагии авзои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ мусаллат дар кишвар дар сурудаҳои ӯ ба мушоҳида мерасад. Аз ҳамин манзар, дар доираи ғазалиёти ин шоир масоил ва мавзӯоти мухталифи иҷтимоӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ ва миллӣ ва матраҳ гардида, ки яке аз мавориди қобили таваҷҷуҳ ва матмаҳи назари шоир, масъалаи ишқ ин падидаи шаҳири иҷтимоӣ, дар миёни сурудаҳои ӯ будааст.

Ин мақола, ки зери номи “Бозтоби падидаи ишқ дар ғазалиёти Каёнӣ” тартиб гардида, пас аз як баррасӣ ва таҳлили умумӣ, аммо мухтасар дар заминаи падидаи ишқ, ишқ аз зовияи диди худи шоир таҳти баҳс ва мудоқат қарор гирифтааст. Ва аз он ҷо, ки мавзӯи аслии ғазал – баёни авотиф ва эҳсосот, зикри зебоӣ ва камоли маъшуқ ва шиква аз рӯзгор аст, дар ғазалиёти Саид Нодиршоҳи Каёнӣ ба рӯшанӣ дида мешавад.

Яке аз вижагиҳои ғазалиёти ошиқонаи Саид Нодиршоҳи Каёнӣ, мушобиҳат ва амсони зиёди он бо ашъори ғазалсароёни маъруфи арсаи забон ва адабиёти форсии дарӣ аст, ки ҳатто аз калимот ва истилоҳоти онон, корбурди онон дар бофт ва зебоии сурудаҳои худ истифода ба амал овардааст.

Муҳаббат ва меҳрварзии Саид Нодиршоҳи Каёнӣ ба донишварон ва адибони салаф, дар он ҳадде, ки гоҳе аз онон дар осори пурқимати худ ёдоварӣ намуда ва дар пояи

ашъори онон мухаммасҳое нигоштааст, аз ҷумла мухаммас бар як ғазал аз Ҳофиз, ки дар нафси мақолаи ҳозо ба сабт расидааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Шамсиддин Муҳаммади Ҳофизи Шерозӣ. Девони Ҳофиз. - Теҳрон: Ҷайҳун, 1384. – С.45.
2. Саид Нодиршоҳи Каёнӣ. Паёми шамол. – Бумбай: чопхонаи Тоҷмаҳал, 1276. - С.115.
3. Саид Нодиршоҳи Каёнӣ. Девони Саид Нодиршоҳи Каёнӣ. – Бумбай: чопхонаи чопхонаи Раҳимӣ, 1274. - С.119.
4. Саид Нодиршоҳи Каёнӣ. Паёми шамол. – Бумбай: чопхонаи Тоҷмаҳал, 1276. - С.50.
5. Саид Нодиршоҳи Каёнӣ. Паёми шамол. – Бумбай: чопхонаи Тоҷмаҳал, 1276. - С.41.

БОЗТОБИ ИШҚ ДАР ҒАЗАЛИЁТИ КАЁНӢ

Осор ва офаридаҳои ҳар адиби сухансаро ва шоири бидуни шак тобеи ҳолат, шароит ва муносибати ҳокими фарҳангӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсии замони зиндагии вай буда ва офариниш ва сароишҳои ӯ бо тобеъ аз вазъияти ҷорӣ дар зиндагии ӯ моя мегирад. Бо каме диққат дар осори Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ ин тафовут ва гуногуниҳо аз чигунагии авзои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии мусаллат бар кишвар дар сурудаҳои ӯ ба мушоҳида мерасад. Аз ҳамин манзар дар доираҳои ғазалиёти ин шоир масоил ва мавзӯоти мухталифи иҷтимоӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ ва миллӣ матраҳ гардида, ки яке аз маворидиқобили таваҷҷуҳ ва мутмаҳи назари шоир масоилае ишқ ин падидаҳои шаҳид иҷтимоӣ дар миёни сурудаҳои ӯ будааст. Ин мақола, ки зери номи «Бозтоби падидаҳои ишқ дар ғазалиёти Каёнӣ» тартиб гардида, пас аз як баррасӣ ва таҳлили умумии ом мухтасар дар заминаи падидаҳои ишқ, ишқ аз зовияҳои диди худи шоир таҳти бахш ва мадоқа қарор гирифтааст. Ва аз он ҷо, ки мавзӯи аслии ғазал-баёни авотифу эҳсосот зикри зебоӣ ва камоли маъшуқ ва шукӯҳ аз рӯзгор аст. Дар ғазалиёти Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ ба равшанӣ дида мешавад. Яке аз вижагиҳои ғазалиёти ошиқонаи Сайид машобаҳату ҳамсони зиёди он бо ашъори ғазалсароёни маъруфи арсаи забону адабиёти форсии дарӣ аст, ки ҳатто аз калимоту истилоҳот корбурди онон дар бофт ва зебоии сурудаҳои худ истифода ба амал овардааст. Муҳаббату меҳрварзии Каёнӣ ба донишварону адибони салаф дар он ҳадде, ки гоҳе аз онон дар осори пурқимати худ ёдоварӣ намуда ва бар пояи ашъори онон мухаммасҳое нигоштааст. Аз ҷумла мухаммас бар як ғазал аз Ҳофиз, ки дар мақола ҳозо ба сабт расидааст.

Калидвожаҳо: Ишқ, ишқа, салсабил, Ибни Сино, гуйта, носут, нахшаб, адан, зинор, дайр, муътакиф, нагҳат, муътасиб, пири мағон, хаданг, сипанҷ.

ОТРАЖЕНИЕ ЛЮБВИ В СБОРНИКЕ ГАЗЕЛЕЙ КАЁНИ

Наследие и творение каждого литератора подчиняется культурным, социальным, экономическим и политическим обстоятельствам и условиям периода его жизни и его отношению к действительности в котором он живет. При рассмотрении произведений Саида Надир-шаха Каёни также прослеживается влияние социально-политических и экономических условий периода его жизни на его сочинения, заслуживших его внимания. Также в его поэзии очень широко рассматривается тема любви. Любовь – это чувство, свойственное человеку, глубокая привязанность и устремлённость к другому человеку или объекту, чувство глубокой симпатии. Любовь рассматривается также как философская категория, в виде субъектного отношения, интимного избирательного чувства, направленного на предмет любви. В данной статье после общего анализа творчества Саида Надир-шаха Каёни, автор также подверг анализу феномен любви, с точки зрения самого поэта, которое и ставится на обсуждение в данной статье. Истинное содержание его газелей выражает благосклонность и чувство, упоминание о красоте и зрелости возлюбленного и жалобу на жизнь. Также Надир-шах выражает свою любовь и привязанность к мудрецам и писателям и восхваляет их в своих произведениях, и, основываясь на их произведениях, писал свои произведения.

Ключевые слава: любовь, вьюнок, сельсибель, Ибн Сина, материалый мир, Нахшаб, Адан, чётки, мир, отшельник, аромат, мухтасиб, разорение, зороастрийский мудрец, стрела, хижина.

THE REFLECTION OF LOVE IN THE COLLECTION OF GAZELLES KAENI

The article deals with the work and creation of every writer, speaker and poet without self-subordinate position, setting and attitude of the governor of culture, society, economy and politics during its existence and creation, his works were based on the current situation of his life. From a small attention in the works of Said Nadir-shokh Kaeni, this difference and diversity from the state of politics, social status and culture of domination in the country is observed as well. From this point, in the framework of this poet's gazelles, the tasks and the image of the distinction of socialism, culture, politics and supranationality are discussed, which is the blogging of the circumstance deserving attention and the purpose of the poet's view, the question of love is a well-known phenomenon of society and it, was in the middle of his poetry. This article titled by "Reflection of love in the collection of gazelles Kayoni", after consideration of the universal analysis, but in abbreviated form on the phenomenon of love, from the point of view of the poet himself is put to the discussion. And from this point on, the true content of the ghazal states the favors and feeling, the mention of beauty and the maturity of the beloved and the complaint from life in the work of Said Nadir Shah Kayoni is clearly described. Said Nadir Shah Kayoni's love and affection for the sages and ancestral writers in the limit that he sometimes speaks about them in his works, and based on their poetry he wrote his mukhammas

Key words: love, bindweed, selsibel, Kapernik, Tumos Corleil, Ibn Sino, material world, Nakhshab, Adan, rosary, world, hermit, aramat, muhtasib, ruin, Zoroastrian sage, arrow, hut.

В данной статье автор рассматривает вопросы коммуникативного поведения, с точки зрения коммуникативных ролей участников этикетного общения. В настоящий период развития языка СМИ на первый план выдвигается личность журналиста. Говоря от своего имени, журналист направляет свою речь на адресата как на объект своей речевой деятельности и так или иначе воздействует на него, то есть журналист становится главным стилеобразующим фактором публицистического текста. В СМИ журналист (адресант), согласно правилам речевого этикета, в соответствии с ситуацией общения, использует различные этикетные выражения обращения, приветствия и прощания с целью создать нужную, желательную, благоприятную тональность общения. Адресат поддерживает контакт с адресантом, сообщает ему вербальными и невербальными средствами о ходе восприятия сообщения, ведёт себя как партнёр, принимающий от адресанта запросы информации, сообщения, предписания совершить некоторые действия. Автор подчёркивает, что адресат, являясь невольным соавтором журналистского текста, вынуждает журналиста выбирать ту этикетную форму, которая наиболее уместна для данной обстановки общения и наиболее типична для собеседника в связи с его дифференциальными социальными и индивидуальными признаками (возраст, пол, степень образованности и т.д.).

Ключевые слова: адресант, адресат, конкретный адресат, косвенный адресат, коммуникация, приветствие, обращение, прощание, журналист.

TAJIK MEDIA AND COMMUNICATIVE ROLES OF ETIQUETTE PARTICIPANTS

In this article, the author examines the issues of communicative behavior from the point of view of the communicative roles of participants in etiquette communication. In the present period of development of the language of the media, the personality of the journalist is being highlighted. Speaking on his own behalf, the journalist directs his speech to the addressee as the object of his speech activity and in one way or another influences him, that is, the journalist becomes the main style-forming factor of the journalistic text. In the media, a journalist (addresser), in accordance with the rules of speech etiquette, in accordance with the situation of communication, uses various etiquette expressions of address, greeting and farewell in order to create the necessary, desirable, favorable tone of communication. The addressee maintains contact with the addressee, informs him with verbal and non-verbal means about the course of perception of the message, behaves like a partner, accepting requests for information, messages, instructions to perform certain actions from the addressee. The author emphasizes that the addressee, being an unwitting co-author of the journalistic text, forces the journalist to choose the label form that is most relevant for a given communication environment and most typical for the interlocutor due to his differential social and individual characteristics (age, gender, degree of education, etc.) d.).

Key words: addressee, addressee, specific addressee, indirect addressee, communication, greeting, address, farewell, journalist.

Сведения об авторе: ***Джураева М.Р.*** – Таджикский национальный университет, доктор филологических наук, профессор, заведующая кафедрой стилистики и литературного редактирования. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17. E-mail: **light_angel-65@mail.ru.**
Тел.: **(+992) 93-880-93-01**

Information about the author: ***Dzhuraeva MR*** - Tajik National University, Doctor of Philology, Professor, Head of the Department of Stylistics and Literary Editing. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17. E-mail: **light_angel-65@mail.ru.** Tel.: **(+992) 93-880-93-01**

УДК: 07+891.550+327(575.3)

МОҲИЯТ ВА РИСОЛАТИ ҲАМКОРИҲОИ ТОҶИКИСТОН ВА ИНЪИКОСИ ОН ДАР АГЕНТИИ ИТТИЛООТИИ АМОРОТ ((وام) وكالة انباء الامارات)

Қаландаров С.Д.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Имрӯз бо саъю кӯшиши бевоситаи Президенти кишвар муносибатҳои дипломатӣ ва иқтисодию фарҳангӣ миёни Тоҷикистон ва кишварҳои арабӣ рӯз то рӯз густариш меёбад. Дар Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст: «Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо истиқбол аз алоқамандии кишварҳои арабии ҳошияи халиҷи Форс, аз қабили Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, Қатар, Кувайт, Амороти Муттаҳидаи Араб (АМА), ба сармоягузории лоиҳаҳои иқтисодии Тоҷикистон, ки аҳаммияти миллӣ ва минтақавӣ доранд, ба густариши ҳамкории мутақобилан судманд бо кишварҳои минтақаи мазкур саъй менамояд. Ба манзури таҳкими муносибатҳо бо ҷаҳони араб Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкориро бо Ҷомеаи (Лига –Қ.С) давлатҳои арабӣ густариш хоҳад дод» [10].

Муносибатҳои дипломатӣ байни Тоҷикистон ва Амороти Муттаҳидаи Араб 18-уми декабри соли 1995 барқарор шуда, аз соли 2011 инҷониб сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар АМА фаъолият мекунад. Аз оғози барқароршавии муносибатҳо байни ҳарду кишвар ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷониба дар фазои мутақобилан судманд густариш меёбад. Мавриди зикр аст, ки Президенти Тоҷикистон дар давоми соҳибистиқлолӣ се маротиба (16-18-уми декабри соли 1995; 9-13-уми апрели соли 2007 ва 16-17-уми марти соли 2016) ба АМА сафари расмӣ анҷом додааст, ки зимни бозидҳо 16 созишномаи (санад) муҳимми ҳамкории дуҷониба дар соҳаҳои мавриди таваҷҷуҳи тарафайн, аз ҷумла дар соҳаҳои иқтисод, тиҷорат, сармоягузорӣ, илму маориф, варзишу саёҳат, амнияту дин ба имзо расидааст, ки онҳо дурнамои муносибатҳои кишварҳои дӯсту бародарро муайян месозанд [3, с.78].

Қобили зикр аст, ки вазъ (ҳолат), проблема ва дурнамои муносибат ва ҳамкориҳои Тоҷикистон бо кишварҳои араб дар солҳои соҳибистиқлолӣ аз ҷониби олимони тоҷик Умаров Ф. [6], Разоқов Ш. [2] ва Давлятов З. [1] мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст. Пажӯҳишгарон дар рисолаҳои хеш кӯшиш кардаанд, ки ҷанбаҳои гуногуни муносибату ҳамкориҳои Тоҷикистонро бо ҷаҳони ислом ва кишварҳои арабии халиҷи Форс таҳлилу баррасӣ намоянд. Мавзӯи нақши ВАО дар инъикоси муносибату ҳамкориҳо ва ҳаводиси Тоҷикистон дар матбуоти олами араб мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст. Зимнан дар журналистикаи рус ин самт то андозае таҳқиқ гардида, якчанд рисола ва таҳқиқоти илмӣ вуҷуд дорад.

Дар ҷомеаи мураккабу зудтағйирёбандаи муосир ва тадриҷан авҷ гирифтани ҷанги сард байни давлатҳои абардқудрат нақши ВАО нисбат ба солҳои пешин хеле бориз ва муҳим гаштааст. ВАО имрӯз бо имконияти фаровони худ дар самти таҳким ва густариши муносибатҳои байнидавлатӣ нақши муҳим бозида метавонад. Воқеаву ҳодисаҳои замони муосир тақозо менамоянд, ки махсусан давлатҳои абардқудрат барои амалӣ кардани мақсаду ҳадафҳои худ аз имконоти ВАО самаранок истифода мекунанд. Ба таъбири муҳаққиқ Ҷ. Муқим “ба воситаи ВАО сиёсати худро дар дилхоҳ минтақа тарғиб менамоянд ва ҷомеаи он минтақаро, тарзе ки онҳо мехоҳанд, идора мекунанд [8, с.14].

Мувофиқи хулосаҳои муҳаққиқон нашри ҳамаи муассисаҳои табъу нашр дар кишварҳои араб ба маҳдудиятҳои маъмурӣ, молӣ ва касбӣ рӯбарӯанд. Аз ҷумла, бе гирифтани иҷозатномаи аз тарафи ҳокимияти ҳукмрон тасдиқшуда ҳуқуқи чоп кардани нашрияро надоранд. Инчунин, барои гирифтани иҷозатнома пардохти маблағи суғурта лозим аст. Дар АМА давлат қонунан озодии матбуотро танзим ва маҳдуд месозад, новобаста аз он ки тибқи қоида ва ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ, ки таъкид медоранд: “озодии сухан яке аз ҳуқуқи асосии инсон аст”. Ҳамчунин соҳиби нашрия бояд шаҳрванди Аморат бошад ва дар он ҷо зиндагӣ кунад [4, с.192].

Ба андешаи профессор Иброҳим Усмонов воситаи ахбори омма вазифадор аст, ки сиёсати давлатро инъикос намояд ва тавре инъикос намояд, ки он бар татбиқи манфиати миллӣ мусоидат намояд [7, с.23]. Матбуот дар АМА (чи ҳукуматӣ ва чи хусусӣ) аз давраи пайдоиш таҳти назорат ва таваҷҷуҳи махсуси давлат қарор дорад. Матбуот ва ВАО бо давлат ва самти сиёсати пешгирифтаи он алоқаманд аст. Қонунгузории АМА воситаҳои ахбори оммаро вазифадор мекунад, ки ҳокимони кишвар ва сиёсати пешгирифтаи онҳоро эҳтиром кунанд. Ёрии моддӣ-пулии (субсидии) давлат яке аз сарчашмаҳои муҳимми сармоягузории нашрияҳои чопӣ, ҳатто хусусӣ боқӣ аст. Давлат онро ҳамчун фишанги маъмурӣ ва иқтисодӣ барои тақвияти нуфузи хеш истифода мебарад. Мувофиқи омори расмӣ айни ҳол дар Аморат зиёда аз 158 рӯзномаю маҷалла ба табъ мерасад, ки 65-то бо забони арабӣ ва 93 адад бо забони англисӣ аст. Аз ҷумла машҳуртарин нашрияҳои арабӣ дар шаҳри Абӯ Дабӣ - «Ал-Иттиҳод», «Ахбор-ул-араб», «Ал-Фаҷр», «Ал-Ваҳда», дар Дубай «Ал-Баён», «Аморат-ул-явм» ва дар шаҳри Шарҷа «Ал-Халиҷ» мебошанд. Бо забони англисӣ нашрияҳои «Голф Нюз», «Эмирейтс Тудей», «Халиҷ Таймс», «Ивнинг Пост», «Севен Дейз» ва «Голф Тудей» нисбатан маъруфанд. Бештари ин нашрияҳо дар Интернет сомонаҳои худро доранд. Дар кишвар “зиёда аз 20 шабакаи радиоӣ ва 40 шабакаи телевизионӣ фаъолият дорад. Шаҳрвандон ба зиёда аз 200 шабакаҳои моҳварӣ дастрасанд” [5, с.126].

Дар маҷмӯъ, ВАО дар Амороти Муттаҳидаи Араб таҳти назорати қатъии ҳукумат қарор дорад ва ягон барнома, мусоҳиба ва интишорот бе мувофиқати ҳукумат пахш ва ё нашр намешавад. Агар барнома ва ё мусоҳибае, ки дар он таҳдиди иғвоангезӣ мушоҳида шавад, фавран аз эфир гирифта шуда, рӯзноманигор мумкин аз кор ронда шавад. Танқиди ҳокимияти давлатӣ қатъиян манъ аст. Саркашӣ комилан истисност. Яъне, ВАО дар Аморат муҳимтарин воситаи расонидани таъсири сиёсиест, ки самти муайяннамудаи роҳбарони давлатро дастгирӣ мекунад. Қонунгузории АМА ВАО-ро вазифадор мекунад, ки ҳокимони кишвар ва сиёсати пешгирифтаи онҳоро ҳурмат кунанд. Аз ин рӯ, васоити ахбори омма дар ҷомеа афкореро ба вуҷуд меоранд, ки махсусан ба манфиати доираҳои ҳукмрон бошад [9, с.142].

“Агентии иттилоотии Аморот” ((وام) وكالة انباء الامارات) ягона Агентии иттилоотии расмӣ-давлатии Аморот ба ҳисоб рафта, аз соли 1976 инҷониб фаъолият дорад. Он қариб 90 % -и хабарҳои расмӣ ва хориҷиро таъмин мекунад ва яке аз сарчашмаҳои асосии матбуоти миллӣ ба шумор меравад. Бо 50 Агентии иттилоотии давлатҳои дигар ҳамкориҳои мутақобила дорад. Сабаби баррасӣ қарор гирифтани Агентии мазкур дар он аст, ки дар фазои иттилоотии Аморот мавқеи муҳим дошта, дар муаррифии Тоҷикистон ба олами араб фаъол аст.

Агентии мазкур муддати се соли охир (2016-2018) дар бораи муносибату ҳамкориҳои Тоҷикистон бо АМА 72 хабару гузориш (аз ҷумла, дар 2016-15; 2017-41; 2018-26) ба табъ расонидааст. Омӯзиши мавод нишон медиҳад, ки Агентии иттилоотии мазкур асосан ба масъалаҳои муносибат ва ҳамкориҳои байни ҳарду кишвар бештар таваҷҷуҳ кардааст. Чунончи таҳқиқ нишон дод, аз 72 хабару гузоришоте, ки бевосита ба Тоҷикистон рабт

дорад, 55-то ба мавзӯи муносибату ҳамкорӣ ва 7-тои дигар ба мавзӯи фарҳангӣ бахшида шудааст. Дар қиёс бо дигар агентиҳои иттилоотии араб гуфтан мумкин аст, ки Агентии мазкур мавқеи беғаразона ва ҳамзамон нисбатан бетафовутонаро ихтиёр кардааст. Аксари агентиҳо ба таҳрифи ахбор ва бо назардошти манфиатҳои худ амал кардан мехоҳанд.

Омӯзиш ва таҳқиқи матолиби Агентӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки воқеан ҳам ба сатҳ ва раванди муносибатҳои ҳарду кишвар таваҷҷуҳи бештар зоҳир карда, оид ба муносибат ва ҳамкориҳо бо Тоҷикистон хабару гузоришот нашр намудааст, ки дар муаррифии Тоҷикистон ба олами араб мавқеи хос дорад. Маводи Агентии иттилоотии мазкур баёнгари он аст, ки муносибатҳои Тоҷикистон бо АМА дар сатҳи хуб қарор дорад. Агентӣ аз ҳамаи сафар ва мулоқоту вохӯриҳои мутақобилаи намояндагони ҳарду давлат хабарҳо ба табъ расонидааст. Чунончи, соли 2018 аз мулоқоти Сафири ғайримуқими АМА дар Тоҷикистон Муҳаммад Аҳмад ибн Султон Ал-Ҷобир (محمد أحمد بن سلطان الجابر) бо Вазирони корҳои хориҷӣ, мудофиа, кишоварзӣ, Раиси кумитаи амнияти миллӣ, Раиси Агентии захираҳои моддӣ ва ҷонишини аввали вазири энергетикаи тоҷик, инчунин аз вохӯрии Прокурори Генералии АМА бо ҳамтои тоҷикаш хабарҳои расмӣ нашр кардааст [11].

Соли 2016 дар Агентии иттилоотӣ асосан дар бораи сафарҳои расмии Президенти Тоҷикистон ва вохӯрию мулоқотҳои ӯ бо роҳбарони Арабистони Саудӣ (5 мавод), АМА (6 мавод) ба табъ расонидааст [12].

Соли 2017 аз сафари расмии Раиси кумитаи сармоягузорӣ ва амлоки давлатӣ Қаҳорзода Файзиддин Саттор ба АМА ва вохӯрию мулоқотҳои ӯ бо роҳбарони ин кишвар ҷиҳати таҳкими муносибатҳои тиҷоратию сармоягузорӣ, вохӯриҳои Сафири АМА дар Тоҷикистон бо Сарвазири кишвар Қаҳор Расулзода, вазирони корҳои хориҷӣ ва дохилӣ, сафари расмии вазири хориҷии АМА ба Тоҷикистон ва мулоқоти ӯ бо Президенти кишвар хабар додааст [13].

Ҳамаи мавод дар жанрҳои хабар (кӯтоҳ, васеъ) ва гузориш навишта шудааст. Дар ҳамаи матолиб ҳавасмандии ҳарду ҷониб роҷеъ ба густариши муносибатҳои гуногунҷабҳа, истифодаи таҷрибаҳо ва ҷустуҷӯи роҳҳои тақвияти равобит зикр шудааст. Аз таҳқиқ ва омӯзиши мавод маълум мешавад, ки Агентии иттилоотӣ инъикоскунандаи сиёсати хориии давлати АМА мебошад ва аз тамоми вохӯрию мулоқотҳои ҳарду кишвар мардуми худро иттилоъ додааст. Мавзӯи дигаре, ки Агентии иттилоотӣ бештар ба он таваҷҷуҳ кардааст, инъикоси ҳамкориҳо мебошад. Агентӣ соли 2018 роҷеъ ба ҳамкориҳо 7 мавод чоп кардааст.

Чунончи, дар бораи имзои Ёддошти тафоҳум ҷиҳати ҷалби қувваи корӣ аз Тоҷикистон ба АМА ва ба имзо расидани шартномаи ҳамкорӣ оид ба интиқоли шахсони маҳкумшуда байни АМА ва Тоҷикистон, хабару гузориш ба табъ расонидааст. Агентии иттилоотӣ рӯзи 16.04.2018 бо сарлавҳаи “Аморот ва Тоҷикистон ёддошти тафоҳум дар соҳаи қувваҳои кориро имзо мекунанд” хабар чоп намудааст, ки дар он мақсади имзои Ёддошти мазкурро ҷалби коргарони тоҷик ва густариши ҳамкориҳои ҳарду ҷониб ҷиҳати татбиқи беҳтарин раванди қарордодҳои муваққатӣ гуфтааст. Дар хабар гуфта мешавад, ки Ёддошти тафоҳумро аз ҷониби Тоҷикистон Тағойзода Сумангул Саид-вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ ва аз ҷониби АМА Носир ибн Сонӣ Ал-Ҳомилӣ вазири заҳираҳои башарӣ имзо кардаанд. Дар хабар ҷониби Аморот имзо ва аҳаммияти шартномаро “комёбии ҳарду ҳукумат ҷиҳати пешрафти робитаҳои дӯстонаи байниҳамдигарӣ ва густариши муносибатҳои дуҷониба дар соҳаи ҷалби қувваҳои корӣ таъкид кардааст” [14]. Дар маводи дуюм хабар дода мешавад, ки рӯзи 18.04.2018 Девони АМА шартнома оид ба интиқоли шахсони маҳкумшуда байни АМА ва Тоҷикистонро тасдиқ кард. Ҳамзамон дар хабар таъкид мешавад, ки шартнома ҳанӯз 17.03.2016 ҳангоми сафари расмии Президенти Тоҷикистон ба АМА аз тарафи ҳарду ҷониб бо мақсади густариши ҳамкорӣ оид ба интиқоли шахсони маҳкумшуда ва адои ҷазо (ҳукм) дар кишварашон, ба имзо расида буд [15].

Ҳамчунин агентӣ рӯзи 14.11.2017 хабареро бо номи “Тоҷикистон раводиди (виза) шаҳрвандони Аморотро ҳангоми расидан ба сарзаминаш иҷозат медиҳад” ба табъ расонида, аз иқдоми Тоҷикистон тарафдорӣ кардааст. Зикр мешавад, ки шаҳрвандони АМА-дорандагони шиносномаҳои дипломатӣ, махсус ва одӣ метавонанд ҳангоми омаданашон ба Тоҷикистон раводиди худро дар фурӯдгоҳи байналмилалии Душанбе дастрас намоянд. Намояндаи вазорати корҳои хориҷии Аморот Аҳмад Саид Илҳом Аз-Зоҳирӣ мегӯяд, ки ин иқдоми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикоскунандаи мақоми байналмилалии давлати Аморот мебошад. Ҳамчунин таъкид мекунад, ки ин ташаббус барои шаҳрвандони Аморот ҷиҳати сайёҳӣ, сармоягузорӣ ва тиҷорат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имкониятҳои наверо фароҳам меорад ва дар густариши муносибатҳо ва унсурҳои шарикӣ байни ҳарду кишвар саҳми худро мегузорад” [16].

Агентии мазкур 17.09.2017 роҷеъ ба сармоягузорӣ дар Тоҷикистон гузорише бо номи ««Бонки рушди Абӯ Дабӣ» дар кушодашавии роҳи Кӯлоб-Қалъаи Хумб бо саҳмгузории 55 млн. дирҳам иштирок мекунад» ба нашр расонидааст. Дар хабар омадааст, ки давлати АМА бо иштироки Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва бо намояндагӣ аз вазири

энергетикаи АМА Суҳайл Ал-Мазруқӣ ва Директори генералии Бонки рушди Абӯ Дабӣ Муҳаммад Сайф Ас-Сувайдӣ дар маросими ҷашни кушодашавии роҳи мазкур иштирок кардаанд. Бонки мазкур дар сармоягузории роҳ (39 км) ба маблағи 55 млн. дирҳам саҳм гузошт, ки 16 % - и арзиши умумиро ташкил медиҳад. Агентӣ дар такя ба суханони вазири энергетика меафзояд, ки давлати АМА барои густариши муносибатҳои муштарак бо Тоҷикистон дар ҳамаи соҳаҳо саъю кӯшиш мекунад. Аз ҷумла, нашрия аз номи вазири АМА менависад: «Лоиҳае, ки Бонки рушди Абӯ Дабӣ дар сармоягузориаш саҳм гирифт аз таваҷҷуҳи давлати АМА ба кумаки айёнии Ҳукумати Тоҷикистон дар густариши зерсохтори кишвар далолат мекунад». Дар гузориш Агентӣ дар такя ба суханони Директори генералии Бонки рушди Абӯ Дабӣ- Муҳаммад Сайф Ас-Сувайдӣ оид ба аҳаммияти ин роҳ менависад, ки давлати Аморат дар пешрафт ва густариши муносибатҳои дуҷониба ва рушди ҳамкориҳои муштарак бо давлатҳои Осиёи Миёна ҳавасманд аст. Роҳе, ки кушодашавиаш анҷом ёфт аз лоиҳаҳои стратегие ба ҳисоб меравад, ки дар бахшҳои нақлиёту алоқа дар Тоҷикистон барои осон кардани кашондани мусофирон ва амвол саҳми худро хоҳад гузошт. Илова бар ин, роҳ шаҳрҳои асосии Тоҷикистонро бо роҳҳои дигари байналмилалӣ мепайвандад. Лоиҳае, ки ҳадаф дорад якчанд қишлоқҳои кӯҳии байни Шӯробод ва қишлоқи Шоҳонро бо роҳҳои байналмилалӣ бипайвандад ва ҳаракати кашондани амволи дохилию беруниро тақвият диҳад. Ҳамчунин дар мавод омадааст, ки дар сармоягузории лоиҳа ғайр аз Бонки рушди Абӯ Дабӣ инчунин Бонки исломии рушд, Фонди Саудӣ, Фонди Кувайтӣ ва Фонди рушди байналмилалии ОПЕК низ саҳм мегузоранд. Роҳ барои пайваст шудани Тоҷикистон бо ҳамсояҳояш - Афғонистон, Узбекистон, Покистон, Чин ва Қирғизистон мусоидат мекунад” [17]. Агентӣ аз кушодашавии ин лоиҳа ва аҳаммияти он хеле хуб ҷонибдорӣ кардааст.

Қобили зикр аст, ки давлати АМА дар масоили байналмилалӣ роҷеъ ба самаранок истифода бурдани захираҳои оби ошомиданӣ ҳамеша аз Тоҷикистон ҷонибдорӣ кардааст. Агентӣ роҷеъ ба ин масъала рӯзи 22.06.2018 ҳисобот бо сарлавҳаи “АМА аҳаммияти густариши ҳамкории байналмилалиро барои самаранок истифода бурдани захираҳои обӣ таъкид мекунад” нашр кардааст, ки дар он аз дар сатҳи баланд баргузор шудани Конфронси байналмилалии “Об барои рушди устувор 2018-2028”, ки дар шаҳри Душанбе доир гашт, иттилоъ додааст. Гуфта мешавад, ки бо Раисии (Сарпарастӣ) Президенти Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо СММ Конфронси байналмилалии сатҳи баланд баргузор гашт, ки дар он намояндаи вазорати энергетика ва саноати АМА Доктор Матар Ҳомид Ан-Ниёдӣ (الدكتور مطر حامد النيادي) суханронӣ карда, аз ин ташаббуси Тоҷикистон тарафдорӣ кардааст. Агентӣ ҳамчунин дар гузориш аз кори Конфронс ва иштирокчиён изҳори қаноатмандӣ карда менависад, ки ба ғайр аз Президенти Тоҷикистон, инчунин Президентони Туркманистон, Покистон, Афғонистон, намояндагони зиёда аз 100 давлат дар сатҳи намояндагони ҳукуматҳо, вазирон, масъулони баландпояи муассисаҳои СММ, ташкилотҳои байналмилаливу минтақавӣ, ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ, соҳибкорон, ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ, олимону мутахассисони соҳа ва намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳузур доштанд [18].

Қобили тазаккур аст, ки дар ҳамаи Конфронсҳои байналмилалии сатҳи баланд вобаста ба масоили об, ки солҳои пеш дар Тоҷикистон баргузор гардидааст, ҳайати баландпояи АМА иштирок карда, тариқи ВАО ба мардуми кишварашон хабар додаанд.

Мавзӯи дигаре, ки Агентии иттилоотӣ ба он таваҷҷуҳ кардааст, ин кумакҳои хайриявии муассисаҳои аморатӣ “Дорулбарр” (دار البر), “Набазот” (نبضات) ва “Сақялиморот” (سقيا الإمارات) ба Тоҷикистон мебошад. Чунончи, рӯзи 03.11.2018 хабаре бо номи “Ҷамъияти “Дорулбарр” беморхонаеро дар Тоҷикистон ба маблағи 54 ҳазор доллар барои хариди таҷҳизоти тиббӣ ёрӣ мерасонад” чоп кардааст, ки дар он Сафири АМА Муҳаммад Аҳмад ибн Султон Ал-Ҷобир ба беморхонаи дастгоҳи ҳазмкунии Душанбе аз номи Ҷамъияти “Дорулбарр” маблағи 54 ҳазор доллари амрикоиро барои хариди таҷҳизоти тиббӣ тақдим намудааст [19].

Ҳамчунин рӯзҳои 6-ум ва 13-уми ноябри 2017 таҳти сарлавҳаҳои “Иқдоми (ташаббус) “Набазот” ташхисҳои ройгонро барои кӯдакони Тоҷикистон анҷом медиҳад” ва “Гурӯҳи “Набазот” 60 амалиёти ҷарроҳии дили кӯдаконро дар Тоҷикистон ба иҷро мерасонад” хабар ба табъ расонидааст, ки аз ташаббуси муассисаи хайриявии Муҳаммад ибн Рошид Ал-Мактум роҷеъ ба ройгон гузаронидани амалиёти ҷарроҳии дили кӯдакони маъюби модарзод хабар дода мешавад. Аз ҷумла, зикр мешавад, ки зимни маъракае, ки муддати панҷ рӯз давом кард, гурӯҳи мазкур дар Тоҷикистон зиёда аз 300 нафар кӯдакро аз ташхиси ройгони тиббӣ гузаронида, 60 амалиёти гуногуни ҷарроҳии дили кӯдакони маъюби модарзодро (аз се моҳа то 18 сола) ройгон ба сомон расонидааст [20].

Мавзӯи дигари мавриди таваҷҷуҳи ин Агентии иттилоотӣ қароргирифта инъикоси робитаҳои фарҳангии байни ҳарду кишвар мебошад. Агентӣ соли 2018 вобаста ба мавзӯи мазкур чор мавод ба табъ расонидааст, ки аз робитаҳои хуби фарҳангии Тоҷикистону АМА шаҳодат медиҳад. Чунончи, оид ба сафари ҳайати фарҳангии намояндагони АМА ба Тоҷикистон, ки аз 5-ум то 12 майи 2018 давом кард, се мавод чоп кардааст. Яке аз

мавод таҳти унвони “Суханронӣ дар донишгоҳи Тоҷикистон перомуни зебоиҳои дипломатияи фарҳангии АМА ва Тоҷикистон” ба табъ расидааст, ки дар он аз баромади Раиси донишкадаи байналмилалии дипломатияи фарҳангии Дубай доктор Муҳаммад Комил Ал-Муъайнӣ (الدكتور محمد كامل المعيني) дар ДМТ сухан меравад. Вохӯрӣ дар ҳошияи Намоиши фарҳанги арабӣ дар Тоҷикистон баргузор гаштааст. Мавсуф аз сатҳи равобити муносибатҳои фарҳангии байни кишварҳоямон ситоиш карда, аз ҷумла зикр мекунад: “Фарҳанг василаи барҷастаи наздикшавӣ ва гуфтугӯи ҷомеаҳо ба ҳисоб меравад ва дар наздиккунонии нуқтаҳои назар, тақвияти ҳамдигарфаҳмӣ ва эҳтироми мутақобила саҳми босазо дорад” [21].

Рӯзи 22.01.2018 гузориши муфассале бо номи “ ... “Ҳафтаи мероси (ойин) тоҷикӣ“ дар Шарҷа” чоп кардааст, ки дар он аз ташкилкунандаи намоиш - Донишкадаи мероси Шарҷа, иштироки Раиси донишкадаи мазкур Доктор Абдулазиз Ал-Муслим, Сафири фавқулода ва мухтори Тоҷикистон дар АМА Шарифи Баҳодур Маҳмудзода, намояндагони ҳайати Тоҷикистон, устодону мутахассисони донишкада ва ҳаводорони мероси фарҳангӣ таъкид шудааст. Нашрия дар такя ба суханони доктор Абдулазиз Ал-Муслим аз муносибатҳои ҳасанаи Тоҷикистону Аморот ёдовар шуда, қайд мекунад, ки Тоҷикистон соҳиби меросу тамаддуни қадима ва ғанӣ аст. Ва намоиши расму русум, санъати миллӣ, мусиқии халқӣ, либос ва хӯрокҳои мардумӣ имконият медиҳад, ки ҳаводорони фарҳанг ба мероси таърихии тоҷик аз наздик шинос шаванд. Ҳамчунин дар гузориш дар такя ба суханони сафири Тоҷикистон дар АМА хабар медиҳад, ки муносибатҳои ҳамкорӣ, аз ҷумла ҳамкориҳои фарҳангӣ байни Тоҷикистону давлати Аморот дар ҳоли густариш аст. Хулосаи гузориш ҳарду ҷониб аз намоиши фарҳангӣ изҳори қаноатмандӣ кардаанд [22].

Хулоса, аз таҳқиқ ва омӯзиши маводи Агентии иттилоотии АМА бармеояд, ки ахбору гузоришот дар матбуот имконияти муаррифии бештар ҷиҳати шинохти давлатҳо ва дарёфти самтҳои афзалиятноки ҳамкориҳои дуҷониба фароҳам меоварад. Ҳамчунин аз маводи таҳқиқнамудаи агентӣ мушоҳида мешавад, ки ҷиҳати муаррифии Тоҷикистон дар олами араб мусоидат мекунад. Қобили тазаккур аст, ки Агентии иттилоотӣ ҳамчун агентии расмии давлати Аморот инъикоси раванди густариши муносибатҳо ва васеъ гаштани равобити ҳамкориҳои тиҷоратӣ ва фарҳангиву иҷтимоии ҳарду кишварро мусбат муаррифӣ карда, ба мардуми ҷаҳони араб пешниҳод кардааст.

Зикр кардан бамаврид аст, ки роҷеъ ба инъикоси ҳаводису рӯйдодҳои ҳаёти сиёсиву иҷтимоии Тоҷикистон дар Агентии иттилоотии давлатии АМА ягон хабару маълумот мушоҳида нашуд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки агентӣ ба ин масъалаҳо таваҷҷуҳ надорад.

А Д А Б И Ё Т

1. Давлятов З.Қ. Тоҷикистон ва Шоҳигариҳои арабӣ: ҳамкорӣ ва дурнамо (таҷрибаи таҳлили иҷтимоию сиёсӣ) / З.Қ.Давлятов. – Душанбе: Дониш, 2018. - 231 с.
2. Разоков Ш.А. Проблемы и перспективы развития сотрудничества республика Таджикистан с арабскими странами Персидского залива в годы независимости / Ш.А.Разоков. – Душанбе: Дакики, 2015. - 288 с.
3. Сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар масири истиқлолият / Зери назари Ҳамрохон Зарифӣ. - Душанбе: Ирфон, 2011. – 320 с.
4. Сухова Е.Ф. Влияние правительства на деятелность арабских СМИ / Е.Ф. Сухова // Вестник Нижегородский университета им. Н.И.Лобачевского. - 2008. - № 1. - С. 190-193.
5. Тройнина Т.Т. Развитие свободной прессы в Объединенных Арабских Эмиратах / Т.Т.Тройнина // Вестник Новосибирского государственного университета (серия: история, филология). - 2012. - № 4. - С. 125-128.
6. Умаров Ф. Республика Таджикистан и мусульманский мир: особенности сотрудничества (монография) / Ф.Умаров. – Душанбе: Ирфон, 2011. - 184 с.
7. Усмонов И.К. Воситаҳои ахбори омма ва сиёсати хориҷии Тоҷикистон / И.К. Усмонов. - Душанбе: Сино, 2013. - 64 с.
8. Ҷовид Муқим. Радиои Би-Би-Си: дирӯз ва имрӯз. - Душанбе: Девештич, 2006. - 144 с.
9. Шараф Фарук Ради. Становление и развитие периодической печати в Объединенных Арабских Эмиратах (1971 - 2000 гг.). - Москва, 2001. - 161 с.
10. http://mfa.tj/index.php?l=tj&art=1072 Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.01. 2015, №332 тасдиқ шудааст.
11. http://wam.ae/ar سفير الدولة يلتقي وزير الزراعة في طاجيكستان، السبت، ٣ نوفمبر ٢٠١٨ - ٦:٣٤:٤٦ م: سفير الدولة يلتقي رئيس وكالة الاحتياطات المادية في طاجيكستان، السبت، ٣ نوفمبر ٢٠١٨ - ٥:٥٥:٣٥ م: سفير الدولة يلتقي رئيس لجنة الأمن القومي في جمهورية طاجيكستان، الجمعة، ٢ نوفمبر ٢٠١٨ - ١١:٤١:٢٢ م: سفير الدولة يلتقي النائب الأول لوزير الطاقة والمياه في طاجيكستان، الجمعة، ٢ نوفمبر ٢٠١٨ - ١١:٢٦:٠٠ م: سفير الدولة يلتقي وزير خارجية طاجيكستان، الأربعاء، ٣١ أكتوبر ٢٠١٨ - ٨:٣٠:٢٣ م: سفير الدولة يلتقي وزير الدفاع الطاجيكستاني، الثلاثاء، ٣٠ أكتوبر ٢٠١٨ - ٩:٥٥:٥٥ م: النائب العام للدولة يبحث التعاون القضائي مع طاجيكستان، الإثنين، ١٠ ديسمبر ٢٠١٨ - ٤:٠١:٥٤ م.
12. http://wam.ae/ar رئيس وزراء طاجيكستان;سفير الدولة ووزير داخلية طاجيكستان يبحثان التعاون، الخميس، ٢٣ نوفمبر ٢٠١٧ - ١٠:٢٣:٠٢ ص سفير الدولة يلتقي وزير خارجية طاجيكستان، الثلاثاء، ٢١ نوفمبر ٢٠١٧ - ١٠:٤٧:١١ ;يستقبل سفير الدولة، الخميس، ٢٣ نوفمبر ٢٠١٧ - ١٠:١٤:٤٢ ص رئيس طاجيكستان يستقبل عبدالله بن زايد، الجمعة، ٢٦ مايو ٢٠١٧ - ٤:١٤:٤٨ م;م
13. http://wam.ae/ar خادم الحرمين الشريفين ;م 03/01/2016 06:56:01السعودية وطاجيكستان توقعان عددا من الاتفاقيات في مختلف المجالات، محمد بن سلمان ورئيس طاجيكستان يبحثان ;م 03/01/2016 08:14:00ورئيس طاجيكستان يبحثان العلاقات الثنائية ومستجدات الأوضاع، رئيس طاجيكستان وأمين عام منظمة التعاون الإسلامي يبحثان التعاون التحديات التي تواجه الأمة الإسلامية، ;م 3/01/2016 10:44:03التعاون الثنائي، محمد بن زايد يستقبل الرئيس ;م 05/01/2016 08:36:01 بحث التعاون بين طاجيكستان والبنك الإسلامي للتنمية، ;م 05/01/2016 02:06:02 رئيس ;م 6/03/2016 06:34:00 .محمد بن زايد يجري مباحثات مع رئيس طاجيكستان;م 16/03/2016 03:52:01الطاجيكستاني لدى وصوله الى البلاد، رئيس ;م 17/03/2016 02:32:00. محمد بن راشد يستقبل رئيس طاجيكستان;م 16/03/2016 07:40:00. طاجيكستان يزور جامع الشيخ زايد الكبير

الإمارات وطاجيكستان تؤكدان في بيان مشترك رغبتهما بمواصلة تعزيز .طاجيكستان بفتتح مبنى سفارة بلاده الجديد في أبوظبي 7/03/2016 06:44:00 م .علاقاتهما الثنائية والدفع بأوجه التعاون نحو مزيد من النمو والتطور 17/03/2016 08:46:01 م

14. http://wam.ae/ar لامارات وطاجيكستان توقعان مذكرة تفاهم في مجال القوى العاملة، الإثنين، ١٦ أبريل ٢٠١٨ - ١:٥٦ م
15. http://wam.ae/ar توقيع وثائق تصديق اتفاقية نقل الأشخاص المحكوم عليهم بين الإمارات وطاجيكستان، الأربعاء، ١٨ أبريل ٢٠١٨ - ٥:٠٠:٢٠ م
16. http://wam.ae/ar طاجيكستان تمنح مواطني الإمارات تأشيرة الدخول لأراضيها عند الوصول، الثلاثاء، ١٤ نوفمبر ٢٠١٧ - ١٢:٠٨:٠٧ ص
17. http://wam.ae/ar "أبوظبي للتنمية" يشارك في تدشين طريق كولياب كالايخوم بطاجيكستان بمساهمة 55 مليون درهم الأحد، ١٧ سبتمبر ٢٠١٧ - ٥:٤٨ م
18. http://wam.ae/ar الإمارات تؤكد أهمية تعزيز التعاون الدولي من أجل استدامة الموارد المائية، الجمعة، ٢٢ يونيو ٢٠١٨ - ١٢:٢٥ م
19. http://wam.ae/ar جمعية دار البر تدعم مستشفى في طاجيكستان بـ"54 " ألف دولار لشراء معدات طبية، السبت، ٣ نوفمبر ٢٠١٨ - ٥:٤٧ م
20. http://wam.ae/ar مبادرة "نبضات" تجري ;فريق "نبضات" يجري 60 عملية قلب للأطفال في طاجيكستان، الإثنين، ١٣ نوفمبر ٢٠١٧ - ٨:٤٦ م فحوصات مجانية لأطفال طاجيكستان، الثلاثاء، ٧ نوفمبر ٢٠١٧ - ١٢:١٤ ص
21. http://wam.ae/ar محاضرة بجامعة طاجيكستان حول جماليات الدبلوماسية الثقافية الإماراتية والطاجيكية، السبت، ١٢ مايو ٢٠١٨ - ٨:٢٨ م
22. http://wam.ae/ar انطلاق " أسبوع التراث الطاجيكي " في الشارقة، الإثنين، ٢٢ يناير ٢٠١٨ - ٦:١٨ م

МОҲИЯТ ВА РИСОЛАТИ ҲАМКОРИҲОИ ТОҶИКИСТОН ВА ИНЪИКОСИ ОН ДАР АГЕНТИИ ИТТИЛООТИИ АМОРОТ ((وكالة انباء الامارات (وام)

Дар мақола баъзе паҳлуҳои фаъолияти Агентии иттилоотии АМА дар инъикоси ҳамкориҳои дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлати Амороти Муттаҳидаи Араб мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Омӯзиш ва таҳқиқи матолиби Агентӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки воқеан ҳам ба сатҳ ва раванди муносибатҳои ҳарду кишвар таваҷҷуҳи бештар зоҳир карда, оид ба муносибат ва ҳамкориҳо бо Тоҷикистон хабару гузоришоти зиёде нашр намудааст, ки дар муаррифии Тоҷикистон ба олами араб мавқеи хос дорад. Маводҳои Агентии иттилоотии мазкур баёнгари он аст, ки муносибатҳои Тоҷикистон бо АМА дар сатҳи хуб қарор дорад ва он зина ба зина инкишоф меёбад. Аз таҳқиқ ва омӯзиши матолиби Агентии иттилоотии АМА бармеояд, ки ахбору гузоришҳо дар матбуот имконияти муаррифии бештарро ҷиҳати шинохти давлатҳо ва дарёфти самтҳои афзалиятноки ҳамкориҳои дуҷониба фароҳам меоварад. Ҳамчунин аз маводи таҳқиқнамуда мушоҳида мешавад, ки ҷиҳати муаррифии Тоҷикистон дар олами араб мусоидат мекунад. Қобили тазаккур аст, ки Агентии иттилоотӣ ҳамчун агентии расмии давлати Аморот инъикоси раванди густариши муносибатҳо ва васеъ гаштани равобити ҳамкориҳои тиҷоратӣ ва фарҳангиву иҷтимоии ҳарду кишварро мусбат муаррифӣ карда, дар муаррифӣ кардани Тоҷикистон дар олами араб нақши устувор дорад. Дар заминаи омӯзиш ва таҳлили маводи Агентӣ муаллиф маводҳои роҷеъ ба ин мавзӯъро ҳам аз ҷиҳати омор ва ҳам аз назари мазмуну мундариҷа баррасӣ намуда, вижагиҳои онро нишон додааст. Агентии мазкур ба раванди муносибатҳои Тоҷикистону АМА пайваста таваҷҷуҳ намуда, рӯйдодҳои сиёсӣ, фарҳангӣ, иқтисодӣ ва дипломатии дар ин самт ба вуқӯъ омадаро холисона инъикос кардааст. Агентии иттилоотии АМА рӯйдодҳои вобаста ба ҳамкориҳои тиҷоративу фарҳангии ин ду кишварро ба таври мусбат арзёбӣ намуда, дар роҳи таҳкими дӯстиву равобити Тоҷикистон бо давлатҳои араб нақши фаъоли худро нишон додааст.

Калидвожаҳо: агентии иттилоотӣ, сиёсат, баррасӣ, хабар, ҳисобот, таҳлил, муносибат, дипломатия, фарҳанг, иқтисодиёт, Аморот, дутарафа, араб…

СУЩНОСТЬ СОТРУДНИЧЕСТВА ТАДЖИКИСТАНА И ЕГО ОСВЕЩЕНИЕ В ИНФОРМАЦИОННОМ АГЕНТСТВЕ ОАЭ

В статье речь идет о некоторых сторонах деятельности Информационного агентства ОАЭ в освещении двустороннего сотрудничества Республики Таджикистан с Объединенными Арабскими Эмиратами. Изучение и анализ материалов Агентства свидетельствует о том, что в действительности уделяется большое внимание уровню и процессу отношений обеих стран, и напечатано огромное количество информации о связях и сотрудничестве с Таджикистаном. Это значительно лучше представляет Таджикистан перед Арабскими странами. Материалы арабского информационного агентства свидетельствуют о благоприятном сотрудничестве ОАЭ с РТ, которое развивается поэтапно. По материалам, представленным арабским информационным агентством, становится очевидно, что материалы печати создают более благоприятные условия в сфере представления государств и постижения подавляющих направлений двухстороннего сотрудничества. Необходимо отметить, что арабское информационное агентство, будучи официальным государственным агентством ОАЭ, положительно освещает процесс развития отношений и расширения коммерческих, социально-культурных связей обеих стран. В статье автором предоставляются статистические данные и содержание материалов арабского информационного агентства и подчеркиваются их особенности. Данное агентство регулярно акцентирует внимание на процессе отношений Таджикистана и ОАЭ и освещает политические, культурные, экономические и дипломатические события в этой сфере. Информационное агентство ОАЭ положительно освещает коммерческие и культурные связи обеих стран и активно участвует в развитии дружбы и взаимопонимания Таджикистана с другими арабскими странами.

Ключевые слова: информационное агентство, политика, исследование, информация, отчёт, анализ, отношения, дипломатия, культура, экономика, Эмираты, двухсторонние отношения.

THE PECULIARITY AND THESIS OF TAJIKISTAN CO-OPERATIONS' THESIS AND ITS REFLECTION IN EMIRATE INFORMATION AGENCY

The author takes under consideration some sides of the United Arab Emirate's information Agency in the reflection of the Republic of Tajikistan's mutual co-operation with the UAE in this article. Study and research agency materials testifies that two countries to pay more attention to stage and process of relations between them, more news and reports have been published about relation and co-operation with Tajikistan, Plays key roles in introducing Tajikistan to Arabic world. Above-mentioned agencies materials show that the relations of Tajikistan with UAE are in a good position and they are developing step by step. From the researching materials of Informational Agency UAE are known that, news and reports in press gives more opportunities for representing of countries and finding out of significant directions of the bilateral co-operation. It seems that from researched material contributed the sides representing Tajikistan in the Arab world. It should be noted that the Informational Agency as an official agency of the Emirates' country represented positively the reflection of the development process of the relations and extending in the fields of trade, culture, social cooperation of both countries. It has a constant role in representing of Tajikistan in the Arabic world. In the basis of research and analyzing of Agency's materials the author has been considered the materials related to this theme, and showed its peculiarities from the sides of statistic as well as from the view of meanings and contents. This agency constantly payed attention to the process of relations between Tajikistan and the UAE. And it reflected objectively the

political, cultural, economic and diplomatic developments which occurred. Informational agency of UAE valued positive events related to trade and cultural cooperation between two countries. It played crucial role in the strengthening of friendly relation of Tajikistan with the Arabic world.

Key words: Informational agency, policy, consideration, news, account, analyzes, relation, diplomacy, culture, economy, Emirate, bilateral, Arab…

Сведения об авторе: ***Каландаров Сарабек Давлатёрович*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент, заведующий кафедры иностранных языков факультета журналистики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки 17. E-mail: **ihson@mail.ru.** Тел.: **(+992) 93-505-44-60**

Information about the author: ***Kalandarov Sarabek Davlatyorovich*** - Tajik National University, candidate of Philology, associate Professor, head of the Department of foreign language of the faculty of journalism. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. E-mail: **ihson@mail.ru.** Tel.: **(+992) 93-505-44-60**

УДК: 451.792.0

ВАЗИФАИ КОММУНИКАТИВИИ СЕРИАЛИ ТЕЛЕВИЗИОНӢ ДАР ТВ ТОҶИКИСТОН

Ҷумъа Қуддус
Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М.Турсунзода

Мақоми филмҳои ҳунарии бисёрсериягӣ, ба истилоҳ сериал, дар телевизиони бисёр кишварҳо торафт бештар гашта, дар сохтори барномаҳои телевизионӣ нақши муҳим пайдо намуда, барои ҷалб кардани тамошобин нақши калидӣ мебозад [10, с.119]. Баробари вазифаи фарҳангӣ, кори муҳимми коммуникативӣ/иртиботии ҷомеаро иҷро намуда, барои ташаккули завқ, андеша ва ҷаҳонбинии ҳамзамонон мусоидат мекунад. Муваффақияти филмҳои истеҳсоли Телевизиони Тоҷикистон «Гирдоб», «Сароби ишқ», «Ширин», «Дар орзуи падар» филми бисёрсериягӣ дар он аст, ки ҳангоми пахш дар эфир ҳафтаҳои зиёд мардумро назди экран гирд меоварад ва онҳо рӯзи дигар оид ба филми дидаашон бо ҳамдигар суҳбату ибрози ақида мекунанд ва «умумияти ин ҷамоа бештар дар он зоҳир мегардад, ки аз чизи дидаашон фикру ақида ва шавқу завқи мардум як мешавад [4, с.3]. Пас, филми бисёрсериягӣ мисли адабиёти бадеӣ, санъати мусиқӣ аз лиҳози шаклу маънӣ телевизионро комилу ғанӣ сохта, вазифаи ташкилотчии коллективии телевизионро иҷро мекунад. Ва телевизион чун занҷири пайвасткунандаи наслҳо, ба қавли Ю.М. Беленький - «хазинадор», интиқолдиҳандаи таҷрибаи коллективӣ, як навъи хоссаи иттилоот дар бораи ҳаёти муосир мегардад [4, с.6]. Аз ин рӯ, баррасии вижагиҳои сериали телевизион аҳаммияти калон пайдо мекунад.

Чун дигар масоили кори телевизиони Тоҷикистон дар ин мавзӯъ ба истиснои баъзе ёддошту хотираи ходимони телевизион, таҳқиқоти алоҳида нест, аммо аз корҳои муҳаққиқони рус Ю.М. Беленький, А.Акопов, С.А.Зайцева, Э.Багиров, Р.Борецкий, В.Вильчек ва дигарон дар кори илмии худ истифода мекунем.

Ин жанр бо таъсири филмҳои бразиливу мексикоии «Канизак Изаура», «Сарватмандон ҳам мегирянд» дар Русия, аз ҷумла Тоҷикистон аз охири солҳои 90-ум оғоз шудааст. Дар Иттиҳоди шӯравӣ солҳои 60-80 филми бисёрсериягии «Соя дар нимарӯз гум мешавад», «Даъвати абадӣ», «Ҳабдаҳ лаҳзаи баҳор» ва ғайра мавҷуд буд, вале истилоҳи сериали телевизионӣ ба воситаҳои техникии истеҳсолоти филмҳо бо мавҷудияти лаҳзаи таваққуф дар ҷойи муҳимми асар - клиффҳенгер ва такрори он дар оғози серияи навбатӣ - рекап асос ёфтааст. Истеҳсоли филмҳои синамоӣ маблағу воситаҳои зиёдро талаб мекунад, вале сабти сериалҳо чун барномаҳои телевизионӣ метавонад бо истифодаи чанд дастгоҳи тасвирбардории рақамии телевизионӣ сурат гирад, хароҷоти он якчанд баробар кам аст, тақрибан дар як ҳафта як серия сабт мешавад ва осон танзим мегардад. Бинобар ин, муҳаққиқон жанри онро сериали телевизионӣ унвон карданд [3, с.12].

Дар ИМА телевизион аз радио модели барномасозии тиҷоратиро қабул кард, ки барои зуҳури сериали телевизионӣ иборат аз 25 дақиқа бо роликҳои рекламавии зиёде муосидат намуд ва баъдан дар саросари ҷаҳон паҳн шуд [1, с.8]. Дар Тоҷикистон низ ҳаҷми як серия аз 25 то 35 дақиқаро ташкил медиҳад, вале бо сабаби кам будани рекламадиҳандагон дар давоми филм тақрибан реклама дода намешавад.

Сериали «Гирдоб» (режиссёр С.Қодирӣ, муаллиф Аброри Зоҳир) драма буда, бештар бо усули мусаввирии телевизионӣ сохта шудааст: ҳунармандони хушсурат, манзараҳои зебои табиат, шаҳр, обанбори бузург, гулзорҳо ва боғоти шукуфон зоҳиран ҳаёти хуррамонаро инъикос менамоянд, вале дар заминаи ин зебоиҳо тинати бади бархе симоҳо ва бетафовутиву ишратпарастии қаҳрамони марказӣ нишон дода шудааст, ки оқибат боиси шикасти орзуву ормон ва рӯзгори онҳо мегардад. Тавре мебинем, дар «Гирдоб» худи духтар, ки дар оғоз басо хушбахт буд, аз ишратпарастии худаш худро ба қурбонӣ мебарад. Бар акси он, қаҳрамони филми 15-сериягии «Ширин» (режиссёр Ҳ.Сангин,

муаллиф М.Карим), аз ҷониби атрофиён ба ҳоли вазнин гирифтор шавад ҳам, бо покизагии ахлоқ ва мавқеи фаъол ба сарнавишти нек мерасад. Сериали «Ширин» масъалаҳои ҳалталаби рӯзро ба миён мегузорад ва бо талаботи асосии телевизион - рӯзмарра мавзӯъ ва масъалаҳои муҳимми иҷтимоиро баррасӣ мекунад.

Сериал имконият дорад чун асари эпикӣ қаҳрамонро дар ҳолатҳои гуногун инъикос намояд. Дар муқаддима Ширин дар хонаи холааш зиста, рӯзгори лоуболонае дорад. Баъд ба талаби хола - издивоҷ бо писари ӯ, зид мебарояд. Зеро ки писар ҳам каси дигарро дӯст медорад ва Ширинро ба бойбачае медиҳанд. Дарду доғи ятимдухтар бештар мешавад, зеро ки домод ба беморii нашъамандӣ гирифтор будааст. Ин ҷавҳари назари муаллиф ба ҳақиқат, инъикоси ҳаётӣ аст. Давоми сужа ва композитсияи асар вобаста ба амалу аксуламали атрофиён ба сарнавишти Ширин сурат гирифта, масъалаҳои ҳалталаби рӯз - нашъамандӣ, роҳҳои сар задани он ва оқибати маргбор, мардуми деҳотро бо кишти пахта ҷалб намуда деҳқононро аз фоидаи он маҳрум намудан ва дар баробари он, бепарвоии роҳбарон нисбат ба киштзор ва ғайра ба миён гузошта шудааст. Албатта, дар маркази филм масъалаҳои маънавии ҳамзамонон, манфиатҷӯии одамон, бераҳмию бешафқатӣ меистад, ки барои соҳиб шудан ба як порча замин ришва дода, хоҳарзодаи худро ба раис пешкаш менамоянд. Баён гаштани ин масъалаҳо тавассути барномаҳои публитсистии телевизион гоҳо сурат мегирифт, вале ба ин сатҳ ошкоро ва шадидан маҳкум намудан танҳо дар доираи сериали ҳунарӣ имконпазир аст ва бо ин сифат вазифаи муҳимми коммуникативиро иҷро мекунад.

Амалиёт ва тарҳрезии сужети сериал бо ду усул сохта мешавад: истилоҳи уфуқӣ ва амудӣ («горизонтальный», «вертикальный»). Дар намуди аввал хатти ягонаи сужет серияҳоро ба ҳам пайвандад, дар намуди дуюм қаҳрамонҳои асосӣ боқӣ монда, амалиёт атрофи онҳо, бо ширкати онҳо сурат мегирад [14, с.132]. Аз ҷумла, дар сериали «Ширин» воқеа дар 15 серия босуръат сурат мегирад ва пайваста қаҳрамонро ба таҳрик оварда, боиси рушди маънавии ӯ мегардад. Дар серияҳои охирини филм Ширин дигар духтари беҳуқуқ ва содда нест, дониста, худро «ба қурбонӣ» медиҳад ва ин боиси гардиши куллии ҳаёти ӯ мегардад. Аммо филми бисёрсериягии «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ» аз ҳикояҳои гуногун иборат буда, дар онҳо симоҳои шоир, шоҳ, сарҳанг боқӣ мемонанд.

Сериали телевизионӣ аз ибтидо дар натиҷаи ҳамкорӣ бо адабиёти бадеӣ падид омадааст ва имрӯз ҳам идома дорад. Вай истифодаи усулҳои гуногуни тафаккури бадеист, ки бо андешаронии шоир, нависанда ва публитсист тавъам мегардад [9, с.18]. Аз ҷумла, сериали «Дар орзуи падар» - 27 серия, режиссёр Саидҷон Қодирӣ, дар асоси романи ҳамноми Кароматулло Мирзоев таҳия шуда, ба ин гуфтаҳо мувофиқ буда, даҳ серияи аввали он ба жанри драмаи иҷтимоӣ наздик аст. Дар серияҳои минбаъда жанри детектив омехта бо ҷангнома истифода мегардад, замона ва сохти давлат дигар шуда, ҷанги шаҳрвандӣ оғоз мегардад. Мехрубон ба дасти гурӯҳҳои силоҳбадаст меафтад. Зимни сарнавишти писарак ногувориҳои ҷанги шаҳрвандӣ намоиш дода шудааст. Дар ин робита тинати қаҳрамонҳо ва калиди ифшои онҳо низ дигар мешавад, чанд симои нав пайдо шуданд, ки ба воқеаҳои қисми аввал робитае надоранд. Тибқи усули сужасозии амудӣ чунин ҳолатҳо дар сериал имконпазир мебошад. Яъне, дар давоми воқеаҳо қаҳрамон метавонад ба ҳолатҳои драмавӣ, мазҳакавӣ, фоҷиавӣ гирифтор шавад, ё чун қаҳрамони мелодрамаҳои ҳиндӣ азияти равонӣ кашад ва боиси ашк рехтани тамошобин гардад.

Ин усул дар филми бисёрсериягии «Сароби ишқ» - режиссёр Юнус Юсуфов, сенарияи А.Абдулов, фаровон истифода шудааст. Коргардон аз таҷрибаи собиқи худ дар филми ҳунарӣ истифода бурда, чандин лавҳаҳои хотирнишин низ ба вуҷуд овард. Таҳияи филм басо мушкил сурат гирифта, чун таҷрибаи кишварҳои дигар, сабту танзими давоми бахшҳо дар ҷараёни дар эфир пахш гардидани серияҳои аввал идома ёфт. Жанри он детективӣ, масъалагузории иҷтимоист. Бо маблағгузории хуб ва таҷрибаи кофӣ вай метавонист беҳтарин сериал шавад, вале равшан набудани ҳадафи асосӣ, номукаммалии сенария боиси он гашт, ки таҳияи минбаъдаи филм боздошта шавад. Азбаски серияҳои филм бо фосилаи зиёд дар эфир пахш мегардиданд, бисёр нуктаҳо саргум монданд ва аз хотираҳо зуд фаромӯш гардид. Ин ҳолат умумияти нави қонуниятҳои киноро бо васоити ахбори омма ва публитсистикаи телевизион ба вуҷуд оварда, эҳсоси зиёд будани воситаҳои таъсиррасон ва сермаъноиро дар асар таъмин мекунад [9, с.24].

Ҷиҳати иҷрои вазифаи коммуникативии худ, дар сериалҳо масъалаҳои гуногуни иҷтимоӣ баррасӣ шудаанд: аз ҷумла, дар “Гулистон”-и Саъдии Шерозӣ” (коргардон С.Қодирӣ, муаллиф ва продюсер Эмом Алӣ) ҷабр ба атрофиён ва посухи он тавассути симои Дарвеш ва сипаҳсолор, ғорат кардани мардум аз ҷониби неруҳои силоҳбадаст ва ба онҳо муқобил гузоштани талаби Анӯшервони Одил дар хусуси ба қимат харидани намак аз сокинони деҳаи назди шикоргоҳ ва ғайра иброз шудааст. Дар сериали «Ширин» соҳаҳои кишоварзӣ пахтакорӣ, пиллапарварӣ, чорводорӣ, мушкилоти иқтисодиву иҷтимоӣ, тӯйҳои серхарҷ, рӯзгори фоиҷиабори оилаи сарватманд, оиладории лоуболонаи ҷуфти камбизоат тасвир ёфтааст. «Гирдоб» падидаҳои нави иҷтимоӣ – муҳаббату рӯзгор, таносуби сарвату савлат ва бахти инсонии воқеиро намоиш додааст. Модар бо вуҷуди

сарватмандӣ ва дасти дароз доштан, ба духтари худ амалан ёрӣ дода наметавонад. Духтари ӯ бо хоҳиши худ ба вазъи ногувор гирифтор шудааст. Муаллиф бо ин тасвир навкисагони навбаромадро танзу маломат мекунад ва чун новеллаҳои «Фиғон», «Пилтапеч» ва ғайра гуфтан мехоҳад, ки пулу моли зиёд доштан ҳоло кафолати хушбахтии рӯзгори одии инсон буда наметавонад. Бо ғурури дороӣ онҳо ҳатто дар муҳаббат низ шикаст ёфта, буттаи умедро аз даст дода, боиси мусибати худ ва дигарон мешаванд.

Боиси тааҷҷуб аст, ки маҳз филмсозони ҳирфаии собиқ дар эҷоди сериалҳо чандон комёб нашуда, кормандони телевизион, яъне режиссёру муаллифони сенарияҳо, ки бо барномасозии муқаррарии телевизион сарукор доштанд, бештар муваффақ шуданд. Сабукбор шудани филмҳои бисёрсериягӣ бо таъсири сериалҳои бразиливу амрикоӣ ба вуҷуд омад, вале таҳиягарони телевизиони Тоҷикистон мекӯшанд дар ҳар серия як қисми муҳимми амалиёти анҷомёфтаро ба тамошобин пешниҳод намоянд.

Аз ҷумла, бо вуҷуди бори аввал ба сифати режиссёр ва муаллифи сенария ба кино рӯ овардани журналисти хуби телевизион Талабшо Муқимов, филми «Беҳуда хорам мекунӣ» бо мавзӯъ ва қаҳрамонҳои худ дар умум ба тамошобин бетаъсир намонд. Мавзӯъ ва сужа одист: духтари деҳотӣ зимни якравии дӯстдоштааш, ниҳоят келини оилаи сарватманде шуда, омада дар шаҳр зиндагӣ мекунад, вале ба эҳтироми аҳли хонадон сазовор намегардад. Маҳз сифатҳои «деҳотии» ӯ ва фитнаи келинҳои дигар боиси фавти ӯ, девона шудани шавҳараш мегардад. Чунин масъалагузорӣ дар сериал падидаи нав буд. Вале аз бетаҷрибагии офарандаи филм, махсусан дар қисми аввали он як навъ парокандагии сужа ба назар мерасад. Дар қисми дуюм баъзе нуқсонҳо ислоҳ гашта, барои иҷрои нақшҳо ҳунармандони касбӣ даъват шудаанд. Вале бе асос кашол ёфта, барои ба ҳадаф расидан лавҳаҳои зиёде сохта шудааст.

Ба фикри аксари донандагони ҳол, нобарории ҷавонон, қабл аз ҳама, аз ноогоҳии филмсозони ҷавон (ҳарчанд на ҳамаи онҳо ҷавонанд) аз талаботи одитарини сенария, режиссура ва умуман осори бадеӣ сар мезанад. Муҳимтар аз он, ҷавонон мекӯшанд, ки дар филм як моҷаро бошад, вале заррае аҳаммият намедиҳанд, ки асли он «моҷаро» дар зиндагӣ ҳақиқате дорад, ё на; дар ҷомеа умумияте дорад, яъне ҳодисаи типӣ аст, ё на; ба тинати мардуми тоҷик мувофиқат мекунад, ё на ва ғайра. Аз ин ҷост, ки муҳити ба навор гирифташуда, характерҳо, архетипҳо асли масъалаҳои баррасишаванда ҳаётӣ ва хосси тоҷикон нестанд ва аз хаёлоти хеле заифу ҷаҳонфаҳмии кӯчаки созандаашон ба вуҷуд омада, танҳо дар тасаввуроти онҳо арзи ҳастӣ доранд ва аз ин рӯ, ба дилу дидаи бинанда ворид шуда наметавонанд. Танҳо он чӣ аз экран ба зиндагӣ ворид мешавад, ки аз зиндагӣ ба саҳна интиқол дода шудааст.

Сабаби асосии бурд ва ҳам бохти ҷавон-режиссёрҳои шӯрбахт ин, ки аз ҳисоби чаққонии худ ё хешутабориашон бо сарватмандон маблағе пайдо мекунанд ва аз ягон мактаби кинову ҳунари режиссёрӣ нагузашта, гурӯҳи эҷодӣ ҷамъ мекунанд, кастинг мегузаронанд ва корро оғоз менамоянд. Чунин ба назар мерасад, ки ба ин режиссёрҳои ҷавони бидуни маълумоти ҳирфаӣ кори киноофарӣ осон аст. Алъон камераи рақамии тасвирбардор, ҳаракатро бо суханронии ҳунармандон якбора сабт мекунад, дар дастгоҳи рақамӣ осон танзим мешавад, эффектҳои махсус дар компютер фаровон аст ва гӯё филм тайёр мешавад. Вале куҷост филми ормонӣ, дар он як лаҳзаи зиндагии пуршӯру шаре бошад, куҷост архетипҳо, симоҳои ба ҳар бинанда наздику ошно? Ин камбудиест, ки танҳо тавассути сенарияи хуб, драматургияи асили кино ба вуҷуд оварда мешавад. Мутаассифона, ба ҷойи лавҳаҳои ҳаётӣ суханҳои бетаъсир, эҳсоси зӯракӣ, сохтакориҳо рӯйи навор меоянд, ки ба ҳар як шахси аз касбияти соҳа дур низ маълум мешавад. Чун дар ҷумҳурӣ нақди театрӣ ва кино ҳам заиф аст, онҳо аз ҷониби муҳаққиқон кам баррасӣ шудаанд. Вале ашхоси зиёд тавассути интернет фикру андешаҳои худро мухтасар, рӯирост, то андозае хашмгинона зикр намудаанд.

Мавриди зикр аст, ки ҳарчанд кору рафтори қаҳрамони сериалҳо сифатан дигар шуд, ҳамоно усули конфликтсозии анъанавӣ – муборизаи некӣ бар бадӣ, қаҳрамони нек, барандаи рушди иҷтимоӣ дар сериалҳо низ нигоҳ дошта шуд. Зеро ки вай аз талаботи маънавии мардум маншаъ гирифта, тавассути анъанаҳои ҳазорсолаи адабиёти классикӣ ва фолклори миллӣ шакл ёфтааст. Аз ин сабаб, барои филмсозони ҷавон, ки ҳанӯз аз асрори навиштани асарҳои калонҳаҷми драмавӣ огоҳ нестанд, адабиёти миллӣ таҳқурсии мустакаме буда, агар симоҳои офаридаи Фирдавсӣ, Носири Хисрав, Низомӣ, Саъдӣ, Восифӣ, Ҷомӣ, Аҳмади Дониш, повесту романҳои адибони муосир Садриддин Айнӣ, Ҳаким Карим, Ҷалол Икромӣ, Пӯлод Толис, Фазлиддин Муҳаммадиев, Сорбон, Баҳманёр ва дигарон рӯйи навор оварда шаванд, симо, рафтор, гуфтори воқеии мардуми тоҷикро марбут ба оинҳо ва талаботи маънавии замонаҳои гуногун пайдо менамоем, ҳам муҳтавои пурошӯбе дар шакли бадеияти олӣ тавъам бо муҳтавои барои имрӯзиён омӯзанда падид меояд.

А Д А Б И Ё Т

1. Акопов А. Сериал как национальная идея / А. Акопов // Искусство кино. - 2000. - № 2. - С.5-9.
2. Акопов А.З. Телесериал начала XXI века в контексте традиции отечественной кинодраматургии / А.З. Акопов: дис. канд… искусствоведения. - Москва, 2011.
3. Арсеньев В. Эпоха сериалов в России только начинается / В. Арсеньев // Искусство кино. - 2000. - № 2. - С.10-14;
4. Беленький, Ю.М. Становление жанров отечественных сериалов / Беленький, Юрий Михайлович: диссер. канд… искусствоведения. - Москва, 2012.
5. Вайсфельд И.В. Кино как вид искусства / И.В. Вайсфельд. - М.: Знание, 1983.
6. Вильчек В.М. Под знаком ТВ / В.М. Вильчек. - М., 1987. - 239 с.
7. Зайцева С.А. Жанр телевизионного сериала как культурный текст / С.А. Зайцева: дис. канд... философских наук. - Москва, 2001.
8. Зоркая Н.М. Зрелищные формы художественной культуры / Н.М. Зоркая. - М., 1981. - 48 с.
9. Михалкович В. История и принцип многосерийности / В. Михалкович // Многосерийный телефильм: Истоки. Практика. Перспективы. - М., 1976. - 254 с.
10. Хренов П. Восприятие многосерийного телефильма как социально-психологическая проблема / П. Хренов // Многосерийный телефильм: истоки, практика, перспектива. - Москва, 1976. - 254 с.

ВАЗИФАИ КОММУНИКАТИВИИ СЕРИАЛИ ТЕЛЕВИЗИОНӢ ДАР ТВ ТОҶИКИСТОН

Мақола хусусиятҳои сериалҳои телевизионии солҳои истиқлолият таҳиякардаи телевизиони Тоҷикистон «Гулистон»-и Саъдӣ, «Сароби ишқ», «Гирдоб», «Дар орзуи падар», «Ширин» ва ғайраро баррасӣ мекунад. Сериали телевизионӣ баробари расонидани ғановати фарҳангӣ, вазифаи иртиботӣ/коммуникативӣ/, сарҷамъсозии ҷомеаро ичро намуда, барои ташаккули завқ, андеша ва ҷаҳонбинии ҳамзамонон мусоидат мекунад. Муваффақияти филмҳои истеҳсоли Телевизиони Тоҷикистон «Гирдоб», «Сароби ишқ», «Ширин», «Дар орзуи падар» филми бисёрсериягӣ дар он аст, ки ҳангоми пахш дар эфир ҳафтаҳои зиёд мардумро назди экран гирд меоварад ва онҳо рӯзи дигар оид ба филми дидаашон бо ҳамдигар суҳбату ибрози ақида мекунанд ва «умумияти ин ҷамоа бештар дар он зоҳир мегардад, ки аз чизи дидаашон фикру ақида ва шавқу завқи мардум як мешавад. Муаллиф таҳқиқ мекунад, ки иртибот якҷониба набуда, барои расонидани фикри роҳбарият ба омма, диққати ҳукуматдоронро ба мушкилоти рӯзгор мутаваҷҷеҳ менамояд. Аз ҷумла, дар «Гирдоб» сарнавишти духтараки хушбахт аз оилаи миёнаҳол, ки аз ишратпарастии худ қурбон мешавад, даъвати омма ба меъёрҳои ахлоқию маънавӣ, тавассути саргузашти Ширин дар сериали «Ширин» ба диққати роҳбарони кишвар мушкилоти ба сари кишоварзон овардаи шартномаи фючерӣ чун монеаи рӯзгори осуда ва садди рушди кишоварзӣ пешниҳод гардид. Ширини ятим аввал ба душвориҳо дучор меояд, вале сипас мавқеи фаъолтар пайдо карда ба сарнавишти шоиста мерасад. Сериали телевизионӣ бештар дар асоси адабиёти бадеӣ сохта мешавад ва асарҳои адабиёти классикӣ ва муосир барои таҳияи бисёр филмҳо муҳтавои пурошӯбе дар шакли бадеияти олӣ хоҳад дод.

Калидвожаҳо: вазифаи коммуникативии телевизион ва спектакли телевизионӣ, сериали телевизионӣ, драматургияи сериал, конфликт, усули амудии сужасозӣ, усули уфуқии сужасозӣ дар сериал, образ, архетип.

КОММУНИКАЦИОНАЯ ФУНКЦИЯ ТЕЛЕСЕРИАЛОВ ТЕЛЕВИДЕНИЯ ТАДЖИКИСТАНА

Статья посвящена жанровым особенностям телесериалов, поставленных Таджикским телевидением в период 2000- 2010 гг. Автор рассматривает тематику и содержание значимых телесериалов, поставленных в период независимости на Таджикском телевидении - «Гулистон» С.Шерози, «Пучина» (Гирдоб), «Мираж любви» (Сароби ишќ), «В поиске отца», (Дар орзуи падар), «Ширин» и другие в контексте с коммуникативными задачами игровых сценических представлений, предоставление широкому кругу зрителей жизненных ситуаций, привлечение внимания различных социальных и возрастных групп и слоев населения к малому экрану. Телесериалы и другие постановки наряду с культурно-просветительскими задачами выполняют коммуникативные функции, свойственные телевизионной публицистике. Каждая очередная серия собирает у малого экрана многих зрителей - представителей различных социальных слоев и возрастных групп населения, а после просмотра до следующей серии состоится общение людей с пересказом сюжета, обсуждение ситуации, и это способствует общению людей, общности взглядов и суждений. Также автор рассматривает обоюдную связь: иногда сериал выдвигает нравственные требования к обществу, как в сериале «Пучина», где счастливая вначале девушка из среднего сословия, попирая моральные устои и законы общества, потеряет честь и достоинство, и даже свою жизнь, а несчастная сирота Ширин из сериала «Ширин» сначала попадает в ряд драматических ситуаций, но не теряется, проявляет волю к спасению собственной судьбы и постепенно находит своё местов жизни. Также сериал обращает внимание руководства страны к проблемам сельского хозяйства, связанным с фьючерскими сделками, угнетающими народ. Автор подчёркивает, что часто телесериалы создаются на основе лучших литературных произведений. Великие творения классиков и современников, классическая народная проза, фольклор может дасть создателям сериалов достойную тематику и неповторимых героев.

Ключевые слова: коммуникативная функция телевидения и телевизионных постановок, драматургия сериала, сериал, конфликт, теле-шоу («TV shows»), «горизонтальный» и «вертикальный» метод создания телесериала, образ и архетип.

THE COMMUNICATION FUNCTION OF TELEVISION SERIES OF TAJIKISTAN TELEVISION

The article is devoted to the genre features of the television series, produced by the Tajik television in the period 2000-2010. The author examines the themes and content of significant television series, set up during the period of independence on Tajik television such as- “Whirlpool”, "In Search of Father", "Mirage of Love", «Shirin» and others in context with the communicative tasks of gaming stage presentations of various social and age groups and segments of the population in front of a small screen. TV shows and other productions, along with cultural and educational tasks, perform communicative functions inherent in television journalism. Each regular series gathers many viewers from different social backgrounds and age groups of the population from the small screen, and after watching the next series, people will talk with the retelling of the story, discuss the situation, and this contributes to the communication of people, the community of views and judgments. connection: sometimes the series puts forward moral requirements for society, as in the series “Whirlpool”, where the happy first middle-class girl, violating the moral principles and laws of society, will lose honor and dignity, and even his life, and the unfortunate orphan Shirin from the “Shirin” series first falls into a series of dramatic situations, but is not lost, shows the will to save his own destiny, and gradually finds his place in life. The series also presents to the attention of the country's leadership the problems of agriculture-related to futures transactions, which

oppress the people. The author emphasizes that often television series are created on the basis of the best literary works. The great creations of classics and contemporaries, classical folk prose, folklore can give the creators of the series worthy themes of unique characters.

Key words: movie dramaturgy, “series”, conflict, TV shows, “landscape” and “portrait” methods of making TV series, image and archetype.

Сведения об авторе: ***Джума Куддус (Кудусов Джумабой)*** - Таджикский государственный институт культуры и искусств им. М.Турсунзода, старший преподаватель кафедры журналистики и телевидения, редактор литературного русского журнала «Памир».Тел.: **(+992) 93-770-63-33**

Information about the author: ***Juma Kuddus (Kudusov Jumaboy)*** – Tajik State institute of culture and art named after Mirzo Tursunzade, head teacher of TV journalistic department. Tel.: **(+992) 93-770-63-33**

УДК: 070+93 (09) (575.3)

БАЪЗЕ ҶАНБАҲОИ ТАЪРИХИИ МАТБУОТИ МАҲАЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Қутбиддинов А.Ҳ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар омӯзиши таърихи матбуоти ватанӣ ба мо дар навбати аввал донистани таърихи матбуоти русӣ кумак менамояд. Маълум аст, ки Русия тӯли даҳсолаҳо аз усули фаъолияту таъсири матбуоти миссионерӣ васеъ истифода кардааст. Матбуоти даврии маҳаллӣ дар кишвари мо дар қиёс ба матбуоти мамолики Русияву Аврупо чандон таърихи тӯлониву печида надорад. То соли 2018 **“умри зиёда аз 85-солаи матбуоти маҳаллии тоҷик...”** [8, с.3] зикр карда мешавад. Аввалин нашрияҳои ҳудуди Осиёи Миёна бо таъсири ҳукумати подшоҳии рус ба миён меомаданд, ки «Туркистанские ведомости» дар саргаҳи он қарор дошт. Аввалин нашрияҳои миссионерии Осиёи Миёна хусусияти минтақавӣ доштанд ва якбора барои чандин халқияту миллатҳо ба табъ мерасиданд. Ба забони дигар аввалин нашрияҳои Осиёи Миёна билкул барои таблиғи сиёсати мустамликадорон таъсис меёфтанд. Ҳанӯз барои пайдоиши матбуоти хусусияти маҳаллидошта ва ҳатто миллӣ ҳарф гуфтан барвақт буд. Ин ҷараён даҳсолаҳо давом мекард. Сиёсати Русияи подшоҳӣ дар минтақа доман паҳн намуда, ҷараёнҳои ислоҳотпарваронаи мухталифи Осиёи Миёна барои пайдоиши нашрияҳо замина ба вуҷуд меоварданд. Дар Тоҷикистон пайдоиши аввалин нашрияи миллӣ ба соли 1912 рост меояд ва дар ин замина матбуоти маҳаллиро метавон аз ҷавонтарин навъи матбуоти ватанӣ номид. Дар мавриди **«дар соли 1923 нашр гаштани рӯзномаи «Красный Каратегин»** [4, с.6] андешаҳо гуногун мебошанд ва онро ба маънии томаш рӯзномаи маҳаллӣ номидан душвор аст. Нисбатан ба таври қотеъ дар бораи аввалин нашрияи маҳаллии Тоҷикистон чунин ақида вуҷуд дорад: **“Аввалин нашрияи маҳаллии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон “Ҳақиқати Суғд” будааст, ки рӯзи сешанбеи 25 марти соли 1930 таҳти унвони “Роҳи колхозчӣ” таъсис ёфтааст”** [8, с.3]. Нашрияи мазкур бо ҷузъиёти зиёди худ то имрӯз дар миқёси вилоят нуфузу мақом дорад ва қиёсҳо нишон медиҳанд, ки ҳам дар гузашта ва ҳам имрӯз ин нашрия дар байни дигар нашрияҳои вилоятии кишвар яке аз фаъолтаринҳост. Ин фаъолмандиҳо аз аввалин рӯзҳои таъсиси нашрия вуҷуд дошт. Масалан, дар бораи нашри қариб мунтазами он низ муҳаққиқон чунин ақида доранд: **“...ҳафтае панҷ маротиба бо забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ дар шаҳри Ленинобод нашр мешуд”** [11, с.463]. Пас “Ҳақиқати Суғд”-ро модари матбуоти маҳаллии Тоҷикистон номидан ҷоиз аст. Маҳз ин нашрия анъанаи таъсиси матуботи маҳаллиро асос гузоштааст. Аз рӯйи маълумоти маъхазҳову сарчашмаҳо бармеояд, ки танҳо баъди чанд моҳи таъсиси “Роҳи колхозчӣ” дар ҳудуди ин вилоят пайиҳам чандин нашрияҳои ноҳиявию шаҳрӣ таъсис меёбанд. Ҳамзамон солҳои 1930 -1940 ин даҳсолаи тавлиди зиёда аз навад фисади матбуоти маҳаллии Тоҷикистон мебошад: **“...то охири даҳсолаи 1930 дар аксари навоҳии кишвар нашрияи даврӣ таъсис дода шуд. Ин ҳолат барои ташаккули низоми типи нави матбуоти даврӣ-матбуоти маҳаллии Тоҷикистон замина гузошт”** [8, с.4].

Дар ҳақиқат, қиёсу таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки агар дар Аврупо матбуоти маҳаллӣ аз ду садсола зиёдтар таърих дошта бошад, пас дар кишвари мо матбуоти маҳаллӣ ҳанӯз садсола нашудааст. Зеро таъсиси ағлаби нашрияҳои маҳаллӣ дар кишвари мо ба оғози солҳои сиюми асри бист рост меояд. Ба андешаи муҳаққиқон таърихи матбуоти нимаи аввали қарни гузашта ба се давра тақсим мешавад:

1. **“Аз оғоз то суқути ҳукумати подшоҳии Русия ва Аморати Бухоро.**
2. **Аз таъсиси Ҷумҳурии Туркистон ва Ҷумҳурии Бухоро то тақсимоти марзӣ дар соли 1924.**
3. **Аз таъсиси Ҷумҳурии Тоҷикистон то анҷоми ҶБВ”** [11, с. 452].

Таҳқиқу омӯзишҳо нишон медиҳанд, ки дар даврaи аввалу дуюм мафҳуми матбуоти маҳаллӣ зикр карда намешавад. Ба вуҷуд омадани матбуоти маҳаллӣ танҳо дар даврaи

сеюм таъкид мегардад. Ин бозгӯи он аст, ки нишондоду супоришҳои ҳукумату давлати вақт муҷиби бештари ба майдон омадани матбуоти маҳаллӣ гардидааст. Дар солҳои душвори барқарорсозиву бунёдкорӣ ба ин масъала диққати ҷиддӣ дода мешуд: **«КМ ҲК(б) Тоҷикистон ва ШКХ ҶСС Тоҷикистон доир ба инкишоф ва беҳтару хубтар ба роҳ мондани матбуот ва ҳаракати мухбирони коргару деҳқон қарорҳои зиёде қабул намуданд. Дар қарорҳои «Дар бораи рӯзномаҳои «Сохтмони Вахш» ва кумитаи ҳизбии райони Қурғонтеппа» аз 23 октябри соли 1931, «Дар бораи чораҳои ташкили газетаи районӣ» аз 7 апрели соли 1932, «Дар бораи нақшаи нашри рӯзномаҳо ва маҷаллаҳо дар соли 1935» аз 1 ноябри соли 1934 ва ғайра КМ ҲК(б) Тоҷикистон васеъ кардани сети рӯзномаҳои районӣ ва пурқувват кардани онҳо чораҳои зиёд меандешид»** [1, с.47].

Андешае вуҷуд дорад, ки яке аз сабабҳову омилҳои таъсиси ҳамагуна нашрия табиати фарҳангии ҷомеа ба шумор меравад. Ин ақида чандон ботил нест ва маълум аст, ки таъсисдиҳандаву кори рӯзномаро пешбарандагон ҳатман шахсиятҳои фарҳангӣ мебошанд. Аммо дар давраҳои алоҳида рисолати мушаххаси сиёсии рӯзномаҳо низ як амри муқаррарӣ дар роҳи таъсису инкишоф мебошад. Ин равандро дар солҳои сиюми асри гузашта дар таъсиси матбуоти маҳаллии ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ дидан мумкин аст. Чунин ба назар мерасад, ки дар он солҳо таъйиноти сиёсии матбуот тақвият меёфт ва дар ин радиф матбуоти ноҳиявӣ истисно набуд. Агар дар давраи аввал нашрияҳои мустақил ва ё хусусӣ ҳамчун заминаи ташаккули матбуоти миллӣ ба амал омада бошанд, аллакай, дар давраи сеюм аз хусусияту сифати қаблии ин нашрияҳо (дар вобастагӣ ба ҳизбиву хусусӣ будани онҳо) осоре боқӣ намемонад. Ҳама чиз муттаалликӣ ба ҳизби ҳукмрон мешавад: “**Дар давраи сеюм кулли матбуот ҳизбию давлатӣ буд. Тамоми рӯзномаю маҷаллаҳо ва дигар нашриёт аз қабили нашрияҳои ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ, ноҳиявӣ ва ғ.. нашрияҳои Ҳизби Коммунисти (болшевики) Тоҷикистон буданд**” [11, с.452].

Ҳизбиву давлатӣ гардидани матбуоти Тоҷикистонро наметавон тамоюли манфӣ номид. Сарфи назар аз моҳияти идеологӣ ва таъиноти сиёсӣ матбуот дар ҷумҳурии ҷавону навташкили Тоҷикистон давра ба давра зиёд гардидааст, ки дар байни онҳо қисмати аъзаму чашмрасро теъдоди матбуоти ноҳиявӣ ташкил менамуд: “**...дар ҳудуди ҶМШ Тоҷикистон ибтидо ҳамагӣ 3 нашрия ва дар соли 1929, соли таъсиси ҶШС Тоҷикистон 29 нашрия ва дар арафаи оғози ҶБВ дар саросари кишвар 83 номгӯи нашриёти мухталиф бо теъдоди 282 ҳазор нусха табъу нашр мешуд**” [11, с.453]. Аз 83 номгӯи, нашрияҳое, ки дар арафаи ҶБВ ба табъ мерасид, зиёда аз 85 фоизи онро матбуоти шаҳриву ноҳиявию вилоятӣ ташкил медоданд. Омилҳои таъсиргузор ба монанди буҳронҳои иқтисодиву сиёсӣ наметавонист, ки ин нашрияҳоро аз майдонҳо дур созад. Ҳатто дар душвортарин лаҳзаҳои ҶБВ нашрияҳои ноҳиявӣ аз фаъолият боз намемонданд.

Матбуоти маҳаллӣ дар асоси талаботи рӯз таъсис меёфт ва яке аз ҳадафҳои аслии он **«ҷалб намудани аҳолии таҳҷоӣ ба сохтмони шӯроӣ»** [4, с.33] ба ҳисоб мерафт. Душвориҳо дар оғози таъсис кам набуданд ва махсусан таъмини редаксияҳои рӯзномаҳои маҳаллӣ бо кормандони фаъоли эҷодӣ проблемаи асосӣ ба ҳисоб мерафт. Дар ин самт вобаста ба фаъолияти яке аз нашрияҳои маҳаллии водии Вахш дар солҳои сиюм аз забони яке аз кормандон чунин баён карда мешавад: ““**Зарбдори сохтмони Вахш” дар як шумора камбудиро нишон диҳад, дар шумораи дуюму сеюмаш менавишт, ки баъди танқид дар участкаи қафомонда чӣ дигаргуниҳо ё беҳбудиҳо гузаронда шуданд. …. Кор кардан дар идораи рӯзнома чандон осон набуд. Махсусан чоп кардани шумораи тоҷикии он меҳнати зиёдро талаб мекард. Одамони босаводе, ки дар кори газета ёрмандӣ кунанд, аз байни коргарони маҳаллӣ кам буданд. Мо се нафар ҳама кори тайёр ва чоп намудани рӯзномаро иҷро мекардем. Бригада ба бригада гашта барои газета мақола ҷамъ мекардем. Гоҳо газетаро ба воситаи радио мехондем**» [9, с.11]. Кори рӯзнома дар он солҳо акнун шурӯъ мегашт ва маълум, ки дар шаклу қолаби нав душвориҳо кам набуданд. Эҷодкорони русзабон бо назардошти муҳиту фазо фаъолияти рӯзномаро ба роҳ мегузоштанд. Рӯзномаи ноҳиявию шаҳрӣ дар бахши алоҳидаи дигар мубаллиғи фарҳангу маънавиёти рус дар маҳалҳо ба ҳисоб мерафт. Матбуоти маҳаллӣ дар остонаи инкишофи давлати нави сотсиалистӣ моҳияти идеологии худро устувор менамуд. Ташвиқу таблиғи идеяҳои ҳизб, ки дар чаҳорчӯби фарҳанг, маориф, иқтисод, бунёдкориҳо ва амсоли он сурат мегирифт, бояд ба таври очил аз нигоҳи равонӣ ҳамзистии ҷомеаро дар муҳиту фазои нав ба вуҷуд меовард. Дар ин дастгоҳи муқтадири таблиғу ташвиқ матбуоти маҳаллӣ ҷойгоҳ ва мавқеи амиқ пайдо менамуд. Нақшаву тарҳи фаъолияти рӯзномаи маҳаллӣ мушаххас буд. Ба таври мисол муҳаққиқон таъсису ташаккули рӯзномаҳои маҳаллии «Ударник Вахшстроя» ва «Зарбдори сохтмони Вахш»-ро омӯхта, рисолату вазифаҳои матбуоти маҳаллии солҳои сиюмро чунин мушаххас кардаанд, ки он хосси тамоми матбуоти маҳаллии кишвар дар он солҳо ба ҳисоб мерафт:

«..-ташвиқи бинокорон ба вусъати сохтмони шабакаи обёрии Вахш;
-ифшои камбудиҳои кори сохтмон;
-мубориза бо бесаводии мардум;
-ташаккули афкори омма;

-таъмини баробарҳуқуқии марду зан;
-тарғиби дӯстии миёни халқҳо ва фарҳанги ҳамзистии мардум;
-таҳкими сохти давлатдории шӯроӣ, сотсиализм» [4, с.21].

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳайати давлати шӯравӣ қарор дошт ва наметавонист, ки берун аз нишондоди Маскав инкишофи ҳамаҷонибаи иқтисодиву иҷтимоиву фарҳангии худро дошта бошад. Тамоми соҳаҳо бо кумаку дастгирии банақшагирифташуда роҳи ташаккулу таҳаввулро интихоб менамуданд. Матбуот низ он ҷабҳае буд, ки бо таъминоти техникиву ихтисосии аз марказ ироашаванда фаъолияти худро ба роҳ мегузошт. Ба ҳар сурат дар қиёс бо Русияи муқтадир дар Тоҷикистон пайдоиши матбуоти минтақавию вилоятиву шаҳриву ноҳиявӣ ба оғози солҳои сиюми асри гузашта хос дониста мешавад: **«Дар солҳо 1930 аввалин нашрияҳои округиву ноҳиявӣ дар Хуҷанд, Конибодом, Қурғонтеппа, Панҷат, Ғарм ба нашр оғоз карданд. То 10-майи соли 1934 дар ҷумҳурӣ 23 нашрияҳои округиву ноҳиявӣ ба нашр мерасиданд, ки аз онҳо 15 рӯзнома бо забони тоҷикӣ, 5-то бо ӯзбекӣ ва 3-то бо забони русӣ нашр мешуданд»** [5, с.60].

Дар оғоз чанде аз нашрияҳои марказиву дорои таъйиноти ҷумҳуриявӣ вазифаҳои идеологиро ба дӯш доштанд. Аммо дар як муддати кӯтоҳ, махсусан дар оғози даҳсолаи сеюми асри гузашта матбуоти маҳаллӣ домани вусъатдорро пайдо карда буд. Сиёсати махсуси давлатӣ дар самти тарғибу ташвиқ водор менамуд, ки акнун матбуоти маҳаллӣ бо имконоту махсусиятҳои алоҳидаи худ вазифаҳои пурмасъулро ба дӯш гирад. Нисбат ба пайдоиши матбуоти ноҳиявию маҳаллӣ дар кишварамон тасмиму қарорҳои бевоситаи Кумитаи марказии Ҳизби коммунистии Тоҷикистон нақши умда доштанд: **«Солҳои аввали 30-юм Кумитаи марказии Ҳизби коммунистӣ (болшевикӣ)-и Тоҷикистон бо ҳадафи рушд додан ва хубтару беҳтар ба роҳ мондани матбуот ва ҳаракати мухбирони коргару деҳқон, ҳамчунин таъсиси нашрияҳои даврӣ дар ҳар яке аз ноҳияҳои Тоҷикистон як қатор қарорҳо қабул намуд:**

…-Қарор «Дар бораи газетаҳои районҳои қишлоқӣ ва матбуоти поёнӣ», аз 18 январи соли 1931;

…-Қарор «Дар бораи беҳтар намудани газетаҳои районӣ», аз 21 апрели соли 1931;

…-Қарор «Дар бораи чорабиниҳои ташкили газетаҳои районӣ», аз 7 апрели соли 1932» [4, с.13].

Ин раванд ҳамчун як тамоюл ва зуҳуроти сиёсии замон робитаи амиқи журналистика ва сиёсатро ифода карда метавонад. Дастгоҳи бузурги идеологӣ будани васоити ахборро дар ташкил ва таҳкими ҳокимияти ҷавон нишон медиҳад. Ба журналистон такя кардани ҳукумати вақт аз он шаҳодат медиҳад, ки як ҷабҳаи бузургу тавонои фаъолияти ҳизби ҷавону ҳукмрони вақтро дар солҳои сиюм таъсиси матбуот ташкил медиҳад. Силсилаи қарорҳо иҷроношуда боқӣ намемонданд ва садоқати амиқ ба таври рӯзмарра теъдоду номгӯи матбуотро меафзуд.

«Ҳукумати Шӯроӣ барои инкишоф ва пешрафти матбуоти поёнӣ диққати ҷиддӣ медод. Чун дар тамоми мамлакат дар Тоҷикистон низ матбуоти поёнӣ дар солҳои сиюм рӯ ба тараққӣ ниҳод. Дар ҳамин давра на танҳо матбуоти поёнӣ, ҳатто рӯзномаҳои деворӣ низ хеле зиёд шуданд. Дар давоми ду сол аз 670 адад ба 1500 расидани онро муҳаққиқ И.Усмонов зикр кардааст» [1, с.70].

Солҳои сиюм ҳанӯз давраи бунёдкориҳову ташкили пойдевори давлати нави ҷавону сотсиалистӣ ба ҳисоб мерафт. Давлати шӯравӣ ҳанӯз иқтисоди қавӣ надошт ва ҳама чиз аз сифр оғоз мегардид. Чунончи дар ноҳияҳо ва мавзеъҳои дурдасти ҷумҳурӣ ягон навъи заминаи ташкили газетаҳои маҳаллӣ вуҷуд надошт. Маблағҳо кифоят намекарданд, мутахассион намерасиданд ва таъминоти техникӣ бо душвориҳои зиёд сурат мегирифт. Кори матбаа осон набуд ва ҳатман мутахассисони рус ин корро анҷом медоданду роҳнамоӣ мекарданд. Сиёсати махсус ва ё вазифаи (миссия) журналистони русзабон ҷараён дошт, ки онҳо бояд меҳру муҳаббати мардуми таҳҷоиро ба сохти нав бедор менамуданд. Бо душворӣ ҳам бошад, аксари эҷодкорон дар кӯтоҳтарин фурсатҳо забони русиро балад мегаштанд. Дар ин раванд танҳо масъалаи мазмуну муҳтаво проблемаи асосӣ ҳисобида намешавад. Таъминоти техникиву молиявӣ низ бо худ душвориҳо дошт:

«**Мувофиқи резолютсияи маҷлиси республикавии муҳаррирони газетаҳои районӣ ҳаҷми ягона ва тартиби чопи нашрияҳои районӣ муқаррар гардида буд: барои районҳои калон (Хуҷанд, Конибодом, Қурғонтеппа) 4 саҳифа ва районҳои ҷануби пахтакор 2 саҳифа (ҳафтае 2 маротиба). Бо сабаби нарасидани маблағ, маводу воситаҳои чопӣ ва кадрҳои зарурӣ ин муқаррарот пурра иҷро намешуд**» [9, с.20].

Фаҳмиш ва тасаввуре дар миёни ҷомеаи Осиёи Миёна дар солҳои сиюм вуҷуд дошт, ки халқи рус – халқи бунёдгар аст. Дар ҳақиқат, дар тамоми сохтмонҳо русҳо бо донишҳову лоиҳаҳову нақшаҳои худ иштироки фаъол доштанд. Сиёсати “супориши партия” мутахассисони русзабонро ба тамоми гӯшаву канори мамлакат мефиристод. Маълум аст, ки ҳамагуна империясозиҳо дар ботини худ даҳҳо паҳлуҳоеро нигоҳ медоранд, ки дар сурати амалӣ кардани он салтанати давомдорро соҳиб шудан мумкин аст. Русҳо соҳиби инқилоб буданд ва ин инқилобро барои ташкили давлату империяи

бавуҷудоянда ба дигар минтақаҳо таҳмил медоданд. Осиёи Миёна дар давраи нави "тақсимоти нави ҷаҳон" мавриди ҳадафу нишонҳои мақсаднок қарор гирифта буд. Ҳузури ғарб дар ин минтақа заминаҳои таърихӣ дошт ва Англияву Русия садсолаҳо дар ин масъала бо ҳам дар як бархӯрди ошкору ниҳон қарор доштанд. Ин тамоюлро халқҳои мазлуму аз банди асоратҳо раҳогашта бо мамнуният мепазируфтанд. Тараннуми ин ҷараён дар эҷоди адибон, журналистон ва публитсистон дар пояи баланд қарор мегирифт. Расму анъана ва фарҳангу забонҳо (махсусан русӣ) таҷзияву омехта мегардид. Истилоҳи "дӯстии интернатсионалӣ" шиору даъвати махсус ба шумор мерафт. Матбуоти маҳаллӣ бошад дар ин ҷараён вазифаву рисолати махсусро ба дӯш дошт: «**Матбуоти маҳаллӣ нақшу саҳми боризе дар умури бунёдкорӣ, тарғибу ташвиқи тарзи нави зиндагӣ ва таҳкими сохти давлатдорӣ дошта, ба ташвиқи дӯстиву фарҳанги ҳамзистии мардумони миллияташон гуногун мусоидат мекарданд»** [4, с.16]. Дар замони ҶБВ низ матбуоти маҳаллии Тоҷикистон таваққуф надоштааст. Ҷанг бухрони амиқи иқтисодиву маънавиро ба вуҷуд оварда буд. Нашри рӯзномаҳои маҳаллӣ зарурат дошт, аммо имкони маҳдуд намегузошт, ки рӯзномаҳо чун дар солҳои сиюм инкишофи босуръат дошта бошанд. Дар ин муддат баъзе нашрияҳо аз фаъолият мемонданд ва ноҳияҳои ҳамсарҳад нашрияи муштараки худро таъсис медоданд. Як андоза камтар будани теъдоди нашрияҳо аз ҷониби муҳаққиқони собиқ шӯравӣ зикр карда мешавад: **«Бо вуҷуди мушкилоти иҷтимоиву сиёсии замони ҶБВ дар соли 1940 дар Тоҷикистон 83 рӯзнома нашр мешуд, ки 12-то ҷумҳуриявӣ, 7-то вилоятӣ ва 53-тои онро ноҳиявию шаҳрӣ ташкил медоданд»** [5, с.60].

Бо вуҷуди ин, матбуоти маҳаллии мо дар як фурсати начандон тӯлонӣ самтҳои инкишофи худро пайдо кард. Дар муддати зиёда аз як даҳсола, аллакай, матбуоти маҳаллӣ соҳиби аудитория ва ҳукмрони фазову муҳити хосси иттилоотии маҳал ба ҳисоб мерафт. Вақте ки ба як навъ қиёс бо матбуоти ҷумҳуриявӣ дар давраҳои гуногун менигарем, чунин хулоса падид меояд, ки матбуоти маҳаллӣ ба дастгоҳи неруманди таблиғу ташвиқи идеологӣ табдил ёфтааст. Ин тамоюлро дар мушкилтарин давраҳои баъдиҷангӣ низ дидан мумкин аст, ки бо вуҷуди нодориву навоқиси иқтисодӣ барои нашри матбуоти маҳаллӣ аз охирин имконот истифода мебурданд. Ин ҳолатро мо дар қиёсҳои рақамӣ дида метавонем, ки масалан агар дар оғози соли 1940 теъдоди умумии матбуот 83 ададро ташкил медода бошад, пас дар соли 1948 ба 60 номгӯ поин фаромадааст. Аз ҷумла, дар ин муддат 9 номгӯи нашрияи маҳаллӣ кам гардидааст, ки ба мушкилоти баъдиҷангии мамлакат алоқамандӣ дошт.: **«Дар охири соли 1948 дар Тоҷикистон 8 газетаи республикавӣ, 8 газетаи вилоятӣ ва 44 газетаи ноҳиявӣ мебаромад»** [12, с 130].

Матбуоти маҳаллӣ аз аввалин рӯзҳои таъсис бо нишондодҳои идеологӣ маҷмӯи вазифаву ҳадафҳои муайянро барои худ мушаххас сохта буд. То замони истиқлол рисолати аслии матбуоти ноҳиявӣ тарғибу ташвиқи ғоя ва дастовардҳои ҳокимияти шӯравӣ, тарбияи меҳнаткашон дар рӯҳияи ватандӯстии интернатсионалӣ буд. Инро ҷузъи манфии шаклгирии матбуоти маҳаллӣ номидан мушкил аст. Зеро набзи замон ҳама вақт журналистикаро ба домани таъсири худ мекашад ва зери таъсири он амал намуданро водор месозад. Ба ин манзур, матбуоти маҳаллӣ бо умумияти **«характери ҳизбӣ доштани фаъолияти журналистӣ»** [10, с.5] амал намуда, воқеиёти ҳаёти иҷтимоиро дар партави идеалҳои ҳизбӣ инъикос менамуд. Сарфи назар аз баъзе монеаҳо матбуоти маҳаллӣ дар баробари тавсифу таблиғи якнавохту қолабҳои обшуста тибқи нишондод ва ҳатто берун аз он дар доираи маълум танқиди камбудиҳои иҷтимоиро ба роҳ мемонд. Албатта, падидаи дигар низ ҷой дошт, ки матбуоти замони шӯравӣ аз инъикоси норасоиҳои ҳокимияти вақт худдорӣ менамуд ва пӯшидагии онро рисолати худ медонист.

Тавре дар боло ишора гашт, тавлиди матбуоти маҳаллӣ дар Тоҷикистон дар заминаи матбуоти маҳаллии рус пайдо шудааст. Ин нуқтаро бояд эътироф кард ва саҳифаҳои таърих ба ин гувоҳ аст. Аммо баъзан нодида гирифтани ҳақиқатҳои таърихиву миннати сиёсатсозони таҳмилӣ ба ифрот мерасад. То солҳои ҳафтодум муҳаққиқони рус ҳатто мавҷудияту пайдоиши нашрияи миллии тоҷиконро баъди Инқилоби Октябр хос медонистанд: **«Агар то замони инқилоб тоҷикон нашрияи миллӣ надошта бошанд, пас имрӯз ба таври рӯзмарра 2 миллиону 600 ҳазор нусха маҷаллаву рӯзнома нашр мешавад, ки ба ҳазор нафар 900 нашрия рост меояд»** [5, с.60].

Ин андеша дар солҳои ҳафтодуми асри гузашта баён гардидааст ва баъдтар маълум гашт, ки аввалин рӯзномаи хусусияти миллидошта «Бухорои шариф» аст, ки қабл аз инқилоб дар соли 1912 таъсис ёфта буд. Ин рӯзнома чандон умри тӯлониро надида бошад ҳам, вале он то ҳанӯз илҳомбахш дар таъсиси ҳар як рӯзномаи тоҷикӣ ба ҳисоб меравад. Дар масъалаи пайдоиши матбуоти маҳаллии Тоҷикистон бошад, ҳеҷ гуна таҳрифе ҷой дошта наметавонад. Дар асоси таҳлилу омӯзишҳо инкишофи матбуоти маҳаллии Тоҷикистонро дар маҷмӯъ ба чунин даврaҳо тақсим кардан мумкин аст:

1. Аз давраи таъсиси ҶШС Тоҷикистон то солҳои 1950.
2. Аз соли 1950 то то соли 1990.
3. Аз соли 1991 инҷониб, ки онро матбуоти замони истиқлол меномем.

Давраи шукуфоиву пешрафти матбуоти маҳаллии Тоҷикистон ин давраи дуюм ба ҳисоб меравад. Маҳз дар ин давра матбуоти маҳаллӣ ба дастгоҳи қавии тарғибу ташвиқи идеологӣ табдил ёфта, дар ин давра қариб дар тамоми ноҳияҳо дастгоҳи нашри полиграфӣ ба кор андохта шудааст. Тиражи рӯзномаҳо маҳз дар ин чор даҳсола ба дараҷаи баландтарин расидааст. Замони истиқлол, ки бо мушкилоти сиёсӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ оғоз шудааст, ба фаъолияти рӯзномаҳои маҳаллӣ таъсири амиқи манфӣ расонидааст: **«…аксари нашрияҳои ноҳиявӣ дар аввали солҳои истиқлолияти кишвар бо иллати вазъи сиёсӣ ва буҳрони молӣ чопи мунтазам надоштаанд»** [8, с.5].

Феълан дар ҷумҳурии мо ҳудуди 90 нашрияи вилоятиву шаҳриву ноҳиявӣ амал менамоянд. Дар ин радиф баъзе нашрияҳои хусусиву соҳавиро дар маҳалҳо, ки дар замони истиқлолият таъсис ёфтаанду алҳол фаъол нестанд, сарфи назар менамоем. Давраи сеюм бо худ ҳеҷ таҳаввулоти ҷиддие надорад ва ҷойи пӯшида нест, ки танҳо дар ин марҳила авзои номатлуби матбуоти маҳаллӣ ба назар мерасад. Таъсиси нашрияҳои хусусии таъйиноти маҳаллидошта нишон медиҳанд, ки ҳатто нашрияҳои типи нави маҳаллӣ низ дар фазои иттилоотӣ чандон муваффақ нагаштаанд. Нашрияҳои маҳаллие, ки феълан вуҷуд доранд, бо дастгирии маҳдуди мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ ба нашр мерасанд. Гумони яқину саҳеҳ он мебошад, ки дар марҳилаи сеюм - дар шароити интихоби васеъ матбуоти маҳаллӣ дар канор монда, дар сабқату рақобат нотавон будани он бештар мушоҳида мешавад.

А Д А Б И Ё Т

1. Азимов А. Марзи сухан: дастури таълимӣ / А.Азимов. - Душанбе: Дониш, 2008. - 78 с.
2. Аникина М.Е. Типология периодической печати: учебное пособие / Е.М. Аникина и др. - М.: Аспект Пресс, 2009. - 236 с.
3. Дар моварои сухан: маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ. - Душанбе, 2005. - 94 с.
4. Маъмурзода Н. Журналистикаи Хатлон: вазъият, тамоюлҳо ва дурнамои рушд: Дастури таълимӣ / Н.Маъмурзода. - Душанбе, 2015. - 204 с.
5. Многонациональная советская журналистика: учебное пособие. - М., 1972. – 280 с.
6. Муродов М.Б. Аз се шохаи як илм / М.Б. Муродов. - Душанбе: Аржанг, 2014. - 232 с.
7. Муллоев Ш. Жанрово – тематическое своеобразие таджикской публицистики времен Великой Отечественной Войны(1941-1945): Монография / Ш.Муллоев. - Душанбе, 2015. - 302 с.
8. Муродов М. Матбуоти маҳаллии Тоҷикистон: Маълумотномаи мухтасар / М.Муродов, А. Қутбиддинов, М. Ҷумъаев, Қ.Исоев. - Душанбе, 2018. – 200 с.
9. Мӯсоев А. Вахш, эй сарчашмаи илҳоми ман: Ҷашннома / А.Мусоев. - Душанбе: Бухоро, 2017. - 167 с.
10. Нуралиев А. Журналистикаи советии тоҷик: Васоити таълимӣ./ А.Нуралиев, А. Саъдуллоев, И. Усмонов, У. Гулмуродов. - Душанбе, 1989. – 174 с.
11. Расулиён Қ. Осори мунтахаб.Ҷилди 1. - Душанбе, 2014. – 576 с.
12. Усмонов И.К. Журналистика. Қ.1. Васоити таълимӣ / И.К. Усмонов. - Душанбе: Империал групп, 2005. - 480 с.

БАЪЗЕ ҶАНБАҲОИ ТАЪРИХИИ МАТБУОТИ МАҲАЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Дар ин мақола дар бораи таърихи аввалин нашрияҳои маҳаллӣ дар Тоҷикистон сухан меравад. Таҳқиқи таърихи матбуоти ватании мо ба таърихи ин навъи матбуот дар Русия ҳаммонанд аст. Агар фақат таърихи баъди инқилоб ё замони шӯравиро ба инобат гирем, таъсиси ин матбуот тақрибан як давраро фаро мегирад. То кунун умри зиёда аз 80-солаи матбуоти маҳаллии тоҷик зикр карда мешавад ва солҳои сиюми асри гузашта оғози он аст. Барои ба вуҷуд омадани ин навъи матбуот заминаҳои алоҳидаи дигар низ ҷой доштанд. Чунончи, аввалин нашрияҳои ҳудуди Осиёи Миёна бо таъсири ҳукумати подшоҳии рус ба миён меомаданд, ки «Туркистанские ведомости» дар саргаҳи он қарор дошт. Нашрияҳои миссионерии Осиёи Миёна хусусияти минтақавӣ доштанд. Дар бештари ҳолатҳо мо нашрияи маҳаллиро ҳамчун як унсур аз унвони он мешиносем. Аммо таҷрибаҳои таърихӣ собит менамоянд, ки чунин марз дар шиноҳти матбуоти маҳаллӣ чандон қатъӣ нест. Масалан, таъсиси рӯзномаи «Красный Каратегин»-ро дар соли 1923 мо нашрияи хоссаи маҳаллӣ номида наметавонем. Дар ин самт ба вуҷуд омадани нашрияи “Роҳи колхозчӣ” (Ҳақиқати Суғд) –ро дар таърихи 25-октябри соли 1930 оғози таъсиси матуботи маҳаллии Тоҷикистон номидаанд. Давраи тиллоии матбуоти маҳаллии Тоҷикистон солҳои 1930-1940 ба ҳисоб рафта метавонад. Танҳо дар як даҳсола навад дар сади шаҳру навоҳии кишвар соҳиби нашрияҳои худ гардидаанд. Дар се давраи инкишофи матбуоти тоҷик танҳо дар ду давраи охир матбуоти маҳаллии Тоҷикистон ташаккулу таҳаввул ёфтааст. Моҳият ва таъйиноти идеологӣ мучиби аслии пайдоиши матбуоти маҳаллии мо мебошад. Муайян гардидааст, ки КМ ҲК(б) Тоҷикистон ва ШКХ ҶСС Тоҷикистон доир ба инкишоф ва беҳтару хубтар ба роҳ мондани матбуот ва ҳаракати мухбирони коргару деҳқон қарорҳои зиёдеро қабул мекарданд. Бо пуррагӣ нашрияҳои маҳаллӣ ҳизбиву идеологӣ буданд ва ин раванд то фурӯпошии империяи шӯравӣ ҷараён дошт.

Калидвожаҳо: рӯзнома, таъсис, ташаккул, ҳокимият, давра, бунёдкорӣ, маҳаллӣ, таъйинот, таблиғ, анъана.

НЕКОТОРЫЕ ИСТОРИЧЕСКИЕ СТОРОНЫ МЕСТНОЙ ПЕЧАТИ ТАДЖИКИСТАНА

В этой статье рассматривается возникновение первых местных газет в Таджикистане. Исследование истории наших печатных изданий показывает, что она похожа на историю прессы в России. Если мы рассмотрим только историю после революции или советское время, то создание местных газет происходило примерно в один период. До сих пор упоминается, что местной печати Таджикистана более 80 лет, и 30-ые годы прошлого века ее начало. Для возникновения этого вида прессы были и другие основания. Так, первые газеты в Средней Азии возникли под влиянием Российской империи, первой из которых были «Туркестанские ведомости». Миссионерские издания Центральной Азии имели региональные особенности. В большинстве случаев, мы узнаем местные газеты по их названиям. Однако историческая практика доказывает, что такая граница не столь строга у местных газет. Например, создание газеты " Красный Каратегин " в 1923 году нельзя назвать местным изданием. В этом направлении создание газеты “Рохи колхозчи” (“Путь колхозника” ныне “Хакикати Сугд” (“Согдийская правда”)

25 октября 1930 года называют началом местной печати в Таджикистане. Золотым периодом местной прессы в Таджикистане можно считать 1930-1940 годы. За десять лет у 90% городов и районов страны появились свои издания. Из трех периодов развития таджикской печати только в двух последних местная печать развивались в Таджикистане. Сущность и идеологическая направленность являются основными причинами возникновения местной печати у нас. Было определено, что Центральный Комитет Коммунистической партии Таджикистана и ШКХ РСС Таджикистан приняли ряд постановлений, направленных на развитие и совершенствование прессы и рабоче-крестьянских корреспондентов. В целом, местные издания были партийно-идеологическими, и этот процесс продолжался до распада Советская империи.

Ключевые слова: газета, формирование, власть, период, созидание, местное, назначение, пропаганда, традиция.

SOME OF THE HISTORICAL FEATURES OF THE LOCAL PRESS OF TAJIKISTAN

This article discusses the first issue of local publications in Tajikistan. The history of our local press reports is similar to the history of this press in Russia. If we only consider the history of the revolution, or the Soviet time, the creation of this press covering approximately one stage. So far more than 80 years of local Tajik media have been mentioned, and in the last years of the last century. There are other separate backgrounds for this type of press. First of all, the first edition of the Central Asian border was influenced by the influence of the Russian king of the Russian Empire. Central Asia's missionary publications had a regional feature. In most cases, we know local publications as an element of the title. However, historical practice proves that such a border is not so strict in the local media. For example, the creation of the "Krasny qarategin" newspaper in 1923 cannot be called a local publication. In this direction, the issue of the establishment of the "Rohi Kolkhozchi" (Haqiqati Soghd) newspaper was called October 25, 1930, in the beginning of the creation of local information in Tajikistan. The golden period of the local press in Tajikistan can be counted in 1930-1940. Only a decade ago in the country and cities of the country, they have been publishing their publications. In Tajikistan's three-part period, the Tajik media has been developing and evolving only in the last two periods**.** The essence and importance of the ideology is the real appearance of our local press. It was noted that the Central Committee of the Communist Party of Tajikistan (CCCP) adopted a number of resolutions aimed at the development and improvement of the press and movement of the workers and peasants. In general, local publications were the party and ideological, and this process had been pursued by the Soviet empire.

Key words: publishing, creation, formation, power, period, creation, local, distination, propagate, tradition.

Сведения об авторе: ***Кутбиддинов Абдулмумин Хошимович*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры международной журналистики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. E-mail: **ADAB-75@mail.ru**

Information about the author: ***Qutbiddinov Abdulmumin Hoshimovich*** - Tajik National University, Ph.D. in Philology, Associate Professor, Department of International Journalism. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.E-mail: **ADAB-75@mail.ru**

УДК: 070:891.550

РӮЗНОМАНИГОРИИ ТАҲҚИҚӢ ЧИСТ?

Мориё Раҳин
Донишгоҳи Балхи Ҷумҳурии Исломии Афғонистон

Рӯзноманигорӣ аввалин пешнависи таърих аст. Рӯзноманигорӣ касбу кор нест, балки як зарурати иҷтимоӣ аст. Фарде, ки эҳсоси масъулияти иҷтимоӣ надошта бошад, наметавонад як рӯзноманигор бошад. Рӯзноманигор таҳқиқи на танҳо кори як муҳаққиқро анҷом медиҳад, балки нақши як достоннависро ҳам дорад.

Таърихи рӯзноманигорӣ, таърихи интишор ва нуфузи огоҳиҳои фикрӣ аст. Башари мутамаддин беш аз пансад сол, саъй карда, бо истифода аз васоил ва ихтирооти илмии худ, монанди чоп, телефон, радио, телевизион, интернет, бо ҳамнавъи худ иртибот барқарор карда ва ба навъе аз дунёи атроф ва рӯйдодҳои рӯзи дунё бохабар шавад.

Инсонҳо талош мекунанд, то бо кумаки васоили иртиботии рӯз ба пешрафтҳои фикрӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва ғайра даст ёбанд. Дар ин миён нақш ва аҳаммияти рӯзноманигорӣ ва иртибототи иҷтимоиро наметавон нодида гирифт.

Мафоҳими рӯзноманигории таҳқиқӣ. Рӯйкарди рӯзноманигории таҳқиқӣ (investigative journalism) дар ҷомеаи мо он қадар ғариб аст, ки ҳатто хеле аз донишҷӯён шинохти комиле аз он надошта ва шояд зарурати шинохти онро дарк накардаанд.

Рӯзноманигории таҳқиқӣ яке аз душвортарин шохаҳои рӯзноманигорӣ аст, ки ниёз ба ҳуш, пуштикор ва ҷасорати зиёди рӯзноманигорро дорад. Аз дидгоҳи бисёре аз муҳаққиқон ва рӯзноманигорон, рӯзноманигории таҳқиқӣ нуқтаи авҷи кори ҳирфаи рӯзноманигорӣ аст. Ба ибораи дигар, рӯзноманигории таҳқиқӣ навъи рӯзноманигории умқӣ аст.

Падари рӯзноманигории таҳқиқиро Томас Уайтсайд (Thomas Whiteside), мутаваллиди яке аз рустоҳои Англия (1997-1918) ва рӯзноманигори амрикоӣ медонанд.

Томас Уайтсайд соли 1971 дар мақолаи худ таҳти унвони «Маъмурон дар маҳал» менависад: «Ин нақши рӯзноманигорони таҳқиқӣ аст, ки барои муҳофизат аз бесадоён, демократия ва мазлумон ба ифшои мафияи сиёсӣ иқдом кунанд».

Ӯ дар идома изофа мекунад, ки таваҷҷуҳ дошта бошед, ки сиёсат пур аз мунофиқони сиёсӣ, роҳзанон, дурӯғгӯён ва қотилон аст. Нақши рӯзноманигорони таҳқиқӣ, назорат ва таҳқиқ дар ин замина ва ишора кардан ба ин омилон бодиққат аст. Чи омилоне, ки барои беэътибор кардани сиёсатмадорони пок мекӯшанд ва чи омилоне, ки барои манофеи шахсии худ ба кишвар ва мардум хиёнат мекунанд.

Рӯзноманигорӣ ва масъулияти иҷтимоӣ. Коршиносон таърихи шукуфоии рӯзноманигории таҳқиқӣ ва таҳаввулоти онро ба авоили даҳаи 1970, яъне замоне, ки силсил гузоришҳои ду рӯзноманигори амирикоӣ – Карл Брейнштейн ва Боб Вудворд дар бораи расвоии Уотергейт дар рӯзномаи «Вашингтон Пост» ба чоп расид ва мунҷар ба канорагирии Ричард Никсон аз риёсати ҷумҳурии Амрико шуд, нисбат медиҳанд.

Аз он замон ба баъд, рӯзноманигории таҳқиқӣ ё ифшогарӣ ва аланӣ сохтани ифтизоҳот (muckrake) ба унвони як сабки рӯзноманигории таҳқиқӣ мавриди таваҷҷуҳи расонаҳо, рӯзноманигорон ва мардум қарор гирифт. Дар ин сабк рӯзноманигор ё гузоришгар таҳқиқе ба масоили сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ғайра мепардозад. Ба ибораи дигар, ба дунболи моҳият ва воқеияти пинҳон дар миёни рӯйдодҳои ҷомеа ё ҷаҳон мегардад. Албатта, ин сабки рӯзноманигорӣ танҳо маҳдуд ба сӯиистифодаҳои давлатмардон нест, балки ба таври куллӣ амалкарди ниҳодҳо, муассисаҳо, ширкатҳо ва созмонҳои мухталифе, ки дар ҷомеа фаъолият мекунанд, марбут мешавад. Яъне, ҳама фаъолиятҳои ҷомеа новобаста аз давлатӣ ва ғайридавлатӣ, хусусӣ ва шахсӣ, зери нигоҳҳои тезбини рӯзноманигорони муҳаққиқ, мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор мегиранд.

Метавон гуфт, ки ин сабк бештар ба унвони як шеваи таъсиргузори рӯзноманигорӣ дар хидмати беҳбуди кайфияти зиндагии мардум қарор дорад. Сабк ва шевае, ки роҳи худро ба манобеи омӯзишии рӯзноманигорӣ низ боз кардааст ва барои ҳифз ва идомаи ҳаёти он талоши бисёре мешавад.

Рӯзноманигории таҳқиқӣ яке аз печидатарин, замонбартарин, пайгиртарин, хатарноктарин ва, албатта, ҷаззобтарин сабкҳои гузориши як мавзӯъ аст. Рискпазирӣ ҷузъи муҳимтарини хасисаҳои ин рӯзноманигорӣ аст. Ва барои худ афроди хоссеро, ки сари пурдард, ҷасур, масъулиятпазир ва боҳуш бошанд, металабад. Чаро ки дар ин сабк аз рӯзноманигорӣ, рӯзноманигор по ба варои параграфҳои хабарӣ мегузорад. Ӯ ба дунёи ношинохтаҳо ва шинохтаҳои хатарноки пинҳон қадам мегузорд, то парда аз асрор ё воқеиятҳои пинҳон дар миёни сатрҳои параграфҳои хабарии рӯзномаҳо ё рӯйдодҳои ҷомеа бардорад.

Рӯзноманигории таҳқиқӣ на танҳо кори як муҳаққиқро анҷом медиҳад, балки нақши як достоннависро ҳам дорад. Онон ба ҷустуҷӯи ҷузъиёт ва ногуфтаҳои як мавзӯъ мепардозанд. Ин сабк, на танҳо ҷанбаҳои айнӣ ва ташреҳиро дар бар дорад, балки ба робита миёни рӯйдодҳо ва фарояндҳо низ таваҷҷуҳи хос дорад. Онон маҳсули ҷустуҷӯҳои худро аз тариқи шахс ё ашхосе, ки достон ба василаи онҳо гуфта ё ривоят шудааст, ба хонанда мунтақил мекунанд.

Рӯзноманигории таҳқиқӣ бо таҳияи гузориш аз вақоеъ ва мусоҳиба бо ашхосе, ки дар ҷараёни шаклгирии як хабар ё рӯйдод нақш доштанд ва ё манобеи мавҷуде, ки метавонанд дар шаффоф кардани завоёи мавзӯи гузориш ба ӯ кумак кунанд, илҳом гирифта ва кори худро такмил мекунад.

Дар ҳоли ҳозир, рӯзноманигории таҳқиқӣ ба яке аз бахшҳои ҷиддии рӯзноманигории кишварҳо табдил шудааст. Дар бархе аз кишварҳо, рӯзномаҳо ва маҷаллот гурӯҳе аз хабарнигорони худро маъмури таҳияи гузоришҳои таҳқиқӣ дар заминаҳои сиёсӣ, аз қабили сӯиистфодаҳои тиҷорӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, аз қабили қочоқ, маводи мухаддир, сирқат, ҷангҳо, қатлҳо ва ғайра мекунанд. Ҳатто, ҳарсола омӯзишгоҳҳои муътабари рӯзноманигорӣ бахшеро ба ин ришта барои эҳдои ҷоиза ба рӯзноманигорон ихтисос медиҳанд.

Бо вуҷуди ин, ҳанӯз рӯзноманигории таҳқиқӣ ба маънои воқеии худ, ҳатто дар кишварҳои пешрафта, ки муддаии истиқлол, бетарафӣ ва озодии матбуот ва соири расонаҳо ҳастанд, низ вуҷуд надорад ва агар ҳаст, теъдоди гузоришҳои он аз ангуштони як даст ҳам таҷовуз намекунад. Чаро ки вобастагии рӯзафзуни расонаҳо ба манобеи қудрат аам аз қудрати сиёсӣ ё иқтисодӣ ва гиреҳ хӯрдани манофеи онҳо ба якдигар, тиҷорӣ шудани бештари муассисаҳои расонаӣ, ҳамчунин, ҳазинаи боло, замонбарӣ ва хатари болои таҳияи ин гуна гузоришҳои таҳқиқӣ, боиси коҳиши теъдоди онҳо дар расонаҳои ҷаҳон шудааст.

Сабк ва сохтори нигориш дар гузоришҳои таҳқиқӣ таҳти таъсири муҳтаво аст. Муҳтаво аз сабки нигориш бисёр муҳимтар аст. Дар манобеи омӯзишӣ камтар дар бораи сабки нигориш, гузоришҳои таҳқиқӣ навишта шудааст. Чаро ки сабкҳои навиштории гузориши таҳқиқӣ, чандон тафовуте бо дигар гузоришҳо надоранд. Гузориш бояд бар асос, сабки навиштори гузоришӣ навишта шавад. Аз тарафе, гузоришҳои таҳқиқӣ, маъмулан, ғайритавсифӣ ҳастанд. Чаро ки ин гузоришҳо пур аз иттилоот, омор ва арқоми дақиқ ва сареҳ ҳастанд ва ҷинси онҳо сахт аст.

Дар гузоришҳои таҳқиқӣ, иттилооти дуруст ва дақиқ муҳим аст, на тавсифи фазо, макон ва ғайра. Бо вуҷуди ин, имкон дорад рӯзноманигорӣ раванди таҳқиқи худ ва ё моҷароҳои дастрасиаш ба иттилоотро дар гузориш биғунҷонад, аммо ин равиш ваҷҳи қолаби гузориш нахоҳад буд.

Гузоришҳои таҳқиқӣ, ғайритавсифӣ ва қиёсӣ ҳастанд. Рӯзноманигори таҳқиқӣ ё гузоришгари таҳқиқӣ дар шурӯи гузориши худ мавзӯъ ва шарҳи воқеаро ба таври куллӣ матраҳ мекунад ва муҳимтарин дастовардҳои таҳқиқро изофа мекунад. Ташреҳ ва ҷузъиёти моҷаро дар дохили матни гузориш оварда мешавад ва баъд гом ба гом масъала боз мешавад.

Бисёр вақт рӯзноманигори таҳқиқӣ, гузориши худро ба маҳзи комил шудани иттилоот менависад. Яъне, дар мақтаи замоне ки гузоришгар ба иттилоот ва ҷузъиёт дастрасӣ пайдо кардааст, иттилоотро мунташир мекунад. Маъмулан гиреҳи ин гузоришҳо дар поёни гузоришҳо боз мешавад. Ба иборае, саранҷом ва ҳадафи ниҳоӣ дар интиҳо, охирин гузориш мушаххас мешавад.

Дидгоҳҳо ва назароти мухталифе дар хусуси таъриф, чигунагии таҳияи гузориш, маҳоратҳо ва вежагиҳои гузоришгар, рӯзноманигори таҳқиқӣ вуҷуд дорад, ки ба чанд намунае аз онҳо ишора мекунем:

Нил Ҳансен дар бораи рӯзноманигории таҳқиқӣ менависад, ки ҳеҷ таърифи ниҳоӣ барои рӯзноманигории таҳқиқӣ вуҷуд надорад. Коршиносон амри таорифи хосси худро дар ин замина ироа медиҳанд ва ҳар кадом ба навъе онро таъриф мекунанд. Вале ба таври куллӣ рӯзноманигории таҳқиқиро як навъи рӯзноманигорӣ медонанд, ки дар он рӯзноманигор ба таври комил ба баррасии мавзӯъ таваҷҷуҳ дошта ва таҳқиқ, пажӯҳиш ё баррасии васее анҷом медиҳад. Ин таҳқиқот мумкин аст моҳҳо ё ҳатто солҳо тӯл бикашад. Ба ҳамин хотир ин сабк аз рӯзноманигорӣ ҳазинаи бисёр металабад.

Аз назари Ҳорисо Чондробот рӯзноманигори таҳқиқӣ касе аст, ки дар пайи касби хабар аст, дурустӣ ва нодурустии хабарро дарк мекунад, рӯйдодҳоро аз завоёи мухталиф баррасӣ мекунад ва дар пайи манофеи умумӣ аст. Гузоришгар ин сабки хабарро ба сурати мунсифона, бетарафона ва бар асоси усули ахлоқӣ дар ихтиёри мухотабон қарор медиҳад.

Чарлз Луис аз рӯзноманигорони таҳқиқии машҳури Амрико аст. Ӯ сабки гузориши таҳқиқиро ба хабарнигорон омӯзиш медиҳад. Луис солҳо барои шабакаҳои телевизионии ABC ва CNN Америка кор карда ва мудири иҷрои коргоҳи омӯзишии рӯзноманигории таҳқиқӣ дар Вашингтон аст. Доиратулмаорифи рӯзноманигорӣ аз ӯ ба унвони яке аз сӣ рӯзноманигорони ковишгари матраҳи Америка дар замони ҷанги ҷаҳонии аввал ном бурдааст. Луис дар омӯзишҳои худ бар манобеи хабарии дуруст, манобеи иттилоотии саҳеҳ ва анҷоми мутолиоти лозим дар таҳияи гузоришҳои таҳқиқӣ таъкид мекунад. Риояти усули рӯзноманигориро ба ҳама рӯзноманигорони таҳқиқӣ тавсия мекунад ва мегӯяд, ки рӯзноманигори таҳқиқӣ дар асл кори фардӣ, ҷасур, масъул ва дилсӯз нисбат ба ҷомеа аст.

Доктор Муҳаммадмаҳдӣ Фирқонӣ дар фасли шашуми китоби «Гузоришнависӣ, чашми уқоби рӯзноманигорӣ» менависад: «Рӯзноманигории таҳқиқӣ навъи журнализми ифшогарона ва нозир бар амалкардҳо, сӯистфодаҳо, фасодҳо, сӯимудириятҳо ва инҳирофҳо аст. Ин сабки рӯзноманигорӣ дар ҳама ҷойи дунё шароити хосси худро дорад. Чаро ки навъе нигаҳ дошатан ҷилави қудратмандон аст ва табиист, ки хушоянди онҳо низ набошад».

Аз сӯйи дигар, ин сабк дар хидмати пешбурди озодии баён, қалам ва ҳуқуқи шаҳрвандӣ ва яке аз пешрафтатарин макотиби рӯзноманигорӣ аст. Жанре аз рӯзноманигорӣ, ки кашфи ҷараёнҳои носавоб ва норавои даруни сохторҳои расмии қудрат ва ифшои онро ба манзури кумак ба ислоҳ ва полоиши умури ҷомеа, кумак ба шунида шудани садои мардум ва ҳаққи мардумро барои назорат бар амалкарди расмӣ, дар дастури кори худ қарор додааст.

Дар ҳама ҷойи дунё ҳатто дар ҷаҳони сармоядорӣ, ки сарват ва қудрат то ҳадде дар лояҳои мухталифи иҷтимоӣ тавзеъ шудааст, ҳанӯз ҳам давлатҳо ё ба таври мустақим ё ғайримустақим бар бахши аъзами манобеи илмӣ, иқтисодӣ, тахассусӣ ва инсонӣ тасаллут доранд. Ба ҳамин хотир метавон гуфт, ки асосан расонаҳои давлатӣ аз ин жанр мустасно ҳастанд. Бинобар ин, рӯзномаҳои вобаста ба давлат наметавонанд вориди ин ҳавза, яъне рӯзноманигории ифшогарона шаванд.

Ҳюго де Бург, нависандаи китоби «Рӯзноманигории таҳқиқӣ, мафҳум ва тамрин» дар китоби худ рӯзноманигории таҳқиқиро ин гуна таъриф мекунад: «Рӯзноманигории таҳқиқӣ талоше аст барои дастёбӣ ба ҳақиқат дар ҷое, ки ҳақиқати пинҳоншуда, ки дигарон мунтазири донистани он ҳастанд. Дар шеваи рӯзноманигории таҳқиқӣ талош мешавад натоиҷи таҳқиқот бетарафона мунъакис шавад».

Ӯ муътақид аст, ки рӯзноманигорони таҳқиқӣ таваҷҷуҳе ба тафсирҳое, ки қудратмандон ё соҳибони қудрат аз ҳар рӯйдод ва воқеа ба мардум ироа медиҳанд, надоранд, балки ҳамеша ба варои ин тафосир меандешанд ва ҳисси ташхиси дуруст аз нодурустро дар мо тақвият мекунанд. Шиори онҳо ин аст: «Вафодорӣ ба ҳақиқат, қонун, адолат ва ахлоқ».

Аз нигоҳи ӯ, рӯзноманигори таҳқиқӣ ба ҷустуҷӯи масоили сиёсӣ ва иҷтимоӣ мепардозад ва моҳияти пинҳони онҳоро ошкор месозад. Ин ифшогарӣ танҳо ба аъмоли сӯи сиёсатмадорон маҳдуд намешавад, балки амалкарди ниҳодҳо ва созмонҳои мухталиферо, ки дар ҷомеа фаъолият мекунанд, низ мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор медиҳад. Гузоришгарии таҳқиқӣ, кори шахсӣ, халлоқона ва довталабона дар бораи мавзӯъҳои муҳимме аст, ки афрод ё гурӯҳҳо саъй дар пинҳон кардани онҳо доранд.

Де Бург, рӯзноманигорони таҳқиқиро посдорони марзҳо муаррифӣ мекунад, ки бояд нигаҳбони назм ва муроқиби инҳироф бошанд. Ӯ намунаҳое аз мавзӯъҳои марбут ба чунин гузоришҳоеро ин гуна ном мебарад: расво кардани як рӯйдоди шармовар ҳатто агар ғайриқонунӣ набошад, монанди тахаллуф аз як қонуни ахлоқӣ; ифшо кардани сӯистифода аз қудрат; пурсуҷӯ кардан дар бораи мабнои воқеии баёнияҳои муҳим; нишон додани фасод дар дастгоҳи адолат; ба чолиш кашидани як гузориши давлатӣ дар ҳар замина; собит кардани ин ки қавонин чӣ гуна метавонанд вайрон карда шаванд ва ғайра. Рӯзноманигорони таҳқиқӣ варои манофеи шахсӣ ва миллии худ ҳаракат мекунанд. Онҳо ба дунболи кашфи ҳақоиқ ва огоҳ кардани мардум дар саросари ҷаҳон ҳастанд.

Доктор Козим Муътамаднажод, устоди барҷастаи иртиботот, рӯзноманигории таҳқиқиро ин гуна таъриф мекунад: «Рӯзноманигории таҳқиқӣ дар айни ин ки аз ҳайси вусъати гузоришҳо ва низ таваҷҷуҳ ба умқи рӯйдодҳо ба рӯзноманигории ташреҳӣ ва низ шеваи рӯзноманигории умқӣ шабоҳат дорад, аз ҷиҳати навъи бардошт ва нигариши иҷтимоӣ бо онҳо мутафовит аст. Ба баёни дигар, ба сабаби адами эътимод ва итминони хабарнигор ба ахбор ва иттилооти мундариҷ дар иттилоияҳо ва эъломияҳои расмии давлатӣ, кӯшишҳои паёпай дар ҷиҳати кашфи воқеиятҳо анҷом медиҳад, то имкони дастрасӣ ба иттилооте фароҳам шавад, ки амдан аз дастрасии онҳо махфӣ нигоҳ дошта шудааст».

Аз назари Реймонд Уилямс, як гузоришгари таҳқиқӣ танҳо ба тавлиди як матлаб иктифо намекунад, балки як хидматро арза мекунад, хидмати созанда дар ростои беҳбуди кайфияти зиндагии мардуми ҷомеа ё мардуми ҷаҳон...

Атомо ва Глосар муътақид ҳастанд, ки рӯзноманигори таҳқиқӣ, гузоришҳоро бар асоси меъёрҳои ахлоқӣ менависад. Рӯзноманигор бояд бидонад чӣ гуна як гузоришро бо риояти ҳама меъёрҳои ахлоқӣ бинависад. Ин ду муҳаққиқ аз истилоҳи «нигаҳбони виҷдон» барои рӯзноманигорони таҳқиқӣ истифода мекунанд. Чаро ки рӯзноманигорони таҳқиқӣ бо ҷалби таваҷҷуҳи афкори умумӣ ба фасод ва мушкилоте аз ин даст, аз арзишҳо ҳифозат мекунанд.

Имрӯз рӯзноманигории таҳқиқӣ дар мутолиоти расонаӣ корбурдҳои бисёре ёфтааст. Дар бораи коркард ва аҳаммияти нақши рӯзноманигории таҳқиқӣ дар дунё метавон ба мавориде ишора кард. Яке аз муҳимтарини ин коркардҳо таъсире аст, ки ин сабки рӯзноманигорӣ бар тақвияти бунёнҳои демократӣ дар дунё ифо мекунад. Дарвоқеъ, рӯзноманигорони таҳқиқӣ бо тарҳи пурсишҳои бунёдин ва таҳияи гузоришҳои мустанад нақши худро ба унвони нозирон, бар амалкарди давлатҳо, шахсиятҳои сиёсӣ, муомилоти тиҷорӣ ва ғайра матраҳ карда ва ба намояндагӣ аз афкори умумӣ шароит ва авзоъро назорат ва баррасӣ мекунанд. Дар ғайри ин сурат ва ё дар сурати коҳиши мизони гузоришҳои таҳқиқӣ ба демократия дар як кишвар зарба ворид мешавад.

Албатта, мавзӯъҳои мавриди баррасӣ ба василаи рӯзноманигорони таҳқиқӣ печидатар аз гузоришҳои маъмулӣ аст ва онҳо ба замон ва манобеи бештаре барои кори худ ниёз доранд ва ин кор як муборизи сарсахт ва хастагинопазирро металабад.

Ренедал мегӯяд, ки рӯзноманигории таҳқиқӣ маҳоратҳои аввалияи гузоришгарӣ ва рӯзноманигориро бо шеваҳои пешрафтаи таҳқиқ дар ҳам меомезад. Вежагии мутамоизкунандаи гузориши таҳқиқӣ, таҳқиқоти бадеъ ва халлоқона аст. Таҳқиқоти халлоқона ироаи чакидаи матолиб ва ё гирдоварии ёфтаҳо ва иттилооти дигарон нест, балки гузоришгарон ин таҳқиқотро бо баҳрагирӣ аз иттилооти хом анҷом медиҳанд. Ин таҳқиқот метавонад як мусоҳибаи қавӣ, муқоисаи арқом ва ёфтани воқеиятҳо бошад. Дар бисёр маворид халлоқият дар анҷоми ин таҳқиқот ва натоиҷи онҳо ба кашфи вақоеъ ва равобите меанҷомад, ки то он замон касе ба онҳо даст наёфта буд.

Ӯ меафзояд, ки ағлаб гузоришҳои таҳқиқӣ аз шак нисбат ба вуқӯи тахаллуф шурӯъ мешаванд. Як гузоришгари таҳқиқӣ мебоист худро даргири таҳқиқ ва пурсуҷӯи мудовим ва гирдоварии парвандаҳои марбута барои таҳқиқ кунад, ки бар асоси онҳо гузориш ва ё гузоришҳои таҳқиқии худро бинависад. Албатта, чунин таҳқиқ ва пурсуҷӯҳо ниёзманди гузоришгар ва виросторе аст, ки мудирияти замон ва манобеъро бар уҳда дошта бошад, то натоиҷи ҳосиларо ба ҳадди аксар бирасонад.

Рӯзноманигории таҳқиқӣ хатароти хосси худро дорад. Ба иборае, ҳар гузорише, ки ба ҷароими созмонёфта марбут аст, метавонад хатарнок бошад. Мизони хатар бо густурдагии фаъолияти муҷримон ва ҷиддитар шудани хилофкории онҳо афзоиш меёбад. Таҳияи баъзе аз гузоришҳо барои хабарнигорони таҳқиқӣ бисёр ҷиддӣ ва хатарнок аст. Махсусан гузоришгарии махфӣ ва иттилоърасонӣ дар бораи рӯйдодҳои сиёсӣ, манотиқи

буҳронӣ, сарватмандон ва ғайра, ки метавонад ҷони рӯзноманигорони ин риштаро ба хатар андозад.

Албатта, шарти муваффақияти гузоришгари таҳқиқӣ дар анҷоми таҳқиқот, мунсиф ва ахлоқӣ будан ва парҳез аз ҷиҳатгирии сиёсӣ аст, зеро ҳар амали ғайриқонунӣ ё ҷиҳатгирии сиёсие, ки бар асоси меъёрҳои пазируфташуда ғайримунсифона ва ғайриахлоқӣ бошад, метавонад эътибори таҳқиқоти гузоришгарро махдуш ва тахриб карда ва ҳамчунин эътибори рӯзнома ё расонаи пуштибони ӯро ба хатар андозад.

Шикебой, пайгирӣ ва доштани пушткор дар анҷоми таҳқиқот, содиқона, пайгирона ва муназзам барои кашфи ҳақиқат ва шуҷоат пазириши иштибоҳ дар ташхиси ҳақиқат ва бардоштани гомҳои лозим барои ислоҳи фаврии иттилооти нодуруст ва ғайра мавориде ҳастанд, ки як гузоришгари таҳқиқӣ бояд доро бошад. Албатта, ин маҳоратҳо замоне ба даст меоянд, ки гузоришгари таҳқиқӣ бо шинохти ҳадафҳо, сохторҳо ва муҳтавои гузориши таҳқиқӣ иқдом ба кор кунад. Зеро то як гузоришгари таҳқиқӣ илм ва шинохти лозим дар ин заминаро ба даст наоварад, иқдом ва натиҷаи чандоне касб нахоҳад кард.

Ба таври куллӣ, метавон гуфт, ки гузоришгари таҳқиқӣ фарди ҷасур, рискпазир, муназзам, сабур, дақиқ, мунсиф, бовиҷдон, ахлоқмадор, бо пуштикор, қонунгаро ва мутаодил ва фоқиди ҷиҳатгирии хосси сиёсӣ мебошад. Ӯ манофеи умумиро бар манофеи фардӣ ва расмӣ тарҷеҳ медиҳад ва гоҳ ба хотири ин тарҷеҳ мумкин аст ногузир аз пазириши пайомадҳои ногувор шавад. Илова бар ин, бархилофи рӯзноманигори одӣ, гузоришгари таҳқиқӣ асосан ба манобеи ғайрирасмӣ ва ғайридавлатӣ истинод мекунад ва иттилооти бадастомада аз ин манобеъро бо иттилооти манобеи расмӣ муқоиса мекунад, то нодурустӣ ё танақузро дар онҳо нишон диҳад.

Молнҳоф дар китоби маъруфи худ «Гузоришгари таҳқиқӣ» қавонинеро барои гузоришгарони таҳқиқӣ унвон мекунад ва менависад: «Амалкарди саҳеҳи гузоришгари таҳқиқӣ бисёр аҳаммият дорад. Ба ҳамин хотир, риояи ин қавонин, аз шумо фарди мунсиф ва дақиқ сохта ва ҳамчунин дар баробари ҳамлаҳои ҷиддӣ, осебпазирии камтаре хоҳед дошт».

Ӯ ёдоварӣ мекунад, ки доштани хулус ва садоқати шахсӣ ҳамроҳ бо қазовати мутаодил ва мантиқӣ, ба гунае ки мухотибон ҳамвора битавонанд ба гузоришгар ва расонаи ӯ эътимод кунанд, зарурӣ аст. Танҳо чанд мавриди хатои ҷиддӣ, ба дигарон иҷоза медиҳад, ки расонаҳоро ғайримасъул нишон дода ва арзиши кори чандин гузоришгари таҳқиқиро аз байн бибаранд.

- Гузоришгар бояд дар хилоли ҷамъоварии иттилооте, ки мунҷар ба бурузи ҳақиқат мешавад, аз як сӯ, сарсахт ва айнигаро бошад ва аз сӯйи дигар, бар асоси мавозини ахлоқӣ ва отифӣ амал кунад.
- Ӯ бояд аз дахолат додани алоиқи ҳизбӣ ва сиёсӣ дар ҷараёни таҳияи гузориши таҳқиқӣ худдорӣ кунад.
- Ҳангоми ҷустуҷӯи ҳақоиқ ва тарҳи савол бовиҷдон бошад. Талош кунад бархӯрди ӯ бо афроди даргири моҷаро новобаста аз он, ки дӯсташон дорад ё ба онҳо эътимод надорад, баробар бошад.
- Иттилоот ва шинохти худро дар хусуси мавзӯе, ки таҳқиқ мекунад, комил кунад. Маҳдудаи онро дар назар бигирад, ҳадаф ва ангезаи худро аз анҷоми мусоҳибаҳо, тарҳи саволҳо ва мутолиаи аснод ва пешинаи мавзӯъ мушаххас кунад.
- Аз иғроқ, ифрот, тафрит ва таҳрифи ҳақоиқ худдорӣ кунад.
- Бо манобеъ ва мавзӯи таҳқиқи худ яксон ва мустақим бархӯрд кунад. Саволҳои бепарда бипурсад, аз фиребкорӣ бипарҳезад, ном ё ҳувияти нодуруст ба кор набарад, агар қавл додааст, ки як хабари маҳрамонаро ҳифз кунад, ба қавли худ пойбанд бошад, ҳатто агар ин кор ӯро ба хатар биандозад.
- Аз қонун тахатӣ накунад, магар он ки омодаи пазириши пайомадҳои он бошад. Аз ҳуқуқи қонунии худ матлаъ бошад.
- Ҳангоми навиштани гузориш алайҳи як шахс аз мадорики мустақим истифода кунад ва ба он шахс фурсат диҳад, то ба саволҳои матраҳшуда посух диҳад.
- Ёдатон бошад, ки ҳеҷ гузорише арзиши онро надорад, ки эътибор ва шуҳрати худ ва расонаи худро ба хотири он ба хатар биандозед.

Рӯзноманигории таҳқиқӣ дар фазои маҷозӣ дар ҳоли ҳозир Интернет аст, ки ба манбаи иттилооти ҷадиди гузоришгарони таҳқиқӣ табдил шудааст. Интернет ҷойгузинҳои ғайричопӣ дар шеваи рӯзноманигорӣ ба вуҷуд овардааст. Фазои Интернет имкони интишори озод ва мустақили иттилоотро фароҳам овардааст ва мафоҳими аввалияи рӯзноманигориро таҳти таъсир қарор додааст. Ин ки дигар рӯзноманигор сирфан касе нест, ки дар истихдоми расонаи ҷамъӣ бошад, худ тағйири бузурге аст.

Раду бадал шудани почтаҳои электронӣ, файлҳои савтӣ ва тасвирӣ, ки аз тариқи Интернет анҷом мешавад, ба гузоришгарони имрӯзӣ ин иҷозаро медиҳанд, то иртибототи ҷаҳонии худро бо муассиса ва мардум ҳифз кунанд ва ҳатто дар ҷаласоти ҳайати таҳририя,

ҷое ки гузоришҳо мавриди баҳс ва баррасӣ қарор мегиранд, ба сурати мустақим ширкат кунанд.

Матн, садо ва тасвир дар файлҳои диҷитол ғунҷонида мешаванд ва ба осонӣ аз тариқи телефон, иртиботи моҳворавӣ, пахши радиоӣ ва Интернет ба маркази расона ё ҳар ҷойи дигар мунтақил мешаванд. Лоптопҳо, таблоҳо, мобайлҳо ва телефонҳои моҳворавӣ ҷойгузини имконоти пахши зинда шудаанд.

Девид Шарп масъули идораи сайти пойгоҳи хабарии Франс Пресс мегӯяд: «Интернет бар наҳваи нигориши хабари рӯзноманигорон таъсир гузоштааст. Ҳарчанд, ки рӯзноманигорон дар интихоби фановарии ҷадид иртиботи суръати амал нишон доданд, аммо дар канор гузоштани шеваҳои навиштории қадимӣ кундтар амал карданд. Чаро ки сабки ҷадиди навишторӣ дар мувоҷеҳаи зарфиятҳои расонаҳои онлайн шакл гирифтааст».

Аз тарафе, мутолиаи умумии гузоришҳои хабарӣ гароиш ба самти ихтисор ва эҷоз дорад. Чаро ки миёнгини суръати мутолиаи як матн дар сафҳаи веб 25 дарсад кундтар аз хондани ҳамон матлаб дар сафҳаи чопӣ аст. Аз тарафе мардум алоқае ба боло ва поин бурдани сафҳаҳои веб барои хондани матлаб надоранд, бинобар ин, ихтисорнависи хабарӣ зарурат меёбад. Ба ҳамин далоил гуфта мешавад, ки Интернет шеваи нигориши нависандагонро тағйир додааст.

Дар як ҷамъбандии куллӣ метавон гуфт, ки рӯзноманигории таҳқиқӣ чи ба сурати онлайн, чи ба сурати суннатӣ, иртиботи мустақиме бо ҳуқуқи башар, озодии баён, озодии қалам, озодии ақида, огоҳсозӣ ва дифоъ аз ҳуқуқи шаҳрвандии мардум дар муқобили таҷовуз ва тааддии эҳтимолӣ дорад. Коршиносони амр, ин навъи рӯзноманигориро нуқтаи авҷи озодии матбуот медонанд ва озодии матбуот зербинои анвои озодиҳои дигар, аз ҷумла озодии баён ва қалам шумурда мешавад, ба ҳамин хотир онро мустақиман бо таъмини ҳуқуқи башар муртабит медонанд ва муътақиданд, ки ин мактаб ва ин жанр бояд тавсеа пайдо кунад.

А Д А Б И Ё Т

1. Хатибӣ, Ҳамид Ризо. Рӯзноманигорӣ. – Теҳрон: Дафтари мутолиот ва барномарезии расонаҳо, 1397.
2. Кейн Роберт. Мавриди пажӯҳишӣ дар таҳқиқоти иҷтимоӣ / Кейн Роберт; тарҷумаи Ноиби Ҳушанг. – Теҳрон: Най, 1397.
3. Гилҳом Б. Равишҳои пажӯҳиши мутолиаи мавридӣ / Б.Гилҳом; мутарҷим Абдӣ Сайрвон. – Теҳрон, 1393.
4. Дей, Э. Дэвис. Паймоиш дар таҳқиқоти иҷтимоӣ / Дей, Э. Дэвис; мутарҷим Ноиби Ҳушанг. – Теҳрон: Най, 1397.
5. Девисон, Катрин. Равишҳои корбурдии таҳқиқ / Девисон, Катрин; мутарҷим Амонӣ Ҷамшед. – Теҳрон, 1390.
6. Бозаргон Аббос. Муқаддимае бар равишҳои таҳқиқи кайфӣ ва омехтаӣ. – Теҳрон: Дидор, 1397.
7. Беҳҷат, Ҳамида. Равиши таҳқиқ. – Теҳрон, 1392.
8. Давос, Девид. Тарҳи таҳқиқ дар таҳқиқоти иҷтимоӣ / Давос, Девид; мутарҷим Ноиби Ҳушанг. – Теҳрон: Огоҳ, 1397.
9. Борич, А.Б. Ҳунари таҳқиқи илмӣ / А.Б. Борич; мутарҷим Муҳаммад Тақӣ Фаромарзӣ. – Теҳрон, 1386.
10. Ризо, Аҳмад. Равишҳо ва маҳоратҳои таҳқиқ. – Теҳрон: Фотимӣ, 1393.
11. Мишел Луи. Муқаддамоти равиши таҳқиқ / Луи Мишел; мутарҷим Мирзо Бегӣ, Муҳаммад Алӣ. – Теҳрон, 1390.

РӮЗНОМАНИГОРИИ ТАҲҚИҚӢ ЧИСТ?

Мақолаи мазкур ба баррасии мавзӯи рӯзноманигории таҳқиқӣ бахшида шудааст. Рӯзноманигорӣ аввалин пешнависи таърих аст. Рӯзноманигорӣ касбу кор нест, балки як зарурати иҷтимоӣ аст. Фарде, ки эҳсоси масъулияти иҷтимоӣ надошта бошад, наметавонад як рӯзноманигор бошад. Рӯзноманигор таҳқиқи на танҳо кори як муҳаққиқро анҷом медиҳад, балки нақши як достоннависро ҳам дорад.Таърихи рӯзноманигорӣ, таърихи интишор ва нуфузи огоҳиҳои фикрӣ аст. Башари мутамаддин беш аз панҷсад сол, саъй карда, бо истифода аз васоил ва ихтирооти илмии худ, монанди чоп, телефон, радио, телевизион, интернет, бо ҳамнавъи худ иртибот барқарор карда ва ба навъе аз дунёи атроф ва рӯйдодҳои рӯзи дунё бохабар шавад. Инсонҳо талош мекунанд, то бо кумаки васоили иртиботии рӯз ба пешрафтҳои фикрӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва ғайра даст ёбанд. Дар ин миён нақш ва аҳаммияти рӯзноманигорӣ ва иртибототи иҷтимоиро наметавон нодида гирифт.Рӯйкарди рӯзноманигории таҳқиқӣ (investigative journalism) дар ҷомеаи мо он қадар ғариб аст, ки ҳатто хеле аз донишҷӯён шинохти комиле аз он надошта ва шояд зарурати шинохти онро дарк накардаанд. Рӯзноманигории таҳқиқӣ яке аз душвортарин шохаҳои рӯзноманигорӣ аст, ки ниёз ба ҳуш, пуштикор ва ҷасорати зиёди рӯзноманигорро дорад. Аз дидгоҳи бисёре аз муҳаққиқон ва рӯзноманигорон, рӯзноманигории таҳқиқӣ нуқтаи авҷи кори ҳирфаи рӯзноманигорӣ аст. Ба ибораи дигар, рӯзноманигории таҳқиқӣ навъи рӯзноманигории умқӣ аст.

Калидвожаҳо: рӯзноманигорон, рӯзноманигории таҳқиқӣ, ҷасорати зиёди рӯзноманигор, васоили иртиботии рӯз, пешрафтҳои фикрӣ.

ЧТО ТАКОЕ РАССЛЕДОВАТЕЛЬСКАЯ ЖУРНАЛИСТИКА?

Данная статья посвящена рвассмотрению темы посвященной расследовательской журналистики. Журналистские расследования (англ. Investigative journalism) — это вид журналистики, который характеризует планомерное и долговременное исследование предмета публикации. Журналистским расследованием считается систематическое, углубленное, оригинальное исследование или репортаж, зачастую связанные с раскрытием секретов или тайн. Дополнительно некоторые журналисты отмечают, что этот вид деятельности нередко предполагает активное использование публичной информации и данных, касающихся вопросов социальной справедливости. Практически любой репортаж, по сути, является журналистским расследованием. Расследовательская журналистика – это более широкое понятие и включает набор специфических методик, граничащих с искусством, а на их освоение могут уйти годы.В странах с формирующейся демократией

определение расследовательской журналистики может быть довольно расплывчатым и любой репортаж может быть признан расследованием просто потому, что он носит критикующий характер или связан с утечкой информации. Истории, которые сосредоточены на преступлениях, коррупции, аналитических исследованиях или чьем-то откровенном мнении, могут быть аналогичным образом ошибочно признаны журналистским расследованием. Ключевая роль расследовательской журналистики заключается в распространении новых методов и техник, которые становятся частью повседневной журналистской работы.

Ключевые слова: журналисты, расследовательская журналистика, чрезмерная журналистская отвага, современные коммуникационные средства, умственный прогресс..

WHAT IS INVESTIGATIVE JOURNALISM?

This article focuses on the topic of investigative journalism. Investigative journalism is a type of journalism that characterizes a systematic and long-term study of the subject of publication. A journalistic investigation is a systematic, in-depth, original study or report, often associated with the disclosure of secrets or secrets. Additionally, some journalists note that this type of activity often involves the active use of public information and data related to issues of social justice. Almost any report is, in fact, a journalistic investigation. Investigative journalism is a broader concept and includes a set of specific techniques bordering on art, and it may take years to master them. In countries with emerging democracies, the definition of investigative journalism can be rather vague and any report can be recognized as an investigation simply because it carries critical or leaked information. Stories that focus on crime, corruption, analytical research, or someone else's open mind may likewise be mistakenly acknowledged by a journalistic investigation. The key role of investigative journalism is to disseminate new methods and techniques that become part of everyday journalistic work.

Keywords: journalists, investigative journalism, excessive journalistic courage, modern communication tools, mental progress ..

Сведения об авторе: ***Мориё Рахин*** – Университет Балх Исламской Республики Афганистан, преподаватель факультета журналистики. E-mail: **tayyar.jafar123@gmail.com.** Тел.: **93790-05-44-63**

Information about the author: ***Moriyo Rakhin*** **-** Balkh University of the Islamic Republic of Afghanistan, lecturer at the Faculty of Journalism. E-mail: **tayyar.jafar123@gmail.com.** Tel .: **93790-05-44-63**

УДК: 070 (575.3)

ЗАМИНАҲОИ СИСЁСӢ-ҲУҚУҚИИ ТАШАККУЛИ МАТБУОТИ ДАВРӢ

Абдуҷаббори Сафаралӣ
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ

Омӯзиш ва баррасии ҷанбаҳои таърихӣ, сиёсӣ ва иқтисодии рушди ҷомеаи тоҷик чунин нуктаю ҳолатҳоро ошкор мекунад:

Пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ ғайриинтизор ва ғайричашмдошт буд, ки баъди парокандашавии низоми сотсиализм ба вуқӯъ пайваст. Зимнан ин натиҷаи табиии муносибатҳои дуру дарози дохилию хориҷии ИҶШС дар таркиби як давлати иҷборан сохташудаи сермиллат буд. Пошхӯрии низоми сотсиалистӣ ин равандро тезонид ва ба майлу хоҳиши ба даст овардани мустақилияту соҳибихтиёрӣ ҷиҳати сохтани давлати миллии худ шиддат бахшида, мусоидат намуд.

Осонию сабукии пошхурӣ ва аз ҳам ҷудошавии давлатҳои таркиби собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ вобаста ба он мебошад, ки баъди солҳои мадиди пешбурди иқтисоди нақшавӣ ИҶШС бо саноати вазнини худ, ки барои мудофиаи ҳарбӣ пешбинӣ ва нигаронида шуда буд, як навъ бори зиёдатие гашта монд, ки аз он роҳбарият ва мардуми шӯравӣ дигар роҳи халосию наҷот надоштанд, дар натиҷа дар баробари ҷумҳуриҳои мустақили дигар дар нақшаю харитаи ҷаҳонӣ давлати наве бо номи Ҷумҳурии Тоҷикистон шурӯъ аз 9-сентябри соли 1991 пайдо шуд.

Чуноне ки муҳаққиқ Якубов, Дж. К. зикр мекунад, «Худи далели ҷаҳонишавӣ ва ВАО навъҳои гуногуни муносибатҳоро байни инсоният барои ягонагӣ дар миқёси ҷаҳонӣ водор мекунад» [13, с.2].

Тадқиқи соҳаи фаъолияти ҳуқуқии матбуоти Тоҷикистон ба он натиҷа оварда мерасонад, ки он аксаран дар асосу заминаи амсилаи аврупоӣ ташаккул ёфтааст, ки аз ҷониб вобаста ба зарурати роҳандозии қонунгузории дохилии худ мутобиқи талаботҳои аврупоӣ мебошад, ки дар он воридшавии ҷумҳурӣ ба ҷаҳони мутараққию мутамаддин ба нақша гирифта шуда буд ва аз ҷониби дигар, - талабот оид ба таъмини муассиру корагари амалкарди ВАО дар шароиту муҳити иқтисоди бозаргонӣ, ки гузариш ба он баъди хоҷагидории нақшавӣ зарурати воқеӣ шуда монда буд.

Мувофиқи маълумотҳои Википедия, … «аллакай, солҳои 60-уми асри гузашта дар ибтидо дар Фаронса маҷаллаҳои ба истилоҳ «худсохт» зуҳур карданд, ки аз онҳо одамони доираи алоҳида истифода мекарданд» [19].

Биноан, сарчашмаҳои қонунгузорӣ оид ба ВАО дар бисёре аз кишварҳо чунин шуда мондаанд:

- Паймони Аврупо оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон ва озодиҳои асосӣ, ки ҷанбаи қонуни конститутсионии кишварҳоро дошта метавонад ва ҳамчунин кафолату замонати ҳаракати

бемамониати иттилоот бидуни дахолат аз ҷониби мақомоти давлатӣ ва новобаста аз ҳудуду марзҳои давлатӣ мебошад;

- Конститутсияҳо (Сарқонунҳо), ки озодии сухан, ҳуқуқ ба иттилоотро кафолату замонат медиҳанд.

Ғайр аз меъёрҳои конститутсионӣ муносибатҳо дар муҳити рӯзноманигорӣ тавассути якчанд қонунҳои дигар низ ба танзим дароварда мешаванд:

- Қонунҳо «Дар бораи нусхаҳои ҳатмии нашрияҳои даврӣ ва ғайридаврӣ, ки ба ҳифзу нигоҳдошти мероси фарҳангии ҷумҳурию давлатҳо нигаронида шудаанд;

- Қонунҳо «Дар бораи таъмини дастрасии озод ба иттилоот», «Дар бораи ҳифзи маълумотҳои шахсӣ», «Дар бораи ҳифзи иттилооти махфӣ», ки муносибатҳои бо иттилоот алоқамандро ба танзим медароранд;

- Қонунҳо «Дар бораи ҳуқуқи муаллифӣ ва ҳуқуқҳои омехта», ки ҳадафи он ҳифзу ҳимояи муаллифон, аз ҷумла, рӯзноманигорон, аз истифодаи ғайриқонунии осори онҳо мебошад;

- Қонунҳо «Дар бораи реклама», ки дар онҳо реклама ҳамчун яке аз шаклҳои пахшу густариши иттилоот баррасӣ мегардад ва дар он чораю тадбирҳо оид ба ҳифзу ҳимояи истифодабарандагон аз иттилооти ғайриахлоқӣ ифода гаштаанд. Худи реклама яке аз шаклҳои пахшу густариши иттилооти оммавӣ ҳисоб мешавад. Амалияи ҳуқуқӣ ба ақидаи муҳаққиқ А.Г. Рихтер, ки дар аксари кишварҳо ҷорӣ аст, аз он шаҳодат медиҳад, ки реклама ҳамчун шакли озодии сухан эътироф гаштааст [9, с.199].

Вижагии ташаккули заминаи қонунгузории фаъолияти васоити ахбори омма он нукта аст, ки қонунҳо дар бораи матбуот моҳиятан дар низоми байнисоҳавии ҳуқуқ муҳимтарин мебошанд.

Дар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоот», «Дар бораи иттилоотонӣ», «Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма», «Дар бораи табъу нашр», «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ноширон, рӯзноманигорон ва муаллифон, ки метавонанд мақоми шахси ҳуқуқиро дошта бошанд, ба танзим дароварда шудаанд. Новобаста аз мақоми худ онҳо дорои якчанд ҳуқуқу уҳдадориҳо мебошанд.

Дар аксари қонунҳои ҳаммонанди давлатҳои мутараққӣ ва мутамаддин нуктаю ҳолатҳои марбут ба рӯзноманигорон, ноширон ва муаллифон ба тариқи умумӣ чунин нишон дода шудаанд:

Ҳуқуқи ноширон:

- Ҷустуҷӯ, дархост, дастрасӣ ба иттилоот, аз ҷумла, аз мақомоти ҳокимияти давлатӣ, муассисаҳои буҷавӣ, иттиҳодияҳое, ки фаъолияти худро аз ҳисоби андозу пардохтҳои гуногун ба роҳ мемонанд, ҳамчунин аз шахсони ҳуқуқии мувофиқи қонунгузорӣ эътирофшуда;

- Пахшу густариши иттилооти дастрасшуда тавассути матбуоти даврии ба ӯ мансуббуда.

Уҳдадориҳои ноширон:

- Масъулияти пурра доштан барои мазмуни нашрияҳои матбааи худ, ба истиснои ҳолатҳое, ки махсус дар қонун зикр шудаанд;

- Ҳифзи махфияти иттилоот ва ё сарчашмаи он. Амали ин нукта фақат ба иттилооти махсус дахл дорад, ки тавассути шахсони воқеӣ пешниҳод шудаанд.

Мутобиқи қонунҳои аврупоӣ оид ба матбуот шахсоне, ки нисбати онҳо иттилооте пахш шудааст, метавонанд аз ҳуқуқи радду инкор намудани иттилоот, ҳуқуқи ҷавоб гуфтан ва ҳуқуқ барои воқифияти иловагӣ истифода кунанд. Тибқи қонунгузориҳо ба онҳо мансуб мешаванд на фақат шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, балки мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ки ба ақидаи ҷамоаи рӯзноманигорон метавонанд ба сӯиистифода аз мақому ҳолати хидматӣ оварда расонад. Ҳамчун норасоии қонунҳо ҳамчунин он нукта баррасӣ мегардад, ки он имкон фароҳам меорад аз ҳуқуқи радду инкор намудан ва ҷавоб гуфтану вокуниш нишон додан ҳатто дар ҳолатҳое, ки иттилооти нашршуда ба ҳақиқат наздик аст, мабнӣ бар асоси далелҳои воқеӣ мебошад ва ба ҳеҷ кас зарару зиёне намерасонад. Аммо онҳо маҳрум будани редаксияро барои ҷавоб гуфтан ноадолатона меҳисобанд.

Ҳарчанд баъзе қонунҳои аврупоӣ ҳам нуктаҳои баҳснок доранд ва метавонанд такмил ёбанд, метавон таъйид кард, ки дар маҷмӯъ бо қабули чунин қонунҳо раванди ташаккули заминаи қонунгузорӣ, ки амалкарди васоити ахбори миллиро дар давлатҳои мустақил таъмин мекунад, то дараҷаи муайян ба охир расидааст.

Таҳлили раванди ташаккули низоми нави матбуоти даврии ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки он дар доираи мавҷудияти давлатҳои соҳибихтиёру мустақил ҳамчун кишварҳои ягонаю бутун оғоз ёфтааст ва дар раванди рушди худи давлатҳо рушд ёфтааст.

Равандҳои мубаддалгардӣ ва гузариш, ки масалан, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 1990-ум рӯй додаанд, дар маҷмӯъ тағйирпазир буданд, ки ҳаммонанди умуман фазои фаросотсиалистӣ сурат мегиранд:

- Аввалан, рушди бемайлони теъдоди нашрияҳои даврӣ ва ноустувории бозори ВАО-и чопии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун натиҷаи гузариш аз низоми иҷозавии кушодани мақомоти нашрӣ ба изҳоротӣ сурат гирифтааст;

- Дувум, интиқоли рӯзномаю маҷаллаҳои давлатӣ ва ҳизбӣ дар раванди хусусигардонӣ ба ашхоси алоҳида тавассути саҳмгузориҳои дастаҳои меҳнатии онҳо;

- Сеюм, шукуфоии матбуоти ҳизбӣ, ки вобаста ба таҳаввулоти сиёсии кишвар буданд (сохтани низоми бисёрҳизбӣ, ки баъди аз саҳнаи сиёсӣ дуртар шудани ҳизби коммунистӣ рӯй дод), мебошад;

- Чорум, сиёсигардонии ВАО, ки бо зарурати ҳалли масъалаҳое он замон вобаста буданд, ки бо таъйиноти ҳувияту асолати миллӣ, ҳамчунин интихоби роҳи иқтисодӣ ва сиёсии рушди Тоҷикистон алоқаманданд;

- Панҷум, зуҳури нашрияҳои даврӣ, ки қаблан ҳеҷ вақт дар Тоҷикистон мавҷуд набуданд, масалан, рӯзномаю маҷаллаҳои хоссаи занона ва рекламавӣ;

- Шашум, эҳёи матбуоти даврии динӣ, ки то соли 2015 амал мекард;

- Ҳафтум, мубаддалгардии матбуоти даврии анъанавии минтақавӣ, ки замони салтанати Шӯравӣ мавҷуд буд, мутобиқи шароитҳои нави иқтисодӣ ва талаботҳои бозор, ҳамчунин коҳиши якбораи теъдоди рӯзномаҳои муассисавӣ ва корхонавӣ.

Солҳои 1991-2000 тағйиротҳое, ки дар ВАО рӯй доданд, аксаран бо ташаккули Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати демократӣ бо иқтисоди бозаргонӣ алоқаманд буданд, ки дар он матбуот тадриҷан яке аз навъҳои фаъолияти соҳибкорӣ гашта мемонад.

Барои ин давра на фақат рушди теъдоди нашрияҳои даврӣ, балки чунин ҳолатҳо низ хос мебошанд:

- Аввалан, маҳдудгардонии ВАО-и ҳизбӣ аз бозори ВАО ва зуҳури рӯзномаҳои умумимиллӣ ба ҷойи онҳо, манфиатҳои хонандагонро ҳимоя мекунанд ва ақидаҳои гуногун доранд;

- Дувум, аз бозор берун шудани якчанд рӯзномаҳои тоҷикии умумимиллӣ, ки замони сотсиализм амал мекарданд ва ё тағйирёбии даврашӣ будани онҳо;

- Савум, босуботу устувор гаштани бозори матбуоти динӣ (нашрияи «Наҷот» - ҳизби ҳоло мамнӯи наҳзати исломӣ то соли 2015);

- Чорум, эҷоди шабакаи нави матбуоти минтақавӣ ва тамаркузи он дар дасти як ношир, ки якчанд рӯзномаҳои мазмунан фарқкунандаро чоп мекунад, ки дар он соҳаи густариши рӯзнома ва ба расмиятдарории графикии ягона ишора карда мешавад;

- Панҷум, тамоюле, ки рушди худро минбаъд дар тамаркузи нашрияҳои даврӣ дар дасти якчанд ноширон ва нашриётҳои калон меёбад.

Бояд ҳамчунин таъкид кард, ки дар эҷоди низоми муосири ВАО-нашрии тоҷик нақши калонро сармояи хориҷӣ ҳам дар шакли грантҳо гузоштааст, ки солҳои 1990-уми асри XX кишварҳои собиқи пасошӯравиро ҳамчун як қисмати таркибии ҷаҳонӣ эътироф карданд ва дар навбати худ, биноан, ҳоло ҳамчун як қисмати азхуднашудаи бозори умумиҷаҳонӣ ҳисоб мекунанд.

Воридшавии сармояи хориҷӣ ба бозори ВАО-и нашрӣ, аллакай, солҳои 1990-ум оғоз шуда буд ва ба давраи акнун соҳибистиқлол гаштани Тоҷикистон рост омада буд.

Мусаллам аст, ки дар шароити дараҷаи рушдкунандаи ҷаҳонишавӣ раванди тамаркузи якчанд нашриётҳои калон низ сурат мегирад.

Вобаста ба матбуоти маҷаллавии даврӣ низ ҳамчун ҳолати рӯзномавӣ, тамоюли маҳдудшавии маҷаллаҳои пешина мушоҳида мегардад. Нашрияҳои ҷамъиятӣ-сиёсӣ ва иқтисодӣ, аз ҷумла, онҳое, ки ба тавсифу тасвири баъзе ҷанбаҳои фаъолияти соҳибкорӣ бахшида шудаанд. Қариб аз бозори матбуоти давраии ВАО-и нашрӣ амалан маҷаллаҳои сатирикӣ нест шуда монданд, аммо афзоиши теъдоди рӯзномаю маҷаллаҳое, ки нашрияҳои фароғатӣ ҳисоб мешаванд, (кроссвордҳо, муаммоҳо ва ғайра) мушоҳида мегардад. Сол то сол шумораи маҷаллаҳое афзоиш меёбад, ки бештар барои рекламадиҳандагон ҷолибтаранд (автомобилӣ, телевизионӣ, занона, нашрияҳое, ки ба тандурустӣ, сохтмон, андозу пардохтҳо ва боғу хироҷҳо, соҳаҳои маишӣ мансубанд).

Ҳамин тариқ, заминаҳои сиёсӣ-ҳуқуқии ташаккули матбуоти тоҷик гуногун буда, ниёз ба тадқиқи мукаммалу ҷиддии минбаъда дорад.

А Д А Б И Ё Т

1. Бочаров, А.Г. Основные принципы типологии современных журналов / А.Г. Бочаров. // Вестн. Моск. ун-та. Сер. 10. Журналистика. - 1973. - № 3. - С. 25-38.
2. Вартанова, Е. Медиаэкономика зарубежных стран: [учебное пособие для студентов вузов, обучающихся по направлению 520600 и специальности 021400 «Журналистика»] / Е. Вартанова. - Москва: Аспект- Пресс, 2003. - 336 с.
3. Вороненкова, Г.Ф. Путь длиною в пять столетий: от рукописного листка до информационного общества / Г.Ф. Вороненкова. - Москва: Изд- во «Языки русской культуры», 1999. - 640 с.
4. Гринин, Л.Е. О стадиях эволюции государства / Л.Е. Гринин // История и современность: научно-теоретический журнал РАН. – Москва.

5. Гулмуродзода, П. Публицистика и время. – Д., 2002.
6. Западов, А. В. Тип издания как научная проблема и практическое понятие / А. В.Западов, Е.В. Соколова. // Вестн. Моск. ун-та. Сер. 11. Журналистика. - 1976. - № 2. - С. 49-59; Корконосенко С.Г. Основы журналистики: учебник для вузов / С.Г. Корконосенко. - Москва: Аспект Пресс, 2001. - 287 с.
7. Ибрагимов, А.Х.-Г. Типологическая и политико-экономическая трансформация СМИ стран Центральной и Восточной Европы / А.Х.-Г. Ибрагимов // Зарубежная журналистика: 2009. - Москва, 2010. - С. 92-108.
8. История мировой журналистики / А.Г. Беспалова [и др.]. - Ростов-на-Дону: Издательский центр «МарТ», 2004. - 432 с.
9. Корконосенко, С.Г. Основы журналистики: учебник для вузов / С.Г. Корконосенко. - Москва: Аспект Пресс, 2001. - 287 с.
10. Муллоев Ш.Б. Программа курса «История таджикской журналистики» / Ш.Б. Муллоев. - Д., 2004.
11. Муродов, М. Печать и демократизация общества / М. Муродов // Шоҳроҳи ваҳдат, №1. 2002.
12. Рихтер, А.Г. Правовые основы журналистики / А.Г. Рихтер. - М.: Изд-во МГУ, 2002. – 242 с.
13. Типология периодической печати: [учебное пособие для студентов высших учебных заведений, обучающихся по специальности 030601 «Журналистика»] / ред. М.В. Шкондин, Л. Л. Реснянская. - Москва: Аспект Пресс, 2007. - 236 с.; Акопов А.И. Методика типологического исследования периодических изданий / А.И. Акопов. - Иркутск: Изд-во Иркутского ун-та, 1985. - 96 с.
14. Система средств массовой информации России: [учебное пособие для студентов вузов, обучающихся по специальности «Журналистика»] / ред. Я. Н. Засурский. - Москва: Аспект Пресс, 2001. - 259 с.
15. Усмонов, И. Печать и международная пропаганда / И.Усмонов. - Д., 1990.
16. Усмонов, И. Журналистика.Ч.1. / И.Усмонов. – Д., 2005.
17. Усмонов, И. Журналистика. Ч.2. / И.Усмонов. – Д.,2005.
18. Якубов, Дж. К. Глобализация и проблемы информационной безопасности / Дж.К. Якубов // http://tsulbp - journal. narod. ru/jurnal/matn2/yakubovchk. htm l
19. http://ru.wikipedia.org/wiki/%D0%93%D

ЗАМИНАҲОИ СИЁСӢ-ҲУҚУҚИИ ТАШАККУЛИ МАТБУОТИ ДАВРӢ

Дар мақола масъалаҳои вобаста ба заминаҳои сиёсӣ-ҳуқуқии ташаккули матбуоти даврӣ фаро гирифта шудаанд. Ба андешаи муаллиф, омӯзиш ва баррасии ҷанбаҳои таърихӣ, сиёсӣ ва иқтисодии рушди ҷомеаи тоҷик чунин нуктаю ҳолатҳоро ошкор мекунад: пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ ғайриинтизор ва ғайричашмдошт буд, ки баъди парокандашавии низоми сотсиализм ба вуқӯъ пайваст. Зимнан ин натиҷаи табиии муносибатҳои дуру дарози дохилию хориҷии ИҶШС дар таркиби як давлати иҷборан сохта шудаи сермиллат буд. Пошхӯрии низоми сотсиалистӣ ин равандро тезонид ва ба майлу хоҳиши ба даст овардани мустақилияту соҳибихтиёрӣ ҷиҳати сохтани давлати миллии худ шиддат бахшида, мусоидат намуд. Чуноне ки муаллиф меафзояд, барои ин давра на фақат рушди теъдоди нашрияҳои даврӣ, балки чунин ҳолатҳо низ хос мебошанд: а) маҳдудгардонии ВАО-и ҳизбӣ аз бозори ВАО ва зуҳури рӯзномаҳои умумимиллӣ ба ҷойи онҳо, манфиатҳои хонандагонро ҳимоя мекунанд ва ақидаҳои гуногун доранд; б), аз бозор берун шудани якчанд рӯзномаҳои тоҷикии умумимиллӣ, ки замони сотсиализм амал мекарданд ва ё тағйирёбии давравӣ будани онҳо; в) босуботу устувор гаштани бозори матбуоти динӣ (нашрияи «Наҷот» - ҳизби ҳоло мамнӯи наҳзати исломӣ то соли 2015); г) эҷоди шабакаи нави матбуоти минтақавӣ ва тамаркузи он дар дасти як ношир, ки якчанд рӯзномаҳои мазмунан фарқкунандаро чоп мекунад, ки дар он соҳаи густариши рӯзнома ва ба расмиятдарории графикии ягона ишора карда мешавад; д) тамоюле, ки рушди худро минбаъд дар тамаркузи нашрияҳои даврӣ дар дасти якчанд ноширон ва нашриётҳои калон меёбад. Мулоҳизаҳои худро ҷамъбаст намуда, муаллиф таъйид мекунад, ки заминаҳои сиёсӣ-ҳуқуқии ташаккули матбуоти тоҷик гуногун буда, ниёз ба тадқиқи мукаммалу ҷиддии минбаъда дорад.

Калидвожаҳо: заминаҳо, сиёсат, ҳуқуқ, рӯзноманигорӣ, матбуоти даврӣ, маҷалла, рӯзнома, ташаккул, нашрия, нашриёт, реклама, сотсиализм, мустақилият, соҳибихтиёрӣ.

ПОЛИТИКО-ПРАВОВЫЕ ПРЕДПОСЫЛКИ ФОРМИРОВАНИЯ ПЕРИОДИЧЕСКОЙ ПЕЧАТИ

В статье охвачены вопросы политико-правовых предпосылок формирования периодической печати. По мнению автора, исследование исторических, политических и экономических аспектов развития таджикского общества позволяет выявить следующие особенности и положения: коллапс Советского Союза случился внезапно за падением социалистической системы, причем это явилось естественным следствием долгих внутренних и внешних отношений СССР как единого многонационального государства, построенного принудительным образом. Падение социалистической системы ускорило этот процесс и содействовало желанию и попыткам приобретения самостоятельности и суверенитета с целью построения собственного национального государства. Как отмечает автор, для данного периода характерно не только увеличение количества периодических изданий, но также характерны следующие положения: а) ограничение партийных СМИ от рынка и появление общенациональных газет защищавших интересы читателей и имеющих различные позиции; б) выход из рынка печати нескольких таджикских общенациональных газет, функционирующие в период социализма или же периодической их изменчивости; в) становление стабильного рынка религиозной периодики (издание «Наджот» - ныне запрещенной партии исламского возрождения (2015); г) создание новой сети региональной периодики и ее концентрация в руках одного издателя, выпускающего несколько газет с различным содержанием, в которых отмечается сфера распространения газеты и графического оформления; д) тенденция, находившая в будущем свое развитие в концентрации периодических изданий в руках нескольких изданий и издателей. Подводя итог своим рассуждениям, автор констатирует, что политические и правовые предпосылки формирования таджикской прессы имеют множество аспектов и в будущем нуждаются в более полноценном и серьезном исследовании.

Ключевые слова: предпосылки, политика, право, журналистика, периодическая печать, журнал, газета, издание, издательство, реклама, социализм, самостоятельность, независимость.

POLITICAL AND LEGAL PREREQUISITES FOR THE FORMATION OF PERIODICALS

The article covers the issues of political and legal prerequisites for the formation of the periodical press. According to the author, a study of the historical, political and economic aspects of the development of Tajik society reveals the following features and provisions: The collapse of the Soviet Union happened suddenly after the fall of the socialist system, and this was a natural consequence of the long internal and external relations of the USSR as a single multi-ethnic state built forcibly . The fall of the socialist system accelerated this process and contributed to the desire and attempts to acquire independence and sovereignty in order to build its own national state. As the author notes, this period is characterized not

only by an increase in the number of periodicals, but also characterized by the following provisions: A) restricting party media from the market and the emergence of national newspapers along with them, defending the interests of readers and have different positions; B) exit from the print market of several Tajik national newspapers that function during the period of socialism or their periodic variability; C) the establishment of a stable market for religious periodicals (the publication of "Najot" - the now banned Islamic Revival Party (2015); D) the creation of a new network of regional periodicals and its concentration in the hands of a single publisher, publishing several newspapers with various contents, in which the sphere of distribution of the newspaper and graphic design is noted; D) a trend that has found its future development in the concentration of periodicals in the hands of several publications and publishers. Summing up his reasoning, the author states that the political and legal prerequisites for the formation of the Tajik press have many aspects and in the future need more comprehensive and serious research.

Key words: prerequisites, politics, law, journalism, periodicals, journal, newspaper, publication, publishing, advertising, socialism, independence, independence.

Сведения об авторе: ***Абдуджаббори Сафарали*** – Кулябский государственный университет им. А.Рудаки, ассистент кафедры начального обучения им. А.Рудаки. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, г.Куляб, ул.С.Сафарова-16. E-mail: **alimi-62@mail.ru.** Тел.: **(+992) 918-13-01-54**

Information about the author: ***Abdujabbori Safarali*** - Kulob State University named after A.Rudaki, assistant to department of elementary education. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulob, S.Safarov St.-16. E-mail: **alimi-62@mail.ru.** Tel.: **(+992) 918-13-01-54**

УДК: 070 (512.19)

ОСОБЕННОСТИ ПОДАЧИ МАТЕРИАЛОВ ХУДОЖЕСТВЕННО-ПУБЛИЦИСТИЧЕСКОЙ НАПРАВЛЕННОСТИ В ГАЗЕТЕ «ASIA-PLUS»

Салихов Н.Н., Рахимов А.А.
Российско-Таджикский (Славянский) университет

Для рыночной прессы (чье выживание зависит от прибыли с продажи газет) читатели – самые нужные люди. Это боги, к которым газета должна взывать и без которых она зачахнет. Именно ради них отбирают темы и статьи, на них ориентируются при подаче материала, для них пишут и разрабатывают дизайн и подают товар лицом. В газетах с устоявшимся, развитым читательским рынком это делается по-разному. Работающие в них журналисты в течение многих лет вырабатывают на основании отзывов, писем читателей, телефонных звонков, жалоб и тому подобного полумифическое «знание» того, чего хотят их читатели [13, с.37].

По своей аудиторной направленности большая часть периодических изданий сегодня считается универсальной, то есть ориентированной на все слои общества, начиная от интеллигенции, рабочих, пенсионеров, молодежи и заканчивая новой аудиторной группой – деловой и политической элитой, предпринимателями.

Сообразно с этим произошла и корректировка информационных интересов, появились новые проблемы, еще вчера не столь волнующие таджикистанские СМИ. Например, проблемы в экономической сфере в свете рыночных преобразований, стоимости и качества жизни, правонарушений, представленных широким спектром: от финансовых до уголовных; вопросы семьи и воспитания подрастающего поколения, устройства быта как самоценности человека и многие другие

Появление новых социальных групп в структуре общества, в свою очередь, заставило прессу адекватно отреагировать на их запросы и потребности.

В этой связи, в расширении рынка огромную роль сыграли частные издания, к каким относится и общественно-политическая газета «ASIA-Plus», выпускаемая независимой медиа-группой Таджикистана с одноименным названием с января 2000 года. В медиагруппу, помимо газеты, также входит информационное агентство, интернет-версия издания, радио и продакшн-студия.

«До 2011 года, – говорит в то время исполнительный директор информационного агентства «ASIA-Plus»ЗебоТаджибаева, – редакции работали разрозненно – газетная занималась газетой, выходившей по четвергам, а редакция агентства – новостями. Новости мы размещали на сайт сразу, а газетный материал либо на следующий день, либо через несколько дней. В последние несколько лет стала возникать проблема дублирования кадров – журналист агентства готовит краткую новость, затем к тому же источнику обращается корреспондент газеты. Естественно, что многие не могли понять, почему из одной редакции звонят совершенно разные люди и задают вопросы по одной и той же теме.

К тому же, мы пришли к выводу, что фактически за одну и ту же работу нам приходится платить двум совершенно разным журналистам, то есть, расход людских и финансовых ресурсов оказался нерациональным. Ну и, разумеется, главное – стало понятно, что все СМИ сейчас выходят в интернет, и нам нужно к этому процессу подключиться. Тогда и были

приняты решения объединить редакцию агентства с редакцией газеты и выкладывать материалы газеты сразу в интернет. Оставались опасения, что мы можем потерять какое-то количество тиража, но по истечении определенного промежутка времени стало ясно, что тираж не страдает – люди, которые привыкли покупать печатную версию газеты, по-прежнему и покупают ее. У сайта и газеты совершенно разные аудитории» [9].

Для лучшего понимания аудитории средств массовой информации Таджикистана, а также того, как и с какой целью граждане страны используют доступные источники информации, в 2014 году исследовательско-консалтинговая компания M-Vector в партнерстве с международной организацией Central Asia Barometer провела национальный опрос общественного мнения в Таджикистане[1], который показал, что аудитория интернета в республике составляет 29% (взрослое население страны – 18 лет и старше).Жители Таджикистана активно используют интернет для общения (социальные сети – 62% аудитории), образования и обучения (16%), электронной почты (9%), обзора новостей и спортивной информации (12%), просмотра фильмов и видео (4%).

В ходе опроса также выяснилось, что больше половины населения (основную массу которого в стране составляет молодежь) не читает газеты. Из оставшихся – 40% жителей читают местные газеты и журналы, 2% предпочитают зарубежные издания, в основном российские.

Самой ходовой газетой в республике оказалась «Оила»: ее читали 13% населения страны, главным образом в сельской местности. Вторую строчку в рейтинге заняла «ASIA-Plus», имеющая так же, как уже отмечалось, интернет-версию с самой большой городской аудиторией.

В этой связи популярность и востребованность информационных жанров в таджикистанских массмедиа понятна и вполне обоснована –они способны удовлетворить любые вкусы и читательские потребности, имеют быстрое распространение благодаря интернету и не преследуют особой цели побудить к раздумьям и анализу.

Второй группой по востребованности стали аналитические жанры – необходимость разобраться в происходящем, адекватно принять и понять ситуацию все же необходима современным людям прогрессивного XXI века, для того чтобы быть, что называется, не просто в теме, но и быть готовым дискутировать и оппонировать.

Третью строчку заняли художественно-публицистические жанры.

К сожалению, сегодняшняя действительность такова, что эрудированность и тонкое восприятие бытия, способность видеть красоту там, где любой пройдет мимо, а также умение «глаголом жечь сердца людей», успешно помогавшее нашим предкам полтора столетия назад, оказалось не у дел в наши дни.

Информационный бум начала 2000-х годов не обошел стороной и таджикистанские СМИ, в том числе и газету «ASIA-Plus».Созданная сначала как информационный бюллетень по подписке, она продолжила эту традицию и дальше. «Кормить» читателя информацией в разных жанрах оказалось выгоднее всего и не столь затратное.

Однако, повторимся, каждый бум потихоньку спадает. На этом фоне начинают появляться пресыщенные газетными сообщениями, а, следовательно, уже неудовлетворенные читатели. И тот факт, что молодежь в Таджикистане не склонна проявлять интерес к чтению, ни о чем не свидетельствует – глобализация пространства приведет в итоге к тому, что остальное население земного шара, более прогрессивное, волей-неволей заставит образовываться, в противном случае молодой человек или девушка будут обречены оставаться в рамках исключительно своего интеллектуального развития.

Этот момент не мог пройти мимо редакции «ASIA-Plus» – в последние пару лет на страницах газеты уже можно видеть большее количество материалов художественно-публицистической направленности, в основном очерковых – проблемных, путевых, портретных, исторических. Причем в первую очередь материал выходит в бумажном варианте газете, а потом уже размещается на сайте издания.

В качестве примера приведем исторический очерк-воспоминание «Едкий запах пороха Пшихарва», написанный воином-интернационалистом, бывшим офицером погранвойск Таджикистана Хикматулло Мирзоевым и опубликованный сначала в газете, а через неделю на сайте «ASIA-Plus»[10, с.14-15].

Очерк открывает краткий аннотационный лид от самой редакции, призванный ввести читателя в курс дела: «7 апреля 1995 года в ущелье Пшихарв ГБАО попала в засаду колонна пограничников из Казахстана, России и Таджикистана. 26 бойцов погибло в том бою, десятки были ранены».

Сам текст очерка большой, поэтому для лучшего восприятия он разбит на логические блоки, в каждом из которых рассказывается своя история и делаются свои акценты: «…Хотя в Бадахшане стояли погранвойска РФ и миротворческий батальон Казахстана, контролировать

всю линию границы в этом регионе они не могли. Группировки оппозиции, оказывая на них давление, при необходимости переходили в Афганистан и обратно.

Тогда в приграничных районах Бадахшана действовали свои «законы» – каждый занимался своим делом, не задевая интересы другой стороны. Иногда, когда пограничники нарушали «паритет» и пресекали вылазки, тут же следовал «ответ». Так, в январе 1995 года силы оппозиции в местечке Моймай Дарвазского района напали на колонну автомашин российских пограничников, сожгли два бронетранспортера и убили десятки солдат, некоторых взяли в плен. …Именно в этот сложный период для усиления охраны госграницы и установления контроля над дорогой Душанбе – Хорог в Дарвазский район были посланы 1-я бригада погранвойск и внутренние войска МВД в Кулябе. …По приказу руководства меня направили в Дарваз вместе с лейтенантом Давроном Мирзоевым и капитаном Нуриддином Шукрихудоевым…» (смысловой блок «Тревожный Бадахшан»); «…Получив сигнал, мы уже на следующее утро занялись укреплением позиций, установили посты на возвышенностях вокруг села, усилили бдительность. В полдень со стороны Дарваза к нашей заставе подъехала военная колонна, в основном состоящая из автомашин ГАЗ-66. Это были военные-миротворцы казахстанского батальона и погрангруппы России.

Руководил колонной подполковник Геннадий Тихонов. …Наконец со стороны Ванджа подъехала группа сопровождения на двух бэтээрах. Это были российские пограничники. После этого колонна двинулась в ущелье. Впереди шел первый БТР. За ним следовал УАЗ-469, в котором находились главврач Дарвазского района Мирзоавлиё Сиёев и еще несколько работников управления здравоохранения области. Колонну замыкал второй БТР» (смысловой блок «Курговад»); «…Когда наши пограничники вышли на дорогу, мы заметили БТР, с пробитыми колесами он с трудом ехал в обратном направлении. Подъехав к нам, машина остановилась, и оттуда вышел молодой лейтенант. Он был растерян, сильно волновался.

– Помогите, там колонна попала в засаду. Несколько машин подбито, многие наши ребята убиты и ранены. Мы ехали в хвосте колонны, но и нам досталось. С трудом выехали назад, – сбивчиво рассказал он.…Когда обстрел прекратился, мы спустились вниз и направились к месту обстрела колонны. Картина была страшной. Машины, изрешеченные пулями и осколками от взрывов снарядов, горели и дымились. То там, то тут лежали убитые и раненые...» (смысловой блок «Бойня в ущелье»).

В названии третьего смыслового блока «Нападение было таким ожесточенным, что никто вначале и не помышлял об ответном огне» сосредоточен, пожалуй, весь посыл очерка, в нем можно прочитать и растерянность, и боль за погибших товарищей, и понять цену мирной жизни.

Последний блок «Жизнь, отданная во имя мира» подытоживает весь очерк-воспоминание, собирает в себе ключевые моменты в нескольких абзацах и предложениях: «После этого трагического происшествия на склоне ущелья Пшихарв была открыта погранзастава, где службу несли таджикские военнослужащие и российские минометчики. Также на самой трассе были установлены несколько постов. Это положило конец многочисленным вылазкам боевиков со стороны Афганистана на нашу территорию в данном направлении. В Дарвазе до сих помнят бойцов, погибших в ущелье Пшихарв. Они были разной национальности, представители разных стран, но сложили свои жизни ради мира на таджикской земле».

У портретного очерка «У бизнеса – женское лицо», посвященного жительнице Вахшского района Инобат Ражабовой, также есть лид-зачин «Как жительница Вахшского района начала с 60 дирамов, а закончила своим кондитерским цехом», призванный заинтриговать читателя и сподвигнуть его на дальнейшее чтение. Имеется и лид-введение в материал, в котором рассказывается краткая предыстория героини о начале ее пути к успеху и материальному благополучию: «Инобат Раджабова в 90-е осталась без мужа, с четырьмя детьми на руках, без крыши над головой и без работы; единственное богатство, которое у нее было – это два килограмма муки, килограмм сахара, яйца и немного маргарина. С этого она и начала: теперь у Инобат свой кондитерский цех, дети устроены, и она один из самых популярных bakery-коучей в Таджикистане».

Как и предыдущий, данный очерк разбит подзаголовками на смысловые центры, рассказывающие об основных шагах к успеху [12, с.9].

Похожую структуру имеет и очерк «Как закалялась школа. Кто стоял у истоков таджикского образования?» [4, с.17].

Однако, в отличие от предыдущих, данный очерковый материал безадресный, его изложение сухое, практически полностью автобиографическое. Исключение составляет лишь последний абзац, немного разбавляющий общую тональность: «Чествование по просьбе юбиляра не состоится», – сказано в объявлении за 1988 год, в котором сообщается, что профессору Шукурову 19 апреля исполняется 80 лет и в том же году исполняется 60 лет его общественной и научной деятельности…».

На наш взгляд, писать о людях, чьи юбилеи со дня рождения (а профессору Шукурову исполнилось 110 лет) отмечают в республике, можно было бы более тепло, включив в текст интересные воспоминания и истории (о которых, кстати говоря, заявлено в лиде – «он был большим специалистом, но очень скромным и отзывчивым человеком»). Ведь очерки, написанные с душой, оставляют больший след в памяти, их хочется перечитывать, им хочется внимать, на них хочется учиться.

А биографии – хорошие или плохие, насыщенные или не очень – есть у каждого человека, ими никого не удивишь. Очерк по содержанию больше напоминает отписку, нежели желание редакции обратить внимание, вспомнить жизнь и деятельность отдельно взятого человека, а отсутствие имени автора вообще сказывается не лучшим образом на впечатлении.

